ХУДОЙ ШАРИФЗОДА
МИСБОҲИДДИНИ НАРЗИҚУЛ

# ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

**ХУДОЙ ШАРИФЗОДА**
**МИСБОҲИДДИНИ НАРЗИҚУЛ**

# ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

***(аз аҳди қадим то оғози асри XIII)***

**китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст.**

Душанбе
ТоРус
2017

УДК 891.550 (091)891.550 (091) (075.8)
ББК 73 83.3 (0) 9 (тоҷик)
Ш–30

Худой Шарифзода, Мисбоҳиддини Нарзиқул. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: ҶДММ “ТоРус”, 2017. – 416 саҳ.

Бо ҳидояти ректори ДМТ, академик М.С. Имомзода

Муҳаррир: доктори илмҳои филологӣ, профессор Б. Максудов

Ин асар ба сифати китоби таълимии таърихи адабиёти тоҷик аз аҳди қадим то огози асри XIII пешниҳод шудааст. Мундариҷаи он баҳси осори мактуб ва адабии замони қадим то охири аҳди Сосониён, ҷараёни пайдоиши анвои адабӣ ва шинохти илмии имрӯзаи онҳо тибқи маводи то давраи ислом, мавзӯъҳои марбут ба зуҳур, такомул ва таҳаввули адабиёт ба забони порсии дариро, ки фарогири масъалаҳои авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, адабӣ, ривоҷи адабиёт дар давраҳои гуногуни таърихӣ, ҳавза ва доираҳои адабӣ, намояндагони бузурги илму дониши замон, намояндагони бузурги адабиёт дар давраҳои таърихӣ, ҷараёни тасаввуф ва таъсири он ба адабиёт, намояндагони адабиёти тасаввуфӣ ва вазъи таърихии наср мебошад, дар бар мегирад.

Китоб барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ, омӯзишгоҳҳо, омӯзгорони фанни адабиёт ва сойири алоқамандон пешниҳод мешавад.

ISBN 978-99975-802-6-9

КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С.АЙНӢ
АМБОЛ № 118221

© Х. Шарифзода, М. Нарзиқул, 2017

# МУҚАДДИМА

Таърихи адабиёт воситаи муҳимми худогоҳии фарҳангии шахс, шинохтани таърих, ҳувияти мардумӣ, қавмият ва миллии худ аст. Аз қадим мардум кӯшиш мекарданд, то адабиёти гузаштаи худро бидонанд, вазифа ва зарураташро барои имрӯзу фардои фарҳанги худ бифаҳманд. Дар асарҳои таърихӣ ва таълифоти гуногуни адабӣ аз рӯзгори гузашта ёд мекарданд ва барояш ҷойгоҳи муносиб таъйин менамуданд. Бо гузашти замон осори гуногуни адабӣ ба забони қавме, кишваре, давлате афзуд ва шинохти он аз мавқеи қонунҳои забонӣ, сохторӣ, бадеӣ (ҳунарӣ) ва дигар унсурҳои шаклӣ, ки поэтика ва назарияи адабиёт ном гирифтаанд, ба вуҷуд омад.

Тарафи дуюм ва муҳимми таърихи адабиёт омӯхтани замони пайдоиши адабиёти таълифӣ, марҳалаҳои инкишоф, паҳнои густариш, шахсиятҳои адабӣ мебошад, ки фаҳмиши он хосияти замонӣ дорад. Маъмулан, адабиёт ва таърихи онро тибқи назари илмӣ ва мафкураи замон мефаҳманд. Китобҳои таърихи адабиёт низ мутобиқ ба фаҳмиши таърихи ҷамъият ва мафкураи он ба вуҷуд омада ва шакли хоси худро гирифтаанд. Шакли аввалини китобҳои марбут ба таърихи адабиёт тазкира мебошад. Тазкираҳо аввал ба забони арабӣ таълиф шудаанд, зеро марҳалаи оғозини шеъру адабиёт, қабл аз ривоҷу нашъунамои адабиёт ба забони порсии дарӣ, ба забони арабӣ будааст. Тазкираи машҳури адабӣ, ки дар атрофи зиндагонӣ ва шеъри шоирони Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои X-XI гуфтугӯ мекунад, “Ятимат-уд-даҳр”-и Абӯмансури Саолибӣ (961-1034) мебошад.

Нахустин тазкираи порсии дарӣ “Маноқиб-уш-шуаро”-и Абӯтоҳири Хотунӣ (асри XI) мебошад, ки он то ба мо нарасидааст. Гузашта аз ин, аввалин тазкираи ба забони форсӣ то ба замони мо расида асари Нуриддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Авфии Бухороӣ (нимаи аввали асри XIII) “Лубоб-ул-албоб” (1220-1221) мебошад. Баъд аз ин тазкираҳои зиёде дар бораи шахсият ва шеъри шоирони тоҷик ба вуҷуд омадаанд. Охирин тазкираи дар Эрон навишташуда “Маҷмаъ-ул-фусаҳо” (санаи таълиф: 1857)-и Ризоқулихони Ҳидоят (1800-1871) мебошад. Китоби “Намунаи адабиёти тоҷик” (санаи таълиф: 1925)-и устод Садриддин Айнӣ (1870-1954) охирин таълиф дар ин навъи

китоб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, тазкираи ба навъи худ хос мебошад.

Тазкираҳои дар мавзӯи таърихи адабиёт аз огоз то замони нависанда таълиф ёфтаро тазкираҳои умумӣ мегӯянд. Намунаи комили ин навъи тазкира "Лубоб-ул-албоб"-и Муҳаммад Авфӣ аст. Навъи дигари китобҳои тазкира давраӣ ё хусусӣ ҳастанд. Ин навъи тазкираҳо дар мавзӯи адабиёти як давра, адабиёти ҳудуди давлатдории подшоҳе, ҳукумати сулола ё ягон равияи адабӣ ва ғайра навишта шудаанд. Масалан, "Нафаҳот-ул-унс"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492) дар мавзӯи ҳаёту фаъолияти бузургтарин намояндагони тасаввуфи исломӣ ва шуарои ориф навишта шудааст.

Теъдоди тазкираҳо дар таърихи адабиёти форсу тоҷик зиёд аст. Аҳмад Гулчини Маонӣ перомуни таърихи тазкиранигории форсӣ таҳқиқе анҷом дода, ки натиҷаи кори ӯ таҳти унвони "Таърихи тазкираҳои форсӣ" дар ду ҷилд ба чоп расидааст. Дар ин таҳқиқ китобҳои тазкирагунае ҳам муаррифӣ шудаанд, ки фасле ва ё бахше аз онҳо дар баёни аҳволи шоирон аст.

Дар давраи нав омӯзиши таърихи адабиёт дар кишварҳои Аврупо огоз ёфт. Мақсади ба вуҷуд овардани ин гуна китобҳо донистани вазъи таърихии адабиёт дар миёни мардуми кишварҳои Шарқ буд. Ҳадафи дигар ошно кардани мардумони кишварҳои Аврупо бо осори адабии шарқиён буд. Аз таълифоти аввалини аврупоиён дар мавриди таърихи адабиёти мардуми тоҷик китоби Ҳермон Эте (1884-1915) "Таърихи адабиёти форсӣ"-ро ном бурдан лозим аст. Таҳқиқи илмии таърихи адабиёти форсу тоҷик дар Аврупо бо ҳамин китоб ва "Таърихи адабиёти Эрон"-и Эдвард Браун (1862-1926) оғоз шудааст. Китобҳои донишманди инглис Эдвард Браун дар чанд бахш ба гузориши таърихи адабиёти тоҷик бахшида шудаанд. Муҳаққиқи украинитабори рус Агафангел Ефимович Кримский (1871-1942) дар аввали асри XX силсилаи рисолаҳоро дар се муҷаллад бо номи "Таърихи Форс, адабиёти он ва теософияи дарвешӣ" (1915-17) ба чоп расонид. Дар ин китоб дастовардҳои муҳимми илми шарқшиносии аврупоӣ то аввали асри XX ҷамъбаст шудааст. Е. Э. Бертелс (1890-1957) китоби машҳури "Таърихи адабиёти форсу тоҷик"-ро навишт, ки бо марги бемаҳали муаллиф (соли 1957) нотамом монд. Бо вуҷуди ин китоби мазкур назар

ва маводи судманде роҷеъ ба таърихи адабиёт аз қадимтарин рӯзгорон то асри XII дорад. Донишмандони Прага бо сарварии Ян Рипка китобе тахти унвони "Таърихи адабиёти форсу тоҷик" анҷом доданд, ки ҳиссаи бузурге аз он бо саъйи И.С. Брагинский ба забони русӣ тарҷума ва чоп шуд. Донишмандони Россия роҷеъ ба адабиёти қадими Шарқ ва асрҳои миёна китобҳои таълимӣ таълиф карда, ба чоп расониданд. Ҳамин гуна китобу рисолаҳо дар кишварҳои дигари Аврупо низ бо мақсади таълиму тарғиб ва ошноӣ бо адабиёти Эрон ва Тоҷикистон низ ба вуҷуд омадаанд.

Аз муаллифони Шарқ дар ин марҳалаи шинохту таҳқиқи оғозини таърихи адабиёт китоби донишманди Ҳинд – Шиблии Нуъмонӣ (1857-1914) "Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон" мавриди таваҷҷуҳ ва эътибори донишмандон ва дӯстдорони адабиёт қарор ёфт. Дар Эрон суннати таърихи адабиёт навиштан ба маънии адабиёти муносиби дарёфту дархости оммаи мардум бо китобҳои Ризозода Шафақ "Таърихи адабиёти Эрон", Ҷалолиддини Ҳумоӣ "Таърихи адабиёти Эрон" оғоз ва дастраси аҳли таълим шуданд. Китоби ҷомеъ ва бузургеро Забеҳуллоҳи Сафо анҷом додааст, ки он аз панҷ ҷилд дар ҳашт китоб иборат аст. Ин китоб бо номи "Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ" то имрӯз бузургтарин асар дар таърихи адабиёти Эрон ва қаламрави забони порсӣ мебошад. Аз назари фароғирии замонӣ дар китоби мазкур адабиёт аз оғози аҳди исломӣ то асри XIX баррасӣ шудааст.

Дар Тоҷикистон омӯзиши таърихи адабиёт бо чопи намунаҳои адабиёт, аз ҷумла, "Намунаи адабиёти тоҷик"-и Садриддин Айнӣ (1926) ва "Намунаҳои адабиёти тоҷик"-и гурӯҳи муаллифон (1940) оғоз ёфт. Шинохти таърихи адабиёт ҳамчун падидаи фарҳангии миллӣ ба воситаи китобҳои таълимии мактаб ба расмият даромад. Маводи адабии давраи қадим ва асрҳои миёна дар ду китоби дарсӣ барои синфҳои ҳаштум ва нуҳум гузориш ёфта буд. Китоби дарсии "Адабиёти тоҷик. Барои синфи VIII (аз оғози адабиёти забони порсии дарӣ то асри XV)"-ро Шарифҷон Ҳусейнзода (1907-1988) ва "Адабиёти тоҷик. Барои синфи IX (асрҳои XV – оғози асри XX)"-ро Шарифҷон Ҳусейнзода, А.Н. Болдирев, Камол Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, С. Тоҷиддинов ва М. Занд (чопи соли 1967) навиштанд. Ин ду китоб борҳо таҷдиди чоп

шудаанд. Баъдҳо муаллифони ин китобҳо тағйир ёфтанд, вале равиши бунёдии онҳо нигоҳ дошта шуд. Ин китобҳо ду ҷиҳати муҳим ва дар бахши охир нав доранд: адабиёти қадим, то замони исломӣ хеле кӯтоҳ гузориш ёфтааст; адабиёти асрҳои XVI – оғози асри XX бо истилоҳи "адабиёти тоҷик" вазъи адабии Мовароуннаҳр ва қисман Ҳиндро дар бар гирифта ва ба адабиёти Эрон дар ин замон назаре нашудааст.

Дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи навиштани таърихи адабиёти тоҷик таҳия гардида ва нависандагони давру замон ва шахсиятҳои адабӣ бо иштироки донишмандони Маскав ва Ленинград (Санкт-Петербург) номзад ва таъйин шуда буданд. Аммо ин кори муҳим нотамом монд. Бахше аз онро таҳти унвони умумии "Очеркҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик" бо номҳои "Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Қисми якум" (1976) ва "Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX. Қисми дуюм" (1989) чоп карданд. Китоби Аълохон Афсаҳзод "Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри XV" (1987) низ ҳамчун бахше аз силсилаи очеркҳои мазкур ба табъ расидааст. Ҳамчунин, китобҳои Аҳмад Абдуллоев "Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI" (1979), Аҳмад Абдуллоев ва Садрӣ Саъдиев "Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII" (1986), Усмон Каримов "Адабиёти тоҷик дар асри XVI" (1985), Садрӣ Саъдиев "Адабиёти тоҷик дар асри XVII" (1985), Носирҷон Маъсумӣ "Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX" (1977), Расул Ҳодизода "Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX" (1968) чоп шуданд. Дар мавзӯи адабиёти асрҳои XVI-XIX китоби Расул Ҳодизода бо ҷамъи ҳамкоронаш "Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX" (1988), Усмон Каримов "Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XIX" (1974), китобҳои Наҷмӣ Сайфиев "Адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI, XVII, XVIII ва нимаи аввали асри XIX" (2004), "Таърихи адабиёти тоҷик (нимаи дуюми асри XIX" (2009), Субҳон Амирқулов "Адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX" (1980) навишта шуданд.

Дар мавзӯи таърихи адабиёт кормандони шуъбаи матншиносии собиқ Институти шарқшиносии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон китобҳои тазкирагунаи фароғири

мунтахаби шеъри асрҳои миёнаро бо номи “Гулшани адаб” дар панҷ ҷилд (1975-80) ва насри он замонро ба унвони “Дурдонаҳои наср” дар чаҳор ҷилд мураттаб ва чоп карданд. Ҷилди аввали “Дурдонаҳои наср”, ки фарогири намунаҳои насри форсу тоҷики асрҳои X-XIII мебошад, соли 1987 ба дасти хонандагон расид. Ин китобҳо вазифаи бевоситаи таълимӣ надоштанд, вале холигии азимеро, ки дар натиҷаи тағйири алифбо ва чопу нашр нашудани осори адабӣ, дар масъалаи огоҳӣ бо осори адабӣ ва шахсияти адибон, дар ҷомиа ба вуҷуд омада буд, то андозае бартараф мекарданд.

Дар замони Шӯравӣ таълими таърихи адабиёти тоҷик дар дорулмуаллимини Самарқанду Бухоро ва баъдан институтҳои педагогии Тоҷикистон дар асоси китобҳои русӣ, аз ҷумла асари зикршудаи А. Кримский ва бо роҳнамоии донишмандони таҳсилдида дар донишгоҳҳои Маскаву Ленинград (Санкт-Петербург) ва Қазон ба расмият даромада буд. Дар ҷараёни дастрас шудани тарҷумаи китобҳои донишмандони Аврупо ба форсӣ ва китоби “Шеър-ул-Аҷам”-и Шиблии Нуъмонӣ онҳо ҳам аз ҷониби устодон истифода мешуданд.

Бори аввал кӯшиши навиштани таърихи адабиёти тоҷик аз ҷониби Холиқ Мирзозода пеш гирифта шуд. Мирзозода китоби “Таърихи адабиёти тоҷик”-ро дар се ҷилд аз давраи қадим то асри XV анҷом дод. Аввал ҷилди сеюми китоб, ки марбут ба асрҳои XIII-XV буд, ба сифати китоби дарсӣ барои факултети филологияи тоҷики мактабҳои олии Тоҷикистон аз чоп баромад (1977). Баъд ҷилдҳои якум ва дуюми китоб бо гузориши таърихи адабиёт аз давраи қадим то асри XIII ба нашр расиданд (1987 ва 1989). Ҳамин муаллиф таҳти унвони “Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик” ду китоби дигар ҳам чоп кардааст, ки аввалӣ ба ёрии муаллимони адабиёт (1962) ва охирин барои омӯзишгоҳҳои педагогии ғоибона (1950) навишта шуда буд. Имрӯз нусхаҳои ин китобҳо камёфт шудаанд ва аз ҷониби дигар, баррасии осори адабӣ дар онҳо нокифоя мебошад ва бо илова диди назарӣ ва адабии мавзӯъ ва масъалаҳо таҷдиди назари мувофиқ ба замонро талаб менамояд.

Китоби ҳозир таърихи адабиётро аз аҳди қадим то оғози асри XIII, дар асоси барномаи таълимии фанни таърихи адабиёти тоҷик дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, фаро

гирифтааст. Дар китоб осори мактуб ва адабии замони қадим то охири аҳди Сосониён гузориш ва баррасии муносиби асари таълимӣ шудаанд. Ҳамчунин, дар ин китоб ҷараёни пайдоиши анвои адабӣ ва шинохти илмии имрӯзаи онҳо тибқи маводи то давраи ислом баён шудаанд. Мавзӯъҳои марбут ба пайдоиш, такомул ва таҳаввули адабиёт ба забони порсии дарӣ дар фаслҳои ҷудогона, ки фарогири масъалаҳои вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, адабӣ, ривоҷи адабиёт дар давраҳои гуногуни таърихӣ, ҳавза ва доираҳои адабӣ, намояндагони бузурги илму дониши замон, намояндагони бузурги адабиёт дар давраҳои таърихӣ, ҷараёни тасаввуф ва таъсири он ба адабиёт, намояндагони адабиёти тасаввуфӣ ва вазъи наср мебошанд, баррасӣ шудаанд. Муаллифон навиштани бахши дувуми китобро ба шакли хрестоматия дар назар доранд, ки он барои хонанда дар баробари гузориши таълимии мавод ошноии васеътаре бо асли мутуни адабӣ фароҳам меорад. Такмили минбаъдаи китоб дар асоси дастовардҳо ва назарҳои илмӣ лозим дониста мешавад, ки фикру мулоҳизаҳои донишмандон ва соҳибназаронро низ мавриди истифода қарор хоҳад дод.

## АДАБИЁТИ БАДЕӢ ВА ФАҲМИШИ ОН

**Маънии луғавӣ ва истилоҳии адабиёт.** Калимаи “адабиёт” аз забони арабӣ гирифта шуда, шакли ҷамъи “адабия” ва ё “адаб” аст. Ин ду мафҳум дар луғат ба маъниҳои зерин омадаанд: а) адабийя – мансуб ба адаб, ҳар яке аз фанҳои дониши адаб, яке аз илмҳои адабӣ, он чи пайвастагӣ ва бастагӣ ба адаб дорад; б) адаб – фарҳанг, дониш, ҳунар, ҳусни муошират, ҳусни маҳзар, орзу, ҳурмат, сипос, таъдиб, танбеҳ, рукни ахлоқ. Улуми адабӣ маҷмӯаи донишҳоеро мегӯянд, ки қудамо ба онҳо улуми зайлро шомил донистаанд: луғат, сарф, наҳв, маонӣ, баён, бадеъ, арӯз, қофия, қавонини хат, қавонини қироат ва баъзе қарз-уш-шеър, иншо ва таърихро ҳам ба онҳо афзудаанд. Имрӯза дониши мазкурро адабиёт гӯянд. Ҷамъи адаб “одоб” аст (Фарҳанги форсӣ, саҳ. 189, 188). Агарчи асли “адабиёт” арабӣ аст, арабҳо ин мафҳумро истифода намебаранд ва ба ҷойи он “адаб” мегӯянд.

Мафҳуми “адабиёт” ҳамчун истилоҳ собиқаи куҳан дорад. Бо таваҷҷуҳ ба таърихи истифодаи он дар фарҳанги асрҳои миёна, дар маҷмӯъ, осори назарӣ ва адабиро адабиёт мегуфтанд. Аз асри IX ба маҷмӯи донишҳое адабиёт гуфта мешуд, ки фазилатҳои инсониро густариш медод, сабаб мешуд, ки инсон хубу дуруст сухан бигӯяд, бинависад, пайрави суннати некӯ бошад ва рафтору кирдори вай ҳамроҳ бо зарофат бошад. Аз маҷмӯи донишҳо ҳамон илмҳое дар назаранд, ки аз онҳо ёд кардем, ба иловаи фарҳанг ва дини кишварҳои ҳамсоя, ки ба ин маҷмӯа шомил мешуданд. Агар кас маҷмӯи ин донишҳоро медонист, ӯро “адиб” мегуфтанд.

Дар замони нав, аз оғози асри XX сар карда, мафҳуми “адабиёт” маънои хос ба худ гирифт ва онро адабиёти бадеӣ мегӯянд. Бадеъ чизи наву тозаро мегӯянд ва илми бадеъ ба маънои тозакориҳо дар навиштор истифода мешуд. Дар давраи нав мафҳуми “адабиёти бадеӣ”, яқинан, аз таркиби “художественная литература”-и русӣ тарҷума шудааст. Адабиёти бадеӣ тарзи махсуси маърифати ҳастӣ мебошад, ки аз ин ҷиҳат бо илми зебоишиносӣ (эстетика), ҷузъи фалсафа алоқамандӣ пайдо мекунад.

Имрӯз адабиёт ба маънии дигар ва хоссе фаҳмида мешавад, ки танҳо бар як даста аз осори мактуб далолат мекунад: осори хаттие, ки тарзи махсуси инъикосу маърифат

дорад ва онро адабиёти бадеӣ мегӯянд. Хосияти асосии адабиёти бадеӣ бадеият аст, ки натиҷаи шакли хосси маърифату инъикос мебошад. Ба ин маънӣ адабиёт як навъ санъати сухан аст, ки ҷиҳатҳои хоси он ба воситаи образ инъикос кардани воқеият ва тарзи ҳиссии маърифати ҳастӣ мебошад. Воситаи асосии инъикосу маърифат дар адабиёт сухан (калом) мебошад. Забон мувофиқи тарз ва хусусияти адабиёт истифода мешавад ва нишонаҳои он образнокӣ, ки сифатҳои намоишӣ, конкретӣ, отифӣ (эмотсионалӣ), фардият ва монанди онро дорад. Воситаи асосии шакли асар ва асоси мазмуни он забон мебошад. Фақат ба воситаи забон шакли предметию намоишии адабиёт ба вуҷуд меояд. Чунин тарзи фаҳмиши адабиёт дар асри XVIII, дар Аврупо маълум гашта, то кунун идома дорад.

**Мафҳуми таърихи адабиёти тоҷик**. Таърихи адабиёти тоҷик эҷоди адабии ҳунарӣ ва маънавие мебошад, ки дар ҳавзаи фарҳангии мардумони эронӣ аз қадимтарин рӯзгорон то давраи нав ба вуҷуд омадааст. Халқи мо дар ташаккулу такомули маърифатӣ ва ҳунарии он саҳми худро гузошта, ҳусни истиқбол зоҳир намудааст. Таърихи адабиёти тоҷик аз қадимтарин ривоятҳои мардумони эронӣ шурӯъ шуда, ба воситаи китоби муқаддаси зардуштиён – “Авесто” дар асри шашуми то мелод сурати китобӣ гирифтааст. “Авесто” аввалин китоби мо, тоҷикон, аст, ки рӯҳияи инсони қадимро дар шакли парваридаи хаёл ва хоҳишҳои одамӣ ҷамъ овардааст. Аз ин рӯ, онро аввалин китоби қадимаи адабӣ ҳам медонем.

**Пайдоиш ва марҳалаҳои инкишофи забон ва адабиёти тоҷик**. Адабиёти китобие, ки аз “Авесто” сар мешавад, таърихи беш аз ду ҳазору шашсадсола дорад. Вай дар давраҳои гуногун дар алоқамандӣ бо зинаҳои муайяни инкишофи забони форсӣ ва баъзе лаҳҷаҳои он арзи ҳастӣ кардааст. Забоне, ки “Авесто” бо он нигошта шудааст, махсуси ҳамин китоб буда, забони авестоӣ хонда мешавад. Забони осори баъди “Авесто”-ро форсии қадим мегӯянд. Ба ин забон асосан катибаҳои рӯйи санг (сангнавиштаҳо) ва матнҳои кӯтоҳ боқӣ мондаанд.

Марҳалаи дигари инкишофи забони моро форсии миёна ё паҳлавӣ мегӯянд, ки ба аҳди сулолаи бузурги подшоҳони Сосонӣ рост меояд. Аз ин давра осори мактуб зиёдтар боқӣ

мондааст ва онро адабиёти паҳлавӣ мегӯянд. Китобҳои динӣ, достонҳо, манзумаҳо, қиссаҳои таърихӣ, пандномаҳо ва ғайра ба он шомиланд.

Ба забонҳои хоразмӣ, бохтарӣ ва суғдӣ, ки имрӯз дар лаҳҷаи ягнобӣ боқӣ мондааст, низ пораҳои матн ва достонҳои кӯтоҳ мавҷуданд. Дар забонҳои помирӣ адабиёти шифоҳӣ аз қадим мавҷуд буд ва то имрӯз идома дорад. Забони китобии онҳо низ форсии тоҷикӣ мебошад.

Аз оғози давраи исломӣ (асри ҳафти мелодӣ) ба тадриҷ забони порсии дарӣ интишор ёфт ва дар асри даҳ ба мақоми забони шеъру адабиёт расид. Порсии дарӣ, ки ба он имрӯзҳо дар се кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг ва дӯст – Эрону Афғонистону Тоҷикистон дар шакли кӯтоҳ форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ гуфта мешавад, ҳамеша дар истифода мебошад. Адабиёти мо аз ҳамон замони пайдоиши порсии дарӣ ба ин забон навишта шуда ва рушду нумӯ кардааст. Тамоми осори адабии давраи асри миёна ва имрӯзаи мо ба ҳамин забон офарида шудааст. Бо ин забон ҳазорон адибон шеър навишта, асарҳои насрӣ ва драма офаридаанд, ки қисми бузургтарини таърихи маданият ва фарҳанги моро дар бар мегиранд.

**Вазифаи фанни таърихи адабиёт**. Таърихи адабиёт аз раванди пайдоиш ва инкишофи маърифати адабӣ аз қадимтарин рӯзгорон то замони мо хабар медиҳад. Вай давраҳои асосии пайдоиш ва инкишофи адабӣ ва ҷараёнҳои адабиро дар алоқа ва робита бо таърихи замон, муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ меомӯзад. Бо ёрии ин фан мо медонем, ки дар замонҳои гуногун адабиёт дар чӣ вазъ буд, кадом омилҳо барои тараққии вай мусоидат карда ва кадом падидаҳои нохуш онро аз пешрафту шукуфоӣ нигаҳ доштаанд.

Зиндагии адибон, рӯзгори шахсиятҳои адабӣ ва эҷодиёти онҳоро низ дар дарси таърихи адабиёт меомӯзанд. Ҳаёт ва эҷодиёти адиб як саҳфаи дурахшони таърих ва зиндагии мардум аст. Нуктаҳои борики эҷодиёти адибонро аз роҳи донистани рӯзгори онҳо, нишебу фарози зиндагиашон мефаҳмем. Адабиёт ифодагари маънавият, рӯҳия, ормон ва идеали мардумони ҳар давру замон аст. Аз ин рӯ, дар дарси таърихи адабиёт бо ният ва мақсади адибон, маънавият, рӯҳоният ва ормонҳои халқамон дар давраҳои гуногуни таърихӣ ошноӣ пайдо мекунем. Аз ғаму андӯҳ, шодиву

нишот, хушию дард, майлу хоҳишҳо, кирдорҳои неку бад, зебоию зиштӣ ва ғайра огоҳӣ меёбем.

Адабиёт дар навъҳои гуногуни адабӣ, ба монанди қасида, ғазал, рубоӣ, достон, ҳикоят, қисса, румон ва ғайра намудор мегардад. Анвои адабӣ ба масобаи тану ҷисми адабиёт буда, маъно ва мақсад (гоя) дар андаруни онҳо гӯё ба монанди ҷону равон давр мезанад. Дар дарси таърихи адабиёт ҳамин тану равони адабиёт, ки дар якҷоягӣ бо унсурҳои шакл навъи адабиро ташкил медиҳад, омӯхта мешавад.

Адабиёт бо ёрии нақшҳои ҳунарӣ (образҳо) як олами воқеӣ ба вуҷуд меорад, ки аксаран монанди зиндагӣ намудор аз таърих ва рӯзгор дар замону маконҳои гуногун мебошад. Масалан, чандин адибон, аз қабили Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон ба мавзӯи Искандари Мақдунӣ, ки шахсияти таърихӣ ва подшоҳи кишваркушои қадим буд, муроҷиат кардаанд. Ҳар кадоми онҳо рӯзгори Искандарро ба таври худ дида ва тасвир кардаанд, то ки бо ёрии дигаргунӣ ва тағйироти он, нақши ҳунарии ба мақсадҳои ормонии худ мувофиқро ба вуҷуд оварда бошанд. Таърихи адабиёт таърихи пайдоиши образҳои адабиро бо тамоми дигаргунии мақсад ва ниятҳои эҷодии нависандагон меомӯзад.

Образҳои адабӣ ду навъанд: яке нақшҳои ҳамосӣ ё эпикӣ, ки дар симои қаҳрамонони амалкунанда дар асарҳои дорои сужа ё оғозу рабти вақоеъ ва анҷом зуҳур мекунад, дувум, нақши рӯҳия, ҷараёни андеша ва маънавиёт, ки нақши ғиноӣ (лирикӣ) номида мешавад. Нақши асари дром ба ҳамоса монанд аст, вале шиддати амал дар он бо талаби зудгузари вақоеъ бештар аст. Омӯхтани таърихи нақшҳои ҳунарии адабиёт моро бо сайр ва инкишофи таърихии муносиботи одамон дар ҷомеа шинос менамояд.

Воситаи асосии ба вуҷуд омодани асари адабӣ забон аст. Забон ба монанди обу гилу хиште, ки дар бинои иморат ба кор меравад, барои ба вуҷуд овардани асари адабӣ зарур аст. Ҳамаи тасвирҳо, айниятҳои воқеӣ, амалу кирдор ва муносиботи қаҳрамонон ба воситаи забон сурати воқеӣ, зеҳнӣ ва ҳиссӣ мегирад. Ба воситаи забон ҳамаи санъатҳои бадеӣ сохта ва офарида мешаванд, ба монанди ташбеҳ, маҷоз, киноя, такрор, таҷнис ва ғайра. Дар ҷараёни омӯзиши таърихи адабиёт мо бо забони асарҳои бадеӣ, услуб ва

санъатҳои бадеӣ дар эҷодиёти ҳар адиб, тарзи сухани ҳар давру замон шинос мешавем.

Адабиёт таърихан дар қолаби анвоъ ба тағйир ва дигаргунӣ дучор меояд, ба монанди достон, ғазал ва ғайра. Равия ва услубҳои адабӣ низ дучори дигаргуниҳо мегарданд. Таърихи адабиёт асоси ба вуҷуд омадани назариёти адабӣ аст. Дар навбати худ назария барои такмили омӯзиши таърихи адабиёт саҳм мегузорад.

Фанни таърихи адабиёт як қисми илми таҳқиқи адабӣ ё илми адабиётшиносӣ аст, ки аз бахшҳои таърихи адабиёт, назарияи адабиёт ва накди адабӣ фароҳам меояд.

**Давра ва марҳалаҳои инкишофи адабиёт**. Адабиёт дар сайри таърихии худ чандин давра ва марҳалаҳоро пушти сар кардааст. Таърихи адабиёт якчанд тарзи даврабандӣ дорад, ки яке даврабандии таърихӣ аст. Мувофиқ ба талаби таносуби таърихи адабиёт таърихи адабиёти тоҷикро ба чаҳор қисм даврабандӣ кардан мумкин аст:

1. Осори ҳунарии давраи ибтидоии инкишофи қавмҳои эронӣ.

2. Адабиёти аҳди қадим, аз пайдоиши хат ва китобат то оғози асри миёна (тақрибан аз замони китобати "Авесто" то асри панҷуми мелодӣ).

3. Адабиёти асри миёна (аз охири ҳукмронии Сосониҳо то миёнаи асри нуздаҳи мелодӣ). Адабиёти асри миёнаро дар навбати худ ба чанд давраи кӯтоҳтар таҷзия мекунанд: а) давраи оғози адабиёти асри миёна (поёни асри шаш то асри нӯҳ); б) давраи классикии инкишофи адабиёти форсу тоҷик (асрҳои даҳ-понздаҳ); в) давраи баъди классикии адабиёти асри миёна (асрҳои шонздаҳ-ҳаждаҳ); г) адабиёти асри миёнаи батаъхир (адабиёти асри ҳаждаҳ-нимаи аввали асри нуздаҳ).

4. Адабиёти давраи нав ва муосир (аз нимаи дуюми асри нуздаҳ то ба имрӯз).

Чунонки мебанем, адабиёти қадим ва асри миёна ҳудуди замонии қариб ба як ҳазору сесад сол доранд. Яъне, адабиёти қадим аз миёнаҳои асри шаши то мелод то асри ҳафти мелодӣ ва адабиёти асри миёна аз асри ҳафт то нуздаҳи мелодӣ. Дар адабиёти аҳди қадим аввалин нишонаҳои анвои адабӣ падид омаданд. Адабиёти тоҷик дар асри миёна сурат ва симои миллии худро гирифт. Баъзе жанрҳои вай ба адабиёти арабу турк монанд бошанд ҳам, асли маъно ва хусусияти

шаклиашон аз адабиёти ин халқҳо ҷиддан фарқ мекунанд. Анвои шеър қолабҳои устувори мазмуну мавзӯъ, шакли ҳунарии худро гирифтанд. Дар ин замон истифодаи санъати бадеӣ ва ҳунари суханварӣ низ ба авҷи аълояш расид.

Дар адабиёти давраи нав тамоюли услубии реалистӣ афзуда, ба адабиёт навъҳои адабии румон, қисса ва анвои намоишнома ворид шуданд.

**Сарчашмаҳои омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик**. Барои омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик аз сарчашмаҳо, ё худ манбаъҳо ва маъхазҳои гуногуни мавҷуда истифода бурда мешавад. Аз мутолиаи чунин асарҳо ва мушоҳадаҳои нигорандагон бармеояд, ки манобеъ ва маохизе, ки дар асоси онҳо метавон ба омӯзиш ва таҳқиқ дар заминаи масъалаҳои марбут ба таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик пардохт, инҳоянд:

1. Матнҳои назму насри офаридаи адибону донишмандон, ки дар қолаб ва номҳои гуногун, аз ҷумла, ба мисли маҷмӯаҳои бузургҳаҷми "Девон"ва "Куллиёт" ба ҳам омада ва ба сурати дастнавис ва ё чопӣ мавҷуданд.

2. Гузидаи осори адибон, ки дар шакли сафина, баёз, ҷунг, кашкӯл ва мунтахабот ба ҳам омадаанд.

3. Тазкираҳо. Аҳаммияти китобҳои тазкира, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки ин навъ китобҳо барои тадвини таърихи адабиёт дар қаламрави густардаи забони форсии тоҷикӣ, шинохтану шиносонидани шоирони форсизабон ва асру замону савонеҳи зиндагии ҳар яки онон, таъйини поя ва ҳунари шоирӣ, ташхиси сабки сухани онҳо аз ҷумлаи сарчашмаҳои муҳим ва то дараҷае боэътимод маҳсуб мешаванд. Ба таври куллӣ тазкираҳоро ба ду даста тақсим кардан мумкин аст: а) тазкираҳои умумӣ ва б) тазкираҳои асрӣ ё давраӣ. Ҳамчунин, навъи дигари тазкираҳо ҳам ҳастанд, ки онҳо тазкираҳои ихтисосӣ буда, аз нигоҳи шеваи баён ва доираи мабоҳис фарқ доранд. Китобҳои тазкирагунае ҳам ҳастанд, ки танҳо фасле ва ё бахше аз онҳо дар баёни аҳволи шоирон аст.

Нахустин тазкираи мавҷуд ба забони форсии тоҷикӣ, ки то кунун шинохта шудааст, тазкираи машҳури "Лубоб-ул-албоб" мебошад. То ин тазкира аз китоби "Маноқиб-уш-шуаро"-и Абӯтоҳири Хотунӣ ҳам огоҳӣ дорем, вале ин тазкира ва китобҳои дигаре ҳам, ки шояд мавҷуд буда

бошанд, дастхуши ҳаводиси рӯзгор гардида, то ба мо нарасидаанд. “Лубоб-ул-албоб” аз ҷониби яке аз донишмандони маъруфи охирҳои қарни дувоздаҳ ва авоили асри сездаҳ Нуриддин Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Яҳё ибни Тоҳир ибни Усмон Авфии Бухороии Ҳанафӣ, маъруф ба Муҳаммад Авфии Бухорой дар Ҳинд таълиф шудааст. Таърихи таълифи тазкира ба соли 1222 мелодӣ рост меояд.

Пас аз Муҳаммад Авфии Бухорой аз нигоҳи қидмати таърихӣ тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ қарор дорад, ки бо унвони “Тазкират-уш-шуаро” машҳур буда, дар асри XV навишта шудааст. Давлатшоҳ зоҳиран аз кори Авфӣ бехабар будааст, ки тазкираи худашро нахустин тазкира медонад. Пас аз ин ду тазкира тазкиранависӣ дар қаламрави адабиёти тоҷик ривоҷ пайдо мекунад. Метавон гуфт, дар таълифи муҳимтарин тазкираҳои дар давраҳои баъд навишташуда тазкираҳои Муҳаммад Авфии Бухорой ва Давлатшоҳи Самарқандӣ ҳамчун манбаи асосӣ хидмат кардаанд. Пайравӣ то ба ҳадде ҳам расидааст, ки баъзе тазкиранависон матолиби тазкираҳоро айнан такрор карда ва гоҳе комилан рӯнавис намуда, ба номи худашон муаррифӣ кардаанд. Аз ҷумла, ҳамин корро муаллифи тазкираи “Базморой” (1592 мелодӣ) – Саййид Алӣ ибни Маҳмуди Ҳусайнӣ ба худ раво дидааст.

Намунаи тазкираҳои ихтисосӣ китобҳои “Тазкират-ул-авлиё”-и Шайх Аттори Нишопурӣ, ”Нафаҳот-ал-унс мин ҳазарот-ал-қудс”-и Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, “Тазкираи майхона”-и Абдуннабӣ Фахруззамонии Қазвинӣ мебошанд.

Аз китобҳои тазкирагуна, ки онҳоро ҳамчун гунае аз тазкираҳо шинохтан мумкин аст, нахустин китоб “Маҷмаъ-ун-наводир”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ мебошад, ки бо номи “Чаҳор мақола” машҳур аст. Ин китоб, агарчи дар оғози асри дувоздаҳ навишта шуда, аз нигоҳи таърихи тасниф қабл аз тазкираи Муҳаммад Авфии Бухорой ба миён омадааст, мақсади Низомии Арӯзии Самарқандӣ ба вуҷуд овардани китоби тазкира набудааст. Танҳо дар фаслҳои дахлдори он теъдоди муайяне аз шоирони машҳур зикр шудаанд. Аммо муаллифи “Лубоб-ул-албоб” бо мақсади муайян – ба миён овардани китоби тазкираи шуаро қалам ба даст гирифта ва аз ин ҷиҳат, ибтикори ӯ ба худаш бармегардад, ки қобили ситоиш мебошад. Намунаи дигари

китобҳои тазкирагуна “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ аст.

4. Луғату фарҳангномаҳое, ки дар онҳо намунаҳое аз осори шоирону нависандагон фароҳам оварда шудаанд.

Нахустин луғате, ки ба забони форсии тоҷикӣ таълиф шудаасту қадимтарин луғати мавҷуд ва дастрас ба ҳисоб меравад, “Луғати фурс” ё “Фарҳанги форсӣ”-и Абӯмансур Алӣ ибни Аҳмад Асадии Тӯсӣ мебошад. “Луғати фурс” дар асри XI таълиф шудааст.

Пас аз Асадии Тӯсӣ луғатноманависӣ бо суръат идома меёбад ва қариб дар ҳамаи ҳавзаҳои адабии қаламрави густардаи адабиёти форсу тоҷик фарҳангу луғатномаҳои зиёде таълиф шудаанд, ки шумораашон ниҳоят зиёд аст. Ин ҷо бо зикри номгӯи чанде аз машҳуртарин фарҳангҳои муҳим иктифо мешавад: “Сиҳоҳ-ул-фурс” – таълифи Шамсиддин Муҳаммад ибни Фахриддин Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ машҳур ба Шамсӣ Муншӣ (асри XIV); “Меъёри Ҷамолӣ ва мифтоҳи Абӯисҳоқӣ” – таълифи Шамси Фахри Исфаҳонӣ (асри XIV); “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ” – таълифи Мир Ҷамолиддин Ҳусайн ибни Фахриддин Ҳасан Инҷуи Шерозӣ (асри XVI); “Маҷмаъ-ул-фурс” – таълифи Муҳаммадқосим Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ мутахаллис ба Сурурӣ (ибтидои асри XVI); “Бурҳони Қотеъ” – таълифи Муҳаммад Ҳусайн ибни Халафи Табрезӣ, мутахаллис ба Бурҳон (нимаи дуюми асри XVII); “Фарҳанги Рашидӣ” – таълифи Абдуррашид ибни Абдулғафур Ҳусайнии Мадянӣ (асри XVII); “Ғиёс-ул-луғот” – таълифи Ғиёсиддин Муҳаммад ибни Ҷалолиддини Ромпурӣ (асри XVIII) ва ғайра.

Аз асри бист ба баъд низ анвои гуногуни фарҳангу луғатномаҳо таълиф гардидаанд, ки аз ҷумлаи машҳуртаринашон инҳоянд: “Фарҳанги забони тоҷикӣ” (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд. Тақрибан 45000 калима ва ибораро бо иловаи мифтоҳи арабӣ дар бар мегирад. Дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ (Москва, 1969) чоп шудааст; “Фарҳанги форсӣ” – таълифи дуктур Муҳаммад Муъин (Дар шаш ҷилд. Чопи ёздаҳум. – Теҳрон, 1376 ҳ.).

“Фарҳанги форсӣ”-и Муъин муътабартарин фарҳанги форсӣ ба ҳисоб рафта, аз муқаддима ва се бахш иборат аст. Бахши якум луғоту истилоҳоти фасеҳу омиёнаи форсӣ, бахши дуюм таркиботи хориҷӣ ва бахши сеюм номҳои бузургони

ҷаҳон, асомии ҷуғрофиёӣ, китобҳо ва фирқаҳои диниро дар бар мегирад.

5. Осори таърихӣ ва фалсафӣ. Асарҳои таърихии асримиёнагӣ ҳамчун осори адабӣ ба сифати ҷузъи таркибии таърихи адабиёт шинохта мешаванд.

6. Катибаву сангнавиштаву сафолнавиштаҳо. Ин навъи манбаъҳо дар сурати ба маънии васеъ маърифат кардани адабиёт шомили сарчашмаҳои муҳимми омӯзиши таърихи адабиёт мешаванд. Бино ба андешаи ховаршиноси олмонӣ Карл Броккелман (17.09.1868 - 6.05.1957), “адабиёт ба маънии васеъи он шомили ҳамаи чизҳое мешавад, ки инсон дар қолаби забон рехтааст, то онҳоро ба ҳофиза биспорад”. Аз ин рӯ, филологи дигари олмонӣ Август Бёк (24.11.1785-03.08.1867) тамоюл дошт, ки сангнабиштаҳои як қавмро низ бахше аз қаламрави адабиёти он қавм ба шумор оварад: “Ҳангоме ки таърихи забони мурдае бар пояи шумори муайяне аз осор сохта мешавад, санадҳо, номаҳо ва чизҳое аз ин дастро низ ҷузъе аз адабиёти ин забон мешуморанд...”.

Дар ҳақиқат, “чизҳое аз ин даст” дар қаламрави паҳновари адабиёти форсу тоҷик ба ҳадди қобили таваҷҷуҳ мавҷуданд, ки дар тадвини таърихи адабиёти тоҷик ишора ба онҳо ҳатмӣ мебошад.

7. Тафсирҳо (адабӣ, динӣ, илмӣ) ва шарҳҳо.

8. Таълифоти адабиётшиносӣ.

9. Феҳристҳои осори дастнавис ва чопӣ.

Феҳристҳо маҷмӯаҳои муҳимме ҳастанд, ки тавассути онҳо нусхаҳои хаттии маҳфуз дар захираи дастнависҳои шарқии китобхонаҳои ҷаҳон муаррифӣ мешаванд. Аз ҷумлаи машҳуртарин китобҳои феҳристи асримиёнагӣ ва ҷадид намунаҳои зеринро ном бурдан мумкин аст:

1. Ибни Надим. Китоби ал-Феҳрист. Веростаи Флугел (G. Flügel), ки пас аз марги ӯ тавассути Рудигер (J. Rödiger) ва Муллер (A. Müller) дар ду ҷилд дар Лейпзиг, дар солҳои 1871-1872 м. ба анҷом расидааст.

2. Ҳоҷӣ Халифа, Мустафо ибни Абдуллоҳ Котиби Чалабӣ. Кашф-уз-зунун. Веростаи Флугел. Чопи Лейпзиг ва Лондон, 1835-1858 м. Дар 7 ҷилд.

3. Ҳермон С. Ҳ. (Herrmann C. H.). Феҳристи китобҳои шарқӣ, ки дар солҳои 1850-1868 дар Олмон ба чоп расидааст. – Ҳола (Halle), 1870 м.



КИТОБХОНА

4. Фридрики К. (Friedrici K.). Феҳристи комили куллияи китобҳои чопшуда дар Олмон, Фаронса, Ингилистон ва Мустаъмарот дар солҳои 1876-1883 м. –Лейпзиг, 1877-1884 м.

5. Феҳристи нусхаҳои хаттии арабӣ ва форсии таҳияшуда ба номи Ҳукумати Ҳиндустон тавассути Анҷумани Осиёии Бангол дар солҳои 1903-1907. – Калкутта, 1908 м.

6. Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Под. ред. А. Мирзоева, А.Н. Болдырева, А.Е. Бертельса. Т.1-5. – Душанбе, 1974.

Феҳристи нусахи хаттии мутаалиқ ба як шахс:

Бурхорт. Феҳристи нусхаҳои хаттии арабӣ ва форсии мутааллиқ ба марҳум дуктур Бурхорти Сайёҳ (Dr. Burchardt), бо муқаддимае аз Фисчер (A. Fischer). – Лейпзиг, 1922 м.

Феҳристи нусахи хаттии мутааллиқ ба китобхонаҳои донишгоҳҳо ва мадрасаҳо:

1. Феҳристи нусхаҳои арабӣ ва форсии мадрасаи Калкутта. Аз Камолиддин Аҳмад ва Абдумуқтадир. Бо муқаддимае аз Денисон Росс (Denison Ross). – Калкутта, 1905 м.

2. Феҳристи тавсифии нусхаҳои хаттии арабӣ, форсӣ ва туркӣ дар китобхонаи Коллеҷи Тринитӣ (Trinity College), аз Полмер (Palmer E.N.). – Кембриҷ, 1870 м.

3. Пайвасти феҳристи нусхаҳои исломӣ дар китобхонаҳои донишгоҳ ва коллеҷҳои Кембриҷ, аз Браун (Edward G. Browne). – Кембриҷ (Kambridge), 1900 м.

4. Феҳристи тавсифии нусхаҳои хаттии шарқии мутааллиқ ба марҳум Браун. Аз Едвард Браун (Edward G. Browne), веростаи Николсон (Reynold A. Nicholson). – Кембриҷ (Kambridge), 1932 м.

10. Асарҳои таҳқиқии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва ховаршиносон.

11. Осори адабӣ ва таърхие, ки дар заминаи дигар риштаҳои дониш, аз ҷумла, саноеи ҳунарӣ, таърих ва ҷугрофияи миллӣ ва ақвоми ҳамҷавор офарида шудаанд.

**Омӯзиши илмии таърихи адабиёти тоҷик.** Шинохти илмии адабиёт ҳамчун маҷмӯаи осори мактуб, ки хосияти ҳунарӣ доранд ва аз ҷумлаи осори мактуби илмӣ моҳиятан фарқ мекунанд, дар қаламрави адаби забони форсӣ, дар оғози қарни бистум шурӯъ шуд ва андак-андак ба марҳалаи камоли худ расид. Омӯзиши илмии таърихи адабиёт дар

заминаи таълимоти зебоишинохтии роиҷ дар Аврупо оғоз гардид ва нахустин муаллифони китобҳои таърихи адабиёт ҳам муҳаққиони хориҷӣ, аз ҷумла аврупоиён буданд.

Таърихи адабиёт ду тарзи шинохт ва таҳқиқ дорад: а) таҳқиқи адабиёт аз мавқеи раванди таърихии инкишофи ҷомеаи башарӣ, ки махсусиятҳои мавзӯии адабиёт аз шароити он бармеояд. Ба ин маънӣ адабиёт як ҳисса ва ҷузъи фарҳанги башар буда, зуҳуроти миллиаш натиҷаи сарнавишти эҷодгари он аст. Адабиёт дар робита бо таърихи иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа омӯхта мешавад. Тазкиранигорон, аз ҷумла Муҳаммад Авфӣ дар "Лубоб-ул-албоб", давраҳои адабиётро бо замони ҳокимияти сулолаи подшоҳон, чун Тоҳириён, Сомониён, Ғазнавиён ва ғайра мепайвастанд; б) омӯзиш ва таҳқиқи таърихи адабиёт аз мавқеи марҳалаҳои инкишофи он. Адабиёти бадеӣ ё адаби ҳунарӣ тибқи қонунҳои дохилии ҳунарии худ пеш меравад ва такомул меёбад. Ин қонунҳои дохилӣ ҳаракати феълӣ ё зотии адабиётро ба вуҷуд меоранд, ки бо раванди таърихии ҳаёти ҷомеа робитаи мустаҳкам надорад. Ҳамин қонунмандии дохилии адабиёт сабаби хусусияти марҳалавӣ ба худ гирифтани инкишофи адабиёт гардидааст.

Омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик аз оғоз то кунун ду марҳаларо дар бар мегирад: 1. Марҳалаи аввал, ки онро шакли суннатии омӯзиши таърихи адабиёт меномем, бо таълифи асарҳои адабиётшиносӣ, ки маъмулан ба омӯзиши вазн, санъати сухан, қофия ва накди калом бахшида шудаанд, навиштани шарҳҳо, тафсирҳо, ба миён омадани китобҳои луғат, тазкираҳо, тартиб додани баёз, ҷунг, сафина, кашкӯл ва дигар навъи маҷмӯаҳои ашъор оғоз гардида, то пайдо шудани ҳавзаҳои шарқшиносӣ дар ҷаҳон идома пайдо мекунад. 2. Марҳалаи омӯзиши илмии таърихи адабиёт, ки дар асри XVIII аз Аврупо оғоз гардида ва то кунун идома дорад. Муҳимтарин марказҳои шарқшиносӣ ва эроншиносӣ, ки дар омӯзиши илмии таърихи адабиёти форсу тоҷик саҳми шоиста гузоштаанд, дар кишварҳои Русия, баъзе ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ, Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон ташкил шудаанд. Дар омӯзиши таърихи адабиёти форсу тоҷик ва навиштани китобҳои таърихи адабиёт аз ҷумлаи хориҷиён донишмандони зерин саҳми шоиста гузоштаанд: Ҳ. Эте, Э. Браун, А. Кримский, Е.Э. Бертелс, Ян Рипка, И.С.

Брагинский, Шиблии Нуъмонӣ, Ризозода Шафақ, Ҷалолиддини Ҳумоӣ, Саид Нафисӣ, З. Сафо, Аҳмади Тафаззулӣ ва дигарон. Донишмандони тоҷик низ дар таълифи китобҳои таърихи адабиёти тоҷик ҳиссаи шоиста гузоштаанд, ба монанди Садриддин Айнӣ, Шарифҷон Ҳусейнзода, Холиқ Мирзозода, Аълохон Афсаҳзод, Аҳмад Абдуллоев, Садрӣ Саъдиев, Расул Ҳодизода, Усмон Каримов, Субҳон Амирқулов, Додихудо Саймиддинов, Худойназар Асозода ва дигарон.

Ба ғайр аз навиштани китобҳои таърихи адабиёт, ки тарҳи махсусро дороянд, шаклҳои зерини омӯзиши масъалаҳои марбут ба таърихи адабиёт низ маъмул гаштаанд: таҳқиқи макону замон, рӯзгор ва осори падидоварандагони адабиёт, таҳлили забон, услуб, мавзӯъ, муҳтаво ва ҳунару санъат, таъйини арзишҳои адабию маърифатӣ ва эстетикӣ, омӯзиши матн, нашри илмию омавии мутуни манзуму мансури классикӣ ва чопи матни интиқодии асарҳои адибони форсу тоҷик. Шаклҳои мазкур дар қолаби монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, рисолаҳои ҷудогона, китобҳои адабиётшиносӣ, осори таълимӣ, матни мухтасар ва комили асарҳои ҷудогона таълиф ва танзим мешаванд.

Дар омӯзиши илмии таърихи адабиёти форсу тоҷик, қабл аз ҳама, саҳми он гурӯҳи донишмандони хориҷӣ назаррас аст, ки онҳо дар ҳавзаҳои шарқшиносӣ муттаҳид шуда, ба тариқи фардӣ ва гурӯҳӣ ба таҳқиқи таърихи адабиёт ва масъалаҳои марбут ба он машғул гардида буданд. Мутаассифона, кори аксарияти ҳавзаҳои шарқшиносии ҷаҳон дар асри ҷадид чандон назаррас нест. Баъзан дар доираҳои эроншиносӣ пажӯҳишоте сурат мегиранд, вале онҳо ҳам қонеъкунанда нестанд. Марказҳои илмии мазкур дар ҷаҳон таърихи хосси худро доранд.

## АДАБИЁТИ АҲДИ ҚАДИМ

Мувофиқи марҳалаҳои инкишофи адабиёт аз рӯйи даврабандии таърихӣ, адабиёти аҳди қадим аз пайдоиши хат ва китобат то оғози асри миёна, тақрибан аз замони китобати "Авесто" то асри панҷуми мелодиро дар бар мегирад. Агар ба таърихчаи ҳукумати сулолаҳо дар қаламрави ақвоми ориёӣ таваҷҷуҳ намоем, маълум мешавад, ки, ба ақидаи муаррихон, охирин мавҷи муҳоҷирони ориёӣ ба қаламрави Эрони бостонӣ ақвоми модӣ ва порсӣ ва ё портҳо буданд. Дар садаи ҳафтуми пеш аз мелод модҳо дар ғарби Эрон ба қудрат расиданд ва пас аз он ҳукмронии бисёр сарзаминҳои муҷовир ба дасти Ҳахоманишиён афтод. Дар соли 334 пеш аз мелод Искандари Мақдунӣ ба Эрон ҳамла кард ва дар пайи он Селевкиён муддате дар Эрон ҳукумат доштанд. Селевкиён низ ба дасти портҳо, ки қавме дигар аз нажоди ориёӣ буданд, барафтоданд ва дудмони Портиён (Ашкониён) низ пас аз чанд қарни қудратмандӣ ҷойи хешро ба дудмони Сосониён супурданд. То ҳукумати Сосониён аз нигоҳи хронологияи таърихӣ рӯзгори Ҳахоманишиён солҳои 550 то 330 пеш аз мелод, Селевкиён 312 то 64 қабл аз мелод ва Давлати Кӯшон оғози садаи якум – поёни садаи чаҳоруми гоҳшумории исавиёнро дар бар мегирад.

**Оғози тамаддун ва падидаҳои фарҳангии халқҳои эронӣ**. Забонҳое, ки дар қаламрави сукунати ориёиҳо аз аҳди қадими таърихӣ мутадовил буданд, ба гурӯҳи забонҳои эронӣ шомиланд. Ин забонҳо ба решаи забонҳои ҳинду эронӣ мепайванданд, ки намоёнгари қидмати замонӣ ва пайванди таърихии тамаддуни муштараки ақвоми ҳинду эронӣ то давраи ҷудо шудан аз ҳамдигар ва ҳаёти мустақилонаи онҳо дар сарзамини Ҳинди бостон ва Эрони қадим ҳастанд.

Аз нигоҳи таърихи мавҷудият будиши забонҳои эрониро ба се давра тақсим мекунанд: а) забонҳои давраи бостон; б) забонҳои давраи миёна; в) забонҳои давраи нав. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо ва пажӯҳиши муҳаққиқон, аз забонҳои давраи бостон фақат осори мактуби ду забон: авестоӣ ва форсии бостон боқӣ мондааст. Қадимтарин осори забони авестоӣ тақрибан ба миёнаи қарни ҳаштум то қарни дувуми қабл аз милод мутааллиқ аст. Намунаи осори мактуби забони форсии бостон катибаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ маҳсуб мешаванд, ки қадимтарини онҳо дар қарни панҷуми пеш аз

милод ва охиринашон дар асри севуми пеш аз милод ба хатти мехӣ навишта шудаанд. Забони форсии бостон дар давраи Ҳахоманишиён (559-330 қабл аз мелод) дар минтақаи Порс истифода шуда, аммо забони девониву мукотиботи шоҳаншоҳӣ дар он замон забони оромӣ будааст. Аксарияти хатҳои қадимии роиҷ дар миёни ақвоми ориёӣ, ба мисли хатҳои паҳлавӣ, портӣ, сугдӣ, хоразмӣ аз хатти оромӣ иқтибос шудаанд.

Муҳимтарин катибаҳои форсии бостон инҳоянд: катибаи Арёрамна, катибаи Аршом, катибаи Куруш, катибаҳои Дориюш, катибаҳои Бесутун, Форс, Шуш, Суиз, Ҳамадон, катибаҳои Хишоёршо, катибаҳои Ардашери аввал ва ғайра. Муҳтавои катибаҳои мазкур, ки аз нигоҳи ҳаҷм гуногунанд, шомили матолибе марбут ба сиёсату ҳукумат аст.

Имтидоди таърихии ривоҷи забонҳои давраи миёна, агарчи аз ҳудуди соли сесади қабл аз мелод, то соли ҳафтсади мелодӣ таъйин шудааст, баъд аз давраи исломӣ низ, ки оғози давраи нав ба ҳисоб меравад, баъзе забонҳои давраи миёна роиҷ буда ва ба онҳо осоре таълиф шудаанд. Забонҳои давраи миёнаро ба ду даста: забонҳои миёнаи эронии ғарбӣ ва забонҳои эронии миёнаи шарқӣ тақсим мекунанд. Аз гурӯҳи аввал аз ду забон: портӣ (паҳлавониг ё паҳлавии ашконӣ), ки забони роиҷи давраи Ашкониён (250 қ.м.-224 м.) маҳсуб мешуда ва форсии миёна (ё паҳлавӣ), ки забони расмии даврони Сосониён буда, осор боқӣ мондааст.

Аз давраи Модҳо то замони мо осори мактуб боқӣ намондааст, аммо муҳаққиқони адабиёти қадим, аз ҷумла Аҳмади Тафаззулӣ, бар онанд, ки дар ин давра достонҳо, қиссаҳо ва ашъор мавҷуд буда, аз рӯйи навиштаҳои муаррихони юнонӣ ба баъзе аз номгӯйи онҳо ва муҳтавояшон огоҳӣ ба даст овардан мумкин аст. Хунёгарон бо лаҳнҳои гуногуни мусиқӣ диловариҳои Куруш ва ҷанги ӯро бо Астиёг пешгӯӣ мекардаанд. Достонҳои марбут ба Куруш ба адабиёт ҳам роҳ ёфта, мардум дар сурудаҳову таснифоти хеш аз ӯ тамҷид ва таҳсин мекардаанд. Намунаи достонҳои ошиқонаи ин давр достони "Зарёдирас ва Удотис" аст, ки дар он рӯзгорон шуҳрати зиёд доштааст.

**Адабиёти шифоҳии қадим**. Адабиёти форсу тоҷик ба тариқи умда аз нигоҳи хат ва китобати осори адабӣ ду марҳиларо аз сар гузаронидааст: 1. Суннати шифоҳӣ, ки аз оғози тамаддуни ақвоми ориёӣ шурӯъ гардида ва то замони

марсум шудани расми китобат ҳам идома пайдо кардааст; 2. Ба миён омадани осори мактуби адабӣ, ки аз замони китобати “Авесто” дар давраи муборизаҳои мазҳабӣ (ҷангҳои салибӣ) оғоз шудаву то кунун идома дорад.

Суннати шифоҳии адабиёти қадим аз хосияти асосии адабиёт дар марҳалаи аввали пайдоиш ва завқи адабии офарандагони он дарак медиҳад. Бино бар назаре маъруф, кулли адабиёт то ҳудуди ҳазораи чоруми пеш аз мелод шифоҳӣ будааст. Аз ин нигоҳ, адабиёти шифоҳӣ шомили мероси қадимии ҷомеаи башар буда, бозтоби тахайюл, эҳсос ва дарёфти онҳо дар давраҳои гуногуни ҳаёташон аст. Дар миёни ақвоми орийӣ низ то дер замоне ба китобат даровардани асотиру ривоёти адабиву динӣ маъмул набудааст. Сабти онҳоро лозим намедонистаанд, балки сина ба сина ҳифз ва аз насл ба насл интиқол мешудааст. Он чиро ки дархури нигориш медонистаанд, матолиб ва асноди давлатие будааст, ки моҳияти сиёсиву иқтисодӣ доштаанд. Намунаи чунин осори мактуб катибаҳои форсии бостон, паҳлавӣ, чармнавиштаҳо ва сафолнавиштаҳо ба ҳисоб меоянд. Аз ҳамин ҷост, ки китоби “Авесто” ҳам қарнҳо аз забон ба забон мегузашт, сина ба сина ҳифз мешуд ва танҳо дар замони Сосониён ба китобат дароварда шуд.

Дар форсии бостон ба сурати шифоҳӣ мавҷуд будани адабиёти ҳамосӣ низ, тибқи ахбори нависандагони юнонӣ, тасдиқ мешавад. Бахусус, дар давраи Ҳахоманишиҳо, ки дар ин бора дар фасли баъдӣ таваққуф мешавад.

Адабиёт дар давраи Портҳо (Ашкониён) ҳам ба сурати шифоҳӣ ҳифз мешуд. “Қиссагӯёну наққолон, – менависад А. Тафаззулӣ, – афсонаҳоро сина ба сина нақл мекарданд. Гурӯҳе аз онон гусон ном доштанд. Инон шоирон ва мусиқидонони даврагарде буданд, ки достонҳоро, хусусан, ба шеър нақл мекарданд”. Бояд махсус таъкид кард, ки нақши гусонҳо дар интиқоли достонҳои қадима ба давраи Сосониён ва ворид шудани онҳо ба адабиёту мунъакис шуданашон дар “Худойнома” ва “Шоҳнома” бағоят бузург аст. Манзумаи ошиқонаи “Вису Ромин”, баъзе аз достонҳои “Шоҳнома”, ба мисли “Бежану Манижа”, ки дорои мазмуни ошиқонаанд, асли портӣ доранд.

Ҳамин тавр, адабиёти шифоҳии қадим ҳамроҳ бо суннати шифоҳии ривоҷи адабиёт дар миёни ақвоми орийӣ аз қадимтарин даврони таърихӣ оғоз гардида, то замони

Ашкониён (250 қабл аз мелод – 226 мелодӣ) идома пайдо мекунад. Фаъолияи гусонҳо дар замони Ашкониён намунаи гӯёи ривоҷи суннати шифоҳии офаридаҳои завқи бадей мебошад. Вожаи "гусон" лугати портӣ буда, ба маънии ромишгар ва хунёгар аст. Гусонҳо матнҳои адабӣ ва ривоётро ба гунае иҷро мекардаанд, ки забони вижа ва моҳияти адабии онҳо, дар баробари сухани муқаррарии ҳамарӯза, ба воситаи бо оҳанги махсус иҷро кардан мушаххас мешудааст.

Суннати шифоҳии адабиёти форсу тоҷик то давраҳои баъд аз исломӣ ҳам роиҷ буда ва намунаи имрӯзини он баъзе жанрҳои эҷодиёти шифоҳии халқ, ба мисли қиссаҳо, чистонҳо ва таронаҳои мардумӣ мебошанд, ки аксар аз забон ба забон мегузаранду сина ба сина ҳифз мешаванд. Яке аз сарчашмаҳои асосии афсонаҳо, устураҳо ва достонҳои ҳамосӣ дар давраи баъдазисломӣ ривояти сина ба сина нақл шудаи онҳост. Аз ҷумла, Аблуқосим Фирдавсӣ дар кори офариниши "Шоҳнома" аз суннати мазкур низ суд ҷустааст.

Гузаштан аз суннати шифоҳӣ ва расми китобати осори адабиву динӣ ба чанд сабаб бастагӣ дорад, аз ҷумла: 1. Мубориза҇ҳои мазҳабӣ ва, дар натиҷа, ба миён омадани эродоте, ки аз тарафи "милали соҳибкитоб, хусусан масеҳиён" бар ориёинажодон гирифта мешуд; 2. Бими аз миён рафтани осори паҳлавӣ, бахусус дар огози аҳди исломӣ, ки дар он замон таълифи ниҳоии онҳо ба миён омада буд; 3. Кам шудани теъдоди мӯбадон, ки онҳо барои аз ҳифз хондани китоби муқаддаси худ ва ҳатто шарҳу тафсири он зиёд алоқаманд буданд; 4. Ба китобати асарҳои худ аҳаммият додани Монӣ ва пайравони вай, ба сабаби он ки онҳо бо адён ва фарҳанги сомӣ ошноӣ доштаанд.

Пайдоиши давлат ва дин сабаб шуд, ки асотири қадимӣ ба конуни динӣ даромада, шакли устувори маъно ва мазмуни мазҳабӣ гирифтанд. Аз сӯйи дигар, раванди инкишофи фикрӣ тотема ва асотири қадимиро ба афсонаи пайванди фикридошта табдил дод. Дар натиҷа сабти асотири қадимӣ ба сурати аркони мазҳабӣ ва диди афсонаӣ ба китобат даромаданд. Ахбори таърихии шифоҳӣ ба сурати ривоят даромад ва асоси достонии адабиёт гардид.

**Тамаддуни Ҳахоманишиҳо ва кеши Зардуштӣ**. Тамаддуни ҳахоманишӣ аз суннати шифоҳии мардумони ориёинажод сарчашма мегирад. Забони девонии давраи Ҳахоминишиён забони оромӣ буд, ки баъдтар (аз ҳудуди нимаи 2 асри I пеш

аз мелод) ҷойи онро забони портӣ мегирад. Хатти портӣ аз хатти оромӣ иқтибос шуда буд. Забони портӣ дар империяи Ашкониён, ки худро ҷонишини Ҳахоманишиҳо медонистанд, забони расмӣ буд.

"Дар давраи Ҳахоманишӣ, – менависад Аҳмади Тафаззулӣ, – илова бар асноди бойгонии давлатӣ маҷмӯае аз ривоётн ҳамосӣ, ҳаммонанди "Худойнома"-и паҳлавӣ ё "Шоҳнома", эҳтимолан ба сурати шифоҳӣ ва бо гунаҳои мухталиф вуҷуд доштааст, ки нависандагони юнонӣ аз онҳо истифода кардаанд". Ривоёти марбут ба Куруш, достонҳои Заҳҳок, Афросиёб, Ардашер, Кайхусрав, Кайқубод, Доро, Фаридун, Зол, Шопур, ки ба сурати афсона ҳикоят мешудаанд, низ аз ҷумлаи ривоёти шифоҳии Ҳахоманишиён будаанд.

Аз ҷумлаи муҳимтарин бозмондаҳои тамаддуни Ҳахоманишӣ катибаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ – Куруш (559-530 қабл аз мелод), Дориюши аввал (522-486 қабл аз мелод), Хишоёршо (486-465 қабл аз мелод) мебошанд. Аз Куруш се катиба дар дашти Мургоб ба даст омаддаст, ки мундариҷаи онҳо муаррифии худи шоҳ аст. Аз Дориюш чанд катиба дар Бесутун, Форс (Тахти Ҷамшед, Нақши Рустам), Шуш, Суиз, Алванд, Ҳамадон боқӣ мондааст, ки муҳимтарини онҳо катибаи Бесутун мебошад. Дар ин катиба ба салтанат расидан ва галабаи Доро бар Бардиёи госиб ва шӯришиён баён шудааст. Ин катиба муфассалтарин катибаҳои форсии бостон маҳсуб гардида, дар панҷ сутун ба се забон: форсии бостон, аккадӣ (бобулӣ), эломӣ навишта шудааст. Инчунин, як катибаи ҳаждаҳ сатрӣ ҳам аз Бесутун пайдо шуда, ки шомили муаррифии Дориюш аст. Даҳ катибаи хурди дигар ҳам дар Бесутун ёфт шуда, ки дар онҳо номи шӯришиён зикр шудааст.

Ҳафт катиба дар Тахти Ҷамшед барҷой монда, ки катибаҳои мухтасар шомили муаррифии Дориюш ва катибаҳои муфассал фарогири матолиби зайланд: мадҳи Аҳуромаздо, тавсифи сарзамини Порс, дуо; муаррифии Дориюш, сарзаминҳое, ки хироҷгузори ӯ буданд, андарз ба фармонравоёни оянда, дуо. Катибаи дигари Тахти Ҷамшед, ки бар рӯйи лавҳаи тилло ва нуқра нигошта шудааст, дар бораи тасарруфи қаламрави Сакоҳо мебошад.

Дар Нақши Рустам ҳам чанд катибаи хурд, ки шомили муаррифии дарбориёни худи Дориюш ва мардони сарзаминҳои дигар аст ва ду катибаи бузургтар ба даст

омадааст. Катибаҳои бузург аз шаст сатр иборат буда, фарогири матолиби зерinанд: мадҳи Аҳуромаздо, муаррифии Дориюш, баршумурдани сарзаминҳои хироҷгузори Эрон, дар бораи фурӯ нишондани шӯришҳо, шукргузорӣ аз Аҳуромаздо, дуо барои худу хонаводааш, андарз ба фармонравоёни оянда; мадҳи Аҳуромаздо, муаррифии худ, равиши фармонравоӣ, хусусиёти ҳунарҳо ва фазоили ӯ, андарз ба дигарон.

Аз Дориюш дар Шуш ҳам катибаҳое боқӣ монда, ки миқдорашон нуздаҳтост. Аз ин миён муҳимтаринашон ду катибаи панҷоҳу ҳаштсатрӣ мебошад, ки муштамил бар нукоти зайланд: мадҳи Аҳуромаздо, муаррифии Дориюш, номи сарзаминҳои хироҷгузор, равиши ҳукумат ва шарҳи баъзе аз корҳои Дориюш, дуо ба худ; мадҳи Аҳуромаздо, муаррифии Дориюш ва ситоиши Аҳуромаздо, ки подшоҳиро ба ӯ ато кардааст, дар бораи сохтани кохи Шуш ва маводи сохтмонӣ, ки дар он ба кор рафтааст, дуо ба худ, падар ва кишвараш.

Катибаҳои дигари боқимонда аз Дориюш ҳам, ки дар Суиз (се катиба), Алванд ва Ҳамадон ёфт шудаанд, аз нигоҳи мундариҷа тақрибан ба ҳам монанд ҳастанд. Донишмандон бар онанд, ки эҳтимолан, катибаи Алванд ба дастури Хишоёршо нигошта шудааст.

Аз худи Хишоёршо ҳам катибаҳое дар Тахти Ҷамшед, Шуш, Вон ва Ҳамадон боқӣ мондааст. Аз ин подшоҳ дар Тахти Ҷамшед дувоздаҳ катиба ба даст омадааст, ки ҳаҷман мухтасару муфассаланд. Катибаҳои кӯтоҳ дар муаррифии шоҳ ва ёдоварии бинои кохе ё сохтмоне нигошта шудаанд. Катибаҳои дароз фарогири матолибе аз ин қароранд: мадҳи Аҳуромаздо, муаррифии Хишоёршо, зикри сохтани даҳлезе дар Тахти Ҷамшед ва бинои сохтмонҳои дигар, зикри сохтани кохе ба фармони падари Хишоёршо – Дориюш, зикри Дориюш ба унвони падар ва Гуштосб ба унвони ҷадди худ, дар ин хусус, ки Дориюш аз миёни ҳамаи фарзандонаш Хишоёршоро ҷонишини хеш қарор додааст, сарзаминҳои зери султаи шоҳ, фурӯ нишондани шӯришҳо дар ин сарзаминҳо, зикри хароб кардани парастишгоҳҳои худоёни матруд (дайваҳо) ва ислоҳи корҳои нодурусте, ки дар он маконҳо анҷом гирифта буд, андарз, дуо.

Катибаҳои Хишоёршо, ки дар Шуш боқӣ мондаанд, се катибаи кӯтоҳанд, ки дар ёдбуди бинои коханд. Як катибаи

бистсатрии дигар аз ин подшоҳ дар Алванд ба даст омада, ки дар мадҳи Аҳуромаздо ва муаррифии шоҳ нигошта шудааст. Як катибаи Вон низ ба ҳамин подшоҳ марбут буда, дар бисту ҳафт сатр фарогири мадҳи Аҳуромаздо, муаррифии шоҳ, зикри биное, ки Дориюш сохтаву Хишоёршо ба ёдбуди он катибае нигоштааст ва дуо мебошад. Катибае дигаре аз Ҳамадон ёфт шуда, ки бар рӯйи ҷоме нуқрагин чунин мазмун ҳак шудааст: ин (ҷом) дар хонаи Хишоёршо сохта шуда.

Аз Ардашери аввал (465-425) як катибаи ёздаҳсатрӣ дар Тахти Ҷамшед боқӣ монда, ки фарогири матолиби зайл аст: мадҳи Аҳуромаздо, муаррифии шоҳ, итмоми кохе, ки Хишоёршо шурӯъ карда буда ва ин шоҳ ба итмом расонидааст.

Аз шоҳони дигари Ҳахоманишӣ ҳам катибаҳои хурде дар Шуш, Ҳамадон ва Тахти Ҷамшед боқӣ мондаанд, ки тақлиде аз катибаҳои шоҳони пешин ҳастанд. Ҳамаи ёдгориҳои мазкур, бахусус катибаҳои форсии бостон, ки ба хатти мехӣ нигошта шудаанд, дар маҷмӯъ, аз нигоҳи таърихӣ пурқиммат буда, барои ҷусторҳо дар илми таърихи забон ва забоншиносӣ маводи бисёр арзишманд маҳсуб мешаванд. Бино ба таъкиди Аҳмади Тафаззулӣ, катибаҳои бозмонда аз Дориюш "қадимтарин асноди мактуби эронист, ки дар замони таълиф ба нигориш даромадааст". Агар катибаҳои мазкурро ҳамчун матн пеши назар биёрем, дорои равиши хоси нигориш буда, аз муқаддима, матни аслӣ ва хотима ташкил шудаанд. Муқаддима шомили ситоиши Аҳуромаздо ё муаррифии худ, хотима фарогири андарзу дуо буда, дар матн матолиби марбут ба сиёсату ҳукумат зикр шудааст.

**Адабиёти авестоӣ**. Адабиёти авестоӣ шомили китоби муқаддаси зардуштиён – "Авесто" ва асарҳои дигаре мебошад, ки дар заминаи тарҷума ва тавзеҳи ҳамин асар ва бо таваҷҷуҳ ба андешаҳои алоқаманд ба ойини зартуштӣ таълиф шудаанд. Қадимтарин ёдгории боқимондаи адабиёти авестоӣ "Готҳо" мебошад, ки дар бораи он баъдтар таваққуф хоҳем кард.

Адабиёти авестоӣ, пеш аз ҳама, бо номи Зардушт алоқаманд аст, чунки зербинои мафкура ва асоси ғоявии осори авестоӣ аз таълимоти ӯ сарчашма мегирад. Зартушт фарзанди Дуғдва ва Пурушасб, аз дудмони Ҳаечадасбон, хонадони Спентамон (Испитамон) буда, 77 солу 40 рӯз зиндагӣ кардааст. Ин шахсияти таърихӣ бо таълимоти хеш

рози зистанро намоён сохта, дини ҷадидеро бунёд ниҳода, дар ҷаҳон густариш дода ва дар як давраи муайяни таърихӣ нақши раҳнамои хирад ва самти расидан ба ҷовидонагиро иҷро кардааст. Таълимоти ӯ то имрӯз ҳам боқист ва пайравон дорад.

1. **Мазмун ва мундариҷаи "Авесто".** "Авесто" нахустин ва қадимтарин китоби халқҳои эронинажод аст. Бунёди "Авесто" аз ҷониби пайғамбари зардуштиён – Зартушт (Зардушт = Заратуштраи Спитамон) дар нимаи асри шашуми то мелод гузошта шудааст. Ҳамаи матолиби ин китобро, ба ривояти "Авесто" ва китобҳои паҳлавӣ, Урмузд (Аҳуромаздо) ба Зардушт илҳом ва иблоғ кардааст. Зардушт тақрибан дар ҳудуди ҳазораи пеш аз милод мезиста ва аз ин рӯ, қадимтарин бахшҳои "Авесто" ҳам дар ҳамон замон ба миён омадаанд.

Дар ин давра силсилаи Каён, ки аз аҳолии Систон будаанд, бар Эронвиҷ фармонравоӣ мекарданд. Охирин шоҳи ин хонадон Виштоспа ё Гуштосб ном дошта ва Зардушт дар замони вай зуҳур ва дини хешро ошкор кардааст. Зардушт вақте ки дини худро ба ин шоҳ арза мекунад, ӯ қабул карда, дар густариши он саҳм мегузорад. Мувофиқи хабари "Шоҳнома"-и Саолибӣ, Гуштосб баъд аз марги Зардушт ҳам дар ривоҷи дини вай кӯшишҳо карда ва дар пайравӣ ба ӯ писараш – Исфандиёр ҳам роҳи падарашро идома додааст. Воқеаи ба кини Зардушт бераҳмона қатл кардани мухолифини ӯ дар китоби мазкур навишта шудааст.

Мувофиқи ривояти зардуштиён, Зардушт ба фармони Гуштосб китоби «Авесто»-ро ҳамроҳ бо тафсири он – "Занд" ба хатти заррин бар рӯйи дувоздаҳ ҳазор пӯсти гов ё алвоҳи заррин навишт ва онро дар ганҷи шоҳӣ ё хизонаи оташкадаи Самарқанд ниҳод. Ба ривояти дигар, бо дастури Дориюши савум (335-6 то 330 қ.м.) ҳамаи "Авесто" ва "Занд"-ро дар ду нусха, яке дар хизонаи шоҳӣ ва дигаре дар дизи Нибишт (дижи Напишан) нигоҳ доранд. Тақдири таърихии нусхаҳои мазкур ба Искандар алоқаманд мешавад. Бо омадани ин шоҳи худкома нусхаи мавҷуд дар дизи Нибишт ба дасти румиён меафтад ва онро ба забони юнонӣ тарҷума мекунанд. Дар номаи мӯбадон мӯбади замони Ардашери Бобакон (226-241 м.) – Тансар (Тавсар) омада, ки Искандар китоби "Авесто"-ро, ки бар дувоздаҳ ҳазор пӯст навишта шуда буд, дар Истахри Форс сӯзонид. Баъд аз ин ҳодиса танҳо яксавуми он дар дилҳо боқӣ мондааст.

Баъд аз ҳодисаи мазкур чандин подшоҳон дар давраҳои гуногун кӯшиш кардаанд, ки "Авесто"-и боқимондаро ҷамъоварӣ намоянд. Ҳамин иқдом аз ҷониби Балоши ашконӣ (ҳудуди 51 то 76-80 м.), Ардашери Бобакон (226-241 м.), Шопури аввал (241-272 м.), Шопури дувум (309-379 м.), Хусрави Анушервон (531-579 м.) сурат гирифтааст. Бахусус, саҳми подшоҳи охир дар бақои "Авесто" қобили ситоиш аст. Вай бинобар он ки матолиби зардуштӣ аз тариқи суннати шифоҳӣ ба сурати пароканда паҳн шудааст, нахуст, аз ҳамаи рӯҳониён дархост кард, ки "ба тафаккур дар бораи "Авесто" ва "Занд" бипардозанд ва аз ёфтаҳои худ бар дониши мардуми ҷаҳон бияфзоянд". Сонӣ, гурӯҳе аз мӯбадони зардуштӣ бо сарварии мӯбадон мӯбади замони Хусрави Анӯшервон – Виҳ Шопур бисту як наски "Авесто"-ро таъйин карданд, шоҳ ба иттифоқи назар ва раъйи худ ба он муҳр ниҳод. Бисту як наски машҳури давраи Сосониён аз ҳамин нусха бармеояд, ки он ба сурати се китоби бузург тадвин шуда буд. Ҳар китоб шомили ҳафт бахши бузург буда, ки ба истилоҳи паҳлавӣ "наск" номида мешуда ва ҳар кадом аз наскҳо ба фаслҳову ҷузъҳои хурдтари дигар тақсим мешудаанд.

Ба ҳар сурат, бо сабабҳои гуногуни таърихӣ ва гузашти замону тағйири мафкураҳо матни "Авесто" ба пуррагӣ то ба мо нарасидааст. "Авесто"-е, ки имрӯз дар даст дорем, аз чор як ҳиссаи китобест, ки дар замони Сосониён вуҷуд дошта ва он дар сурати боқимонда шомили матнҳоест, ки онҳоро дар маросимҳои диниву ибодатӣ истифода мекардаанд. Хулосае аз матолиби "Авесто"-и замони Сосонӣ, ки ба паҳлавист, ҳамроҳ бо зикри номи се китоби бузурги мазкур ва бисту як наски "Авесто" дар китоби ҳаштуми "Динкарт" ҷой дода шудааст. «Авесто»-и мавҷудро дар сурати боқӣ мондааш ба панҷ бахши зерин тақсим мекунанд:

1. Ясна
2. Виспарад
3. Вандидод
4. Яштҳо
5. Хурда Авесто.

Ба сурати куллӣ, инчунин, матнҳои боқимондаи авестоӣ бо таваҷҷуҳ ба махсусиятҳо ва қидмати замониашон ба ду даста тақсим мешаванд: а) мутуни гоҳонӣ ва б) мутуни Авестои мутааххир.

**Мутуни гоҳонӣ ё «Авесто»-и гоҳонӣ** шомили «Готҳо» («Гоҳон» ё «Госоҳо»), «Ҳафт ҳот» (ба авестоӣ «Яснаҳои Ҳаптанга ҳаитӣ», ба форси миёна «Ҳафтан-яшт») ва чаҳор дуои мастур дар ясни бисту ҳафтум мебошад.

**«Готҳо»**. «Гоҳон» ҷамъи «Гоҳ» (дар «Авесто» ба сурати «Госо» омадааст) ва ба маънии суруд аст. «Гоҳон» қадимтарин бахши «Авесто» буда, дар навбати худ, куҳантарин асари адабии ақвоми ориёинажод маҳсуб мешавад, ки барҷой мондааст. Сарояндаи сурудҳои мавҷуд дар «Гоҳон» худи Зардушт мебошад. Авестошиносон бар онанд, ки «Гоҳон» муштамил бар 17 суруд буда, дар «Авесто»-и кунунӣ дар миёни «Яснаҳо» қарор дошта, яснаҳои 28 то 34, 43 то 51 ва 53-юмро ташкил медиҳад. Ақидаҳои асосии Зардушт дар ҳамин сурудҳо инъикос шудаанд.

«Гоҳон» дар давраи Сосониён ба забони паҳлавӣ тарҷума шуда ва он то имрӯз боқист. Сабаби ба миён омадани ин тарҷума дар он аст, ки дар ин давра фаҳми забони «Гоҳон» барои мӯбадони зардуштӣ мушкил шуда ва гоҳе номумкин ҳам будааст. Дар сад соли охир матни асар бо номи «Готҳо» борҳо бо кӯшиши Иброҳими пури Довуд (1925 дар Бамбай), мубад Озаргушасп (Теҳрон, 1974 ва 1980), Аббоси Меҳрин (Теҳрон, 1975), Алиакбари Ҷаъфарӣ (Теҳрон, 1993) тарҷума ва чоп шудааст. Матни тоҷикии «Готҳо» ба хатти кириллии тоҷикӣ низ ба чоп расидааст. Матни тоҷикии онро Муаззами Диловар аз рӯйи кори Алиакбари Ҷаъфарӣ баргардон ва ба чоп омода кардааст.

Шеъри гоҳонӣ аз назари сохторшиносӣ ба ашъори ведоӣ монандӣ дорад: ҳар банд шомили абёте бо теъдоди собити ҳиҷоҳост. Ин шабоҳат ба муштаракоти фарҳангӣ ва шеъри ҳинду эронӣ далолат мекунад. Муштаракоти ақвоми ҳиндӣ ва эрониро, қабл аз ҳама, дар адабиёти санскрит ва адабиёти авестоӣ метавон ҷустуҷӯ кард, ки ишора ба як давраест, ки ба он давраи ҳиндуэронӣ мегӯянд ва дар он замон ҳиндувону эрониён мероси муштараке доштаанд.

Авестошиносон «Гоҳон»-ро ба панҷ бахш тақсим кардаанд, ки иборатанд аз: 1. Аҳунавад, 2. Уштавад, 3. Спантамад, 4. Ваҳухшатр ва 5. Ваҳиштуяшит. Бахшҳои мазкур ҳар кадом аз фаслҳо иборат будаанд, ки онҳоро ба паҳлавӣ «ҳот» ё «ҳод» (аз вожаи авестоии «ҳойтӣ») мегуфтаанд. Ҳамин фаслҳо дар давраи нав «ҳо» номида мешавад.

Барои рӯшантар шиносонидани таркиб ва моҳияти «Готҳо» нақли андешаҳои зеринро аз тавсифи Алиакбари Ҷаъфарӣ зарур мешуморем, ки дар муқаддимаи матни тоҷикии асар омадааст: «Зартушт паёми худро дар 241 банд суруд ва дарёе аз ниёишу ситоиш ва донишу бинишро зебову хушнаво дар кӯзае банд намуд. Ин 241 банд дар ҳафдаҳ суруд омадаанд ва он ҳафдаҳ суруд дар панҷ сангу оҳанг ороста шудаанд. Худаш ҳар банду ҳар суруду ҳамаи шерозаро Мантра мехонад ва он маънии сухани «андешаангез» аст, зеро хост аз барангехтани хираду ҷунбонидани ҳуш мебошад. Ёронаш бо арҷе, ки ба ин сурудҳо мегузоштанд, ҳамаро якҷо «Готҳо» ба маънии «Сурудҳои пок» ёд кардаанд ва мо низ ба пайравӣ аз онон онҳоро «Готҳо» мегӯем.

Ҳар кадом аз ҳафдаҳ суруд гӯёи сухане вижа мебошад, ки даре аз дарҳои зиндагониро мекушояд, аммо ҳар банде низ ба ҷои худ чун чароғе медурахшаду роҳ менамояд».

**«Ҳафт ҳот».** «Ҳаптанга ҳаитӣ» ё «Яснаи ҳафтфасл» яснаҳои 35 то 41-ро ташкил медиҳад, ки дар сурати кунунӣ ба наср навишта шуда, аммо дар асл манзум будааст. Фаслҳои мазкур баъд аз «Гоҳон» қадимтарин бахши «Авесто» ба ҳисоб меоянд. «Ҳафт ҳот» иборат аз ҳафт сурудест, ки аз суханони беш аз ду нафар ёрони Зартушт таркиб ёфтааст. Сурудҳои ҳар ҳафт ҳот шомили ниёишоти нағзе дар заминаҳои вижаест. Баракси «Готҳо», ки бо суханони ғайр омезиш наёфтааст, ба матнҳои «Ҳафт ҳот» тағйирот ба амал омада, ки бештари онҳо барои равшан шудани гуфтае афзуда шудаанд.

Матни тоҷикии «Ҳафт ҳот» дастрас аст. Он дар идомаи нашри тоҷикии «Готҳо» ба хатти кириллии тоҷикӣ чоп шуда, ки дар саҳифаҳои 83-94 ҷой дода шудааст. Матни тоҷикии «Ҳафт ҳот»-ро донишманди тоҷик Муаззами Диловар аз рӯйи нашри форсии Алиакбари Ҷаъфарӣ омода кардааст.

**Мутуни «Авесто»-и мутааххир** фарогири матнҳои зерин буда, панҷшашум аз китоби «Авесто»-ро ташкил медиҳанд: қисмате аз «Яснаҳо», «Виспарад», «Хурда Авесто» (бо бахшҳои ниёиш, гоҳ, сирӯза, офарингон), «Яштҳо», «Вандидод»; «Ҳирбадистон» (марбут ба таҳсилоту мутолиоти ҳирбадӣ ва вазоифу таколифи ҳирбадон), «Найрангистон» (шомили шарҳи қавонини ойинҳои динӣ), «Ҳодухтнаск» (се қатъа, ки нахустин марбут ба аҳаммият ва эътибори дуои “ашим ваҳу” ва дуи баъдӣ оид ба сарнавишти равон пас аз марг), «Авгимадайчо» (дар мавзӯи марг), «Вайсонаск»

(перомуни издивоҷи номашрӯъ ва ишороте ба баъзе ойинҳои динӣ), «Офарин пайгомбар Зардушт» (матни кӯтоҳе шомили дуои Зардушт ба Гуштосб ва тавсифи шоҳону қаҳрамонони бостон ва эзадон), "Виштосп (Гуштосб)-яшт» (дар 8 фаргарду 65 банд, ки тавассути он Зардушт мухтасаре аз усули дини хешро ба Гуштосб меомӯзад).

Бахшҳои мазкур дини зардуштии мутааххиртарро муаррифӣ мекунанд. Бино ба таҳқиқи Аҳмади Тафаззулӣ, «пас аз Зардушт ва шояд дар ҳамон замони ӯ бисёре аз ақоиди қадими эронӣ ва ҳинду эронӣ, ки дар ниёишҳо ва ойинҳои динии худоёни қадим мунъакис буд, ҳамроҳ бо устураҳову афсонаҳои ин худоён ё ойинҳои динии пеш аз Зардушт бо ақоиди ин паёмбар даромехт ва аз он мутуни Авестоии мутааххир ҳосил шуд». Чунин талфиқ "бар асари густариши дини зардуштӣ дар навоҳии мухталиф» ба миён омадааст.

«Авесто»-и мутааххир, инчунин, дуъоҳо ва азкореро ҳам дар бар мегирад, ки пас аз Зардушт таълиф шудаанд.

Нуктаи дигар ин аст, ки дар хусуси таърихи таълиф ва тадвини «Авесто»-и мутааххир маълумоти дақиқ дар даст нест. Тақрибан қадимтарин бахшҳои он – «Яштҳо»-и куҳан (ба сурате, ки имрӯз боқист) дар асрҳои ҳашт ё нуҳуми пеш аз мелод, ҳудуди як аср пас аз «Гоҳон», таълиф ва тадвин шудааст.

Мундариҷаи мухтасари матолиби «Авесто»-и мутааххир ба қарори зайл аст:

1. **Яснаҳо**. Калимаи «ясн» ба маънии парастиш ва ниёиш аст. «Гоҳон» ва «Ясной ҳафтфасл», ки бахшҳои қадимианд, дар миёни «Яснаҳо» қарор доранд, бинобар ин, шумораи яснаҳо ҳамроҳ бо онҳо ба 72 баробар мешавад. Агар ин ду бахши қадимиро ба назар нагирем, теъдоди яснаҳо 38-то аст. Матолиби «Яснаҳо», аз ҷумла, чунинанд: зикри эзадоне, ки ба ширкат дар маросими ясно хонда мешаванд ва нисорҳое, ки ба онон тақдим мегардад (ясни 1-8), гуфтугӯи Аҳуромаздо ва Зардушт ба тавсиф ва аҳаммияти шираи гиёҳи ҳум… (ясни 9-11), ситоиши ҳум (ясни 10), нафрини гову асп… (ясни 11), дуои иқрор ба дини маздоясно, яъне зардуштӣ (ясни 12-13), дар ситоиши намоз (ясни 58), ситоиши оташ (ясни 62) ва гайра.

2. «**Виспарад**». Калимаи «виспарад» ба маънии ҳамаи радон (сарварон). Ин бахш ба «Яснаҳо» монанд буда, матолиби он аз он ҷо иқтибос шуда ва дар такмили онҳост. «Виспарад» аз 24 бахш иборат аст, ки «карда» номида

шудааст. Матолиби он ҳамроҳ бо бахши қаблӣ дар маросими динӣ, инчунин, дар Наврӯз ва гоҳанборҳо, яъне ҷашнҳои шашгонаи фаслӣ хонда мешуд.

3. **«Хурда Авесто»**. «Хурда Авесто», яъне «Авесто»-и хурд аз маҷмӯаи дуоҳои кӯтоҳи хос иборат аст, ки онҳоро мардуми одии зардуштӣ дар мавқеиятҳои хоссе мехонанд. Ин дуоҳо дар баробари дуоҳое қарор доранд, ки хондани онҳо дар маросимҳои динӣ хоси рӯҳониён аст. Тадвини «Хурда Авесто» ба мӯбадон мӯбади замони Шопури дувуми Сосонӣ (309-389 м.) – Озарбоди Маҳраспандон нисбат дода мешавад.

Муҳимтарин бахшҳои «Хурда Авесто» инҳоянд: 1. Ниёиш – панҷ дуо ба номи Хуршед, Меҳр, Моҳ, Об, Оташ, ки ҳар кадом дар мавқеъҳое аз рӯз ё моҳ бояд хонда шавад; 2. Гоҳ – шомили дуоҳоест, ки дар панҷ ҳангом аз шабонарӯз бояд хонда шавад; 3. Сирӯза – фарогири дуоҳоест, ки ҳар як мутааллиқ ба яке аз сӣ эзадест, ки сӣ рӯзи моҳ ба номи онҳост; 4. Офарингон – аз дуоҳое иборат аст, ки ҳамроҳ бо эҳдои назрҳо мехонанд.

Дар «Хурда Авесто» шеърҳо ва дуоҳои кӯтоҳи дигаре ҳам мавҷуд аст.

4. “**Яштҳо**”. Вожаи “яшт” аз нигоҳи луғавӣ бо калимаи “ясн” ҳамреша буда, ба маънии парастишу ниёиш аст. Теъдоди яштҳои мавҷуд 21 адад буда, онҳо сурудҳое ҳастанд, ки ба ситоиши худоёни қадими ориёӣ: Меҳр, Ноҳид, Тиштар, Баҳром, Урмузд ва ғайра оид ҳастанд.

Аҳаммияти адабии “Авесто”, доираи фарогирии устураву ривояту достонҳо ва суннатҳои гуногуни диниву адабӣ дар ин китобро аз ҳамин бахши “Яштҳо” ҷустуҷӯ кардан ба мақсад мувофиқ аст. Масалан, “Яштҳо” қадимтарин манбаъест, ки дар он номи Ораши қаҳрамон зикр шуда ва ба тирандозии ӯ ишора шудааст. Ё худ, аз он ҷо дараке дар бораи шахсиятҳои асотириву таърихии мазкур дар ҳамосаҳои миллӣ, бахусус “Шоҳнома”-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсиро пайдо кардан мумкин аст. Бо номҳои Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун, Гуштосб ва дигарон борҳо вомехурем. Баъзе яштҳо оҳанги ҳамосӣ ҳам доранд, ба мисли бандҳои 25-77 Зомиёдяшт, ки ба фарраи шоҳон, қаҳрамонони асотирӣ ва аъмоли онон ихтисос дорад. Мавҷудияти забони шоирона ва ҳамосиро дар ҷой-ҷойи Зомёдяшт Авестошиносон мушоҳида кардаанд. Бо мақсади рӯшан шудани масъала андешаи зерини Аҳмади Тафаззулиро нақл мекунем, ки дар бораи хусусияти

шеърҳои “Яштҳо” ироа шудааст: “Аз он ҷо, ки “Яштҳо” ҳосили талфиқи эътиқодоти пеш аз Зардушт ва ақоиди зардуштист, бар ҳасби мазмун ду гуна ашъор дар онҳо қобили ташхис аст. Ашъоре, ки дар онҳо аз аъмоли эзадон ва қаҳрамонону шоҳони асотирӣ бо забоне шоирона сухан рафта ва дар онҳо сувари хаёлу ташбеҳҳои шоирона ба кор гирифта шудааст ва ашъоре, ки муштамил бар дуъоҳою азкори динист ва ранги зардуштӣ дорад. Дар ғолиби ашъори дастаи аввал абёт ҳаштҳиҷоӣ аст ва дар ашъори дастаи дувум бештар ба абёти ҳафтҳиҷоӣ ва нуҳҳиҷоӣ ва ғайра бармехурем. Бинобар ин, метавон эҳтимол дод, ки абёти “Яштҳо” усулан ҳаштҳиҷоӣ буда ва баъдҳо бар асари интиқоли шифоҳии “Авесто” аз сина ба сина, дар тайи қуруну аъсор ва сипас ба китобат даромаданаш, тағйироте дар теъдоди ҳиҷоҳо роҳ ёфтааст...”. Дар ин иқтибос, аз як тараф, қидмати замонии ашъор таъкид шуда бошад, аз ҷониби дигар, доираи мавзӯот ва сохтори шеърҳо мушаххас шудааст.

5. “**Вандидод**”. Ин вожа бо таваҷҷуҳ ба сурати қадимтари он – “видевдод” назди Авестошиносон ба маънии касе тавзеҳ ёфтааст, ки “қонунаш ҷудоӣ ва дурӣ” аз девон аст. Мафҳуми “Дев” дар асл ба маънии худо будааст, ҳамон даста аз худоёни ҳиндуэронӣ, ки Зардушт онҳоро матруд донистааст. Дар “Авесто” мафҳуми “деваясна” (ба маънии девпараст) бо “маздоясно” (маздопараст) дар тазод(д) қарор дода шудааст. Тағйири маънии дев аз худои матруд ба шайтон, ифрит дар давраи Сосониён роиҷ шудааст.

“Вандидод” ягона наски “Авесто”-и замони Сосониён аст, ки ба сурати комил боқӣ монда ва нуздаҳумин наск ба шумор мерафтааст. Он фарогири маҷмӯи қавонини таҳорат, гуноҳон, ҷароим ва товони онҳо буда, ба сурати суолу ҷавоб тадвин шуда ва аз 22 фасл (фаргард) таркиб ёфтааст. Пурсишҳо дар хитоб ба Аҳуромаздо аз забони Зардушт матраҳ шуда ва Аҳуромаздо ба онҳо посух гуфтааст. Матолибе ҳам мавҷуданд, ки аз доираи қавонини мазкур берун ҳастанд, ба мисли достони Ҷамшед, тӯфоне, ки дар ҷаҳон иттифоқ афтода ва ғайра.

«Авесто», чунонки қаблан зикр шуд, забони хоси худро дорад, ки аз шохаи забонҳои эронии хонаводаи ҳинду эронӣ мебошад. Забони авестоӣ ва порсии бостон ду забони қадимии эронӣ мебошанд. «Авесто» хатти махсусе дорад, ки барои нигориши вай ба кор меравад ва «диндабира» ном

дорад. Монанди алифбои форсӣ аз рост ба чап навишта мешавад. «Авесто» китоби муқаддаси зардуштиён аст. Дар вай таълимоти бунёдии ин дини қадимаи аҷдоди мо баён ёфтааст. Сухан аз офариниш, натиҷаи зиндагӣ, амал ва мақсуди инсон дар роҳи «расидан ба авҷи камол ва пайвастан ба беҳрӯзии ҷовидонӣ» бо «андешаи нек», «гуфтори нек» ва «кирдори нек» меравад.

2. **Маънии илмӣ ва адабии “Авесто”**. Дар бораи хат ва забони ин китоб маълумоти дақиқ дар даст нест. Маънии аслии калимаи “Авесто” низ рӯшан нест, ба тариқи эҳтимол маънии “ситоиш”-ро ба он нисбат дода, инчунин, маъниҳои “асос, асл” ва “матни аслӣ” ҳам таъкид мешавад. Ба номи аслии забоне, ки “Авесто” навишта шудааст, дар худи ҳамин китоб ҳам ишорае нашуда ва вожаи “Авесто” низ дар мутуни авестоӣ дучор намешавад. Ин вожаро дар китобҳои паҳлавии давраи Сосонӣ дучор шудан мумкин аст, ки ба гунаи “Абистоғ” забт шудааст. Дар забони арабӣ ба сурати “Абасто”, “Абастоқ” ва дар форсӣ ба шакли “Абасто”, “Авесто”, “Васто” ва ғайра дучор мешавад. Забони “Авесто”-ро баъзан “забони динӣ” низ номидаанд. Донишмандон забонеро, ки “Авесто” ба он навишта шудааст, забони авестоӣ ва хатти онро хатти авестоӣ номидаанд. Ба ин забон ба ғайр аз китоби “Авесто” ва асарҳои вобаста ба он дигар ҳеч асаре боқӣ намондааст.

Оид ба маншаи пайдоиш ва доираи ривоҷи забони авестоӣ аз ҷониби донишмандон андешаҳои гуногун ироа шудаанд. Дар он миён ба андешаи зерини Аҳмади Тафаззулӣ таваҷҷуҳ мекунем, ки намоёнгари марзи ҷуғрофиёии муайян мебошад: “...авестоӣ забоне мутааллиқ ба машриқи Эрон будааст ва имрӯза бештари донишмандон муътақиданд, ки ин забон ба навоҳии Осиёи Миёна, эҳтимолан ба ноҳияи Хоразм тааллуқ дошта ва манзур аз Эронвиҷи мазкур дар “Авесто” ҳамин ноҳия будааст. Гарчи баъзе донишмандони дигар навоҳии дигаре, монанди Систон, шимоли Хуросон (Марв – Балх)-ро низ пешниҳод кардаанд”.

## ДАВРАИ ФОСИЛА ВА ТАНАЗЗУЛИ АДАБӢ

Давраи фосила ва таназзули адабӣ, мувофиқи даврабандии таърихӣ, ҳудуди солҳои 334 қабл аз мелод то 226 мелодиро дар бар мегирад, ки аз шикасти давлати Ҳахоманишиён огоз гардида, то огози аҳди Сосониён идома пайдо мекунад.

Аз ҷумлаи давлатҳои муқтадире, ки пас аз инқирози ҳукмронии Искандар дар сарзамини ориёиён пайдо шуданд, яке давлати Портҳо (Ашкониён) буд. Ба забони портӣ (паҳлавии ашконӣ) ҳеч навиштаи адабӣ боқӣ намондааст. Дар ин аҳд аснод ва номаҳо дар огоз ба пайравӣ аз Ҳахоманишиҳо ба забони оромӣ навишта мешуданд. Дар баробари оромӣ забони юнонӣ низ яке аз забонҳои расмии империяи Ашконӣ буд. Чунонки шоҳони Ашконӣ то муддатҳо асомии хешро бар рӯйи сиккаҳо ба юнонӣ ҳак мекарданд. Баъдтар, шурӯъ аз нимаи қарни аввали мелодӣ, ба ҷойи ин забонҳо забони портӣ маъмул шуд. Ба забони портӣ, ё худ паҳлавии ашконӣ катибаҳо, сангнавишта, чармнавишта, сафолнавишта, фулузнавиштаҳо боқӣ мондаанд, ки дар миёни онҳо осори бозмонда аз даврони ҳукумати Ашкониён хеле кам аст ва муҳимтарини онҳо аз давраи Сосониён боқӣ мондаанд.

**Достони «Дарахти Асуриг».** «Дарахти Асуриг» («Дарахти асурӣ») манзумаи ҷолибе аз аҳди паҳлавӣ мебошад, ки аз забони портӣ ба форсии миёна тарҷума шудааст. Матни ин достони манзум аз ҳаштсад вожа таркиб ёфтааст. “Дарахти Асуриг” тақрибан дар асрҳои дую се дар жанри мунозара таълиф ёфта ва баъд таҳрири забонӣ шудааст. Дар ин асар дарахти асурӣ, яъне хурмо ва буз ба ҳам мунозара мекунанд, ки аз онҳо кадоме барои мардум нафъи бештар меорад. Дар охир баҳс бо галабаи буз анҷом меёбад. Мазмуни асар ин аст, ки ҳар чизе дар баробари суду зиён ба мардумон арзиш меёбад. Мунозара баъдҳо дар адабиёти хаттӣ ва фаҳлавӣ хеле зиёд дар истифода будааст.

Матни мавҷуди паҳлавии «Дарахти Асуриг» ба сурати манзум танзим нашуда, балки ҳамчун наср навишта шудааст. Аммо дар масъалаи дар сурати аслӣ шакли манзум доштани манзума миёни донишмандон ихтилоф вуҷуд надорад. Мушкилии асосӣ, аз як тараф, дар вазъи китобати асар

бармеомада бошад, аз тарафи дигар, ба сурати дақиқ маълум набудани замони суруда шудани ашъор ва тарзи талаффузи вожаҳо мебошад. Дар матни паҳлавии асар баъзе вожаҳои портӣ ҳам ҳифз шудаанд, ки тарзи талаффузи онҳо аз нигоҳи мусиқии калом таъсир мерасонад. Бино ба мушоҳидаи Додихудо Саймиддинов, матни паҳлавии асар дар қиёс ба бунёди портии он дигаргун шуда, ҳар гуна афзудаҳо ва коҳиши ҳиҷоҳо боиси аз миён рафтани ҳамоҳангӣ ва ё мавзунии мисроъҳо гардидааст.

**"Ёдгори Зарирон".** "Ёдгори Зарирон" достони адабиёти қадим аст, ки таҳрири ниҳоии он тақрибан ба соли 500 мелодӣ рост меояд. Нависандаи достон маълум нест. Дар ин номаи куҳани паҳлавӣ аз ҷанги Виштосп (Гуштосп) – шоҳи Эрон ва Арҷосп – шаҳриёри хиюнон дар замони пазириши дини зардуштӣ хабар дода мешавад. Матни достон аз се ҳазор вожа иборат аст. "Ёдгори Зарирон"-ро ба порсии дарӣ бо номҳои "Шоҳномаи Гуштосп" ва "Шоҳномаи паҳлавӣ" ёд кардаанд.

"Ёдгори Зарирон" нахустин бор дар аҳди Ашкониён ба забони портӣ (лаҳҷаи шимолӣ-ғарбӣ) дар шакли чакома суруда шуда буд. Дар замони Сосониён, пас аз пазириши оини зардуштӣ ҳамчун дини давлатӣ ба насри форсии миёна тарҷума ва баргардон шудааст. Мувофиқи таҳқиқи муҳаққиқон, бо гузашти замон матни аслии достон таҳрир ёфта, нишонаҳои мавзун буданро дар ҷой-ҷойи он мушоҳида кардан мумкин аст. Вижагиҳои манзуми достонро дар истифодаи қофия ва ҳамоҳангиҳои савтии вожаҳо бори аввал Эмил Бенвенист мавриди омӯзиш қарор додааст. Вай теъдоди ҳиҷо ва пораҳои ҳамоҳангро дар чанд ҷойи достон аз назари бунёди портӣ баррасӣ намуда, онҳоро шеър донистааст.

Мавзӯи "Ёдгори Зарирон" манбаи қадимӣ дошта, бунёди он то ба замони зиндагии Виштосп (шакли баъдӣ Гуштосп) ва пазириши ойини зардуштӣ аз ҷониби вай мерасад. Исми ашхоси достон дар "Яштҳо"-и китоби "Авесто" низ ёд шудаанд. Асли ин ҳамосаи диниро чанде аз донишмандон рӯйнависи "Яштҳо"-и гумшудаи "Авесто" ва бархе дигар ба замони Ҳахоманишиён мансуб донистаанд.

Мазмуни достон ин аст, ки Гуштоспшоҳ аз Ҳурмузд дини маздоясноро пазируфт. Арҷосп аз ин огоҳӣ меёбад. Видрафши ҷоду ва Номхвости Ҳазоронро бо ду ҳазор сипоҳи

баргузида ҳамчун намоянда ба Эроншаҳр мефиристад. Гуштоспшоҳ намояндаҳоро ба ҳузур металабад, онҳо номаи Арҷоспро ба ӯ медиҳанд. Меҳтари дабирон Авроҳим (Иброҳим) номаро бо овози баланд мехонад. Дар нома омада буд: "Шунидам, ки шумо шаҳриёрон ин дини поки маздаяснонро аз Ҳурмузд пазируфтед ва магар инро барои он доред, ки моро аз он гарон зиёну душворӣ шояд будан. Лек агар шумо шаҳриёрон писандед ва ин дини покро раҳо кунед ва бо мо ҳамкеш бошед, он гоҳ шуморо ба шаҳриёрӣ парастем, он гоҳ сол ба сол бас зару бас аспи некӯ ва бас гоҳи шаҳриёрӣ ба шумо диҳем. Ва агар ин (динро) раҳо накунед ва бо мо ҳамкеш набошед, он гоҳ бар шумо расем, сабзро хӯрему хушкро сӯзем ва чаҳорпову дупоро аз кишвар гулом кунем ва шуморо ба тамоми гарон ва душворӣ кор фармоем".

Мазмуни нома ба Гуштоспшоҳ гарон менамояд. Сипаҳбад Зарир чун мебинад, ки шоҳ ошуфта шуд, посухи номаро ба уҳда мегирад. Гуштосп ба посухи нома фармон медиҳад. Зарир ба нома чунин посух медиҳад: "Аз Гуштоспшоҳ-шаҳриёри Эрон ба Арҷосп-шаҳриёри хиюнон дуруд. Нахуст, мо ин дини покро раҳо накунем ва ба шумо ҳамкеш нашавем. Ва мо ин дини пок, (ки) аз Ҳурмузд пазируфтем, нагузорем ва бо шумо дигар моҳ анӯш хӯрем (дар набард шавем). Он ҷо ба бешаи тиҳӣ ва марги Зардуштон, ки на кӯҳи баланд аст ва на дарёчаи жарф, вале ба он дашти ҳомун натиҷа (бо) аспони нек пайкон гузорем. Шумо аз он ҷо оед, то мо аз ин ҷо оем. Шумо моро бинед, мо шуморо бинем. Ба Шумо бинамоем, ки чи гуна кушта буванд девон аз дасти Яздон".

Меҳтари дабирон номаро муҳр карда ба дасти Видрафши ҷодуву Номхвости Ҳазорон месупорад. Онҳо бармегарданд. Пас, Гуштоспшоҳ ба бародари худ –Зарир фармон медиҳад, ки ба тамоми кишвар огоҳ кун, ки "ҷуз мугмардон, ки обу оташи Баҳром ситоянд ва парҳезанд, аз даҳсола то ҳаштодсола ҳеҷ мард ба хонаи хеш магзоред. Чунин кунед, ки моҳи дигар ба даргоҳи Гуштоспшоҳ оед".

Сипоҳи зиёде фароҳам меояд. Мардумон огоҳӣ ёфта, ҳама ба даргоҳи Гуштоспшоҳ ба ҳамсипоҳӣ меоянд. Сипоҳи фаровон ба ҷанг омода мегардад. Гуштоспшоҳ ба тахти каён менишинад. Ҷомоспи вазирро ба пеши худ мехонад ва аз ӯ дархост мекунад, ки пешомади ҷангро барояш бозгӯ кунад.

Ҷомосп бо ҳароси зиёд ва пас аз савганди шоҳро гирифтан хабар медиҳад, ки туро аз писару бародар бисту се тан ҳалок мешаванд. Гуштоспшоҳ пас аз шунидани ин сухан аз пешгоҳ ба замин меафтад. Бо тасаллии зиёди бародарону фарзандон шоҳ бармехезад ва баъди аз Ҷомосп фаҳмидани шикасти Арҷосп омодаи набард мегардад.

Ҳангоми ҷанг нерӯи ҳар ду ҷониб ба як саду бист ҳазор баробар буд. Зарир дар ҷанг корнамоии бемисл нишон дода, хиюнони зиёдеро ба қатл мерасонад. Арҷосп аз мушоҳидаи ин набард дилтанг шуда, ба сипоҳиёни худ чунин муроҷиат мекунад, ки ҳар кас, ки Зарирро бикушад, духтарам Зарристунро ба ӯ ба занӣ медиҳам ва ӯро дар ҳама кишвар ҷонишини худ мекунам. Видрафши ҷоду ин корро ба уҳда мегирад ва бо табари дар дӯзах ба хашму заҳр афсункардаи девон ва ба оби гуноҳ сохта ба набард меравад. Намеёрад, ки бо Зарир аз пеш набард кунад, пинҳонӣ аз пас метозад ва Зарирро аз пушт зада ба замин меафтонад.

Гуштоспшоҳ ба лашкар муроҷиат карда мегӯяд, ки касе кини Зарир хоҳад, духтарам Ҳумойро ба ӯ ба занӣ медиҳам ва хонумони Зариру сипаҳбадии Эрон низ ба ӯ медиҳам. Ҳеҷ кас посух намедиҳад, ба ҷуз писари ҳафтсолаи Зарир – Баствар. Шоҳ аввал розӣ намешавад, Ҷомоспи вазир мегӯяд, ки бигзоред ин кӯдакро, ки кори ӯ боло мегирад. Баствар ба майдони набард меравад ва монанди падар разм мекунад. Арҷосп ба танг меояд ва мегӯяд, ки ҳар кӣ ба набарди ин кӯдак равад ва ӯро бикушад, духтарам Беҳистанро ба ӯ ба занӣ диҳам. Боз Видрафши ҷоду талабгор мешавад ва ин дафъа бо аспи Зарир ва ҳамон силоҳи пешин ба майдон меравад. Видрафш мехоҳад, ки ҳилаи пешинро кор фармояд, аммо Баствар огоҳ мегардад ва ӯро ба пеш даъват мекунад. Аспи Зарир чун бонги Бастварро мешунавад, чаҳорпо бар замин меистад ва 999 бонг мекунад. Баствар бо мадади равони Зарир тире ба дили Видрафш мезанад, ки аз пушти ӯ мегузараду ба замин меафтад. Баствар ба аспи падар менишинад, аспи худро ҳам мегирад ва душман мекушад. То ба он ҷой мерасад, ки Гиромикирди писари Ҷомосп бо ду даст корзор мекунад. Ба некӯӣ корзор кардани ӯро меситояд ва асп пеш меронад, то ба он ҷое, ки яли нек – Исфандиёр корзор дорад. Исфандиёр чун Бастварро мебинад, сипоҳи бузурги Эронро ба Баствар гузошта, худ ба сари кӯҳ меравад.

Арҷосп ва 120 ҳазор сипоҳи ӯро аз сари кӯҳ ба дашт меафканад. Гиромикирд ва Исфандиёр аз ду ҷониб чунон корзор мекунанд, ки аз хиюнон ба ҷуз Арҷосп ҳеҷ зинда боз намемонад. Исфандиёр як дасту як пой ва як гӯши Арҷоспро мебурад, чашмашро ба оташ месӯзад ва ба хари думбурида ба шаҳри хеш мефиристад.

"Ёдгори Зарирон" достони қадимии паҳлавонист. Вай моҷароҳои вобаста ба пайдоиши ойини зардуштиро фаро гирифтааст. Ин достон, чунонки маълум аст, дар асри X аз ҷониби Дақиқии шоир ба назм бозгӯӣ шуд ва ҳазор байти сурудаи ӯро Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" гузошт ва ба ин восита достони Дақиқӣ то замони мо расид.

# АДАБИЁТ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН

Адабиёт дар ин замон асосан ба забони форсии миёна мавҷуд буда, ёдгориҳои адабии ин давраро бо номи адабиёти паҳлавӣ ёд мекунанд. Адабиёти паҳлавӣ осори мактуби даврони Сосониён (226-652)-ро мегӯянд, ки ба забони паҳлавӣ, ё худ форсии миёна офарида шудаанд. Адабиёти паҳлавӣ вижагиҳои хоссе дорад, ки аз шароити таърихии ривоҷи фарҳангу маданият дар қаламрави густариши забони паҳлавӣ (форсии миёна) бармеояд. Якум, асарҳое, ки ба паҳлавӣ навишта шудаанд, аксар осори динии зардуштӣ ҳастанд. Осори ғайридинии мавҷуд ҳам, ба мисли рисолаҳои хурди "Хусраву Ридак", "Ёдгори Зарир", "Рисолаи шатранҷ" аз оҳангҳои динӣ хориҷ нестанд. Дувум, асарҳои манзуму мансури сирф адабӣ боқӣ намондаанд, вале тарҷумаҳои арабӣ ва таҳрирҳои форсии онҳо мавҷуданд, ба монанди "Калила ва Димна" ва "Ҳозору як шаб". Ин ду асар ҳам баргардони сурати аслӣ нестанд, балки ба сабаби таҳрирҳо ва ривоятҳои гуногун ба тағйироти зиёд дучор шудаанд. Севум, баъзе аз бахшҳои асарҳои адабиёти паҳлавӣ дар китобҳои адабии давраи нав, ба мисли ривоятҳои ҳамосии манқул дар "Шоҳнома", "Гаршосбнома", ривоятҳои ошиқонаи мунъакисшуда дар "Хусраву Ширин" ва "Ҳафт пайкар"-и Низомӣ идома пайдо кардаанд. Чорум, яке аз сабабҳои асосии боқӣ намондани осори адабии паҳлавӣ, махсусан шеър, дар он аст, ки зери таъсири суннати шифоҳӣ дар миёни ориёиён дар он замон низ чунин асарҳо ба китобат надаромада буданд. Онҳо аз забон ба забон гузаштаю аз насл ба насл идома меёфтанд. Илова бар ин, шеърҳо бо зарби оҳанг хонда мешуданд. Ин суннат дар оғози аҳди исломӣ то дер замоне мамнӯъ ва фаромӯш шуд.

Осори динӣ низ ба сурати аслӣ боқӣ намондаанд. Сурати китобии мавҷуд аз чунин асарҳо дар асрҳои IX-X таълифи ниҳоӣ ёфтаанд, ки дар ин замон дини зардуштӣ мавқеи ҳукмронии худро аз даст дода буд. Мӯбадон ва донишмандони зардуштӣ чун диданд, ки ба асарҳои ойини онҳо хатари нобудӣ таҳдид мекунад, ба кори ҷамъоварӣ ва таълиф пардохтанд. Бо вуҷуди ин, бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла таассуби динӣ, ҷангҳо, ҳамлаи муғул, гузашти замон, бисёре аз ин навъ осор аз миён рафтаанд. Баъзе аз китобҳои боқимондаи паҳлавӣ, ба мисли "Динкарт", "Зодиспарам" ба

сурати ноқис то ба мо расидаанд.

Асарҳои мазкур, агарчи дар замоне ба таъхир таҳрири ниҳоӣ шудаанд, аз нигоҳи фарогирии матолибу мазмун ба манбаъҳои қадимӣ иртибот доранд. Аз ин рӯ, онҳо дорои аҳаммияти зиёданд, аз ҷумла, барои шинохти русуми ойини зардуштии замони Сосониён, ҷаҳонбинии мардумони қадим, нигаҳдории устураву ривоятҳои бостонӣ ва ғайра.

1. **Катибаҳои даврони Сосониён**. Катибаҳои даврони Сосониён, ки ҷузъи таркибии адабиёти паҳлавӣ ба ҳисоб меоянд, асосан ба забони паҳлавӣ нигошта шудаанд. Баъзан ба ду ё се забон нигошта шуданашон ҳам ба назар мерасад. Катибаҳои шоҳони нахустини Сосонӣ аксар ба забони паҳлавӣ (форсии миёна), паҳлавии ашконӣ (портӣ) ва юнонӣ навишта шудаанд. Масалан, сангнавиштаи Ардашери Бобакон ва Урмузд дар Тахти Рустам, ки шомили ному насаби Ардашер ва намодӣ салтанатро аз Урмузд (Аҳуромаздо) дарёфт кардани шоҳ аст, ба се забон нигошта шудааст, ба ин тартиб: портӣ (се сатр), юнонӣ (чаҳор сатр), паҳлавӣ (се сатр).

Катибаҳои боқимонда аз давраи мазкур аз нигоҳи мавзӯъ ба ду даста ҷудо мешаванд: а) катибаҳои давлатӣ, ё худ салтанатӣ ва б) катибаҳои хусусӣ. Катибаҳои навъи аввал катибаҳое ҳастанд, ки аз шоҳони Сосонӣ ва ё дарбориёни онҳо боқӣ мондаанд. Қадимтарин катибаи ин навъ катибаи Ардашери Сосонӣ (224-242 м.) буда, ки аз рӯзгори ӯ боқӣ монда ва охирини он катибаи Меҳр Нарсӣ аст, ки ба асри панҷум рост меояд. Катибаҳои мазкур инҳоянд: сангнавиштаи Ардашери Бобакон ва Урмузд дар Тахти Рустам, сангнавиштаи Абнун дар наздикии деҳаи Насробод (наздикии Шероз), катибаи Шопури аввал дар Ҳоҷиобод, катибаи Шопур дар танги Бурок, катибаи Шопур дар Каъбаи Зардушт, катибаи Шопур дар Нақши Раҷаб, катибаи Шопур дар Нақши Рустам, осори мавҷуд дар шаҳри Дуроурупус: девornавиштаҳо, ки теъдодашон 15-то буда, аз ҷумла, 12 девornавишта ба паҳлавӣ ва 3-то ба портист, сафолнавиштаҳо, пӯстнавиштаҳо, катибаи Апасои дабир, ки дар харобаҳои шаҳри Шопур ёфт шудааст, катибаҳои мӯбади сахтгири авоили давраи Сосонӣ – Картир (чаҳор сангнавишта ба паҳлавӣ), катибаи Бармдилак, катибаи Нарсӣ дар Пойкулӣ, катибаи Нарсӣ дар Бишопур, катибаи Шопури Сагоншоҳ (фармонравои Систон) дар Тахти Ҷамшед, катибаи

Сулуки қозӣ дар Тахти Ҷамшед, катибаи Шопури дувум дар Мушкиншаҳр (шарқи Озарбойҷон), катибаҳои Шопури дувум ва савум дар тоқи Бӯстон (наздикии Кирмоншоҳ), катибаи Меҳр Нарсӣ дар наздикии Фирӯзобод. Катибаҳои мазкур дар қаламрави ҶИЭ мавҷуданд. Инчунин, дар қаламрави Ӯзбекистон ва Покистон низ катибаҳо ёфт шудаанд, ки аз асри чоруми милодӣ ҳастанд. Дар Қаратеппа (Тирмизи қадим) аз як ғори буддоӣ ду катибаи хурд пайдо шудааст, ки ба забони паҳлавӣ нигошта шудаанд. Дар дараи Синди улиё, дар шимоли Покистон беш аз 270 сангнавиштаи хурд ба забонҳои эрониии миёна ба даст омаддаст, ки аз ҷумлаи онҳо ду катиба ба портӣ, дуто ба паҳлавӣ ва боқӣ ҳама ба суғдӣ ҳастанд.

Катибаҳои навъи дувум хусусӣ буда, аксарияташон мутааллиқ ба охирҳои давраи Сосонӣ ва оғози аҳди исломӣ ҳастанд. Ин навъи катибаҳоро ба мавзӯъҳо ҷудо кардаанд:

1. Катибаҳои ёдбудӣ (ба шахсе тааллуқ доштани чизе, маконе..., вақфнома) – ду катиба дар деҳаи Мақсудобод, катибаҳои Танги Хушк, Танги Карам, Бишопур, Нақши Рустам, Кӯҳи Ҳусайн, Дарбанди Қафқоз, Бесутуну Кунговар, қалъаи Баҳман, навиштаҳои рӯйи салиб (дар ҷануби Ҳиндустон), катибаҳои горҳои Конҳирӣ (дар наздикии Бумбаӣ) ва ғайра.

2. Катибаҳои санги мазор – катибаҳои Тахти Товус, Козаруну Бишопур, сахраи шоҳ Исмоил, Посоргод ва ғайра. Аз ин навъи катибаҳо дар Истанбули Туркия ва Чонгани Чин низ пайдо шудааст, ки аввалӣ санги қабре бо катибае паҳлавӣ дар ду сатр ва дувумӣ санги мазоре ба ду забон: паҳлавӣ ва чинӣ аст.

3. Попируснавиштаҳо ва пӯстнавиштаҳо, ки ёдгориҳои давраи аввали Сосонӣ буда, шомили номаҳои девонӣ ва матолиби тиҷоративу иқтисодӣ ҳастанд.

4. Сафолнавиштаҳо, ки аксар дар сатҳи берунии сафолина навишта шудаанд.

5. Фулузнавиштаҳо – ҷомҳои нуқрагини Сосонӣ, ки дар онҳо навиштаҳои мухтасаре ба хатти паҳлавӣ аст.

6. Сиккаҳои Сосонӣ. Бар рӯйи сиккаҳо тасвири шоҳ, дар пушт оташдоне, ки дар он шуълаи оташ намоён аст, гоҳе ду шахс дар атрофи оташдон, баъзан сурати шахсе дар миёни шуълаи оташ тасвир гардидааст. Дар рӯйи сиккаҳо номи шоҳ ва унвонҳояш ҳам зикр шудааст.

7. Муҳрҳо ва муҳрвораҳо. Муҳрҳои Сосонӣ аз сангҳои гаронбаҳо сохта шуда, баъзеи онҳо дорои нақшҳо ва баъзеи дигарашон навиштаҳо ҳастанд. Навиштаҳо аз номи соҳиби муҳр, номи падар ва дар мавориде унвон ва мансаби вай таркиб ёфтаанд. Муҳрвораҳо аз гили пухта дуруст шуда, сӯрохӣ ҳам доштаанд. Номаҳо ва аснодро ба сурати печида бо ҳамин муҳрвораҳо мебастаанд, ки маънии муҳр ва мум карданро доштаанд.

2. **Танзим, тарҷума ва тафсири "Авесто"**. Тарҷумаҳо ва тафсирҳои паҳлавии "Авесто" бар асоси нусхаҳои мактуби замони Сосониён ба вуҷуд омадаанд. Аммо ниёз ба тарҷумаву тафсир қаблан ба миён омада будааст, чунки ҳанӯз дар давраи Ашкониён ва махсусан, дар замони Сосониён забони авестоӣ забони матрук маҳсуб мешуда ва танҳо дар миёни мӯбадон маъмул буда, ки онҳо ҳам ин забонро аз роҳи омӯхтан фаро мегирифтаанд.

Бино ба ақидаи Авестошиносон, дар мавриди тарҷума ва тафсири "Авесто" ба паҳлавӣ мафҳуми "Занд" (ба маънии тавзеҳ) истифода мешуда ва баъзан истилоҳоти "Авесто", "Занд" ва "Позанд" ба ҳамдигар омехта шудаву яке ба ҷойи дигаре истифода мешудааст. Нависандагони китобҳои паҳлавӣ "Авесто"-ро барои матни аслии китоби зардуштиён ва "Занд"-ро дар мавриди тарҷума ва тафсири он ба паҳлавӣ ба кор гирифтаанд. "Занд" низ, дар навбати худ, тафсире доштааст, ки онро "Позанд" гуфтаанд. Дар ин мавридандешаҳои дигар ҳам мавҷуданд, ки аз ахбори муаллифони сарчашмаҳо ва пажӯҳишоти муҳаққиқони муосир бармеоянд, ба шарҳи зер:

1. Бино ба ахбори Масъудӣ, китоби аввали зардуштиён "Бастоҳ" ном доштааст. Зардушт бинобар он ки мардум онро намефаҳмидаанд, ба он тафсире нигошта, ки номи он "Занд" аст. Сонӣ боз худи Зардушт бар ин тафсир бо номи "Бозанд" ("Позанд") тафсири дигаре навиштааст. Зардуштиён тафсири аввалро китоби нозилшудаи Парвардигор бар Зардушт медонистаанд.

2. Хоразмӣ "Занд"-ро ба сифати таъвили "Авесто" медонад.

3. Берунӣ аз қавли зардуштиён овардааст, ки онҳо "Занд" –ро тафсир ва "Бойзанд" ("Позанд")-ро таъвил дониста, Маздакро аз ҷумлаи муфассирони "Авесто" донистаанд.

4. Ба андешаи Тафаззулӣ, "Занд" ба маънии тарҷумаи

китоби “Авесто” ба забони паҳлавӣ ва аксар ҳамроҳ бо тафсир ҳам будааст.

Маълум мешавад, ки назди зардуштиён китоби “Занд” (тарҷумаи паҳлавии “Авесто”) дар баробари “Авесто” эътибори яксон доштааст. Сабабаш дар он аст, ки маншаи ин тарҷума ба худи Зардушт бармегардад.

Китоби “Позанд” низ шароити муайяни пайдоиш дорад. Дар китобҳои паҳлавӣ нависандагон номҳои одамон, ҷойҳо ва калимаҳои авестоиро аксар ба хатти паҳлавӣ менавиштаанд, вале дар мавриди калимаҳои ношинохта аз расмулхатти авестоӣ, ки талаффузи калимаро дақиқ нишон медод, истифода мекарданд. Намунаи чунин калимаҳо дар китобҳои “Динкарт” ва “Бундаҳишн” мушоҳида шудаанд.

Тадбирҳои мазкур кӯшишҳои нахустини позанднависӣ ба ҳисоб омадаанд. Позанднависони баъдӣ, ки кӯшишҳои онҳо асосан баъд аз асри даҳи милодӣ қобили мушоҳида аст, рӯҳониёни зардуштие мебошанд, ки ба Ҳиндустон муҳоҷир шуда буданд. Онҳо дарк карда буданд, ки забони паҳлавӣ фаромӯш мешавад, хондани матнҳо ба ин забон батадриҷ мушкил ва ё номумкин мегардад. Бинобар ин, тасмим гирифтанд, ки дуъоҳо ва баъзе матнҳои паҳлавиро ба хатти авестоӣ баргардонанд. Позанднависон бино бар он ки аз талаффузи дақиқи калимаҳо ба паҳлавӣ огоҳии комил надоштаанд, ба талаффузи худашон, ки дар хотир доштанд, такя мекардаанд. Ҳамин тавр, бо кӯшиши позанднависон як низоми муайяни овонависӣ ба миён меояд, ки он дар кулли мутуни позанд каму беш риоят мешудааст. Ҳар калимаи паҳлавӣ ба як шева ба позанд баргардонида мешуд.

“Позанд” баргардони фақат “Занд” ба хатти авестоӣ нест, балки матнҳои дигар ҳам таҳрири позанд доранд, ба мисли “Ардовирофнома” (“Ардовирознома”) ва “Бундаҳишн”. Асли паҳлавии баъзе матнҳо, ба монанди “Шкандгумониквизро”, бахши бузурги “Ёдгори Ҷомосбӣ” аз миён рафтаанд, танҳо таҳрири позанди онҳо боқӣ мондааст. Ба ғайр аз асарҳои зикршуда, инчунин, осори позанд инҳоянд: “Минуи хирад”, “Занди ваҳман ясн”, “Авгамадайчо”, “Пус донишан комг”, “Хешкорӣ ридагон”, “Ситоиши сирӯза”, “Даҳу панҷ хосияти асурнон (рӯҳониён)”, “Саду як ном”, офаринҳо, дуъоҳо, тавбаномаҳо, найрангҳо (вирдҳо) ва баъзе ривоятҳо.

Баъзе асарҳои паҳлавӣ, аз ҷумла занди “Хурда Авесто” аз

рӯйи таҳрири позанд бори дигар ба паҳлавӣ баргардон шудаанд.

Зардуштиён, гузашта аз он ки матнҳои паҳлавиро ба хатти авестоӣ баргардониданд, яъне, илова бар кори позанднависӣ, ин матнҳоро ба хатти арабиасоси форсӣ низ овонависӣ кардаанд. Ҳамчунин, аз ҷониби зардуштиён тарҷумаи манзум ва ё мансури баъзе дуъоҳо ва матнҳо ба порсӣ ҳам анҷом шудааст.

Кори тарҷума ва тафсири матнҳои паҳлавии зардуштӣ аз охирҳои аҳди Сосонӣ то асрҳои IX-X ривоҷ дошта, вале тарҷума ва тафсири ҳамаи "Авесто" ба миён наомада ва ё то имрӯз боқӣ намондааст. Аз матнҳои авестоӣ занди "Яснаҳо" ("Гоҳон"-ро ҳам дар бар мегирад), "Виспарад", "Вандидод", "Хурда Авесто" (ҳамроҳ бо ниёйишҳо ва яштҳои хурд), "Ҳирбадистон", "Найрангистон", "Авгамадайчо" то ба рӯзгори мо боқӣ мондаанд.

Тарҷумаи "Яснаҳо" ва "Гоҳон" таҳтуллафзӣ буда, дар онҳо ҳар як калимаи авестоӣ ба як калимаи паҳлавӣ тарҷума шудааст. Тавзеҳу тафсир дар қиёс ба матни "Вандидод", "Ҳирбадистон" ва "Найрангистон" камтар ба назар мерасад. Тарҷумаи "Вандидод"-ро авестошиносон нисбат ба тарҷумаҳои "Яснаҳо", "Виспарад" ва "Хурда Авесто" муътабартар ҳисобидаанд. Зеро мутарҷимон матни авестоиро беҳтар дарёфтаву онро ба паҳлавӣ баргардонидаанд.

Равиши кори тарҷумонҳо дар тарҷумаи "Авесто", тибқи мушоҳидаи Тафаззулӣ, чунин буда, ки нахуст банде ё иборате ба паҳлавӣ лафз ба лафз тарҷума мешуда, сонӣ пас аз ҳар калима ё ҷумла тафсире ба он афзуда мешудааст. Баъзан пас аз тарҷумаи бандҳо тафсирҳои муфассал меомада ва гоҳе низ ба тафсирҳои муфассал як тафсир ва ё тафсирҳои зиёде изофа мешудааст. Тафсирҳои мазкур дар як замон нигошта нашудаанд, балки аз ҷониби наслҳои гуногун таҳрир шудаанд. Авестошиносон номи қариб сад нафар муфассирони "Авесто"-ро муайян кардаанд.

Аз ҳамаи матнҳои авестоие, ки дар боло аз онҳо ёд шуд, нусхаҳои хаттӣ боқӣ мондаанд. Баъзе аз матнҳо, аз ҷумла "Яснаҳо", ки ҳамроҳ бо тарҷума аст, нусхаҳои зиёде доранд. "Ҳирбадистон" ва "Найрангистон" дар нусхаҳо ҳамроҳ омадаанд.

3. **Мутуни "Занд-Авесто"**. Пас аз тадвини "Авесто" дар аҳди Сосониён ва ба миён омадани "Занд" дар мавзӯоти

гуногуни марбут ба ҷаҳонбинии зардуштӣ ба забони паҳлавӣ асарҳое, ба монанди “Динкарт”, “Бундаҳишн” таълиф шудаанд, ки бар асоси тарҷума ва тафсири китоби динии зардуштиён ба миён омадаанд. Таҳрири ниҳоии асарҳои мазкур дар асри IX ва оғози қарни X сурат гирифтааст.

Аз ҷумлаи муҳимтарин матнҳои бар асоси “Занд” таълифшуда, яке китоби “Динкарт” аст. Калимаи “Динкарт”-ро авестошиносон ба сурати таҳтуллафзӣ “таълифи динӣ” маънидод карда ва таъкид кардаанд, ки таркиби “дин” дар ин калима дар мафҳуми ривоят ва китоби динӣ (манзур “Авесто” ва “Занд”) аст.

Ин китобро, бинобар фарогирии матолиби фаровон, аз ҷумла “Авесто” ва тарҷумаҳои он, ҳамчун “Донишномаи маздоясно” мешиносанд. “Динкарт” дар асл асари ҳаҷман бузурге буда, аз нуҳ китоб фароҳам омада, вале китобҳои якуму дувум ва бахше аз китоби севум тамоман аз байн рафтаанд.

Ба гирдоварӣ ва тадвини ниҳоии “Динкарт” нахуст мӯбадон мӯбади Форс Озар Фарнбағи Фаррухзодон ҳиммат гумоштааст, ки дар асри IX, дар замони халифаи Аббосӣ – Маъмун мезистааст. Пас аз шикасти Сосониён, дар оғози аҳди исломӣ, “Динкарт” дучори парокандагӣ мешавад. Пешвои бузурги зардуштиён Озар Фаранбағи Фаррухзодон онро гирдоварӣ карда, ба ин восита аз нобудӣ нигоҳ медорад. Баъд аз гирифториҳое, ки дар зиндагии ин мӯбади бузург пеш меояд, боз китоб дучори парокандагӣ гардида, хатари нобудӣ ба он таҳдид мекунад. Ин дафъа Озарбоди писари Умед, ки охирин мудаввини “Динкарт” ба ҳисоб меояд, матолиби парокандаро гирдоварӣ карда, номи онро “Динкарти ҳазор фасл” меномад. Дар хусуси зиндагии ин шахсият огоҳии комил дар даст нест, дар сарчашмаҳо дар шумори зардуштиёни асри IX ёд шудааст. Вай худро дар охирин бахшҳои боқимондаи китоби сеюми “Динкарт” пешвои беҳдинон донистааст. Озарбоди писари Умед китоби фароҳамовардаашро таълифе медонад, ки мубтанӣ бар илҳоми дини маздоясно – дине, ки музайян ба ҳамаи донишҳо буда, илҳоми Худо ба Зардушт аст, ки аз насл ба насл то ба вай расидааст. Мазмуни бахшҳои боқимондаи “Динкарт”-ро мухтасаран баён мекунем.

Аз миёни китобҳои мавҷуди “Динкарт” **китоби сеюм** калонтарин буда, аз 420 фасл иборат аст. Андешаҳои мастур

дар китоб мувофиқ ба ақидаи зардуштӣ буда, каломи эзадӣ ба ҳисоб мераванд. Бештарини фаслҳо кӯтоҳ ва аз ду ё се саҳифа таркиб ёфтаанд. Фаслҳои нисбатан тӯлонӣ мазомини гуногун доранд. Баъзе фаслҳо бо ихтилофи ҷузъӣ такрор шудаанд, ки ин равишро аз мушаххасоти адабиёти шифоҳӣ донистаанд. Дар баъзе фаслҳо аз оятҳои Қуръон ҳам нақли матлаб шуда ва номи пайғомбари охируззамон ҳам як дафъа ба сурати паҳлавии "паёмбарони авишт", ки тарҷумаи "хотам-ун-набиййин" аст, омадааст.

Мазмуни **китоби чоруми** "Динкарт" мунтахабе аз "Ойиннома"-и Озарфарнбағи Фаррухзодон буда, аз нигоҳи муҳтаво ба китоби сеюм монандӣ дорад. Асли "Ойиннома" то замони мо нарисадааст. Дар ин китоб аз шоҳоне ҳам ёд шудааст, ки аз дини маздоясно пуштибонӣ карда ва дар кори танзиму мудавван кардани "Авесто" саҳм гузоштаанд, ба монанди Гуштосб, Дорои писари Доро (Дориюши севум), Балоши I Ашконӣ, Ардашери Бобакон, Шопури писари Ардашери Сосонӣ, Шопури дувум.

**Китоби панҷуми** "Динкарт" аз ду бахш таркиб ёфтааст. Бахши аввал ҷавобҳои Озар Фарнбағи Фаррухзодонро ба пурсишҳои Яъқуби Холидон, ки дар китоби "Самрон" дарҷ шудааст, дар бар мегирад. Инчунин, матолиби зерин ҳам дар ин китоб дарҷ шудаанд: собиқаи мардуми Симрон (Яман) ва ҳамкориашон бо эрониён дар замони Луҳросб, мухтасаре аз саргузашти дини Урмузд пеш аз Зардушт, шарҳи зиндагии Зардушт. Бахши дувум шомили ҷавобҳои донишманди мазкур ба сию се саволи масеҳиест, ки марбут ба умури мобаъдуттабиа, илҳоми эзадӣ, парастиш ва ойинҳои динии зардуштӣ мебошанд.

Андарзҳои паҳлавӣ дар **китоби шашуми** "Динкарт" фароҳам оварда шудаанд, ки тарҷумаи бахши баришнаски "Авесто" мебошад. Ин китоб ба сифати бузургтарин андарзномаи паҳлавӣ шинохта шуда, ки аз шаш бахш иборат аст. Андарзҳо дар бораи хирад, доноӣ, фарҳанг, мушовара, ҳамнишинӣ бо доноёну некон, эътидол, дин, паймон, ифроту тафрит, сифатҳои неку бад, фақр ва ғайра ироа шудаанд. Баъзе андарзҳо ба шахсиятҳои даврони Сосонӣ мансубанд, ба монанди Хусрави Анӯшервон, Озарбоди Маҳраспандон, Озар Нарса, Бахтофарид, Озарбоди Зардуштиён.

**Китоби ҳафтуми** "Динкарт" бар мабнои матни аслӣ ва тарҷумаи се наски "Авесто" мудавван шудааст. Ин китобро

авестошиносон ба сифати китоби таърихӣ шинохтаанд, ба гунае ки дар миёнаи воқеаҳо худи Зардушт қарор дорад. Дар он ба навъе аз оғоз то анҷом таърихи динии зардуштӣ навишта шудааст, ба ин тартиб: зикри ном ва бозгӯи мухтасар аз аъмоли касоне, ки қабл аз Зардушт илҳоми эзадиро дарёфтаанд (аз Гаюмарс то Гуштосб), зиндагии Зардушт, ки бо афсона омезиш ёфтааст, муъҷизоти вай, ҳаводиси пас аз Зардушт то поёни ҷаҳон, ба мисли ҳамлаи Искандар, пароканда шудани "Авесто", иқдомоти Тансар, Озарбоди Меҳраспандон, Анӯшервон ва ғайра.

Хулосаи "Авесто"-и замони Сосониён дар **китоби ҳаштуми** "Динкарт" фароҳам оварда шудааст. Дар ин китоб муҳтавои "Авесто" аз рӯйи тарҷумаҳову тафсирҳои паҳлавӣ гоҳе мухтасар ва баъзан муфассалтар бо мақсади истифодаи умум нақл гардидааст. Бахшҳои ҳуқуқии китоби мазкур аз ҷумлаи муҳимтарин бахшҳои он ба ҳисоб меравад, ки аз қонунҳои ҷазо ва заминҳои зироатӣ таркиб ёфтааст.

Шарҳу тафсири се наск аз наскҳои бисту якгонаи "Авесто" дар **китоби нуҳуми** "Динкарт" дарҷ шудааст. Матолиби ин китоб гуногун буда, аз ҷумла шомили андарзҳо, дастурамалҳои динӣ, матолиби гуногуни асотирӣ, ба мисли достони Гаршосбу оташ, ҳафт фармонравои бемарг, Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун, Ковус, Кайхусрав ва ғайра мебошад. Тарҷумаи вожа ба вожаи як матни авестоӣ ҳам дар яке аз фаргардҳо омадааст.

Аз китоби "Динкарт" чаҳор нусхаи қадимӣ шинохта шудааст, ки комилтарини онҳо нусхаи Бумбаӣ мебошад. Ин нусха дар соли 1659 китобат шудааст.

Китоби дигаре, ки бар асоси "Занд" таълиф шудааст, "**Бундаҳишн**" мебошад. Маънии калимаи "бундаҳишн" офариниши огозин ё бунёдин аст. Аз он ҷиҳат, ки муҳимтарин бахшҳои ин китоб оид ба офариниш аст, бо номи "Бундаҳишн" маъруф шудааст. Дар асл номи китоб, ки дар муқаддимаи он зикр шудааст, "Зандогоҳӣ" будааст, ки ба маънии иттилооти мубтанӣ бар занд, яъне тарҷумаҳо ва тафсирҳои "Авесто" аст.

"Бундаҳишн" маҷмӯаест, ки матолиби гуногуни аз манбаъҳои мухталиф гирдоваришударо дар бар мегирад. Кори гирдоварӣ ва таълифи китоб дар ибтидо тақрибан дар охирҳои аҳди Сосонӣ анҷом гирифта, баъдан таълифи ниҳоии он дар асри IX ба миён омадааст. Нависандаи аввалини он

маълум нест, аммо тадвинкунандаи ниҳоии он Фарнбаг мебошад. Пас аз Фарнбағ низ матолибе ба китоб дар давраҳои баъдӣ афзуда шудааст, ки таърихи ниҳоии иншои онро ба соли 1158 мерасонад.

“Бундаҳишн” аз 36 фасл иборат буда, матолиби он дар муқаддимаи китоб ба се дастаи аслӣ тақсим шудаанд: офариниши Урмузд ва душмании Аҳриман; чигунагии офаридагон; Киёниён (насаб, иттифоқоти замон ва иқоматгоҳҳои онон). Фасли якум муфассалтарин бахши китоб буда, шомили чигунагии Урмузу Аҳриман, ҷой ва сифатҳои онҳо, ҷидолашон бо ҳамдигар, офаридгони ҳар як, хилқати офаридагон ба сурати “мину” ва “гетӣ” мебошад. Дар фаслҳои дигар сухан дар бораи матолиби зерин аст: офариниши рӯшанон (Хуршеду моҳу ситорагон), ҳамлаи Аҳриман ба офаридагони Урмузд дар огози офариниш ва мубо特ризаи ҳар кадоми онон бо ӯ, анвоъи офаридагон, заминҳо, кӯҳҳо, дарёҳо, рӯдҳо, дарёчаҳо, чорпоёни судманд, мардумон, таваллуди мавҷудот, гиёҳон, сарварони ҳар як аз офаридгони ҷаҳон, оташ, хоб, садоҳо, боду борон, ҷонварони зиёнрасон, анвоъи гургҳо, офаридгони гуногун ва ҳадаф аз офариниши онҳо, соли динӣ, пули чинвад, бадкирдориҳои Аҳриману девон, муқоисаи андомҳои одамӣ бо офариниши ҷаҳон, сарварони иқлимҳои ҳафтгона, пули чинвад ва равони мурдагон, шаҳрҳои машҳури Эроншаҳр, ки иқоматгоҳи Каён будаанд ва офатҳое, ки дар онҳо вуҷуд дорад, иқоматгоҳҳое, ки Каёниён сохтаанд, газандҳое, ки дар ҳар ҳазора ба Эроншаҳр расидааст, растохез ва тани пасин, тухма ва пайвэнд (насаб)-и Каёниён ва дудмони мӯбадон, солшумори тозиён, ки дар он теъдоди солҳои зиндагии теъдоде шоҳон то охири Сосонӣ зикр гардидааст.

Китоби “Бундаҳишн”, бо таваҷҷуҳ ба фарогирии матолиби гуногуни асотирӣ, зикри маводе, ки дар дигар китобҳои паҳлавӣ наёмадаанд ва ё ба ихтисору ишора зикр шудаанд, аз муҳимтарин асарҳои адабиёти паҳлавӣ маҳсуб мешавад. Аз ин китоб ду таҳрир мавҷуд аст: яке мухтасар, ки дар Ҳиндустон истинсох шудаву аз ин ҷиҳат “Бундаҳишни ҳиндӣ” номида мешавад ва дигаре “Бундаҳишни бузург”, ки нусхаҳои он дар Эрон китобат шудаанд. Аз ҳар ду таҳрир се нусхагӣ мавҷуд аст. Ҳар ду варианти “Бундаҳишн” ба форсӣ тарҷума шудаанд.

“**Гузидаҳои Зодиспарам**” китоби дигарест, ки бар асоси

“Занд” таълиф шудааст. Муаллифи ин китоб ҳирбад Зодиспарам писари Гушнҷам аз хонаводае рӯҳонӣ ва пешвои беҳдинон буда, дар асрҳои IX-X зистааст. Ин муаллиф таҳти унвони “Хулосае дар бораи анвоъи тухмаҳо (нажодҳо)” як рисолаи дигар ҳам таълиф карда будааст, ки он то ба имрӯз боқӣ намондааст.

“Гузидаҳои Зодиспарам” дар чаҳор бахш мураттаб шудааст. Матолиби бахши аввали китоб, ки дар бораи офариниши огозин мебошад, дар се фасл перомуни тавсифи Урмузд ба сифати мабдаъи хайр, Аҳриман ҳамчун мабдаъи шар, офариниши мавҷудот ба сурати “минуӣ” ва “гетӣ”, ҳамлаи Аҳриман ба пешнамунаҳои ҳафтгона: осмон, об, замин, гиёҳ, гови якто офарида, Гаюмарс ва олудаи ҳар кадом, ситези эзадони гуногун ва ҳомиёни офаридгон бо Аҳриман, офариниши мавҷудоти урмуздӣ ва гайра аст. Сарчашмаи асосии таълиф дар ин бахш “Домдоднаск” будааст.

Бахши дувуми китоб, ки фаслҳои 4-28-ро дар бар мегирад, дар мавзӯи таърихи дин буда, шомили матолиби зерин аст: омадани дин дар замонҳои гуногун, зиндагии Зардушт ва муъҷизоти вай. Муҳимтарин манбаъи ин бахш “Спанднаск” будааст.

Бахши севуми китоб шомили фаслҳои 29-30 буда, матолиби он оид ба таркиби одамӣ аз тану ҷону равон ва чигунагии вазифаҳои андомҳои дохилии бадан, монади магз, қалб, ҷигар, меъда ва рагҳо аст. Бино ба мушоҳидаи австошиносон, дар ин фаслҳо суннатҳо ва ривоятҳои динии зардуштӣ бо нуҷуми бобулӣ ва фалсафаву пизишкии юнонӣ ба ҳам омезиш ёфтаанд. Аз ин ҷиҳат фаслҳои мазкур аз аҳаммияти махсусе бархурдор ҳастанд.

Бахши чоруми китоб, ки то ба мо ноқис боқӣ мондааст, оид ба ҳаводиси охири ҷаҳон ва растохез аст.

Аз китоби “Гузидаҳои Зодиспарам” се нусха шинохта шуда ва матни китоб ба форсӣ тарҷума шудааст.

Аз бародари Зодиспарам – Манучеҳр писари Гушнҷам, ки дар номае ҳамчун ҳирбад ва раиси табақаи рӯҳониёни Порсу Кирмон ёд шуда, се нома ва китоби “Додистони динӣ” (“Маҷмӯаи орои динӣ”) боқӣ мондааст, ки ба гурӯҳи таълифоти маҷмӯаҳои мубтанӣ бар “Занд” дохил мешаванд. Номаи аввали Манучеҳр дар хитоб ба мардуми Кирмон, номаи дувум хитоб ба бародараш (дар маънии радди

бидъатҳое, ки бародараш – Зодиспарам дар мавриди сода кардани маросими татҳири баршнум ниҳода буд) ва нома севум (фатвое динӣ) хитоб ба беҳдинон (зардуштиён) аст. Ин нома таърихи 250 яздгирдӣ дорад, ки ба 881 м. рост меояд.г

"Додистони динӣ" посуххоеро дар бар мегирад, ки Манучеҳр дар ҷавоб ба 92 пурсиши Меҳрхуршед писари Озармоҳ ва беҳдинони дигар баён кардааст. Аз муқаддимаи китоб бармеояд, ки саволҳо ба Манучеҳр ба сурати мактуб пешниҳод шуда ва ӯ дар фурсатҳои муносиб ба онҳо ҷавоб навиштааст. Матолиби "Додистони динӣ" гуногун аст, ба мисли матлаби марбут ба ойинҳои динӣ, қавонину ҳуқуқ, офариниш, мавҷудоти мобаъдуттабиа, биҳишту дӯзаху растохез, корҳои нек, гуноҳон ва андарзҳо.

Аз "Додистони динӣ" нусхаҳои хаттӣ боқӣ мондаанд.

Ҳамроҳ бо матни "Додистони динӣ" дар нусахи хаттӣ матне омадааст, ки ба "Ривоёти паҳлавӣ" маъруф аст. Дар нусхаҳо барои ин китоб унвон ёд нашудааст, балки дар қиёс ба матнҳои монанд чунин номгузорӣ шудааст. Гирдоваранда матолиби китобро ба 65 фасл тақсим кардааст, ки фарогири мавзӯъҳои гуногун мебошад, ба мисли тақвим, ойинҳои динӣ, назр, қурбонӣ, ситоиши Хуршед, хондани вирди аҳунавар, шароеъ ва қавонини динӣ, издивоҷ, фурӯши барда ба кофир, анвои оташ ва муроқибат аз он, бозаргонӣ, зану фарзанд, корҳои неку гуноҳон, куштани гӯсфанд, андарзҳову дастурҳо, нармиву дуруштӣ, пирӣ, ростиву родӣ, дӯстӣ бо кофирон, офариниш ҷаҳон, достонҳову асотир, монанди достони Гаршосб, Ҷамшед, Зардушт, Зардушту Гуштосб, матолиби таълимӣ ва ғайра. Фасли 65 китоб шомили андарзномаҳои мансуб ба Озарбоди Маҳраспандон аст, ки мӯбадон мӯбади замони Шопури дуюми Сосонӣ буд.

## ШЕЪРУ АДАБ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН

1. **Ташаккули анвои адабӣ**. Тадриҷан, аз замони Ҳахоманишиҳо ва дар адабиёти аҳди Сосониён навъҳои асосии адабиёт ба вуҷуд омаданд ва навъҳои жанрии онҳо устувор шуданд. Агарчи дар баъзе ҳолатҳо ба дурустӣ таъйини жанр ва навъи адабии асарҳои пешазисломӣ корест душвор, ба ҳар сурат, дар таркиби ёдгориҳои бозмонда аз адабиёти аҳди қадим шинохтан ва тасниф намудани навъҳои адабӣ имкон дорад. Бино ба таъйиди донишмандон,

қадимтарин ёдгории адабиёт – “Авесто” шомили матнҳое мебошад, ки дар мароҳили гуногун ва дар навъҳои адабии хос ба ҳам омадаанд. Монавиён низ ба адабиёти замони худ қолабҳои адабии муносиб ба суннаташонро ворид кардаанд. Онҳо қолабҳои адабиеро ба вуҷуд овардаву парвардаанд, ки дар адабиёти зардуштӣ ношинохта буданд, ба мисли сурудҳои динии ҷамъӣ, маҷмӯаи сурудҳо ва мавъизаҳои ахлоқӣ. Мурод аз “мавъиза” дар адабиёти монавӣ осори мансурест, ки фарогири таълимоти мазҳаби Монӣ будаанд. Ҳунари достонгӯии монавӣ, марсиясароӣ, тарҷума, рисола ва номаҳои Монавиён дар шинохти анвои адабӣ дорои аҳаммияти хос мебошанд.

Ҳамин тавр, навъҳои асосии адабиёт, ки дар аҳди қадим ташаккул ёфта ва ахбору осор аз онҳо мавҷуд аст, инҳо мебошанд: ривоят, устура, афсона, қисса, достон, романҳои таърихӣ, корнома, ҳикоя (қисса), тамсил, чистон, мунозара, андарзнома, суруд, нома, сафарнома.

**Ривоят**. Ривоят шомили рӯйдоду воқеаҳои замонӣ буда, аз ҷумлаи ҷузъҳои асосии адабиёти қадим ба ҳисоб меравад. Он роиҷтарин равиш барои интиқоли афкору андеша аз замони гузашта аст, ки дар радифи достон ва тамсил воситаи муҳимми саргарм кардани мардум ва ба ин восита талқини омӯзаҳои мавриди назар мебошад. Ривоёти аҳди қадим ҳам ба сурати ҷудогона, дар қолаби мазмуни асарҳо ва ҳам ҳамчун ҷузъи таркибии сохтори ёдгориҳои бозмондаи адабӣ шинохта мешаванд. Намунаи аввалини ривоёти аҳди қадим асаре мебошад, ки ба номи “Ривояти паҳлавӣ” шинохта шудааст. Ин асар гузидае аз таълимоти дини зардуштӣ аст, ки шомили мазомини устураӣ, таърихи ҳамосии эронӣ, ба монанди достони Гаршосб, офариниши ҷаҳон, гаравиши Виштосб ба дин ва қитъаҳое аз адабиёти андарзӣ низ ҳаст.

Ривоятҳои қадим зиёданд ва намунаи онҳо чи дар адабиёти аҳди қадим ва чи давраи ислом зиёд ба назар мерасанд, ки ривояти Каюмарс, дигар паҳлавонони асотирӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Дар давраи исломӣ матни кӯтоҳе ба паҳлавӣ маҷуд аст, ки “Ривояти Умед Ашуҳаштон” унвон дошта, иттилоотеро дар бораи ҳаёти ҷомеаи зардуштӣ дар охирҳои асри X дар бар мегирад. Ин матн бар асоси сохтори ривоӣ танзим шуда, аз чилу чаҳор пурсишу посух таркиб ёфтааст. Рисолаҳои дигаре низ маввҷуданд, ки ба сабки ривоёт навишта шудаанд.

**Устура**. Замони пайдоиш ва рушди устура аз марҳалаҳои огозини фарҳангу адаб сарчашма мегирад. Асотири эронӣ, юнонӣ, чинӣ ва дигар халқҳои қадимӣ як замони тӯлонии фарҳангу ҷаҳоншиносии онҳоро дар бар гирифта, барои ташаккули ойину мазоҳиб ва ҷаҳонбинии ибтидоии илмиашон саҳми бузурге гузоштаанд. Муҳити фарҳангӣ ва адабии мардумони эрониро, бахусус то аҳди исломӣ, ҷудо аз иҳотаи таърихии асотирӣ наметавон пеши назар овард. Устура дар таркиби достонҳо омада, асоси мазмуни ёдгориҳои муҳташами адабӣ, ба монанди “Авесто”, “Ёдгори Зарирон” ва дигар достонҳои қаҳрамонию паҳлавониро ташкил медиҳад. Ба монанди ҳамин бахши қобили таваҷҷуҳи асарҳои бадеии адабиёти аҳди қадим саршор аз ахбори асотирӣ, афсонаӣ, ривоят ва нақл мебошанд. Махсусан, аксари достонҳои қадимаи эрони бостон аз устура сарчашма мегиранд. Матолиби устураӣ дар ёдгориҳои аҳди қадим бо мазмунҳои афсонаӣ ва ҷугрофиёӣ низ омехта шудаанд. Бештари асотири эронӣ ба “Авесто” ва дигар кутуби динии зардуштӣ ворид шуда, маънои устувори мазҳабӣ гирифтаанд.

**Афсона**. Аз мавқеи шинохти фарҳангӣ ва адабӣ афсона як навъи адабиёти шифоҳии мардум ва ҳамзамон тарзи офаридани асари адабии ҳунарӣ бо воқеоти бебунёд буда, аз нигоҳи қидмати замонӣ ба дарозои оғози таърихи куҳан мерасад. Афсонаҳо дар қадим дар шакли даҳонӣ аз кас ба дигаре мегузаштанд ва ба ин васила мавҷудияташон нигаҳ дошта мешуд. Ин анъана дар замони мо ҳам то андозае ҳифз шудааст. Бино ба қавли Ибни Надим, мардумони эронӣ аввалин таснифкунандагони афсона дониста мешаванд. Ӯ дар ин бора чунин назар дорад: “Форсиёни аввал таснифкунандагони аввалини афсона буда ва онро ба сурати китоб даровarда, дар хизонаҳои худ нигаҳдорӣ намуданд ва аз забони ҳайвонот нақл ва ҳикоят менамуданд ва пас аз он подшоҳони ашконӣ, ки дувумин силсилаи подшоҳони эронанд, онро ба сурати игроқомезе даровarданд ва подшоҳони Сосонӣ низ чизҳо бар он афзуда ва арабон онро ба забони худ гардонда ва фусаҳо ва булагои араб шоху баргҳояшро зада ва бо беҳтарин шакле ба риштаи таҳрир даровarданд ва дар ҳамон замина ба маонӣ китобҳое таълиф карданд”.

Бинобар он ки дар миёни ақвоми ориёӣ дар аҳди қадим бештар суннати шифоҳӣ расм будааст, ҳеч кадом аз асарҳое,

ки ҷанбаи адабиву ҳунарии саргармкунанда доранд, ба сурати аслӣ ва комил то ба мо нарасидаанд. Аз ҷумла, шеърсароӣ, афсона ва достонгӯӣ асоситарин ҳунари шифоҳӣ буданд. Қадимтарин маҷмӯаи афсонаҳо, ки тақрибан дар замони Ҳахоманишиён ба вуҷуд омадааст, "Ҳазор афсона" ном доштааст. Ин асари мафқуд пеш аз фатҳи араб таълиф шуда ва маншаи "Ҳозору як шаб"-и арабӣ ба ҳисоб меояд. "Китоби ҳазор достон", "Китоби Хурофа ва Назиҳа", "Китоби хурӯс ва рӯбоҳ", "Китоби Рӯзбеҳи ятим", "Китоби Намруди мулки Бобул" бунёди афсонаӣ доранд. Дастаи дигари афсонаҳои эронӣ тарҷума аз асли ҳиндӣ буданд, чун китобҳои "Булавҳар ва Будосаф", "Китоби Синдбод", "Китоб-ус-сиём ва-л-актоф" (рӯзадорӣ ва гӯшанишинӣ) ва ғайра.

Афсонаҳоро дар таркиби асарҳои ҷудогона низ дарёфтан мумкин аст. Аз ҷумла, зиндагиномаи афсонаии Зардушт дар китоби ҳафтуми "Динкард" навишта шудааст, ки муфассалтарин шарҳи ҳоли Зардушт ба забони паҳлавӣ маҳсуб мешавад. Дар ин зиндагинома устура ва ҳақиқат низ бо афсона омехта шудаанд, ки аз ҳам ҷудо кардани онҳо номумкин аст. Афсонаҳо дар китобҳои таърихӣ бо ахбори таърихӣ омехта шуда ва дар асарҳои қаҳрамонию паҳлавонӣ бо шеваи ҳамосӣ бозгӯ шудаанд. Ба ин восита ҳувияти шахсиятҳои асарҳои таърихию ҳамосӣ бо иловаи воқеоти афсонаӣ такмил ёфтаанд.

Афсона марҳалаи инкишофи адабиёт аз тотема, устура ба афсона мебошад. Раванди аз устура ба афсона ва аз он ба достон гузаштани боварҳои қадима басо мураккаб буда, дар тӯли садсолаҳо ба вуҷуд меояд. Бо гузашти замон ва ба миён омадани падидаҳои нодир ва тасаввури ҳақиқатнамо дар ҳар давру замон устураҳое сохта мешаванд, ки дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла афсона, зуҳур мееёбанд. Аз ин нигоҳ оғозу анҷоми устура ва афсона ба оғози шинохти ҷаҳон ва анҷоми диди ҷаҳоншиносӣ мепайвандад.

**Қисса**. Дар адабиёти аҳди қадим намунаи комили қисса қиссаҳои таърихии "Маздакнома" ва "Баҳроми Чӯбиннома" мебошанд, ки ба воситаи манбаъҳои арабӣ ва форсии нав боқӣ мондаанд. "Маздакнома" аз шарҳи корҳои Маздаки Бомдодон ва робитаи ӯ бо Қубоди Сосонӣ (488-531) таркиб ёфтааст. Ин китобро Ибни Муқаффаъ ба арабӣ тарҷума карда, вале ин тарҷума имрӯз дар даст нест. Гузидае аз ин

қисса дар ривояти форсӣ ва "Сиёсатнома"-и Низомулмулки Тӯсӣ боқӣ мондааст. "Баҳроми Чӯбиннома" фарогири воқеаҳои машҳури миёни Баҳром, Ҳурмуз ва Хусрав мебошад, ки дар вақоеъномаҳои арабӣ ва "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ боқӣ мондааст.

**Достон**. Достон ба фаҳмиши истилоҳии он дар замони Сосониён зуҳур кард ва намунаи комили он "Ёдгори Зарирон" мебошад, ки ҳамчун ягона матни достонии мавҷуди паҳлавӣ шинохта мешавад. Бештари достонҳои ҳамосии паҳлавӣ, бинобар сабаби мутааллиқ буданашон ба адабиёти шифоҳӣ, дар давраи исломӣ аз миён рафта ва баъзеашон ба арабӣ ва порсии дарӣ тарҷума шудаанд. Муҳаққиқони таърихи адабиёт номи баъзе аз достонҳои паҳлавиро дар манобеи арабӣ пайдо кардаанд, ба монанди "Сираи Исфандиёр", "Рустаму Исфандиёр", "Кай Луҳросбшоҳ", "Номаи Пирони Виса" ва ғайра. Достонҳои қаҳрамонию паҳлавонӣ ҳам мавҷуд буданд, ба монанди "Номаи бостон"-и замони Баҳроми Гӯр ва ғайра.

Навъи адабии достони ҳамосӣ низ дар замон Сосониён ба вуҷуд омада, барои ривоҷи минбаъдаи ҳамосасароӣ дар давраҳои баъдӣ замина гузошт. "Корномаи Ардашери Бобакон" намунаи ҳамосаи миллии замони Сосониён аст. Ба миён омадани "Худойнома" ба сифати достони қаҳрамонии миллӣ намоёнгари вазъи пешрафти ҳамосасароӣ дар адабиёти қаблазисломӣ мебошад. Аз ахбори Ибни Надим маълум мешавад, ки баъд аз тарҷумаи достонҳои мансури дигар халқҳо ба забони паҳлавӣ дар адабиёти паҳлавӣ достонҳои мансур зуҳур карданд.

**Романҳои таърихӣ**. Дар аҳди Сосониён романҳои таърихӣ ҳам мавҷуд будаанд, ки ин навъ асарҳо дар сарчашмаҳо ба унвони китобҳои таърихӣ ва осори таърихии ҳамосӣ ёд шудаанд. Намунаи романҳои таърихии ин давра, ки Ибни Надим аз онҳо ёд кардааст, китобҳои "Баҳрому Нарсӣ", "Баҳроми Чӯбин", "Шаҳрбароз бо Парвиз", "Китоби Анӯшервон" мебошанд. Китобҳои "Аёдгорҳо"-ро низ аз рӯйи муҳтавояшон дар шумори романҳои таърихӣ зикр кардан мумкин аст. Мафҳуми "аёдгор" ба маънии рисола ва китоб аст.

Мавҷудияти таърихҳои ҳамосии ҷомеи мактубро, тибқи ахбори сарчашмаҳо ва маълумоти муҳаққиқон, дар даврони Сосониён тахмин кардан мумкин аст. Чунин китобҳо таркибе

аз афсонаҳо, устураҳо ва ривоятҳои таърихӣ будаанд.

**Корнома**. Корнома маҷмӯаи комилтари достонҳост ва "Корномаи Ардашери Бобакон" намунаи он аст. Мафҳуми "корнома" бо маънои "ҳамоса" ҳамоҳангӣ дорад ва "Худойнома" ҳамосаи бузург дар мақоми ҳамосаи қаҳрамонии миллӣ мебошад.

**Ҳикоя**. Замони дақиқи пайдоиши ҳикоя маълум нест, аммо он аз ҷумлаи қадимтарин навъҳои адабӣ ба ҳисоб меояд. Ин навъи адабӣ ё дар замони Сосониён, ё пеш аз он ба вуҷуд омадааст. Намунаи ҳикояҳои адабиёти аҳди қадимро дар таркиби асарҳои ҷудогона дучор шудан мумкин аст. Масалан, дар таркиби "Номаи Тансар" ду ҳикояи ҳиндӣ омадааст, ки фарогири масъалаҳои ахлоқӣ ҳастанд.

Ҳикоя (достони хурд) дар "Шоҳнома", дар бахши подшоҳии Баҳроми Гӯр ва Искандар зиёд омадааст. Ҳикоя бо зуҳури худ адабиётро ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ наздик кард. Ҳикояи тамсилӣ бо тадвини "Калила ва Димна"-и паҳлавӣ дар адабиёт роиҷ шуд.

**Тамсил**. Тамсил дар луғат мисол овардан, ташбеҳ кардан ва достону ҳодисаю рӯйдодеро ба унвони мисолу намуна овардан аст. Пас, тамсил тарзи истифодаи чизе аст, ки асли онро достон, ҳаводису рӯйдод ва ба ҳасби истилоҳи маъмулии истифодаи ин маврид масал мегӯянд. Масал дар луғат ба маънои аввалияи тамсил аст, яъне монанди чизе ва ин маъно ишора ба он медиҳад, ки масал нақш ё намоди он чизи дигар аст. Ба таъбири дигар, масал воқеияти сохта аз асле ба воситае мебошад. Масал навъи адабиест, ки шакли хоси худ ва мазмуни мустақил дорад. Истилоҳи "тамсил" дар мавриди истифодаи масал дар асари адабӣ ба кор бурда мешавад.

Тамсил дар таърихи адабиёти мардумони эронӣ бисёр қадимӣ буда, ҳамчун навъи адабӣ дар адабиёти аҳди қадим ду тарзи фаҳмиш дошт. Дар фаҳмиши истилоҳии маъмул дар адабиёти авестоӣ "тамсил" ҳамхон бо вожаи авестоии "äzanti" ба маънии "дарёфт, тафсир ва тавзеҳи матнҳои муқаддас" аст. Тамсил дар маънои монавии вожа ҳикоя ва достон аст, ки тарзи махсуси ифода дорад. Бузургтарин дастоварди адабиёти монавӣ дар Осиёи Марказӣ тамсилот ва ҳикоёти он шинохта шудааст. Ривоҷи асарҳои тамсилӣ дар адабиёти монавӣ ба таваҷҷуҳи зиёди монавиён ба омӯзаҳои ахлоқӣ вобаста аст. Маҷмӯаҳои тамсилӣ, ки намунаашон "Китоби тамсилот" аст, дар адабиёти суғдӣ ҳам мавҷуд

буданд. Тамсил дар адабиёти замони Сосониён низ роиҷ буд. Ҳикояҳои тамсилии "Калила ва Димна", достони "Дарахти асурик ва буз" ва ғайра аз ҳамин давраанд. Тамсил ба таври зиёд дар достонҳои тарҷумашуда аз адабиёти Ҳинди бостон шинохта шудааст.

**Чистон**. Чистон навъи машҳури адабиёти шифоҳӣ буда, аз нигоҳи қидмати замонӣ ҳанӯз дар даврони Ҳахоманишиён маълум буд. Чистон нақш ё тасвирест, ки ба гушоиш ва боз намудан бо сифоти зоҳир ва қиёс бо мавҷудоти монанди он ошкор мегардад. Дар адабиёти китобии асрҳои миёна онро бештар луғаз гуфтаанд, ки маънояш сухани сарбаста, каломи печида мебошад.

Чистон аз қадимтарин рӯзгорон дар миёни мардум мавҷуд буда, чун воситаи баёни завқу дарёфт аз хурдсолӣ ба кор мерафтааст. Қадимтарин намунаи маҷмӯаи чистон "Рисолаи Юшт, Фриён ва Ахт" мебошад, ки он дар оғоз сурати шифоҳӣ дошта, дар замони Сосониён китобат шудааст. Рисолаи дигари фарогири чистон "Мотикони Юшти Фариён" мебошад, ки чистонҳои мундариҷ дар он намунаи озмоиши ҳуш ва зиракӣ мебошанд.

**Мунозира**. Яке аз жанрҳои қадими адабиёти хаттии мардумони эронӣ мунозара буда, таърихи дерина дорад. Қадимтарин намунаи ин навъи адабӣ «Дарахти Асурик» («Дарахти асурӣ») мебошад, ки ёдгории адабиёти паҳлавӣ буда, аз забони портӣ ба форсии миёна тарҷума ва баъд таҳрири забонӣ шудааст.

Тарзи гузориши пурсиш ва посух яке аз шаклҳои муҳимми гузориши мазмун дар адабиёти паҳлавӣ мебошад. Ин навъи баёни мазмун дар адабиёти қадими Юнон низ роиҷ буд. Дар адабиёти паҳлавӣ вай шакли мунозараро ҳам гирифта, дар адабиёт навъи адабии мунозараро ба вуҷуд овардааст. Чистонҳо низ гоҳо шакли пурсишу посухро доранд, андарзномаҳо низ бештар ба ҳамин услуб эҷод шудаанд.

**Андарзнома.** Андарз дар таърихи адабиёти тоҷик таърихи қадима дорад. Истилоҳи адабии "андарзнома" ҳамчун ифодагари навъи шеъри насиҳатӣ, инчунин, ба маънои насиҳатнома ва асарҳои ҳакимонаю насиҳатӣ ҳам фаҳмида мешавад. Андарзномаҳо бештар ба шакли хитоби пешвоёни дин, подшоҳон, ҳакимон ба соири шунавандагон ва гоҳе ҳам ба сурати пурсишу посух суруда шудаанд. Ин хитобаҳо

мавзӯъҳои мазҳабӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, таълимотӣ ва зиндагонӣ бо намуна аз таҷрибаҳои рӯзгор доранд, аз ҷумлаи зеҳниёт ва амалиёт. Қадимтарин намунаи андарз "Готҳо"-и "Авесто"-ро гуфтаанд. Мунтахабе аз адабиёти андарзӣ дар китоби шашуми "Динкард" низ дарҷ аст. Аммо чун навъи адабии дорои мушаххасоти шаклӣ андарзномаҳо дар адабиёти паҳлавӣ ба вуҷуд омадаанд. Онҳо, дар баробари китобҳои ахлоқии "Калила ва Димна" ва "Синдбоднома", ки аз ҳиндӣ ба паҳлавӣ баргардон шудаанд, равиши пандомез ва насиҳатии ин адабиётро хеле такмил доданд. Дар радифи андарзномаҳои аҳди Сосонӣ инҳоро метавон зикр кард, ки то замони мо расида ва ҳосили таҷрибаҳои ахлоқӣ ва адабии он рӯзгорон мебошанд: "Андарзи доноён ба маздопарастон", "Андарзи Хусрави Каводон", "Андарзҳои пешиниён", "Барчидаи андарзи пурйуткешон", "Ёдгори Бузургмеҳр", "Андарзи Озарбоди Маҳраспандон", "Чанд вожаи Озарбоди Маҳраспандон", "Андарзи марди доно ба писари хеш" ва ғайра.

Номгӯи мазкур гувоҳи он аст, ки навъи адабии андразнома дар адабиёти паҳлавӣ ривоҷи тамом дошта, шакли махсуси адабии омехта аз мазомини мазҳабӣ, таълимию тарбиявӣ ва адаби зиндагониро ба вуҷуд овардааст.

Бо интихоби панҷ боб аз китоби "Панчатантра", такмили боби "Шер ва гов" ва се боби дигар аз "Маҳабҳарата" Барзуяи табиб дар замони ҳукмронии Анӯшервони Сосонӣ (замони ҳукумат: 531-579) китоби муътабари ахлоқӣ ба вуҷуд овард. Ба иловаи инҳо намунаҳо аз андарзҳои паҳлавӣ дар тарҷума ба забони арабӣ низ боқӣ мондаанд. Рисолаҳои андарзие ҳам мавҷуданд, ки аксар ба наср таълиф шудаанд, вале дар таркиби онҳо насри омехта бо назм низ ба чашм мехурад.

**Суруд.** Навъи адабии суруд дар адабиёти аҳди қадим аз оғози пайдоиши суннати мактуб роиҷ будааст. Аз ҷумлаи қадимтарин ёдгории адабиёти авестоӣ "Гоҳон" (вожаи авестоӣ, ба маънои суруд ва шеър) ба шумор меояд, ки он аз ҳафтдаҳ суруд таркиб ёфта, дар вазни ҳиҷоӣ суруда шудааст. Сохтори сурудҳои "Гоҳон"-ро донишмандон нисбатан равшантар ва симметрикӣ (symmetrical), яъне мутаносиб донистаанд. Инчунин, як бахши муҳимми "Авесто", ки "Яштҳо"-ст, маҷмӯае иборат аз бисту як суруд ё яшт

мебошад, ки ҷузви матнҳои ниёишӣ ба ҳисоб меоянд. Баъдтар ривоҷи минбаъдаи суруд ва мусиқӣ дар аҳди Сосониён ба мушоҳида мерасад.

Дар адабиёти аҳди қадим ду навъи суруд шинохта шудааст: сурудҳои кӯтоҳ ва сурудҳои тӯлонитар, ки ҳар ду ба маънии "ситоиш, офарин"-анд. Намунаи маҷмӯаи бузурги суруд ба забони форсии миёна аз адабиёти монавӣ "Мавъиза дар бораи нафси зинда" аст, ки дар қолаби аслӣ фарогири 561 банд будааст. Ин мавъиза ба форсии ҷадид ҳам тарҷума шудааст. Сурудҳои кӯтоҳ аз суханони мавзуне таркиб ёфта будаанд, ки аз нигоҳи ҳаҷм, дар қиёс ба маҷмӯаҳои суруд, кӯтоҳтар буда, бо овоз хонда мешуданд. Дар оғози матнҳои мавҷуд ба равиши хондани сурудҳо ҳам ишора мешудааст. Масалан, оғози матни ду суруд чунин аст: а) "Ин ба навои хуршеди нав"; б) "Ба овои тоҷик" (par tājigāne āwāk). Намунаи бисёр ками сурудҳои монавиён ба забони суғдӣ ҳам шинохта шудааст.

**Нома**. Нома ҳамчун навъи адабӣ таърихи кадима дорад. Номаҳо дар адабиёти аҳди қадим ҳам, ба мисли давраҳои баъдӣ, бо мақсади интиқоли паём ва пурсиши суолҳо навишта мешуданд. Номаҳои аҳди қадим ба сурати пароканда боқӣ мондаанд, ки аз ҷумлаи онҳо "Номаи Тансар" машҳур мебошад. Ҳамчунин, аз давраи қаблазисломӣ чаҳор номаи Хусрави Анӯшервон ва номаи мансуб ба Хусрави Парвиз дар посухи Ширӯя низ боқӣ монда, ки ҳамчун намунаи номаҳои аҳди паҳлавӣ шинохта шудаанд. Номаҳои бозмонда аз Монӣ аксар фарогири ваъз мебошанд. Навъи адабии номаҳои манзум дар адабиёти хутанӣ шинохта шудаанд, ки аз вижагии хоссае бархурдор буда, бо мақсади фиристодан ба касе навишта нашудаанд. Онҳо аз нигоҳи устодона навишта шудан ва бисёр бадеъ будан ҷузви осори бадеӣ маҳсуб гардида, фарогири мазмунҳои дурӣ аз Ватан мебошанд. Мухотаб дар ин навъи номаҳо хонавода ва дигар шахсони наздик ҳастанд. Гӯянда агарчи бо мухотаб дар фосилаи чандон дур қарор надорад, тарзе сухан мегӯяд, ки гӯё мусофир асту аз роҳи дур нома менависад.

**Сафарнома.** Дар адабиёти хутании аҳди қадим сафарномае шинохта шудааст, ки донишмандон онро дар шумори матнҳои ҷуғрофиёӣ ба ҳисоб овардаанд. Ин сафарнома фарогири тавсифи сафарест ба Кашмир, ки дар он замон фармонравои он макон шоҳ Абҳиманюгупта (958-972)

будааст.

2. **Шеър дар аҳди Сосониён**. Дар хусуси манзум будани баъзе асарҳои марбут ба адабиёти авестоӣ, аз ҷумла худи "Авесто" ва бахшҳои ҷудогонаи он, ақидаҳо ҳамгун нестанд. Ба ҳар сурат ҷузъи таркибии адабиёти авестоӣ маҳсуб шудани назм андешаест, ки инкор намешавад. Гузашта аз ин қитъаҳои манзумро дар таркиби насри авестоӣ ҳам дучор шудан мумкин аст. Тадқиқотҳои охир бар он гувоҳанд, ки матни сурудҳои ҳафтгонаи "Ҳафт ҳот", ки баъд аз «Готҳо» қадимтарин бахши «Авесто» ба ҳисоб меоянд, дар асл манзум будаанд. Бинобар он ки «Ҳафт ҳот» дар тӯли таърих дучори таҳрирҳо шуда ва ба он афзудаҳое ворид шудааст, ҳамин дастбурдагӣ матни асарро аз шеър ба наср даровардааст.

Алиакбари Ҷаъфарӣ дар таҳқиқоте ҷудогона таҳти унвони "Ҳафт ҳот: пироиш ва гузориш", ки дар Теҳрон ба чоп расидааст, матни "Ҳафт ҳот"-ро боз ба сурати асл ба шеър баргардонида, афзудаҳои баъдиро ҷудогона нишон додааст.

Ба забони паҳлавӣ ашъори нисбатан камтаре боқӣ монда ва он чи ки боқӣ монда, ба мушоҳидаи донишмандон, дучори таҳрифҳо ва дасткориҳои зиёд шудааст. Бештари ашъори бозмонда қитъаҳои таълимию ахлоқӣ ҳастанд. Чунин ашъор дар дохили матни андарзномаҳое мавҷуданд, ки ба наср нигошта шудаанд, вале шинохта шуданашон душвор аст. Агарчи барои худи соҳибзабонон дар замонаи эҷоди андарзномаҳо фарқ кардани порчаҳои мансур аз манзум мушкилӣ надоштааст, барои котибони нусхаҳои паҳлавӣ дар даврони баъдӣ бозшинохтани шеъри паҳлавӣ аз насри он муяссар намегардидааст. Аз ин ҷост, ки шеърҳоро бидуни нишонагузориҳои махсусе, ки ба шеър будани онҳо далолат кунад, ҳамроҳ бо наср китобат мекардаанд. Муҳаққиқон ин навъ ашъорро аз рӯйи шеваи баён, мавзун будан ва сохтмонашон дарёфтаанд. Баъзе аз иборааву таркиботе ҳам дар андарзномаҳо дучор мешаванд, ки агарчи шеър нестанд, аз кайфият ва забони шеърӣ бархурдоранд.

Дар миёни матнҳои андарзномаҳои паҳлавии дастрас, ки дар бахшҳои баъдӣ бо онҳо шинос хоҳем шуд, ба порчаҳое дучор мешавем, ки ба каломи манзум наздикӣ доранд. Дар сурати ба равиши гусонҳо бо зарбу оҳанг хондани чунин порчаҳо дорои каломи оҳангин ва назми хос буданашон маълум мешавад. Гузашта аз инҳо, намунаи манзуми андарзномаҳоро ҳам дар даст дорем. Масалан, "Андарзи

доноён", ки дар рисолаи "Андарзи доноён ба маздаяснон" омадааст. Бандҳои 17-20 "Андарзи доноён ба маздаяснон" қитъаи шеърие мебошад, ки қофия ҳам дорад. Матни қитъаи мазкур дар тарҷумаи Додихудо Саймиддинов чунин аст:

17. Дорам андарзе аз доноён,
Аз гуфти пешиниён.
Ба шумо бигузорам,
Ба ростӣ андар ҷаҳон,
Агар ин аз ман пазиред,
Бувад суди ду ҷаҳон.
18. Ба гетӣ густох мабед,
Бас орзу андар ҷаҳон.
Чӣ гетӣ ба кас нахиштанд,
На кӯшку (на) хону мон.
Шодӣ ба дил чӣ хандед
Ва чӣ нозед гетиён.
19. Мардумоне чанд дидам,
Бас [орзу?] андар ҷаҳон.
Худоёне чанд дидам,
Меҳ сардорӣ бар мардумон
Эшон ба беш пиндорҳо
Бирафтанд андар ҷаҳон.
Эшон бероҳ шуданд,
Бо дард рафтанд, бе сомон.
20. Ҳир кӣ чунин дид, чаро
Дил бандад андар ҷаҳон?
Надоред гетӣ ба сипанҷ
Ва [на] тан ба осон.

Қитъаи дигари манзум дар андарзномаи "Хим ва хиради фаррухмард" шинохта шудааст, ки дар мадҳи хирад мебошад. Ин қитъаи шеърӣ муқаффо буда, дар миёнаи матн, дар бандҳои 16-19 омадааст. Бино ба мушоҳидаи муҳаққиқон, матни мазкур аз нигоҳи корбурди ташбеҳоти бисёр ва забони шоирона имтиёз дорад.

Севумин қитъаи манзум, ки низ дар васфи хирад аст, дар рисолаи "Андарзи Беҳзоди Фаррух Пирӯз" қобили мушоҳида аст. Шахсияти худи Беҳзоди Фаррух Пирӯз комилан шинохташуда нест. Тахмин меравад, ки аз рӯҳониёни охири аҳди Сосонӣ ва оғози аҳди исломӣ бошад. Ин андарзнома мансуб ба вай мебошад.

Бахше аз "Андарзи Беҳзоди Фаррух Пирӯз", ки дар васфи

хирад махсус аст, забони шоирона дорад. Сурати шеърии ин қитъаро Аҳмади Тафаззулӣ аз бандҳои 8-18 муайян кардааст, ки дорои навъе қофия ё ҳамовоӣ дар охири абёт мебошад.

Қитъаи шеъри дигар таҳти унвони “Омадани шоҳ Баҳроми варҷованд” маълум аст, ки манзумаи муқаффои кӯтоҳ буда, аз 14 байт иборат аст. Дар ин қитъаи шеърӣ дар бораи зуҳури Баҳроми варҷованд дар охири ҷаҳон сухан меравад. Маънии зуҳури Баҳроми варҷованд гирифтани интиқом аз тозиён дониста шудааст. Тахмин мешавад, ки қисматҳое аз “Баришнаск”-и авестоӣ низ ба шеър суруда шудааст. “Суруди оташкадаи Каркӯй”-ро ҳам баъзе муҳаққиқон, агарчи ба хатти форсӣ навишта шудааст, аз нигоҳи забон ва вазн дар шумори шеъри паҳлавӣ маҳсуб донистаанд. Манзумаи “Дарахти Асуриг” ва “Ёдгори Зарирон”, ки қаблан бо онҳо шинос шудем, аз миёни ашъори бозмондаи қадим ду асари нисбатан муфассалтар ба шумор меоянд. Ҳар ду асар асли портӣ доранд.

Мавҷудияти ашъори дорои асли паҳлавӣ дар китобҳои адаби арабию порсӣ ҳам таъкид мешавад. Аз ҷумла, аз навъи ашъори ошиқонаи паҳлавӣ манзумаи “Вис ва Ромин” боқӣ мондааст, ки матни паҳлавии онро Фахриддини Гургонӣ дар даст доштааст. Андешаи дигар ҳам ҳаст, ки асли портӣ доштани ин манзумаро таъйид мекунад. Агар ин андешаро бипазирем, маълум мешавад, ки “Вис ва Ромин” нахуст ба портӣ навишта шуда, сонӣ, дар охирҳои давраи Сосонӣ, дар қолаби наср ба паҳлавӣ тарҷума шуда, дар ниҳоят, аз ҷониби Фахриддин Асъади Гургонӣ дар асри XI ба назми порсии дарӣ дароварда шудааст. Асли портӣ ва тарҷумаи паҳлавии манзума аз байн рафтааст.

Бино ба таъкиди муҳаққиқони таърихи адабиёт, бозтобе аз фарҳангу адаби давраи Сосониёнро дар достонҳои “Ҳафт пайкар”, “Хусраву Ширин” ва “Вомиқу Узро” дучор шудан мумкин аст. Инчунин, аз бозмондаи матни “Вомиқу Узро”-и Унсурӣ муайян шуда, ки мазмуни он аз достони юнонӣ иқтибос шудааст.

Масъалаи дигари марбут ба шеъри аҳди Сосонӣ, ки мавҷудияти онро тасдиқ мекунад, фаъолияти хунёгарон мебошад. Хунёгарони машҳури ин аҳд, ба монанди Борбади Марвазӣ, суннати овозхонии гусонҳои давраи Ашкониро идома додаанд. Хунёгарон дар он рӯзгорон донандагони ашъори мондагор маҳсуб мешуданд. Онҳо илова бар шеърҳои

чудогона достонҳои ошиқонаву ҳамосии қадимро ба ёд доштанд ва онҳоро ҳамроҳ бо созу мусиқӣ мехонданд. Дар баъзе сарчашмаҳо ба ромишгарон ашъореро ҳам нисбат додаанд. Масалан, бино ба ахбори Ибни Хурдодбеҳ, шеъри мадҳии зеринро, ки дар мадҳи Хусрави Парвиз аст, Борбад гуфтааст:

Хоқон моҳ моназу қайсар хуршез,
Они ман худой абр моназ комгорон,
Ки хоҳаз моҳ пӯшаз, ки хоҳаз хуршез.

Яъне, хоқон монанди моҳу қайсар монанди хуршед аст, аммо худовандгори ман монанди абри комгор аст. Ҳар гоҳ бихоҳад, моҳро мепӯшад ва ҳар гоҳ бихоҳад, хуршедро.

Аҳмади Тафаззулӣ бо такя ба иттилои "Муҳозарот-ул-удабо" қитъаи зеринро, ки дар тавсифи наргис буда, дар он хусусиятҳои забони порсӣ дида мешавад, дорои асли паҳлавӣ медонад:

Наргис узмуруд даста,
Марворид фаду (паду) руста,
Зараш дар миён баста.

Дар миёни осори монавиён низ асарҳои манзум шинохта шудаанд. Бино ба дарёфти муҳаққиқон, бахши муҳимме аз адабиёти монавиро сурудаҳое ташкил медодаанд, ки моҳияти динӣ дошта, онҳоро дар маросимҳои динӣ ҳамроҳ бо мусиқӣ мехондаанд. Ашъори монавиро донишмандон, бо таваҷҷуҳ ба ҳаҷми онҳо, ба се гурӯҳ: а) сурудаҳои дароз, ки ба бахшҳо тақсим шудаанд, б) мадҳияҳои динии тӯлонӣ, ки ба бахшҳо тақсим нашудаанд, в) сурудаҳои кӯтоҳ дастабандӣ кардаанд.

Сурудаҳои навъи аввал ба тақлид аз китоби "Забур"-и Монӣ суруда шуда ва ҳар бахш "ҳандом" номида шудаанд, ба маънии андом, узв. Аз ин навъ чаҳор маҷмӯа мавҷуд аст, ки дуто ба форсии миёна ва дуи дигар ба портӣ суруда шудаанд, ба тартиби зайл: "Гуфтори нафси зинда", "Гуфтори нафси рӯшан", "Ҳуядаг-мон", "Ангад рӯшнон". Қитъаҳое аз маҷмӯаҳои мазкур ба забони сугдӣ ҳам боқӣ мондааст.

Осори навъи дувум – мадҳияҳои динии тӯлонӣ ба сурати комил боқӣ намондаанд. Ин навъи сурудаҳо дар хитоб ба яке аз эзадони монавӣ ё худи Монӣ суруда шудаанд. Дар гуфтани ин навъ осор монавиён аз "Яштҳо"-и "Авесто" тақлид кардаанд.

Аз навъи сурудаҳои кӯтоҳ баъзе сурудҳо, ба сабаби кӯтоҳ будан, боқӣ мондаанд. Муҳтавои баъзе аз ин навъи сурудаҳо

дар ситоиши худоён, бузургони монавӣ ва дар рисои онҳо мебошад. Баъзеи дигар аз сурудҳое таркиб ёфтаанд, ки онҳоро зардуштиён дар маросимҳои гуногун, ба мисли маросими рӯзи душанбе, рӯзи муқаддаси монавиён ё дар ҷашни солонаи бима мехондаанд.

Шеърҳои монавиро дар нусхаҳо агарчи ба сурати наср навиштаанд, охири байтҳо бо нуқтае рангин мушаххас шудаанд. Аз он ҷо, ки миёни абёти сурудаҳои гурӯҳи аввал фосилаи сафед гузошта шудааст, сурати шеърии онҳо мушаххастар аст. Ҳар байте дорои ду мисроъ ва дар миёни ҳар мисроъ як ё ду нуқта гузошта мешавад, ки мисроъро ба ду пора тақсим мекунад.

Оид ба ашъори монавӣ мушаххасоти дигаре ҳам шинохта шудаанд, аз ҷумла перомуни вазни ашъори монавӣ, ки бо кулли онҳо дар тадқиқоти мавҷуди донишмандони адабиёти монавӣ шинос шудан мумкин аст. Дар ашъори монавиён мавҷудияти вазни зарбӣ ё такяӣ, санъатҳои лафзӣ ва сувари хаёли шоирона низ таъкид мешавад.

3. **Таълифот ва осори насрии аҳди Сосониён**. Асарҳои мансуре, ки аз рӯзгори Сосониён то ба мо боқӣ мондаанд, аз нигоҳи мазмуну мундариҷа гуногун буда, шомили асарҳои мансури асотирӣ, панду андарз, ҳикмат, китобҳои мазҳабиву гайримазҳабӣ, ҳикоёту қиссаҳои размию базмӣ мебошанд. Дар бораи чунин асарҳо дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ, донишномаҳо, асарҳои тадқиқӣ ва дигар манобеъу маохиз маълумот пайдо кардан мумкин аст. Муҳимтарин асарҳои адабии он замон, ки то замони мо расидаанд, инҳо мебошанд:

Достони "**Минуйи хирад**". "Минуйи хирад" ёдгории муҳимми адабиёти паҳлавӣ буда, дар дастнависҳои мавҷуди он дар хусуси нависанда ва замони таълифи он ишорае нашудааст. Сабаби зикр нагардидани исми нависанда ва ё гирдоварандаи матни асарро Аҳмади Тафаззулӣ ба монанди аксарияти китобҳои паҳлавӣ дар асоси суннати шифоҳӣ тадвин шудани онҳо медонад. Ба тахмини донишмандон, матни китоб дар давраи Хусрави аввали Сосонӣ, маъруф ба Хусрави Анушервон (531-579) таҳрир шудааст.

Номи ин достон дар китоби "Адабиёти паҳлавӣ"-и Додихудо Саймиддинов ба сурати "Минуи хирад" омада, "қазовати рӯҳи ақл" маънӣ шудааст. Аҳмади Тафаззули онро ба гунаи "Додистони минуйи хирад" навишта, "аҳкому орои рӯҳи ақл" тарҷума кардааст. Ба қавли ин донишманд, ин

китобро аз ҷиҳати зиёдии андарзу ҳикматҳо ва таваҷҷуҳи хос ба мавзӯи хирад метавон дар шумори андарзномаҳо гузошт. Илова бар оҳангҳои мазкур дар “Минуйи хирад” мавзӯъҳои ахлоқиву фалсафӣ, диниву асотирӣ ҳамроҳ бо дигар мавзӯъҳои ҷаҳоншиносӣ барррасӣ гардидаанд.

Достони “Минуйи хирад” аз дебоча ва 62 пурсишу посух таркиб ёфтааст. Пурсишҳо аз ҷониби “доно” ироа гардида, ба онҳо “хирад”, ки бо номи Минуйи хирад ёд мешавад, посух медиҳад. Ҳам суолкунанда ва ҳам ҷавобдиҳанда шахсиятҳои тахайюлӣ мебошанд. Ин шахсиятҳои тахайюлӣ ва паёми аслии асарро Додихудо Саймиддинов тавзеҳ додааст. Доно ба хости хирад кишвар ба кишвар аз кешҳову гаравишҳои бартару доноии мардумонашон огоҳӣ ёфт. Пас аз ин пажӯҳишҳо вай дарёфт, ки аз ҳама некиҳо барои поиши тан ва раҳоиши равон хирад беҳтару бартар аст, инчунин, ороиши гетӣ ва идораи мину низ ба ёрии неруи хирад имкон дорад. Дар анҷом минуйи хирад тани хешро ба “доно” ошкор намуда, ба пурсишҳои ӯ посуххо медиҳад.

Пурсишҳо ба тариқи фардӣ ва ё гурӯҳӣ матраҳ гардида ва баъзе аз суолҳо ба гунаи чистон ироа шудаанд. Ба сурати куллӣ, муҳтавои “Минуйи хирад” шомили чунин матлабҳост: андарзҳо, ки аз навъи таҷрибиву амалӣ иборатанд, ойинҳою мазҳабҳо, нисору бахшиш, ибодат, шарҳи сарнавишти одамӣ баъд аз марг ва ҷудо шудани он аз тан, ахтарон ва макони онҳо дар осмон, нақши ситорагон дар сарнавишти одамӣ, чигунагии замину осмону об, кӯҳҳову дарёҳо, матолиби асотирӣ ва ишорат ба достонҳо қадимӣ, ба мисли номҳои асотирии ҷуғрофиёӣ, шоҳони пешдодӣ ва ғайра, офаринишҳои ҳурмуздӣ ва аҳриманӣ, гиёҳшиносӣ, камтаваҷҷуҳӣ ба умури дунёи моддӣ ва таваҷҷуҳ ба дунёи маънавӣ, пардохтан ба умури рӯҳонӣ. Чанд намуна аз матни тарҷумаи Додихудо Саймиддинов дар зер оварда мешавад.

Матн чунин оғоз мешавад: “Ба ном ва ситоиши офаридгор Ҳурмузд, ки ҳама судҳо (аз ӯст) ва ҳама эзадони офарида дар мину ва гетӣ ва фарҳанги фарҳангҳо – дини маздопарастӣ, ки бунёди сарчашмаи доноӣ баргузида аз ӯст, ба фарру коми ду ҷаҳон ва омӯзишҳои фаровон (аз) офаридгор Ҳурмузд ва ҳама эзадони бас нерӯманд ва осоиши бекарон (аз) пардохти эзадон ва ҳама доноёне, ки корашон омӯзанда аст. Подошҳои нав ба нав ба (он ки) хирад бо хештан дорад. Барои ёфтани суди ду ҷаҳон ба тану равон

шифобахштарин хирад (аст)".

Пурсиши ниҳоӣ ва анҷоми матн ин тавр аст:

"Пурсид доно аз минуи хирад, ки кадом он кори нек аз миёни корҳои нек меҳтару беҳтар ва арҷмандтару судмандтар (аст) ва ҳеҷ ҳазинае дар он набошад?

Минуи хирад посух кард, ки барои ҳама некӣ хостан ва ба эзадон сипосгузор будан ва дар ҳар ҷову ҳар замон Ҳурмуздро ба офаридагорӣ ва Аҳриманро ба нобудсозӣ дар андеша доштан ва ёд кардан. Ва дар ҳастии эзадон ва дину равону биҳишт ва ҳисоби се шаби нахусти пас аз марг ва будани растохезу тани пасин бегумон будан муҳимтар аст. Ин аз ҳар кори нек меҳтару нектар ва арҷмандтару судмандтар (аст) ва ҳеҷ гуна ҳазинае дар кораш набояд (будан).

(Ба) дуруд ва (нек)бахтӣ".

Чунонки аз мутуни мазкур ва дигар осори паҳлавӣ бармеояд, дар онҳо ба хирад таваҷҷуҳи зиёд шудааст. Диққати зиёд ба хирад аз он ҷост, ки дар суннати хаттии адабиёти паҳлавӣ хирад аз ҷумлаи муҳимтарин падидаҳои неки Офаридгор ба офаридагон шинохта ва маънӣ карда мешавад.

Ривояти "**Шоист ношоист**". Ин китоб дар нусхаҳои хаттии мавҷуд унвон надорад, унвони "Шоист ношоист"-ро ба маънии "он чи шоиста асту он чи ношоист аст", донишмандони зардуштӣ гузошта, инчунин, бо таваҷҷуҳ ба суннат онро "ривоят" номидаанд. Муаллифи китоб шинохта нашуда ва замони таълифаш ҳам дақиқ нест. Тақрибан дар охирҳои аҳди Сосонӣ, пас аз соли 632 таълиф шудани асар тахмин мешавад.

Китоби "Шоист ношоист" аз нигоҳи мавзӯъ маҷмӯаи қонунҳоро фаро гирифта, аз ҷиҳати муҳтаво ва қидмати замонӣ дар радифи "Вандидод" қарор мегирад. Матолиби монанд ба онро дар китобҳои дигар, ба мисли "Ҳирбадистон", "Найрангистон", "Ривоёти паҳлавӣ" ва гайра пайдо кардан мумкин аст, ки ин ҷиҳат ба муҳиммияти мавзӯи асар далолат мекунад.

"Шоист ношоист" аз даҳ фасл иборат буда, фаслҳои 1-8 фарогири чунин мавзӯъҳо мебошанд: дараҷаҳои ҳаштгонаи гуноҳон ва мизони товони онҳо, ҷасади шахси даргузашта ва муқаррароти динии марбут ба он, қавонини марбут ба бемории (одати моҳонаи) занон, оид ба камарбанди динии зардуштиён (кустӣ), пироҳани динии онон ва қавонини

марбут ба онҳо, гуноҳи сухан гуфтан дар ҳангоми хӯрок хӯрдан ва баъзе аз аъмоли динӣ, гуноҳону савобҳо, ситоиши хуршед се бор дар рӯз, ситоиши оташ ва гуноҳи хомӯш кардани он, товони гуноҳони марги арзон (гуноҳоне, ки товонашон марг аст) ва бархе гуноҳони дигар ва ғайра. Фаслҳои 9-10 шомили мавзӯъҳои гуногун, ба монанди даргузашти мӯбаде дар ғурбат, мубоҳисаи динӣ бо ҳирбадон, ибодат дар оташкадаву ҷойҳои дигар, баъзе марсоимҳои динӣ, парҳез аз куштани ғайриқонунии баъзе аз ҳайвонот, нукоте марбут ба ақоиди омиёна ва ғайра мебошад. Муфассалтарин бахши китоб фасли охири он аст.

Матни "Шоист ношоист" аз ҷониби Катоюни Маздопур ба форсӣ тарҷума шуда ва барои он вожаномае ҳам тавассути Маҳмуди Товусӣ фароҳам омадааст. Дар идомаи матни "Шоист ношоист" матолиби дигаре ҳам омада, ки онро "Мутаммами Шоист ношоист" номида, фаслҳои 11-23 китоб ба ҳисоб овардаанд. Дар бораи ин матн Аҳмади Тафаззулӣ хабар додааст (Тафаззулӣ 1378, 282-283).

"**Корномаи Ардашери Бобакон**". Ягона асари таърихие, ки ба забони паҳлавӣ боқӣ мондааст, "Корномаи Ардашери Бобакон" мебошад. Муаллиф ва замони дақиқи навишта шудани асар маълум нест. Ба тахмини Т.Нёлдеке, дар аҳди подшоҳии Хусрави Анӯшервон ва дар асоси ривоятҳои куҳан навишта шудааст. Мавзӯи асар таърихӣ буда, шомили воқеаҳои таърихии омехта бо афсона оид ба таърихи подшоҳии нахустин шоҳи Сосонӣ – Ардашери Бобакон, ё худ Ардашери I (224-239), пирӯзии вай бар охирин шоҳи Ашкониён – Ардавони IV (213-224) ва дигар шаҳриёрон, муттаҳид сохтани кишвар ба шоҳаншоҳии бузург, парвариши Ардашер, набардҳову пирӯзиҳои вай бар душманон, зода шудани Шопури I (241-272), Ҳурмузди I (272-273) ва ғайра мебошад. Дар асар тавъам бо воқеияти таърихӣ, ки дар симо ва шахсияти ашхоси таърихӣ намудор мегардад, ҷанбаҳои афсонаӣ, асотирӣ ва ҳамосӣ низ мавқеи муайян доранд. Мавзӯи асар ҳам дар адабиёти шифоҳии қабл аз Сосонӣ, ҳам пас аз онон ва ҳам дар баъзе асарҳои таърихиву адабии даврони баъдӣ мунъакис шудааст. Аҳмади Тафаззулӣ "Корномаи Ардашери Бобакон"-ро як навъи романи таърихӣ ҳисобидааст.

Мазмуни мухтасари асар, мувофиқи бозгӯии Тафаззулӣ, чунин аст, ки Бобак, бобои модарии Ардашер дар замони

охирин шоҳи Ашконӣ – Ардавони IV волӣ (марзбон, шаҳриёр)-и Порс буд ва аз худ фарзанди писаре надошт. Сосон, ки аз насли Дорои Дороён (ё Дориюши III – шоҳи Ҳахоманишӣ) буд, шубони Бобак буд, аммо Бобак аз аслу нажоди вай огоҳӣ надошт. Шабе дар хоб дид, ки хуршед аз сари Сосон метобаду ҳама ҷаҳонро рӯшанӣ фаро гирифтааст. Шаби дувум дар хоб мебинад, ки Сосон бар пили сапеди оростае нишастаасту ҳама ба ӯ эҳтиром мекунанд. Пили сапед дар он рӯзгорон нишонаи қудрату салтанат будааст. Шаби севум дар хоб дид, ки се оташкадаи бузург: Франбағ, Гушнасп ва Барзинмеҳр дар хонаи Сосон медурахшанд ва ба ҳамаи ҷаҳон рӯшанӣ мебахшанд. Бобак таъбири хоби хешро аз хобгузорон дархоста, аз онҳо мешунавад, ки ин мард ва ё яке аз фарзандонаш ба подшоҳии ҷаҳон мерасад. Бобак Сосонро ба назди худ мехонад ва чун аз нажоди вай огоҳ мешавад, Сосонро гиромӣ медораду духтари худро ба ӯ медиҳад. Аз ин издивоҷ Ардашер ба дунё меояд, Бобак ӯро ба фарзандӣ мепазирад ва чунон тарбият мекунадаш, ки ҳамчун ҷавоне номбардор ба камол мерасад.

Ардавон, ки аз шоистагии Ардашер огоҳ шуда буд, аз Бобак хост, ки Ардашерро ба дарбори вай бифиристад. Бобак ноилоҷ Ардашерро ба назди шоҳ фиристод. Ба дастури Ардавон ҳар рӯз Ардашер бо шоҳзодагон ба нахчиру чавгон мепардохт ва чун дар ин ҳунарҳо бартарии худро нишон медод, боиси ҳасодат мегашт. Вазъият чунон шуд, ки пас аз ҳодисае Ардавон бар Ардашер хашм гирифт ва дастур дод, ки бар асп нанишинад ва пайваста дар охур ба сар барад. Дар ин миён яке аз канизакони зебои Ардавон ба Ардашер дил мебандад. Ардашер ба ёрдами вай силоҳ, дираму динор ва ду асп, яке барои худу дигаре барои канизак, ба даст оварда, аз дарбор мегурезад. Ардавон онҳоро таъқиб мекунад, аммо аз он ҷо, ки фарраи эзадӣ ба Ардашер ҳамроҳ шуда буд, ба ӯ намерасад. Ардавон ба муқобили Ардашер сипоҳ мефиристад. Ардашерро, ки мардуми Порс, савоҳили дарё, Исфаҳон ва фармонравоёни маҳаллӣ пуштибонӣ мекунанд, дар натиҷа, ба лашкариёни Ардавон пирӯз мегардад ва Ардавон кушта мешавад.

Дар идома шарҳи набарди Ардашер бо шоҳони маҳаллии дигар, ба монанди шоҳ Курдони Модӣ, Кирми Ҳафтвод, ки сипоҳиёни вай ба роҳзании дарёӣ дар навоҳии ҷанубӣ машғул буданд, Меҳраг, аз фармонравоёни Порс омадааст.

Бахши дигари достон оид ба таваллуди Шопур – писари Ардашер аст: Пас аз қатли Ардавон, Ардашер духтари ӯро ба зании хеш даровард. Аз миёни чаҳор бародари ин зан ду тан дар асорат ва ду тан дар табъид, дар Кобул зиндагӣ мекарданд. Бародароне, ки дар гурбат буданд, аз хоҳар хостанд, ки бо суиқасде Ардашерро бикушад. Ин тавтеа фош шуд, Ардашер фармон дод, ки он занро бикушанд. Масъули куштани зан вақте огоҳ шуд, ки зан аз Ардашер бордор аст, аз куштанаш даст боздошт ва ӯро дар хонаи худ бузург кард. Вақте ки фарзанд таваллуд шуд, ӯро Шопур ном ниҳод. Баъдҳо, ки Ардашер аз фармони худ пушаймон шуда буд, он мард Шопурро ба назди вай овард.

Бахши дигари достон дар хусуси таваллуди писари Шопур – Ҳурмузд аст. Пешгӯи ҳиндӣ пешбинӣ карда буд, ки давоми подшоҳӣ дар хонадони Ардашер аз издивоҷи писаре аз хонаводаи вай бо духтаре аз хонаводаи Меҳраг, ки ба дасти Ардашер кушта шуда буд, ҳосил мешавад. Ардашер аз ин пешгӯӣ хушнуд набуд, бинобар ин, дастур дод, то ҳамаи хонаводаи Меҳрагро нобуд кунанд. Дар ин миён духтаре аз ӯро деҳқонон пинҳон нигоҳ доштанд ва марди бузурге ӯро тарбият кард. Иттифоқан, Шопур ба ин духтар бархурда, шефтаи вай шуд ва бидуни огоҳӣ ва иҷозаи Ардашер бо ӯ издивоҷ кард. Аз ин издивоҷ Ҳурмузд ба дунё омад ва ӯро низ пинҳонӣ тарбият карданд. Бо гузашти замон, вақте ки Шопур аз шоистагиву ҳунармандии Ҳурмузд огоҳ мешавад, аз гуноҳи фарзанд дармегузарад. Дар асар, инчунин, аз шаҳрҳои сохтаи Ардашер ёд шудааст.

"Корномаи Ардашери Бобакон" ба чандин забонҳои дунё, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ, тарҷумаву чоп шудааст. Тарҷумаи тоҷикии асарро Додихудо Саймиддинов анҷом додааст, ки дастрас мебошад. Матни аслии асар дар миёни дигар ёдгориҳои адабиёти паҳлавӣ бо сабки сода ва баёни равшан имтиёз дорад. «Корномаи Ардашери Бобакон» аз чаҳордаҳ боб, ки "дар" номида шудаанд ва огозу анҷом иборат аст. Агарчи мавзӯи ин асар таърихист, вай як намунаи хуби таълифи адабӣ аз ҷиҳати созмони нақшҳои ҳунарӣ, пайванди вақоеъ ва симои қаҳрамонон мебошад. Масалан, фасле, ки дар он аз гурехтани Ардашер бо канизак ва ба вай ёрӣ додани фарраи эзадӣ дар сурати барра нақл мекунад, аз ин нигоҳ имтиёз дорад. Фарраи эзадӣ (нури худовандӣ) ҳамчун рӯҳи муқаддас ба шакли барра ба ёрии Ардашер

мерасад ва дар мавриди хеле душвор ба ӯ ёрӣ мерасонад.

"Корномаи Ардашери Бобакон" намунаи ҳамосаи (эпоси) замони Сосониён аст. Вай асоси таърихӣ ва вусъати ҳамосии адабӣ дорад. Навъи ҳамоса дар он замон ба вуҷуд омада, барои ривоҷи ҳамосасароӣ асос гузоштааст. Ин ҳамоса асоси ривоятӣ, моҷароҳои шадиди миёни қаҳрамонон ва тобиши мазҳабӣ ҳам дорад. Нақши Ардашер, канизак, ривояти насабу асли вай ҷанбаи достонии ҳамосаро афзудаанд. Сароидани ҳамоса дар аҳди Сосониён андак-андак ривоҷ ёфта, натиҷаи инкишофи он суннатҳо таълифи достони қаҳрамонии миллӣ "Худойнома" мебошад.

**«Худойнома»**. Ин асари машҳур муҳимтарин ёдгории адабиёти паҳлавӣ ва ҳамосаи бузурги паҳлавонӣ мебошад. Равиши гузориши мавзӯъҳо дар «Худойнома» ба раванди таърихӣ бунёд ёфтаанд. Асли паҳлавии китоб боқӣ намондааст, вале аз он тарҷумаҳое ба забони арабӣ шудаанд. Муҳаққиқони адабиёти паҳлавӣ чунин гумон доранд, ки бештари матнҳои ҳамосии паҳлавӣ ба адабиёти шифоҳӣ тааллуқ дошта, мувофиқи суннати шифоҳӣ аксар аз тариқи нақл аз забон ба забон гузаштаанд. «Ёдгори Зарирон» намунаи достон ва "Корномаи Ардашери Бобакон" намунаи асари ҳамосии (эпоси) он замон аст.

Замони Анӯшервон ҳамчун давраи таълифу тарҷумаи асарҳои адабӣ, чун як неҳзати фарҳангӣ маъмул аст ва тадвини "Худойнома" низ ба ҳамин замон рост омадааст. Ба гуфтаи донишмандон, ҳатто дар замони Баҳроми Гӯр (замони подшоҳиаш: 421-438) "Номаи бостон" ("Китоб-ул-мулук") мавҷуд буда ва достонҳои онро дар маҷолису базмҳо мехондаанд. "Худойнома" дар асоси чунин сарчашмаҳо тадвин шудааст: дафтарҳои расмии вақоеъ, ки дар дарборҳо мавҷуд будаанд, рисолаҳои ҷудогонаи таърихӣ, насабномаҳо, феҳристи ҷангҳо, шаҳрҳо ва воқеаҳои марбут ба онҳо, гуфтори ровиёну наққолоне, ки ривоятҳои таърихиро ба сурати афсона мехондаанд, суннатҳои шифоҳӣ ва манобеи суриёнӣ (дар мавриди Искандар). Дар мавриди бозгӯии саргузаштҳои подшоҳон қиссаҳои алоқаманд ба рӯзгори онҳо илова мешавад, ба мисли достони шоҳи Эрон ва духтари шоҳи Хазар ва достонҳои Баҳроми Гӯр. Инчунин, дар рӯзгори шоҳони баъдӣ матолибе бар асли китоб афзуда шуда ва пас аз шикасти Сосониён ҳам сарнавишти Яздгирди севум ворид шудааст. Бино ба ривояти "Худойнома", охирин

подшохи Сосонӣ дар яке аз рустоҳои Марв ба дасти осиёббоне кушта шудааст.

Дар «Худойнома» номи силсилаи подшоҳони эронӣ, воқеаҳои замонҳои гуногун, ки омехта бо афсонаву устураанд, ҳаводиси замони подшоҳон ҳамроҳ бо хутбаҳо, калимоти қисор (суханони кӯтоҳи пурмаъно) ва васиятҳои онон, достонҳо ва устураҳои кухани ҳиндуэронӣ ва ақвоми ориёӣ: шарҳи аъмоли қаҳрамонони қадим, кашмакашҳои қабилаҳои гуногун ва ғайра, достонҳои марбут ба Ҷамшед, Заҳҳок, ҷангҳои ирониёну тӯрониён, тирандозии Ораш, аждаҳокушии Гаршосп ва монанди инҳо, ки асли авестоӣ доранд, ривоёти каёнӣ, ки дар рӯзгори Ашкониён ба ҳам омезиш ёфтаанд, устураҳо, шарҳи ҳоли подшоҳони Сосонӣ ва корномаҳои онон дарҷ шудаанд.

Асли паҳлавии "Худойнома" боқӣ намондааст. Матни он дар асоси таҳрирҳои даврони Сосонӣ ва тарҷумаҳои асар ба забони арабӣ танзим шудааст. Аммо мутарҷимони арабӣ ва сароянлагони "Шоҳнома" ба форсӣ зоҳиран асли паҳлавии асарро дар даст доштаанд. Дар даврони ислом "Худойнома" бо номҳои "Сияр-ул-мулук", "Сияр-ул-мулук-ал-Фурс" ва ғайра ба арабӣ тарҷума шудааст. Мувофиқи андешаҳои мавҷуд, нуҳ тарҷума ва иқтибос аз ин асар ба забони арабӣ ба миён омадааст, ки дар он миён қадимтарин ва машҳуртаринашон тарҷумаи Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ аст. Баъд аз Ибни Муқаффаъ тарҷумаҳои Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ, Зодуя писари Шоҳуяи Исфаҳонӣ машҳур будаанд. Мутарҷимони арабӣ ҳангоми тарҷума бисёре аз унсурҳои зардуштиро ҳазф кардаанд.

"Худойнома" барои таърихнигорони баъдӣ, ба монанди Табарӣ, Масъудӣ, Ибни Қутайба, Балозурӣ, Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Саъолабӣ ва дигарон аз ҷумлаи муҳимтарин сарчашма маҳсуб мешудааст. Шоҳноманависон Масъудии Марвазӣ, Абулмуайяди Балхӣ (ба наср), муаллифони "Шоҳнома"-и Абӯмансурӣ (мансур) ва Абӯалии Балхӣ низ аз матолиби "Худойнома" суд ҷустаанд. Фирдавсӣ, бино ба таъйиди шоҳномапажӯҳон, асоси кори хешро дар сурудани шоҳасари хеш бар "Шоҳнома"-и Абӯмансурӣ қарор дода, аз ривоятҳои шифоҳӣ низ истифода кардааст.

**Достонҳои мансур**. Баъд аз сипарӣ шудани анъанаи саросарии суннати шифоҳӣ дар миёни ақвоми ориёӣ, шурӯъ аз замони Анӯшервон, неҳзати ба китобат даровардани осори

адабӣ оғоз гардид. Аз ҷумлаи нахустин икдомоти расми китобат дар заминаи осори адабӣ мудавван гаштани бисёре аз афсонаҳои эронӣ ва тарҷумаи достонҳои мансури дигар миллатҳо ба забони паҳлавӣ буд. Аз ин ҷост, ки дар адабиёти паҳлавӣ достонҳои мансур ба миён омаданд. Дар бораи мавҷудияти чунин навъи асарҳо бори аввал Ибни Надим маълумот дода, номгӯи бархе аз онҳоро ҳам накл кардааст, ки инҳоянд: "Китоби ҳазор достон", "Китоби Хурофа ва Назиҳа", "Китоб-уд-даб ва-с-саълаб" (хурӯс ва рӯбоҳ), "Китоби Рӯзбеҳи ятим", "Китоби Намруд, малики Бобул", "Калила ва Димна", "Ҳазор афсона" "Булавҳар ва Бузосиф", "Китоби Синдбод", "Китоб-ус-сиём ва-л-эътикоф". Тафаззулӣ бар ин назар аст, ки шояд баъзе аз ин асарҳо дар даврони исломӣ таҳрир шудаанд, инчунин, аксари онҳо асли ҳиндӣ дошта, ба забони паҳлавӣ тарҷума шудаанд. Дар ин миён яке аз машҳуртарин китобҳои мазкур "Калила ва Димна" мебошад, ки ба муаррифии он мепардозем.

"**Калила ва Димна**". Аз ҷумлаи машҳуртарин китобҳое, ки дар рӯзгори Сосониён аз санскрит ба паҳлавӣ тарҷума шуда буд, маҷмӯаи қиссаҳое мебошад, ки бо номи "Калила ва Димна" машҳур аст. Унвони китоб аз номи ду шағоле гирифта шудааст, ки дар асли санскритӣ Картако ва Димнако буда, ба паҳлавӣ ба сурати Калилак ва Димнак тарҷума шуда, дар тарҷума ва талаффузи арабӣ ба сурати Калила ва Димна даромада, ба ҳамин сурат ба адабиёти форсу тоҷик роҳ ёфтааст. Сарчашмаи аслии "Калила ва Димна" китоби "Панчатантра"-и санскритӣ мебошад, ки шомили панҷ боб буда, то замони мо боқӣ мондааст.

Нусхаҳои гуногуни "Калила ва Димна" аз бобҳои гуногун таркиб ёфтаанд: нусхаи Ибни Муқаффаъ, ки манбаи асосии нусхаҳои баъд аз он мебошад, аз 16 боб таркиб ёфтааст. Ба қавли Ибни Надим, китоб аз 17 ё 18 боб иборат буда ва баъзе нусхаҳо ду боб зиёдтар ҳам доштаанд. Тибқи гуфтаи Абулмаолии Насруллоҳ, даҳ боби асар дорои асли ҳиндӣ буда, панҷ боби он аз ҷониби эрониён ба он илҳоқ шудааст.

"Калила ва Димна" аз нигоҳи муҳтаво фарогири қиссаву ҳикояҳои тамсилии ибратомӯзест, ки аз забони ҳайвоноту парандагон ба равиши мармузу киноӣ баён шудааст. Дар ҳикоятҳои таркиби асар, ки ба услуби ҳикоят андар ҳикоят ироа шудаанд, муҳимтарин масъалаҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ,

ҳикмат, сиёсати идорӣ, амсоли кӯшиш дар рафоҳияту осоиши мардум, тадбири давлтдорӣ, адлу инсоф, саховату ҷавонмардӣ, некӣ, рафоқату садоқат, иттиҳоду бародарӣ, тарғиби дониш, мурувват ба бечорагон ҷонибдориву тарғиб ва бадтарин амалҳо, ба мисли сифатҳои зишти инсонӣ, бадӣ, ҷанг, хиёнат, дурӯғ, дуздӣ, худбинӣ, ҳасаду бухл, ҷаҳлу нодонӣ, риё ва монанди инҳо накӯҳишу мазаммат карда мешавад.

Яке аз муҳимтарин аҷзои таркибии адабиёти аҳди Сосонӣ китобҳое мебошанд, ки ба сурати андарзнома навишта шудаанд.

## АНДАРЗНОМАҲО

Дар давраи Сосониён панднома ва асарҳои ахлоқӣ навиштан расм шуда буд. Ин давра, бино ба таъкиди донишмандон, дар таърихи адабиёти эронӣ аз давраҳои муҳимми ташаккул ва густариши жанри андарз мебошад. Дар рисолаҳои ҷудогона мудавван кардани андарзномаҳо дар ҳамин давра огоз мегардад. Аз ин ҷост, ки муҳимтарин бахши адабиёти паҳлавиро андарзномаҳо ташкил медиҳанд.

Андарзу ҳикам ҳамчун ҷузъи таркибии асарҳои адабиёти авестоӣ ва ҳам ба сифати пандномаҳои ҷудогона мавҷуд будаанд. Андарзномаҳои паҳлавӣ аз нигоҳи мавзӯъ ё аз навъи насиҳатҳои динӣ ҳастанд, ё ҳикмати амалӣ ва таҷрибӣ. Аз он ҷо, ки андарзҳои навъи дувум ҳосили таҷрибаҳои ҳаёти инсонанд, муродифи онҳоро дар адабиёти дигар мардумони олам низ пайдо кардан мумкин аст.

Андарзномаҳои паҳлавӣ аз нигоҳи ҳаҷм аксар тӯлонӣ нестанд ва унвон ҳам надоранд. Номи имрӯз маъруфи онҳоро котибон, нусхабардорон ё мусаҳҳеҳон гузоштаанд. Муфассалтарин андарзномаи паҳлавӣ маҷмӯаест, ки дар китоби шашуми "Динкарт" омадааст. Баъд аз фасли мазкури "Динкарт" аз ҷумлаи муҳимтарин андарзномаҳои паҳлавӣ инҳоянд, ки ба шакли мухтасар муаррифӣ мешаванд:

1. **Андарзҳои Озарбоди Маҳраспандон**. Ба Озарбоди Маҳраспандон, мӯбадон мӯбади даврони Шопури Сосонӣ (309-379) се маҷмӯаи андарз ва чанд қитъа андарз нисбат дода мешавад. Аз се маҷмӯаи андарз нахустини он андарзномае мебошад, ки маъмулан таҳти унвони "Андарзи Озарбоди Маҳраспандон" муаррифӣ мешавад. Ин андарзнома дар

хитоб ба фарзанди муаллиф, ки Зардушт ном дошт, бо мақсади парваришу омӯзиши вай навишта шудааст. Аз оғози андарзнома маълум мешавад, ки Озарбод фарзанд надоштааст, пас аз таваккул ба даргоҳи Худованд соҳиби фарзанд мешавад ва ба ифтохири пайғомбари дини худ номи ӯро Зардушт мегузорад. Андарзҳои мазкур ҳамчун насиҳату роҳнамоӣ ироа шудаанд.

Зайлан намунаҳое аз ин андарзномаро дар тарҷумаи Додихудо Саймиддинов ба ихтисор нақл мекунем, ки дар насиҳати фарзанд гуфта шудааст:

Ба номи Яздон. Ин (аст) андарзи Озарбоди Маҳраспандон.

1. Ин пайдост, ки Озарбодро фарзанди танизод набуд ва пас аз он ки умед ба Яздон кард, дере нагузашт, ки Озарбодро фарзанд шуд ва аз росткирдории Зардушти Спитамон (ӯро) Зардушт ном ниҳод ва гуфташ, ки бархез, писарам, то (туро) фарҳанг омӯзам.

2. Писарам, некандеш бош, на гуноҳандеш, чи мардум то замони ҷовидон зинда (набошанд ва чизи минуӣ бештар (бояд хостан). 3. Он чи бигзашт, фаромӯш кун ва барои он чи наомадааст, тимору андӯҳ мабар! 4. Ба марди худо ва солор худрой ва густох мабош! 5. Ҳар чӣ бароят нек нест, ба дигар кас низ макун!... 8. Ҳар кас бо ту ба хашму кин равад, аз ӯ дур бош!... 14. Беҷо маханд. 15-16. Шӯхӣ ба андоза кун! Ба ҳеҷ кас афсӯс макун!

Баъзе андрзҳои “Андарзи Озарбоди Маҳраспандон”, ба мисли “Ҳар кӣ душманонро чоҳ канад, худ дар чоҳ афтад!” ва бисёри дигар ҳамчун мақоли машҳур дар фарҳанги тоҷикон мавқеъ пайдо кардаанд.

Ду андарзномаи дигари Озарбоди Маҳраспандон бо номҳои “Чанд вожаи Озарбоди Маҳраспандон” ва “Бисту ду вожа аз Озарбоди Маҳраспандон” машҳур мебошанд. Андарзномаи аввал шомили суханони вопасини Озарбод аст, ки ҳангоми вафот ёфтанаш ба мардуми гетӣ гуфтааст. Андарзномаи дуюм бо дархости шогирди Озарбод навишта шуда, аз чанд панди умумӣ ва бисту ду андарз таркиб ёфтааст. Андарзҳоро Озарбод гӯё аз устодаш – Меҳр Ҳурмузд шунида ва устодаш, дар навабти худ, онҳоро аз Одаруг ном шахсе ба ёдгор доштааст. Ба ғайр аз андарзномаҳои мазкур боз чандин андарзҳо аз Озарбоди Маҳраспандон дар китобҳои дигар, аз ҷумла дар “Динкарт” нақл шуда ва баъзе аз онҳо дар

тарҷумаи арабӣ ҳам боқӣ мондаанд.

2. **“Ёдгори Бузургмеҳр”**. Ин андарзнома ба Бузургмеҳри Бухтагон, вазири донои шоҳи сосонӣ – Хусрави I маъруф ба Хусрави Анӯширвон (531-579) мансуб дониста мешавад. Дар бораи доноӣ ва фаросати Бузургмеҳр дар китобҳои форсии тоҷикии давраи исломӣ нақл ва ривоятҳои зиёде мавҷуд аст. Бузургмеҳрро подшоҳи Сосонӣ – Хусрави Парвиз дар асри шашум бо гуноҳи қабули дини масеҳӣ қатл кардааст. Бузургмеҳри Ҳаким зодаи шаҳри Балх буда, аз ҷавонӣ бо ақлу дониш ва зиракӣ шуҳрат ёфта буд. Ба Бузургмеҳри Бухтагон чанд асари пандномаро, аз ҷумла дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, нисбат медиҳанд, ки яке аз онҳо ҳамин андарзнома аст.

Бино ба таъкиди муаллиф, ки дар банди аввали панднома омадааст, вай ин ёдгорро ба хости Яздон ва ба фармони шоҳ Хусрав навишта, дар ганҷи шойгон ниҳодааст, то сабаби беҳбуди фарҳанги касоне бошад, ки шоистагии пазириши онро доранд. Андарзҳо дар “Ёдгори Бузургмеҳр” ба тарзи саволу ҷавоб ба гунае оварда шудаанд, ки пурсишҳо аз ҷониби худи муаллиф матраҳ мешаванд ва ҳам худи ӯ ба онҳо посух мегӯяд.

Андарзҳои мастур дар “Ёдгори Бузургмеҳр” дар давраҳои баъдӣ низ аз шуҳрат ва аҳаммияти хоссе бархурдор будаанд. Чунонки аксари андарзҳои Бузургмеҳрро бидуни тағйир ва ё бо каме дигаргунӣ дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ, “Пирӯзинома”-и Ибни Сино, “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус, “Сиёсатнома”-и Низомулмулк, “Бӯстон”-и Шайх Саъдӣ дучор шудан мумкин аст.

“Ёдгори Бузургмеҳр”-ро моҳиятан ба ду бахш тақсим кардан мумкин аст. Ба бахши якум чаҳор банди аввали он дохил мешавад, ки дар қиёс ба матни асосии андарзнома нисбатан муфассалтар буда, ба ҳукми муқаддима ҳастанд. Бахши дуюм матни боқимондаро фаро гирифта, аксар пурсишу посухҳо кӯтоҳу дақиқ ифода шудаанд. Намунаҳои зерин барои шиносоӣ бо сухани “Ёдгори Бузургмеҳр” дар тарҷумаи Додихудо Саймиддинов нақл мешавад.

Матни “Ёдгори Бузургмеҳр” чунин оғоз мешавад:

“Нишони нек бод ононеро, ки ба тану равон ва доройӣ неканд. Чунин бод.

1. Ман Бузургмеҳри Бухтагон – сарпарасти ҳарами шаҳриёрии нерӯманди Хусрав ва сарвари дарбор ин ёдгорро

ба ёрии нерӯи Яздон ва дигар ҳамин гуна минуи (рӯҳи) беҳин ва аз фармоне, ки шоҳаншоҳ Хусрав дод, навиштам, то он шояд фарҳанги хубе буда бошад, барои ононе, ки ба пазириши кошона ва дорой аз Яздон офарида шудаанд. Ва онро дар ганҷи шойгон ниҳодам".

Матни "Ёдгори Бузургмеҳр" чунин ба охир мерасад:

"Ҷовидон бод равони Бузургмеҳри Бухтагон ва он ҳама Каёниёну ялон ва мардумоне, ки ҷонсупорӣ барои дини маздаяснон карданд. Ҷои эшон ҷовидон равшан бод. Чунин бод! Боз чунинтар бод!

Анҷом пазируфт ба дуруд".

3. **Андарзномаҳои дигар.** Ба ғайр аз андарзномаҳои мазкур боз чанд андарзномаи дигар низ шинохта шудаанд, ки ёдгории адабии аҳди Сосониён мебошанд. Мувофиқи нишондоди муҳаққиқони соҳа, шумораи андарзномаҳои то ба замони мо расидаи паҳлавӣ, ки дар дастнависҳо маҳфузанд, ба беш аз бист номгӯй мерасад. Зайлан ба бархе аз онҳо ишора мекунем:

"**Андарзи доноён ба маздаяснон**". Матни аслии ин андарзнома унвон надорад, таҳзибгари матн аз рӯйи банди 17 чунин унвонро интихоб кардааст. Дар тарҷумаи тоҷикӣ ба ҷойи калимаи "маздаяснон" вожаи "маздопарастон" омадааст, ки тарҷумаи тоҷикии "маздаяснон" аст. Мавзӯи аслии андарзнома марг ва нопойдории ҷаҳон буда, аз ҷумла мавзӯъҳои зеринро дар бар мегирад: риояи муқаррарот ва фароизи ҳамарӯзаи оину суннатҳои динӣ, бесуботии ҷаҳони моддӣ ва сарвати он, вафодорӣ ба аҳду паймон, пардохтан ба андешаи нек, гуфтори нек, кирдори нек ва парҳез аз андешаи бад, гуфтори бад, кирдори бад ва гайра. Дар маҷмӯъ, андарзномаи мазкур аз навъи андарзномаҳои динӣ мебошад. Аз ҷумла, дар матни он омадааст:

"...5. Пас аз мардумон дар ҷаҳон он болотар, ки ҳар афзунии дороиро бо кору кирдори нек андӯзад. 6. Бо хешовандону дӯстону мардумони ғайр паймон машиканед, барои нажоду пайванди хеш (тухми) зишти паймоншиканиро ба пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад макоред. 7. [Бинобар "Авесто"]: "Андешаи нек андешад, гуфтори нек гӯяд, кирдори нек варзад...". Чи агар [касе] нек андешад ба пиндор ва нек гӯяд ба гуфтор ва нек варзад ба кирдор, равони хешро ба беҳтарин зиндагӣ супорад: ба пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек. 9. Чунки рӯҳи покро пиндор нек, гуфтор

нек ва кирдор нек аст...

16. [Аз] тан биандеш, ки кори гетӣ бигзарад, он колбади гиромиву нозук ба ҷойгоҳи фаромӯшон баранд, он ҷо ниҳанд ва ёд накунанд (ва) рӯз ба рӯз фаромӯштару аз ёд рафта бувад. Бувад, ки пайкор кунанд ва нони муқаддас наситоянд. Ман, ки равон ҳастам ва ситоишро сазовор, аз ту, [эй] тан, мустаманду гиламанд бошам».

Андарзномаи мавриди назар бо чунин охирсухан хотима меёбад:

«Ва кирдори нек ба кор доред, чунки фардо он ҷой бояд шудан, ба (пеши) довари рост. Шоду дарозумр ва фарруху росткирдор ва пирӯзгару комгор [бошед].

Анҷомид ба дуруду шодӣ ва ромиш".

Бандҳои 17-20 "Андарзи доноён ба маздаяснон" қитъаи шеъриест, ки дар маънии нопойдории умури ҷаҳон суруда шудааст. Бо матни ин қитъаи шеърӣ дар бахши марбут ба шеъри аҳди Сосониён шинос шуда будем.

"**Андарзи Хусрави Каводон**". Ин андарзнома ҳаҷман кӯтоҳ буда, ба писари Қубод – Хусрави Анӯшервон нисбат дода мешавад. Муҳтавои он аз суханони пандомӯзе таркиб ёфтааст, ки дар қолаби андарз ҳангоми марг ба мардуми ҷаҳон баён доштааст. Аз ҷумла, дар матни он омадааст:

"Ба номи Яздон, ба фоли нек.

1. Эдун гӯянд, ки Анӯшервон Хусрави Каводон ба ҳангоми марг, пеш аз он ки ҷон аз тан ҷудо шуд, ба андарз ба ҷаҳониён гуфт, ки чун ин ҷон аз тани ман ҷудо шуд, ин тахти ман бардоред ва ба дахма бареду ба дахма ниҳед ва ба сари ҷаҳониён бонг кунед, ки мардумон, аз гуноҳ кардан парҳезед ва ба некӯкорӣ кӯшед ва моли гетӣ хор доред, ки ин он тан аст, ки дирӯз ин тан буд, ки ин мардум ба се гом наздиктар бад-он буданд ва [он] ба щар гощу замон росткирдорӣ ва моли гетӣ биафзуд, ки имрӯз баҳри нопокии хеш ҳар кӣ даст бар он ниҳад, ба баршнум бояд шустан вагарна ба парастиши Яздону гуфтугӯи некон нагузоранд. Дирӯз шукӯҳи шоҳиро даст ба касе надод, ки имрӯз баҳри нопокиаш бар он аниҳад. 2. (Эй) мардумони ҷаҳон, некбахт бошед! Бираведа амал кунед ба пиндори росту кори барзгарӣ. Ба кори ҷаҳониён кӯшо ва ҳушёр бошед".

Андарзномаи Хусарви Каводон низ аз навъи андарзномаҳои динӣ маҳсуб мешавад.

"**Андарзи пурйуткешон**". Ин андарзнома дар адабиёти

паҳлавӣ бо номҳои "Барчидаи андарзи пурйуткешон" ва "Пандномаи Зардушт" низ ёд мешавад. Номи Зардушт дар яке аз унвонҳои ин андарзнома ба номи Зардушт писари Озарбоди Маҳраспандон иртибот дорад. Вожаи "пурйуткешон", бино ба тавзеҳи Додихудо Саймиддинов, ба маънии "нахусткеш", "нахустин дастур дар кеш" ва ё "пайравони нахустин таълимот" мебошад.

"Андарзи пурйуткешон " асосан аз навъи андарзномаҳои динист, вале дар хилоли он андарзҳои иҷтимоӣ низ ба чашм мехуранд. Матни андарзнома бо таъкиди уҳдадориҳои марди ба синни понздаҳсолагӣ расидаи зардуштӣ, ки донистани онҳо барояш лозиму воҷиб аст, оғоз гардида, дар идома перомуни масъалаҳои ахлоқӣ, ба мисли ҳувияти фарди зардуштӣ, боварӣ ба ҳисоби пас аз марг, гузаштан аз пули чинвад, омадани мавъуди зардуштӣ – Сушианс, растохез, ҳар рӯз се бор рафтан ба оташкада, кӯшо будан дар касби фарҳанг, парҳез аз истеҳзо, наёзурдани падару модару солор ва гайра сухан меравад. Барои шиносоӣ бо матни андарзнома банди нахустин ва бандҳои марбут ба фарҳанги онро зайлан нақл мекунем, ки хеле ибратомӯз мебошанд:

"Ба номи Яздон.

1. Пурйуткешони нахустдонишон ба пайдоӣ аз дин гуфтаанд, ки ҳар мардум, ки ба синни понздаҳсолагӣ расад, он гоҳ ин чанд чизро бояд донад, ки кистам ва ба кӣ пайванд дорам ва аз куҷо омадаам ва боз ба куҷо шавам ва аз кадом пайванду гуҳарам ва дар ҷаҳон вазифаам чист? Ва музди минуии (рӯҳонии) ман чист? Ва аз мину (ҷаҳони рӯҳонӣ) омадаам ё дар гетӣ будам? Аз Ҳурмуздам ё аз Аҳриман, аз Яздон ё девон, аз неконам ё бадон, мардумам ё дев, роҳам чанду динам кадом ва судам чию зиёнам чӣ ва дӯстам киву душманам кӣ? Бунёдам як ва ё ду? Аз кӣ некиву аз кӣ бадӣ ва аз кӣ рӯшноиву аз кӣ торикӣ ва аз кӣ хушбӯиву аз кӣ бадбӯӣ ва аз кӣ доду адл, аз кӣ бедодӣ ва аз кӣ бахшояндагиву аз кӣ нобахшояндагӣ?

41. Ба фарҳанг хостан бикӯшед, чи фарҳанг тухми дониш, бори вай хирад ва хирад ороиши ҳар ду ҷаҳон (аст). 42. Гуфта шуда, ки фарҳанг дар фаровонӣ ороиш ва дар шигифтӣ поянда ва дар бадбахтӣ дастгир ва дар тангӣ пеша аст".

Муқаррароти кеши зардуштӣ, ки дар ин андарзнома дарҷ шуда, дар дигар осори динии зардуштиён, ба мисли китоби "Динкарт" ва андарзҳои Озарбоди Маҳраспандон низ дучор

мешаванд.

“**Андарзи дастурон ба беҳдинон**” – андарзномаи динӣ. Перомуни заруроти динии зардуштӣ ва баъзе масъалаҳои ахлоқӣ, ба мисли одоби сухан нагуфтан ҳангоми хӯрок хӯрдан, парҳез аз танпарвариву ҳасад ва ғайра аст.

“**Хим ва хиради фаррухмард**” – андарзномаи таҷрибӣ. Бо зикри хусусиёти фаррухмард, яъне марди саодатманд огоз мешавад. Калимаи “хим” муодили вожаи “шахсият” аст. Дар ин андарзнома ба хирад таваҷҷуҳи зиёд шуда ва дар васати он қитъаи шеърии муқаффо дар мадҳи он омада, ки дар бандҳои 16-19 қобили мушоҳида аст. Бино ба мушоҳидаи Аҳмади Тафаззулӣ, матни ин андарзнома аз нигоҳи корбурди ташбеҳоти зиёд, забони шоирона ва вожаҳои камёб аз дигар андарзномаҳо тафовут дорад.

Шумораи андарзномаҳои паҳлавӣ аз он чи гуфта омад, зиёдтар аст. Номгӯи андарзномаҳои дигар ба ин тартиб аст: “Панҷ хими рӯҳониён”, “Доруи хурсандӣ”, “Хешкории ридакон”, “Рисолаи рӯзҳо” (матни тоҷикиаш мавҷуд аст), “Андарзи хубӣ кунам ба шумо – кӯдакон”, “Орои динӣ ба маздаяснон” ва нуҳ андарзномаи хурди дигар. Матни форсии андарзномаҳои мазкур дастрас мебошад.

## СУРУД ВА МУСИҚӢ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН

Мусиқӣ ва суруд дар ин давра ба масобаи ҷузъи муҳимми фарҳангу тамаддун ба дараҷаи баланди инкишоф расида буд. Ҳанӯз дар замони Ардашери Бобакон дар тақсимоти табақавии мансуб ба ӯ барои ромишгарону хунёгарон ҷойгоҳи хоссе таъйин шуда ва дар миёни табақаҳои дигар онҳо соҳиби мақоми махсуси миёна буданд. Шоҳони баъдӣ ҳам ҳамин равишро идома додаанд. То замоне ки навбат ба Баҳром расид ва ӯ, бинобар алоқаи зиёдаш ба мусиқӣ, табақаи ромишгаронро ба мақоми аввал баровард. Мусиқӣ, бахусус, дар замони Хусрави Парвиз ба дараҷаи баланди тараққиёт мерасад. Ин подшоҳ барои ромишгарони мумтоз подошҳо медод, ҳунармандонро ташвиқ мекард, онҳоро дар сафарҳои худ ҳамроҳ мегирифт. Ба ин тариқ санъати мазкур ривоҷи комил пайдо кард.

Таваҷҷуҳ ба мусиқӣ дар дарбори подшоҳони Сосонӣ ба дараҷае буд, ки баъдтар ба кори он девони алоҳидае ихтисос ёфт. Хунёгарону ромишгарони машҳури аҳди Сосонӣ, ки ба

дарачаи баланди ҳунармандӣ мерасиданд, ба дарбор даъват мешуданд. Аз ҷумлаи чунин ромишгарон Борбад, Накисо, Ромтин ва Саркашу Саркабро метавон номбар кард, ки дар ин миён ду нафари онҳо – Борбад ва Накисо овозаи зиёд дошта, назди шоҳаншоҳи Сосонӣ мақоми арҷмандеро соҳиб будаанд. Накисо пеш аз Борбад ба дарбор роҳ ёфта ва аз ин ҷиҳат намехостааст, ки Борбад низ ба дарбор роҳ пайдо кунад. Аммо дар мавриди ба дарбор омадани Борбад ривояте машҳур аст, ки аз зиракии Борбад ва истеъдодшиносии шоҳаншоҳи Сосонӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар бораи ривоҷи мусиқӣ дар даврони Сосониён дар асарҳои Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ ахбори зиёде мавҷуд аст. Шоирони мазкур аз лаҳнҳои машҳури Борбад ва ҳунари мусиқидонии вай сухан гуфтаанд. Аз ҷумла, бо мақсади хор накардани ҳунар ангуштони худро буридани Борбад ҳадиси машҳуре мебошад, ки Фирдавсӣ аз он ёд кардааст.

Алҳон ва навоҳои даврони Сосониён бисёр зиёд аст, ки дар фарҳангҳо ва маҷмӯаҳои ашъори шоирон ҳам зикр шудаанд. Аз ҷумла, дар "Девон"-и Манучеҳрии Домғонӣ бо бисёре аз лаҳнҳои мусиқии қадима, ба мисли "озодвор", "полизбон", "бохарз", "сабзбаҳор", "боравзана", "боғи Сиёвашон", "ромишхор", "роҳи гул", "роҳвӣ", "зоғ", "шодбод", "шовард", "косагарӣ", "шабоб", "сипаҳбадон", "банди шаҳриёр", "тахти Ардашер", "ганҷи гов", "ангубин", "ганҷвор", "ганҷи суфта", "дилангезон", "сарвистон", "чаковак", "хоркан", "хусравонӣ", "Наврӯзи бузург", "Наврӯзи хурдак", "Наврӯзи хоро", "боди Наврӯз", "Наврӯзи Кайқубод", "раҳи ҷомадорон", "Меҳргони бузург", "Меҳргони хурд", "наҳованд", "нуҳуфт", "тезе рост", "зерхурд", "нимрост", "баҳманҷина", "чагона", "пардаи хуррам", "дерсол" ва ғайра шинос шудан мумкин аст.

## АДАБИЁТИ МОНАВӢ

Адабиёти монавӣ ба номи бунёнгузори ойини монавӣ ва таълимоти вай алоқаманд аст. Мазҳаби Монӣ аз омезиши динҳои зардуштӣ, исавӣ, буддоӣ ва юнонӣ таркиб ёфтааст. Монӣ бар он буд, ки олам аз ду унсур: рӯшноӣ ва торикӣ ба вуҷуд омада, вале дар охири ҷаҳон рӯшноӣ аз торикӣ ҷудо шуда, сулҳи абадӣ ҳама ҷоро фаро хоҳад гирифт. Вазифаи пайравони Монӣ он буда, ки бикӯшанд, то равшанӣ ва

торикиро аз ҳамдиғар дур созанд, нагузоранд, ки онҳо ба ҳамдигар омезиш ёбанд. Яъне, асоси таълимоти Монӣ бар шинохтани хубиву бадӣ устувор буд. Таълимоти монавӣ дар даврони исломӣ низ то дер замоне ҷонибдорон доштааст.

Монӣ (215-276) дар айёми ҷавонӣ ба омӯзиш машғул шуда, дар натиҷаи тааммул дар динҳои зардуштӣ, масеҳӣ ва дигар адён таълимоти худро ба низом даровардааст. Вай дар синни 24-солагӣ даъвии пайғомбарӣ карда ва дини хешро ошкор сохтааст. Макони нахустини таблиғ ва тарвиҷи ойини монӣ Байнаннаҳрайн мебошад. Аз хонаводаи Сосониён аввалин касе, ки дини мониро пазируфт, бародари Шопур – Фирӯз буд. Мониро ба Шопури аввали Сосонӣ ҳамин Фирӯз муаррифӣ мекунад. Монӣ китоби "Шопургон"-и худро ба забони форсии миёна барои Шопур навишта ва ба ӯ тақдим кардааст. Ин китоб матолиберо оид ба шарҳи зиндагии Монӣ, нузули ваҳй бар ӯ, усули ақоид, чигунагии таквини ҷаҳону саранҷоми он ва ғайраро фарогир будааст.

Шопур дар ибтидо Монию пайравонашро дар мазҳаби худ озод мегузорад, вале баъдтар шоҳ Мониро аз қаламрави худ берун мекунад. Ҳамин тавр, давраи оворагардиҳои Монӣ шурӯъ мешавад. Вай кишварҳои Ҳинд, Тибет ва Чинро саёҳат карда, пас аз марги Шопур, дар соли 272 ба Эрон бармегардад. Ҳурмуз, ки ҷойнишини Шопур гардида буд, Мониро ба хушӣ қабул мекунад. Монӣ иҷозаи таблиғи озоди ойини хешро дарёфт карда, дар муддати кӯтоҳ, махсусан дар миёни масеҳиён, ҷонибдорони зиёд пайдо мекунад. Пас аз Ҳурмуз, дере нагузашта, Баҳроми аввал соли 276 Мониро дастгир карда, ба қатл мерасонад.

Монӣ ва пайравони вай китобҳои бисёр навиштаанд. Монавиён баръакси зардуштиён ба навиштани китобу рисолаҳо таваҷҷуҳи зиёд дошта, маҳз аз роҳи таълиф дини худро таблиғ мекарданд. Ҳатто Монӣ, барои он ки усули дини худро ба мардуми бесавод омӯзонад, таълимоти монавиро ба воситаи тасвирҳо дар китобҳояш ҷилвагар мекунонид. Аз ин ҷост, ки вайро ҳамчун Монии наққош ҳам мешиносем. Маҷмӯаи наққошиҳои Монӣ дар китоби "Аржанг" ё "Артанг" фароҳам омадаанд.

Китобҳои дигари Монӣ, ба ғайр аз ду асари номбаршуда инҳоянд:

1. "**Инҷил**". Номи ин китоб ба форсии миёна "Йивангилион" (Evangelyōn) аст, ки гоҳе ҳамроҳ бо сифати

“бузург” ҳам ёд мешудааст. Китоб ба теъдоди ҳуруфи алифбои сурёнӣ (оромӣ) ба 22 фасл тақсим шуда, ҳар кадом фасл ба тартиби абҷадӣ ба яке аз ҳуруфи алифбо оғоз мешудааст. Муҳтавои китоб шомили намоз ва русуме будааст, ки анҷом додани онҳо барои наҷоти рӯҳ зарур будааст. Муқаддимаи “Инҷил” ва бахши хурде аз фасли аввали он ба забони форсии миёна ба даст омада ва мунташир ҳам шудааст. Инчунин, иқтибосоте аз ин китобро дар баъзе матнҳои паҳлавӣ дучор шудан мумкин аст.

2. “**Ганҷинаи зиндагон**”. Дар матнҳои форсии миёнаи монавиён номи ин китоб ба сурати “Ниён зиндагон” забт шуда, ки ба маънии “Ганҷи зиндагон” аст. Тарҷумаи номи китобро Ибни Надим ба сурати “Сифр-ул-аҳё”, Берунӣ “Канз-ул-аҳё” ва Масъудӣ “Канз” овардаанд. Муҳтавои китоб перомуни тавсифи он чи, ки аз покии нур ва он чи аз фасоди торикӣ дар рӯҳ аст, буда, корҳои паст ба торикӣ нисбат дода шудааст. Матни китоб ба ҳеч кадом аз забонҳои эронӣ дастрас нест. Матолибе аз онро Берунӣ дар асари “Молилҳинд” нақл кардааст.

3. “**Фарқмотиё**”. Номи ин китобро Ибни Надим ба ҳамин сурат навишта, ки маъхуз аз вожаи юнонӣ буда, ба маънии “Рисола” аст. Дигар иттилои бештаре дар бораи он дар даст надорем.

4. “**Розҳо**”. Дар китоби Ибни Надим номи ин асар ба шакли “Сифр-ул-асрор” омада, тарҷумаи арабии 18 фаслаш ҳам зикр шудааст. Ба ақидаи Берунӣ, ки матолибе аз ин китобро дар “Молилҳинд” нақл кардааст, Монӣ дар ин китоб ба таъни оёту корҳои шигифтовари паёмбарон пардохтааст. Ба андешаи дигар донишмандон низ дар китоб оид ба пайғамбарони гузашта баҳсҳои бисёр сурат гирифтааст.

5. “**Ғавлон**”. Номи ин китоб дар забони портӣ “Кавон” (“кав” ба маънии “кай”) буда, Ибни Надим онро ба сурати “Сифр-ул-ҷабобира” зикр кардааст. Пораҳое аз китоб ба забонҳои форсии миёна ва суғдӣ ба даст омадааст. Матолиби китоб дар бораи малоикест, ки ба замин фуруд омадаанд. Пайравони Монӣ дар тарҷумаи китоб аз оромӣ ба забонҳои форсии миёна ба ҷойи асомии сомӣ номҳои Сом, Наримон, Виштосп (Гуштосб), Зарил (Зарир) ва Эронвиҷро овардаанд. Тарҷумаи “Ғавлон” дар даврони исломӣ ҳам бисёр машҳур будааст.

6. “**Расоил**”. Номи ин китоб дар тарҷумаи форсии миёнаи

он “Девон” номида мешуда, ки ба маънии маҷмӯаи номаҳо мебошад. Забони аслии номаҳои Монӣ оромӣ буда, лекин на ба забони асл ва на дар тарҷума ба яке аз забонҳои эронӣ боқӣ намондаанд. Танҳо баъзе аз иқтибосоти кӯтоҳе аз онҳоро, ки шомили андарзу суханони ҳакимонаанд, дар баъзе аз матнҳои форсии миёна ва суғдии монавӣ дучор шудан мумкин аст. Ибни Надим феҳристи 77 номаи Мониро зикр кардааст, ки онҳо ба унвони раҳбарони ҷомеаҳои монавӣ дар замонҳову маконҳои гуногун навишта шудаанд. Аз ҷумла, номи яке аз он номаҳо “Номаи бузургон” буда, ки Ибни Надим онро ба шакли “Рисолат-ал-кубаро” овардааст.

7. “**Забур**”. Дар миёни китобҳои Монӣ ду “Забур”-и манзум мавҷуд буда, ки шомили дуъоҳо будаанд. Тарҷумаи қитъаҳои муфассале аз яке аз ин китобҳо ба портӣ, форсии миёна ва сугдӣ дастрас аст. Дар портӣ ин китоб таҳти унвони “Офарин бузургон” ва дигарӣ ба сурати “Офарин такдис” забт шудааст. Дар матни суғдӣ аз ҷониби худи Монӣ суруда шудани ҳар ду китоб зикр шудааст.

Инчунин, маҷмӯае шомили ривоётро таҳти унвони юнонии “Кафолоё” (“Рисола”) ба Монӣ нисбат медиҳанд. Ривоётро шогирдонаш дар замони дар қайди ҳаёт будани Монӣ гирдоварӣ карда ва баъд аз сари вай низ ба он матолиберо афзудаанд. Таҳрири қибтӣ ва қитъаҳое аз тарҷумаи ин асар ба форсии миёна, портӣ ва сугдӣ ба даст омадааст.

Аз адабиёти монавӣ матнҳои шеърӣ ҳам ба ёдгор мондаанд, ки аз маҷмӯаҳои суруд ва сурудҳои ҷудогонаи кӯтоҳ иборатанд. Огози яке аз сурудҳои кӯтоҳ, ки дар бораи “нафси зинда” мебошад, чунин аст:

Аз нуру аз эзадонам,
(Аммо) аз онон дур афтодаам.
Душманон бар гирди ман ҷамъ омаданд
(Ва) маро то қаламрави мурдагон мебаранд.

– Сутуда бод ӯ, ки рӯҳи маро аз ранҷ наҷот хоҳад бахшид,
Чунонки растагор шавад он –

Эзадам ман, ки зодаи эзадонам
Рӯшану тобону рахшон,
Шоду хушбӯву хубчеҳр (эзадӣ),
Аммо кунун ба ниёз (бадбахтӣ) фитодаам.

Бешумор девон маро гирифтаанд,
Палидкорон маро ба бардагӣ гирифтаанд.
Рӯҳи маро хор сохтанд,
Маро дариданду хӯрданд…

Аз пайравони Монӣ ҳам асарҳое боқӣ мондаанд, ки ҷузъи адабиёти монавӣ маҳсуб мешаванд.

Осори мактуби марбут ба ойини монавӣ ба забонҳои гуногун, ба мисли қибтӣ, чинӣ, туркӣ, форсии миёна, портӣ, суғдӣ, балхӣ навишта шудаанд. Ин ҷо забонҳое номбар шудаанд, ки аз онҳо то ба рӯзгори мо асарҳои монавӣ дастрас шудаанд. Шояд ба забонҳои дигар ҳам навишта шуда бошанд, зеро яке аз вижагиҳои мониву пайравони ӯ дар нашри таълимоти хеш он буда, ки ойинашонро ба воситаи забони ҳамон қавме, ки барои онҳо дар таблиғи ойинашон мухотаб қарор мегирифтанд, интишор мекардаанд. Инчунин, монавиён дар кори таблиғу ташвиқ дар миёни пайравони динҳои мухталиф аз номи худоён ва мафҳумҳои динии машҳури худи онҳо суд меҷустанд. Онҳо вонамуд мекарданд, ки он чи ба онҳо таблиғ мешавад, дар ҳақиқат, ҳамон ақидаҳое ҳастанд, ки эшон бар он боваранд ва аз ҷонибини монавиён фақат ба сурати рӯшантару дурусттар баён мегардад. Вале дар ҳақиқат мақсади асосии монавиён талқини ақидаҳои аслии худашон буд.

Осоре, ки аз монавиён ба забонҳои форсии миёна, портӣ ва суғдӣ ба даст омадааст, дар аввалҳои асри бист аз зери харобаҳои дайрҳои монавиён пайдо шудааст. Ин асарҳо ба хатти махсуси монавиён, ки аз хатти сурёнӣ иқтибос шудааст, навишта шудаанд. Осори форсии миёна ва портии монавӣ аз нигоҳи имтидоди замонӣ миёнаи асри севум ва нуҳум китобат шудаанд.

Дар кори кашф, қироат, тарҷума ва тафсири осори ба дастомада аз монавиён саҳми асосиро донишмандону муҳаққиқонии олмонӣ гузоштаанд. Бештари асарҳое, ки дар Турфон кашф шудаанд, имрӯзҳо дар Берлин маҳфуз буда, баъзеашон ҳанӯз мунташир нашудаанд. Баъзе аз авроқи монавиён дар осорхонаҳои Париж, Санкт-Петербург, Кёто (пойтахти қадимаи Япония) мавҷуданд.

## ЗАМОНИ ХУРУҶИ АРАБ ВА ТАШАККУЛИ АДАБИЁТИ ПОРСИИ ДАРӢ

## ВАЗЪИЯТИ СИЁСИЮ ИҶТИМОӢ, ФАРҲАНГӢ ВА АДАБӢ

**1. Вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ.** Инқирози давлати Сосониён ва поёни шоҳаншоҳии онон бо аз байн рафтани шоҳаншоҳии Хусрави Парвиз ва қатли ӯ ба дасти писараш дар соли 628 оғоз шуд. Аз таърихи кушта шудани Хусрави Парвиз то шикасти қатъии давлати Сосониён дар соли 651 муддати 23 сол сипарӣ гашт. Дар ин муддат 13 нафар ба сари тахти Сосониён нишастанд, вале ҳар яке кушта шуданд.

Дар соли 651 дар шаҳри Марв охирин намояндаи шоҳаншоҳии Сосонӣ Яздгирди шаҳриёр, ки дар арафаи футӯҳоти мусулмонон ба сари тахт омада буд, баъд аз голибияти комили мусулмонон, дар ҳоле ки аз як вилоят ба вилояти диғар фирор мекард, дар Марв, дар осиёбе ба дасти осиёббоне кушта шуд ва роҳи арабҳо ба сӯи Хуросону Мовароуннаҳр боз гардид. Ҳукумати исломии араб ба тадриҷ ҳокимияти худро дар тамоми Осиёи Миёна устувор гардонид. Ба муқобили ин ҳукумат подшоҳи Бухоро, ки Бухорхудот мехондандаш, амири Самарқанд, ки ӯро ихшид мегуфтанд, мубориза бурданд, аммо ин муборизаҳо натиҷаи бевосита надоданд. Бинобар ин, дар ҳудуди наздик ба сад сол дар ин сарзамин ҳокимияти арабҳо устувор монд.

Дар ибтидо ҳукумати исломӣ ба дасти қувваҳои низомии араб вазифаи таблиғи исломро низ ба уҳда доштанд, вале ба зудӣ миллатҳои ғайри араб, махсусан эрониён, дар таҳкими ҳукумати исломӣ, идораи умури сиёсӣ ва дигар ҷабҳаҳои ҳаёти иҷтимоию динӣ ва илмию фарҳангӣ иштироки фаъол доштанд. Тавре ки маълум аст, ҳукумати исломӣ соли 610-611-и мелодӣ бо баъсати Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ба пайғамбарӣ ва ҳиҷрати ӯ аз шаҳри Маккаи мукаррама ба Мадинаи мунаввара дар соли 622 шурӯъ шуд ва ба зуддӣ дар аҳди хулафои рошидин ба як ҳукумати муқтадири ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Дар ин миён муборизаи мардумони эронӣ ба муқобили арабҳо, ба сабаби низоми сахти давлати мусулмонони араб, авҷ гирифт. Норизоии мардум аз ҳокимияти арабҳо дер давом кард ва бо роҳҳои гуногун намоён мегашт. Нобаробарии қавмӣ ва миллие, ки арабҳо ҷорӣ карданд, сабаби ба вуҷуд омадани як ҷунбиши нажодӣ шуд. Пайравони ин равия бузургӣ ва шаъни таърихии халқҳои эрониро бо арабҳо

муқобил мегузоштанд ва бартарии ахлофи худро дар таърих у фарҳанг ва илму дониш бар арабҳо исбот мекарданд. Ин муборизаҳо дар шакли наҳзатҳои зидди арабии илмиву адабӣ, қиём ва шӯришҳои халқӣ зуҳур меёфтанд. Аз наҳзатҳои маъруфи зиддиарабӣ ҷунбиши фарҳангиву миллии наҳзати Шуубиён буд, ки он ҳамчун як чараёни фикрӣ бо бартарандешии эрониён бар тозиён, дар доираи илму адаб, дар замони Умавиён ва оғози аҳди Аббосиён падид омад. Пешвоён ва муассисони ин наҳзат дар ибтидо олимону адибони форсинажод буданд. Аз ҷумлаи бузургтарин шоирону нависандагони шуубии арабизабон Хураймӣ ва Исмоил ибни Ясои Насавӣ, Башор ибни Бурди Тахористонӣ, Иброҳим ибни Маншоди Исфаҳонии машхур ба ал-Мутаваккил, Саид ибни Ҳамиди Бахтгон ва дигаронро метавон ном бурд.

Дар ҳақиқат, нахустин исёнҳо ва шӯришҳои низомии эрониён дар заминаи интишори андешаи шуубӣ ба миён омада буд. Мардуми Хуросон бо сарварии пешвои худ Абӯмуслими Марврӯдӣ ба муқобили хилофати умавии араб, ки майли зиёд ба бартариҷӯии нажоди араб дошт, қиём карданд ва хилофати Аббосиёнро ба рӯйи кор оварданд. Қиёми Абӯмуслим дар Хуросон, ки ба тарафдории Аббосиён ба амал омада буд, соли 747 огоз ва дар соли 750 бо эълони хилофати Аббосӣ ва интихоби Абулаббос Абдулло ибни Муҳаммад, ки бо лақаби Сафоҳ машхур буд, қатли халифаи умавӣ Марвон ибни Муҳаммад ба анҷом расид. Дар ин хилофат мардумони эронӣ мақоми вазир, дабир ва ҳокимони бисёр вилоятҳоро ишғол мекарданд. Баъд аз ба даст омадани ғалаба Абӯмуслимро дар Багдод хиёнаткорона куштанд.

Аз қиёми Абӯмуслим ба баъд чандин шӯришҳо сурат гирифт, ки аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо яке қиёми Испаҳбади Фирӯз маъруф ба Синбод, яке аз сардорони лашкари Абӯмуслим ба хунхоҳии вай буд, ки дар Хуросон ба амал омад. Синбод марди Зардуштӣ буд ва аз қарияи Аҳравонаи Нишопур бархоста буд. Дар натиҷаи хашму ғазабе, ки аз қатли ноҷавонмардонаи Абӯмуслим нисбат ба халифаҳои Аббосӣ ҳосил карда буд, шӯриш бардошта, ба зудӣ Нишопуру Кумушкро ба тасарруф даровард. Хазинаҳоро дар Рай аз худ кард, вале дар роҳи Табаристону Кумушк кушта шуд. Диғар аз қиёмҳои мардумӣ бо сарварии Муқаннаъ рӯй дода буд.

Ба муқобили арабҳо муборизаҳо аз роҳҳои дигар ҳам ба вуҷуд омада буданд. Масалан, дар соли 767 марде бо номи Устозсис ба даъвои пайғамбарӣ бархост, бисёре аз ноҳияҳои Хуросонро то Тахористон аз худ кард, вале дере нагузашта соли 768 шикаст хӯрд. Ё худ, дар соли 776 Ҳошим ибни Ҳаким Муқаннаъ бо овардани ойини нав ба муқобили Бағдод шурӯъ кард, вале дар охир вай ҳам соли 878 аз байн рафт.

Ин қиёмҳо пояи хилофатро ба ларза оварда бошанд ҳам, ҳокимияти арабҳоро барҳам задан натавонистанд. Вале рафтори ҳақношиносонаи бани Аббос нисбат ба Абӯмуслим ва атрофиёни ӯ андешаи истиқлолталабиро дар эрониён беш аз пеш тақвият дод. Баъд аз қиёмҳои пай дар пай ҷангҳои расмию ошкорои мардумони эронинажод ба муқобили хилофати араб сар шуд. Мақсади ниҳоии ин муборизаҳо кӯтоҳ кардани дасти ҳукумати араб аз гасби сарзамин ва ҳукумат буд. Табиист, дар ин кашмакашиҳо дигар мубориза ба муқобили ислом набуд, зеро сокинони қисмати хеле бузурги сарзамини эрониён мусулмонон буданд ва ҳукумат ҳам дар дасти ҳамнишини онҳо буд.

Бо таъсири ин қиёмҳо ва норизоии мардум дар Хуросону Мовароуннаҳр давлатҳои маҳаллӣ ба вуҷуд омаданд, ки бо вуҷуди тобеи хилофат будан, ба тадриҷ мустақил мешуданд. Аввалин ҳукумати маҳаллӣ аз сулолаи Тоҳириён буд (солҳои 821–873). Сарвари ин хонадон яке аз бузургзодагони Хуросон Тоҳир ибни Ҳусайни мулаққаб ба Зуляминайн буд. Вай аз ихтилофи ду писари Ҳорунаррашид истифода бурда, ҳамаи мардони барӯманди Хуросонро ба тарафи худ ҷамъ кард. Соли 815 Багдодро муҳосира ва тасарруф кард. Аминро шикаст дод ва корҳои давлатиро, ки баъд аз қатли оми Бармакиён арабҳо ба даст гирифта буданд, боз ба дасти эрониҳо дод ва соли 801 тамоми ҳукумати ҳудуди Ироқу Эронро аз дасти Маъмун гирифт. Ин ҳукумат то соли 873 дар дасти фарзандони Тоҳир буд ва соли 873 бо дасти Яъқуб ибни Лайс аз байн рафт.

Дар соли 863 Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ тамоми Систонро тобеи худ намуда, ба ҳукумати минтақа даст ёфт. Дар ҳамин сол ба Форсу Шероз, Ҳироту Балху Тахористон лашкар кашид ва ин сарзаминҳоро ба қаламрави худ пайваст. Дар соли 873 аз дасти Тоҳириён Хуросонро гирифта, Муҳаммад Тоҳирро асир кард ва давлати онҳоро мунқариз гардонид. Дар ин сол Яъқуб ибни Лайс дар кулли Хуросон

ҳукумати худро мустақил кард. Вай итоат ба Ироқро шарт намедонист. Пас аз хуруҷи бемуваффақият ба Бағдод дар соли 879 Яъқуб даргузашт. Амр ибни Лайс дар соли 881 ба ҳукумати Хуросон расид, ба итоати халифаи Аббосӣ гардан ниҳод ва ҳукумати Исфаҳону Систону Кирмону Синд ба ӯ вогузор шуд. Дар соли 900 Амр ибни Лайси Саффорӣ ба дасти Исмоили Сомонӣ афтод. Бозмондагони ин хонадон то охирҳои асри даҳ дар ҳудуди Систон ҳукумати худро нигаҳ медоштанд.

Ниҳоят, дар соли 892 баробари ба сари тахт омадани Оли Сомон ва ташкили давлати Сомонӣ, ки аз ҷониби Сомонхудот таъсис ёфта буд, давлати Саффориён барҳам хӯрд. Дар соли 892 тамоми қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр дар тасарруфи Сомониён даромад.

**2. Вазъияти фарҳангӣ ва дину оинҳо.** Муҳимтарин дигаргунӣ дар ҳаёти маънавии халқи тоҷик ва дигар мардуми эронӣ дар ин давра ҷорӣ шудани дини мубини ислом буд. То ин вақт аксари мардуми ин сарзамин дар дини зардуштӣ буданд, ки онро ойини маздоясно ё дини беҳӣ ҳам мегӯянд. Пайғамбари ин дин Зардушт ва китоби муқаддаси он "Авесто" мебошад. Дар баъзе манотиқ, аз ҷумла дар қисмате аз Афғонистони имрӯза ва баъзе манотиқи Тоҷикистон, мардум ба дини буддоӣ ё бутпарастӣ гаравида буданд. Қисми ками шаҳрнишинон аз дини масеҳӣ пайравӣ мекарданд. Дар тӯли ду аср дини ислом дигар динҳоро бо зӯрӣ ва фишор аз истифода берун кард. Аз он вақт то ба имрӯз дини мардуми мо ойини мусулмонӣ мебошад. Ислом ойини яктопарастӣ буда, эътирофи Худои ягона – Аллоҳ таъоло ва барҳақ будани пайғамбарии ҳазрати Муҳаммад (с)-ро асли имон медонад.

Истилои араб ва оқибатҳои он аз нигоҳи идомаи суннат ва маънавиёт чандон ба манфиати адабу фарҳанги халқҳои эронӣ набудааст. Арабҳо дар қаламрави форсизабонон ҳамроҳ бо нашри идеологияи ҷадид забон ва алифбои арабиро ҳам ҷорӣ мекарданд, ки ин амр боиси аз тараққӣ бозмондани забонҳои маҳаллӣ мегардад. Забонҳои маҳаллӣ тадриҷан ба сифати забонҳои илму адаб ва коргузорӣ мавқеи худро аз даст медиҳанд ва ба ҷойи онҳо забони арабӣ мавқеи устувор пайдо мекунад. Муҳимтарин тадбире, ки дар ин замина аз ҷониби фотеҳон андешида шуд, интиқоли коргузории девонҳои давлатӣ ба забони арабӣ буд. Минбаъд коргузоронро зарурати донистани забону хатти арабӣ ва ба

кор бурдани онҳо пеш омад, ки ин тадбир сабаби дар миёни эронинажодон маъмул гардидани забону хатти арабӣ ва аз доираи истифодаи расмӣ хориҷ шудани хату забонҳои маҳаллӣ гардид. Ҳамин тавр, дар имтидоди таърихии дусад соли баъдӣ забони арабӣ дар қаламрави Эрону Мовароуннаҳр забони расмӣ ва воситаи ягонаи нашри афкори илмиву адабӣ гардид.

Оғози роҳандозии тадбири мазкур дар миёни форсинажодон ба соли 697 рост омада, дар соли 742 ба анҷом мерасад. То ин давраи таърихӣ коргузорон дар дастгоҳҳои идории Эрону Мовароуннаҳр асосан намояндагони халқҳои маҳаллӣ буданд, ки коргузориро ба забонҳои маҳаллӣ анҷом медоданд.

Пешомади бади дигар пас аз истилои араб, ки "барои фарҳангу маданияти халқҳои ориёӣ бисёр гарон афтод", бо баҳонаи "осори аҳли куфру зилол" ба ҳар воситае нобуд сохтани осори илмию адабӣ ва соири ёдгориҳои мадание, буд, ки то зуҳури ислом офарида шуда буданд. Таъсири ин офат аз тағйири алифбо ва хат ҳам гаронтар афтод.

**Вазъияти илму дониш.** Илму дониш дар оғози аҳди исломӣ асосан ба забони арабӣ идома пайдо кард. Бино бар он ки дар он рӯзгорон доираи густариши забони арабӣ васеъ гардида буду ба ин забон офаридани асарҳо нишонаи фазлу бузургворӣ ба ҳисоб мерафт, донишмандони аслан эронинажод таълифоти хешро ба забони арабӣ анҷом медоданд. Агарчи дар аҳди Сомониён кӯшиши ба забони порсии дарӣ таълиф кардани асарҳои илмӣ шурӯъ шуд, ҳамоно то дер замоне дар адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик забони ғолиб дар илм забони арабӣ боқӣ монд.

## ВАЗЪИЯТИ АДАБӢ

**1. Вазъияти забон ва адабиёт.** Дар давраи оғози ривоҷи дини мубини ислом забони арабӣ дар аввал забони расмии давлатӣ буд. Бо ин забон дар Мовароуннаҳру Хуросон шогирдонро дар мактаб таълим медоданд, шеър менавиштанд, асарҳои илмию адабӣ таълиф мекарданд. Дар натиҷа, як зумра шоирону олимоне тарбият ёфтанд, ки забони иншо ва таълифоташон арабӣ буда, бо ин забон осори адабию илмӣ таълиф мекарданд. Аз он ҷумла, донишманди бузурги мо Ибни Сино асарҳояшро бештар ба забони арабӣ

менавишт. Забони арабӣ то оғози давраи нав, то аввали асри XX дар мактабу мадрасаҳои тоҷикӣ таълим дода мешуд ва дар ҳаёти илмӣ, адабӣ ва фарҳангии мо таъсири зиёде дошт.

Дар баробари забони арабӣ андак-андак дар миёни мардум шеър ба забони форсӣ ҳам ба вуҷуд омад, китобҳои насрӣ навишта шуданд. Аз асри ҳафт сар карда забони порсии дарӣ, ки яке аз лаҳҷаҳои забонҳои эронӣ буд, боло рафт ва оҳиста-оҳиста забони расмии сиёсӣ, илмӣ ва адабӣ гардид. Ин забонро дар аввал порсии дарӣ, баъд порсӣ ва форсӣ мегуфтанд. Ин забон ҳамон аст, ки мо имрӯз такаллум мекунем ва забони тоҷикиаш мехонем.

Ба забони паҳлавӣ ҳам, ки забони китобии қабл аз порсии дарӣ буд, дар аввалҳои давраи исломӣ китобҳо навишта мешуданд. Дар асрҳои ҳашт ва нуҳ бисёр касон хатти паҳлавиро медонистанд ва аз он адабиёт истифода мекарданд. Китобҳои муҳимми паҳлавии ин давра «Динкарт» ва «Бундаҳишн» мебошанд, ки дар бораашон пеш аз ин сухан кардаем. Китоби «Динкарт» маҷмӯаи ахбори динӣ, одатҳо, ақидаву ривоёт ва таърихи зардуштиён буда, барои ошноӣ бо ривоятҳои таърихӣ, динӣ ва илмии қадимӣ арзиши бузург дорад. Китоби «Бундаҳишн» низ маълумоти зиёде дар бораи таърих, ҷуғрофиё ва русуми динии қадим дорад.

Китоби дигари паҳлавӣ "Корванд" мебошад. Оид ба мавҷудияти ин асар бори аввал Ҷоҳиз хабар додааст. Ҷоҳиз дар китоби "ал-Баён ва-т-табийин" дар хусуси мутааллиқ ба давраи пеш аз ислом будани "Корванд" маълумот дода, перомуни матолиби он чунин овардааст: "Ҳар кас бихоҳад, дар фанни балогат ба камол бирасад ва гароиби алфозро бишиносад ва дар илми луғат табаҳҳур пайдо кунад, бояд китоби "Корванд"-ро бихонад". Бино ба тавзеҳи Абдулҳусайни Зарринкӯб дар китоби "Ошноӣ бо накди адабӣ", "агарчи аз ин китобе, ки шуубия бад-он менозидаанд (манзур китоби "Корванд") ва мехостаанд, онро нишонаи ошноии эрониён бо ойини суханварӣ бидонанд, акнун нишоне дар даст нест, аммо қароин ҳокист, ки Эрониён дар адвори қабл аз ислом ба ҳар ҳол бо фунуни балоғат ва суханварӣ ошноӣ доштаанд ва завқи наққодӣ ва қареҳаи шинохти неку бади осори адабӣ дар онҳо вуҷуд доштааст".

Дар хусуси мавҷудияти шеър ҳам ба забони паҳлавӣ метавон ёдовар шуд. Қитъаи шеъри паҳлавиро дар навишти порсии дарӣ ҳам дар даст дорем. Ин қитъа дар давраи исломӣ

навишта шудааст ва дар он таъсири шакли шеъри давраи нав дида мешавад. Мавзӯи шеър панду андарз аст:

Дорам андарзе аз доноён /Аз гуфти пешиниён.
Ба шумо бигзорам (гузориш кунам) /
Ба ростӣ андар гаймон.
Агар ин аз ман пазиред / Баред суди ду гайҳон.
Ба гетӣ густох мабошед / Бас орзу андар гайҳон.
Чи гетӣ ба касе бинҳиштанд / На кӯшку на хону мон...
Шодӣ ба дил чӣ хандед / Ва ба чӣ нозед ҷаҳониён?
Мардуме чанд дидам / Бас (орзу) андар гаймон.
Худоёне чанд дидам / Сардори бузург бар мардумон.
Эшон шукӯҳманду худхоҳ / Бирафтанд андар гайҳон.
Эшон бероҳ шуданд / Ва бо дард бирафтанд бесомон.
Ҳар кӣ чунин дид чаро / Ки дил бандад андар гайҳон.
Ва гетӣ ба испанҷ надорад / Ва танро ба осон.

**2. Шеър дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ.** Аввалин намунаҳои шеър ба забони порсии дарӣ дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ ба вуҷуд омаданд. Дар замони футӯҳоти араб ва умуман се асри аввали исломӣ дар минтақаҳое, ки эронинажодон сукунат доштанд, лаҳҷаҳои гуногун маъмул буданд. Дар мавриди лаҳҷаҳои мавҷуд баъзе донишмандон, аз ҷумла Ибни Муқаффаъ, маълумот додаанд. Чунончи, мувофики маълумоти мавҷуд дар ин давра лаҳҷаҳои маъмул паҳлавӣ, дарӣ, форсӣ, хусӣ ва суриёнӣ буда, ҳамин матлабро Ҳамза ибни Ҳасани Исфаҳонӣ дар "Муъҷам-ул-булдон" бо тасвири бештаре зикр кардааст, вале баъзе лаҳҷаҳои муҳим аз назари онҳо дур мондаанд. Дар огози аҳди исломӣ лаҳҷаҳои муҳимми дигаре, аз қабили суғдиву хоразмӣ, тахориву табарӣ ва курдӣ низ дар миёни мардуми эронинажод маълум буданд. Аз ин лаҳҷаҳои маҳаллии эронӣ дар се асри аввали исломӣ ашъоре боқӣ монда, ки аксаран марбут ба воқеаҳои таърихӣ суруда шуда, бо вазни ҳиҷо ва қисман дорои қофия мебошанд.

Аз миёни ин ашъор муҳимтар аз ҳама суруди оташкадаи Каркуйи Систон аст, ки дар ситоиши оташкадаи мазкур суруда шуда, аз мисраъҳои шашҳиҷоии қофиядор ба вуҷуд омада ва ба эҳтимоли қавӣ марбут ба охирҳои аҳди Сосонӣ ва ҳадди ақал оғози аҳди исломӣ мебошад. Ин суруд ба лаҳҷаи нави дарӣ, яъне забони дарии миёни аҳди Сосонӣ ва дарии адабӣ сохта шудааст. Онро бо оҳанги вижае дар ҳузури подшоҳон ва мӯбадони зардуштӣ мехонданд. Матни аслии ин

суруд ба воситаи китоби “Таърихи Систон” то замони мо омада расидааст, ки чунин аст:

Фарухта бодо рӯш,
Ханида Гаршасп хӯш.
Ҳаме пур аст аз ҷӯш,
Анӯш кун, май анӯш!
Дӯст, бидо(р) гӯш,
Б-офарин ниҳода гӯш!
Ҳамеша некӣ кӯш,
(Ки) дӣ гузашту дӯш.
Шоҳо, худойгоно,
Б-офарин шоҳо.

Маликушшуаро Баҳор ин сурудро ба форсӣ чунин тарҷума кардааст:

Афрӯхта бодо равшаноӣ,
Оламгир бод ҳуши Гаршосп.
Ҳаме пур аст аз ҷӯш.
Нӯш кун, май нӯш.
Дӯст бидор дар оғӯш,
Ба офарин неҳ гӯш.
Ҳамеша некӣ куну накӯкор бош,
Ки дере зудест бигзашт.
Шоҳо, худойгоно,
Ба офарин шоҳо.

Ба андешаи Саъдоншоҳ Имронов, “Суруди оташакадаи Каркӯй” нахустин намунаи шеъри қадимии ҳиҷоӣ буда, ғайр аз мақтаъ, ки шояд вазифаи нақаротро адо мекард, дар шаш мисраи он умумияти қофия риоя шудааст. Чунин шеър дар адабиёти классикии форсу тоҷик бо номи ғазал ё қасидаи тамомматлаъ маълум аст”. Инчунин, назми ҳиҷоҳо ва тақтеъҳо дар ин шеър наздикии онро ба авзони арӯзӣ нишон медиҳад.

Ғайр аз ин суруди дилпазир порчаҳои дигари шеърӣ ҳам дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ суруда шудаанд, ки асосан бо вазни ҳиҷо эҷод шудаанд. Яке аз чунин шеърҳо «Суруди балхиён» мебошад. Ин суруд шеъри ҳаҷвӣ буда, дар масхараи гумоштаи араб дар Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ ва баёни ҳоли табоҳаш пас аз шикаст аз мардуми Хуталон дар соли 726 суруда шудааст. Вақте лашкари Асад ибни Абдуллоҳ пас аз шикаст аз Хатлон ба Балх бармеғардад, кӯдакони Балх онро месуруданд:

Аз Хуталон омадия,
Ба рӯ табоҳ омадия.
Овор боз омадия,
Хашангнизор омадия.

Мисраи охир ба сурати "Бедил фароз омадия" ҳам сабт шудааст.

Яке аз нахустин намунаҳои шеър ба лаҳҷаи порсии дариро ба шоире бо номи Язид ибни Муфарриғ (ваф. 678/688) нисбат медиҳанд, ки чунин аст:

Об асту набиз аст,
Асороти забиб аст,
Сумия рӯсапиз аст.

Ҳамчунин, аз Абулянбагии Самарқандӣ (Абулянбагӣ Аббос ибни Тархон, ки дар охири асри VIII мезиста) чаҳор мисраъ дар таассуф аз харобии Самарқанд боқӣ мондааст, ки низ аз аввалин намунаҳои шеър ба лаҳҷаи порсии дарӣ мебошад. Муаллиф бо як дарду ҳасрати бузург аз харобазорҳои зодгоҳаш, ки як замон ободон ва рашки Шош будааст ва яқинан пас аз ҳамлаи араб ба ин ҳол афтода буд, сухан гфтааст:

Самарқанди кандманд,
Бад-инат кӣ афканд?
Аз Чоч та беҳӣ,
Ҳамеша та хеҳӣ.
Мазмуни шеър чунин аст:
Самарқанди ободон,
Кӣ туро бад-ин ҳол афганд?
Ту аз Чоч беҳтарӣ,
Ҳамеша ту хубӣ.

Ғайр аз ин се порча шеър абёти парокандаи дигаре ҳам ба лаҳҷаҳои маҳаллии эронӣ то замони мо расиданд, ки далели ривоҷи шеър дар лаҳҷаҳои маҳаллии эронӣ мебошанд.

**3. Нахустин шоирони порсигӯй**. Ахбор ва ривоятҳое, ки дар мавриди нахустин шоирони порсигӯ то ба мо расидаанд, ҳамгун нестанд. Чунин ахбору ривоётро дар таълифоти адабӣ, китобҳои таърих ва тазкираҳо, аз қабили «ал-Муъҷам...»-и Шамси Қайси Розӣ, "Таърихи Систон", «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухорой, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят пайдо кардан мумкин аст, ки кулли онҳо дар давраи асримиёнагӣ навишта шудаанд. Аз

маъхазҳои қадим ахбори дақиқ боқӣ намондааст.

Сухани Шамси Қайс дар бораи нахустин шоири порсигӯ ба таври ҳукми қатъӣ баён нашудааст, вай ҳар маврид, ки дар ин хусус суҳбат мекунад, аз қавли дигарон сухан мегӯяд. Маҷмӯи ахбори соҳиби "ал-Муъҷам..."-ро дар ин мавзӯъ дар се асли зайл хулоса кардан мумкин аст:

1. Ибтидои шеъри порсӣ ба Баҳроми Гӯр нисбат мекунанд; он чи Аҷам онро аввали ашъори порсӣ ниҳодаанд ва ба вай нисбат карда, ин аст:

Манам он пили дамону манам он шери яла,
Номи ман Баҳроми Гӯр, куниятам Бӯҷабала.

Аз Баҳроми Гӯр ба забони тозӣ ҳам ашъор боқӣ монда, вале кори шоирии ӯ танҳо то замони ба тахт нишастанаш идома ёфтааст. Вақте навбати подшоҳӣ ба Баҳром мерасад, вай таҳти таъсири андешаҳои ҳаким Озарбодини Зародистон аз гуфтани шеър бозмеистад ва фарзандону наздикони худро низ аз он манъ мекунад.

2. Борбад оҳангҳои хешро бар наср ниҳодааст. Айни сухани Шамси Қайс дар ин маврид чунин аст: "Борбади Ҷаҳрамӣ, ки устоди барбатӣ буд, бинои алҳон ва ағонии хеш дар маҷлиси Хусрави Парвиз, ки онро "Хусравонӣ" хонанд, бо он ки сар ба сар мадҳу офариниши Хусрав аст, бар наср ниҳодааст ва ҳеч аз каломи манзум дар он ба кор надошта". Ин амр таҳти таъсири андешаҳои ҳакими мазкур ба вуқӯъ пайвастааст.

3. Ба қавли баъзеи дигар, аввалин шеъри порсӣ Абӯҳафси Ҳаким ибни Аҳваси Суғдӣ гуфта, ки аз Суғди Самарқанд буда, дар мусиқӣ устоди моҳир будааст. Шеъре, ки ба вай нисбат медиҳанд, чунин аст:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,
Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо?

Агар ба қавли мастур дар китоби "Таърихи Систон" такя намоем, аввалин шеъри ба забони порсии дарӣ навиштаи мавҷудбударо яке аз гӯяндагон ва бастагони дарбори Яъқуб ибни Лайс ба номи Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ сохтааст, ки абёте машҳур аст ва бо ин байт огоз мешавад:

Эй амире, ки амирони ҷаҳон хосаву ом,
Бандаву чокару мавлову сагбанду гулом.

Ривояте ба ин маънӣ машҳур аст, ки шоирон ба шарофати ғалабаи Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ (867-879) дар ҷанги Ҳирот ба арабӣ қасидаҳо гуфтанд. Амир, ки арабӣ

намедонист, ба онҳо мегӯяд: "Он чиро, ки ман андар наёбам, чаро бояд гуфт?!". Пас, шоирон ба забони порсӣ шеър гуфтан гирифтанд ва яке аз аввалини онҳо Муҳаммад ибни Васиф буд.

Дар пайравии Муҳаммад ибни Васиф шоирон Бассоми Курд, Муҳаммад ибни Мухаллад ва Абӯсулайки Гургонӣ низ ба порсии дарӣ мадҳ сурудаанд.

Дар тазкираи Муҳаммад Авфии Бухороӣ оид ба нахустин шоири порсигӯ фасли ҷудогонаест, ки "Дар маънии он, ки аввал кас шеъри порсӣ кӣ гуфт?" номида шудааст. Муҳаммад Авфӣ бар он аст, ки "аввал касе, ки шеъри порсӣ гуфт, Баҳроми Гӯр буд"; вай дар ҳолати хурсандӣ "ин чанд калимаи мавзун"- ро гуфтааст:

Манам он шери гала, манам он пили яла,
Номи ман Баҳроми Гӯр, кунияткам Бӯҷабала.

Бигзарем аз ин ҳама баҳсҳо, дар тазкираҳо ва китобҳои адабӣ боз номи чанд шоири порсигӯ омадааст, ки замони ҳеҷ як аз онҳо пеш аз нимаи аввали садаи нуҳум нест ва ё дар нимаи дуюми он қарн мезистаанд, ба монанди Ҳанзалаи Бодгисӣ, Маҳмуди Варроқи Ҳиравӣ, Фирӯзи Машриқӣ, Абӯсулайки Гургонӣ.

Ҳанзалаи Бодгисӣ, мувофиқи ахбори тазкиранигорон, дар замони Тоҳириён мезиста ва ин абёт аз ӯ дар «Лубоб-ул-албоб» ва "Чаҳор мақола» зикр шудааст:

Ёрам сипанд агарчи бар оташ ҳамефиканд,
Аз бахри чашм, то нарасад мар варо газанд.
Ӯро сипанду оташ н-ояд ҳаме ба кор
Бо рӯйи ҳамчу оташу бо холи чун сипанд.

Пораи дигаре, ки аз ин шоир боқӣ мондааст, панд аст:

Меҳтарӣ гар ба коми шер дар аст,
Шав, хатар кун, зи коми шер биҷӯй!
Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,
Ё чу мардон-т марги рӯёрӯй.

Маҳмуди Варроқи Ҳиравӣ низ аз муосирони подшоҳони Тоҳирӣ шумурда мешавад, вафоташро ба соли 837 мелодӣ қайд кардаанд. Ин ду байтро ба ӯ нисбат додаанд:

Нигорино, ба накди ҷон-т надҳам,
Геронӣ дар баҳо, арзон-т надҳам.

Гирифтастам ба ҷон домони васлат,
Ниҳам ҷон аз кафу домон-т надҳам.

Шоири дигар Фирӯзи Машриқӣ мебошад, ки аз муосирони Амр ибни Лайси Саффорӣ (879-900) буда, дар соли 896 вафот кардааст. Дар бораи ин шоир дигар маълумоте дар даст нест. Дар сарчашмаҳо фақат 8 мисроъ шеъри ӯ ба даст омадааст:

Мургест хаданг, эй аҷаб, дидӣ,
Мурге, ки шикори ӯ ҳама ҷоно.
Дода пари хеш каргасаш ҳадя,
То на бачааш барад ба меҳмоно.

****

Навҳагар карда забон ҷанги ҳазин аз гами гул,
Мӯй бикшодаву бар рӯй занон нохуно.
Гаҳ калима ба суҷуд афтад аз баҳри дуо,
Гаҳ зи гам барфиканад як даҳан аз дил хуно.

Шоири дигар Абӯсулайки Гургонӣ, ки фаъолияти адабии ӯ дар замони салтанати Амр ибни Лайси Сафорӣ (879-902) ҷараён ёфтааст. Ашъоре, ки то кунун аз мероси адабии ин шоир аз тазкира ва луғатҳо ҷамъоварӣ шудааст, 20 мисроъ шеър мебошад. Аз ҷумла, абёти зайлро дар тазкираҳо ба номи Абӯсулайки Гургонӣ сабт кардаанд:

Хуни худро гар бирезӣ бар замин,
Беҳ, ки оби рӯй резӣ дар канор.
Бутпарастанда беҳ аз мардумпараст,
Панд гиру кор банду гӯш дор!

* * *

Ба мижа дил зи ман бидуздидӣ,
Эй ба лаб қозиву ба мижгон дузд!
Музд хоҳӣ, ки дил зи ман бибарӣ?
Ин шигифтӣ кӣ дид: дузд ба музд?!

## ДАВРАИ АРАБИЗАБОНИИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Таҳти мафҳуми "давраи арабизабонӣ" марҳалае ба назар гирифта мешавад, ки огози он ба нуфузи забон ва хатти арабӣ дар ҳаёти сиёсию маънавии Эрону Осиёи Миёна рост омада, то ба пайдоиши адабиёт ба забони порсии дарӣ идома ёфтааст. Ин марҳила аз нигоҳи имтидоди таърихӣ ба асрҳои VIII-IX рост меояд. Вақте ки бо сабабҳои муайяни таърихӣ забон ва хатти арабӣ ҷойи забонҳои бумии эронӣ ва дабираҳои онҳоро гирифт, мардумони эронӣ фаъолиятҳои

адабии хешро ба забони арабӣ идома дода, дар натиҷа, осоре офариданд, ки, аз як ҷониб, ҷузъи адаби арабӣ маҳсуб бишавад, аз ҷониби дигар, бинобар он ки маҳсули қалами эрониён буда, дар идомаи анъанаҳои адабии қаблазисломии ақвоми ин сарзамин офарида шудаанд, марҳалаи хоссеро аз адабиёти форсу тоҷик ташкил медиҳад.

Давраи арабизабонии адабиёти мардумони эронӣ аз ҷониби донишмандони зиёде таъйид шуда, перомуни он пажӯҳишҳои судманде ҳам ба миён омадаанд. Аз ҷумла, донишманди тоҷик Низомиддин Зоҳидов дар китоби "Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX (давраи арабизабонӣ)" адабиёти арабизабони садаҳои VIII-IX-ро ба ҳайси як қисми таркибии адабиёти форсу тоҷик таҳқиқ карда, аз ин тариқ китоби аз ҳар нигоҳ арзишманди таърихи адабиёти тоҷик дар марҳалаи муайяни таърихиро ба вуҷуд овардааст. Аз муҳтавои китоби мазкур бармеояд, ки раванди ташаккули адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои мазкур қатъ нагардида, балки ба забони фотеҳони араб идома ёфтааст ва аз ин ҷиҳат, муҳимтарин моҳияти таҳаввули адабиёти ин давр аз дигар давраҳои таърихӣ мебошад.

Манбаи асосӣ барои омӯзиши давраи арабизабонии адабиёти тоҷик китоби мазкури Низомиддин Зоҳидов аст. Ин китоб дорои мабоҳиси куллӣ дар бораи вазъи таърихӣ ва фарҳангӣ дар Эронзамин дар асрҳои VII-IX, назми арабизабони асрҳои VIII-IX ва насри арабизабони асрҳои VIII-IX мебошад. Тараққии адабиёти халқҳои эронӣ пас аз истилои араб қатъ нагардида ва мардум дар тӯли зиёда аз дусад сол аз фаъолияти адабию бадеӣ маҳрум набудаанд. Аз таҷрибаи адабиёти мардумони ҷаҳон маълум аст, ки "дар таърихи халқҳои гуногун давраҳое будаанд, ки адибони он халқҳо ба тақозои шароити таърихӣ осори худро на ба забони қавми худ, балки ба забони бегона эҷод кардаанд". Дар ин имтидоди замонӣ адибон дар шароити истилои сиёсӣ ва фарҳангии арабҳо, ки ба маҳдуд намудан ва манъ кардани забони миллӣ овардааст, забони бегона, яъне арабиро ҳамчун воситаи асосии нашри афкори хеш ба кор гирифтаанд. Далели дигари мавҷудияти чунин ҷунбиши фикрӣ ва андешаи адабӣ пайдоиши ҷараёни Шуубия ва корномаи бузурги намояндагони он мебошад.

Ба назари Низомиддин Зоҳидов, бо вуҷуди тағйири се рукни муҳимми тамаддун – дин, забон ва алифбо пас аз

истилои араб, халқҳои эронӣ ҳувияти миллӣ ва асолати фарҳангу тамаддуни хешро нигоҳ доштанд. Дигар андешаи муҳим ин аст, ки эҷоди бадеии шифоҳии халқҳои эронӣ дар замони истилои араб қатъ нагардида, балки дар заминаи анъанаҳои худ ба забонҳои маҳаллӣ мавҷуд буд. Ниҳоят, дар ду аср суннатҳои адабии эронӣ дар адабиёти забони арабӣ, дар асарҳои адибони эронӣ мақом ва вусъати муносиб пайдо кардааст.

Низомиддин Зоҳидов теъдоди муайяни омилҳоро ташхис ва асоснок карда, ки онҳо, дар маҷмӯъ, заминаҳои пойдорӣ ва идомаи адабу фарҳанги мардумони ориёинажодро дар қарнҳои нахусти ислом таъмин кардаанд: ҳастии забони форсӣ ва лаҳҷаву гӯйишҳои маҳаллӣ, фаъолияти пайравони кешу мазҳабҳои маҳаллӣ, бахусус зардуштия, ки ҳадафи "гирд кардану гиромӣ доштан"-и мероси маънавии Аҷамро дар пай доштааст, эҳсоси ватанпарастиву эронгароӣ ва рӯҳияи истиқлолхоҳии мардуми Эронзамин, бахусус, намояндагони илму адаби он, борварии андешаи сиёсӣ ва ганомандии таҷрибаи кишвардории халқҳои эронӣ, наҳзати тарҷумаи осори тоисломӣ ба забони арабӣ, ки барои аз нобудӣ эмин мондани осори тоисломӣ василаи асосӣ маҳсуб мешавад, ривоҷи фанни нависандагӣ ва балогат дар Эронзамини тоисломӣ. Омилҳои мазкур сабаби интиқоли қисме аз осори фарҳангии тоисломӣ ба муҳити исломӣ, тадовум ва бақои суннатҳои фарҳангу адаби тоисломӣ, боиси ҳифзу эҳёи ҳувияти миллӣ ва асолати фарҳангии ақвоми ориёӣ ва бақову пойдории ҳастии маънавии ақвоми эронинажод гардида, ба масобаи пули фарҳангӣ Аҷами тоисломиро бо давраи баъдазисломӣ ва замонҳои баъдӣ пайванд задааст.

Шоирони эронинажод дар назми арабизабони асрҳои мавриди назар ҳузури чашмрас доранд. Бо таваҷҷуҳ ба ахбори маъхазҳои муътабар ва ишораи муҳаққиқон бармеояд, ки шоирони зерини эрониасл дар эҷоди назми арабизабони қарнҳои нахусти ислом саҳми шоён гузоштаанд: Зиёди Аъҷам (ваф. 718) ва Собити Қутнот (кушташуда дар соли 729), ки инҳо аз ҷумлаи аввалин шоирони маҳаллии арабизабон буда, бо ашъори хеш сарогози адабиёти арабизабони халқҳои эрониро менамоёнанд; Мӯсои Шаҳавот ва Абулаббоси Аъмо, ки дар нимаи аввали асри VIII зистаанд; Юнуси Котиб – шоир, котиб ва хунёгар, Ҳаммоди Ровӣ (695-774), Ваззоҳи Яман – шоири ғазалсаро, Исмоил ибни Ясор – шоири мадҳия,

марсия, фахрия, ғазал. Шоирони мазкур дар давраи Уммавиён ба фаъолият пардохтаанд, ки шумораашон чандон зиёд нест. Дар қиёс ба давраи мазкур дар замони Аббосиён шеъру шоирӣ равнақ меёбад, миқдори шоирони эронинажод меафзояд ва аз байни онҳо бузургони адабиёти арабизабон ба камол мерасанд, ба монанди Башшор ибни Бурд (714-783), Солеҳ ибни Абдулқуддус (қатлшуда дар соли 783), Ҳаммоди Аҷрад (қатл. 778), Абӯяъқуби Хураймии Суғдӣ (ваф. 829), Халафи Аҳмар (ваф. 796), Абӯнувос (тав. миёни солҳои 756-762-ваф. байни солҳои 813-815), Абон ибни Абдулҳамиди Лоҳиқӣ (ваф. 815), Фазл ибни Абдуссамади Раққошӣ (ваф. 815), Саид ибни Ваҳб, Руста ибни Абуласвад (ваф. 791), Саҳл ибни Ҳорун (тав. ҳудуди 758-ваф. 830) – сарвари маркази тарҷума, таълиф ва таҳқиқе, ки бо номи "Байтулҳикма" машҳур буд, Аллони Шуубӣ, Саид ибни Ҳумайд, Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобир ибни Довуди Балозурӣ (ваф. 891). Оид ба ҳаёт ва фаъолияти адабии шоирони мазбур дар китоби мазкури Низомиддин Зоҳидов ба сурати муфассал маълумот пайдо кардан мумкин аст.

Низомиддин Зоҳидов дар таърихи адабиёти хеш бо зерунвонҳои "Назми арабизабон дар аҳди Тоҳириён" ва "Назми арабизабон дар аҳди Сaффориён" шоирони арабизабонеро муаррифӣ карда, ки бо фаъолияти онҳо ташаккули адабиёти арабизабон дар марказҳои сиёсии эронинажодон падидор шудааст. Иддае аз намояндагони сулолаи Тоҳириён (821-873), ба монанди Тоҳир ибни Ҳусайн, Абдуллоҳ ибни Тоҳир, Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ, Мансур ибни Талҳа ибни Тоҳир худ аз ҷумлаи адибон буда, ба сифати шоирону нависандагони арабизабон шуҳрат доштаанд. Муаллифони тазкираҳо ва дигар манбаъҳо намунаи осори манзуму мансури онҳоро дар китобҳояшон дарҷ кардаанд. Гузашта аз инҳо, ҳамроҳ бо нахустин шоирони порсигӯй, чун Маҳмуди Варроқ ва Ҳанзалаи Бодғисӣ аз асомии адибоне огоҳӣ пайдо мекунем, ки ба дарбори Тоҳириён алоқаманд будаанд, ба монанди Аллони Шуубӣ, Фазл ибни Абдуссамади Раққошӣ, ки инҳо баъд аз ҳодисаи қатли Бармакиён Бағдодро тарк гуфта, дар Хуросон ба ин хонадон пайвастаанд. Шоирони дигари муқарраби дарбори Тоҳириён Авф ибни Муҳаллими Хузоӣ (753-тахм. 835) – шоир ва надими Абдуллоҳи Тоҳирӣ, ки сарварии доираи адабиро ба уҳда доштааст, Абуламайсал Абдуллоҳ ибни Хулайд (ваф. 854),

Аҳмад ибни Абӯхолиди Зарир, Муҳаммад ибни Алии Синӣ ва шоира Сакан (ваф. 844) мебошанд.

Низомиддин Зоҳидов ба сурати зайл вижагии муҳимми таърихи адабиёт дар аҳди Тоҳириёнро муайян кардааст, ки он намоёнгари сиёсати фарҳангии хонадони мазкур мебошад: "...дар аҳди Тоҳириён аввалин бор дар таърихи адабиёти халқҳои эронӣ ҳамзистиву муносибати ҳамрӯии назму насри арабизабон ва форсизабон зери пуштибонии расмии дарбор, ки анъанаҳояш баъдан то асри XX давом кард, огоз ёфт".

Агар Тоҳириён бо чунин сиёсати пешгирифтаи хеш ба навъе пуштибонӣ ва таваҷҷуҳашонро ба тамаддуну забони арабӣ пинҳон намедоштанду нисбат ба андешаи шуубиён низ бетараф набуданд, баробари ба сари қудрат омадани Саффориён "вусъати адабиёти арабизабон то андозае маҳдуд" мегардад, вале аз байн намеравад. Фаъолияти Иброҳим ибни Мамшоди Мутаваккилӣ, шоир ва котиби маъруфи арабизабон ба дарбори Саффориён алоқаманд буд, ки намоёнгари ҳанӯз комилан қатъ нагардидани пайванди адабиёти арабизабон мебошад.

Шоирони эронинажод аз охири садаи VII то поёни асри IX дар эҷоди назми арабизабон ширкат варзида, бо фаъолиятҳои адабии хеш боиси ҷойгир шудани оҳангҳои эронӣ (мазомини шеърӣ) дар назми арабизабони садаҳои VIII-IX гардидаанд. Дар баробари шеър насри арабизабони асрҳои VIII-IX низ қобили таваҷҷуҳ аст. Аз пажӯҳиши донишманди мазкур маълум мегардад, ки насри арабизабони тоҷик беш аз назми он саҳифаҳои дурахшону пурбор дошта, дар қиёс ба назм суннатҳои адабиву фарҳангии тоисломӣ дар насри арабӣ нуфуз ва тавсиаи бештар касб кардааст. Дар сарҳади огози нуфузи унсури эронӣ дар насри арабизабон ду нависандаи тавоно – Абулалои Солим, котиби девони расоили халифаи умавӣ Ҳишом ибни Абдулмалик (724-743) ва Абдулҳамиди Котиб, сарвари девони расоили Умавиён дар аҳди Марвон қарор доштаанд. Онҳо дар ташаккули насри арабӣ аз ҷумлаи нависандагони таъсиргузор маҳсуб мешаванд.

Яке аз бахшҳои муҳимми насри арабизабонро густариши наҳзати тарҷумаи насри паҳлавӣ ба арабӣ дар асрҳои VIII-IX дар бар мегирад. Густариши наҳзати тарҷума ва тарҷумаи осори мактуби тоисломӣ дар ин давра бо мақсади муайян: наҷоти адабу фарҳанг ва тамаддуни тоисломии ақвоми орийӣ

аз вартаи нобудии маънавӣ сурат гирифтааст. Ин амр зарурати таърихие буда, ки масъулияти онро мутарҷимони эронинажоди ватандӯст ба хубӣ дарк карда буданд.

Тарҷумаи осори тоисломӣ аз паҳлавӣ ба арабӣ дар аҳди Умавиён, бо фаъолияти Зодонфаррухи Каскарӣ (ваф. 701) ва тарҷумаи "Китоб-ус-сувар", огоз шуда, дар давраи ҳукумати Аббосиён густариш пайдо мскунад. Бино ба таъйиди Н. Зоҳидов, ангеза ва омилҳои зерин сабаби вусъати ҳаракати тарҷумаи осори тоисломӣ ба забони арабӣ гардидааст: талоши адибони шуубӣ баҳри ҳифзу эҳёи адабу фарҳанги ниёкони худ; кӯшиши посух гуфтан ба ниёзҳои фикриву ҳунарии замон ва ҷомеа; ҷонибдорӣ ва тақвияти кори тарҷума аз ҷониби хулафо ва вузарои Хилофат; омодагии тамаддуни навтаъсиси исломӣ ба қабули дастовардҳои нубуги адабиву фарҳангӣ ва илмии халқҳои мухталиф.

Дар кори тарҷумаву нақл ҳам мутарҷимони касбӣ ва ҳам адибони номовари замон саҳм гузоштаанд, ба монанди адибони зерин. Дар қавсайн, ки пас аз исми мутарҷимон меояд, ба тарҷумаҳои муҳимми суратёфта аз ҷониби ҳамон муаллиф ишора мешавад: Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ["Худойнома", "Ойиннома", "Калила ва Димна", "Китоби Тоҷ дар сирати Анӯшервон"], хонадони Навбахтиён ["Китоб-ул-маволид", "Китоб-ул-мадхал", "Китоб-ут-ташбиҳ ва-т-тамсил"; "Китоб-ул-анвоъ"], Мӯсо ва Юсуф – писарони Холид [Мӯсо мутарҷими бахше аз "Шонздаҳ китоб"-и Ҷолинус], Алӣ ибни Зиёди Тамимӣ ["Зичи шаҳриёр"], Ҳасан ибни Саҳл ["Китоб-ул-анвор", "Ҷовидон хирад"], Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобир ибни Довуди Балозурӣ ["Китоб-ул-булдон ас-сағир", "Китоб-ал-ахбор", тарҷумаи манзуми "Аҳди Ардашер"], Ҷабала ибни Солим ["Рустам ва Исфандиёр", "Баҳроми Чӯбин"], Исҳоқ ибни Язид ["Сияр-ул-фурс" маъруф ба "Ихтиёрнома"], Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ ["Худойнома"], Ҳишом ибни Қосим ["Таърих мулук Банӣ Сосон" (Таърихи подшоҳони хонадони Сосониён)], Мӯсо ибни Исои Кисравӣ [ислоҳи "Худойнома"], Зодуя ибни Шоҳуяи Исфаҳонӣ ["Сияр мулук-ал-фурс" ("Худойнома")], Муҳаммад ибни Баҳром ибни Матёри Исфаҳонӣ ["Сияр мулук ал-фурс" ("Худойнома")], Баҳром ибни Мардоншоҳ ["Таърихи мулуки Банӣ Сосон" (баргардони "Худойнома" бо тағйиру ислоҳи матни аслӣ)], Умар ибни Фаррухон [тафсири "Китоб ул-арбаъа"-и Батлимус (Птоломей), "Ҷавомеъ-ул-

асрор фӣ илм ан-нуҷум"], Салм (раиси "Байт-ул-ҳикма") [тасҳеҳи "ал-Маҷастӣ", "Мантиқ"-и Арасту], Фазл ибни Саҳл [мутарҷими китобе дар панду андарз], Ҷабал ибни Язид ["Ойини бародарӣ"], Хизр ибни Алӣ ["Ҷовидон хирад" (ҳамроҳи Ҳасан ибни Саҳл)], Зодонфаррух ибни Пирии Каскарӣ [мутарҷими китобе дар ҷуғрофиё], Абдуллоҳ ибни Алӣ [мутарҷими осори илмӣ, аз ҷумла китоби тиббие бо номи "Сирак" ё "Сайрак"], Исҳоқ ибни Алӣ ибни Сулаймон [мутарҷими китобе дар мавзӯи "муолиҷаи ҳайвонот..."], Абулаббоси Думайрӣ ["Васфи савор ва асп", "Васфи шамшер", "Васфи қалам"]. Муриди Асвад ["Калила ва Димна"], Асбағи Систонӣ ["Китоб Синдбод ас-сағир"] ва дигарон. Ин раванд дар асрҳои баъдӣ ҳам идома пайдо кардааст.

Як бахши муҳимми насри арабизабонро дар асрҳои VIII-IX насри таълифӣ ташкил медиҳад. Аз ҷумла, адибони зерин дар ин давра ба нависандагӣ ва таълиф машғул будаанд: Саҳл ибни Ҳоруни Даштимешонӣ, Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ, Аллони Шуубӣ, Саид ибни Ҳумайд, Абӯубайда Маъмар ибни Мусанно, Ҳайсам ибни Адий, Муҳаммад ибни Лайси Хатиб, Амр ибни Масъада, Саид ибни Ҳурайм, Ибни Фузайли Котиб, Исҳоқ ибни Салмаи Котиб, Саид ибни Ваҳби Котиб, Ҳамд ибни Маҳрони Котиб, Абӯҳасин, Ҷаъфар ибни Аҳмади Марвазӣ, Аҳмад ибни Абӯтоҳири Тайфур, Аҳмади Сарахсӣ, хонадони Тоҳириён (Боҳир ибни Ҳусайн, Абдуллоҳ ибни Тоҳир, Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир, Мансур ибни Талҳа), Иброҳим ибни Мамшоди Мутаваккилӣ.

Анвои насри таълифӣ дар насри арабизабони асрҳои VIII-IX, бино ба табақабандии Низомиддин Зоҳидов, фарогири табақоти зайланд: насри ахлоқӣ, рисолаҳо дар ойини кишвардорӣ, қиссапардозӣ аз забони ҷонварон, ривоҷи жанри мунозира, бозсозии осори тоисломӣ ва ҷилваҳои афкори шуубия дар насри арабизабон. Асарҳои дар заминаи анвои мазкури наср таълифшуда натиҷаи пайравӣ ва истиқболи муаллифон аз суннатҳои насри паҳлавӣ ва ҳалқаи пайванд миёни насри тоисломии эронӣ ва насри порсии дарӣ мебошанд.

**Намояндагони машҳури назму насри арабизабон** дар асрҳои VIII-IX фарзандони Ясор, Абӯнувос, Абулъатоҳия, Башшор ибни Бурд, Абулалои Солим, Абдулҳамиди Котиб ва дигарон мебошанд, ки бо номҳои баъзеи онҳо дар боло шинос

шудем.

**Фарзандони Ясор**. Писарони Ясор – Исмоил, Иброҳим, Муҳаммад аз ҷумлаи машҳуртарин шоирони эронианд, ки ба забони арабӣ огози шоирӣ кардаанд. Ин шоирон аслан аз Нисои Хуросон буданд. Дар шеърҳояшон оҳангҳои ватандӯстӣ, ифтихор ба аслу насаби эронии хеш мавқеи асосӣ дошт. Дар миёни бародарон беш аз ҳама Исмоил машҳур буд. Исмоил ибни Ясор аввалин нафаре буд, ки афкори шуубия дар эҷодиёташ матраҳ шудааст. Вай шоири ҳамаҳди Ҳушом ибни Абдулмалик буд ва бо ӯ бепарда сухан мегуфт. Дар қасидаҳояш тарзе сухан мегуфт, ки ифтихор аз аҷдоди эронии хеш ва бартар шумурдани онон бар араб бармало намудор мешуд. Ҳушом Исмоилро ба сабаби ашъораш бо роҳҳои мухталиф азият медод ва саранҷом ӯро ба Ҳиҷоз мефиристад. Худи Ясор ҳам ба хонадони Марвон душмании шадид меварзида ва ҳатто ҳангоми марг ҳам ба вай лаънат мефиристодааст.

**Абӯнувос**. Шоири дигари арабизабони эронӣ Абӯнувос Ҳасан ибни Ҳонӣ (тав. миёни солҳои 756-762-ваф. байни солҳои 813-815) яке аз машҳуртарин шоирон дар миёни атрофиёни Ҳорунаррашид буд. Вай аслан аз мардуми Хузистон буд. Модараш эроние аз аслу насабе фурӯдаст буд ва қути лоямуташро аз кори душвори пашмшӯӣ ба даст меовард. Абӯнувос худашро бештар эронӣ медонист ва аз насаби хеш ифтихор ҳам дошт. Рӯзгори ҷавониаш дар Басра сипарӣ мешавад. Дар ҳамон ҷо, дар назди беҳтарин адибони мадрасаи Наҳвиюн ва хубрагони шеъри куҳан таҳсил карда ва пас аз хатми мадраса барои беҳтар фаро гирифтани забон як сол дар миёни саҳронишинон зиндагӣ мекунад. Абӯнувос дар поёни зиндагиаш, бинобар воқеае, як хонадони ашрофии Бағдодро бо шеъри ҳаҷвӣ масхара мекунад. Намояндагони хонаводаи ашрофӣ, ки мазаммату таҳқир шуда буданд, ба воситаи мардони зархарид Абӯнувосро сахт мезананд. Дар натиҷа шоир дар зери зарбу шаллоқи онҳо ҷони хешро аз даст медиҳад.

Аз ашъори Абӯнувос беш аз ҳама қасидаҳои хамрия, газалҳо ва муламмаот машҳур буданд. Вай дар муламмаоти худ аз роҳи талмеҳ калимаҳои форсиро бо арабӣ омезиш додааст. Дар сурудаҳои шоир чакомаҳои ошиқона ҳам мақоми бузурге доштаанд.

**Абулъатоҳия**. Абулъатоҳия Исмоил ибни Қосим аз

ҷумлаи муосирони Абӯнувос буд ва низ мисли Абӯнувос аслу насабе сода дошт. Падараш хунгир, яъне ороишгар буд. Худи Абулъатоҳия дар Кӯфа як коргоҳи кӯчаки сафолгарӣ дошт. Ӯ нахустин шеърҳояшро, бинобар ривоятҳо, бар лавҳаҳои сафолин менавиштааст. Вақте ки дар шоирӣ машҳур мешавад ва овозааш ба гӯши халифа Маҳдӣ (775-785) мерасад, вайро ба Багдод даъват мекунад.

Абулъатоҳия дар гуфтани шеъри мадҳия, ғазал ва ваъз устоди моҳир буд. Шеъри вай аз нигоҳи муҳтаво аз шоирони ҳамрӯзгораш фарқ дошт. Ашъори ӯ дар қиёс ба шоирони дигар фарогири бозтоби рӯҳияи мардум буда, бо суннатҳои роиҷи шеъри араб дар он рӯзгорон ба ҳеч ваҷҳ иртиботи мустақим надорад. Аз ин ҷиҳат, Абулъатоҳия шоирест, ки дар густариши соҳати маъноӣ ва мазмун дар шеъри араб саҳми шоиста гузоштааст.

**Башшор ибни Бурд**. Башшор ибни Бурди Тахористонӣ (714-783) аз шоҳзодагони Тахористон буд, ки ба асорат афтод ва дар миёни арабҳо тарбият ёфт. Бо вуҷуди ин рӯҳияи шуубӣ дошт ва дар шеър ба ифтихор аз насаби худ ва таҳқири араб сухан гуфтааст. Башшор ибни Бурд дар таърихи шеъри арабизабон аз ҷумлаи бузургтарин шоирони эронинажод аст, ки дар тағйири сабки шеъри арабӣ саҳми бузург дорад. Шеъри вай бо васфҳои ҷадид, ҳаҷвҳои нозук, ташбеҳоту истиороти дақиқ, ҳикаму амсол ва лутфи калом аз шеъри шоирони дигари ҳамзамонаш мумтоз аст.

**Абулалои Солим**. Абулалои Солим, котиби девони расоили халифаи умавӣ Ҳишом ибни Абдулмалик (724-743) дар даврае ба фаъолияти нависандагӣ оғоз карда буд, ки насри арабӣ дар сатҳи ибтидоӣ қарор дошт ва аз ҳар нигоҳ бисёр сода буд. Вай аз ҷумлаи аввалин нависандагонест, ки дар расми китобати арабӣ низому русуме эҷод кард ва барои ба ҷодаи таҳаввул ворид шудани насри арабӣ хидматҳои бузургеро анҷом дод. Аз ҷумлаи корҳои мондагори Абулало оғоз бахшидан ба нақлу тарҷумаи китобҳои адабию таърихии паҳлавӣ ба забони арабӣ мебошад. Мувофиқи ахбори Ибни Надим, тарҷумаи достони “Баҳроми Чӯбин” ва китоби “Рустаму Исфандиёр” аз паҳлавӣ ба арабӣ ба қалами ҳамин нависанда мутааллиқ аст. Абулалои Солим устоди нависандаи машҳури арабизабон Абдулҳамиди Котиб аст.

**Абдулҳамиди Котиб**. Абдулҳамид ибни Яҳё, ки бештар бо номи Абдулҳамиди Котиб (вафоташ 750) машҳур аст,

сарвари девони расоили Умавиён дар аҳди Марвон ибни Муҳаммад буд. Баъд аз қатли Марвон нависанда муддате назди дӯсти худ Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ пинҳон мешавад, вале маъмурони Аббосӣ ба маҳзи даст ёфтан ӯро ҳам куштанд.

Ҳузури Абдулҳамиди Котиб дар насри арабӣ ва мақоми адабии вай шоистаи таваҷҷуҳи махсус мебошад. Маҳз бо фаъолиятҳои адабии ин нависандаи тавоно, ки ҳамчун пешвои нависандагони замон эътироф шуда будааст, дар насри арабӣ марҳалаи тозае огоз гардида, ба таҳаввули сифатии он асос гузошта шудааст. Ӯ дар фанни тарассул ба сифати устод шинохта шуда буд ва аввалин нависандаест, ки сабки фардии хешро дар нависандагӣ муаррифӣ кард. Ҳунари саҷъро дар расоил ворид кардан, китобатро аз эҷоз берун овардан, густариши калом, нишон додани роҳи ихтисор дар навиштан ва зикри тамҳидот дар огози номаҳо ба ҳамин нависандаи тавоно бармегардад. Аз ин ҷост, ки тавассути расоили Абдулҳамиди Котиб насри содаву бепирояи арабӣ ба сурати насри фаннӣ даромада, равиши нависандагии вай мақбули ҳамагон ва боиси пайравӣ қарор гирифтааст.

Мақому мартабаи Абдулҳамиди Котиб дар фанни китобат ба ҳаддест, ки суханшиносон огози китобати арабиро ба ӯ нисбат додаанд. Баъд аз Абдулҳамид равиши пешгирифтаи ӯро ҳамаи нависандагони арабизабони эрониасл идома доданд ва дар давраҳои баъдӣ нависандагони бузурге зуҳур карданд, ки насри арабиро ба қуллаҳои баланди такомул расониданд. Аз ҷумлаи нависандагони бузурги давраҳои баъдӣ яке Рӯзбеҳ писари Додуяи маъруф ба **Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ** аст, ки таълифи китобҳои адабӣ ба забони арабӣ бо кӯшишҳои ӯ мутадовил гашт ва ба расмият даромад.

## АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР АСРИ Х ВА НИМАИ АВВАЛИ XI

1. **Вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ.** Асри Х мелодӣ замони оғози муҳимтарин марҳалаи тамаддуни исломии мардумони эронӣ ва дурахшонтарин даврони ташаккул ва ривоҷи адабиёти форсу тоҷик мебошад. Огози ин давра дар ҳудуди як аср қабл бо галабаи подшоҳони эронинажод ҳамроҳ буд ва шурӯъ аз он давра муқаддимоти галабаи ҳукуматҳои эронӣ

фароҳам омада буд. Дар қисмати бузурги сарзаминҳои ин давра давлати бузурги Сомониён бо эҳёи русуми қадим ба Мовароуннаҳру Хуросон ва Систону Рай фармонравоӣ дошт. Дар баробари онҳо Оли Зиёр ва Оли Бӯя бо нияти таҷдиди шоҳаншоҳӣ бо хулафо дар мубориза буданд, ки дар натиҷаи ин мубориза ҳудуди Эрону Осиёи Марказиро аз доираи итоати хилофати Бағдод ба мустақилияти сиёсӣ оварданд.

Дар поёни ин давра ба ҷойи давлати Сомониён дар Мовароуннахр туркони қарохонӣ, Оли Афросиёб ва подшоҳони Ғазнавӣ ҳокимияти худро барқарор намуда буданд. Онҳо, махсусан Ғазнавиён дар ташкили давлат ва сиёсат аз Сомониён пайравӣ мекарданд ва чандон таъсире ба раванди инкишофи адабиёт ва илму фарҳанг нарасид.

Ҳукуматҳо ва силсилахои подшоҳони эрониасли хурду бузург дар ин замон гуногун ва зиёд буданд. Чанде аз ин шоҳигариҳои хонадонҳои қадим дар минтақаҳои гуногуни Хуросону Мовароуннаҳр ҳукумат доштанд. Ҳамаи ин хонадонҳои хурду бузурги шоҳаншоҳии эронинажод дарривоҷи илму адабиёт саҳми маълуме доштанд ва номи онҳо дар саҳифаи таърих сабт шудааст. Аз ҷумла, хонадони Саффориён, ки соли 899 бар асари шикасти Амр ибни Лайси Саффорӣ қудратро аз даст дода буд, намояндагони он то муддате дар Систон, ба сифати як ҳукумати маҳаллии боҷгузори Сомониён, мавҷуд буд ва ахиран аз ҷониби Султон Махмуди Ғазнавӣ барҳам дода шуд. Амирони ин сулола дар тамоми қарни X ба ҷалбу ташвиқ ва гамхории адибону олимон машгул ва машҳур буданд.

Хонадони Сомониён аз бузургтарин ва муҳимтарин сулолаҳои подшоҳии ин давра аст. Асосгузори ин сулола Сомонхудод аз авлоди Баҳроми Чӯбина буд. Вай дар оғоз ойини зардуштӣ дошт, баъдан дини исломро қабул кард. Баъд аз сари ӯ писараш Асад ҷойи ӯро гиифт ва фарзандони Асад дар ҷангҳои Хуросон ба пуштибонии халифа Ҳорунаррашид хизматҳои бузург карданд. Аз ҳамин сабаб халифа Маъмун ҳукумати чанд шаҳри Мовароуннаҳрро ба онҳо бахшид ва ҳамин тариқ авлодони Сомонхудод то давраи Исмоили Сомонӣ дар қисмати бузурги Мовароуннаҳр ҳукумат доштанд ва дар замони Исмоил Мовароуннаҳру Хуросон пурра ба ихтиёри Сомониён гузашта, давлати муқтадиру мутамаркази Сомонӣ ташкил карда шуд. Амирони Сомонӣ аз хонадони эронии асил буданд, ба суннатҳои миллии худ

таваҷҷуҳи зиёд доштанд. Аз ин ҷост, ки онҳо забон, урфу одат ва суннатҳои фарҳангии худро ҳифз намуданд ва ҳамчунин, ба илму адабиёт таваҷҷуҳи зиёд дошта, барои пешрафти соҳаҳои гуногуни дониш мусоидат карданд. Сарчашмаҳо аз ҳукумати Оли Сомон ба ифтихор ва некномӣ ёд кардаанд. Аз ҷумла, Муқаддасӣ, ки ҷуғрофиёи оламм исломро хуб медонист, дар бораи мулки Сомониён чунин навиштааст: "Хуросон пуршукӯҳтарин сарзамин аст, ки аз ҳама бештар бузургон ва уламо ба олами ислом додааст. Кони эҳсон, боргоҳи илм, сутуни устувори ислом ва қалъаи пойдории ӯст. Подшоҳонаш Сомониён бошукӯҳтарин шоҳонанд ва сипоҳи онон беҳтарин низомиёнанд. Ва қавӣ бошад, ки шуҷоати беандоза, хиради солим, номи баланд, моли фаровон, саворагон ва пиёдагон доранд ва фатҳу зафар ёри онон бошад. Дар он рустоҳои бошукӯҳ, деҳаҳои ороста, боғоти пайваста, обҳои равон, неъматҳои фаровон, адолати пойдорро дар давлате хоҳӣ дид, ки ҳамешагӣ зафарёб ва дастгиршаванда аст ва Худованд ҳукуматро ба он ҷо ҷовид гардонад! Бидон, ин иқлимро барподорони Ҳайтол ва Хуросонро писарони оли Сом, писари Нӯҳ обод кардаанд".

Балъамӣ дар китоби "Таърихи Табарӣ" навиштааст: "Ҳаётила ҷамъи ҳайтол аст ва дар Бухоро зӯрмардро гӯянд. Забоншиносон ин калимаро аз забони сако-хутанӣдониста, маъноящро ҷасуру диловар донистаанд". Муқаддасӣ (асри X) дар асари таърихӣ ва ҷуғрофии худ "Аҳсан-ат-тақосим фӣ маърифат-ил-ақолим" ҳамаи заминҳои Тахористон ва Суғдро то марзи Чин каронаи Ҳайтол номидааст, чунки ин билод то омадани туркон ва арабҳо дар дасти хонаводаи оли тоҷиҳо - ҳайтолиҳо буд...: "...Дар ҳамаи вилоятҳои Сугд, Истаравшан, Фаргона ва Чоч то омадани арабҳо шоҳони маҳаллӣ аз нажоди ориёнӣ ҳукумат меронданд. Сулолаҳои маҳаллӣ дар замони ислом то ташкил шудани давлати Сомониён ҳукмрони вилоятҳои худ буданд. Вилоятҳои Бадахшон, Рашт, Шумон, Хумӣ, Шуғнон, Вахон, Ғорон, Сағониён, Кофиён, Тирмиз, Синд, Зобул, Ғузгон, Балх, Бомиён, Кобул, Самангон, Ҳирот, Бодғис ва гайра дар дасти Ҳайтолиён буданд. Арабҳо дар забт намудани вилоятҳои зикршуда бо Ҳайтолиён, ки худро тоҷик меномиданд, ҷангидаанд".

Пас аз ҳукумати Сомониён Ғазнавиён ба сари қудрат омаданд, ки сарварони онҳо аз ҷумлаи ғуломони Сомониён буданд. Аз ин рӯ, низоми давлатдориашонро аз хоҷаҳояшон

гирифта буданд. Юсуфшоҳи Яъқубшоҳ дар ин маврид менависад: “Вақте ки дар асри 11 туркзабонон давлати тоҷиконро аз байн бурданд, онҳо сохти идора намудани давлат, урфу одат, сару либос ва забони тоҷикиро қабул намуданд. Ҳатто туркони қарохонӣ пеш аз забт намудани Мовароуннаҳр дар Ҳафтрӯд, дар Баласоғун дар асоси хатти суғдӣ хатти худро сохтанд ва олимони туркинавис, ба монанди Маҳмуди Қошғарӣ ва Юсуфи Баласоғунӣ пайдо шуда буданд. Лекин баъди ҳокимиятро соҳиб шуданашон забони худро ба дараҷаи забони давлатӣ ва илму ҳунар бардошта натавонистанд. Забони давлатӣ ва илму ҳунар дар ҳамаи давлатҳои туркӣ забони тоҷикӣ-форсӣ буд. Маҳмуди Қошғарӣ беҳуда нанавиштааст: “Турк бе тат (тоҷик) ин тӯпии бе сар мебошад”. Яъне, сари туркон, ақли онҳо дар идора намудани давлат ва илму ҳунар тоҷикон буданд.

2. **Вазъияти забон ва адабиёт**. Барои тағйиру такмили хат ва истифодаи забон дар миёни ақвоми ориёинажод аз замонҳои қадим талошҳо шуда буданд. Аз ҷумла, дар бисёре аз шаҳристонҳое, ки мардумонаш эронӣ буданд, дар огози солшумории милодӣ талошҳое шуд, ки забонҳои бумиро ба мақоми забонҳои адабӣ боло бибаранд. Дабираҳои суғдӣ, сакоӣ, портӣ ва хоразмӣ аз рушди бузурге бархурдор шуданд. Аммо рушди ин нависаҳо бо тохтутози тозиён бурида шуд. Солҳои дарозе забони адабии бисёре аз эрониён ҳамон забони арабӣ буд. Бо вуҷуди ин забони арабӣ наметавонист, таъсире жарф бар забонҳои бумӣ дар истифодаи омма дошта бошад. Вале хатти арабӣ бисёр зуд ҳамаи дабираҳоеро, ки эрониён барои устувор кардани забонҳои бумии хеш дар навиштор ба кор мебурданд, дар ҷойи дувум гузошта, ҷойро бар онҳо танг кард.

Сабаби зуд ҷойгузин шудани хатти арабӣ он буд, ки аввалан, ин хат аз дабираҳое, ки пештар дар Эрон буданд, осонтару муносибтар буд. Сонияи, ин хат мояи “тақаддус” гирифта ва аз ин ҷиҳат аз он эрод гирифтан мумкин набуд. Ниҳоят, гурӯҳҳои дахлдор пайваста ёдовар мешуданд, ки мусулмонони муъмин набояд аз ҳеҷ алифбое кор бигиранд, магар алифбои арабӣ. Табдили хат пайомадҳои сангине ҳам ба дунбол дошт, масалан, барои густариши босаводӣ дар миёни мардум садду бандҳое ҷиддӣ падид овард.

Талош барои озод шудан аз юғи истилогарони тозӣ дар ҳамон солҳои аввали қудратро ба даст гирифтани арабҳо дар

Осиёи Миёна огоз гардид, аммо истилогарон ҳамаи ин талошҳоро бераҳмона саркӯб мекарданд. Танҳо дар огози садаи нуҳуми мелодӣ, ки пас аз марги халифа Ҳорунаррашид миёни писаронаш барои тахту тоҷ пайкор оғоз гардид ва хилофат бисёр ба забунӣ гароид, бузургони бумӣ дар Эрон дубора ба гирифтани истиқлол огоз карданд ва дар ин замина барои тарвиҷи забон ва адабиёти миллӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Тоҳириён (721-873 м.) нахустин дудмони эронӣ буданд, ки баъд аз футӯҳоти араб дар Осиёи Миёна ва Хуросон фармон меронданд ва то андозае истиқлол доштанд. Ҳарчанд ин фармонравоён маншури ҳукуматро аз халифаҳои Багдод гирифта буданд, то ҷое истиқлол ҳам доштанд. Аз ин ҷост, ки онҳо мекӯшиданд, дар хиттаи фармонравоии худ аз ҳар роҳе исломро таҳким бахшанд ва аз ҳамин раҳгузар ба густариши забони арабӣ ва устувор кардани он дар нақши забон ва адабиёт ёрӣ медоданд.

Як нуктаи муҳим он аст, ки дар он рӯзгор ва шояд ҳам бисёр пештар аз он, дубора кӯшиш шуда буд, адабиёте ба забонҳои бумӣ падид оваранд ва бо наздик кардани он бо осори шифоҳии мардум онро дар нуқтаи муқобили адабиёти араб, ки барои тӯдаҳои мардум бегона буд, қарор диҳанд. Гузашти замон байтеро, ки яке аз чакомасароёни огозини ин рӯзгор Абӯҳафзи Суғдии Самарқандӣ навишта буд, барои мо нигоҳ доштааст:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна равадо,
Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо!?

Сода ва дур аз тасаннӯъ будани ин гуна чакомаҳо ва ҳамчунин истифодаи вазни ҳиҷоии куҳан ба хубӣ нишон медиҳад, ки онҳо вобастагии наздике бо таронаҳои мардум доштанд ва гумон намеравад, ки ҳатто ҷудо аз тарона сохта шуда бошанд. Аммо Тоҳириён бо ин талошҳо ҳамдилӣ надоштанд ва дар дарбор ҳамоно адабиёти арабро тарғибу ташвиқ мекарданд. Саффориён (873-903) ҳам, ки ҷойгузини Тоҳириён шуда буданд, бо он ки адабиёти арабро дар дарбор роҳ намедоданд, пуштибонии густурда аз забонҳои бумиро ё намехостанд ва ё наметавонистанд. Дар рӯзгори Сомониён (874-999), ки Бухоро пойтахти давлат шуд ва подшоҳони ин силсила паҳнои фармонравоии худро ба бахшҳои дурдасти ҷануб густурда буданд, яке аз забонҳои бумӣ ба пирӯзӣ расид.

Сомониён, баръакси Тоҳириён, дарёфта буданд, ки

бидуни дубора ҷон гирифтани суннатҳои фарҳангии куҳан устуворию побарҷоӣ ва истиқлоли давлати онҳо низ чандон боэътимод нест. Дар баробари ин, ойини мусулмонӣ дар он ҳангом устувор шуда буд ва рақобати ошкоро бо ин вуҷуд надошт. Сомониёну пайравонашон роҳе дигар баргузиданд: онҳо аз таълимоти мазоҳиби гуногуни исломӣ аз мазҳаби аҳли суннат пуштибонӣ карданд. Пуштибонии ин мазҳаб асоси сиёсати хилофати Аббосӣ ҳам буд. Кори гиромидошти суннати фарҳангии гузашта то ба он ҷо кашид, ки ситоиши ошкори ойини зардуштӣ ҳам дигар дархури сарзаниш набуд. Сомониён донишмандон, нависандагон ва тарҷумонҳои форсинависро дастгирӣ карданд. Ин забон ҳамоно порсии дарӣ буд, ки дар он ҳангом дар паҳное аз марзҳои ховарии кишвари кунунии Афғонистон то воҳаи Марву ҳудуди Хоразм ва аз каронаҳои Сирдарё (Сайҳун) то марзҳои ҷанубии Хуросон густариш ёфта буд. Ин забон дар соҳаи адабиёт ҷойи порсии миёна (паҳлавӣ)-ро гирифт.

Ҳамин тавр, истиқлолияти сиёсии Хуросон дар охири асри IX ва дар асри X заминаи мусоиде барои инкишофи забон ва адабиёти порсии дарӣ фароҳам овард. Марказият ёфтани давлати Сомониён, ободонии кишвар, таъмини бехатарӣ, сабзиши ҳаёти маданӣ дар шаҳрҳо омилҳои беҳтарини рушди фарҳанг ва адабиёти кишвар буданд. Мурочиати мардуми Хуросон ба сӯйи забони порсии дарӣ ва дар муддати кӯтоҳе ба вуҷуд овардани осори зиёд ва нодири адабӣ як неҳзати бузурги миллӣ буд. Ҳимояти забони порсии дарӣ аз ҷониби умарои Саффорӣ ва Сомонӣ маънии сиёсӣ ҳам дошт. Бо ин восита онҳо, аз як ҷониб, мардумро барои ҳимояти асолати миллии худ таҳрик медоданд ва, аз ҷониби дигар, пояҳои истиқлолияти давлатии худро дар муқобили фишори хилофати Аббосии араб устувор мегардониданд. Бинобар ин сабаб, онҳо ба дарбор шоирони зиёдеро ҷалб карданд ва ҳимояту дастгирии онҳо натиҷаи ривоҷу равнақи адабиёт гардида буд. Аксари китобҳои бузурги ин давра, чун "Шоҳнома"- и Абӯмансурӣ, "Синдбоднома", "Калила ва Димна", тарҷумаи "Таърихи Табарӣ", тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" ва ғайра бо фармоиши умаро ва подшоҳон навишта шудаанд. Ҳатто бо тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" Қуръони маҷид ҳам ба забони порсии дарӣ баргардонида шуд ва дар мавриди зарурати анҷоми ин иқдоми нек гурӯҳи фақеҳони он замон фармудаанд: "ки ин забони порсӣ аз қадим боз

дониста, аз рӯзгори Одам то рӯзгори Исмоил ҳамаи пайғамбарон ва мулукони замин бо порсӣ сухан гуфтандӣ... ва пайғамбари мо (сала-л-Лоҳи алайҳӣ) аз аъроб берун омад ва ин Қуръон ба забони араб ба ӯ фиристоданд ва ин ҷой ба ин ноҳият забони порсист ва мулукони ин ҷониб мулукони Аҷаманд".

Ба гуфтаи мутарҷимони "Тафсири Табарӣ" ҳам кишвар, ҳам забон ва ҳам маликон хуросонианд ва забони онҳо забони порсии дарӣ мебошад ва китобҳо низ бо ин забон навишта ва тарҷума шуданд. Умаро, донишмандон, вузаро ва дигар аркони дину давлат хостаанд, ки осори динӣ, ахлоқӣ, адабӣ ва илмиро дар забони худашон бибинанд. Забонро аркони давлат як воситаи нигаҳ доштани истиқлол, удабо ва шуаро василаи зинда гардонидани Аҷам медонистанд. Аз ҷумла, Абулқосим Фирдавсӣ зинда гардонидани Аҷамро ба маънои устувории эътибори таърихию фарҳангӣ ва идеали сиёсии худ дониста гуфтааст:

Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

Дар баробари амирони Сомонӣ, ки ба таълифи китобҳо фармонҳои махсус медоданд, вазирони онҳо ҳам аксар мардони фозил ва адабпарвар буданд. Аз ҷумла, Абулфазли Балъамӣ ҳимоятгари шоирон, махсусан ҳомии Рӯдакӣ, буд. Писари ӯ Абӯалии Балъамӣ, ки дар дарбори Сомониён симати вазорат дошт, китоби "Таърихи Табарӣ"-ро аз забони арабӣ ба порсии дарӣ бо иловаҳо баргардонд, ки онро "Таърихи Балъамӣ" мегӯянд. Сомониён аз назари муносибат ба удабо ва ҳимояти суханварон то андозае худро дар баробари хулафои араб мегузоштанд ва ин байти Рӯдакӣ дар ҳамин маънӣ гуфта шудааст:

Имрӯз ба ҳар ҳоле Багдод Бухорост,
Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.

Ба ғайр аз Бухоро шаҳрҳои Балх, Сарахс, Марв, Ҳирот ва Систон ҳам дар асри X марказҳои адабӣ шуда буданд. Шоирони бузурге, ба монанди Шаҳиди Балхӣ, Робиаи Балхӣ ва Абӯшакури Балхӣ ба майдони адабиёти забони порсии дарӣ омаданд.

Забони порсии дарӣ дар қарни X содагию равонии забони урфии гуфтугӯиро нигаҳ медошт. Бо вуҷуди ин дорои вижагиҳои замонию маконии Хуросони бузурги онвақта ҳам ҳаст. Дар сухани удабо ва шоирони қарни X луғоту таркиботи

тахорӣ ва сугдӣ дучор меоянд, ки дар асрҳои баъд аз байн рафтаанд. Калимаҳои форсии қадимӣ дар забони китобҳои ҳамосии қадимӣ, ба монанди “Шоҳнома”, ба тақозои мавзӯъ, зиёдтар истифода шудаанд. Дар сухани насрӣ таъсири сохти ҷумласозии арабӣ ба мушоҳида мерасад. Ниҳоят, ба сабаби вуруди мазомини динӣ, илмӣ, адабӣ, таърихӣ, умури давлатдории иҷтимоӣ ва ғайра ба рӯзгори мардум истифодаи луғот ва таркиботи арабӣ низ дар забони порсии дарӣ хеле афзуд. Лекин ин таъсир ба андозаи қуруни баъдӣ набуд ва забони порсии дарӣ тозагӣ ва асолати худро нигаҳ медошт.

Забони арабӣ ҷойи худро дар шеър ба забони дарӣ дода бошад ҳам, дар риштаи дониш мавқеи хешро нигоҳ дошт. Барои донишмандон забони арабӣ аз ин бартарӣ бархӯрдор буд, ки бо доманаи густаришаш дар паҳнаҳои бузург хонандагони зиёд пайдо мекард. Ин муҳим буд, зеро дар он рӯзгор шумораи донишмандон дар ҷаҳон зиёд набуданд.

Дар он рӯзгор илму дониш ҳам пешрафти азиме пайдо кард. Дар ҳамин замон буд, ки дониши Осиёи Миёна на танҳо дар миқёси сарзамини хилофат, балки дар миқёси ҷаҳонӣ дар мақоми аввал ҷой гирифт. Милали мағлуб водор шуданд, ки барои мубориза, шурӯъ аз нахустин рӯзҳои ҳукумати истилогарони араб, дар ҳама ҷо абзори муносибе ҷустуҷӯ кунанд. Ҳамин мубориза буд, ки заминаро барои рахнаи фалсафаи Юнони Бостон дар сарзамини хилофат, ки наметавонист таъсире мусоид ба пешрафти дониши инҷаҳонӣ надошта бошад, фароҳам овард. Дар оғози асри X шаҳрҳои Осиёи Миёна ба марказҳои пешрафтаи дониш бадал гардиданд ва комёбиҳои бемонанд дар бисёре аз донишҳо, бахусус риёзиёт, ахтаршиносӣ ва пизишкӣ ба даст омад.

Донишмандони он рӯзгор гунае баҳрулулум (мутабаҳҳир, ҳамадон, энсиклопедист) ва аз ҳама донистаниҳои дониши он рӯзгор огоҳ буданд. Дар сифати онҳо вожаҳои “ҳаким” (хирадманд, донишманд) ва “файласуфро истифода мекарданд. Бо бархе ҳакимони барҷастаи он рӯзгор дар фасли баъдӣ шинос мешавем.

3. **Вазъияти илму дониш.** Давраи ҳукумати Сомониён ва марҳалаи аввали салтанати Ғазнавиён замони зуҳури олимону донишмандони бузург ва таълифоти зиёди илмӣ буд. Дар ин замон дар шаҳрҳо мадрасаҳо ва китобхонаҳо ташкил шуданд. Подшоҳон ва дигар бузургони замон таваҷҷуҳи зиёд ба илму дониш намуда, аҳли онро аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ

менамуданд. Давраи зикршуда аз нигоҳи такомул ва ривоҷи илму дониш, зуҳури олимони бузург ва зиёдии донишмандону таълифоти онон аз муҳимтарин давраҳои тамаддуни форсу тоҷик ба ҳисоб меояд. Микдори марказҳои илмӣ ва китобхонаву мадрасаҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр хеле зиёд буд. Амирону вазирони Сомонӣ бо тадбирҳои хирадмандона дар ташвиқи аҳли илм ва ғамхории онҳо кӯшиши зиёд мекарданд.

Дар ин давра улуми шаръӣ хеле пешрафт кард. Мардуми эронинажод бо қувваи бештаре дар асри X ва нимаи аввали асри XI барои ривоҷи илмҳои шаръӣ кӯшиш карда, дар ин замина китобҳои зиёде ба забони арабӣ навиштанд. Дар илми тафсир корҳои шоёне ба забони арабӣ анҷом дода шуд. Дар баробари ин кӯшиши ба забони порсӣ анҷом додани таълифот ҳам ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, яке аз иқдомоти муҳим тарҷумаи китоби "Ҷомеъ-ал-баён фӣ тафсир-ул-Қуръон"-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ ба забони порсии дарӣ буд, ки бо амри амири Сомонӣ Мансур ибни Нӯҳ аз ҷониби фақеҳони Мовароуннаҳр анҷом дода шуд ва бо унвони тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" машҳур аст. Аз ин давра ду тафсири нотамом то замони мо расидааст, ки олимон онҳоро "Тафсири Қуръони пок" ва "Тафсири Қуръони маҷид" номгузорӣ карда ва ба чоп расонидаанд.

Дар тафсири Қуръон пас аз таълифи «Тафсири Табарӣ» (дар соли 923 мелодӣ, ба забони арабӣ) равишҳо нав шуда буд. Ҳамчунин, доир ба тафсири Қуръон пешвоёни муътазила китобҳо навиштаанд. Аз ҷумла, Абӯалии Ҷабонии Хузистонӣ (вафоиаш 962) ва Абӯбакри Наққоши Муътазилӣ (ваф. 925) китоб навиштаанд. Аз миёни ин тафсирҳо китоби Ҷабонӣ ба форсӣ тарҷума шудааст. Абӯзайди Балхӣ (вафоташ 934 м.), файласуф ва мутакаллими маъруфи Хуросон дар баробари дигар таълифоти худ тафсири Қуръон ҳам навиштааст, ки бо номи «Назм-ул-қуръон» дар сарчашмаҳо зикр шудааст. Абӯалӣ ибни Сино низ чанд тафсир аз сураҳои Қуръон дар заминаи андешаҳои фалсафаи машшоъ навиштааст, ба монанди тафсири сураи «Ихлос», «Аъло», «Фалақ» ва ғайра. Абузайди Балхиро устоди Закариёи Розӣ гуфтаанд.

Дар илмҳои ҳадис, фиқҳ, илми калом ва ахбор низ донишмандони форсизабон таълифоти мутааддиде анҷом додаанд. Бахусус, дар илми ҳадис ва илми фиқҳ таълифоти мардуми форс дар ин давра хеле зиёд аст. Доир ба илми калом

низ донишмандони зиёд бархостаанд, ба монанди Абӯҳомиди Исфаҳонӣ (вафоташ 1016), Ибни Фавраки Исфаҳонӣ (вафоташ 1016), аз миёни муътазила Абӯҳошими Ҷабоӣ (вафоташ 1038) ва Абӯзайди Балхӣ (вафоташ 934), муаллифи китобҳои «Ақсом-ул-улум», «Шореъ-ул-адён», «Китоб-ус-сиёсат-ул-кабир ва-с-сағир» ва ғайра, ки машҳур мебошанд.

Яке аз мазҳабҳои каломӣ, ки дар ин давра интишор ёфт, мазҳаби мотуридия буд. Муассиси ин мазҳаб Абӯмансур Муҳаммад ибни Маҳмуди Мотуридӣ буд (таваллудаш номаълум, Самарқанд-вафоташ 944-945 мелодӣ, ҳамон ҷо) аз пешвоёни мазҳаби ҳанафия дар Мовароуннаҳр буд. Мазҳаби мотуридӣ ба фирқаи ашъария наздик буд ва ба андешаи муътазила мухолифат дошт. Аммо системаи Мотурудӣ аз системаи каломи Ашъарӣ ба андозае фарқ мекунад. Мутакаллимон байни каломи Ашъарӣ 13 ихтилофро дарёфтаанд, ки аз онҳо 6-тоаш маънавӣ ва 7-тоаш лафзӣ будаанд. Дар масъалаи ҷабр ва ихтиёр Мотуридӣ бар хилофи ашъарӣ эътироф мекунад, ки "инсон дар афъол дорои қудрат ва ихтиёр аст ва ин қудрат дар вуҷуди он афъол омили муассир аст". Чи қадаре ки ситемаи Ашъарӣ дар байни шофеиҳо эътироф гардида бошад, системаи Мотуридӣ дар Хуросон ва Мовароуннаҳр, ки дар он ҷо мазҳаби ҳанафия ҳукмрон буд, ба ҳамон андоза эътибор дошт.

Аз таълифоти Мотуридӣ «Китоб-ут-тавҳид», "Китоб-ул-мақолот", "Таъвилот-ул-қуръон", «Авҳом-ул-муътазила» ва «Маохизу шароеъ»-ро метавон номбар кард.

Улуми ақлӣ ва табиӣ низ бо саъйи донишмандони бузург дар асри X ва нимаи аввали асри XI пешрафт ва тараққӣ пайдо кард. Беҳуда ин давраро аз муҳимтарин даврони инкишофи илму дониш надонистаанд. Тарҷумаи осори илмии юнонӣ, эронӣ ва ҳиндӣ ба забони арабӣ заминаи пурқуввате дар пешрафти улум ғузошт ва аз миёни мардумони эронӣ донишмандоне машғули илм шуданд, ки то имрӯз шуҳрати ҷаҳонӣ доранд. Дар ин давра мардуми эронинажод аз анвои улум хуб баҳравар гардида, дар соҳаҳои алоҳида донишмандони бузурги сатҳи ҷаҳонӣ ба майдон омаданд. Дар илми фалсафа устодони бузурги ин давра Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (таваллудаш 826), Абӯнаср Муҳаммад ибни Муҳаммади Форобӣ (873-950), Абӯсулаймон Муҳаммад ибни Тоҳири Мантиқии Систонӣ (вафоташ 1001), Абӯрайҳони Берунӣ (973-1048), Ибни Мискавайҳ (вафоташ 1030),

Абулфараси Ҳинду (вафоташ 1029), Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) ва гурӯҳи донишмандони “Ихвонуссафо” ба таҳқиқ ва пажӯҳиш машғул буданд.

Илмҳои риёзӣ ва ҳайату нуҷум ниҳоят тараққӣ карданд, чунонки ин давраро аз беҳтарин давраҳои инкишофи риёзиёт донистаанд. Аз донишмандони риёзидони ин давра Абулвафои Бузҷонии Нишопурӣ (вафоташ 997), Абӯҷаъфари Хозими Хуросонӣ (вафоташ 971), Абӯсах Вича ибни Рустами Кӯҳии Табарӣ, Абӯсаид Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абӯҷалили Сагзӣ (вафоташ 1023), Абулҳусайн Абдурраҳмон ибни Умари Сӯфии Розӣ (вафоташ 987), Кушиёр ибни Лабани Оилӣ, Абулаббоси Сарахсӣ, Абӯрайҳони Беруниро метавон номбар кард. Донишмандони илми риёзӣ Абӯҷаъфар Хозини Хуросонӣ (вафоташ солҳои 961-971), Абӯсаид Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдулҷалили Сагзӣ (вафоташ 1024), Абулаббоси Сарахсӣ (таваллудаш 958), Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Муҳаммади Берунии Хоразмӣ аз ҳамдиёрони мо буданд.

Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ, ба иловаи файласуфи бузург будан, аз бузургтарин донишмандони илми тиб низ маҳсуб меёбад. Дигар аз донишмандони тиб Алӣ ибни Аббоси Маҷусии Ахвосӣ (вафоташ 994) мебошад, ки аз шогирдони пизишки бузурги эронӣ Абӯбакр Мӯсо ибни Сайёри Қумӣ буд. Азбаски пайравӣ аз дини зардуштӣ мекард, ӯро маҷусӣ мегуфтанд. Ҳамчунин, дӯст ва муосири ибни Сино Абӯсаҳл Исо ибни Яҳёи Масеҳии Гургонӣ аз насрониёни Гургон буд ва муддате бо Ибни Сино дар дарбори Хоразмшоҳиён машгулият дошт. Абӯсаҳли Масеҳӣ ҳамроҳи Ибни Сино аз дарбори Хоразмшоҳиён бар асари таъқиби Султон Маҳмуд гурехта, дар биёбони миёни Хоразму Гургон вафот кард. Бузургтарин донишманд ва пизишки ин давра Абӯалӣ ибни Сино мебошад, ки осори зиёде роҷеъ ба илми тиб ва соҳаҳои дигари дониш аз ӯ боқӣ мондааст.

Улуми адабӣ низ дар ин давра ҳам ба забони форсӣ ва ҳам ба забони арабӣ бо кӯшиши донишмандони эронӣ ба авҷи тараққиёти худ расидааст. Дар илми луғат, аз ҷумла Ҷаъфарии Форобӣ (вафоташ 1008) танзими хоси луғатнигориро ба вуҷуд овард, ки аз рӯйи тартиби алифбо буд ва минбаъд луғатҳои арабию форсӣ ба ҳамин низом таълиф карда мешаванд. Дар баробари китобҳои адабиётшиносие, ки ба забони арабӣ навишта шудаанд, ба монанди «Далоил-ул-эъҷоз» ва «Асрор-ул-балоға»-и

Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ (вафоташ 1082) чанд китоби дигар ба форсӣ навишта шудаанд. Чунончи, китобе, ки Юсуфи Арӯзӣ дар боби арӯзи форсӣ навиштааст. Ҳамчунин, Баҳромии Сарахсӣ низ се китоб бо номи «Ғоят-ул-арӯзайн», «Канз-ул-қофия» ва «Хуҷастанома» навиштааст, ки ин китобҳо, мутаасифона, то замони мо боқӣ намондаанд.

**Ривоҷи қонуни мазҳабӣ**. Дар баробари рушди донишҳои инҷаҳонӣ дар Бухорои даврони Сомониён қонуни мазҳаби суннати исломӣ ҳам падид омада буд. Ба сифати намоянда ва намунаи маҳофили пайравони суннат дар он рӯзгор ду шахсияти муҳимми замон: Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ ва ал-Наҷҷорӣ муаррифӣ мешаванд.

**ал-Бухорӣ**. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни ал-Муғира ибни Бардизбеҳ ибни ал-Аҳнаф ал-Ҷуъфӣ ал-Бухорӣ машҳур ба Имом ал-Бухорӣ 13-уми шавволи соли 194 ҳиҷрии қамарӣ, баробар ба 21-уми июли 810 мелодӣ дар Бухоро, дар оилаи тоҷики бухороӣ таваллуд шудааст. Ниёкони вай ба дини зардуштӣ пайравӣ мекарданд, аз ал-Мугира ба баъд ба ислом ғаравиданд. Падари ал-Бухорӣ, ки дар овони кӯдакии Имом вафот ёфта, аз ҷумлаи олимони ҳадис буд. Тарбияи ал-Бухориро модараш, ки аз ҷумлаи занони бомаърифати замон буд, ба уҳдаи худ мегирад. Аз синни даҳсолагӣ ба фаро гирифтани донишҳои роиҷи замон ва ҳифзу омӯзиши аҳодиси набавӣ оғоз мекунад. Дар ин давра устодони ӯ шайхони машҳури Бухоро Муҳаммад ибни Саломи Байкандӣ, Муҳаммад ибни Юсуфи Байкандӣ, Абдуллоҳ ибни Аҳмади Маснадӣ, Иброҳим ибни Ашъас ва дигарон буданд.

ал-Бухорӣ то синни 16-солагӣ донишҳои заруриро аз худ карда, баъд аз он ҳамроҳи модару бародараш ба сафари ҳаҷ мебарояд. Баъди адои маносики ҳаҷ ҳамроҳони ал-Бухорӣ ба ватан баргаштанд, вале худи ӯ бо мақсади идомаи таҳсил дар Макка монд. Дар он ҷо назди шайхони Макка, ба монанди Имом Абдулвалид Аҳмад ибни ал-Азрақӣ, Абдуллоҳ ибни Язид, Исмоил ибни Солим ас-Соиғ, Абӯбакр Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр ва дигарон дониш омӯхт. Баъди он дар синии 18-солагӣ ба Мадина омад ва дониши хешро дар назди донишмандони бузурги ин шаҳр такмил дод. Дар ҳамин шаҳр мусаввадаи китоби “ат-Таърих-ул-кабир фӣ лаёлӣ-л-муқмира” (Таърихи бузург дар шабҳои моҳтобӣ)-ро омода кард. Сафари худро идома дода, Имом ал-Бухорӣ ба Басра

(чаҳор маротиба), Куфа, Бағдод, Шом, Миср, ал-Ҷазира (Шимоли Сурия) мусофират карда, дар ҳама ҷо назди донишмандони бузург ва доираҳои адабӣ дарси ҳадис мешунавад. Имом аз шаҳру ноҳияҳои Хуросону Ироқи Аҷам ба Марв, Балх, Ҳирот, Нишопур, Рай, Кӯҳистони Хуросон ва ҷойҳои дигар рафта, аз олимони зиёде ҳадис шунидааст. Ба қавли худи Имом ал-Бухорӣ, вай дар назди беш аз ҳазор шайх ҳадис шунидааст.

Баъд аз мусофирати тӯлонӣ бо кӯлвори пур аз илму донишу ҳадис Имом ал-Бухорӣ ба зодгоҳаш, ба Бухоро бармегардад ва дар он ҷо ба тадрис, таҳқиқ ва таълиф машгул мешавад. Бо сабаби ба миён омадани ихтилофоте миёни Имом ва баъзе аз ҳокимони вақт маҷбур мешавад, ки аз Бухоро хориҷ шавад. Баъд аз тарки зодгоҳ ал-Бухорӣ ба Самарқанд меравад, чунки мардуми он шаҳр чандин маротиба намоянда фиристода, Имомро барои тадрису таҳқиқ ба шаҳрашон даъват карда буданд. Имом дар деҳаи Хартанги Самарқанд, дар хонаи яке аз хешовандони худ таваққуф карда, дар ҳамон деҳа дар таърихи сиюми рамазони соли 256 ҳиҷрии қамарӣ, баробар ба 31-уми августи 870 мелодӣ вафот ёфт. Номи имрӯзаи ин мавзеъ Хоҷа Исмоил буда, мазори Имом ал-Бухорӣ дар ҳамин деҳа ҷойгир ва ҳамчун зиёратгоҳи хосу ом машҳур аст.

Таълифоти Имом ал-Бухорӣ зиёд буда, ҳамаи онҳо дар маърифати мазҳабӣ назди аҳли суннат ва ҷамоат ба сифати манбаи асосӣ шинохта шудаанд. Дар он миён китоби аз ҳама бузург "ал-Ҷомеъ-ул-муснад-ус-саҳеҳ-ул-мухтасар мин умури расул-ил-Лоҳи, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва сунаниҳи ва айёмиҳи" (Маҷмӯаи мухтасари исноддори дуруст аз умур, суннатҳо ва рӯзгори пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) мебошад, ки бо номи "ал-Ҷомеъ-ус-Саҳеҳ" ва "Саҳеҳ" машҳур мебошад. Имом ал-Бухорӣ дар кори ҷамъоварии ҳадисҳо аз суханронии Шайх Исҳоқ ибни Роҳавайҳ илҳом гирифтааст. Ин шайх боре ба шогирдонаш мегӯяд, ки "кошкӣ шумо китоби мухтасари суннати саҳеҳи пайгамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҷамъ меовардед!". Ҳамин сухан дар қалби Имом ал-Бухорӣ ҷой мегирад, баъд аз он ба ҷамъ овардани ҳадисҳо ва тартиби китоби "ал-Ҷомеъ-ус-Саҳеҳ" мепардозад. Барои анҷоми ин кор Имом ал-Бухорӣ шонздаҳ сол заҳмат мекашад ва дар кори ҷамъоварӣ, интихоб ва нигориши ҳадисҳо дақиқтарин

усулу шартҳоро истифода мекунад. Бино ба таъйиди мутарҷимони матни арабии "ал-Ҷомеъ-ус-Саҳеҳ" ба забони тоҷикӣ Муҳаммадҷон Умаров ва Файзулло Бобоев, китоби Имом ал-Бухорӣ "ҳам аз лиҳози вақту замон, ҳам аз ҷиҳати мақому манзилат ва ҳам аз нуқтаи назари қимати илмӣ нахустин, беҳтарин ва дурусттарин китоби суннат буд, ки дар он фақат ҳадисҳои саҳеҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо усули дақиқ ва шартҳои махсус баргузидаву дарҷ гардидаанд".

Теъдоди ҳадисҳои китоби "ал-Ҷомеъ-ус-Саҳеҳ" дар нашрҳои гуногуни он 7200, 7400 ва 7563 ҳадис дарҷ шудааст, ки аз маҷмӯи шумораи охир ҳадисҳои такрор хориҷ карда шаванд, 4000 ҳадис боқӣ мемонад. Ҳамин микдор ҳадисҳоро Имом ал-Бухорӣ аз миёни 600000 ҳадис интихоб кардааст. Дар маҷмӯъ, ҳадисҳои баргузидаи Имом ал-Бухорӣ дар нуҳ ҷузъ (ҷилд), 97 китоб, 3450 боб дастабандӣ ва фароҳам шудаанд.

Кори Имом ал-Бухориро дар ҷамъоварии аҳодис баъд аз ӯ шогирдону пайравонаш идома дода, бо номҳои "Саҳеҳ" ва "Сунан" китобҳо таълиф кардаанд. Дар он миён панҷ китоб машҳур мебошад, ки ҳамроҳ бо китоби "ал-Ҷомеъу-с-Саҳеҳ" назди аҳли суннат ва ҷамоат маҷмӯаи "Сиҳоҳи Ситта" ("Шаш китоби "Саҳеҳ")-ро ташкил медиҳанд. Маҷмӯаи "Сиҳоҳи Ситта" аз китобҳои зерин иборат аст:

1. "ал-Ҷомеъ-ус-саҳеҳ" ё "Саҳеҳ"-и Имом ал-Бухорӣ.
2. "Саҳеҳ"-и Муслим (вафоташ: 875), ки бо номи "ал-Муснад-ул-кабир" ҳам машҳур аст.
3. "ал-Ҷомеъ-ул-кабир"-и Имом Тирмизӣ (вафоташ: 892), ки бо номҳои мухтасари "Саҳеҳ"-и ат-Тирмизӣ ва "ас-Сунан"-и ат-Тирмизӣ низ маъруф аст.
4. "Китоб-ус-сунан"-и Имом Абӯдовуди Сиҷистонӣ (вафоташ: 889), ки бо номи "ас-Сунан"-и Абӯдовуд машҳур аст.
5. "Китоб-ус-сунан-ил-кубро"-и Имом Абӯабдурраҳмон Аҳмад ал-Хуросонӣ ан-Насоӣ (вафоташ: 915), ки бо номи "ас-Сунан"-и ан-Насоӣ машҳур аст.
6. "Китобу-с-сунан"-и Ибни Моҷа (вафоташ: 887), ки бо номи "ас-Сунан"-и Ибни Моҷа машҳур аст.

Донишмандон, олимон, фақеҳон, муҳаддисон ва имомони ростини аҳли суннат ва ҷамоат ба китобҳои мазбур эътимод доранд ва ҳар кадомро ҳамчун аркони асосии илми ҳадис

мешиносанд.

**Наҷҷорӣ**. Муҳамад ибни Исмоил Ҷуъфӣ ан-Наҷҷорӣ соли 810 дар Бухоро таваллуд шудааст. Ӯ дар хонадоне эронӣ тарбият ёфта, аммо ниёи вай ба ислом нагаравида буд. Ӯ дар 11 солагӣ ба гирдоварии ҳадис, ки дар маҳофили фарҳангии исломӣ яке аз ифтихороместарин корҳо буд, кӯшиш кард. Дар 16 солагӣ ба ҳаҷ рафт ва аз дарси ҳадиси маъруфтарин муҳаддисони шаҳрҳои муқаддаси Макка ва Мадина баҳраманд гардид. Наҷҷорӣ пас аз поёни таҳсил, бинобар расми маъмули он рӯзгор, ба сафар дар кишварҳои ҷаҳони ислом пардохт, ки то соли 842 идома дошт. Ӯ дар ин даврон аз Миср дидан кард ва панҷ сол дар Басра зиндагӣ кард. Ба вилоятҳои шарқии хилофат ҳам рафт. Пас аз бозгашт ба зодгоҳ то дами маргаш (соли 870) дар ҳамон ҷо монд. Гӯри Наҷҷорӣ, тибқи овардаи Е. Э. Бертелс, маълум ва дар наздикии Самарқанд аст.

Ҳосили умри Наҷҷорӣ китоби маъруфи "ал-Ҷомеъ-ас-саҳеҳ" аст. Ин асар маҷмӯаи азиме аз суханони паёмбар(с) ва дорои беш аз сад ҳазор ҳадис аст, ки аз рӯйи мавзӯъ дастабандӣ шудааст. Наҷҷорӣ то ҷое кор мекард, ки аз хастагӣ дармонда мешуд; ҳангоме, ки дасти росташ карахт шуда ва аз навиштан бозмемонд, қаламро ба дасти чапаш мегирифт ва ба кор идома медод. Имрӯз ҳам маҷмӯаи Наҷҷорӣ аз аҳаммияти бузурге бархурдор аст.

Бо вуҷуди мавҷудияти сутунҳои исломие, ба монанди ал-Наҷҷорӣ адабиёте, ки аз он замон барҷой монда гувоҳӣ медиҳад, ки дар маҳофили адабӣ нигариш ба бовархои динӣ чандон бузург набудааст. Эътибори дин дар он ҳангом хеле устувор буд, аммо метавон гуфт, ки дар чакомасарой рӯҳияи мазҳабӣ бармало бар ҳеч рӯй падидор намешуд.

Дар садаи X ислом чунон густариш ёфта ва устувор гардида буд, ки дигар намешуд ойини зардуштиро дар баробари он гузошт. Донишмандоне, ки ба рағми тозиён баромада буданд, аз дониши Юнон, бахусус дар давраи нахуст аз фалсафаи он суд меҷустанд. Пайравони ҷараёни шуубия, ки барои баробарии ҳамаи мардумон дар ислом пой мефишурданд, бахубӣ дарёфта буданд, ки андешаи кунҷковибарангези донишмандони Юнони Бостон аз чи нерӯи бузурге бархурдор аст!

Шуубиён, чунонки дар мавридаш ишора шуда буд, бо сиёсати нажодпарастонаи рӯзгори хулафои Умавӣ ва Аббосӣ,

ки арабро бар дигарон бартар медонистанд, меситезиданд ва аз он ҷо ки эронӣ буданд, дар табори эронии худ меболиданд ва тозиёнро мазаммат мекарданд. Чунин амалашон вокунише дар баробари бартар шуморидани унсури тозӣ аз сӯйи хулафо буд.

Омӯзиши пайдарпай ва пуркӯшиши файласуфони бостон ба пайдоиши фирқаҳои исломии бисёр, аз ҷумла ба пайдоиши ононе анҷомид, ки ба тавон бахшидан ба рӯҳияи шуубӣ ёрӣ медод. Аз ҷумлаи ин фирқаҳо метавон аз исмоилиён ном бурд. Исмоилиён ойини хешро бар бунёди исломӣ парваронидаанд. Онҳо мегуфтанд, ки маънии ростини сураҳои Қуръон аз намоди берунии (зоҳирӣ) вожаҳо, ки бар ҳар хонандаи огоҳ бар забон рӯшан аст, ба даст намеояд. Онон маънии ростинро пинҳон ва пӯшида аз ҳамагон (ботин) меҳисобиданд. Бинобар ҳамин, исмоилиёнро дар сарчашмаҳо "Ботиниён" ҳам меномиданд. Ба ақидаи онҳо, маънии ростин дар ҳар даврае танҳо дар партави роҳнамоии имоми роҳбар метавонад бозгушуда шавад.

## НАМОЯНДАГОНИ БУЗУРГИ ИЛМУ ДОНИШИ ЗАМОН

1. **Закариёи Розӣ**. Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳё (28.08.865, Рай-25.10.925, Рай) аз ҷумлаи табибон ва файласуфони бузург мебошад. Соли 865 дар вилояти Райи Эрон таваллуд шудааст. Таҳсилоти ин донишманд дар ҳамин шаҳр сурат гирифтааст. Дар ҷавонӣ ба касби заргарӣ ва саррофӣ шуғл доштааст, дар 40 солагӣ ба омӯзиши фалсафа ва тиб машғул шуда ва ҳар дуро ба хубӣ фаро мегирад. Вай назди донишмандони маъруфи замон илмҳои кимиёву табииёт ва тиббу фалсафаро омӯхтааст. Устодони ӯ дар соҳаи тиб маълум нестанд, вале дар фалсафа ӯро шогирди Абӯзайди Балхӣ ва Абулаббоси Эроншаҳрӣ донистаанд, ки дуюмин ташвиққунандаи ақидаҳои файласуфони қадими Эрон буд.

Розӣ пас аз касби маҳорат дар тиб ва пизишкӣ ба хидмати Абӯсулайк Мансур ибни Исҳоқи Сомонӣ, ҳокими Рай даромад ва дере нагузашта раёсати бемористонеро, ки дар маркази Рай таъсис ёфта буд, ба ӯҳда гирифт. Бинобар даъватҳое, ки аз ҷониби халифа сурат гирифт, чанд маротиба ба Бағдод сафар карда ва муддате раёсати бемористони Бағдодро ҳам ба ӯҳда доштааст. Вале қисми зиёди умри худро дар Рай гузаронид, то ин ки дар соли 925 вафот ёфт.

Аз Розӣ осори зиёде боқӣ мондааст. Ибни Надим 164, Қифтӣ 133, Берунӣ 184, Абӯусайбиа 234 асарро ба вай нисбат медиҳанд. Осори Закариёи Розӣ дар кимиё ва тиббу фалсафа хеле зиёданд. Осори ӯро донишманди маъруф ва ҳамзамонаш Берунӣ дар феҳристе, ки ба таълифоти Розӣ бахшида буд, номбар кардааст. Имрӯз аз осори Розӣ миқдори каме то ба мо расидааст. Номгӯи онҳо ба тартиби зайл: «ал-Қавонин-ул-табиия фӣ ҳикмат-ил-фалсафия», "ат-Тибб-ур-рӯҳонӣ», «ас-Сирот-ул-фалсафия», «Мақола фӣ мубодутабиия», «Китоб-ул-лаззат» ва ғайра.

Розӣ доир ба илми тиб беш аз 60 асар таълиф кардааст, ки дар он миён муҳимтаринашон "Китоб-ул-ҳовӣ" (ё "ал-Ҷомеъ-ул-кабир", дар 30 ҷилд) ва "Китоб-ут-тиб-ил-Мансурӣ" (ё "ал-Қонун-ул-Мансурӣ", 10 ҷилд) мебошанд, ки тамоми илмҳои тибби асри Розиро фаро гирифтаанд. Баъзе аз ин асарҳо, аз ҷумла "Китоб-ул-ҳовӣ" ҳанӯз дар асри 12 ба забони лотинӣ тарҷума шуда, дар арзи чандин аср барои табибони Ғарб дастури аввалиндараҷа будааст. Айни замон 25 ҷузъи "Китоб-ул-ҳовӣ" ба забони лотинӣ мавҷуд аст.

2. **Абӯнасри Форобӣ** (873, Фороб-950, Димишқ) дар нимаи дуюми асри IX таваллуд шудааст. Падараш аз сардорони сипоҳи Сомониён буд. Зодгоҳи ӯ - Фороб аз мулкҳои Мовароуннаҳр маҳсуб мешуд. Номи комилаш Абӯнаср Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Узлуг ибни Тархон ал-Форобӣ буда, машҳур ба Абӯнасри Форобӣ аст. Яъне, пайдоиш ва табораш ба ҷангҷӯёни турк мерасид ва чунонки зиндагиноманависонаш мегӯянд, инро пинҳон намедошт ва дар ҳамаи умр ҷомаи туркона мепӯшид.

Форобӣ дониши огозинро дар зодгоҳаш фаро гирифт ва баъд барои идомаи таҳсил аз Мовароуннаҳр ба Димишқ меравад. Бино ба навиштаҳо, Форобӣ дар он ҷо ба нигоҳубини боғҳои мева истихдом мешавад. Чунин коре ӯро вомедошт, ки шабҳо бедорхоб бошад. Вай дар ин бедорхобиҳо дар зери нури чарог барои омӯхтани тарҷумаҳои арабӣ аз юнонии бостон баҳра меҷустааст. Сонӣ аз Димишқ ба Бағдод меравад. Дар Бағдод ба фалсафа таваҷҷуҳ карда, ин илмро дар назди устоди бузурги фалсафа ва мантиқ Абӯбишри Матто (ибни Юнус Алкинойӣ) омӯхтааст. Ҳамчунин, аз устоде бо номи Юҳанно ибни Хайлон фалсафаю мантиқро омӯхта ва ҳамаи китобҳои Арастуро хондаю ба маънои онҳо воқиф шудааст. Вай дар он ҷо чунон овоза

пайдо карда буд, ки яке аз бузургтарин фарҳангпарварони он даврон - амири Ҳалаб Сайфуддавла (915-967) ӯро ба назди худ фаро хонд. Дар бораи рафтани Форобӣ назди ин амир қиссаҳои зиёде мавҷуд аст. Масалан, вақте ӯ ба толоре, ки Сайфуддавла дар он ҷо ба тахт нишаста буд, медарояд, амир аз ӯ мехоҳад, ки бинишинад. Ӯ мепурсад, ки чӣ гуна бинишинам, дархури мақоми худ ё дархури мақоми ту? Амир посух медиҳад, ки дархури мақоми худат. Форобӣ аз канори ҳамаи амирон гузашта бар тахт менишинад ва ҷойро бар худи фармонраво ҳам танг мекунад.

Сайфуддавла, ки гӯё бо нигаҳбонони худ бо забоне рамзомез сухан мегуфта ва танҳо андак шуморе аз онҳо онро медонистаанд, ба ҳамин забон ба ғуломон гуфтааст: "Ин шайх аз ҳамаи мавозини адаб сар печидааст. Акнун ман дониши ӯро меозмоям ва агар рӯшан шавад, ки ӯ наметавонад маро бо посуххояш хурсанд кунад, он гоҳ ишорае мекунам, то шумо адабаш кунед". Форобӣ бо шунидани ин суханон амирро ба шигифтӣ андохта, ба ҳамон забон гуфтааст: "Эй амир, андаке бурдбор бош, дар корҳо пас аз поён гирифтанашон доварӣ мекунанд". Сипас, ба мубоҳисаи илмӣ мепардозад ва саранҷом беҳтарин намояндагони риштаҳои гуногуни донишро, ки дар он ҷо гирд омада буданд, хомӯш месозад.

Сайфуддавла нисбат ба Форобӣ эҳтироми зиёдеро қоил буда ва омода будааст, ки барои вай дар даргоҳи худ беҳтарин шароитро фароҳам кунад. Аммо Форобӣ марде бисёр қаноатпеша будааст, ӯ танҳо ба дарёфти ҳуқуқи муқарририиии ночизе ба андозаи чаҳор дирҳам дар рӯз басанда кардааст. Овардаанд, ки хӯроки асосии ин донишманд шири говмеши омехта бо шароби райҳонӣ будааст. Форобӣ вопасин солҳои зиндагиашро дар Димишқ бо машғулиятҳои илмӣ ба поён бурдааст. Вай дар ҳамин шаҳр, дар моҳи декабри 950, аз ҷаҳон даргузаштааст.

Форобӣ ҳамаи донишҳои рӯзгори хешро фаро гирифта буд: адаб, сиёсат, равоншиносӣ, донишҳои табиӣ ва мусиқӣ. Аммо дар ин миён фалсафа дар қиёс ба дигар донишҳо бештар таваҷҷуҳи ӯро ҷалб карда ва дар мақоми аввал қарор доштааст. Овозааш, пеш аз ҳама, ҳамчун гузоришгари осори Арасту паҳн шуда буд. Ба ҳамин сабаб ва аз он ҷиҳат, ки тавассути таълифоти Форобӣ ва шарҳҳои ӯ осори Арасту ба беҳтарин ваҷҳ дар миёни мусулмонон интишор ёфта буд, ба ӯ

лақаби ифтихории муаллими сонӣ (ал-муъалим-ус-сонӣ)-ро муносиб донистаанд. Муаллими аввал Арастуро мегуфтанд.

Корҳои дар баробари осори мутафаккирони Юнон анҷом додаи Форобиро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон чун асаре такрорӣ ва тақлидӣ шумурд. Тарҷумаҳои арабии қабл аз Форобии осори Арасту норасоиҳои зиёде доштанд. Аз ҷумла, набудани истилоҳоти илмӣ садди азиме дар кори тарҷумонҳо гузошта буд. Корҳои Форобӣ фаҳми дурусти дониши бостонро муяссар гардонид. Ин донишманд бахши бузурге аз корҳои донишманди юнониро муваффақона гузориш ва тафсир кардааст.

Агарчи мақоми Форобӣ дар таърихи илм бештар дар шарҳҳои бар осори Арасту навиштаи ӯст, дар баробари ин асарҳои зиёди мустақиле доир ба фалсафа ва мантиқ навиштааст, ки қисме аз онҳо то замони мо расидаанд. Баъзе аз асарҳои ӯ ба забонҳои гуногуни мардумони олам тарҷума ва нашр шудаанд. Масалан, «Китоб-ул-мадинат-ул-фозила», «Китоб-ул-мадхал фӣ ҳисоб», «Рисолат-ул-ахлоқ», “Эҳсо-ал-улум” ва гайра. Умуман, ба қалами Форобӣ таълиф шудани беш аз 160 асарро муҳаққиқони осори ӯ таъйид кардаанд.

Дар миёни осори Форобӣ “Фусус-ал-ҳикам” (Гавҳарҳои суфтаи ҳикмат), ки рисолае начандон бузург буда, дар шакли бисёр фишурда дарунмояи маърифатро дар он сабт кардааст, дар миёни аҳли дониш беш аз ҳама шуҳрат дорад. Дигар аз рисолаи маъруфи Форобӣ “Рисола фӣ оро аҳл-ал-мадинат-ул-фозила” (Рисола дар бораи дидгоҳҳои мардуми мадинаи фозила) мебошад, ки дар он кӯшидааст, ба муҳимтарин пурсишҳо дар бораи давлат, сабабҳои нобаробарии иҷтимоӣ ва монанди инҳо посух бидиҳад.

Форобӣ риёзидоне тавоно ҳам буда ва огоҳӣ бар кулли ҷанбаҳои назарии пизишкии он рӯзгор доштааст, вале кори пизишкӣ намекардааст. Асарҳое ҳам дар бораи назарияи мусиқӣ дорад, ба мисли “Китоб-ул-мусиқа ал-кабир” ва оҳангсоз ҳам будааст. Бино бар ривояте, як асбоби нави мусиқӣ ихтироъ карда ва онро “аргунун” номидааст.

Форобӣ гӯё шеър ҳам гуфтааст. Аз ҷумла, қитъаи зеринро, ки аслаш ба забони арабист, аз ӯ медонанд:

Зиндагиро ба ду тарафи обгина мегузаронам,
Ҳамаи корҳои худро бар ин ду бунёд кардаам.
Зарфе анбошта аз мураккаб аст,
Зарфе дигар пур аз шароб.

Бо яке маҷмӯаи хирадамро мероям,
Бо они дигар ғами дилро мезудоям.

Ба Форобӣ миқдоре ашъори форсиро ҳам нисбат додаанд, ки ин рубоиҳо аз ҷумлаи онҳост:

Асрори вуҷуд хому нопухта бимонд
В-он гавҳари бас шариф носуфта бимонд.
Ҳар кас ба далели ақл чизе гуфтанд
В-он нукта, ки асл буд, ногуфта бимонд.

Ва:

Эй он, ки шумо пиру ҷавондидоред,
Азрақпӯшони ин куҳандеворед.
Тифле зи шумо дар бари мо маҳбус аст,
Ӯро ба халосӣ ҳиммате бигморед.

3. **Абӯрайҳони Берунӣ**. Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Абӯрайҳони Берунии Хоразмӣ (04.09.973, шаҳри Коти Хоразм-11.12.1048, Ғазна) донишманди бузург, мутафаккири соҳибназар ва риёзидону мунаҷҷими беназири асри X ва нимаи аввали асри XI мебошад. Вай дар соли 973 дар яке аз ҷойҳои беруни Хоразм (пойтахти Хоразмшоҳиён) ба дунё омадааст. Нисбати ӯ аз ҳамин ҷо аз вожаи "берун", яъне "берун аз шаҳр" аст. Крачковский И. Ю. бар он назар аст, ки дар ин вожа то андозае танз ҳам ҳаст. Берунӣ риёзиёт, ахтаршиносӣ, пизишкӣ, воқеанигорӣ ва таърихро омӯхта буд, бо Ибни Сино аз тариқи нигориши нома иртибот дошт.

Тахсилоти Берунӣ дар Хоразм сурат гирифтааст. Дар ватани мавлуди худ илмҳои адабӣ, ҳикамӣ, табииёт ва риёзиётро меомӯзад. Махсусан, аз риёзидони бузурги ҳамзамонаш Абӯнаср Мансур ибни Алӣ илми риёзиро хеле хуб омӯхта, баъд аз муддате ба сабаби нооромӣ дар Хоразм аз он ҷо баромада ба вилоятҳои Рай, Табаристон ва сипас ба Гургон омада, муддате дар дарбор, дар хидмат ва суҳбати Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмагир ба сар бурд ва китоби худ «Осор-ул-боқия»-ро дар соли 1001 ба номи ӯ таълиф кард. Баъди чанд сол ба Хоразм баргашта, дар хидмати Хоразмшоҳ Оли Маъмун даромад ва то ба мартабаи надимӣ ва мушовири Абулаббос Маъмун ибни Маъмун расид. Дере нагузашта Султон Маҳмуд, ки ин вақт салтанати Мовароуннаҳру Хуросонро ба дасти худ гирифта буд, бо баҳонаҳое ба ҷанги зидди Хоразмшоҳон бархост ва дар соли 1018 Хоразмро баъди қатлу ғорат тасарруф намуд. Силсилаи шоҳзодаҳои эрониро аз байн бурд ва қисмате аз аҳолӣ ва молу амволи

онҳоро ҳамчун ганимат бо худ бурд. Дар ин миён Берунӣро, ки аз ҳамаи ганиматҳои Хоразм барои ӯ пурарзиштар буд, бо худ ба Ғазнин бурд. Абӯрайҳон ба вазифаи мунаҷҷими дарбори Маҳмуд таъйин шуд.

Ақидаи дигар низ мавҷуд аст, ки, тибқи он, Берунӣ дар солҳои бистуми асри XI, бо хоҳиши Султон Маҳмуд, аз зодгоҳаш - Хоразм берун рафта, роҳи Ғазнинро бо мақсади расидан ба дарбори Султон Маҳмуд пеш гирифт. Султон ӯро ҳамчун мунаҷҷими ботаҷриба, ба ин умед, ки ӯ битавонад ояндаро пешбинӣ бикунад, фаро хонда буд.

Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар бораи омадани Берунӣ ба Газнин нақли аҷибе дорад: “Овардаанд, ки Яминуддавла Султон Маҳмуд ибни Носируддин ба шаҳри Ғазнин, бар болои кӯшке дар чаҳордарӣ нишаста буд, ба боги Ҳазордарахт. Рӯй ба Абӯрайҳон карду гуфт: “Ман аз ин чаҳор дар аз кадом дар берун хоҳам рафт? Ҳукм кун ва ихтиёри он бар пораи когаз навису дар зери ниҳолии ман неҳ!” Ва ин ҳар чаҳор дар роҳи гузар дошт. Абӯрайҳон устурлоб хосту иртифоъ бигрифт ва толеъ дуруст карду соате андеша намуд ва бар пораи коғаз бинавишт ва дар зери ниҳолӣ ниҳод. Маҳмуд гуфт: “Ҳукм кардӣ?” Гуфт: “Кардам.” Маҳмуд бифармуд, токанандаву тешаву бел оварданд, бар деворе, ки ба ҷониби Машриқ аст, даре панҷумин биканданд ва аз он дар берун рафт. Ва гуфт он коғазпора биёварданд, Бӯрайҳон бар вай навишта буд, ки “аз ин чаҳор дар ҳеч берун нашавад, бар девори Машриқ даре кананд ва аз он дар берун шавад”.

Маҳмуд чун бихонд, тира гашт ва гуфт ӯро ба миёни сарой фурӯ андозанд. Чунон карданд, магар бо боми миёнгин доме баста буд; Бӯрайҳон бар он дом омад ва дом бидариду оҳиста ба замин фуруд омад, чунонки бар вай афгор нашуд. Маҳмуд гуфт: “Ӯро бароваред!”. Баровcovered гуфт: “Ё Бӯрайҳон! Аз ин ҳол боре надониста будӣ”. Гуфт: “Эй Худованд! Дониста будам”. Гуфт: “Далел ку?”. Ғуломро овоз дод ва тақвим аз гулом бистуду таҳвили хеш аз миёни тақвим берун кард. Дар аҳкоми он рӯз навишта буд, ки “маро аз ҷойи баланд бияндозанд, валекин ба саломат ба замин оям ва тандуруст бархезам”. Ин сухан низ мувофиқи раъйи Маҳмуд наёмад, тиратар гашт, гуфт: “Ӯро ба қалъа баред ва боз доред!”. Ӯро ба қалъаи Ғазнин боз доштанд ва шаш моҳ дар он ҳабс бимонд”.

Берунӣ пас аз ин бо унвони мунаҷҷими дарбор пайваста дар хидмати Султон Маҳмуд ва фарзандони ӯ буд, ҳамроҳи вай ба Ҳиндустон сафарҳо кард. Бо олимони он диёр ҳамсуҳбат шуда, аз онҳо забони санскирит, донишҳои қадимӣ, нуҷуму риёзиёт, дину ойин ва эътиқодоти мазҳабии онҳоро омӯхт ва аз ҳосили ин мутолиот ва омӯзиш таълифи асари бузурге бо номи "Молилҳинд" мебошад. Дар ин китоб Абӯрайҳон дидаҳои худро бо иловаи ҷиҳатҳои гуногуни фарҳанг, адабиёт, дин ва фалсафаи Ҳинд мӯшикофона рӯшан кардааст. Ин китоб сарчашмаи гаронбаҳоест, ки дар он ҷусторҳои бисёр судманде омада, ки дар дигар асарҳо нест.

Берунӣ пас аз баргашт аз Ҳинд ва ба охир расонидани китоби мазкур ҳамчунон дар Ғазнин мезиста ва ҳамаи нерӯи худро ба корҳои илмӣ медодааст. Ӯ дар ҳамин солҳо китобҳое дар бораи ҳандаса, ҳисоб, ахтаршиносӣ, пизишкӣ ва ҷуз инҳо навиштааст. Минбаъд низ то поёни умр дар хидмати Султон Масъуд ва Султон Мавдуди Ғазнавӣ ба сар бурдааст.

Миқдори таълифоти Беруниро донишмандон аз 130 то 180 асар донистаанд. Тақрибан 40 асари ӯ то замони мо боқӣ монда ва дар захираи нусахи хаттии кишварҳои гуногуни ҷаҳон маҳфузанд. Худи Берунӣ феҳристи асарҳои то шасту панҷсолагӣ навиштаашро тартиб дода будааст, ки шомили як саду сездаҳ китоб аст. Аз осори Берунӣ то замони мо дар ҳудуди бештар аз бист асар боқӣ мондааст.

Номи нахустин асари Берунӣ "ал-Осор-ул-боқия ъан-ал-қурун-ал-ҳолия" аст, ки бо номи "Осор-ул-боқия" машҳур аст. Ин китоб асаре бузург буда, дар бораи таърихчаи мардумони бостон аст ва дар он вижагии системҳои гуногуни гоҳномаҳо дода шуда, ҷашнҳои гуногуни бостон омада ва шарҳи одобу маросими вобаста ба онҳо нигошта шудааст. Донишмандон танҳо дар партави ҳамин китоб буд, ки тавонистанд ба низоми печидаи гоҳномаҳои тираҳои куҳани мардумони эронӣ пай бибаранд.

Дигар асарҳои Берунӣ инҳоянд: «ат-Тафҳим», «Маколин илму ҳайат», «ал-Истиъоб фӣ санъати-л-устурлоб», «ал-Осор-ул-воқеа», «ал-Қонун-ул-масъудӣ фӣ-л-ҳайат ва-н-нуҷум» (номи мухтасараш "Қонуни Масъудӣ"), "Китоб-ус-сайдана фӣ-т-тиб", ки ба писари Султон Масъуд – Маъдуд бахшида шудааст, «Таҳдид ниҳоят-ул-амлокин лӣ тасҳеҳи масофати-л-масокин», "ал-Ҷамоҳир фӣ маърифати-л-ҷавоҳир» ва ғайра.

Берунӣ ба забони арабӣ шеър ҳам менавиштааст. Аз

ашъори ӯ 35 байт боқӣ мондааст, ки 17 байташ дар таърифи Абулфатҳи Бустӣ ном дӯсти Берунӣ ва шарҳи ҳоли худи мутафаккир оид буда, 7 байти он ба Абулҳасан ном шоири муосираш бахшида шудааст.

Берунӣ дар тезҳушӣ ва зиракӣ беҳамто будааст. Ӯ ҳам ба монанди Ибни Сино ба густариши донистаниҳои илмӣ дар миёни мардум аҳаммияти бузург медодааст. Бо он ки забони модарии ин донишманд гӯиши хоразмии форсӣ буд, бо огоҳӣ аз густариши андаки ин забон ҳамаи корҳои бузурги худро ба забони илмии он рӯзгор, яъне арабӣ навиштааст.

Берунӣ то охири умр дар хидмати Ғазнавиён монд ва дар рӯзи севуми моҳи раҷаби соли 440 ҳиҷрӣ, баробар ба декабри 1048 мелодӣ дар шаҳри Ғазна вафот ёфт.

Берунӣ дар кулли донишҳои замонаш огоҳии комил дошт ва таҳқиқоти ӯ ҳам дар масоили гуногуни илм анҷом ёфтаанд.

4. **Ибни Сино**. Абӯалӣ ибни Сино (16.08.980, деҳаи Афшанаи Бухоро-18.06.1037, Ҳамадон) донишманди бузург ва мояи ифтихори тоҷикон аст. Вай дар пешрафти илму дониш дар Шарқу Ғарб саҳми шоиста гузоштааст. Донишмандони садаи миёнаи Урупо ӯро бо номи "Авитсенна" мешиносанд, ки таҳрифи арабии номи Абӯалӣ Синост. Исми дуруст ва комили Ибни Сино чунин аст: Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Сино. Инчунин, ному насаби ӯро ба сурати Ҳуҷҷатулҳақ Шайхурраис Шарафулмулк Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино низ зикр кардаанд. Дар китобҳои муаллифони асрҳои миёна ӯро бо лақаби ифтихорияш - "Шайхурраис" зикр кардаанд. Ибни Сино хотами ҳукамои Машриқ, ё худ, бино ба таъбири Сотим Улуғзода, "пири ҳакимони Машриқзамин" ва аз ҷумлаи бузургтарин ҳакимони ҷаҳони ислом ва яке аз ситорагони пурҷилои самои фарҳангу тамаддуни тоҷикию эронӣ ва пайраву ҷойнишини сазовор дар тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад.

Мувофиқи маълумоти рисолаи саргузашт, падараш зодаи Балх ва дар ҳамин шаҳр корманди яке аз девонҳои маҳаллӣ будааст. Ӯ ба рӯзгори Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ (986-997) ба Бухоро омада, бо корҳои маъмурии давлат машғул ва барои кор дар молияи Хурметан - наздикии Бухоро - фиристода мешавад. Дар он ҷо духтареро бо номи Ситора, аз деҳкадаи Афшана, ба занӣ мегирад ва дар ҳамон ҷо донишманди фарзона ва сутурги оянда дар ҳамин хонавода дида ба ҷаҳон мегушояд.

Падараш пайрави мазҳаби шиаи исмоилия ва аз олимони давлати Оли Сомон будааст. Ҷадди ин хонадон марди балхие буд ва Сино ном доштааст. Ибни Сино нахустин панҷ соли зиндагиашро дар русто ба сар мебарад ва сипас хонаводааш ба Бухоро меояд. Дар хонаводаи онҳо ба омӯзиши илмҳои дунявӣ бештар моил будаанд.

**Рӯзгори Ибни Сино**. Ибни Сино дар соли 980 дар қаряи Хурметани тобеоти Бухоро таваллуд шудааст. Падараш, чунонки зикр шуд, аз мардуми Балх буд ва дар аморати Бухоро маъмурият дошт. Модараш Ситорабону аз тоҷикони Бухоро буд. Азбаски бобокалони хонадон аз Сино ном марде оғоз мегирифт, ин донишманд ҳам ба исми Ибни Сино шуҳрат ёфт. Аз ҷавонӣ дар таҳсили дониш қобилияти фавқулодда зоҳир мекард ва аз Абӯабдуллоҳ Нотилии Табаристонӣ таълим мегирифт. Аз ин устод илми мантиқ, уқлидус ва муҷастиро биёмӯхт ва худ мустиқилона улуми илоҳӣ, тиб ва риёзиро аз бар кард.

Ибни Сино дар синни даҳсолагӣ, гузашта аз омӯхтан ва ҳифз кардани бахшҳое аз Қуръон, ба гунае бунёдӣ тавонистааст, ки ба адабиёт ошно шавад ва аз баққоли ҳамсоя дониши душвори “ҳисоби ҳиндӣ”-ро омӯзад. Ӯ ба ёрии донишмандони маҳаллӣ улуми дақиқ ва низ ҳуқуқу илоҳиётро омӯхтааст. Аммо фалсафа дар миёни ҳамаи дарсҳо беш аз ҳар чизе ӯро ба худ мекашид.

Ӯ бо роҳнамоии “омӯзгори овора” Абӯабдуллоҳи Нотилӣ “Исоғуҷӣ”-и файласуфи юнонӣ Парфуриюс (234-305)-ро меомӯзад. Пас аз он омӯзиши асарҳои мантиқ, ҳандасаи Уқлидус, “ал-Муҷастӣ” (“Мақолаи наҳв”) ва рисолаи бузурги ахтаршиносии Клавдиус Батламиюс (90-168), файласуф ва ахтаршиноси Юнони Бостонро идома медиҳад. Дар ин миён Нотилӣ ба Гурганҷ меравад. Ибни Сино, ки намехост, беҳуда вақти худро гузаронад, ба омӯхтани пизишкӣ пардохт. Омӯзгораш дар ин фан Ҳасан ибни Нӯҳ ал-Қамарӣ буд. Ин дониш барои Синои ҷавон осон менамуд. Ба қавли худаш, дар 18 солагӣ, он чиро ки мебоист дар ин ришта биомӯзад, аз худ карда буд. Ҳодисаи Синоро барои дармони бемории маргбори амир Нӯҳи дувум (вафоташ 997) фаро хондан ҳадиси машҳур аст. Баъди он ки подшоҳи Сомониро муолиҷа кард, ба китобхонаи подшоҳӣ роҳ ёфт ва бо мазмуни кутуби он ҷой ошно шуд. Дар ҳаждаҳсолагӣ ҳамаи улумро фаро

гирифта буд.

Ибни Сино пас аз пизишки барҷаста шудан ба омӯхтани дониши Юнони Бостон оғоз кард. Аммо фаро гирифтани фалсафа барояш ба андозаи осонии дониши пизишкӣ набуд. Худаш мегӯяд, ки пас аз ба даст овардани нусхаи хаттии тарҷумаи арабии "Метафизика"-и Арасту чиҳил бор хондаву онро аз бар карда, вале боз ҳам онро нафаҳмида ва аз ин руҳдод навмед мешавад. Тасодуфан тафсири Форобӣ бар ин китоб ба дасташ меафтад ва он кулли норасоӣ ва душвориҳои мавҷудро аз миён мебарад. Ибни Сино бо хондани ин асар тавонистааст, озодона аз ҳар асари фалсафии дигар баҳра бигирад.

Абӯалӣ чун ба 18-солагӣ мерасад, бо ёрии зеҳни қавии худ аз ҳамаи илмҳои замони худ баҳравар мегардад. Аз 21 солагӣ шурӯъ ба таълиф мекунад. Дар 22 солагӣ падараш дармегузарад ва ӯ чанде дар Бухоро ба шуғли падар машғул мешавад. Дар ин овон давлати Сомониён дар Бухоро аз байн рафт, ҷойи онро давлати Оли Афросиёб гирифт ва нобасомониҳои зиёде рӯй доданд. Ибни Сино бо ҳамроҳии бародараш ба Хоразм ба шаҳри Гурганҷ (Урганҷи имрӯзӣ) рафт ва ба хидмати Хоразмшоҳиён – Хоразмшоҳ Алӣ ибни Маъмун ибни Муҳаммад ворид шуд. Чанд вақте дар он диёр маскун буд. Бар асари афзудани нуфузи Маҳмуди Ғазнавӣ аз бими ин подшоҳи мутаассиб ӯ бо ҳамроҳии бародараш ва донишманди маъруф Абӯсаҳли Масеҳӣ қабл аз соли 1013 аз роҳи биёбони Хоразм ба Гургон мегурезад ва чанд муддат дар он ҷо мемонад. Дар он ҷо баъзе аз китобҳои худро таълиф мекунад ва сипас ба Рай меравад. Дар Рай Маҷдуддавла Абӯтолиб Рустам ибни Фахруддавлаи Дайламиро муолиҷа мекунад ва сипас ба Қазвин ва Ҳамадон мешитобад. Дар ҳудуди 9 сол дар он шаҳр, яъне Ҳамадон мондагор мешавад ва ҳамон ҷо баъд аз соли 1021 вазорати Шамсуддавла Абӯтоҳир Шоҳхусрави Дайламӣ - писари дигари Фахруддавларо қабул мекунад, ки бар Ҳамадон салтанат мекард. Абуалӣ дар муддати вазорат аз таълиму таълифи осори илмӣ лаҳзае фориғ набуда ва қисмати табииёти «Китоб-уш-шифо»-ро дар ҳамин муддат навиштааст. Баъд аз марги Шамсуддавла писараш Самиъуддавла ба тахт менишинад, ки дар ин давра аллакай Абӯалӣ аз вазорат даст кашида буд. Ҳарчанд Самиъуддавла ба Абӯалӣ таклифи вазорат мекунад, вале ӯ намепазирад. Ба итмоми қисмати

табииёт ва илоҳиёти “Китоб-уш-шифо” мепардозад ва шурӯъ ба таҳрири илми мантиқ аз ҳамон китоб менамояд.

Ҳамчунин, дар ин муддат Ибни Сино, ба сабаби мукотиба бо амири Исфаҳон Алоуддавлаи Кокуя, дар қалъаи Фардаҷон ба муддати чаҳор моҳ маҳбус мешавад. Дар ин муддат «Ҳидоя”, рисолаи “Ҳай ибни Яқзон” ва “Китоб-ул-кулинҷ”-ро таълиф менамояд ва баъди раҳоӣ аз ҳабс бо шогирди худ - Абӯубайди Ҷурҷонӣ ва бародару ду гуломи худ дар ҷомаи сӯфиён аз Ҳамадон ба Исфаҳон мегурезад ва дар хидмати Алоуддавлаи Кокуя бо иззату икроми зиёде пазируфта мешавад. Дар он ҷой ӯ мудом бо таълифу таснифи асарҳо машғул буд. Дар соли 1037 дар сафаре, ки бо ҳамроҳии Алоуддавла ба Ҳамадон дошт, бемор шуд ва дар он шаҳр вафот ёфт. Турбати Абӯалӣ ибни Сино дар ҳамон шаҳр ба хок супурда шуд. Мақбараи ӯ дар он ҷост ва то ба имрӯз оромгоҳи вай зиёратгоҳи оламиён аст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки аз ҷумлаи хушбахтиҳои Ибни Сино доштани шогирдони вафодору донишманд буд. Ба монанди Абӯубайда Абдулвоҳид ибни Муҳаммади Ҷузҷонӣ, ки аз соли 1013 то поёни умри Ибни Сино дар хидмати ӯ буд. Дигаре Баҳманёр ибни Марзбон (вафоташ 1066), ки аз зардуштиёни Озарбойҷон буд ва сеюмин Абӯабдуллоҳи Маъсумӣ (вафоташ 1029), ки “Исбот-ул-муфориқот” аз таълифоти машҳури ӯст.

**Мероси илмию адабии Ибни Сино**. Аз ин донишманди бузург то ба рӯзгори мо садҳо асар барҷой мондааст, ки дар тамоми дунё машҳур мебошанд. Дар Урупо номи Абӯалӣ Синоро дар асоси китоби пуровозааш - “Алқонун фӣ-т-тиб” (Қонуни пизишкӣ), ки дар донишгоҳҳои Урупо садаҳо яке аз китобҳои асосии дарси пизишкӣ будааст, мешиносанд. Тарҷумаи ин китоб ба забони лотинӣ ҳанӯз дар соли 1491 дар Неапол ва матни арабиаш дар соли 1593 дар Рум чоп шудааст. Тарҷумаи лотинии ин асар беш аз 30 бор таҷдиди чоп шудааст.

“Китоб-уш-шифо” (Китоби шифо) дар миёни асарҳои фалсафии Сино барои ҳамагон овозаи бештар ёфтааст. Ин китоб як маҷмӯаи бузург дар бораи риштаҳои асосии дониш аст, ки дорои як дидмон буда ва бар пояи як асл устувор аст. Китоби мазкур дорои бахшҳои бе каму костии мантиқ, физик, метафизик ва риёзӣ аст. Сипае, ахтаршиносӣ, шарҳи кӯтоҳи асарҳои Уклидус, ҳисобу мусиқӣ ҳам ба он афзуда шуда ва

пас аз он ҷонваршиносию гиёҳшиносӣ ҳам бар он афзуда шудааст. Сохтани ин андеша ба пайравӣ аз андешаи падид овардани чизе ҳамонанди маҷмӯаи Арасту будааст.

Бӯалӣ андешаҳои асосии ин маҷмӯаро сипас дар "Китоб-ун-наҷот" (Китоби раҳоӣ) овардааст. Дар ин китоб таъсири бузурги навафлотунигарӣ дида мешавад.

Китобҳои асосии илмии Ибни Сино ба забони арабӣ таълиф шудаанд. Аммо ба мушоҳида мерасад, ки ӯ зарурати бозгашт ба забони модариро дарёфтааст. Чунонки хулосаи содае аз маҷмӯаи бузурги ӯ, ки номи "Донишномаи Алоӣ" (Китоби ҳикмат барои Алоуддавла) гирифта, ба забони порсии дарӣ навишта шудааст. Ин китоб ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи адабиёти форсу тоҷик ва забони порсии дарӣ аз аҳаммияти бузурге бархурдор аст, зеро яке аз нахустин талошҳои падид овардани истилоҳоти илмӣ ба забони порсии дарӣ дар ҳамин асар анҷом шудааст.

Ҷамъи таълифоти Ибни Сино, тавре ки дар сарчашмаҳо қайд шудааст, ба ҳудуди 238 китобу рисола аст, ки боқӣ мондаанд. Ӯ танҳо ҳакими бузургест, ки қариб тамоми осораш боқӣ монда ва аз онҳо аксар ба табъ расида ва ба забонҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума ва нашр гардидаанд. Бисёре аз донишмандони минбаъда ба қисмати зиёди онҳо шарҳ ва тафсирҳо навиштаанд. Намунае чанд аз осори Абӯалӣ инҳоянд:

1. «Ишорот ва танбеҳот» - хулосаи мақсадҳои Шайх дар ҳикмат, мантиқ ва илми табиию илоҳӣ навишта ва аз муҳимтарин шарҳҳои ба он нигошта шарҳи Насируддини Тӯсӣ аст, ки бо номи «Ҳалли мушкилот ал-ишорот» маълум аст.

2. "Китоб-уш-шифо", ки муҳимтарин ва муфассалтарин китоби Ибни Сино ба ҳисоб меравад, дар ҳикмат ва шомили чаҳор қисмат аст, ба таври зайл: мантиқ, табииёт, риёзиёт ва илоҳиёт.

3. "Китоб-ун-наҷот" - хулосаест аз "Китоб-уш-шифо", ки худи Шайх тартиб додаст.

4. "Рисолаи набз" - ба форсӣ аст дар бораи шинохтани рагҳо, навъҳо ва кайфияти он.

5. "Рисолаи меъроҷия", ё худ "Меъроҷнома", ки низ ба форсӣ аст. Шайх онро бо хоҳиши яке аз дӯстонаш навиштааст ва дар он исбот кардааст, ки меъроҷ рӯҳонист, на ҷисмонӣ.

6. "ал-Қонун фӣ-т-тиб", ки муҳимтарин китоб на танҳо

дар миёни осори Ибни Сино, балки дар миёни китобҳои тиббии аҳди исломӣ мебошад. То имрӯз ин асар ба чандин забонҳои дунё тарҷума ва нашр шудааст.

Ибни Сино ба забонҳои арабӣ ва форсии тоҷикӣ ҳам шеър суруда ва намунаи ашъораш то замони мо расидааст. Ашъори арабии ӯ аз қасида, қитъаҳои ҳикматию ахлоқӣ иборатанд, ки дар тааллуқи онҳо ба ин донишманд шубҳае нест. Бахусус, қасидаи "Айния"-и ӯ овозаи густурдае ёфтааст. Матни ин шеър дар оромгоҳи Ибни Сино дар Ҳамадон навишта шудааст. Матни хубе аз ин қасида бар асоси 26 манбаи муътабар фароҳам омада ва бо тафсире густурда ба чоп расидааст. Ин корро доиншманди эронӣ Маҳфуз анҷом додааст.

Ибни Сино ба забони порсии дарӣ ҳам шеър мегуфтааст. Шеърҳои форсии мансуб ба ӯ дар мавзӯъҳои панду андарз ва шинохти рози ҷаҳон суруда шудаанд. Ба Ибни Сино рубоиҳоеро ҳам нисбат медиҳанд, ки ба забони порсии дарӣ навишта шудаанд. Матни яке аз ин рубоиҳо бар рӯйи пояи пайкараи ёдбуде, ки барои донишманди бузург дар Ҳамадон барпо доштаанд, кандакорӣ шудааст. Мавзӯи асосии ҳамаи рубоиҳои Ибни Сино забунӣ ва нотавонии хиради одамӣ дар баробари асрори гетӣ аст.

Ашъори форсии мансуб ба Шайхурраис ҷамъ 22 қитъа ва рубоӣ буда, адади ҳамаи абёти онҳо 65 ва аз ҷумлаи намунаҳояш инҳоянд:

Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,
Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.
Андар дили ман ҳазор хуршед битофт
В-охир ба камоли заррае роҳ наёфт.

Ва:

Рафт он гуҳаре, ки буд пирояи умр
В-овард замона то ки сармояи умр.
Аз мӯйи сапедам сари пистони умед
Бингар, ки сиёҳ мекашад дояи умр.

Ва ё:

Эй кош, бидонаме, ки ман кистаме,
Саргашта ба олам аз пайи чистаме?!
Гар муқбилам, осудаву хуш зистаме,
Варна ба ҳазор дида бигристаме.

Ҳамин тавр, Ибни Сино ҳамаи улуми замонаашро аз бар карда ва олими зуфунун, яъне соҳиби дониш дар ҳамаи фанҳо

буд. Ӯ дар мавзӯи ҳамаи илмҳои замонааш таълифот дорад. Аз ҷумла, аз дониши адаб, адабиёти араб ва форсӣ огоҳии комил дошт. Ибни Сино, чунонки зикр шуд, муаллифи китоби бузурги "ал-Қонун" дар илми тиб ва "Китоб-уш-шифо" дар ҳикмат мебошад, ки назири онҳоро дар илму фарҳанги ҷаҳонӣ пайдо кардан мушкил аст. Дар он замон китобҳои илмӣ ба забони арабӣ навишта мешуданд, вале ӯ ба забони модариаш ҳам якчанд китоб таълиф кард, ки яке аз онҳо "Донишнома" мебошад.

Корҳои илмии Закариёи Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Ибни Сино нишон медиҳад, ки дониш дар асри 10 ва нимаи аввали 11 дар Осиёи Миёна ва Хуросон ба дараҷаи болое инкишоф ёфтааст. Забони арабӣ ҳамчунон забони асосии таълифоти ҳамаи ин донишмандон будааст.

Аз кӯшишҳои оғозин барои корбурди забони порсии дарӣ дар таълифоти илмӣ баргардон ва такмили китоби машҳури "Таърихи Табарӣ" аз ҷониби Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ ба забони порсии дарӣ буд. Балъамӣ дар муқаддимаи китоб оид ба равиши кори хеш чунин ишора мекунад: "Бидон, ки ин таърихномаи бузург аст, ки гирдовардаи Абӯҷаъфари Муҳаммад ибни Язид ат-Табарӣ раҳмату-л-Лоҳи алайҳи, ки малик дар шаҳри Хуросон Абӯсолеҳи Мансур ибни Нӯҳ фармон дод дастури хешро – Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Балъамиро, ки ин таърихномаи Муҳаммад ибни Ҷарирро, ки ҳаст, порсӣ гардон, ҳарчанд, ки ҳаст некӯтар, чунонки андар вай нуқсоне набошад.

Пас гӯяд: Чун дар вай нигоҳ кардам, илмҳо дидам бисёр ва ҳуҷҷатҳо ва оятҳои Қуръон ва шеърҳои некӯ ва амсолаш хуб ва саргузаштҳои пайғамбарону мулуки мозӣ. Ва дар вай фавоид бисёр дидам. Пас ранҷ бурдам ва ҷаҳду ситам бар хеш ниҳодам ва порсӣ кардам ба қуввати Эзади азза ва ҷалла. Ва мо хостем, ки таърихи рӯзгори олам дар вай ёд кунем. Он чи ҳар кас гуфтааст аз аҳли нуҷум ва мусулмону ҷуҳудон ва габру ҳар гурӯҳ он чи гуфтаанд, ёд кунем дар ин китоб ба тавфиқи Худои азза ва ҷалла, ки аз рӯзгори Одам, алайҳи-с-салом, то гоҳи растохез чанд бошад. Ва андар китоби Муҳаммад ибни Ҷарир ин ҳадис набуд ва мо боз намудем, то ҳар кӣ андар вай нигарад, ба осонӣ дарёбад. Ва би-л-Лоҳи-т-тавфиқ ва-л-исмат (Ва комёбию росткорӣ бо Худо аст) ".

Аз ин муқаддима ва мазмуни фаслу бобҳои "Таърихи

Табарӣ" маълум мешавад, ки равиши кори Абӯалии Балъамӣ, ҳамчунон ки таъкид шудааст, дар равиши таърихнигории ӯ бармало намудор буда, коре, ки вай анҷом додааст, дар баъзе фаслу нукот фаротару комилтар аз таърихномаи Муҳаммад ибни Ҷарир мебошад.

Дар кори баргардони китоб равиши озодана бозгӯ кардани матолибро пеш гирифтани Абӯалии Балъамӣ ба ин сабаб аст, ки "дар он ҳангом нигориши рухдодҳои таърихӣ на ҳамчун кори илмӣ, балки ҳамчун сабке наздик ба адабиёт арзёбӣ ва баршумурда мешуд". Бинобар ҳамин Балъамӣ ба худ иҷоза додааст, ки дар кори баргардонии "Таърихи Табарӣ" матолиби зиёдеро ба он илова намояд.

## ВАЗЪИ АДАБӢ

Адабиёт дар асри X дар пойтахти давлатҳо, маркази вилоятҳо ва шаҳрҳои калон, дар Хуросони бузургу Мозандарон то шаҳри Рай инкишоф ва интишор ёфта буд. Пойтахти амирони Сомонӣ – шаҳри Бухоро бузургтарин маркази адабию фарҳангии он замон буд, ки адибон ба ин ҷо аз Самарқанд, Балх, Марв ва дигар шаҳрҳои Хуросон ҷамъ омада буданд. Инчунин, дар шаҳрҳои Самарқанд, Марв, Балх, Ҳирот, Сарахс, Гургон, Тирмиз ва Нишопуру Рай ҳавзаҳои адабӣ шоирони маъруф ва аҳли фазлу адабро мепарвариданд. Ҷиҳати муҳимми ҳаёти адабӣ зиёдии миқдори шоирон ва фаровонии ашъори онҳост. Шоҳномаҳо аксар ҳаҷми бузурге доштанд, ки асари безаволи Фирдавсӣ аз ҷумлаи онҳо буда, дар шаст ҳазор байт эҷод шуда, осори Рӯдакӣ ба як ривоят сад ҳазору ба ривояти дигар як миллиону сесад ҳазор байт будааст. Дигар адибон низ ҳамчунон шеъри зиёде гуфтаанд, лекин аз осори фаровони адибони қарни X, ба сабаби ҳаводиси пуртугёни Хуросон, аз ҷумла ҳамлаи муғул, қисми ночизе боқӣ мондааст. Дар маъхаз ва сарчашмаҳои гуногуни таърихию адабӣ исми наздик ба сад нафар шоири асри X зикр шудааст.

Давраи мавриди назари мо, бо вуҷуди он ки ибтидои инкишофи адабиёти форсу тоҷик аст, аз муҳимтарин давраҳои адабӣ низ ба ҳисоб меравад. Дар огози ин аҳд устод Рӯдакӣ ва дар поёни ин давра ду устоди бузурги шеъри форсӣ Фирдавсӣ ва Унсурӣ зиндагӣ ва фаъолият доштанд. Яке аз

хусусиятҳои муҳимми ин давра касрати осори шеърӣ ва зиёд будани осори адибони форсизабон аст. Иллати асосии ривоҷи рӯзафзуни шеър ташвиқи бесобиқаи шоиру нависандагон аз ҷониби шоҳону амирони замон буд. Ҳамаи шоҳону амирони Шарқ ба шоирону нависандагон таваҷҷуҳи хосса дошта, дар дарбори худ барои онҳо шароити мусоид фароҳам оварда буданд. Ин ҳукм ҳатто барои Султон Маҳмуди Ғазнавии турк низ содиқ аст.

Баъзе аз шоирони он замон, ба сабаби сарвати зиёд доштан, мавриди ҳасади шоирони ҳамзамону баъдина қарор доштанд. Дар миёни салотину амирони ин даврон иддае худ шоиру нависанда буданд, ба монанди Абӯалии Балъамӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ, Абулмузаффари Чағонӣ, Ибн ал-Амид Соҳиб ибни Аббод, Абулфазли Балъамӣ ва дигарон, ки дар ташвиқу тарғиби адибон нақши муҳим доштанд.

Аз ин миён сулолаи Сомониён ба насру назми форсии тоҷикӣ аҳаммияти зиёд дода, шоирони форсигӯро сахт эҳтиром мекарданд ва барои эҷоди манзумаҳои бузурге, амсоли "Шоҳнома", тарҷумаи китобҳое, чун "Калила ва Димна", "Таърихи Табарӣ" ва "Тафсири Табарӣ" фармон содир мекарданд. Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ нависандаи форсинажод мебошад, ки ин китобҳоро ба забони арабӣ навиштааст. Баъзе аз вазирони ин хонадон, ба монанди Абулфазли Балъамӣ шоиронро ба назми китобҳое чун «Калила ва Димна» ташвиқ мекарданд ва ё вазироне, чун Абӯалии Балъамӣ худ ба таълифи китобҳо ба забони порсии дарӣ машғул мешуданд. Яке аз иллатҳои бузурги ривоҷи назму насри форсӣ ба василаи Сомониён андешаи истиқлоли адабии эрониён ва думбола кардани ҳамон назаре буд, ки Яъқуб ибни Лайс дошт. Сабаби дигар ин буд, ки Сомониён мехостанд, пойтахти давлат - Бухоро ҳамон мақому мартабаеро дошта бошад, ки Бағдод дар зери тасаллути халифаҳо дошт. Чунончи, ба ин маънӣ устод Рӯдакӣ гуфтааст:

Имрӯз ба ҳар ҳоле Багдод Бухорост,
Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.

Чунонки маълум аст, дар асри X ба баъд илму дониш бештар ба забони арабӣ ривоҷ дошт, аммо шеър гуфтан дар он ҳангом дигар яксара ба забони порсии дарӣ маъмул шуда буд. Дар куҳантарин тазкираи ба мо дастрас, ки онро

Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар оғози асри XIII бо номи "Лубоб-ул-албоб" таълиф кардааст, аз сӣ шоир ёд шуда, ки ба рӯзгори фармонравоии Сомониён будаанд. Аммо он чи аз осори манзуми ин шоирони марҳалаи оғозини адабиёт то ба рӯзгори мо барҷой монда, бисёр андак ва ангуштшумор аст.

Ахбори сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки кори шоирӣ ба гунаи боиста созмон ёфта будааст. Шоирон бештар дар дарбори феодалони бузург мезистанд. Дар он рӯзгор Сомониён дар Бухоро ва хонадони Муҳтоҷ дар Чағониён марказият доштанд. Дар сари ҳар гурӯҳ шоире сарвар буд, ки бо унвонҳои гуногун ёд мешуд. Ба таври расмӣ ба чунин сарварии шоирон дар замони Ғазнавиён унвони "малик-уш-шуаро" дода буданд. Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар "Чаҳор мақола" овардааст: "Чунонки шеър дар ҳар илме ба кор ҳамешавад, ҳар илме дар шеър ба кор ҳамешавад". Барои дарёфтани ҳақиқати ин сухан бояд ба ёд овард, ки дар он рӯзгор ҳар асари адабӣ, хоҳ навиштани рӯйдодҳои таърихӣ бошад, хоҳ китоби таълимии пизишкӣ ва ё фармони фармонраво, бо шеър ороста мешудааст.

Аҳли фазл он шеърҳоеро пурарзиш мешумориданд, ки дар онҳо шоир ба ҳамасанҷӣ даст ёзида буд, дар риштаҳои гуногуни дониш дар он сухан гуфта ва ё аз рӯйдодҳои таърихи гузашта ёд мекард. Бинобар ин, шоир пеш аз он ки табъи шоирияшро биёзмояд, мебоист дониши густарда гирифта, бо ҳама равишҳои илмии он замон ба хубӣ ошноӣ медошт, забонро некӯ медонист, зеро ба воситаи он ба дониш даст меёфт. Дар он замон шеърҳоро ё ба сони "румонс" мехонданд ва ё ба сони сухансароии ҳамроҳ бо нағмаву соз, ба пайравӣ аз суннати гусонҳои қадим. Чунонки маълум аст, Рӯдакӣ ва Фаррухӣ барин шоирони боистеъдод натанҳо қасидасаро, балки нагманавозони забардасте ҳам будаанд. Бояд таъкид кард, ки "тараннум" ва "бархондан" дар порсии дарӣ ҳар ду бо ҳамон як масдари "хондан" меоянд.

**Анвои назми порсӣ ва мавзӯи онҳо**. Аҳди Сомониён ва давраи Ғазнавиён марҳалаи муҳимми такомули шеър, замони ташаккули навъҳои асосии он ва оғози давраи классикии инкишофи адабиёт мебошад. Шоирони асри X ва нимаи аввали қарни XI дар навъҳои гуногуни шеър, ба монанди маснавӣ, қасида, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, мусаммат ва тарҷеъбанд табъозмоӣ кардаанд. Баъзе навъҳои шеър, аз

қабили мусаммат ва тарҷеъбанд дар охири ин давра ташаккул ёфтаанд.

Муҳимтарин навъи адабӣ дар ин давра маснавӣ (достон) аст, ки намунаи бемисли он "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсӣ мебошад. Дар ҳамин аср таълифи маснавиҳои ҳикамӣ, ахлоқӣ ва динӣ низ оғоз ёфт. "Офариннома"-и Абӯшакури Балхӣ аз ҷумлаи чунин маснавиҳост. Маснавиҳои "Калилаву Димна" ва "Синдбоднома"-и Рӯдакӣ низ дар мавзӯъи рамзиёти ахлоқӣ суруда шудаанд. Абулмуайяди Балхӣ ва шоири дигар Бахтиёрӣ дар мавзӯи "Юсуф ва Зулайхо" маснавиҳо навиштаанд, вале аз таълифоти онҳо мо танҳо номашонро медонему бас. Дар нимаи аввали асри XI Унсурӣ достонҳои "Хингбуту Сурхбут", "Вомиқу Узро" ва "Шодбаҳру Айнулҳаёт"-ро навишт, ки пораҳо аз онҳо то ба замони мо расидаанд.

Навъи асосии шеъри лирикӣ (ғиноӣ) дар ин давра қасида буд. Шоирони он замон аксаран ба дарборҳо алоқа доштанд ва бо ин сабаб ривоҷи мадеҳасароӣ чун як амали табиӣ ба назар мерасад. Аввалин шеъри мадҳиро ба забони порсии дарӣ дабири Саффориён Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ гуфтааст. Шакли қасида аз адабиёти араб омадааст ва қадимтарин қасидаи комили форсӣ, ки то замони мо расидааст, аз шоири бузург Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад. Қадимтарин қасидаи комили мадҳии порсии дарӣ "Модари май" мебошад, ки дар он ҳамаи ҷузъиёти шаклии қасида риоят шудааст. Дар шакли қасида мазомини шиквоия, ҳасби ҳол ва ҳаҷвиёт низ ба қалам омадаанд. Дар қасидаҳо тасвири табиат, манзараҳои баҳору наврӯз ва мавзӯъҳои дигар низ ҷойи намоёне доранд. Дар асри X образи мамдуҳ дар қасида аз заминаи воқеӣ канда нест, аммо дар нимаи аввали асри XI, бахусус дар тасвири шуарои дарбори Султон Маҳмуд, ин вазъ тағйир меёбад. Қасида, яъне мадҳи расмӣ ва гайрирасмӣ сабки асосии адабиёти дарбори он рӯзгор будааст. Оҳангҳои ҷашну суруромезу зиндадилона аз вижагиҳои қасоиди он рӯзгорон аст.

Дар қарни X дар офариниши ғазал қадамҳои нахустин гузошта шуданд. Ғазали ин давра аз пораҳои шеъри ғиноӣ иборат буд, ки мазомини ошиқона дошт ва сӯзу ҳасрати одамиро баён мекард. Қолаби ғазал низоми шаклии хоссеро ёфта бошад ҳам, ҳанӯз аз тагаззули қасида нагсаста буд. Ғазал

ва ашъори монанд ба он дар ин давра идомаи анъанаҳои асри IX аст. Дар асри X зери мафҳуми газал ҳам ашъори сирф ошиқонаро, ки бо мусиқӣ суруда мешуд, мегуфтанд ва ҳам муқаддимаҳои ишқии қасидаҳоро. Аввалин газалҳоро дар шеъри Рӯдакӣ, Робиа ва Дақиқӣ мебинем.

Дар асоси таронаҳои мардумӣ дар шеъри асри X навъҳои адабии рубоӣ ва дубайтӣ ба вуҷуд омаданд. Рубоӣ дар мавзӯъ маҳдудият надорад ва натиҷаи фикру андешаи воқеӣ мебошад. Дар девони Унсурӣ 76 ва Фаррухӣ 35 рубоӣ дида мешавад. Дар сарчашмаҳои гуногун ба Абӯсаъиди Абулхайр наздики 700 рубоӣ нисбат дода мешавад.

Ташаккули қитъа низ ҳамчун навъи адабӣ ба ҳамин давра рост меояд. Қитъа ё порчаҳои ба он монанд ҳанӯз дар адабиёти асри IX дар ашъори Ҳанзалаи Бодғисӣ, Фирӯзи Машриқӣ, Абӯсулайки Гургонӣ ва дигарон ба назар мерасад. Шоирони асри X Рӯдакӣ, Фароловӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абулҳасани Оғоҷӣ, Кисоии Марвазӣ ва дигарон қитъа сурудаанд. Дар эҷодиёти шоирони мазкур ҳаҷми қитъа аз ду байт мегузарад. Мавзӯи қитъа асосан панду ахлоқ аст, вале оҳангҳои шикоят аз замона ва норизоӣ барои он бегона нест.

Дар нимаи аввали асри XI навъи шеърии мусаммат аз ҷониби Манучеҳрии Домғонӣ ихтироъ шуд. Дар "Девон"-и Манучеҳрӣ 11 мусаммат мавҷуд аст, ки миқдори бандҳо дар онҳо аз 10 то 35 буда, ҳар банд аз шаш мисроъ иборат аст. Мусамматҳои Манучеҳрӣ аз нигоҳи муҳтаво мадҳӣ мебошанд.

Дар "Девон"-и Фаррухӣ се тарҷеъбанд дида мешавад, ки намунаи қадимтарини ин навъи адабӣ маҳсуб шуда, аз назари мазмун мадҳӣ мебошанд.

Агар аз нигоҳи муҳтаво ба густариши анвои шеър таваҷҷуҳ намоем, маълум мешавад, ки, қабл аз ҳама, баъзе мавзӯъҳо барои ташаккули шаклҳои шеър аҳаммияти махсус касб кардаанд. Аз ҷумла, муҳимтарин сифати шеъри ҳамосии ин давра мавзӯи таърихӣ ва паҳлавонӣ аст. Равнақи ҳамосаҳои миллӣ дар ин давра ба дараҷаест, ки муҳимтарин осори ҳамосии мардуми форсизабон ва яке аз беҳтарин ҳамосаҳои миллии олам, яъне "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ маҳз дар ҳамин рӯзгор ба вуҷуд омадааст. Дар аввали ин давра Масъуди Марвазӣ, дар миёнаҳои ин давра Дақиқӣ ва дар поёни он Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ се асари ҳамосии худро

навишта, ба ин восита назми достонҳои мансури қаҳрамонӣ ва миллиро ба ҳукми анъана даровcovarданд ва баъди онҳо дар замони Ғазнавиёну Салҷуқиён чандин достонҳои ҳамосӣ ба тақлид аз "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ навишта шудааст.

Мавзӯи асосии шеъри асри X васф, мадҳ, панду андарз, ишқ, ҳамоса, ҳасби ҳол, тасвири табиат ва каму беш ҳаҷв будааст. Достон дар заминаи ҳамосаи миллии "Шоҳнома" кулли мероси таърихӣ, ҳикоятӣ ва ривоятию асотирии эрониро фаро гирифтааст. Сужа ва воқеоти ҳамосаи миллӣ барои эҷоди даҳҳо достони манзуму мансур мавзӯъ ва намуна шудаанд. Таълифи ин гуна асарҳо руҷӯъе ба гузашта мувофиқи дархости аҳли замон буд. Бори аввал ба забони порсии дарӣ "Шоҳнома"-ро Абулмуайяди Балхӣ мураттаб сохт. "Шоҳнома"-и насрии дигар бо ҳидояти Абӯмансури Абдурразоқ аз ҷониби вазири ӯ Абӯмансур ал-Муаммарӣ таълиф ёфт, ки муқаддимаи он то замони мо расидааст. Аммо бузургтарин асар дар мавзӯи ҳамосаи миллӣ "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ аст.

Густариши ҳаҷв яке аз вижагиҳои шеъри он даврон аст. Аммо ҳаҷви асри X, ба ҳеҷ рӯй, он чизе нест, ки аз вожаи Satira фаҳм мешавад. Дар шеърҳои ҳаҷвии он рӯзгор накӯҳиши падидаҳои иҷтимоӣ нест. Ҳадаф аз ин ҳаҷв, маъмулан, аз сари роҳ бардоштани рақиб аст. Ҳаҷвнавис бештар рақиброчиркин ва ӯро ба бадтарин костиҳо муттаҳам карда, ҳатто аз гузориши дурӯғ ҳам бознамеистод. Ҳаҷв кори шоирони беистеъдод ҳисоб мешуд ва чунин бармешумурданд, ки ҳаҷв кори шоистаи мардони барозанда нест. Бинобар ҳамин, ҳаҷвро дар девони шоирон ҷой намедоданд.

Аз хусусиятҳои боризи шеъри ин давра содагӣ ва равшании калом ва фикр дар он аст. Ҷиҳати умдаи ин ашъор дар он аст, ки фикри гӯянда дар онҳо содаву равон ва бидуни мушкилот, хеле табиӣ ва дур аз такаллуфот баён шудааст. Камтарин ошноӣ бо забони асри X ва нимаи аввали асри XI барои фаҳми забон ва фасоҳати мӯъҷизаосои шеъри ин давра ба мо кӯмак менамояд. Барои фаҳми ҳеч яке аз абёти шоирони ин замон ба тафсиру тавзеҳи зиёд эҳтиёҷ надорем.

Тоза будани мазмунҳо ва андешаҳо низ яке аз хусусиятҳои шеъри ин давра аст, зеро шоирони ин аҳд бо мавзӯъ ва мазмунҳое сару кор доштанд, ки пеш аз он дар шеър ҷой надошт ва он чи ки аз адабиёти араб интиқол ёфта

буд, мутобиқ ба завқи форсизабонон суруда шудааст. Маълум аст, ки дар чунин ҳолат шоирон ба ҷойи тақлиду пайравӣ аз пешиниён даст ба ибтикор ва овардани таркиботи тоза, истиороти наву дилпазир заданд. Бо овардани навъҳои ташбеҳ маҳорати махсуси корбасти ҳунарӣ дар тавсиф ва ғайра шеъри хешро музайян гардониданд.

Зиндагонии мураффаҳ ва бо сарвату мукнати аксари шоирони ин давра, муоширату хидмати шоҳону вазирон ва сарватмандони давр, хушгузаронии вақт дар маҷлисҳои пуршукӯҳи онҳо боиси дар шеъри қисме аз шорони ин давра роҳ ёфтани мазмунҳои марбут ба айшу ишрат ва комрониҳо гаштааст. Аз ин ҷост, ки дар шеъри ин давра мазмунҳои нишотовар зиёд буда, мазмунҳои яъсу навмедӣ хеле кам вомехӯранд.

## ШОИРОНИ БУЗУРГИ АҲДИ СОМОНИЁН

Шоирони маъруф дар ин давра зиёданд ва рӯзгору осори кулли онҳоро дар ин таълиф фаро гирифтан душвор мебошад. Бинобар ин, аз шоирони асри X ба рӯзгору осори Абӯабдулллоҳи Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Дақиқӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Робиаи Балхӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Асадии Тӯсӣ ва аз шоирони нимаи аввали қарни XI ба Унсурии Балхӣ, Фаррухии Систонӣ ва Манучеҳрии Домғонӣ таваҷҷуҳ мешавад.

1. **Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.** Сардафтари адабиёти классикии тоҷик устод Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ (858-941) барҷастатарин ва номвартарин шоири миллии тоҷикон ва кулли форсизабонон аст, ки дар асри Сомониён зиндагӣ ва эҷод карда, осори ғаронарзишаш солҳои дарозест, ки рушди минбаъдаи шеъру шоирӣ ба забони порсиро муайян мекунад.

**Зиндагинома.** Аз зиндагии Рӯдакӣ иттилои васее дар даст надорем, ба ҷуз маълумоти парокандаи сарчашмаҳо, ки ба тасодуф то ба рӯзгори мо расидааст. Зиндагиномаи шоир аз рӯйи чунин маълумоти пароканда бознависӣ мешавад.

Рӯдакӣ соли 858 дар деҳаи Рӯдаки ҷамоаи Панҷрӯди қадим ба дунё омадааст. Имрӯз зодгоҳи Рӯдакӣ – деҳаи Панҷрӯд дар ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии

Тоҷикистон мавқеият дорад. Дар мавриди зодгоҳи шоир ҳамаи муаллифони сарчашмаҳо муттафиқанд ва зодгоҳи ӯро Рӯдак гуфтаанд, вале дар мавриди мавқеи ҷойгиршавии деҳаи Рӯдак андешаҳо мухталифанд. Чунончи, Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар "Лубоб-ул-албоб", мутарҷимони "Таърихи Яминӣ"-и Абӯнасри Утбӣ (ин китоб солҳои 1020-1021 ба забони арабӣ навишта шудааст ва бинобар ба Яминуддвала - Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва падари ӯ - Сабуктегин бахшида шуданаш чунин ном гирифтааст) ва муаллифи тазкираи «Ҳафт иқлим» деҳаи Рӯдакро дар наздикии Самарқанд гуфтаанд. Давлатшоҳи Самарқандӣ ва дигарон онро аз деҳаҳои наздики Бухоро донистаанд. Муаллифи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» Ризоқулихони Ҳидоят Рӯдакро аз деҳоти наздики Насаф гуфтааст. Тавре ки гуфта мешавад, қавли Муҳаммад Авфӣ дурустар аст. Рӯдак яке аз деҳаҳои кӯҳистони Панҷакенти имрӯза аст, ки аз шаҳрҳои номбурда ба Самарқанд наздиктар аст.

Соли 1940 Садриддин Айнӣ ҳамроҳи шоир Абдусалом Деҳотӣ вижаномаи кӯчаке дар бораи Рӯдакӣ чоп карданд, ки дар он ба бисёр масъалаҳои баҳсталаби аҳволи Рӯдакӣ рӯшанӣ андохта шудааст. Аз ҷумла, асари мазкур ҳамаи гумонҳоро дар бораи зодгоҳи шоир аз миён бурд. Зодгоҳи шоир ҳамоно деҳкадаи Рӯдак (Панҷрӯд), дар бахши кунунии Тоҷикистон муайян шуд, ки имрӯз марқади шоир дар ҳамон ҷо мавҷуд ва ҷойи зиёратгоҳи ҳазорон дӯстдорони шеъру адаб ва алоқамандони каломи шоири тавоно мебошад.

Дар мавриди огози зиндагонии устод Рӯдакӣ ва давраҳои наврасию ҷавонии шоир маълумот асосан дар як сарчашма - «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ омадааст. Сарчашмаҳои дигар қавли Авфиро такрор кардаанд. Авфӣ, аввалан, Рӯдакиро кӯри модарзод гуфта, баъдан қайд мекунад, ки вай соҳиби истеъдоди фавқулодда ва зеҳни бурро буд, ки дар ҳаштсолагӣ Қуръонро ҳифз карда ва ба шеъргӯӣ пардохт. Худованд ба ӯ овози хушу лаҳни дилнавоз ато карда буд. Вай дар назди Абулаббоси Бахтиёр, ки устоди ҳунарманде дар барбатнавозӣ буд, навохтани ин сози мусиқиро омӯхт ва дар барбатнавозӣ машҳур гаштаву шуҳраташ ба ҳама кунҷу канори кишвар паҳн шуда буд. Маълумоти сарчашмаҳо гувоҳ бар он аст, ки Рӯдакӣ омӯзиши улумро идома дода, дар шеъру мусиқӣ ба пояи баланд

расидааст.

**Куния, ному насаб ва тахаллуси шоир**. Дар мавриди куния ва ному насаби устод Рӯдакӣ сарчашмаҳо асосан ба ду даста ҷудо мешаванд. Муаллифи «Китоб-ул-ансоб» Абдулкарим ибни Муҳаммади Самъонӣ куния, ному насаб ва тахаллуси Рӯдакиро дар чунин шакл овардааст: Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Ҳаким ибни Абдурраҳмон ибни Одам ар-Рӯдакӣ. Ҳамин шакли ному алқоби Рӯдакиро муаллифони тазкираҳои то асри XV таълифшуда зикр кардаанд, вале аз асри XV сар карда куняи Рӯдакӣ дар шаклҳои дигар – Абӯабдуллоҳ, Абулҳасан ва Абӯҷаъфар оварда шудааст. Чунончи, Давлатшоҳи Самарқандӣ номи ӯро бо унвони Устод Абулҳасани Рӯдакӣ ёд мекунад.

Баъди Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираҳои "Оташкада"-и Озар, «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ, «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят куняи устод Рӯдакӣ ба сурати "Абулҳасан", ё ин ки "Абӯҷаъфар" омадааст. Саъид Нафисӣ ахбори сарчашмаҳоро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки куняи устод Рӯдакӣ асосан Абӯабдуллоҳ аст, вале азбаски наздики 500 сол куняи устод Рӯдакӣ дар сарчашмаҳои баъди асри XV дар шакли Абулҳасан омадааст, мо наметавонем пурра онро инкор кунем. Бинобар ин, беҳтар аст, ки имрӯз он ба куняи асосии шоир, яъне Абӯабдуллоҳ илова карда бишавад, ба ин сурат: Абӯабдуллоҳ Абулҳасан Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакӣ.

Дар мавриди тахаллуси устод Рӯдакӣ сарчашмаҳо ба ду даста ҷудо мешаванд. Сарчашмаҳои то асри XV тахаллуси шоирро ба зодгоҳаш вобаста медонанд, яъне устоди шоирони Аҷам тахаллуси худро аз номи зодгоҳаш интихоб кардааст. Вале баъди асри XV, аз Давлатшоҳи Самарқандӣ сар карда, баъзе муаллифони сарчашмаҳо, аз ҷумла Озари Бекдилӣ ваҷҳи тахаллуси шоирро аз рӯйи шуҳрати ӯ дар мусиқӣ, бахусус навохтани асбоби мусиқие бо номи руд донистаанд. Яъне, тахаллуси шоир гуё аз асбоби мусиқии руд гирифта шуда бошад, аммо ин ақида чандон дуруст нест. Чунонки Саъид Нафисӣ қайд мекунад, агар тахаллуси Рӯдакӣ аз рӯйи асбоби руд мебуд, дар он сурат тахаллуси шоир "рудӣ" мебуд, на Рӯдакӣ.

Устод Айнӣ на ба вожаи руд - ҳамчун номи як асбоби мусиқӣ, балки нисбати ҷугрофиёӣ будани тахаллуси шоирро

таъкид кардааст. Пас, лафзи Рӯдакӣ на ин ки тахаллус дар маънии пасини ин вожа, балки ҳамон нисбат аст. Рӯдакӣ гоҳ-гоҳе аз ин нисбат ҳамчун тахаллус ҳам истифода мебурдааст, чунонки дар ин байт:

Дар ишқ чу Рӯдакӣ шудам сер аз ҷон,
Аз гиряи хунин мижаам шуд марҷон.

Ва ё:

Биё, инак нигаҳ кун Рӯдакиро,
Агар беҷон равон хоҳӣ танеро.

Хулоса, тахаллуси шоирии устод Рӯдакӣ ба сурати "Рӯдакӣ" аз зодгоҳаш гирифта шуда ва дар ин амр шубҳае боқӣ намемонад. Дар сарчашмаҳо аз Рӯдакӣ ба унвонҳои "Устоди Самарқанд", "Устоди шоирон", "Султони шоирон" ва "Одамушшуаро" низ ёд кардаанд. Аз ҷумла, Кисоии Марвазӣ гуфтааст:

Зебо бувад ар Марв бинозад ба Кисоӣ,
Чунонки ҷаҳон ҷумла ба устоди Самарқанд.

Яке аз масъалаҳои печидаи зиндагиномаи Рӯдакӣ масъалаи "кӯр"-ии вай мебошад. Дар бораи кӯр ё тирачашми модарзод (акмаҳ) ва ё дар поёни умр кӯр кардани шоир баҳсҳо зиёданд. Баъзеҳо бар онанд, ки Рӯдакӣ ба монанди шоирон Абулъало ал-Маъаррӣ, Башор ибни Бурд, Зарири Бухороӣ, Шӯридаи Шерозӣ ва аз адибони Юнон Ҳомер кӯри модарзод буд. Ба ақидаи онҳо, мавҷуд будани тасвирҳои зинда ва айнӣ дар шеърҳои шоир нишонаи таъсири суннатҳои мавҷудаи шеъру шоирӣ ва натиҷаи равшанбинии тирачашмон мебошад. Гурӯҳи дигар гумон мекунанд, ки чашмони Рӯдакӣ дертар, дар поёни умраш ба сабабе кӯр карда шудаанд. Тахмин меравад, ки ин кор баъди аз дарбор рафтани вазири номии Сомониён ва дӯсти наздики шоир Абулфазли Балъамӣ дар соли 937 сурат гирифта бошад. Аммо худи шоир дар ҳеҷ яке аз шеърҳои маълумаш, аз он ҷумла дар қасидаи ҳолияаш дар бораи нобиноии худ ишорае надорад. Баръакс дар ин қасида, ки як навъ зиндагиномаи шоиронаи ӯ мебошад, байте дорад, ки аз ҳамеша чашм дӯхтанаш ба "зулфакони чобук" гувоҳӣ медиҳад:

Ҳамеша чашмам зӣ зулфакони чобук буд,
Ҳамеша гӯшам зӣ мардуми сухандон буд.

Муҳамад Авфӣ ақида дорад, ки Рӯдакӣ “аз модар нобино ба дунё омада” буд ва ин сухани ӯ бе каму кост дар ҳамаи тазкираҳо баъд аз вай накл шудааст. Баъзе муалллифони сарчашмаҳои дигар низ дар ин ақидаанд, ки ӯ кӯри модарзод будааст. Имрӯз аҳли илму таҳқиқ бар ин ақидаанд, ки Рӯдакӣ дар замони пирӣ кӯр шуд ё кӯр карда шуд. Далеле ҳаст, ки маҷбуран ба чашмонаш мил кашидаанд. Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, шоирони куҳан низ ёде аз кӯрии модарзодии шоир кардаанд. Чунончи, Носири Хусрав чунин мегӯяд:

Ашъори зуҳду панд басе гуфтаст,
Он тирачашм шоири равшанбин.

Бояд ба назар гирифт, ки Носири Хусрав наздик ба 150 сол пас аз Рӯдакӣ мезист. Илова бар ин, Носири Хусрав аз нобиноӣ ёд мекунад, аммо намегӯяд, ки Рӯдакӣ нобино зода шуда буд. Ба андешаи донишманди тоҷик Тоҷиддин Мардонӣ, дар байти мазбур ишора ба шоири нобинои араб Абулъало ал-Маъаррӣ шудааст, на Рӯдакӣ.

Саъид Нафисӣ ба қавли Авфӣ шак овардаву ёдовар шудааст, ки ташбеҳоти диданӣ дар шеъри Рӯдакӣ ҷойгоҳи намоён дорад. Ӯ байтҳои зеринро ҳамчун намуна овардааст:

Хуршедро зи абр дамад рӯй гоҳ-гоҳ,
Чунон ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб.

Ва:

Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур,
Чун панҷаи арӯси ба ҳинно шуда хазиб.

Ва ё:

Зулфи туро ҷим кӣ кард? Он ки ӯ
Холи туро нуқтаи он ҷим кард.
В-он даҳани танги ту гӯйӣ касе
Донакаке нор ба ду ним кард!

Ё худ:

Пӯпак дидам ба ҳаволӣ Сарахс,
Бонгак бар бурда ба абр андаро.
Чодараке дидам рангин бар ӯ,
Ранг басе гуна бар он чодаро!

Ё ин ки:

Меҳр дидам, бомдодон чун битофт,
Аз Хуросон сӯйи Ховар мешитофт.

Пас, дар ин маврид чунин пурсиш пеш меояд, ки ҳадис, ё худ афсонаи “кӯр”-ии шоир аз куҷо пайдо шудааст? Авал ин ки баъзе пажӯҳишгарон, ки андешаи ниҳоии онҳо ҳам манфӣ нест, яъне онҳо мехоҳанд, ки ба ин восита бузургии Рӯдакиро дар мисоли донишмандони дигаре, ки аз модар нобино зода шудаанд, намоиш диҳанд, ба ёди Ҳомер бияфтанд ва гуфтаанд, ки “нобино” маънии пешгӯ ва дарунбинро ҳам дар худ нуҳуфта дорад...; дувум ин, ки Нафисӣ бозгушоии ин муамморо дар тафсири ба китоби “Таърихи Утбӣ” навиштаи Аҳмад ибни Алӣ Шайх Мананӣ пайдо кардааст, ки дар он чунин гуфта мешавад: “Ва чашмонаш дар куҳансолӣ аз коса бадар оварданд”; сеюм ин, ки достони кӯр кардани шоирро, тибқи ахбори сарчашмаҳо ва баҳсҳое, ки дар заминаи баррасии онҳо сурат гирифтаанд, метавон ба таври зайл бозсохт: Шоир аз пуштибонии бемисли Балъамии вазир бархӯрдор буд. Ин бузурги бузургвор аз чашм афтодаву мағзуб шуд ва бинобар расми он рӯзгорон оташи хашм на танҳо вай, балки ҳамаи наздиконашро фаро гирифт ва аз он ҷо, ки Рӯдакӣ ҳам аз наздикони Балъамӣ ба ҳисоб мерафт, ӯро аз роҳи мил кашидан ба чашмонаш нобино карданд.

Агар Рӯдакиро наздик ба соли 937 кӯр карда бошанд, ин кор дар куҳансолиаш рух додааст. Шояд ин масъала ҷанбаи сиёсӣ-мазҳабӣ ҳам дошта бошад. Зеро аз ин байт огоҳем, ки танҳо ба фотимиён, яъне аҳли ташайюъи исмоилии он замон дар Миср хилофат дошта гаравиданро гӯё Рӯдакӣ таъкид мекарда будааст:

Аз Рӯдакӣ шунидам – устоди шоирон,
К-андар ҷаҳон ба кас магарав, ҷуз ба фотимӣ.

Аз дигар рӯйдодҳои зиндагии Рӯдакӣ, ки мо бар он огоҳем, сафари ӯ ҳамроҳи Амир Наср ибни Аҳмад ба Бодгис ва Ҳирот аст, ки аксари сарчашмаҳо онро зикр кардаанд. Аз ҷумла, ҳадиси мазкурро соҳиби “Чаҳор мақола” Низомии Арӯзии Самарқандӣ ҳам ба шевои нақл кардааст (Самарақандӣ 1375, 49-54), ки маъруф мебошад. Нуктаи аз ҳама муҳим дар ин маврид, қабл аз ҳама, шукӯҳу шаҳомати шоирии Рӯдакӣ ва таъсири сухани вай мебошад.

Рӯдакӣ аз кӯдакӣ ҳушу қобилияти хуб дошта ва ба қавли муаллифи тазкираи “Лубоб-ул-албоб”, “чунон закӣ ва тезфаҳм буд, ки дар ҳаштсолагӣ Қуръон тамомат ҳифз кард ва қироат биёмӯхту шеър гуфтан гирифт ва маонии дақиқ

мегуфт, чунонки халқ бар вай иқбол намуданд ва рағбати ӯ зиёдат шуд. Ва ӯро Офаридгори таъоло овозе хуш ва савте дилкаш дода буд ва ба сабаби овоз дар мутрибӣ афтода буду аз Абулаббоси Бахтиёр, ки дар он санъат соҳибихтиёр буд, барбат биёмӯхт ва дар он моҳир шуд ва овозаи ӯ ба атрофу акнофи олам бирасид. Ва амир Наср ибни Аҳмади Сомонӣ, ки амири Хуросон буд, ӯро ба қурбати ҳазрати худ махсус гардонид ва кораш боло гирифт".

Дар воқеъ, дар дарбори подшоҳони Сомонӣ Рӯдакӣ шуҳрати азиме ёфт ва овозаи шоириаш дар Хуросону тамоми олами ислом паҳн шуд. Рӯдакӣ бо вазири бузург ва донишманди Сомониён Абулфазли Балъамӣ қаробату дӯстӣ дошт ва аз ӯ дар кору рӯзгор ҳимоят медид.

Рӯдакӣ донише дархӯр фаро гирифта, Қуръонро аз ёд медониста ва ба забони арабӣ тасаллут доштааст. Пораи зерин аз ашъори шоир гувоҳ бар он аст, ки вай ба шеъри араб ба хубӣ ошно будааст:

Ҷуз ба сазовори мир гуфт надонам,
В-арчи Ҷарирам ба шеъру Тойиву Ҳассон!
Мадҳи амире, ки мадҳ з-ӯст ҷаҳонро,
Зинат ҳама з-ӯю фарру нузҳату сомон!
Сахт шикӯҳам, ки аҷзи ман бинамояд,
В-арчи Сареъам або фасоҳати Саҳбон.

Дар ин шеър ба шоирони зерин ишора шудааст: Ҷарир - шоири пуровозаи араб, ки дар садаи 7-8 зистааст; Тоӣ - шоири араб Абӯтамом Авсати Тоӣ (ваф. 231 / 845); Ҳассон ибни Собит - шоире буда, ки аввалин шуда дар мадҳи пайғамбари ислом ва ситоиши дини мубин шеър сарояд ва ба ин восита шуҳрат пайдо кард; Саҳбон ибни Воил - хатибе, ки пеш аз ислом шуҳратёр буд.

Пайдост, ки Рӯдакӣ аз ривоятҳои қадимаи мардумони эронӣ низ огоҳии комил доштааст, аммо бо ин ҳама дар пораҳои барҷоймондаи осораш мавзӯъҳои қуръонӣ бештар ҷой доранд. Аз ин нигоҳ ақидаҳое, ки дар ашъори Рӯдакӣ матраҳ шудаанд, хориҷ аз маърифати умумии динӣ намебошанд. Ҳамчунин, дар ашъори шоир ёдоварии номҳои Яъқуб, Юсуф, Нуҳ, Исо, Луқмон, Ҳотам (аз қабилаи Тай), Лайлӣ ва Маҷнун ба чашм мехуранд. Номҳои Афлотуну Суқрот ҳам, ки дар он рӯзгор овоза ва шуҳрате бузург доштаанд, дар шеъри шоир дида мешавад.

Рӯдакӣ бо номи Маҷ ровие доштааст, ки ҳамеша ҳамроҳаш будааст. Шамси Фахрӣ дар ин бора мегӯяд:

То мидҳати ӯ хондиву гуфтӣ зи шараф ку
Устоди сухан Рӯдакиву ровии ӯ Маҷ.

Суханони худи шоир ҳам ин гувоҳиро таъкид мекунад:

Эй Маҷ, кунун ту шеъри ман аз бар куну бихон,
Аз ман дилу сиголиш, аз ту тану забон.
Гӯрӣ кунему бода хурему бувем шод,
Бӯса диҳем бар ду лабони паривашон.

**Рӯдакӣ дар дарбори Сомониён**. Дар мавриди замони ба дарбор ҷалб шудани Рӯдакӣ сарчашмаҳо маълумоти дақиқе надодаанд, вале аксари онҳо Рӯдакиро муосири Наср ибни Аҳмади Сомонӣ (913-943), ки 30 сол дар сари давлат буд, донистаанд. Дуруст аст, ки Рӯдакӣ қисмати зиёди умри худро дар дарбори ҳамин амир гузаронидааст, вале дар мавриди он, ки Рӯдакӣ дар замони ҳукмронии Аҳмад ибни Исмоил ва худи Исмоили Сомонӣ (892-907) хидмат кардааст ё на маълумоти дақиқе дар даст нест. Он чи яқин аст, чунин мебошад:

Рӯдакӣ шоири машҳур, соҳибмақом, навохони дарбор ва надими Абулҳасан Наср ибни Аҳмади Сомонӣ, ки пас аз марг ба ӯ лақаби "ал-Амир-ас-саъид" додаанд, будааст. Наср дар соли 914, ҳангоме ки писарбачае нуҳсола буда, ба тахт нишастааст. Давлатмарди машҳур Абдуллоҳи Ҷайҳонӣ (вафоташ 943) кишварро барои ӯ идора мекардааст. Ҳангоме ки Наср бар тахт менишинад, Рӯдакӣ дар шашумин даҳаи зиндагиаш қарор дошт. Аз ин рӯ, метавон андешид, ки пеш аз он дар хидмати пешиниён буда ва вазир Ҷайҳонӣ, ки нубуғи вайро меситуда, вайро дар дарбор нигоҳ доштааст.

Рӯдакӣ аз вазири тавоно Абулфазл Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Балъамӣ – падари мутарҷими "Таърихи Табарӣ" – ҳам, ки ба ҷойи вазири машҳур Ҷайҳонӣ омада буд, ба некӣ ёд мекунад. Балъамӣ дар поёни зиндагӣ магзуб гардид, аз вазифа барканор шуд (солҳои 937-938) ва дар шаби даҳуми сафари соли 399 ҳиҷрӣ, баробар ба 14 ноябри 940 мелодӣ, андаке пеш аз марги Рӯдакӣ, дида аз ҷаҳон фурӯ баст.

Дар миёни шоироне, ки пас аз рӯзгори Рӯдакӣ падид омада буданд, ин ривоят даҳон ба даҳон мегашта, ки Балъамӣ ҳадяҳое гушодадастона ба Рӯдакӣ медодааст. Аз ҷумла, Сӯзании Самарқандӣ мегӯяд:

Садяк аз он, ки ту ба камин шоире диҳӣ,
Аз Балъамӣ ба умре нагирифт Рӯдакӣ.

Аз мундариҷаи баъзе ашъори устод Рӯдакӣ бармеояд, ки Рӯдакиро ба дарбор даъват кардаанд. Чунончи шоир дар ин абёт мегӯяд:

Раҳӣ савору ҷавону тавонгар аз раҳи дур,
Ба хидмат омад некӯсиголу некандеш.
Писанд бошад мар Хоҷаро пас аз даҳ сол,
Ки бозгардад пиру пиёдаву дарвеш?!

Дар ин ҷо ишорати шоир аз Хоҷа, ба эҳтимоли қавӣ, вазири ботадбири Сомониён Абулфазли Балъамӣ мебошад.

Хулосаи муҳаққиқон дар мавриди замони ба дарбор омадани Рӯдакӣ ин аст, ки азбаски дар мавриди дар замони Исмоили Сомонӣ ва Аҳмад ибни Исмоил далели қотеъ дар даст нест ва ба эҳтимоли қавӣ дар охирҳои ҳукумати Исмоил ва оғози аҳди Наср ибни Аҳмади Сомонӣ бо таклифи вазири фарҳангии фарҳехта ва ботадбири Сомониён Абулфазли Балъамӣ ба дарбори Сомониён ҷалб карда мешавад.

Далели яқин чунин аст, ки мусалламан даврони беҳтарини зиндагонии шоир ба аҳди ҳукмронии Наср ибни Аҳмади Сомонӣ (913-943) рост меояд. Аз хилоли ашъори шоир ва маълумоти сарчашмаҳо бармеояд, ки Рӯдакӣ ҳомиёни зиёде дошта ва онҳо ба шоир сарватҳои зиёде медодаанд. Дар ин хусус шоирҳои баъдӣ низ ишораҳои зиёде кардаанд. Аз ҷумла, Унсурӣ, маликушшуарои дарбори Султон Маҳмуди Ғазнавӣ чунин мегӯяд:

Чиҳил ҳазор дирам Рӯдакӣ зи меҳтари хеш
Биёфтаст ба тавсеъ аз ин дару он дар.
Шигифташ омаду шодӣ фузуду кибр гирифт,
Зи рӯйи фахр бигуфт ин ба шеъри хеш андар.

Азрақии Ҳиравӣ, шоири асри 11 менависад:

Ҳадиси мири Хуросону қиссаи тавсеъ
Бигуфт Рӯдакӣ аз рӯйи фахр дар ашъор.
Бад-он, ки дод мар ӯро ҳазор диноре,
Ба ёди хуб ба ҳам карда аз сиғору кибор.

Худи Рӯдакӣ ҳам хештанро марде нозпарварда бармешумурда, ки метавонистааст ҳар ҳаваси худро ҷомаи амал бипӯшонад:

Аз хару полик он ҷое расидам, ки ҳаме
Мӯзаи чинӣ мехоҳаму асби тозӣ!

Дар баробари чунин ашъор абёте дар таркиби ашъори барҷомондаи шоир зиёд аст, ки шоир дар онҳо аз бетафовутии худ нисбат ба нозу неъмати ҷаҳон сухан мегӯяд ва андарз медиҳад, ки барои зиндагӣ на шодӣ кунанду на ғам хуранд. Масалан:

Ин ҷаҳон пок хобкирдор аст,
Он шиносад, ки дил-ш бедор аст.
Некии ӯ ба ҷойгоҳи бад аст,
Шодии ӯ ба ҷойи темор аст.
Чӣ нишинӣ бад-ин ҷаҳон ҳамвор,
Ки ҳама кори ӯ на ҳамвор аст!
Куниши ӯ на хубу чеҳраш хуб,
Зишткирдору хубдидор аст!

Ва:

Зиндагонӣ, чи кӯтаҳу чи дароз,
На ба охир бимурд бояд боз?!
Ҳам ба чанбар гузор хоҳад буд
Ин расанро, агарчи ҳаст дароз.
Хоҳӣ андар анову шиддат зӣ,
Хоҳӣ андар амон ба неъмату ноз!
Хоҳӣ андактар аз ҷаҳон бипзир,
Хоҳӣ аз Рай бигир то ба Тароз.
Ин ҳама боду буди ту хоб аст,
Хобро ҳукм не, магар ба маҷоз.
Ин ҳама рӯзи марг яксонанд,
Нашиносӣ зи якдигаршон боз.

Ва ё:

Замона панде озодвор дод маро,
Замона, чун нигарӣ, сар ба сар ҳама панд аст.
Ба рӯзи неки касон, гуфт, то ту гам нахурӣ,
Басо касо, ки ба рӯзи ту орзуманд аст.
Замона гуфт маро: Хашми хеш дор нигоҳ,
Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст.

Ин байтҳо шояд наздик ба поёни зиндагии шоир ва ҳангоме суруда шудаанд, ки шоир аз ифтихору эҳтиром ва шояд аз биноӣ ҳам маҳрум шуда будааст. Қасидаи машҳури "Шикоят аз пирӣ"-и шиор ҳам бо дарунмояе дарднок ин андешаро тасдиқ менамояд, ки байти огозини он чунин аст:

Маро бисуду фурӯ рехт ҳар чӣ дандон буд,
Набуд дандон, ло, бал чароғи тобон буд.

**Поёни зиндагонӣ ва кӯшиши ҷамъбасти масъалаи басирати Рӯдакӣ**. Чунонки қаблан ҳам таъкид шуд, дар масъалаи басирати устод Рӯдакӣ ҳам муллифони сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва ҳам донишмандони замони мо ба як ақида нестанд. Академик Абдулғанӣ Мирзоев ахбори сарчашмаҳоро дар ин маврид барррасӣ намуда, қавли кулли муаллифони онҳоро роҷеъ ба басирати сарвари шоирони Аҷам ба панҷ даста ҷудо кардааст:

1. Гурӯҳи аввал устод Рӯдакиро кӯри модарзод гуфтаанд. Дар раъси ин гурӯҳ Муҳаммад Авфии Бухороӣ қарор дорад. Андешаи ӯро қариб кулли тазкиранигорони баъд аз вай ба пуррагӣ иқтибос кардаанд.

2. Устод Рӯдакиро кӯр гуфтаанд, валекин қайд накардаанд, ки кай аз басират маҳрум гаштааст. Ба ин гурӯҳ аз муосирони устод Рӯдакӣ Абӯзироаи Гургонӣ дохил мешавад, ки дар як қитъа шеър чунин гуфтааст:

Агар ба давлат бо Рӯдакӣ на ҳамсонам,
Аҷаб макун, сухан аз Рӯдакӣ на кам донам.
Агар ба кӯрии чашм ӯ биёфт гетиро,
Зи баҳри гетӣ ман кӯр буд натвонам.

3. Шоирон Дақиқӣ, Фирдавсӣ ва Носири Хусрав ӯро шоири тирачашм гуфтаанд. Аз ҷумла, Дақиқӣ чунин мегӯяд:

Устод Шаҳид зинда боистӣ
В-он шоири тирачашми равшанбин,
То шоҳи маро мадеҳ гуфтандӣ
Б-алфози хушу маъонии рангин.

4. Ба гурӯҳи чоруми сарчашмаҳо, ки хилофи се гурӯҳи аввал аст, шарҳи Ҳамидаддин Абӯабдуллоҳ ибни Умар Наҷотии Нишопурӣ ба китоби худ «Басотин-ул-фузало ва раёҳин-ул-уқало фӣ шарҳи таърих ал-Утбӣ» (огози асри XIV) дохил мешавад, ки дар мавриди басирати устод навиштааст, ки “ӯро дар охири умр ба чашмонаш мил кашидаанд”. Ин гуфтаҳои Наҷотиро шореҳи дигари “Таърихи Утбӣ” – Аҳмад ибни Алӣ ибни Умари Муншӣ дар асри XVII тасдиқ кардааст.

5. Гурӯҳи панҷуми сарчашмаҳо дар ин маврид хомӯширо интихоб кардаанд, ба мисли “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва “Таърихи Систон”.

Донишмандони садаи XX, ба монанди Саъид Нафисӣ, Абдулғанӣ Мирзоев ва баъзе шарқшиносони русу аврупоӣ асосан фикри гурӯҳи чорумро дастгирӣ кардаанд. Яъне, ба

андешаи онҳо, устод Рӯдакӣ кӯри модарзод набуда, балки дар охири умраш ба чашмони ӯ мил кашидаанд.

Аз хулосаи ахбори сарчашмаҳо ва баҳсҳои донишмандони асрҳои охир бармеояд, ки, дар ҳақиқат, устод Рӯдакӣ кӯри модарзод набуда, балки дар поёни умр биноии худро аз даст додааст. Ҳамчунин, дар бархе аз асару мақолаҳои солҳои охир чопшуда ақидаи гурӯҳи сеюми сарчашмаҳо, яъне тирачашмии устод Рӯдакӣ ва ё ба ягон иллати чашм гирифтор будани устоди шоирони Аҷам таъкид шудааст. Ба ҳар сурат, устод Рӯдакӣ поёни умри худро дар зодгоҳаш сипарӣ карда, дар соли 941 оламии фониро падруд гуфтааст. Айни замон мақбараи устод Рӯдакӣ дар деҳаи Панҷрӯди ноҳияи Панҷакент воқеъ буда, зиёратгоҳи аҳли дил аст.

**Таҳқиқи аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ.** Омӯзиши илмии аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ дар асри XIX дар Ғарб шурӯъ шудааст. Пажӯҳишгари номдор Ҳермон Эте нахустин ховаршиноси урупоие мебошад, ки ба шеъри Рӯдакӣ бо нигоҳи илмӣ таваҷҷуҳ кардааст. Ин муҳаққиқ кӯшиш кард, ки хусусиятҳои мазмун ва шакли ашъори шоирро ошкор намояд ва нусхаи хаттиеро, ки, бино ба пиндори вай, девони Рӯдакӣ будааст, ҷустуҷӯ кард. Аммо Ҳермон Эте натавонист дарёбад, ки бештари шеърҳои нусхаи хаттии мавриди назари ӯ аз шоири асри XI Қатрони Табрезӣ мебошад. Ин масъала баъдтар ҳалли худро дар илми шарқшиносӣ ёфт.

Ризоқулихони Ҳидоят ба воситаи "Маҷмаъ-ул-фусаҳо" ба аҳли назар таъкид кард, ки девоне, ки ба Рӯдакӣ нисбат медиҳанд, дар асл аз Қатрони Табрезӣ аст. Дар ховаршиносии Аврупо бори нахуст Денисон Рос (E. Dennison Ross) ин хаторо ёдовар шуд. Ин муҳаққиқ чанд байти ростини Рӯдакиро, ки то ба мо расида, таҳқиқ карда, ҳамчунин, қасидаи "Модари май"-ро, ки матни онро аллома Муҳаммади Қазвинӣ омода карда буд, ҳамроҳ бо тарҷумаи фаронсавии он чоп кард.

Таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти устод Рӯдакӣ дар кишварҳои Шарқ, пеш аз ҳама, дар Ҷумҳурии исломии Эрон огоз гардидааст. Асари сеҷилдаи бисёр муҳимми Саъид Нафисӣ бо унвони "Аҳвол ва ашъори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ" (Теҳрон, 1305-1311) нахустин таҳқиқи доманадор перомуни рӯзгор ва аҳволу ашъори шоир мебошад, ки он сарчашмаи асосӣ ва

нахустманбаъи ҷараёни рӯдакишиносӣ дар қаламрави Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон ва сойири кишварҳои ҷаҳон гардидааст. Саъид Нафисӣ бо таваҷҷуҳ ба сарчашмаҳои зиёде бори нахуст ва ба таври ҳамаҷониба перомуни зиндагинома ва осори бозмондаи шоир тафаҳҳусҳое судманд анҷом дода, миқдори ашъори бозмондаи шоирро то ҳудуде таъйин кард. Ин китоби Саъид Нафисӣ дар Тоҷикистон ба хатти имрӯзаи мо баргадон ва чоп шудааст.

Баъд аз устод Саъид Нафисӣ донишмандони дигари Эрон низ ба Рӯдакӣ пардохтаву ашъори ӯро борҳо ба чоп расонидаанд. Таҳқиқоти рӯдакишиносони эронӣ то соли 1968 дар "Китобшиносии Рӯдакӣ" – и Ҳумоюнфард номбар шудаанд. Пас аз ин таърих дар ин замина асари ҷомеъе ба миён наомадааст.

Соли 2007 дар Теҳрон, бо кӯшиши Алии Деҳбошӣ таҳти унвони "Ёди ёри меҳрубон" маҷмӯаи мақолоте ба чоп расидааст, ки дар он 28 номгӯй мақола аз миёни садҳо мақола ва китобҳо дар бораи Рӯдакӣ интихоб шудааст. Аз рӯйи ин номгӯйи муаллифон ба дараҷаи рӯдакишиносии донишмандони эронӣ дар солҳои охир пай бурдан мумкин аст.

Рӯдакишиносӣ дар Тоҷикистон ҳудуди сад соли охир густариш пайдо кардаву осори мутааддиде перомуни рӯзгор, аҳвол, ашъор, афкор ва сойири ҷанбаҳои адабию ҳунарии шеъри ӯ ба миён омадаанд. Дар раъси чунин таҳқиқот корҳои анҷомдодаи устод Садриддин Айнӣ қарор дорад, ки бо "Намунаи адабиёти тоҷик" оғоз мегардад. Устод Садриддин Айниро метавон оғозгари неҳзати рӯдакишиносӣ ва ба ин восита шинохти ҳувияти миллӣ дар Тоҷикистон донист.

Ҷунбиши бузурги рӯдакишиносӣ дар Тоҷикистон ба арафаи ҷашнгирии 1100 – солагии шоир дар соли 1958 рост меояд. Дар арафаи ин ҷашн ва пас аз он то ба имрӯз перомуни Рӯдакӣ ва масъалаҳои гуногуни ҳувият ва эҷодиёти ӯ осори зиёде ба миён омадаанд, ки аз ҷумлаи муҳимтарни онҳо китобҳои нисбатан ҷомеъи устодон Абдулғанӣ Мирзоев бо номи "Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ" (1958) ва Аълохон Афсаҳзод таҳти унвони "Одамушшуаро Рӯдакӣ" (2003) мебошанд. Инчунин, донишмандони дигари тоҷик, ба монанди Абдусалом Деҳотӣ, Шарифҷон Ҳусейнзода, Холиқ Мирзозода, Муҳаммадвафо Бақоев, Сотим Улуғзода, Баҳром

Сирус, Раҷаб Амонов, Пӯлодӣ, Мирзо Турсунзода, Воҳид Асрорӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Саъдоншоҳ Имронов, Расул Ҳодизода, Камол Айнӣ, Муҳаммадҷон Шукуров, Абдулманнон Насриддинов, Худоӣ Шарифов, Абдунабӣ Сатторзода, Раҳими Мусулмониёни Қубодиёнӣ, Мирзо Муллоаҳмадов, Тоҷиддин Мардонӣ, Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, Амрияздони Алимардон, Аслиддин Низомӣ, Субҳон Амирқулов, Асрори Раҳмонфари Сомонӣ, Абдушукури Абдусаттор ва дигарон дар ин фосила перомуни масъалаи мазкур пардохтаву осори арзишманде ба вуҷуд овардаанд.

Пас аз ҳафт соли ҷашни мазкур дар Душанбе бо номи "Рӯдакӣ" (1965) феҳристи китобшиносии Рӯдакӣ нашр гардидааст, ки дар он 1235 номгӯй осоре фароҳам омадаанд, ки дар Тоҷикистон, дар рӯзномаву маҷалла ва китобҳои ҷудогона ба табъ расидаанд.

Яке аз бузургтарин корҳои дар фосилаи ду ҷашни Рӯдакӣ ба анҷом расида таълифи "Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ" аз ҷониби донишманди тоҷик Амон Нуров мебошад.

Бори дигар ҷунбиши рӯдакишиносӣ дар Тоҷикистон, ба сабаби таҷлили 1150 – солагии шоир, боз аз нав авҷ гирифт. Бештари муҳаққиқон ва ҳатто алоқамандони ашъори шоир, ки ҳунари қалам ба даст гирифтан доранд, кӯшиш кардаанд, ҳадди ақал мақолае дар бораи Рӯдакӣ бинависанд. Охирин кӯшиши бузург дар ин замина таълифи "Донишномаи Рӯдакӣ" маҳсуб мешавад, ки ду ҷилди он ба чоп расида ва дар назар аст, ки дар се ҷилд мукаммал бишавад.

Дар асри XX рӯдакишиносӣ дар Россия ҳам ҷараён дошт. Китобу мақолаҳои ҷудогонаи донишмандони марказҳои илмии ин кишвар, ба монанди А. Кримский, Е.Э. Бертелс, А.Е. Бертелс, И.С. Брагинский, А. Тоҳирҷонов, М. Н. Усмонов, З.Н. Ворожейкина, М.Л. Рейснер ва дигарон, ки дар бораи онҳо аз китоби "Донишномаи Рӯдакӣ" маълумот пайдо кардан мумкин аст, дар шинохти илмии ҳаёт ва эҷодиёти Рӯдакӣ арзишманд ҳастанд.

Рӯдакӣ дар шибҳи қораи Ҳинду Покистон низ шуҳрат ва маҳбубияти зиёд дошта, таваҷҷуҳ ба Рӯдакӣ ва рӯдакишиносӣ дар он сарзамин собиқаи дерина дорад. Форсигӯён дар Шибҳи қора дар мавориди зайл ба ашъори Рӯдакӣ рӯй овардаанд: ба пайравӣ ва татаббуъ аз шеъри ӯ шеър сурудан,

шарҳу гузориши душвориҳои лафзии шеъри вай, дар таълифи фарҳангу луғатномаҳо ҳамчун шоҳиди маъноӣ суд ҷустан аз ашъори шоир, таълифи тазкираҳо, ки миқдори онҳо зиёд аст, баррасии аҳвол ва ашъор, баррасии татбиқии шеъри Рӯдакӣ бо ашъори шоирони форсигӯй, тарҷумаи шеъри Рӯдакӣ ба забонҳои мухталифи он сарзамини паҳновар ва ғайра. Осори Рӯдакӣ дар Шибҳи қораи Ҳинду Покистон борҳо ба чоп расидааст ва дар гурӯҳҳои забон ва адабиёти форсии Донишгоҳҳои Ҳинду Покистону Бангладеш дарси Рӯдакӣ воҳиди асосии таълимиро ташкил медиҳад.

Аз ҷумлаи муҳаққиқоне, ки дар Шибҳи қора ба баррасии рӯзгор ва осори Рӯдакӣ пардохтаанд, пеш аз ҳама, аз донишманди мумтози Ҳинд аллома Шиблии Нуъмонӣ бояд ном бурд. Ин донишманд дар китоби арзишманди хеш бо номи "Шеър-ул-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон" (Теҳрон, 1368. – панҷ ҷилд дар ду китоб, тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақӣ Фахри Доъии Гелонӣ) ба баррасии аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ пардохтаву ӯро "ақдам ва ашҳари" шуарои давраи Сомонӣ мешуморад.

Пас аз Шиблии Нуъмонӣ донишмандони дигари Ҳинд ҳам, аз ҷумла Мирзо Мақбулбеки Бадахшонӣ, доктор Зуҳуриддин ва дигарон ба Рӯдакӣ рӯй овардаву масъалаҳои гуногуни эҷодиёти ӯро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Ба эътирофи шоир ва нависандаи турк Нозим Ҳикмат тамоми адабиёти турк дар зери таъсири адабиёти тоҷику форс тараққӣ кардааст. Пас, дар раъси чунин таъсиргузорӣ шеъри устод Рӯдакӣ қарор дорад. Вай яке аз сабабҳои ҷовид мондани эҷодиёти Рӯдакиро шоири поквиҷдон ва тарғибгари ахлоқи баланд будани ӯ медонад.

Дар ҷумҳуриҳои туркзабони Осиёи Миёна низ донишмандон ба Рӯдакӣ ва осори ӯ таваҷҷӯҳ зоҳир кардаанд, чунонки пораҳои ҷудогонаи ашъори шоирро ба забонҳои худ тарҷума ва нақл намудаанд.

Рӯдакӣ дар байни аҳли адаби арабизабон низ шуҳрат дорад. Гузашта аз маъхазҳои арабизабони асримиёнагӣ, ки дар бораи Рӯдакӣ маълумот медиҳанд ва тарҷумаи ашъори шоир ба забони арабӣ дар давраҳои гуногун, дар адабиётшиносии навини арабӣ низ ҳаёт ва эҷодиёти шоир мавриди тадқиқ ва баррасии донишмандон қарор гирифтааст. Аз ҷумла, доктор Муҳаммад Ғанимӣ Ҳилол дар китоби

“Мухтарат мин-ал-шеър-ил- форсӣ” (“Намунаҳои шеъри форсӣ”) ба Рӯдакӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда ва пас аз овардани маълумоти шарҳиҳолӣ намунаи 17 шеъри ба забони арабӣ тарҷумашудаи шоирро накл кардааст. Дар миёни шеърҳои тарҷумашуда қасидаҳои “Шикоят аз пирӣ” ва “Модари май” низ мавҷуданд.

**Баҳси мероси адабии Рӯдакӣ ва осори бозмондаи ӯ.** Дар мавриди миқдори ашъори устод Рӯдакӣ миёни муаллифони сарчашмаҳо ва донишмандони асрҳои охир андешаҳои мухталиф мавҷуданд. Ба устод Рӯдакӣ дар тазкираву таърихномаҳо ва шоирон дар абёти алоҳида миқдори зиёди шеърро нисбат додаанд. Чунончи, Асадии Тӯсӣ дар як байт чунин таъкид мекунад:

Шоир чу гузин Рӯдакӣ, к-он, к-аш бувад ашъор
Беш аз саду ҳаштод ҳазор аз дур(р)у девон.

Шубҳае нест, ки Рӯдакӣ шоири пуркор буда, аммо ҳанӯз ҳам ба миқдори ашъоре, ки ӯ сурудааст, огоҳии дурусту дақиқе дар даст нест. Ҳангоме ки сухан перомуни ин масъала мечархад, ҳамеша абёти зерини шоири асри XII Рашидии Самарқандӣ шоҳид оварда мешавад:

Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некӯшоирӣ,
Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.
Шеъри ӯро баршумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор,
Ҳам фузун ояд, агар чунонки бояд бишмарӣ.

Муҳаққиқон ин сатрҳоро ба гунаҳои мухталиф дарёфтаанд:

1) 100 000 X 13 = 1.300 000 байт;

2) Сездаҳ бор баршумурдам, беш аз 100 000 байт хоҳад шуд;

3) Гурӯҳи сеюми сарчашмаҳо ашъори Рӯдакиро 200 ҳазор байт гуфтаанд. Ин маълумот аввалин бор дар китоби “Таърихи гузида”-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ омадааст. Вай қайд мекунад, ки ин ахборро дар китоби “Таърихи Манучеҳрӣ” хондааст, вале муҳаққиқон китоберо ба номи “Таърихи Манучеҳрӣ” пайдо накардаанд.

Ба ҳар сурат ахбори сарчашмаҳои адабию таърихӣ роҷеъ ба ашъори устоди шоирони Аҷам нишон медиҳад, ки устод Рӯдакӣ шоири сермаҳсул буда, дар мавриди касрати ашъори ӯ ҷойи тардид нест. Вале аз охири асри XIX ин ҷониб, ки гирдоварии ашъори шоир шурӯъ шудааст ва то ба имрӯз

идома дорад, айни замон дар нашрҳои гуногуни маҷмӯаҳои ашъори шоир, ки бо номҳои гуногун ба чоп расида ва дастрасанд, беш аз ҳазор ва камтар аз ду ҳазор байти устод Рӯдакӣ дастрас ва нашр шудааст.

Мутаассифона, чунонки ба мушоҳида мерасад, аз ин сарвати бисёр бузургу бекарон то ба мо миқдори бисёр андаке боқӣ мондаасту халос. Иллати ин амр гум шудани девони шоир мебошад. Девони шоир аз огози садаи XIII ба баъд гум шудааст. Дар огози асри XIII бар девони Рӯдакӣ огоҳӣ доштаанд, зеро Муҳаммад Авфӣ, ки тазкираи хешро дар байни солҳои 1221-1222 навиштааст, нусхаи хаттии онро дидааст. Аммо Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ, ки "Таърихи гузида"-и хешро дар соли 1229/1230 ба поён расонида, мегӯяд, ки бар ӯ дигар муяссар нагашт девони Рӯдакиро бубинад.

Бинобар шумориши Саъид Нафисӣ аз шеърҳое, ки ба ростӣ аз Рӯдакӣ ҳастанд, танҳо бар 804 байт огоҳӣ дорем, ки ба таври зайл бахш мешавад:

1. аз қасидаву қитъа – 362 байт;
2. аз рубоӣ – 64 байт;
3. аз чакомаҳои гуногуни гиноӣ – 224 байт;
4. аз манзума (маснавӣ) – 154 байт.

Баъд аз Саъид Нафисӣ ашъори дигареро ҳам аз Рӯдакӣ донишмандон пайдо кардаанд. Дар охирин китоби фарогири ашъори боқимондаи шоир, ки бо номи "Девон"-и Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Ҳаким ибни Абдурраҳмон ибни Одам Рӯдакии Самарқандӣ бо таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану тавзеҳоти муфассали Қодири Рустам (Олмотӣ, 2007.- 256 саҳ) ба чоп расидааст, ашъори шоир ба сурати зерин бахшбандӣ шудааст:

1. Қасоид, тағаззул, қитъа ва пораҳои бозмонда аз онҳо – 550 байт. Дар ин миён дар яктоӣ абёти 4 шеър ба ҷойи ду мисроъ як мисроъ омадааст, ҷойи мисроъҳои тоқро нуқтаҳо (...) иваз кардааст;
2. Рубоиёт – 36 рубоӣ (36 х 2 = 72 байт);
3. Абёти пароканда – 224 байт ва 3 мисраи ҷудогона;
4. Абёти бозмонда аз маснавиҳо – 219 байт, аз ҷумла:

а) "Калила ва Димна" – 73 байт;
б) "Синдбоднома" – 60 байт;
в) Маснавӣ дар баҳри мутақориб – 42 байт;
г) Маснавии баҳри хафиф – 23 байт;

г) Маснавии баҳри ҳазаҷ – 12 байт;

д) Маснавии дигар аз баҳри ҳазаҷ – 3 байт;

е) Маснавии баҳри музореъ – 3 байт;

ё) Маснавии баҳри сареъ – 3 байт.

Ҷамъи абёти мазкур ба 1065 байт ва 3 мисроъ баробар аст.

Ҳамчунин, дар фасли ҷудогонае аз ин китоб "ашъори дигарон, ки ба номи Рӯдакӣ забт кардаанд" оварда шудааст, ки ҳамагӣ 22 байт мебошад.

Ҳамин тавр, мероси то ба мо боқимондаи султони шоирони Аҷам устод Рӯдакӣ, ба истисноби чанд қасида, ғазал, рубоӣ ва қитъа, асосан аз байту мисраъҳои пароканда иборат мебошад.

Рӯдакӣ дар тӯли умри дароз шеъри зиёде гуфта ва чандин маснавиҳо таълиф кардааст, ки китоби манзуми "Калила ва Димна" ва "Синдбоднома" аз ҷумлаи онҳо буда, пора ва абёти парокандае аз онҳо то замони мо боқӣ мондааст. Вале аз суханони муаллифони сарчашмаҳо маълум мешавад, ки ашъори ӯ бисёр будааст. Дар боло аз қавли Рашидӣ ёдовар шудем, ки ҳадди миёна ашъори шоирро беш аз дусад ҳазор байт донистааст. Ба гуфтаи Авфӣ дар "Лубоб-ул-албоб" "ашъори ӯ сад дафтар баромадааст". Назари олимони имрӯза чунин аст, ки ашъори Рӯдакӣ дар ҳудуди сад ҳазор байт буда, бо амри Наср ибни Аҳмади Сомонӣ "Калила ва Димна"- ро ба назм даровард. Аз он ҳама ашъори Рӯдакӣ, чунонки маълум шуд, ба ҷуз чанд қитъаву қасида, абёти пароканда дар ҳудуди ду ҳазор байт дигар чизе боқӣ намондааст. Рӯдакӣ назди ҳамзамонони худ ва шоирони бузурги порсигӯй соҳиби шаъну эътибори зиёде буд. Шоирони тавоное, ба монанди Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Унсурӣ, Низомии Арӯзӣ ва дигарон бузургии ӯро ситудаанд.

Зиндагиноманависи машҳури асри XVII Ҳоҷӣ Халифа аз фарҳанги арабӣ-форсие ном мебарад, ки онро Рӯдакӣ сохта ва номаш "Тоҷ-ал-масодир" будааст.

**Маснавиҳои Рӯдакӣ**. Маснавиҳои «Калила ва Димна», «Даврони офтоб» ва «Синдбоднома»-и шоир бо номҳояшон маълуманд, ки дар миёни онҳо "Калила ва Димна" бисёр машҳур ва аз овозаи бузурге бархурдор аст. Инчунин, Рӯдакӣ шаш маснавии ҳамосии дигар ҳам дошта, ки дар вазнҳои мутақориби мусаммани мақсур, хафифи аслами мусаббағ,

ҳазаҷи мусаддаси мақсур, музореъи мусаддаси маҳзуф, сареъи матвии мавқуф, ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф будаанд. Мутаасифона, номи ҳеҷ яке аз ин маснавиҳо то замони мо ба дурустӣ боқӣ намондаанд. Ҳоҷӣ Халифа мегӯяд, ки номи яке аз ин манзумаҳо "Ароис-ун-нафоис" будааст.

Рӯдакӣ нахустин шоирест, ки асари машҳури "Калила ва Димна"-ро ба шеъри порсии дарӣ даровардааст. Вай ба дастури Амир Наср ба ин кор пардохта ва тарҷумаи арабии Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ва тарҷумаи порсии Абӯалии Балъамиро асоси кори хеш қарор додааст. Овардаанд, ки Рӯдакӣ вопасин веросторшии ин манзумаро ҳангоме анҷом дода, ки дигар нобино будааст.

Китоби "Калила ва Димна" сайри таърихии ҷолибе дорад: маҷмӯаи ҳикоёти ҳиндӣ, ки "маҳсули фикр ва натиҷаи таҷрибаи зиндагии донишмандони Ҳинд"-и бостон буд, дар замони ҳукмронии Хусрави Анӯшервони Сосонӣ (531-579) тавассути Барзуяи табиб аз Ҳинд ба Эрон оварда ва ба забони паҳлавӣ баргардонида шуд. Достонҳои дигареро ҳам аз манобеи дигари ҳиндӣ, ба монанди "Маҳабҳарата" донишмандони эронӣ бар он афзуданд. Ин тарҷумаву таҳрири паҳлавӣ аз миён рафтааст. Як нусхаи дастнависи "Калила ва Димна", ки тарҷумаи суриёнӣ аз ҳамин асли паҳлавист, маҳфуз мондааст.

Дар замони хилофати Аббосиён, ки нуфузи фарҳанги эронӣ афзуда, ҳаракати сиёсӣ ва иҷтимоии шуубия авҷ гирифта буд, Ибни Муқаффаъ "Калила ва Димна"-ро аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума кард. Ин тарҷума бо тағйиру такмил танзим шудааст. Тарҷумаи мазкур аз муқаддимаи Ибни Муқаффаъ бо иловаҳо, ҳикоёти бар он афзуда ва асли ҳикоёти ҳиндӣ мураттаб шудааст. Шоирони араб Обон ибни Абдулҳамиди Лоҳиқӣ (750-815), Саҳл ибни Навбахт (шоири асри VIII ва эронинажод), Алӣ ибни Довуд ва дигарон "Калила ва Димна"-ро ба назми арабӣ даровардаанд. Дар замони подшоҳ Наср ибни Аҳмади Сомонӣ (ҳукмрониаш: 914-943) аз нусхаи арабии Ибни Муқаффаъ "Калила ва Димна" гӯё бо саъйи Абулфазли Балъамӣ ба забони порсии дарӣ ба наср тарҷума шуд, ки то ба мо омода нарасидааст. Аз рӯйи ҳамин тарҷума ва бо хоҳиши вазир Абулфазли Балъамӣ дар соли 932 Рӯдакӣ "Калила ва Димна"-ро ба риштаи назм медарорад, ки аз ин кори шоир танҳо абёте боқӣ мондаасту

бас. Соли 1144 Абулмаолии Насруллоҳ нусхаи арабии Ибни Муқаффаъро ба насри маснуъи замони худ тарҷума карда, онро ба Баҳромшоҳи Ғазнавӣ мебахшад, ки ин тарҷума то ба рӯзгори мо расидаву машҳур мебошад. Дар матни нусхаи мазкури Абулмаолии Насруллоҳ барои тақвияти гуфтор, тафсилу тавзеҳи маъниҳои нозук ва зеби сухан аз порчаҳои шеърӣ (ҳам арабӣ ва ҳам порсӣ), оёту аҳодис, суханони ҳикматнок ва зарбулмасалу мақол ба таври фаровон истифода шудааст. Аҳмади Қонеӣ дар Осиёи Сагир, соли 1257 "Калила ва Димна"-ро аз рӯйи матни Абулмаолии Насруллоҳ ба номи Иззуддини Кайковус (яке аз ҳукмронони Салҷуқӣ) ба назм даровarda, ки дар вазни "Шоҳнома" ва дар ҳаҷми 4500 байт мебошад. Дар охири асри XV Ҳусайн Воизи Кошифӣ матни Абулмаолии Насруллоҳро бо унвони "Анвори суҳайлӣ" мувофиқ ба насри замони худ таҳрир карда, онро ба вазири Ҳусайни Бойқаро – Низомуддин Аҳмади Суҳайлӣ мебахшад. Дар асри XVI Абулфазл ибни Муборак "Калила ва Димна"-ро бо номи "Иёри дониш" ба забони содатар ва мафҳум ба муҳити адабии рӯзгори худ таҳрир мекунад. Инчунин, "Калила ва Димна" ба зиёда аз шаст забони дунё тарҷума ва чоп шудааст.

Байтҳое пароканда аз "Калила ва Димна"-и Рӯдакӣ дар баъзе маъхазҳо, аз ҷумла фарҳангҳо сабт шуда ва аз рӯйи онҳо метавон баҳр ва вазни онро муайян кард:

- v - - / - v - - / - v -

фоъилотун фоъилотун фоъилун (ё фоъилон)
Рамали мусаддаси маҳзуф (ё мақсур)

Шеъри машҳури зерин аз ҳамин маснавӣ мебошад:

То ҷаҳон буд аз сари Одам фароз,
Кас набуд аз рози дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон
Рози донишро ба ҳар гуна забон
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг-андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Порчаи нисбатан дарозтари дигаре, ки аз ин маснавӣ боқӣ мондаасту ба ҳам пайвастатар чунин аст:

Димнаро гуфто, ки то ин бонг чист
Бо ниҳебу саҳм, ин овойи кист?

Димна гуфт ӯро: Ҷуз ин ово дигар
Кори ту на ҳасту сахме бештар!
Об ҳар чӣ бештар нерӯ кунад,
Банду варги сусту пуда барканад.
Дил гусаста дорӣ аз бонги баланд,
Ранҷаке бошад-т озору газанд!

Ин абёт ҳамхон бо он бахши тарҷумаи арабии "Калила ва Димна" ба дасти Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ аст, ки дар он сухан аз он меравад, ки шер бо шунидани бонги гов аз бим бар худ ларзид, зеро пештар чунин овозе ба гӯшаш нарасида буд. Димнаро гуфт: "Намедонам чӣ овое аст, ки мешунавам? Ба ҳар ҳол меандешам, ки тани дорандаи он ҳамхон бо овояш ҳаст ва нерӯяш баробар бо бузургияш. Агар чунин бошад, ки ин ҷо ҷойи мо нест".

Димна гуфт: "Оё чизи дигаре ҷуз ин бонг шоҳро ба ташвиш намеандозад?"

Шер гуфт: "Чизе ҷуз ин маро ба ташвиш намеандозад".

Димна гуфт: "Нописанд аст, ки ин ово шоҳро водор ба тарки ҷояш кунад. Гуфтаанд: Об банди сустро мешӯяд ва ба худ болидан хирадро; сухани пурҳаёҳу диловариро мешиканад ва бонги баланд дили ларзонро мегсалад".

Эҳтимол, Рӯдакӣ дар ин маврид тарҷумаи порсии дариро пешорӯ дошта ва бисёр мӯшикофона ҳамаи бахшҳои асосии ривоятро ба назм даровардааст.

Дар маҷмӯъ, дар асоси ҳамаи фарҳангҳо 88 байт аз "Калила ва Димна" гирдоварӣ шудааст.

Мувофиқи ахбори муаллифи "Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ", манзумаи дигари Рӯдакӣ – "Даврони Офтоб" ҳам дар ҳамон баҳр ва вазни "Калила ва Димна" суруда шудааст.

Ховаршиноси номии олмонӣ Паул Ҳорн дар пешгуфтори ба фарҳанги "Луғати фурс"-и Асадии Тӯсӣ нигоштааш бар ин пиндор аст, ки баъзе байтҳои Рӯдакӣ, ки дар ин фарҳанг ҳаст, муяссар месозад биандешем, ки ӯ манзумае ҳам дар бораи "Синдбод ва макри зан", ки дар бисёре аз адабиёти Ховарзамин густарише бузург ёфта, сурудааст. Имрӯз, пас аз чопи интиқодии китоби "Синдбоднома", ки дар асри XII онро Муҳаммад Заҳирии Самарқандӣ навишта ва бегумон, бояд виростории "Синдбоднома"-и марде ба номи Амиди Фанорӯзӣ бошад, ки матни онро ба дастури Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ аз порсии паҳлавӣ ба порсии дарӣ

баргардонидааст, ҳамаи гумону шубҳаҳоро дар ин бора бартараф месозад.

Ҳамхонӣ миёни сурудаҳои Рӯдакӣ бо китоби Заҳирӣ маълум месозад, ки Заҳирӣ дар дарунмояи китобе, ки онро бунёди кори хеш ниҳода, ҳеҷ даст набурда, танҳо ҷойи забони содаи Фанорӯзиро, ки то ҷое кӯҳна ҳам шуда буд, ба забони муглақи мавридписанди рӯзгори худаш додааст. Аз ин далелҳо маълум мешавад, ки Рӯдакӣ ҳамон гуна, ки тарҷумаи куҳани "Калила ва Димна"-ро ба шеър пардохта, ба ҳамон сон ҳамин корро бо тарҷумаи "Синдбоднома" ҳам карда ва ҳамон матнеро, ки Фанорӯзӣ тарҷума карда буд, бунёди манзумаи хеш сохтааст. Пораҳои бозмондаи ин манзума менамоёнад, ки он забоне сода ва иборатҳое зинда доштааст:

Гуфт: Ҳангоме яке шаҳзода буд,
Гавҳарию пурҳунар, озода буд.
Шуд ба гармоба дарун як рӯз ғӯшт,
Буд фарбеҳу калону хубгӯшт.

Ин пора аз достони чордаҳуми китоб аст, ки дар он ҷо сухан аз шоҳзодае аз Қануҷ меравад. Заҳирӣ ба ҳангоми сухан аз паҳлавони худ мегӯяд: "Шахси ӯ ъазимлаҳим буд", ки бо "хубгӯшт"-и Рӯдакӣ ҳамхон аст.

Ё худ, пораи зерини зиндаву ҷондор бахши нуҳуми достони зани хушбоварест, ки баққол тардастона найранг ба кораш зада, аммо тавонистааст, шӯйи хешро бифиребад:

Он гурунҷу он шакар бардошт пок
В-андар он дастори он зан баст хок.
Он зан аз дуккон фуруд омад чу бод,
Пас фаларзангаш ба даст-андар ниҳод.
Шӯй бикшод он фаларзаш, хок дид,
Кард занро бонгу гуфташ: Ай палид!

Мутаассифона, ин асари хуби шоир ҳам то ба мо нарасида ва шояд бе бозгашт аз даст рафтааст.

**Қасидаҳои Рӯдакӣ**. Дар сарчашмаҳои муътабари куҳан аз Рӯдакӣ ҳамчун достонсаро камтар сухан меравад. Ӯ барои онҳо, пеш аз ҳама, устоди беҳамтои қасида аст. Эҳтимол, бештари ашъори шоирро бояд қасида ташкил медода бошад, чунки навъи шеърии беш аз ҳама ривоҷёфта дар назми асри X қасида буд. Устод Рӯдакӣ нахустин шоирест, ки намунаҳои комили қасидаи порсӣ дар эҷодиёти ӯ то ба мо расидаанд. Аз ин ҷост, ки асосгузори қасидаи мукаммал дар адабиёти мо

устод Рӯдакӣ мебошад.

Дақиқӣ, ки шоири ҳамзамони кеҳтари Рӯдакӣ мебошад, мегӯяд:

Устод Шаҳид зинда боистӣ
В-он шоири тирачашми равшанбин.
То шоҳи маро мадеҳ гуфтандӣ
Б-алфози хушу маонии рангин.

Ҳамин шоир дар ҷойи дигар мефармояд:

Киро Рӯдакӣ гуфта бошад мадеҳ,
Имоми фунуну суханвар бувад.
Дақиқӣ мадеҳ оварад назди ӯ,
Чу хурмо ба сӯйи Ҳаҷивар бувад.

Дар ин байт "Ҳаҷивар" номи дигари Баҳрайн буда, ки дар он рӯзгорон беҳтарин хурморо аз он ҷо меовардаанд.

Рӯдакӣ барои шоирони дарбори Ғазнавиён ҳам, ки дар огози асри XI зиндагӣ кардаанд, ҳамчун устоди қасида шинохта шудааст. Масалан, Фаррухӣ хитоб ба султон мегӯяд:

Шоиронат чу Рӯдакиву Шаҳид,
Мутрибонат чу Саркашу Саркаб.

Манучеҳрӣ ҳам ба ашъори Рӯдакӣ арзиши волое қоил аст. Ӯ дар ситоиши Фазл ибни Муҳаммади Ҳусайнӣ мегӯяд:

Шоиру меҳтардил асту зираку воло,
Рӯдакии дигар асту Наср бин Аҳмад.

Ғазоирии Розӣ, Амир Муиззии Нишопурӣ (амир-уш-шуарои дарбори Салҷуқиён), Адиб Собир ва "устоди сабки моҳирона ва печидаи шеъри порсӣ" Хоқонии Шарвонӣ (бо вуҷуди он, ки шоирро "резахӯри хони худ" медонад) худро шогирдони Рӯдакӣ медонистаанд. Носири Хусрав ҳам ба шеъри Рӯдакӣ баҳои баланд додааст.

Хушбахтона, яке аз қасидаҳои Рӯдакӣ, ки бо унвони "Модари май" машҳур аст, бе каму кост ба воситаи китоби "Таърихи Систон" - аз муаллифе гумном, ки тақрибан дар чоряки дувуми асри XI таълиф шудааст, то ба мо омада расидааст. Ин қасида бо абёти зерин огоз мешавад:

Модари майро бикард бояд қурбон,
Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.
Баччаи ӯро аз ӯ гирифт надонӣ,
Т-ош накӯбӣ нахусту з-ӯ накашӣ ҷон!

Ин қасидаи Рӯдакӣ наваду чаҳор байт аст.

Дар ин қасида, ки 57 байти вопасин ҳама дар мадҳ аст,

дар қиёс ба қасидаҳои шоирони баъдӣ, “ҳама чиз ростӣ ва ҳама чиз намоён аст”, бо хондани он манзараи базми маликона ба чашм намудор мегардад. Ба эътирофи муҳаққиқон, қасидаи дигаре ба сони “Модари май” дар ҳамаи даврони шеъри порсӣ ёфт намешавад.

Рӯдакӣ низ мисли дигар шоирони қасидасаро аз муболигаву игроқ, ки хос ва лозимаи қасидаи мадҳӣ аст, дурӣ намеҷӯяд, аммо ӯ ҳамроҳ бо санъатҳои мазкур содагӣ ва осонбаёнии шеър ва ё ба таъбири дигар, сухани рӯдакиворро ба таври хубу сара нигоҳ медорад. Ба қавли худи шоир:

Инак мадҳе, чунонки тоқати ман буд,
Лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон.

Дурахшандагӣ, зиндадилӣ ва шодмонӣ аз зиндагӣ аз ҷумлаи муҳимтарин мухтассоти шеъри Рӯдакӣ, аз чумла аксари қасидаҳои ӯ мебошад. Кашиши шеъри шоир дар он ҳам зоҳир мешавад, ки шоир “бо овардани нигораи содатарин рухдодҳои рӯзона тавонистааст ба онҳо дурахшиши ҷашну сурур” бахшад:

Пешам омад бомдодон он нигорин аз кадӯх,
Бо ду рух аз бода лаълу бо ду чашм аз сеҳр шӯх.

Мусалламан, Рӯдакӣ ҳамеша чунин рӯҳияе хушҳолона надоштааст. Чунонки аз қасидаи дигари шоир, ки бо унвонҳои “Пирӣ” ва ё “Шикоят аз пирӣ” машҳур аст, шоир дар фарҷоми рӯзгори хеш ҳолати хубе надоштааст.

Рӯдакӣ, шояд ба ҳангоми танҳоӣ ва ё ба эҳтимоли қавӣ дар поёни зиндагии хеш бештар ба маънии зиндагӣ меандешидааст. Аз ҷумла, дар шеъри зерин:

Зиндагонӣ, чи кӯтаҳу чи дароз
На ба охир бимурд бояд боз?!

Аз рӯйи мушоҳидаҳои рӯдакипажӯҳон муҳимтарин мухтассоти шеъри Рӯдакӣ ба қарори зайл аст: мардумӣ будани осор, содагии баён, гановати вожагонӣ, ғарқа накардани чакомаҳояш дар лугати араб, касрати истифодаи амсала, наздикӣ ба забони таронаҳои мардумӣ, дурӣ ҷустан аз фарҳанги араб.

Рӯдакӣ дар корбасти авзони шеърӣ низ маҳорати махсус дорад. Саъид Нафисӣ ба мушоҳида гирифтааст, ки “дар шеърҳои Рӯдакӣ баҳрҳои бисёр камёбе дида мешавад, ки пас аз ӯ ҳеҷ шоире дар он баҳр шеър нагуфта ва онро ба кор набурдаанд, мисли мутақорибе ба сохти зайл:

Гули баҳорӣ, бути таторӣ,
Набид дорӣ, чаро наёрӣ?!
Набиди равшан, чу абри баҳман,
Ба назди гулшан чаро наборӣ?!

А: V - V - - / V - V - -
V - V - - / V - V- -

Б: V - V / - - / V - V / - -
V - V / - - / V - V / - -

Мутақориби мусаммани мақбузи аслам.

Мувофиқи қавли муаллифи китоби "ал-Муъҷам...", Рӯдакӣ нахустин шоире мебошад, ки навъи шеърии рубоиро дар шеъри порсии дарӣ ба кор бурд. Оҳангҳои монанд ба мавзӯоти рубоӣ дар он замон ва дар замонҳои баъдӣ низ бештар хоси таронаҳои мардумӣ буд. Аз ин ҷо ба суннатҳои мардумӣ таваҷҷуҳи зиёд доштани шоир бори дигар ба исбот мерасад. Аз шеърҳои шифоҳии мардум сарчашма гирифтани аксари ашъори Рӯдакӣ боис ба он гардидааст, ки шоир аз оҳангҳои марсуми шеъри араб, ки дар он рӯзгор маълум будааст, дурӣ ҷуста, тарзи сухани махсусеро роҳандозӣ бикунад, ки муҳтимтарин вижагии он "саҳли мумтанеъ" аст ва ё сухани рӯдакивор, ки дар тӯли таърих ва то кунун низ "гӯӣ осонаш, валекин нест осон гуфтанаш".

Донишмандон дар қасидаи "Модари май", маснавии "Калила ва Димна" ва дигар шеърҳои Рӯдакӣ таъсири андешаҳои эронӣ (тоҷикӣ)-и бостонро дар бораи мавҷудияти олам, омӯзанда будани рӯзгор мушоҳида кардаанд. Дар қасидаи "Модари май" гояи эронии маргу зиндагонӣ бо намуна аз модари май – қурбон кардани ангур ва ҳосил шудани май тасвир шудааст.

**Қасидаи "Шикоят аз пирӣ"**. Қасидаи "Шикоят аз пирӣ", ки қасидаи комил дар шакли муқтазаб (мухтасар) мебошад, шарҳиҳолӣ буда, аз сию чаҳор байт иборат аст. Шоир ин қасидаро дар айёми пирӣ ва рӯзҳои сахти зиндагиаш навиштааст:

Маро бисуду фурӯ рехт, ҳар чӣ дандон буд,
Набуд дандон, ло, бал чароғи тобон буд.
Сапеди симрада буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатра борон буд!
Яке намонд кунун з-он, ҳама бисуду бирехт,
Чӣ наҳс буд, ҳамоно ки наҳси Кайвон буд!...

Ба ҳамин равиш шоир ҳикмати зиндагии худро баён мекунад. Рехтани дандонҳои чун ситораи саҳарӣ тобон дар диди аввал ба таъсири наҳси Кайвон, гардиши рӯзу шаби фалак буд. Дар асл ҷаҳон ҳамеша чунин гирдгардон аст. Гардиши замон ҳар чизи навро ба замоне куҳан мекунад ва акси он. Боғи хуррам ба биёбони шикаста ва биёбон ба боғи хуррам табдил меёбад. Шоир аз ҳоли худ сухан гуфта, ба қонуни табдили коинот ва ҳаёти одамӣ мурочиат мекунад.

Баъди ин насиб, ки сухан аз ягонагии қонуни зиндагии шахс ва ҳастии вуҷуди он аст, боз бо руҷӯъ ба ҳоли худ ва дар хитоб ба моҳрӯйи мушкинмӯй ба чигунагии ҳолати худ бармегардад, ки пеш чӣ сон буд? Дар ин андешаронӣ қонуни зиндагии шахс ба ҳастии вуҷуд пайваста омадааст. Замоне мӯяш печида (чавгон), рӯяш ба сони дебо ва мӯяш қатрон буд. Ҳама хубӣ вуҷуди кӯтоҳи меҳмонӣ дошт ва ин меҳмони азиз бишуду намонд. Басо нигор аз чашми ӯ ҳайрон буд ва чашми вай ҳайрон ба рӯйи он. Замона шоду хуррам, бо нишоти фаровон буд. Дирам зиёд дошту зебоёни туркро мехарид ва ба ҳама воситаҳои хушгузаронии рӯзгор дастрасӣ дошт. Гузашта аз ин, қалбаш хизонаи пурганҷ ва муносиб ба он ганҷи сухан буд. Дар ҳамин ҷо шоир ба ҳоли суханварии худ руҷӯъ мекунаду мегӯяд:

Ҳамеша шоду надонистаме, ки ғам чӣ бувад,
Дилам нишоту тарабро фарох майдон буд.
Дилам хизонаи пурганҷ буду ганҷ сухан,
Нишони номаи мо меҳру шеър унвон буд.
Басо дило, ки ба сони ҳарир карда ба шеър,
Аз он сипас, ки ба кирдори сангу сандон буд…

Аз ҳоли шоирӣ боз ба кайфияти зиндагонӣ мурочиат мекунад. Дигар нигоҳ ба зулфакони чобук дошт ва мушкили хонаводагӣ набуд. Боз шоир ба моҳрӯй мурочиат мекунад, ки акнун ҳолашро мебинӣ, он замона дигар буд, монанди ҳазордастон суруд мехонд:

Ту Рӯдакиро, ай фағ, кунун ҳамебинӣ,
Бад-он замона надидӣ, ки инчунинон буд.
Бад-он замона надидӣ, ки зӣ чаман рафтӣ,
Сурудгӯён, гуфтӣ, ҳазордастон буд!
Шуд он замона, ки ӯ унси родмардон буд,
Шуд он замона, ки ӯ пешкори мирон буд.
Ҳамеша шеъри варо зи мулук девон аст,

Ҳамеша шеъри варо зи мулук девон буд.
Шуд он замона, ки шеъраш ҳама чаҳон бинвишт,
Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.
Кучо ба гетӣ будаст номвар деҳқон,
Маро ба хонаи ӯ сим буду ҳумлон буд.
Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,
Варо бузургию неъмат зи оли Сомон буд...
Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
Асо биёр, ки вақти асову анбон буд.

Андешаи дигаргун шудани кас аз диди зебоӣ ба коҳиши ҳол, шоири бузурги замон ва пешкори амирон будан, эътибор назди шоҳону деҳқонони номвар ва расидани замони такя ба асо кардан асоси мазмуни ин қасидаи Рӯдакӣ мебошад.

**Қасидаи "Модари май"**. Қасидаи "Модари май" намунаи комили қасидаи мадҳӣ мебошад. Ин қасида аз 94 байт иборат буда, аз нигоҳи устухонбандӣ ва сохти композитсионӣ аз панч бахш-ташбиб (байтҳои 1-21), гурез (байтҳои 22-35), мадҳ (байтҳои 36-74), талаб (байтҳои 75-91) ва дуъо (байтҳои 91-94) иборат аст:

Модари майро бикард бояд қурбон,
Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.
Баччаи ӯро аз ӯ гирифт надонӣ,
То-ш накӯбӣ нахусту з-ӯ накашӣ чон!
Чуз ки набошад ҳалол дур бикардан
Баччаи кӯчак зи шири модару пистон.
То нахурад шир ҳафт маҳ ба тамомӣ
Аз сари урдибиҳишт то буни обон!
Он гаҳ шояд зи рӯйи дину раҳи дод
Бачча ба зиндони тангу модар қурбон.
Чун бисупорӣ ба ҳабс баччаи ӯро,
Ҳафт шаборӯз хира монаду ҳайрон...

**Панду андарзҳои Рӯдакӣ**. Панду андарз ва насиҳат дар осори Рӯдакӣ хеле зиёд аст ва қариб дар ҳамаи анвои боқимондаи ашъори шоир намунаҳои онро пайдо кардан мумкин аст. Аз ин чо бармеояд, ки устод Рӯдакӣ ба масъалаҳои тарбиявию ахлоқӣ таваччуҳи зиёд доштааст. Маснавии "Калила ва Димна", ки бо байти зерин оғоз мешавад, саросар фарогири мазмуни ахлоқӣ будааст:

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.
Дигар намунаи панду андарзҳои шоир:
Ба чашми дилат дид бояд ҷаҳон,
Ки чашми сари ту набинад ниҳон!
Бад-он ошкорат бубин ошкор,
Ниҳони-тро бар ниҳонӣ гумор!

Ва:

Чаҳор чиз мар озодаро зи гам бихарад:
Тани дурусту хӯйи неку номи неку хирад.
Ҳар он, ки эзадаш ин ҳар чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахв(а)рад.

Ва ё:

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Ё худ:

Ҳеч ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рав туву ин ганҷ неҳ.

Ё худ:

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт.
Ин теғ на аз баҳри ситамгорон карданд,
Ангур на аз баҳри набиз аст ба чархушт.
Исо ба раҳе дид, яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт.
Гуфто, ки «киро куштӣ, то кушта шудӣ зор?
То боз кӣ ӯро бикушад, он ки туро кушт?».
Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт.

Боз:

Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон!
Ҳеч талхӣ нест дар дил талхтар
Аз фироқи дӯстони пурҳунар!

Боз:

Он киро донам, ки ӯям душман аст
В-аз равони пок бадхоҳи ман аст,
Ҳам ба ҳар гаҳ дӯстӣ ҷӯям-ш ман,
Ҳам сухан б-оҳистагӣ гӯям-ш ман.

Боз:

Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,
Шӯрбахт он, ки ӯ нахӯрду надод.

Боз:

Замона аспу ту ройиз ба ройи хешат тоз,
Замона гӯйу ту чавгон баройи хешат боз!

Боз:

Ҳар киро роҳбар заган бошад,
Гузари ӯ ба марғазан бошад.

2. **Шаҳиди Балхӣ**. Абулҳасан Шаҳид ибни Ҳусайни Варроқи Ҷахудонакии Балхӣ (879, Балх-937) ҳамзамони машҳури Рӯдакӣ буд ва назди шоирони муҳити адабии Бухорои асри X соҳиби мақому мартабаи хосе дошт. Ёқути Ҳамавӣ дар китоби «Муъҷам-ул-булдон» номи Шаҳидро зайли калимаи «Ҷуҳудонак» ба сурати Абулҳасан Шаҳид ибни Ҳусайни Балхӣ ал-Варроқ ал-Мутакаллим овардааст. Аз ин маълум мешавад, ки шугли оддии Шаҳид саҳифабанд, ё худ китобфурӯшӣ будааст. Ҷахудонак дар он рӯзгорон аз деҳоти наздики Балх будааст. Падараш аз ҳамин деҳа ба Балх меравад ва дар он ҷо Шаҳид ба дунё меояд. Шаҳид дар зодгоҳаш таҳсил намуда, илмҳои замонаашро аз бар намуда ва дар ҳамон ҷо ба камол расидааст.

Шоирони замон, ҳамчунон ки бо гиромидоште махсус Рӯдакиро эътироф кардаанд, ба ҳамон андоза аз Шаҳиди Балхӣ ҳам ёд менамоянд. Шаҳид шоири устод ва донишманду ҳакими маъруфи замони худ будааст. Беҳуда нест, ки Рӯдакӣ аз миёни шоирони ҳамзамони худ танхо Шаҳидро шоир ва дигаронро ровӣ гуфтааст:

Шоир Шаҳиду шуҳра Фороловӣ
В-он дигарон ба ҷумла ҳама ровӣ.

Зиндагиномаи Шаҳиди Балхӣ ба дурустӣ рӯшан нест. Дар мавриди соли таваллудаш ҳам маълумоти дақиқе ироа нашудааст. Дар мавриди вафоташ ҳамин қадар маълум аст, пеш аз Рӯдакӣ вафот ёфта ва қофиласолори шеъри порсӣ дар марги Шаҳид марсия сароидааст:

Корвони Шаҳид рафт аз пеш,
З-они мо рафта гиру меандеш.
Аз шумори ду чашм як тан кам
В-аз шумори хирад ҳазорон беш.

Чунонки мебинем, ба назари Рӯдакӣ, Шаҳид дар шумори ақл аз ҳазорон тан бештар будааст, ки ин андеша далели раднашавандае ба ҳакими мутакаллим будани Шаҳиди Балхӣ мебошад. Муаллифони сарчашмаҳои муътабар дар мавриди Шаҳид маълумоти мухтасар, вале хеле муфид додаанд, ки низ шоҳиди бузургии шоири ҳаким ҳастанд. Масалан, Ибни Надим дар «ал-Феҳрист», дар мавриде, ки сухан аз Закариёи Розӣ ғиреҳ мехурад, менависад, ки ба рӯзгори Розӣ марде буд машҳур ба Шаҳид ибн ал-Ҳусайн, ки лақаби Абулҳасан дошт. Ӯ дар илм пайрави ақоиди Розӣ буд, таълифоте дорад, аммо китобе ҳам навиштааст, ки дар он бо Розӣ меситезад. Ӯро бо Закариёи Розӣ мунозироте буда ва ҳар яке дигареро танқид ва рад кардаанд. Аз феҳристи асарҳои Розӣ, ки Ибни Надим овардааст, маълум мешавад, ки дар он миён таҳти унвони «Китоби мухолифат бо шаҳиди Балхӣ перомуни мухолифати ӯ дар масъалаи моҳияти лаззат» аз китобе ёд шуда, ки дар он дар мухолифат бо дидгоҳи Шаҳид баҳс сурат гирифтааст.

Абӯсулаймон Мантиқии Систонӣ дар китоби «Савонеҳ-ул-ҳикмат», ки имрӯз қисмате аз он боқӣ мондааст, аз Шаҳид ёд карда ва китоби «Тафзил лаззати-н-нафс ъало лаззати-л-бадан»-ро ба вай нисбат дода, оид ба мавзӯи лаззат ва тақсими он ба ҷисмонию нафсонӣ баҳс намудааст. Ба назари Шаҳиди Балхӣ, лаззатҳои ҷисмонӣ нопойдору зудгузар буда, лаззати нафсонӣ ба лаззати рӯҳонӣ наздик ва пойдору бартар буда, инсонро ба камоли инсонӣ мерасонад.

Мусалламан, Шаҳиди Балхӣ соҳиби нубуги шоирӣ буда, аз ҷумлаи шоирони соҳибном маҳсуб мешуда, вале, мутаассифона, аз ашъори ӯ то ба мо микдори хеле кам, танҳо беш аз 84 байт боқӣ мондааст. Шаҳид дар сурудани ашъори арабӣ ҳам маҳорати комилро соҳиб будааст. Аз нигоҳи анвои шеърӣ ашъори боқимондаи шоир ҳамсони қасида, ғазал, рубоӣ ва қитъа мебошанд.

Шаҳид бино ба расми замон бештар қасида месароидааст. Қасидаҳои ӯ мадҳӣ буда, насибашон ё тасвири табиат буда ва ё шарҳи эҳсосоти ошиқона. Аз ҷумла, дар абёти зерин, ки насиби ошиқона дорад, тасвири манзараи табиат ва сӯзу ранҷи ошиқ ба ҳам омадаанд:

Абр ҳаме гиряд чун ошиқон,
Боғ ҳаме хандад маъшуқвор.

Раъд ҳаме нолад монанди ман,
Чунки бинолам ба саҳаргоҳ зор.

Аз мамдуҳони Шаҳид ду тан шинохта шудаанд, ки яке Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ва дигаре Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ мебошад. Мамдуҳи дувум аз хонадони машҳури Ҷайҳониён бархоста, ки муддате маснади вазоратро ҳам ба ихтиёр дошта, дар навбати худ, аз ҷумлаи донишмандони машҳруи асри X маҳсуб мешудааст.

Шаҳид дар радифи қасида ашъори ҳаҷвӣ ва панду андарзу ҳикмат ҳам сароидааст. Ҳаҷвияҳои шоир хусусияти фардӣ дошта, алайҳи ин ё он шоир ва ба хотири мавқеъ пайдо кардан дар ҷомеа гуфта шудаанд. Маълум мешавад, ки Шаҳид ба мавқеи иҷтимоии донишмандон бетараф набудааст, чунонки дар абёти зерин мушоҳида мешавад:

Донишу хоста аст наргису гул,
Ки ба як ҷой нашгуфанд ба ҳам.
Ҳар киро дониш аст, хоста нест
В-он киро хоста аст, дониш кам.

Ба назари Шаҳид, донишмандони рӯзгори вай зиндагии душвор дошта, аз гиромидошти сазовор бархурдор набудаанд:

Донишо, чун дареғам ой аз он-к
Бебаҳоиву лек аз ту баҳост.
Бе ту аз хоста мабодам ганҷ,
Ҳамчунин зорвор бо ту равост.
Боадабро адаб сипоҳ бас аст,
Беадаб бо ҳазор кас танҳост.

Ва:

Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,
Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона.
Дар ин гетӣ саросар гар бигардӣ,
Хирадманде наёбӣ шодмона.

Шаҳиди Балхӣ дар замонааш ҳамчун хушнависи овозадор ва устоди хат ҳам эътироф шудааст. Шоҳиди ин сухан байтест, ки дар яке аз қасидаҳои Фаррухӣ, ҳангоми гиреҳ хурдани сухан аз дабир Абӯсаҳл, омадааст, ба таври зайл:

Хат нависад, ки бинашносанд аз хатти Шаҳид,
Шеър гӯяд, ки бинашносанд аз шеъри Ҷарир.

Вафоти Шаҳидро соли 325-и ҳиҷрии қамарӣ, яъне 938-и мелодӣ қайд кардаанд.

3. **Абӯшакури Балхӣ**. Абӯшакури Балхӣ (таваллудаш 915-вафоташ номаълум) аз ҷумлаи шоирони бузурги асри X маҳсуб будааст. Роҷеъ ба тафсилоти зиндагиаш маълумоти комил боқӣ намондааст. Замони зиндагиаш ба охири ҳаёти Рӯдакӣ ва оғози зиндагии Фирдавсӣ баробар будааст. Зеро мазмунҳоеро, ки Абӯшакур аз Рӯдакӣ гирифта ва ё таъсире, ки Фирдавсӣ аз Абӯшакур гирифтааст, ба ин гувоҳӣ медиханд. Номи шоир дар маъхазҳое, ки аз ӯ ёд кардаанд, зикр нашудааст, танҳо аз кунии ӯ ба сурати "Абӯшакур" ё "Бӯшакур" ёдоварӣ шудаасту бас.

Аз аҳволи Абӯшакур дар огози зиндагониаш маълумот надорем. Ҳамин қадар маълум аст, ки зодгохаш Балх буда, дар соли 303 ҳиҷрӣ (915-916 мелодӣ) таваллуд шудааст. Маълум нест дар чи замоне аз Балх муҳоҷират карда, ба марказҳои маъмуриву адабӣ, аз ҷумла ба Бухоро омада, бо маддоҳии амирону давлатмандон умр мегузаронидааст. Аз ашъораш маълум мешавад, ки дар дарбори Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ (943-954) буда, пас аз эҷоди "Офариннома" овозаи бузурге касб карда будааст. Илова бар ин, он чизе ки аз Абӯшакур боқӣ мондааст, нишон аз маҳорати гӯянда дар шеъру шоирӣ медихад. Тақрибан тамоми фаъолияти адабии шоир дар Бухоро ҷараён гирифтааст.

Аз осори Абӯшакури Балхӣ абёти парокандае ба воситаи фарҳангу тазкираҳо боқӣ мондааст, ки беш аз панҷсад байт мебошад. Муҳимтарин асари шоир, ки мо аз он огоҳӣ дорем, маснавии "Офариннома" мебошад, ки дар вазни мутақориб суруда шуда, байни солҳои 947-948 таълифаш ба поён расидааст. "Офариннома" ба маънии номаи офариниш ё номаи ситоиш мебошад. Аз ин асар танҳо абёти пароканда боқӣ мондааст, ки ин байт аз ҷумлаи онҳост:

Биёмӯз, то бад набошад-т рӯз,
Чу парвона мар хештанро масӯз.

Ба қавли Саъид Нафисӣ, Абӯшакур ду манзумаи дигар ҳам сурудааст, ки яке дар баҳри ҳазаҷ (баҳри "Хусрав ва Ширин"-и Низомӣ) ва дувумӣ дар бахри хафиф буда, аз онҳо абёти парокандае боқӣ мондааст. Абёти зерин аз маснавии баҳри ҳазаҷ боқӣ мондаанд:

Яке гуфташ, ки эй дорои кайҳон,
Кӣ ёрад кард бо ту макру дастон?

Дурустии амал гар хоҳӣ, эй ёр,
Зи алфанҷидани илм аст ночор!

Ин байтҳо аз маснавии баҳри хафиф аст:

Ҳар кӣ бошад сапузгор ба даҳр,
Нӯш дар коми ӯ бувад чун заҳр.
Ҳама даъво кунию хой жож,
Дар ҳама корҳо ҳақирию ҳож.

Дар бораи дарунмояи манзумаҳои Абӯшакур андешаи дақиқе баён кардан амри муҳол аст. Танҳо дар хусуси "Офариннома" ҳадс задаанд, ки он шомили достонҳое аз зиндагӣ ва анбошта аз омӯзаҳои ахлоқӣ будааст. Яке аз пораҳои боқимонда аз маснавии мазкур, ки ангезаи посух аз ҷониби Фирдавсӣ гаштааст, байтҳои зерин мебошанд:

Ба душман барат меҳрубонӣ мабод,
Ки душман дарахтест талх аз ниҳод.
Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,
Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо,
Ҳамон меваи талхат орад падид,
Аз ӯ чарбу ширин нахоҳӣ мазид.

Баъзе аз абёти боқимонда пораҳое аз қасидаҳои шоиранд. Масалан, байтҳои зерин аз яке аз насибҳои ошиқонаи шоир бисёр машҳур будаанд:

Аз дур ба дидори ту андар нигаристам,
Маҷрӯҳ шуд он чеҳраи пурҳусну малоҳат.
В-аз ғамзаи ту хаста шуд озурда дили ман
В-ин ҳукми қазоист: ҷароҳат ба ҷароҳат!

Дар миёни осори боқимондаи Абӯшакур ба навъи рубоӣ ҳам дучор мешавем, ки шабеҳи таронаҳои мардумӣ ҳастанд. Масалан, рубоии зерин аз нигоҳи оҳанг ҳамсони рубоиҳои халқист:

Эй гашта ман аз ғами фаровони ту паст,
Шуд қомати ман зи дарди ҳиҷрони ту шаст.
Эй шуста ман аз фиреби дастони ту даст,
Худ ҳеч касе ба сирату сони ту ҳаст!?

Аз нигоҳи муҳтаво муҳимтарин нуктае, ки хонандаро ба худ ҷалб мекунад, оҳангҳои панду андарз ва ҳикмати зиндагӣ мебошанд, ки, ба назари мо, аз адабиёти ахлоқии паҳлавӣ сарчашма мегиранд. Бахусус, Абӯшакур ба хираду хирадмандӣ арзиши зиёдеро қоил буда, дар ин замина ашъори зиёде сурудааст. Чанд намуна меорем:

Хирад чун надонӣ, биёмӯзадат,
Чу пажмурда гардӣ, барафрӯзадат.
Хирад бе миёнҷию бе раҳнамой
Бидонад, ки ҳаст ин ҷаҳонро Худой.

Ва:

Хирадманд донад, ки покию шарм,
Дурустию ростию гуфтори нарм
Бувад хӯи покон чу хӯи малак,
Чи андар заминӣ, чи андар фалак.

Дигар:

Хирад беҳтар аз чашму биноӣ аст,
На биноӣ, афзун зи доноӣ аст.
Хирад бод ҳамвора солори ту,
Мабод аз ҷаҳон ҷуз хирад ёри ту.

Таваҷҷуҳу эҳтироми Абӯшакур ба хирад ба ҳаддест, ки донишро баҳри бекарона медонад ва дастрасӣ ба нуқтаи ниҳоии онро номумкин ба қалам медиҳад:

То бад-он ҷо расид дониши ман,
Ки бидонам ҳаме, ки нодонам.

4. **Дақиқӣ**. Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмади Дақиқӣ (таваллудаш номаълум – вафоташ тақрибан миёни солҳои 978-980) аз шоирони бузурги аҳди амирони Сомонӣ буд. Вай дар миёни шоироне, ки ба сурудани "Шоҳнома" ба назм ҳиммат гумоштаанд, машҳур мебошад. Огоҳии мо дар бораи зиндагиномаи шоир бисёр андак аст Соли таваллуди шоир ба таҳқиқ маълум нест, вале ба эхтимоли қавӣ дар нимаи аввали асри Х таваллуд шудааст. Ҷойи таваллуди Дақиқиро муаллифони тазкираҳо ба ихтилоф шаҳрҳои Тӯс, Самарқанд, Марв, Ҳарӣ таъйин кардаанд. Аммо Абӯрайҳони Берунӣ ӯро аз Балх донистааст. Авфӣ дар маънии тахаллуси шоир навиштааст, ки "ӯро ба сабаби диққати маонӣ ва риққати алфоз" Дақиқӣ гуфтаанд. Дар хусуси мансубияти динии Дақиқӣ андешаҳои мухталиф мавҷуданд. Баъзе ӯро зардуштӣ гуфта ва қатлашро ҳам вобаста ба ҳамин эътиқодаш донистаанд. Забеҳуллоҳи Сафо бар он ақида аст, ки Дақиқӣ мувофиқи расми замон куния ва исми мусулмонӣ ихтиёр карда буд, вале ойини зардуштӣ дошт ва то охири ҳаёт дар дини худ боқӣ буд.

Дақиқӣ аз ҷавонӣ ба шеър гуфтан шуҳрат ёфт ва ҳам дар

ҷавонӣ ба дасти ғуломи хеш кушта шуд. Ин воқеа қабл аз соли 981 ба вуқӯъ пайваст ва марги ӯ ба солҳои 979-980 рост меояд.

Дақиқӣ, қабл аз ҳама, шоири қасидасаро буда, дар мадҳи подшоҳони Сомонӣ ва дигар умарои замон қасида мегуфт ва тағаззулоти шево ҳам дорад. Ӯ як муддат маддоҳи хоси дарбори амирони Чағонӣ (Оли Муҳтоҷ) буда, пешрафти шоирии худро дар ҳамин овон ба даст овардааст.

Амирони дудмони Чағонӣ дар он замон ба Бухоро тобеъ буданд ва чанд бор саркашӣ ҳам кардаанд. Амирони Бухоро шурӯъ аз соли 948 Чағониёнро аз роҳи гаравгон гирифтан мутеъи худ медоштанд. Дақиқӣ аз ин хонадон амир Фахруддавла Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Муҳтоҷ, амир Абӯсаъди Музаффар ва амир Абӯнаср ибни Абӯалиро ситудааст.

Чағониён ҳам ба монанди амирони Бухоро ба зинда кардани шеър ба забони порсии дарӣ мекӯшидаанд. Амир Абулмузаффар Тоҳир ибн ал-Фазл (вафоташ 987-988) худаш ба порсии дарӣ шеър мегуфт ва ҳомии Мунҷики Тирмизӣ буд. Дар рӯзгори ҷонишини ин амир – Фахруддавла Аблумузаффар Аҳмад ибни Муҳаммад – Фаррухӣ ва Дақиқӣ шоирони дарбораш буданд.

Дақиқӣ аз подшоҳони Сомонӣ Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ (961-967) ва Абулқосим Нӯҳ ибни Мансур (976-997)-ро мадҳ гуфта ва бо амри амири дувум ба назми "Шоҳнома"-и худ оғоз кардааст.

**Мароси адабӣ**. Аз Дақиқӣ қасида, ғазал, қитъа ва абёти пароканда боқӣ мондааст. Ашъори бадастомадаи ӯ далели ҳунари баркамол ва қудрату тавоноиаш дар суханварию шоирӣ мебошад. Ӯ нахустин касе буд, ки ба назми ҳамосаи милли эрониён – "Шоҳнома" шурӯъ кард, вале баъди сурудани ҳазор байт ҷаҳони фониро падруд гуфт. Он ҳазор байтро Абулқосим Фирдавсӣ дар "Шоҳнома"- и худ ҷой дода, ба ин восита аз нестӣ нигаҳ дошт. Фасли таълифкардаи Дақиқӣ дар шарҳи давлатдории Гуштосп, зуҳури Зардушт ва ҷанги миёни Гуштоспу Арҷосп мебошад. Ҳазор байти Дақиқӣ дар таркиби "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ бо байти

Чу Гуштосбро дод Луҳросб тахт,
Фуруд омад аз тахту барбаст рахт

оғоз ва бо байти зерин поён меёбад:

Ба овози хусрав ниҳоданд гӯш,
Супурданд ӯро ҳама гӯшу ҳуш.

Дақиқӣ дар ҳамаи анвоъи шеъри порсӣ қувва озмуда ва шеър сурудааст. Ин кори ӯ далели дар суханварӣ қудрат ва ҳунари комил доштанаш аст. Адибони минбаъда шеъри ӯро пайравӣ карда ва дар посухи ӯ қасидаҳо гуфтаанд. Тағаззулоти ошиқонаи Дақиқӣ дар қасидаҳояш аз зебоӣ ва вижагиҳои хоссае бархурдоранд, ба мисли ин намуна:

Кошкӣ андар ҷаҳон шаб нестӣ,
То маро ҳиҷрони он лаб нестӣ.
Захми ақраб нестӣ бар ҷони ман,
Гар варо зулфи муақраб нестӣ.
В-ар набудӣ кавкабаш дар зери лаб,
Мӯнисам то рӯзи кавкаб нестӣ.
В-ар мураккаб нестӣ аз некӯӣ,
Ҷонам аз ишқаш мураккаб нестӣ.
В-ар маро бе ёр бояд зистан,
Зиндагонӣ кош, ё Раб, нестӣ!

Ё худ, насиби баҳорияе, ки бо байти зерин оғоз мешавад, аз овозаи густурдае бархурдор будааст:

Барафганд, эй санам, абри биҳиштӣ
Заминро хилъати урдибиҳиштӣ...

Намунаҳои хуби ашъори дилангез дар маҷмӯаи ашъори боқимондаи Дақиқӣ зиёданд.

5. **Робиаи Балхӣ**. Робиа духтари Каъби Қуздорӣ (соли таваллуд ва вафоташ номаълум) аз ҷумлаи шоирҳои забардаст буда, ҳамзамони Рӯдакӣ мебошад. Падари Робиа – Каъб аслан араб аст. Робиа дар Қуздори Балх ё бино ба ривояте дар Балуҷистон таваллуд шуда, дар ҳамон ҷо соҳиби фазлу камол гардидааст. Мувофиқи хабари Авфӣ, Робиа ҳам ба порсӣ ва ҳам ба тозӣ шеър мегуфта, бисёр ошиқпеша буда ва барои шеъри зерин лақаби “Магаси рӯйин” доштааст:

Хабар диҳанд, ки борид бар сари Айюб
Зи осмон малахону сари ҳама заррин.
Агар биборад зарринмалах бар ӯ аз сабр,
Сазад, ки борад бар ман яке магас рӯйин.

Ризоқулихони Ҳидоят дар “Маҷмаъ-ул-фусаҳо” пас аз зикри суханони Авфӣ дар бораи Робиа чунин маълумот додааст: Падари Робиа ба номи Каъб, ки тавораш тозӣ буд, дар Балх, Буст ва Қуздор фармон меронд. Духтари Каъб –

Робиа аз номи ифтихории Зайнулараб бархурдор буд. Сипас, Ризоқулихон сухан аз ишқи ин духтар ба ғуломе ба номи Бектош ва марги фоҷиаомези Робиа оварда, менависад, ки ин достонро ба шеър даровардa ва номи манзумаашро "Гулзори ирам" ниҳодааст.

Сарчашмаи ин суханон Ризоқулихон "Илоҳинома"-и Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурӣ мебошад. Дар бахши бисту якуми асари мазкури Аттор таҳти унвони "Достони амири Балх ва ин, ки чи гуна духтараш ошиқ шуд" достоне нақл шудааст, ки дар бораи Робиа, ишқи ӯ бо Бектош ва фарҷоми зиндагии онон мебошад. Мазмуни мухтасари достон чунин аст:

Дар Балх амири тавонманде фармон меронд, ки номаш Каъб буд. Вай писари зебое дошт бо номи Ҳорис ва духтари маҳрӯе ба номи Зайнулараб, ки бисёр хуштабъ буд ва шеъри нағз месуруд. Чун Каъб дарёфт, ки маргаш фаро мерасад, писарро даъват карду ғамхориву тимори духтар ба ӯ супорид.

Ҳорис гуломе дошт маҳваш, ки бисёр гиромиаш медошт ва нигаҳдори хизонааш буд. Рӯзе, замоне ки Наврӯзи баҳор фаро расид, дар боғи дарбор, дар айвони бузург базме оростанд. Робиа болои боми кох шуд, то базмиёнро бингарад. Ниғоҳаш ба Бектош афтод ва дил ба ӯ бохт. Кӯшид, то ғами хеш пӯшида дорад, аммо ишқи духтар чунон сахт буд, ки ба бистари беморӣ афтод. Пизишконро фаро хонданд, аммо коре карда натавонистанд. Робиа маҷбур шуд, ки воқеаро ба доя нақл ва рози хеш ошкор бикунад. Бо маслиҳати доя Робиа ба унвони Бектош нома навишт, шеър ва акси худро фиристод. Дар натиҷа, Бектош ҳам ба Робиа ошиқ шуд. Онҳо тасодуфан дар долони кох ба ҳамдигар рӯ ба рӯ шуданд, вале Робиа Бектошро ба хотири ғуломи побараҳна будан ва сазовори ҳамсуҳбатӣ надоштан бо духтари шоҳ аз назди худ меронад.

Тасодуфан ба мулки Ҳорис душман сар медарорад ва ҷанг оғоз мешавад. Бектош ба ҷанг мераваду захмӣ мешавад. Робиа пироҳани мардона ба бар карда, ба майдони корзор меравад ва Бектошро наҷот медиҳад. Ҳорис бо кӯмаки амири Бухоро дар ҷанг пирӯз мешавад. Амири Бухоро ба ин муносибат зиёфат барпо мекунад. Дар ин базм Рӯдакӣ пайдо мешавад ва ҳангоми шеърхонӣ аз ишқи Робиа бо Бектош ёдовар мешавад.

Ғуломи дигаре, ки ҳамроҳи Бектош мегашт, сандуқи Бектошро ба назди Ҳорис меорад. Дар он сандуқ шеърҳо ва номаҳои ошиқонаи Робиа нигаҳдорӣ мешуд. Ҳорис аз ишқи хоҳараш бо гулом комилан боварӣ ҳосил карда, аз пайи гирифтани қасос мешавад. Робиаро ба гармоба бурда, шоҳрагашро мебуранд ва Бектошро ба зиндон меафкананд. Робиа дар гармоба ҷон медиҳад.

Бектош аз зиндон мегурезад. Худро ба кох расонида, Ҳорисро мекушад ва дар даромадгоҳи гармоба ба ҷигари хеш ҳам ханҷар мезанад. Гармоба оромгоҳи ду дилдода мешавад.

Чеҳраи шоирии Робиа ба дурустӣ шинохта нашудааст, чунки аз ашъори ӯ танҳо миқдори хеле кам, беш аз ҳаштод мисроъ, то ба рӯзгори мо расидааст. Аммо миқдори ками боқимонда кофист, ки Робиаро ҳамчун шоири ҳунарманд эътироф бикунем. Нишонаҳои шеъри занона, ки бо эҳсосу отифаи хоссе тафовут дорад, сурудаҳои Робиаро аз газалҳои ҳамзамононаш мумтоз мегардонад, ба мисли намунаи зерин:

Ишқро боз андар овардам ба банд,
Кӯшиши бисёр н-омад судманд.
Тавсанӣ кардам, надонистам ҳаме,
К-аз кашидан тангтар гардад каманд.
Ишқ дарёе каноранопадид,
Кай тавон кардан шино, эй мустаманд!
Ишқро хоҳӣ, ки то поён барӣ,
Баски бипсандид бояд announced нописанд.
Зишт бояд диду ангорид хуб,
Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд.

Ду намунаи дигар аз ашъори нагзи Робиа:

Даъвати ман бар ту он шуд, к-Эзидат ошиқ кунад
Бар яке сангиндиле номеҳрубон чун хештан.
То бидонӣ дарди ишқу доғи меҳру ғамхурӣ,
То ба ҳаҷр андар бипечиву бидонӣ қадри ман!

Робиаи Балхӣ ва Робиаи Адавия як нафар нестанд, онҳоро бояд ҳамчун ду шахсияти ҷудогона шинохт. Робиаи Адавия аз ҷумлаи сӯфиёни асри VIII маҳсуб мешавад.

6. **Кисоии Марвазӣ**. Кисоӣ (953, Марв-вафоташ номаълум, ҳамон ҷо) аз ҷумлаи шоирони бузурги рӯзгори худ буд. Вай дар нимаи дувуми асри X ва нисфи аввали қарни XI умр ба сар бурдааст. Муосиронаш, аз ҷумла Марвазӣ ном шоир, пояи шоирии Кисоиро баробар ба Рӯдакӣ ҳисобидааст:

Зебо бувад ар Марв бинозад ба Кисоӣ,
Чунонки ҷаҳон ҷумла ба устоди Самарқанд.

Ному насаби Кисоиро ба таври Абулҳасан Маҷдуддини Марвазӣ зикр кардаанд. Аз тафсилоти зиндагиаш маълумоти дақиқе боқӣ намондааст. Аз сарчашмаҳои арабӣ ва осори Кисоию Носири Хусрав маълум шудааст, ки шоирони мазкур аз роҳи шеър байни ҳамдигар арзи матлаб мекардаанд. Масалан, Кисоӣ дар қасидае хитобан ба Носири Хусрав чунин арзи матлаб кардааст:

Эй ҳуҷҷати замини Хуросон, басе намонд,
То аҳли ҷаҳл рӯзу шаби хеш бишмаранд.
Ҳамчун ту нестанд агарчанд ин харон,
Зери дарахти дин ҳама бо ту баробаранд.
Ту магзи нағзу меваи хушбӯ ҳамехӯрӣ
В-эшон сафоли бемазаву барг мечаранд.

Саъид Нафисӣ далелҳои ба ҳамдигар шеър сароидани Кисоӣ ва Носири Хусравро баррасӣ намуда ва қайд кардааст, ки Кисоӣ то соли 1049 зинда буда, тақрибан сад сол умр дидааст.

Аз равобити шеърии Кисоӣ бо Носири Хусрав муайян шудааст, ки вай суханвари тавоно ва шоири дақиқназар буда, масъалаҳои зиёди замони зиндагиашро мавриди муҳокима ва тадқиқ қарор додааст. Кисоӣ, махсусан, ба масъалаҳои фалсафа ва панду андарз мароқ зоҳир кардааст. Шояд ҳамин ҷиҳати ашъораш таваҷҷуҳи Носири Хусравро ба худ ҷалб карда будааст. Таъсири Кисоӣ ба эҷодиёти Носири Хусрав зиёд аст: илова бар як силсила баҳсу мунозираҳои фалсафӣ баъзе қасидаҳои Носири Хусрав ба истиқболи қасоиди Кисоӣ суруда шудаанд. Дигар ин, ки дар саргаҳи тагйири мазмуни қасида аз мадҳи холис ба ҳикмату фалсафа, ки дар ашъори Носири Хусрав ба сурати рӯшан зуҳур мекунад, Кисоии Марвазӣ қарор дорад.

Осори Кисоӣ ва Носири Хусрав ҳалқаи пайванддиҳандаи миёни ашъори суханварони аҳди Сомониён ва шеърҳои шоирони рӯзгори Ғазнавиён будааст. Кисоӣ аз ҷумлаи шоироне маҳсуб мешавад, ки тақрибан дар лаҳзаҳои охири ҳастии дудмони Оли Сомон дар арсаи таърих ба ҳалқаи шоирони дарбори онҳо, дар Бухоро пайваста буд.

Забеҳуллоҳи Сафо Кисоии Марвазиро ба унвони “ҳаким” ёд кардааст, ки беҳуда нест. Кисоӣ, агарчи пешрафти шоирии

хешро ҳамчун шоири қасидасаро ва маддоҳ огоз карда, ки аз мадҳияҳояш порчаҳои пароканда дар тазкираҳо зикр шудаанд, дар охири умр аз ин пешаи худ пушаймон шуда, аз гуфтани қасидаҳои мадҳӣ даст боздошта, дар ашъораш ба мазомини фалсафӣ, мавъиза ва панду андарз таваҷҷуҳ кардааст. Чунонки таъкид шуд, аз ҳамин роҳ пешво ва пешқадами Ҳаким Носири Хусрав гардид.

Аз ашъори Кисоии Марвазӣ фақат андаке беш аз панҷсад мисроъ боқӣ мондааст. Аз порчаҳои боқимондаи қасоиди шоир маълум мешавад, ки Кисоӣ ба масъалаҳои мавриди назараш бо диде ҳакимона муносибат мекунад, ба мисли намунаи зерин:

Ҷону хирад раванда бар ин чархи ахзаранд,
Ё ҳардувон нуҳуфта дар ин кӯи ағбаранд.
Олам чаро, ки нест сухангӯю ҷонвар,
Гар ҷону ақл ҳар ду бад-ин олам андаранд?!
В-ар дар ҷаҳон наянд, ала-л-ҳол гоибанд,
В-ар гоибанд, дар тани мо чунки ҳозиранд.
В-он гаҳ, к-аз ин мизоҷи муҳайё ҷудо шаванд,
Чизанд ё на чизу аразвор бигзаранд...

Ташбибҳои ошиқонаи қасидаҳои Кисоӣ ҳам машҳур будаанд, ба мисли ин намуна:

Боди сабо даромад, фирдавс гашт саҳро,
Орост бӯстонро найсон ба фарши дебо.
Омад насими сунбул бо мушку бо қаранфул
В-овард номаи гул боди сабо зи саҳбо.
Оби кабуд буда чун оина зудуда,
Сандал шудаст суда, карда ҳама мутарро.
Нору ба норван бар, сорӣ ба настаран бар,
Қумрӣ ба ёсуман бар бардоштанд ово...

Кисоӣ дар нигоштани васф ҳам устоди забардаст будааст. Аз ҷумла, ҳунари шоирро аз ин ҷиҳат дар намунаи зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

Нилуфаре кабуд нигаҳ кун миёни об
Чун теги обдодаву ёқути обдор.
Ҳамранги осмону ба кирдори осмон,
Зардиш дар миёна чу моҳи даҳу чаҳор.
Чун роҳибе, ки ду рухи ӯ солу моҳ зард
В-аз мутрафи кабуд ридо кардаву изор.

Барои намоиши ҳунари шоирии Кисоӣ зайлан боз ду намунаи дигар оварда мешавад:

Гул неъматест ҳадя фиристода аз биҳишт,
Одам каримтар шавад андар наъими ғул.
Эй, гулфурӯш, гул чӣ фурӯшӣ барои сим
В-аз ғул азизтар чӣ ситонӣ ба сими гул?!

Ва:

Ба навбаҳор ҷаҳон тоза гашту хуррам гашт,
Дарахти сабз алам гашту хок маълам гашт.
Насими нимашабон Ҷабраил гашт мағар,
Ки беху шохи дарахтони хушк Марям гашт.

7. **Мунҷики Тирмизӣ**. Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад Мунҷики Тирмизӣ (соли таваллуд ва вафоташ номаълум) аз ҷумлаи шоирони бузурги охири асри X буд. Зодгоҳаш шаҳри Тирмиз буда, номашро дар ин байт овардааст:

Эй он ки зи тоҷи ту битобад Маҳу Зуҳра,
То кай бувад ин мискини Мунҷик ба ҳуҷра?!

Вай баъд аз Дақиқӣ дар дарбори Чағониён буда ва аз амирони ин хонадони адабпарвар Амир Абӯяҳё Тоҳир ибни Фазл ибни Муҳаммад ибни Муҳтоҷи Чағонӣ ва Амир Абулмузаффар Фахруддавла Аҳмад ибни Муҳаммади Чағониро мадҳ гуфтааст. Ин амирон ҳомии Мунҷик будаанд.

Мунҷики Тирмизӣ шоири соҳибдевон буд, аммо девони ӯ то ба мо нарасидааст. Ашъораш ба таври пароканда аз ҷунгҳо, тазкираҳо ва китобҳои луғат ба даст омадаанд, ки ҳамагӣ 326 байтро ташкил медиҳанд. Девони Мунҷик дар асри XI дар Мовароуннаҳру Хуросон машҳур ва мавриди истифодаи аҳли илму адаб қарор доштааст. Чунонки Носири Хусрав дар “Сафарнома” овардааст, Қатрони Табрезӣ аз ин девон истифода карда ва нукотеро дар мавриди калимаҳои ҷудогона аз вай пурсидааст.

Аз ашъори боқимондаи Мунҷики Тирмизӣ маълум мешавад, ки шоир бештар ба ҳаҷву ҳазл рағбат дошт (“касе аз тири таънаш нарастиву аз каманди ҳаҷваш наҷастӣ”) ва дар ин шева аз ҷумлаи саромадони аҳди худ ба ҳисоб мерафт. Ба ҳунари ҳиҷогӯии Мунҷик шоири асри XII Сӯзании Самарқандӣ, ки дар таърихи шеъру шоирӣ ҳамчун шоири ҳиҷогӯ ва устоди ҳаҷв машҳур аст, чунин ишора кардааст:

Ман он касам, ки чу кардам ба ҳаҷв гуфтан рой,
Ҳазор Мунҷик аз пеши ман кам орад пой.

Худи Мунҷики Тирмизӣ ба ҳиҷогӯии хеш ишора ҳам кардааст:

Эй хоҷа, мар маро ба ҳиҷо қасди ту набуд,
Ҷуз табъи хешро ба ту бар кардам озмун.
Чун теғ нек, к-аш ба саге озмун кунанд,
В-он саг бувад ба қиммату он теғ раҳнамун!

Ашъори боқимондаи Мунҷик асосан аз қасида, ғазал ва қитъа иборат аст. Вай дар шоирӣ истеъдоди баланд ва “дар ғуфтани мадҳ ва сохтани қасоиди мадҳӣ” дасти тавоно дошт. Қасидаҳои мадҳии ӯ бо забоне сода, табиӣ ва дур аз таърифу тавсифҳои игроқомез суруда шудаанд. Муаллифони сарчашмаҳои адабӣ ва муҳаққиқони муосир ӯро ба сифати шоире забоновар, суханпардоз, некӯхаёл, балеғ ва нуктадон муаррифӣ карда, ашъорашро ба сифати шеъри ғариб бо авсофи “алфозе хуб, маонии бикр, ибороте балег ва истиороте нодир” ситудаанд. Худи шоир зимни қасидае ба сифатҳои мазбур музайян будани каломашро чунин таъкид кардааст:

Балоғатам зи хирад духтаре бизод бадеъ,
Ба дурри нутқ биёростам рухи зебош.

Мунҷики Тирмизӣ ҳамчун шоири боистеъдод барои ифодаи маънӣ аз воситаҳои тасвири бадеӣ моҳирона дар ҳадди эътидол суд ҷустааст. Намунаи зерин аз ашъори боқимондаи шоир интихоб шуд:

Бархезу ба майхона хиром, эй бути Кашмир,
Май хӯр, ки ба май гардад андӯҳи ҷавон пир.
З-он ноқилони ҳар гуҳар, з-он кошифи ҳар роз,
К-ат ратл ҳамехандад, чун барқ ба шабгир.
Гар бӯй ба санг орад, сунбул дамад аз санг,
Гар гуна ба қир орад, шанғарф шавад қир.
Бар ёди яке бор Худоё, ки ту гӯӣ,
Бо нусрат ҳампушт аст, бо давлат ҳамшир.
Дар водӣ чун дев аст, дар саҳро чун бод,
Дар дарё чун моҳӣ, дар дашт чу нахчир.
На нури ҳаво монаду на гулгули аъдо,
Чун лашкари ӯ гард барангезаду такбир.
Ҳам Тоҳир ном омаду ҳам Тоҳир нисбат,
Ҳам тоҳир дин омаду ҳам тоҳир тадбир.
Чун абри баҳор аст кафи теғгузораш,
Бе он ки бихоҳанд, ҳаме борад ба ҳар хир.

## ФИРДАВСӢ ВА ҲАМОСАИ МИЛЛИИ “ШОҲНОМА”

Устод Абулқосим Мансур ибни Ҳасан Фирдавсии Тӯсӣ дар соли 941 дар қаряи Бож, аз ноҳияи Тобирони Тӯс, дар хонадони деҳқон (деҳгон) дида ба ҷаҳони рӯшан боз намудааст. Табақаи деҳқон дар он рӯзгорон мардумони соҳиби молу мулк буда, дар деҳот, дар хонаҳои шабеҳи кӯшк зиндагӣ мекарданд ва дар кори деҳқонӣ аз кишоварзон истифода мебурданд. Дар замони мо деҳқон касеро мегӯянд, ки ба кишту кор, боғдорӣ ва чорводорӣ дар деҳот машғул бошад. Деҳқонони замони Фирдавсӣ муҳофизи суннатҳои қадимӣ буданд ва дар ҳимояти онҳо истодагарӣ доштанд. Фирдавсӣ дар ҳамин гуна хонадон бо тарбияти арзишҳо ва рӯҳияи аҷдодию нажодӣ бузург шудааст.

1. **Зиндагиномаи шоир: афсона ва ҳақиқати он.** Огоҳиҳои дақиқ дар бораи зиндагии шоири бузурги ҳамосасаро ва яке аз шоирони баноми олам Ҳаким Абулқосим Мансур ибни Ҳасан Фирдавсии Тӯсӣ бисёр андак аст. Ҳатто номи ӯ бадурустӣ дониста нашудааст. “Фирдавсӣ” – танҳо тахаллус ва куняи шоирона аст, ки бинобар расми он рӯзгор касе, ки мехост, шоирӣ пеша кунад, онро ё худ бармегузид ва ё устод ба вай медод. “Фирдавсӣ” сифатест баргирифта аз “фирдавс”, ба маънии “боғи биҳишт”. Абулқосим – лақаби ифтихории шоир будааст. Бархе муаллифон бар ин пиндоранд, ки ин лақаб ба ифтихори Султон Маҳмуд, ки ӯ низ ҳамин лақабро дошта, гирифта шудааст. Аммо шубҳаовар аст, ки Фирдавсӣ аз ин раҳгузар хоста бошад ҳусни назари Маҳмудро мутаваҷҷеҳи худ созад. Бояд дар назар дошта бошем, ки Абулқосим лақаби Паямбар (с) ҳам буда ва сабаби густариши зиёди ин лақаб дар сарзаминҳои исломӣ ҳам ҳамин будааст.

Чунонки мебинем, то кунун номи дурусти Фирдавсӣ бар мо равшан нест. Ривоёт ва ахбори манобеъ дар ин бора гуногун аст. Далели қотеъе вуҷуд надорад, ки яке аз онҳоро дуруст ҳисобем. Давлатшоҳи Самарқандӣ овардааст, ки номи комили Фирдавсӣ Ҳасан ибни Исҳоқ Шарафшоҳ аст. Аммо ин ва дигар қавлҳои Давлатшоҳ дар бораи Фирдавсӣ боваркарданӣ нестанд.

Дар мавриди соли таваллуди Фирдавсӣ дар манобеи гуногун солҳои 932-935, 936 ва 940-941-ро зикр кардаанд. Мо дар оғоз соли 941-ро барои он баргузидаем, ки имрӯз аксари

фирдавсишиносон ҳамин санаро таъйид кардаанд. Дар мавриди дар қасабаи Бож, дар наздикии шаҳри Тӯс (наздик ба 25 километрии шаҳри имрӯзии Машҳад) зода шудани шоир, ки ҳоло мақбарааш дар ҳамон ҷост, ҷойи тардид вуҷуд надорад.

Далели дақиқи дигар он аст, ки Фирдавсӣ аз назари иҷтимоӣ деҳқонзода буд ва падараш дар наздики Тӯс замине дошт. Падараш тавонистааст, ки шоирро аз диди ҳамон рӯзгор ба хубӣ тарбият намояд. Фирдавсӣ бо забони арабӣ ошно буда, забони модариашро бисёр хуб медониста ва ҳатто бо забони адабии паҳлавӣ ё порсии миёна ҳам ошно будааст. Дар шеъре мансуб ба Фирдавсӣ ба ҳамин маънӣ ишора шудааст:

Басе ранҷ бурдам, басе нома хондам
Зи гуфтори тозиву аз паҳлавонӣ.

Фирдавсӣ бо беҳтарин осори шеъри тозӣ ва порсӣ огоҳӣ доштааст. Гузашта аз ин ривоёту ахбори мардумии меҳанаш ӯро сахт ба сӯйи худ мекашид. Вай ҷой-ҷой ҳам аз навиштаҳои куҳан ва ҳам аз достонҳои бузургони бостон ва оварандагони "васоёи куҳанрӯзгорон" ёд мекунад.

"Шоҳнома" асари бузург ва безаволи Фирдавсӣ аст. Инчунин, ба Фирдавсӣ якчанд байт қитъа, газал ва дигар анвои шеър дар китобҳои гузашта нисбат медиҳанд. Таълифи достони манзуми "Юсуф ва Зулайхо"- ро низ ба қалами Фирдавсӣ нисбат додаанд, лекин донишмандони имрӯз чунин ақидаи устувор доранд, ки ин асар аз навиштаҳои Фирдавсӣ нест.

**Таърихи офариниши "Шоҳнома".** Фирдавсӣ аз овони кӯдакӣ, баъди дарёфти илму дониш, ба омӯхтани таърихи кишвари худ майл пайдо мекунад. Ахбори гуногунро мешуниду ҷамъ меовард ва баъзе аз достонҳои куҳанро манзум мекард, ки яке аз онҳо достони "Бежану гурозон" буд. Дар ҳудуди соли 978-979 Дақиқӣ, ки ду сол қабл аз он ба назми "Шоҳнома" шурӯъ карда буд, кушта шуд. Баъди овозаи кори Дақиқӣ ва анҷоми фоҷиабори умри ӯ Фирдавсӣ нияти анҷом додани кори ӯро дар пеши худ гузошт. Шоир ба ҷустуҷӯи кутубу ахбор машгул шуд ва барои назми "Шоҳнома" як китоби насриро, ки бо номи "Шоҳнома"- и Абӯмансурӣ" машҳур аст, асос қарор дод. Фирдавсӣ ин кори хайрро дар солҳои 981-982 пеш гирифт.

Дар ин кори бузург ба шоир баъзе ҳамватанони соҳибдавлати ӯ бо пардохти мабла? ва ёрии дигари моддӣ кӯмак кардаанд, ки шоир номи онҳоро дар муқаддимаи китоб ёд мекунад. Дар соли 994 Фирдавсӣ таҳрири аввали “Шоҳнома”- ро ба поён расонид, ки хеле мухтасар буд.

Шоир корро дар болои китоби бузурги худ идома дода бар такмили он кӯшид ва аз китоби Озодсарв ном нависандае ба унвони “Ахбори Рустам” истифода кард. Вақте ки Фирдавсӣ баъди даҳ соли анҷоми нусхаи аввал нусхаи дувумро хатм мекард, масъалаи иртибот бо Султон Маҳмуди Ғазнавӣ пеш омад. Дар ин вақт шоир ба синни шасту панҷ расида буд ва молу дороии ӯ сарфи таълифи ин китоби бузург гашта, ба камбағалию нодорӣ рӯй ба рӯй омада буд:

Чу бигзашт сол аз барам шасту панҷ,
Фузун кардам андешаи дарду ранҷ.
Ба таърихи шоҳон ниёз омадам,
Ба пеш ахтари дерсоз омадам.

Фирдавсӣ аз дӯстону бегонагон маслиҳат ёфт, ки “Шоҳнома”-ро барои пардохти ниёзҳои худ ба Султон Маҳмуд пешниҳод кунад. Шоир китобро ноилоҷ ба исми ӯ оварда, дар тартибу низоми достонҳо чизҳое афзуд. Дар ҳар ҷой асари мадҳи Маҳмудро илова кард ва дар ҳудуди солҳои 1010-1011 онро барои тақдим ба Султон омода сохт.

Барои анҷоми ин кор Фирдавсӣ ба Ғазнин рафт ва “Шоҳнома”- ро дар ҳафт ҷилд ба он ҷой бурда, ба Султон Маҳмуд тақдим кард. Ғайри чашмдошти шоир “Шоҳнома” мавриди қабул қарор нагирифт. Мувофиқи ривояте, Султон Маҳмуд ба шоир бист ҳазор дирам (пули нуқра) дод. Ӯ дар хашм шуда ба ҳаммом рафт ва ҳамаи пули Маҳмудро ба ҳаммомӣ ва фуқоъӣ бахшид. Лекин ихтилофи Фирдавсӣ бо Маҳмуд дар масъалаҳои сиёсӣ, нажодӣ ва мазҳабӣ буд. Фирдавсӣ ба туркон хушбин набуд. Ақида дошт, ки подшоҳ бояд подшоҳзода бошад ва дар мазҳаб ҳам миёни ӯ ва Маҳмуд фарқ буд. Маҳмуду фарзандонаш фақат бо тоҷикон ба форсӣ сухан мегуфтанд. Ӯ бо марди озодандеше чун Фирдавсӣ созгор омадан наметавонист. Тибқи ривоят, Маҳмуд фармон дод, ки бо гуноҳи илҳод (баддинӣ) Фирдавсӣ ба зери пойи филон партофта, кушта шавад.

Фирдавсӣ аз Ғазнин ба Ҳирот рафт ва дар хонаи Исмоили Варроқ- падари Азрақии шоир пинҳон шуд. Баъди

шаш моҳ аз Ҳирот ба Тӯс ва аз он ҷой ба Табаристон (дар шимоли Эрон) рафт. Шоир дар ҳаққи Султон Маҳмуд ҳаҷвномае навишта буд ва подшоҳи Табаристон Сипаҳбади шаҳриёр аз бими Маҳмуд онро ба сад ҳазор дирам (тангаи тилло) аз шоир гирифта, гӯё нест кардааст. Аммо аз ин ҳаҷвнома қисме то замони мо расидааст.

Дар охири умр Фирдавсӣ ба Тӯс баргашт ва бо таҳриру такмили китоби машҳури худ машғул шуд. Дар соли 1020 дар зодгоҳаш қаряи Бож аз олам даргузашт, ҷанозаи ӯро дар боғи худаш ба хок супурданд.

**Таамммуле дар ҳошияи таърих**. Ҳангоме, ки Фирдавсӣ бо мақсади сурудани "Шоҳнома" қалам ба даст гирифт, марде дунёдидаву пухта буд ва умедвор буд, ки онро ба Сомониён пешкаш бикунад. Ӯ наметавонист пешбинӣ кунад, ки манзумааш ҳангоме ба поён хоҳад расид, ки дигар ҳатто андешаи сафар ба Бухоро, назди Сомониёнро ҳам наметавонад бикунад. Ӯ пас аз итмом 20 сол чашм ба роҳ буд ва умедвор, ки дубора саодат рӯй намояд. Аммо вопасин размовари Сомонӣ кушта шуд, Насри Қарохонӣ тахти Бухороро ба даст овард ва ҳамаи заминҳои ҷануби Амударё ба дасти Маҳмуд афтод. Пас, "сазовори ин ганҷ кист?". Бурдани манзума назди Қарахониён маъние надошт: на сазовор буду на хирадмандона. Андешидан дар бораи вопасин намояндагони хонадонҳои куҳан, ки дар ҷойҳои дур ва ноаён монда буданд, беҳуда буд. Инон худ иқболи хуше надоштанд ва ёди шоирон намекарданд. Танҳо мемонд Маҳмуд.

Фирдавсӣ пешбинӣ мекунад, ки бархӯрди Маҳмуд бо Қарохониён ногузир аст ва ӯро дар пайкори оянда идомадиҳандаи кори Сомониён баршумурд, чаро ки Маҳмуд дар оғоз фармонбардори Сомониён буд. Афзун бар ин Фирдавсӣ мебоист шунида бошад, ки мукотиботи девонии Ғазнавиён ба забони порсӣ аст ва шоирони ҳамватани ӯ дар дарбор гирд омада, бо гушодадастӣ ғарқ дар силаву подош ҳастанд ва ҳомии онҳо вазир Абулаббоси Исфароинӣ аст. Пас, шояд битавон ба комёбӣ умедвор буд.

Фирдавсӣ дигар бор "Шоҳнома"-и худро ба даст мегирад, дар он бархе афзудагиҳо - бахшҳое, ки дар онҳо аз Маҳмуд ва бародараш Амир Насри сипаҳсолори Хуросон ситоиш шудааст - дармеоварад ва сипас китобро ба Ғазнин

мерасонад. Аммо дар солҳои 1010-1011 дар он ҷо дигаргуниҳои азиме рух медиҳад: Маҳмуд, ки мехост вафодории хешро ба халифаҳои Аббосӣ нишон диҳад (зеро вай бо он ки мустақил буд, маншури фармонравоии худро аз онон гирифта буд), Абулаббоси Исфароиниро маъзул кард ва ба ҷойи ӯ Маймандиро, ки бо ҳамаи суннатҳои қавмӣ душманӣ дошт ва ҳатто мекӯшид, мукотиботи девонии дастгоҳи Ғазнавиёнро аз порсӣ ба тозӣ гардонад, баргумошт.

Аммо Фирдавсӣ, ки дур аз Ғазнин ба сар мебурд, наметавонист ба ин ҳама вазъ огоҳӣ пайдо бикунад, аз ин ҷост, ки ҳамаи умеду орзуи шоири куҳансол бар бод рафт.

**Достони Фирдавсӣ ва Султон Маҳмуд**. Дар китобҳои таъриху адаб дар бораи офариниши "Шоҳнома" ва муносибати Фирдавсӣ бо Султон Маҳмуд қиссаҳои гуногуне овардаанд, ки ба воқеият рост намеоянд. Аз ҷумла, кӯтоҳшудаи як ривоят чунин аст: Гӯё Фирдавсиро духтаре якто буда, ки мехоста барои вай ҷиҳозе фароҳам созад ва бар ин андеша бар он шуда буд, ки манзумаи бузурге бисарояд. Дар пайи бузурге ғанӣ ва кушодадаст мегашт, то асари худро ба вай тақдим кунад. Фирдавсӣ, ки Султон Маҳмудро дастгушодатарин фармонравоёни рӯзгори хеш ёфта буд, ба даргоҳи ӯ шитофт. Чун назди султон бор ёфт, аз ӯ фармон ёфт, ки "Шоҳнома"-ро бинигарад. Султон паймон кард, ки барои ҳар як байт як динори зар ба ӯ бидиҳад...

Тибқи ривояти дигаре, гӯё шоир мекӯшида силаро на барои худ, балки барои бозсозии як корези (шабакаи обёрӣ) вайронаи обёрӣ дар наздикии Тӯс ба кор гирад...

Ҳамоно арзиши кори Фирдавсӣ, дар воқеъ, ҳамон аст, ки худи ӯ дар вопасин байтҳои "Шоҳнома" мегӯяд:

Ҳар он кас, ки дорад ҳушу рою дин,
Пас аз марг бар ман кунад офарин.
Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро парокандаам.

**Охири зиндагӣ ва марги Фирдавсӣ**. Дар хусуси вопасин солҳои зиндагии Фирдавсӣ иттилоъи васее дар даст надорем. Бино бар достоне, ӯ дар огоз аз Ғазнин ба Ҳирот гурехт ва дар хонаи китобфурӯше - падари Азрақӣ, шоири номӣ - пинҳон гардид. Аммо Ҳирот ба Ғазнин бисёр наздик буд ва Маҳмуд метавонист ба осонӣ ба ӯ даст ёбад. Пас, Фирдавсӣ ба Табаристон шуд ва дар он ҷо ҳаҷвро аз миён бурд ва боз аз

он ҷо роҳии Бағдод шуд.

Гӯё Фирдавсӣ дар Бағдод дуюмин асари бузурги худ – манзумаи "Юсую ва Зулайхо"-ро суруда бошад. Дар матлаи ин манзума чунин байтҳое омадааст:

Дилам сер гашт аз Фаридуни гурд,
Маро з-он чи, к-ӯ тахти Заҳҳок бурд.
Гирифтам дил аз мулкати Қайқубод,
Ҳамон тахти Ковуси Кай бурд бод.
Надонам чӣ хоҳад будан ҷуз азоб,
Зи Кайхусраву ҷанги Афросиёб?
Бад-ин гуна савдо бихандад хирад,
Зи ман худ куҷо кай писандад хирад.

Нависандаи ношинохтаи "Таърихи Систон" (асри XI) дар хусуси чигунагии вопасин солҳои зиндагонии Фирдавсӣ чунин менависад: "Ҳангоме ки Фирдавсӣ аз Ғазнин рафт, вазири Султон Маҳмуд бад-ӯ гуфт: "Бибоядаш кушт!". Ҳарчанд талаб карданд, наёфтанд. Чун "Шоҳнома" бигуфт, ранҷи хеш зоеъ кард ва бирафт, ҳеҷ ато наёфта, то ба гурбат фармон ёфт".

Аммо Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар асри XII сухане дигар дорад. Бинобар навиштаи ӯ, Фирдавсӣ дар зодгоҳи хеш дида аз ҷаҳон барбаст. Пас, ба мазрааи падарӣ бозгашта будааст. Аммо "ҳомиёни дин" барои хушомади султон эълом карданд, ки ситоиши шаҳриёрони куҳан, ки фурӯғи ислом бар онҳо натобида, гуноҳе бузург аст, ки шоирро аз ҷамъияти муъминон барканор медорад. Барои ҳамин иҷозат надоданд, то тани шоири бузург дар гӯристон ба хок супурда шавад. Шоирро дар гӯшаи боге, ки мулки худаш буд, ба хок супориданд. Низомии Арӯзии Самарқандӣ гӯри вайро дар соли 1116 ба чашм дидааст.

**Чанд сухан дар бораи шакли "Шоҳнома".** Маъмулан, муҳаққиқон бар он андешаанд, ки чун Фирдавсӣ аз навиштаҳои таърихҳои куҳан пайравӣ мекарда, пас, "Шоҳнома" фоқиди сохтори муайян аст. Аммо чунин дидгоҳ дуруст нест. Барои дарёфти ин нукта басанда аст, ки бо дарунмояи "Шоҳнома" ошноии куллие пайдо кунем. Тибқи маъмул, ҳар асар бояд бо тавҳид ва ситоиши Парвардигори якто оғоз меёфт, дар Фирдавсӣ ҳам чунин аст, аммо бо тарзе ба худ хос. "Шоҳнома" бо ситоиши кӯтоҳи "Худованди ҷону хирад" оғоз мегардад ва дар пояи он бахши "Андар ситоши

хирад" меояд. Чунонки шоир мегӯяд:

Хирад беҳтар аз ҳар чӣ Эзид-т дод,
Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод.
Хирадрову ҷонро кӣ ёрад сутуд
Вагар ман ситоям, кӣ ёрад шунуд?!
Хирад раҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.

Кулли «Шоҳнома» дар як вазн: мутақориб суруда шудааст, бо шакли зерин:

Фаъӯлун фаъӯлун фаъӯлун фаъал (ё фаъӯл)
V – – / V – – / V – – / V – (V ~)

Дар мавриди истифодаи саноеи бадеӣ дар «Шоҳнома» бояд гуфт, ки истиора дар он бисёр андак ба кор рафтааст. Ташбеҳ чунон оддӣ ва чунон дар калом мавқеъ дорад, ки хоси Фирдавсист. Дар шеъри Фирдавсӣ ҳамвора "мушк" – зулфи сиёҳ, "кофур" – сапед, "сарв" – зеборӯйи баландболо ва "моҳ" – чеҳраи зеборо тадоъӣ мекард ва ғайра.

**Идомадиҳандагони "Шоҳнома".** "Шоҳнома" пас аз марги Фирдавсӣ ба иқболи густардае рӯ ба рӯ шуд. Ба рӯзгори Султон Маҳмуд шоирони дарбори Ғазна мекӯшиданд, бо истеҳзою нешханд аз таъсири "Шоҳнома" бикоҳанд, аммо дар нимаи дуюми асри XI ёдоварии достонҳои гуногуни "Шоҳнома" дар шеърҳои дарборӣ маъмул мешавад.

Дар мавриди офаридани достонҳо бояд гуфт, ки дар огоз чанд манзума, вобаста ба хонадони яли Систон, яъне Рустам падидор мешавад. Чунончи, бар чунин манзумаҳое огоҳӣ дорем: "Сомнома" – дар бораи ниёи Рустам. "Ҷаҳонгирнома" – дар бораи писари Рустам, "Фаромарзнома" – дар бораи писари дигари Рустам (дар "Шоҳнома" аз вай ёд шудааст), "Бонугушаспнома" – дар бораи духтари Рустам, "Барзунома"-дар бораи наводаи Рустам ва "Баҳманнома" – дар бораи писари Исфандиёр. Аз вижагиҳои ин манзумаҳо он аст, ки бештарашон бо паҳлавонони Систон вобастаанд ва танҳо яке аз онон – Баҳман аз табори шаҳриёри "Варҷованд" ва густаришдиҳандаи ойини Зартушт (Гуштосп) аст. Ин манзумаҳо ба ҷуз андаке бақия аз муаллифоне ношинохта ва чандон аз густариши бузурге бархурдор набудаанд. Бинобар ин, нусхаҳои хаттиашон ҳам зиёд нест.

Хулоса, "Шоҳнома" то кунун дилкашу зебо менамояд ва то ба имрӯз гирой ва ҷаззобияти худро барои мо ҳифз

кардааст. “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар миёни шоҳкорҳои адабиёти ҷаҳон ҷойе устувор ва дурахшон дорад.

**Нашрҳои «Шоҳнома»**. Нахустин кӯшиш барои падид овардани матни тақрибан асил, ё худ омода кардани матни интиқодӣ аз «Шоҳнома» дар соли 1425 дар дарбори Бойсанқурмирзои Темурӣ (вафоташ 1433-34), ки ба унвони дӯстдори китобҳои хаттӣ овоза дошт, анҷом гирифтааст. Дар даврони муосир “Шоҳнома” борҳо ба забонҳои гуногуни ҷаҳон тарҷумаву чоп шудааст. Дар Тоҷикистон то имрӯз “Шоҳнома” се бор чоп шудааст. Дар миёни чопҳои “Шоҳнома” ба сифати нусхаи муътабар чопи дар Маскав суратгирифта шинохта шудааст.

**2. Маъхазҳои “Шоҳнома”**. Мувофиқи пажӯҳишоте, ки муҳаққиқони “Шоҳнома” ба ихтиёри мо гузоштаанд, Фирдавсӣ дар сурудани асари безаволи худ аз манобеъ ва маъхазҳои мушаххас, пеш аз ҳама, осори мактуб суд ҷустааст. Аз ҷумла, ба сифати маъхазҳои “Шоҳнома” ёдгориҳои зерин номбар шудаанд:

1. Ба андешае, достонҳои паҳлавонӣ, ки дар даврони бостон, дар оғози бавуҷудоии ақвоми ориёӣ сохта шуда буданд, ба шакле дар яке аз дафтарҳои “Авесто” навишта шуда буданд. Аммо то ба рӯзгори мо танҳо он бахшҳое аз “Авесто” мондаанд, ки динёрони зардуштиро дар корҳои ниёишӣ ба кор меомада ва он чи ки вобастагии бемиёнҷӣ ба ин кор надошт, бознависӣ нашуда, батадриҷ аз миён рафтаанд. Он “Авесто”-е, ки имрӯз дар дасти мост, аз ҳамаи ганҷинаҳои достонҳои куҳан танҳо пораҳоеро тасодуфӣ дар худ нигоҳ доштааст.

2. Аз адабиёти рӯзгори Сосониён ҳам он чи то ба имрӯз ба дасти мо расида бештар пораҳое ё аз китобҳои динии зардуштиён (ба забони порсии миёна) ва ё ёдгориҳои буддоӣ ва монигароёна мебошанд. Аз адабиёти инҷаҳонӣ чизе, ки монда бисёр андак аст. Аз осоре, ки дар он рӯзгор онҳоро осори илмӣ бармешумурданд, ҳеҷ огоҳӣ надорем. Аммо нағмасароиҳои ромишгарони Сосонӣ бо мавзӯи “Шоҳнома” ҳам дар иртибот будаанд. Наршахӣ (ваф. 945) дар “Таърихи Бухоро” менависад, ки дар миёни мардуми Бухоро таронаҳое буда, ки “Мӯяи муғон” ё “Кини Сиёвуш” ном доштааст. Дар “Бурҳони Қотеъ” ва “Фарҳанги Рашидӣ” омадааст, ки “Кини Сиёвуш” номи лаҳни 20-ум аз 30 лаҳни Борбад аст.

Маълум мешавад, ки ин таронаҳо бо яке аз беҳтарин

достонҳои “Шоҳнома” - Достони марги ҷонгудози Сиёвуши гурд ва кинхоҳии Кайхусрав вобастагии наздике доштаанд.

3. Миёни солҳои 632-651 деҳгоне бо номи Донишвар таърихчаи ҳамаи подшоҳону паҳлавонони бостонро - Аз Каюмарс (ба бовари Зардуштиён, нахустин одам дар рӯйи замин) то Хусрави дувуми Парвизи Сосонӣ нигошта буд. Номи ин таърихча “Худойномак”, яъне “Шоҳнома” будааст. Ин асар дар давроне навишта шуда буд, ки Яздгирди севуми Сосонӣ бар тахт нишаста буд ва вазъи мамлакат хуб набуд. Яъне, “Худойномак” дар рӯзҳое навишта шуд, ки рӯзгори Сосониён ба охир расида, охирин подшоҳи Сосонӣ ба зарби ханҷари хиёнаткоре кушта шуд ва пойтахти Сосониён ба дасти бегонагон даромад. “Худойномак” ҳам айнан ба мисли “Шоҳнома” дер фароҳам омад.

Матни аслии китоби Донишвар то ба рӯзгори мо нарасидааст, аммо то асри VIII нусхаи хаттии он ҳанӯз мавҷуд будааст. Гувоҳи ин гуфта огоҳиҳоест, ки аз чанд тарҷумаи “Худойномак” аз порсӣ ба тозӣ дар даст дорем.

Тарҷума ва таҳзиби ривоятҳо ба забони тозӣ асосан дар се ҷой анҷом мегирифтааст: дар “Сапеддиж”-и машҳур, дар Исфаҳон ва дар Хуросон.

Тарҷумаи Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, ки дар он рӯзгорон онро “Шоҳномаи бузург” меномидаанд, овозае беш аз ҳама доштааст. Кори он наздик ба соли 759-760 ба поён расида буд. Корҳои тарҷумонҳои дигар ҳам чун Муҳаммад ибни Ҷаҳими Бармакӣ, Муҳаммад ибни Баҳром ибни Ма(и)тёри Исфаҳонӣ, Ҳишом ибни Қосими Исфаҳонӣ, Мӯсо ибни Исои Кисравӣ, Зодуя ибни Шоҳуяи Исфаҳонӣ ҷой доштанд. Гузашта аз инҳо, дар вилояти Форс мӯбад Баҳром пури Мардоншоҳ, ки 20 нусхаи хаттии таърихро ба забони порсӣ дар даст дошт, таърихи ҷомеи шаҳриёронро навишт.

4. Бо падид омадани амирнишинони мустақил ва нимамустақил тақозоҳо низ дигаргун мешавад ва нахустин “Шоҳнома”-ҳо ба забони порсии дарӣ падид меоянд. Марде бо номи Абулмуайяди Балхӣ, ки борҳо дар манобеи куҳан аз ӯ ёд шудааст, “Шоҳнома”-е ба наср навишта буд. Муаллифи “Таърихи Систон” бо ишора ба Абулмуайяд «Шоҳнома»-и ӯро бо суннатҳои ойини зардуштӣ наздик мекунад.

5. Ба фармони деҳгон Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдураззоқ «Шоҳнома»-и бузурге ба наср пардохта шуда буд.

Ин мард фармонравои Тӯс буд, ки аз Сомониён бурида, ба Оли Бӯя баста буд. Сомониён дар соли 962 ин деҳгонро заҳр дода куштанд (Ба ривояте дигар, дар ҷанг кушта шуд), аммо писаронаш баъдҳо ба Ғазнавиён пайвастанд.

6. Абӯрайҳони Берунӣ дар "Осор-ул-боқия" аз «Шоҳнома»-е ба порсии дарӣ ёд мекунад, ки онро Абӯалӣ Муҳаммад ибни Аҳмади Балхӣ суруда будааст. В.В. Бартолд бар ин андеша аст, ки он Абӯалии Балхӣ ҳамон Дақиқӣ аст, ки ба ифтихори яке аз ҳомиёнаш куняи хешро тағйир додааст. Тазкираҳо куняи Дақиқиро Абӯмансур зикр кардаанд.

7. Манобеи арабӣ аз як кори манзум рӯйи достонҳои куҳан низ иттилоъ медиҳанд. Аз ҷумла, ал-Макдисӣ дар китоби таърихи худ аз як чунин китоби эрониён ёд кардааст.

Ҳамин тавр, дар рӯзгори Фирдавсӣ на танҳо аз "Худойнома" чанд тарҷумаи тозӣ вуҷуд дошта, балки чанд баргардони ин китоб ба забони порсии дарӣ ва аз ҷумла, ду тарҷума ба шеър будааст. Пас, Фирдавсӣ ба ҳангоми оғози кори бузурги худ, метавонист аз манобеи хаттии пуршуморе баҳра гирад. Бисёре аз пажӯҳишгарон ҳатто ба ин ақидаанд, ки Фирдавсӣ танҳо аз манобеи хаттӣ истифода кардааст.

3. **Мухтасари мавзӯъ ва мазмуни "Шоҳнома"**. "Шоҳнома" аз ҳайси қимати бузурги адабӣ, нигаҳдории таърихи фарҳангӣ ва достонҳои қадимаи халқҳо, устувор гардонидани пояҳои фарҳангии забони порсии дарӣ асари бемислу монанд аст. Достонҳои "Шоҳнома" решаи таърихӣ аз "Авесто", гуфтори достонии қавмҳои қадимии эронӣ, таърихи тахайюлӣ ва достонии Эрон аз қадимтарин рӯзгорон то аҳди исломӣ ва афсонаю ривоёти парвардаи андешаи мардумӣ дар тӯли зиндагии деринаи ӯ доранд. Ба онҳо илова мешаванд ривоёти динӣ аз аҳди подшоҳони ашконию сосонӣ ва дигар қисмҳои зиёди таърихии ҳазорсолаҳо.

**Мундариҷаи "Шоҳнома".** Китоби "Шоҳнома" бо муқаддима ибтидо меёбад ва баъди фасли тавҳид (ваҳдати Худованд) фасле дар ситоиши хирад омадааст, ки дар он чунин мисроъҳоро мехонем:

Хирад беҳтар аз ҳар чӣ Эзид-т дод,
Ситойиш хирадро беҳ аз роҳи дод.
Хирадрову ҷонро кӣ ёрад сутуд?
Вагар ман ситоям, кӣ ёрад шунуд?
Хирад раҳнамою хирад дилкушой,

Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.

Бо ситойиши хирад сар шудани китоб чунин маъниӣ дорад, ки шоир дар ин асар воқеотро аз мавқеи дину мазҳаб ва хираду дониш шарҳ хоҳад дод. Баъд аз фаслҳои гуфтор дар офариниши Кайҳон, мардум, Офтоб ва Моҳ ситоиши Паёмбар (с) меояд. Гуфтор андар фароҳам овардани "Шоҳнома", достони Дақиқии сухансаро, гуфтор дар бунёд ниҳодани ин нома, ситоиши Абӯмансур ибни Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Тӯсӣ, ки ҳомии Фирдавсӣ буд ва ситоиши Султон Маҳмуд бахшҳои охирини муқаддимаи Ҳаким Фирдавсӣ мебошанд.

Воқеоти "Шоҳнома" аз офариниши Каюмарс ва замони ҳукмронии Пешдодиён сар мешаванд. Ҳар чӣ ба беҳдошт ва тарбияти инсон хидмат мекунад, аз Ҳурмузд аст. Ҳамаи бадиҳо, беморӣ ва марг парвардаи Аҳриман мебошад. Аҳриман писари худро ба ҷанги зидди фарзанди Каюмарс маҷбур кард. Писари Каюмарс – Сиёмак кушта шуд ва бо ҳамин муборизаи инсон бо Аҳриман сар шуд. Писари Сиёмак – Ҳушанг бо ҳамроҳии бобояш бар қувваҳои бадӣ ғалаба кард ва писари Аҳриманро кушт.

Дар замони Ҳушанг ҷашни Сада (кӯтоҳтарин рӯз) расм шуд. Фирдавсӣ бунёд ниҳодани ҷашни садаро ба муносибати кашфи оташ аз ҷониби Ҳушанг вобаста медонад. Дар хусуси номгузории ҷашни Сада ривоятҳои дигар ҳам ҳастанд, мисли ин ки Берунӣ расмияти ин ҷашнро ба замони Фаридун рабт медиҳад. Ҳушанг пас аз он ки бо бархурди ду санг ба ҳам оташ падидор шуд, бо фаро расидани шабҳангом ҳамроҳи мардум дар ҳамаи майдонҳо ва сари кӯҳҳо ба бузургии кӯҳе оташе барафрӯхта, ҷашне барпо кард, ба боданӯшӣ пардохт ва номи он ҷашни фархундаро Сада ниҳод. Ӯ Аҳриманро тобеъи худ кард, ба обод кардани гетӣ пардохт ва аз ин ҷиҳат номаш дар дунё ба некӯӣ монд. Пас аз ӯ Ҷамшед ба тахти подшоҳӣ расид ва ин замони тиллоии ҳокимият буд, одамон ғаму андӯҳ ва норасоиро намедонистанд, на беморӣ буд, на пирӣ ва на марг. Аз ин пешрафт Ҷамшед ба роҳгумӣ афтод ва Аҳриман ӯро таскин дод, ки ту худоӣ:

Чунин гуфт бо солхӯрда меҳон,
Ки ҷуз хештанро надонам ҷаҳон.

Дар натиҷа Ҷамшед аз такяи Ҳурмуз маҳрум шуд. Аз Араб шоҳ Заҳҳок омад ва мулки ӯро ба даст овард. Ҷамшед

гурехт, дар ақсои олам мегашт ва ӯро одамони Заҳҳок аз назди дарёи Чин ёфта оварданд. Ӯро арра карда, ду пора карданд.

Аҳриман бо таърифу ҳила подшоҳи навро ба худ ром кард. Вай қиёфаи ҷавони ошпазро гирифта, ба Заҳҳок хӯрдани гӯшти кушташударо ёд дод. Ба ивази ин Заҳҳок ваъдаи иҷро кардани ҳамаи хоҳишҳояшро медиҳад. Ӯ фақат аз ду китфаш бӯса карданро хоҳиш менамояд. Дар ҷойи бӯса ду мор мебарояд. Аҳриман дар симои табиб омада, ба ҳар кадомашон додани магзи сари ду ҷавонро тавсия медиҳад. Заҳҳок ба иҷрои ин кор сар мекунад. Батадриҷ дар мулки Заҳҳок чароги зиндагӣ хомӯш шудан гирифт. Одамон кам шуданд, киштзорҳо хушкиданд.

Дар ин вақт аз насли Ҷамшед ҷавоне ба номи Фаридун ба камол мерасад ва ба назди ӯ аз ҳар ҷониби кишвар ҷавонмардон ҷамъ меоянд. Заҳҳок барои нигаҳ доштани ҳокимият аз номи мардум маҳзаре (гувоҳинома) месозад, то ҳукмрониашро абадӣ гардонад. Коваи оҳангар, барои нигаҳ доштани писари охирини худ, пешдомани чарминашро алам месозад ва шӯриш мебардорад. Шӯришгарон бо лашкари Фаридун як мешаванд ва Заҳҳокро гирифта бо занҷирҳо дар кӯҳи Дамованд мебанданд.

Фаридун шоҳи одилу оқил ва хирадманд аст. Вай намунаи подшоҳи ормонӣ ва идеалии Фирдавсӣ мебошад. Ӯ подшоҳиро байни се писараш тақсим мекунад. Ба Салм кишвари Руму тамоми мамолики Ғарбро бахшида, вайро Ховархудо (шоҳи Ховарзамин) мехонад, ба Тур Тӯрону Чинро бахшида, ӯро Тӯроншоҳ номид, ба писари хурдӣ – Эраҷ Эрону Дашти найзаварон (Яман) дода шуд ва ӯро Эронхудо (шоҳи Эронзамин) номид. Салму Тур, бинобар он ки Фаридун беҳтарин сарзамин (иқлими миёна аз ҳафт иқлим) ва маҳдудаи аслии шоҳии худро ба Эраҷ муносиб дониста буд, чунин тақсимро нодуруст ҳисобида, бародарашон – Эраҷро куштанд. Аз ҳамин ҷо ихтилофи азими Эрону Тӯрон сар шуд.

Баъд аз Фаридун ба тахти подшоҳӣ Манучеҳр менишинад. Дар “Шоҳнома” аз ҳамсари Манучеҳр ёд нашудааст. Яке аз канизакони Эраҷ аз ӯ обистан буд. Аз ин канизак духтаре ба дунё омад ва вақте ки калон шуд, Фаридун бародарзодааш Пашангро, ки аз тухмаи Ҷамшед буд, ба

ҳамсарии ӯ баргузид ва он духтарро ба ақди никоҳи ӯ даровард. Пас аз нуҳ моҳ духтари Эраҷ писаре бизод. Фаридун ҷашне барпо карду номи писарро Манучеҳр гузошт. Падару модари Манучеҳр дар сарчашмаҳо бо номҳои Пашангу Моҳофарид ва Пушангу Гавзак ёд шудаанд. Ҳамин тавр, Манучеҳр аз сулолаи Эраҷ таваллуд шуд, кини падарро аз Тур гирифт, ӯро кушт ва худ ба подшоҳии Эрон расид.

Дар ҳамин ҷо қисми қаҳрамонии "Шоҳнома" сар мешавад. Аксари паҳлавонон аз хонадони Соми Наримони Систонанд. Дар хонадони Сом писаре таваллуд шуд, ки мӯйи сараш сафед буд. Инро фоли бад пиндошта, кӯдакро ба кӯҳ бурда мегузоранд. Ӯро Симурғ парасторӣ мекунад ва ба вай Дастон ном мениҳад. Падар аз кори кардааш пушаймон мешавад ва ба кӯҳ рафта писарро зиндаю саломат меёбад. Ҳанғоми видоъ Симурғ ба ӯ чанд парашро медиҳад. Сом ба писараш Зол, яъне паҳлавони бузург ном ниҳод, бо тавсифи Золи зар. Манучеҳр аз Зол хабар ёфта, ӯро ҳокими Зобулистон таъйин мекунад.

Золи ҷавон ба тамошои Кобул меравад. Подшоҳи Кобул – Меҳроб аз авлоди Заҳҳок буд. Зол аз духтари зебои Меҳроб огоҳ шуд, вале аз бими норизоии падар барои дидани ӯ кӯшиш намекунад. Меҳроб пас аз дидани Зол аз сифатҳои ӯ дар хона сухан меронад ва духтараш – Рудоба ба ӯ ошиқ мешавад. Бо ёрии канизакон Рудоба бо Зол вомехӯрад. Баъд Зол ба падараш дар бораи хоҳиши хонадор шуданаш мегӯяд. Мунаҷҷимон пешгӯӣ мекунанд, ки аз ин издивоҷ бузургтарин паҳлавони ҷаҳон ба дунё меояд.

Барои таваллуди кӯдак Зол Симургро даъват мекунад, кӯдакро мӯбаде аз сӯрохи паҳлӯи модар мегирад ва барои ин корро ба ҷой овардан ба Рудоба каме шароб медиҳад. Кӯдакро Рустам ном ниҳоданд. Кӯдак чунон бузург ва қавӣ аст, ки ӯро даҳ доя бо шири худ сер мекунанд ва таъоми панҷ мардро мехӯрад.

Дар ин вақт Манучеҳр фавтида, писараш Нӯзар ба тахти подшоҳӣ нишаст, ки подшоҳи золиму бераҳм буд. Дар мамлакат душвориҳо пеш омад ва подшоҳи Тӯрон писараш Афросиёбро бо лашкар ба самти Эрон фиристод. Бо ин тартиб Афросиёб ба саҳнаи корзор меояд, ки рақиби бузурги Рустам ва душмани доимии Эрон буд. Нӯзар аз Афросиёб шикасти азиме мехӯрад ва худи шоҳ ҳам ба асорат меафтад.

Афросиёб пеш рафтанӣ буд, то ба сарзамини Меҳроб ҳам бирасад. Зол пеши роҳи ӯро гирифт ва зарбаи лашкари Зол Тӯрониёнро рӯй ба гурез овард. Афросиёб Нӯзарро кушт. Баъди ӯ Зав панҷ сол подшоҳӣ кард. Пас аз Зав писараш – Гаршосп ба тахт менишинад ва баъд аз нуҳ соли подшоҳӣ вафот меёбад. Дар ин замон Афросиёб, чун тиҳӣ шудани тахти Эронзамин аз шоҳро мефаҳмад, ба ин сарзамин метозад. Дар ин ҳангом Зол пир шуда ва дигар майдондорӣ карда наметавонад, ба арсаи бузурги паҳлавонӣ, ки маънии ҳимоят аз марзу бум ва нангу номусро дорад, Рустам ворид мегардад. Рустам пас аз омодагӣ ба муқобили Афросиёб лашкар мекашад.

Рустам барои худ асп ҷустуҷӯ мекунад. Дигар аспҳо ӯро бардоштан натавонистанд ва дар охир Рахшро интихоб кард. Аз ин ҷо бахши қаҳрамонии "Шоҳнома" комил ва силсилаи подшоҳони каёнӣ сар мешавад.

Ба тахти подшоҳӣ Кайқубод меояд, ки подшоҳиаш сад сол давом дошт. Рустам кӯшиш дорад, ки душмани худ ва Эрон – Афросиёбро ба даст орад. Аз падараш – Зол сифати Афросиёб мепурсад. Ӯ мегӯяд:

Дирафшаш сиёҳ асту хафтон сиёҳ,
Аз оҳан-ш соъид, з-оҳан кулоҳ.
Наҳанг ӯ зи дарё барорад ба дам,
Зи ҳаштод арш нест болош кам.

Кайковус ба Мозандарон лашкар мекашад, паҳлавонон ӯро аз ин роҳ баргардонданӣ мешаванд, вале аз ин роҳ баргаштан намехоҳад. Касе аз гузаштагон бар девони Мозандарон ғалаба накардааст. Шоҳи Мозандарон ба ёрӣ деви сафедро мехоҳад. Ӯ ба лашкари Кайковус ва худи ӯ нобиноӣ оварда, онҳоро асир мегардонад. Хабар ба Эрон мерасад. Зол пир шудааст ва ба ҷанг рафтан наметавонад. Зол Рустамро мефиристад. Ба Мозандарон ду роҳ мебурд: яке осон, ки шоҳ бо он рафта буд ва роҳи шашмоҳа аст. Роҳи дувум барои ду ҳафта аст, вале махуф. Рустам роҳи дувумро интихоб кард.

Дар ҳамин ҷо фасли "Ҳафт хони Рустам" сар мешавад, ки аз ҳафт корнамоии бузурги Рустам ҳикоят мекунад: хони аввал – ҷанги Рахш бо шере, дувум – Рустам аз қафои изе рафта, чашмаи обро меёбад, севум – ҷанги Рустам бо аждаҳо, чаҳорум – куштани Рустам зани ҷодуро, панҷум – гирифтор

шудани Авлод ба дасти Рустам, ки макони деви сафед ва эрониёни асирро медонист, шашум – ҷанги Рустам бо Аржангдев, ҳафтум – куштани Рустам деви сафедро. Чанд қатра хуни деви сафед чашми эрониёнро рӯшан менамояд. Дар ниҳоят шоҳи Мозандарон кушта мешавад ва Ковус намояндаи худро ба ҳукумати он ҷой таъйин мекунад.

Кайковус ба сайру саёҳати ҷаҳон мебарояд. Дар Ҳомоварон ба духтари шоҳ – Судоба ошиқ мешавад ва ӯро ба занӣ мегирад. Аммо шоҳи Ҳомоварон Ковусро дастгир ва ҳабс мекунад. Судоба аз падар раҳо кардани шавҳарашро хоҳиш менамояд, Кайковусро озод мекунанд. Аз вазъият истифода бурда Афросиёб боз ба Эрон ҳуҷум мекунад. Дар ҷанг Рустам шоҳи Ҳомоваронро асир кард ва Кайковусро аз дасти ӯ раҳо дод. Баъди он Рустам шикасти азиме ба Афросиёб мерасонад.

Бо ёрии Иблис девҳо ба Кайковус, дар шакли ҷавоне даромада, маслиҳат медиҳанд, ки ба осмон сафар кунад. Вай дар дастгоҳе бо ёрии уқобон ба ҳаво мепарад ва меафтад. Рустам ӯро дар ботлоқзори Омул меёбад.

Дар ҳамин ҷо "Достони Суҳроб" – машҳуртарин достони "Шоҳнома" омадааст. Вақте Рустам аз Ковус барои раҳо кардани Суҳроб нӯшдору мепурсад, додан намехоҳад ва ҳол он ки Рустам ӯро се дафъа аз дами бало раҳо карда буд. Баъди ин достони дуюми фоҷиавии "Шоҳнома" аз рӯзгори Сиёвуш нақл шудааст.

Пас аз воқеаи Сиёвуш Рустам Судобаро кушта ва барои кини Сиёвушро гирифтан лашкар мефиристад. Ҷанги азиме рӯй дод. Писари Сиёвуш – Кайхусравро Пирон ба Хутан мебарад. Тӯронро Рустам ба биёбон табдил медиҳад.

Пешгӯӣ шудааст, ки галабаи охиринро аз болои Тӯрон Кайхусрав ба даст меорад. Гевро, ки домоди Рустам буд, ба ҷустуҷӯйи Кайхусрав мефиристанд. Баъди чандин моҷаро Кайхусравро Кайковус бо тантана ба тахт менишонад.

Кайхусрав ба муқобили Афросиёб лашкар ҷамъ мекунад, ҳамаи паҳлавонон уҳдадор мешаванд ва сафари ҳарбӣ шурӯъ мегардад. Як дафъа миёни Кайхусрав ва Афросиёб сулҳ баста шуд. Дар ҳамин ҷо достони Комуси Кашонӣ омадааст. Комус ҷаҳонпаҳлавон аст. Комусро Рустам асир мегирад ва ӯро пора-пора мекунанд. Баъди ин достони Рустам бо Хоқони Чин аст. Чиниён шикаст мехӯранд ва Хоқони Чин асир

меафтад.

Дар Суғд Рустам ба Дижи бедод меояд. Дар он ҷой одамхӯрон мезистанд, Рустам шоҳи онҳо – Кофурро кушта, худашонро пароканда мекунад. Рустам муддате Аквондевро таъқиб мекунад ва хаста шуда барои дам гирифтан ба хоб меравад. Дев Рустамро бо он хок ба ҳаво мебардорад. Рустам пас аз бедор шудан аз ҳоли худ хабар меёбад. Дев мепурсад, ки туро ба куҷо партоям. Рустам медонист, ки ӯ акскор аст, гуфт: "Ба кӯҳ". Дев ӯро ба дарё андохт ва Рустам зинда монд. Оқибат Рустам Афросиёбро аз он ҷой ронд ва Аквондевро кушт. Дар ҳамин ҷо достони "Бежан бо Манижа" омадааст.

Афросиёб лашкари азиме ҷамъ карда нисфашро ба Хоразм мефиристад. Лашкари Афросиёбро Пирон сарварӣ мекард. Дар ин ҷо достони "Дувоздаҳ рух" омадааст, ки ҷанги дувоздаҳ паҳлавони Эрону Тӯронро дар бар мегирад. Пирон дар ин ҷанг кушта мешавад. Давоми ҷанг бо сарварии Кайхусрав идома меёбад. Дар ҷанги азим Шеда – писари Афросиёбро Кайхусрав мекушад. Баъди разми шадиди ду лашкар Афросиёб рӯй ба гурез меорад. Ӯ ба қалъаи Гангдиж паноҳ бурда, аз Фагфури Чин мадад мепурсад. Кайхусрав бо мардум бо хайру дод муомила мекард ва бинобар ин, ба осонӣ пеш рафт. Афросиёб аз ӯ сулҳ мехоҳад, вале қабул намекунад. Афросиёб бо ҳамроҳии дусад савора мегурезад. Дар охири кор ӯ кушта мешавад. Бо ҳамин ҷанги садсолаҳо идома ёфтаи Эрону Тӯрон ба поён мерасад. Дигар каси ҳуҷум мекардагӣ нест.

Кайхусрав аз ҷаҳон ноумед гашта, гӯшанишиниро пеш мегирад ва доимо даст ба дуъо дорад, ки тақдири Ҷамшед насибаш нагардад. Ӯ наздиконашро хонда, ба онҳо андарз мекунад ва дар ниҳоят паҳлавононро ҷамъ оварда, мулки подшоҳиро байни онҳо тақсим менамояд. Тахти подшоҳиро ҳамроҳи ганҷ ба Луҳросп мегузорад ва ӯро чунин панд медиҳад: забони худро ҷуз ба дод магардон, зеро бо додгарӣ пирӯзу шод хоҳӣ буд; равони хешро бо дев ошно масоз; чун бихоҳӣ, ки бахтат ҳамеша ҷавон бимонад, хирадманду беозор бош ва ҳамеша забони худро нигоҳ бидор. Баъд аз ин Кайхусрав ба эрониён рӯй оварду аз он хост, то ба шоҳиву бахти ӯ шодон бошанд. Мардум, аз ҷумла Зол, ки аз номи ҳамаи онҳо сухан гуфта буд, дар огоз интихоби Луҳроспро нодуруст ҳисобиданд. Баъд аз тавзеҳи зарурии Кайхусрав

мардум бо ӯ ҳамдостон шуданду Луҳроспро шоҳ хонданд. Ба қавли Кайхусрав, Луҳросп ҳам аз тухмаи бузургон ва набераи Ҳушангшоҳ аст.

Кайхусрав видоъ гуфта, ба қуллаи кӯҳи азиме мебарояд. Ӯро паҳлавонон Тӯс, Гев, Фарибурз, Бежан ва Густаҳам ҳамроҳӣ мекарданд. Дар назди чашмаи баланди кӯҳӣ таваққуф мекунанд, Кайхусрав мегӯяд, ки фардо нопадид хоҳад шуд. Шаб хоб мекунанд ва рӯзи дигар ӯро нопадид мебинанд. Ҳамроҳонаш дар ҷустуҷӯи ӯ хаста мешаванд, дам гирифтан мехоҳанд, вале боди азиме бархоста, онҳоро гирифтори марг мегардонад. Бо ҳамин қисмати қаҳрамонии "Шоҳнома" ба поён мерасад, ба тадриҷ паҳлавонони афсонавӣ аз саҳнаи зиндагӣ дур мешаванд. Тахти подшоҳӣ баъди чанде моҷаро аз Лӯҳросп ба писараш Гуштосп мерасад. Дар ин вақт Зардушт пайдо шуда, дини зардуштиро барқарор мекунад ва Луҳросп ба Балх рафта, онро қабул менамояд. Гуштосп писари далере дорад бо номи Исфандиёр ва ӯро падар ба ҷанги Арҷосп мефиристад. Дар ин ҷо достони "Ҳафт хони Исфандиёр" меояд.

Баъди ин достони "Размл Рустам бо Исфандиёр" аст. Гуштосп мегӯяд, ки мехоҳад тахти подшоҳиро ба Исфандиёр бидиҳад, вале Рустам ба ин розӣ нест. Гӯё Рустам ба он ишора мекунад, ки Гуштосп аз авлоди шоҳон нест ва тахти шоҳиро замоне, ки Исфандиёр Рустамро баста биёрад, ба ӯ медиҳад. Исфандиёр писараш Баҳманро назди Рустам мефиристад, ки ӯ тобеъи Гуштосп шавад. Рустам дар ҷавоб мегӯяд, ки бо сари кин набояд омад, зеро аз шоҳи Эрон банд дар поям намехоҳам ва касе банд дар пойи ман надидааст.

Рустам ба хаймаи Исфандиёр меравад, ӯ ба Рустам беэҳтиромӣ зоҳир менамояд. Рустам мегӯяд, ки Исфандиёр бояд фаромӯш накунад, ки агар онҳоро авлоди Рустам имдод намекард, на падару на бобои ӯ бар тахти подшоҳӣ наменишастанд. Дар ниҳоят Рустам ба ҷанги Исфандиёр розӣ мешавад. Ҷанг хеле тӯл кашид ва Рустам фаҳмид, ки Исфандиёр дар ҳақиқат рӯйинтан аст. Рустам суст шудани мадори худро ҳис карда, пешниҳоди ба рӯзи дигар монондани ҷангро гузошт. Рустам ба назди падараш рафта, андешаи аз ин шармандагӣ гурехтанро мекунад:

Ки ман ҳамчу рӯинтан Исфандиёр
Надидам ба мардӣ гаҳи корзор...

Бирастам ман аз ҷанги ин аждаҳо,
Надонам, ки чун ҷуст хоҳам баҳо.
Чу андешам акнун, ҷуз ин нест рой,
Ки фардо бигардонам аз Рахш пой.
Ба ҷое равам, к-ӯ наёбад нишон,
Ба Зобулситон гӯ бикун сарфишон.

Зол Симурғро ба ёрӣ даъват кард. Мурги доно ҳама вақт Рустаму аспи ӯро табобат мекард. Дар ин дафъа дувоздаҳ пайкон аз тани Рустаму шаш аз Рахш берун овард. Симурғ мегӯяд, ки ҳар кӣ хуни Исфандиёр бирезад, ӯро рӯзгор сазо хоҳад дод ва агар зинда монад ҳам, то мурдан аз ранҷ раҳо нахоҳад ёфт. Исфандиёрро фақат бо чӯби газ куштан мумкин аст, ки ин чӯб дар соҳили рӯди Чин мерӯяд. Симург барои Рустам чунин чӯб меорад. Чун Рустам бо чӯби газ мурдани Исфандиёрро медонист, ӯро ба даст кашидан аз ҷанг ташвиқу лоба кард, вале қабул накард. Баъди дар чашмаш тир хӯрдан Исфандиёр анҷоми кори худро фаҳмид, зеро дар ҷойи дигари бадани ӯ тир кора намекард. Исфандиёр аз падари хеш, ки ӯро ба ин роҳ равона кард, гила ва аз Рустам хоҳиш мекунад, то писараш – Баҳманро нигаҳбонӣ кунад. Гуштосп аз марги писар қаноатманд буд.

Канизаки Сом аз ӯ писаре дошт ба номи Шағод. Вай дар хидмати шоҳи Кобул буд. Шоҳи Кобул ба Рустам хироҷ медод. Барои аз Рустам халос шудан ӯро куштан мехоҳад. Бо маслиҳати Шағод Рустамро ба шикор даъват карда, дар шикоргоҳ даҳ чоҳ мекананд ва дар онҳо шамшеру найзаҳо мешинонанд. Рахш, вақте ҷойи навкандаро мебинад, рафтан намехоҳад, Рустам ӯро маҷбур мекунад ва онҳо ба чоҳ меафтанд. Рустами маҷрӯҳ Шагодро мегӯяд, ки дар наздаш тиру камон гузорад, то ки дар вақти зинда буданаш, агар ҷонваре биёяд, ӯро бипаронад. Шагод ин илтимосро ба ҷой овард ва фаҳмид, ки ин иқдом барояш чӣ хавфе дорад. Ӯ ба пушти дарахти азиме паноҳ бурд. Рустам бори охирин дар умри худ тир андохт, тири ӯ дарахтро сӯрох карда, аз тани Шагод ҳам гузашт. Рустам пеш аз марғ мегӯяд:

Чунин ғуфт Рустам ба Яздон сипос,
Ки будам ҳамасола яздоншинос.
Маро зӯр додӣ, ки аз марг пеш,
Аз ин бевафо бистадам кини хеш.

Ба тахти подшоҳии Эрон Баҳмани писари Исфандиёр

менишинад. Писари Баҳман Сосон ном дорад ва духтараш Ҳумойи Чеҳразод. Аз Ҳумой писаре монд, ки Дороб ном дошт. Ҳумой Доробро ба тахти подшоҳӣ нишонд. Баъд аз Дороб писараш – Доро ба подшоҳӣ мерасад. Миёни Доро ва Искандар размҳо сурат мегиранд, Доро пас аз шикаст ба Кирмон мегурезад ва ба дасти дастурони худ кушта мешавад. Ба тахти подшоҳӣ Искандар менишинад, ки чаҳордаҳ сол подшоҳ буд. Искандар дар Бобул вафот меёбад. Пас аз рӯзгори Искандар тахти подшоҳӣ аз они касе набуд, дар ҳар гӯшаи гетӣ яке аз бузургоне, ки аз нажоди Ораш ва далеру сабуксару саркаш буданд, андаке аз кишварро гирифта буд. Чун онҳоро ба шодӣ бар тахт биншонданд, онҳоро мулук-ут-тавоиф хонданд. Нахустини эшон Ашк буд, аз нажоди Қубод. Ба ин сон подшоҳии Ашкониён дусад сол буд ва чунин равиши подшоҳӣ чораи андешидаи Искандар буд, то кишвари Рум ободбар ҷой бимонад. Сосони писари Доро бо Дороб буд. Сосон ба Ҳиндустон гурехт, ба чаҳор насли ӯ Сосон ном гузоштанд. Ҳокими Исфаҳон духтарашро ба Сосон медиҳад. Писари онҳо Ардашер ба тахти подшоҳӣ расид. Писари Ардашер Шопур ва писари Шопур Ҳурмуз буд.

Баъди ин дар "Шоҳнома" асосан тасвири подшоҳони таърихии Сосонӣ омадааст, ки баъзе аз онҳо хеле тӯлонӣ буда, мазмуни достонӣ доранд ва бо қиссаву ривоёти таърихию мардумӣ омезиш ёфтаанд. Охирин подшоҳ аз хонадони Сосониён Яздгирд буд. Вай аз ҳамлаи арабҳо гурехта, дар шаҳри Марв паноҳ мебарад ва ӯро осиёббоне мекушад. Ҳаводиси "Шоҳнома" бо куштори шоҳ оғоз шуданд ва бо куштани подшоҳ анҷом ёфтанд.

**Мақсад ва ғояи "Шоҳнома".** Асари бузурги Фирдавсӣ ҳодисаҳои хеле зиёдеро дар бар мегирад. Дар назари аввал вай маҷмӯаи воқеоти асотирӣ, достонии паҳлавонию қаҳрамонӣ, таърихӣ ва монанди онро дар бар мегирад. Аммо ба ақидаи шоир вай достони ягонае мебошад, оғозу анҷом ва пайванди дохилиаш ягонагии фикрӣ ва тасвирии адабӣ доранд. Ин ягонагӣ дар навбати аввал аз мақсад ва ниятҳои шоир бармеояд.

Нахуст ин, ки дар "Шоҳнома" инсон бо таҷаллии рӯҳонию ҷисмонӣ ва дар авзоъи гуногун тасвир шудааст. Фирдавсӣ ба тағйиру табдили мавзӯъ нигоҳ накарда, сухан аз тақдири инсон мегӯяд. Ҷойи амали инсон ин ҷаҳони фароху

васеъ аст, ки паҳнои ҷаҳонӣ ва ватанӣ дорад. Яъне, паҳнои олам ҷойи амали озоди одам набуда, ба мулку мамлакатдорӣ вобаста мебошад. Ин макони амал манзили муваққатӣ аст ва барои ҳамин сарои сипанҷ ном дорад. Мақсади зиндагӣ дар ин ҷаҳон зистан ва ба корҳои неку бад машғул шудан, ки оқибат номи нек ё бад ба бор хоҳад овард. Анҷоми зиндагонӣ ба монанди огозаш ҳеч аст ва беҳтар он аст, ном ба некӣ бурда ва ба ҷаҳонбони ягона паноҳ ёфта бошӣ.

Қисмҳои асосии "Шоҳнома" ба ин анҷом меёбанд, ки подшоҳ кушта мешавад ва подшоҳӣ ба бегонагон интиқол меёбад. Қисми асотирӣ бо кушта шудани Ҷамшед ва омадани Заҳҳок, қисми қаҳрамонӣ бо кушта шудани Доро ва омадани Искандар ба поён мерасад. Дар охир кушта гардидани Яздгирд ва огози омадани арабҳо мебошад. Мамлакатро вақте бегонагон мегиранд, ки дар дохил бенизомӣ ба вуҷуд омада бошад. Аз ин натиҷаи "Шоҳнома" хулосаи Фирдавсӣ ин аст, ки дар мамлакат оромию осудагӣ ва ягонагии кишвар вақте таъмин мегардад, ки подшоҳӣ ба сарварони ватанпарвар ва оқилу доно, ба монанди Фаридуну Кайхусрав расида бошад. Шикасти кишвар аз гурехтани подшоҳ сар мешавад. Маълум мешавад, ки ғояи марказии "Шоҳнома" эҳтироми бузургии инсон дар корҳои ҷаҳон ва ватанпарварӣ мебошад.

Ҷангҳои "Шоҳнома" ду ангеза ва сабаби сар задан доранд: ангезаи мазҳабӣ ва ватанхоҳӣ. Дар бисёр мавридҳо онҳо аз ҳам ҷудо нестанд. Ҷанги аввалини "Шоҳнома" миёни Сиёмак ва девон ангезаи мазҳабӣ дошт, ҷанги Яздгирду арабҳо низ дар заминаи мазҳабӣ ба вуқӯъ пайваст. Сиёмак бо амри Ҳурмуз амал мекунад ва омадани арабҳо низ фармоиши Худованд аст. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки ба назари Фирдавсӣ бузургтарин ҳаводиси таърихӣ дар заминаи мазҳабӣ рӯй додаанд.

"Шоҳнома" аз огоз то анҷом достони фоҷиавӣ аст. Аз куштани Сиёмак то анҷоми кори Яздгирд фоҷиоти зиндагии инсон идома меёбанд. Дар "Шоҳнома" муборизаи наву кӯҳна, худию бегона, неку бад, камандешиву хирадмандӣ, сипосу носипосӣ, подоши некию азоби бадӣ аз огоз то анҷом идома меёбад.

Мақсад ва нияти аслии Фирдавсӣ аз офаридани "Шоҳнома" гояи ватанхоҳию ватанпарварӣ буда, ҳамин нияти олӣ такягоҳи ӯ дар ранҷи зиёда аз сисолааш будааст.

## ДОСТОНИ ЗОЛ ВА РУДОБА

**Мазмуни достон**. Муносибати воқеаҳо, қаҳрамонон ва дигар ҳаводиси достон аз мавқеи воқеиятҳои иҷтимоӣ бозгӯ мешавад. Дар огоз Фирдавсӣ ба ривояти достон ишора мекунад ва дар асоси он ба вуҷуд омадани достонро ба ёд меорад:

Кунун пуршигифте яке достон,
Бипайвандам аз гуфтаи бостон.

Он қисми достон, ки хабар аз зодани Зол ва тарбият ёфтанаш ба дасти Симург аст, аз ривояти бостонист ва дар он чизе ба маънои иҷтимоии замон мепайвандад, авзои Сом дар мақоми падарист. Зол аз он ки аз модар бо камбуд зодааст, озурда аст. Аммо дар даргоҳи падар донишу ҳунар омӯхт.

**Огоҳии Зол ва Рудоба аз якдигар**. Сом бо фармони подшоҳ Манучеҳр ба сӯи Гургсорону Мозандарон лашкар кашид ва Золро ба ҷойнишинии худ ба тахти подшоҳӣ нишонд. Баъди рафтани падар Зол ба ҷониби Кобул сафар мекунад. Меҳроби Кобулӣ бо шукӯҳу бузургии шоҳона Золро пазируфт. Он воқеаи ғайричашмдошт баъди рафтани Меҳроб аз меҳмонии Зол пеш омад. Касе аз миёни бузургон бо паҳлавон дар паси пардаи Меҳроб будани духтари хуршедрӯи нозанинро хабар дода, ӯро васф кард:

Зи сар то ба пояш ба кирдори оҷ,
Ба рух чун биҳишту ба боло чу соҷ.
Бар он суфта симин-ш мушкин каманд,
Сараш ғашта чун ҳалқаи пойбанд.
Рухонаш чу гулнору лаб нордон,
Зи симин бараш раста ду норвон...

Дар огоз нияти Зол зоҳиран сафар кардану ҷаҳон дидан буд. Баъди шунидани васфи духтари шоҳи Кобул шавқи ботин ба зоҳир омад ва ҷойи холии маънии сафарро гирифту пурра кард. Ҷавони муштоқ аз чунин хабар бар сари андеша менишинад ва сӯгворӣ мекашад.

Рӯзи дигар Меҳроб, бо мақсади даъвати Зол ба меҳмонии хонаи худ, ба боргоҳи ӯ омад. Зол даъвати ӯро, ба сабаби хушоянд набудани рафтан ба хонаи бутпарастону майгусорӣ кардан, рад кард. Зол Меҳробро сазовори офарин ёфт ва ҳамроҳонаш дар ӯ дилгармиро ба Меҳроби бутпараст дида, ноилоҷ бар ситоиши ӯ забон кушоданд. Дар ин лаҳзаи достон дар рафтори Зол нарафтан бурун аз иродаи падар ва назари

нек ба Меҳроби бутпараст муҳим аст. Дар мавриди якум натиҷаи тарбият ва бозгӯи муносибатҳои суннатии эронӣ дар пайванд бо одоби суннатӣ, яъне сари итоат овардан ба хоҳиши падар ва майли ҷавонӣ, ки бар боли меҳр бадиро дар симои марди бутпараст намебинад.

Ҷавони гирифтори андешаи ишқ хирадро дур кард ва ишқро фарзона ёфт, зеро дилаш огандаи меҳр буд. Аз гуфтугӯй рӯй метофт, то обурӯяш тира нашавад. Ба ин тартиб, ҷавони муштоқ гирифтори ишқи духтари подшоҳи соҳиби мазҳаби бегона шуд ва дар қалбу равони худ аз ин бегонагӣ бадӣ эҳсос намекард. Ин назари Фирдавсӣ бо худ маншаи иҷтимоии замон ва таълимоти фалсафии аҳди ӯро дорад. Ба ин маънӣ, ки ҳиссиёт ва қувват, агар бар равони шахс тасаллут ёбанд, ақлро дар итоати худ нигоҳ медоранд.

Синдухт-ҳамсари Меҳроб, замоне шавҳараш аз назди Зол баргашт, бо кунҷковии хоси занон аз ӯ чигунагии пури Сомро пурсид. Дар ҷавоб Меҳроб бузургию паҳлавонӣ ва зебоии Золро ситуд. Аз шунидани ин суханон ваҷоҳати духтар дигаргун шуд ва дар дилаш меҳри Зол ҷой гирифт ва чунонки бо Зол рӯй дода буд, дар Рудоба ҳам ҷойи хирадро орзу гирифт:

Дилаш гашт пуроташ аз меҳри Зол,
Аз ӯ дур шуд хӯрду орому ҳол.
Чу бигрифт ҷойи хирад орзуй,
Дигар шуд ба рою бо ойину хӯй.

Дар ҳамин ҷо Рудоба аз шахсияти Зол огоҳӣ меёбад ва дар дил нисбат ба ӯ меҳр пайдо мекунад. Ба монанди Зол Рудоба аз забони падар Золро мешиносад. Ҳамон ҳолат, ки бо Зол рӯй дод, пешомади Рудоба ҳам шуд.

**Дидор кардани Зол бо Рудоба**. Рудоба ба Зол ошиқ буданаш ва меҳри Золро дар дилу ҷону ҳуш доштанашро ба хидматгорон ва канизакони арз карда хоҳиш дошт, ки аз ин роз касе набояд огоҳӣ ёбад ва яке чора ҳам дар ин маврид бояд андешид. Онҳо хубиҳои духтарро баршумурда ӯро аз он шарм доронданд, ки падарро дур карда, ба ин парвардаи мург мепайвандад. Бо ин ду рухсори сурху мӯи мушкин пиреро ҷустан шигифтӣ аст. Барои ту, бо чунин рӯю болою мӯй, аз чархи барин шӯй меояд.

Ин посухи парастандагон ҳам аз рӯи одоби инсонист ва ҳам аз эҳтироми хонаводагӣ; мувофиқи одат духтар набояд бе

розигию огаҳии падар бо кас касби пайванду шиносой кунад. Авсофи пиронаи мӯю мурғпарварида будани Золро гуфтан изҳори хидматгузорӣ кардани хидматгор ва худнамоии ӯст. Аммо дар ҷавоби онҳо хитобан Рудоба аз табоҳии дили худ ва даъвои ягонаи дил будани Золро изҳор карда, савганди ҷуз ӯ каси дигарро нахостан мекунад:

На Қайсар бихоҳам, на фағфури Чин,
На аз тоҷдорони эронзамин.
Ба болои ман пури Сом аст Зол,
Або бозуи шеру бо китфу ёл.
Гараш пир хонанд ё навҷавон,
Маро ҳаст ороми ҷону равон...
Маро меҳри ӯ дил надида гузид,
Ҳамон дӯстӣ аз шунида гузид.
Бар ӯ меҳрубонам, на бар рӯю мӯй,
Ба сӯйи ҳунар гаштамаш меҳрҷӯй.

Хидматгорон раъйи қавии ӯро дониста, ба хидмат омода шуданд. Хидматгоре изҳор мекунад, ки ин суханро касе нахоҳад донист ва ваъда медиҳад, ки бо ҳар раҳу ҷодуие, ки бошад, он шоҳро назди ӯ меорад. Аз ин Рудоба шод шуд. Маълум аст, ки дар урфи хонавода пайванди миёни ҷавонони ошиқ ба воситаи хидматгорону дояҳо ҳосил мешавад ва қаҳрамонони достони Фирдавсӣ низ ҳамин роҳро паймудаанд.

Барои рафтан ба иқоматгоҳи ҷавон ва дидани ӯ баҳонае лозим аст. Парастандагон дар рӯдбори назди лашкаргоҳи Зол ба гул чидан машгул шуданд. Ба пурсиши худ Зол аз киву аз куҷо будани гулпарастон посух ёфт, ки онҳоро «моҳи Кобул» аз кохи Меҳроб фиристодааст. Он гоҳ Зол камон баргирифт ва ба шикор баромад. Мурғи шикоршударо аз он сӯйи рӯд хидматгор гирифт ва парастанда аз вай кӣ будани паҳлавонро пурсид. Ӯ дар ҷавоб шоҳи некрӯз ва писари Сом буданашро хабар дод.

Вақте хидматгори Зол (ридак) хоҷаашро дар шаъну бузургӣ ситоиш кард, парастанда бо ханда ба ӯ гуфт, ки чунин мағӯй, зеро моҳи сарои Меҳроб аз шоҳи ту ба як сар бартар аст. Баъдан парастанда Рудобаро бо болои баланд, тоҷи мушкину авсофи дигар ситуда, ба нияти ошно кардани Рудоба ва Зол омаданашонро хабар дод. Он ғулом ин андешаро муносиб ёфт ва ба Зол шунидаро расонд. Хулоса,

бо миёнҷигарии ҳамин хидматгорон маслиҳат чунин шуд, ки паҳлавон бо каманд ба назди айвони кох меояд ва ҳалқа дар гардани кунгура карда, ба боло мебарояд.

Парастандагон баргаштанд. Рӯдоба аз онҳо пурсид, ки ин пури Сом «ба дидан беҳ аст, ар ба овозу ном?». Хубон Золро дар зебу фар, бо миёни лоғару бари фарох, руху чашму мӯй ситуданд. Рӯдоба ба онҳо бо киноя ва истеҳзо гуфт, ки шумо дигар шудед. Ҳамон Золи мургпарваридаи пирсар ба рух монанди гули арғувон шуд ва рухи маро ҳам ба пешаш ороста, баҳо хостед. Инро мегуфт ва худ дар лабон ханда дошт. Пас, парастандаеро барои мужда ба Зол бурдан фиристоданд, то ки тадбири кори дидорро бубинад.

Рудоба хонае ниҳонӣ аз хешон дошт. Ин хонаро биёростанд бо дебои чинӣ, табақҳои заррин, маю мушку анбар, ақиқу забарҷад, бунафша, суманшох, ҷомаҳои заррину гулоб. Сипаҳбуд сӯйи кох шуд ва монанди мардуми ҷуфтҷӯй мерафт. Аз бом садои хуши Рудоба омад ва ин тасвири суханони Рудоба хеле романтикист. Рудоба каманди мӯяшро фурӯ ҳишт, то Зол ба боло барояд. Зол каманди худашро ҳалқа карда ба сари кунгура андохт ва ба бом баромад. Аз ҳусни Рудоба Золи Зар дар шигифт монда буд ва бо фарри шоҳӣ дар бари ӯ менишаст ва Рудоба дар вай дуздида менигарист. Миёни онҳо бӯсуканору набид буд. Зол ваъда дод, ки ҳаргиз аз паймони ӯ намегардад. Баҳри ин назди Яздон ниёиш мебарад. Рудоба низ ҷаҳонофаринро гуво бар забони худ кард. Ин ҳол то субҳ давом кард:

Чунин то сапеда баромад зи ҷой,
Табира баромад зи пардасарой.
Пас он моҳро шед падруд кард,
Бари хеш тору бараш пуд кард.

Зол каманд афганда аз боло фуруд омаду рафт. Бо ҳамин мулоқоти Золу Рудоба анҷом меёбад.

**Раъйи мӯбадон ва ахтаршиносон**. Дар «Шоҳнома» хабардеҳон ва таъингарони оянда мӯбадон ва ахтаршиносонанд. Бо ҳамин сабаб Зол, Сом ва ҳатто подшоҳ Манучеҳр дар кори Зол ба онҳо муроҷиат мекунанд. Қабл аз муроҷиат ба донишмандон Зол Худовандро, гардонандаи чарх, роҳнамои ҷон ва некӣ, додгустари ҳар ду сарой, орандаи баҳору тирамоҳ, фармондеҳи мавҷудот ва амсоли инҳо меситояд. Ин муқаддима ба ин маънист, ки Худованд аз

ҳама донотар аст. Муқаддима баёни ин мақсад аст, ки Худованд ҳар чӣ офаридааст, ҷуфт ва аз роҳи нуҳуфт офаридааст. Зол ба мӯбадон арз мекунад, ки меҳр ба ҳама кохи Меҳроб додааст. Дар ин ҷо Зол қоидаю тартиби замони худ, шарти мусулмонӣ будани издивоҷ ва гуноҳ набудани чунин кореро аз мӯъбадон мепурсад. Сабаби асосии пурсиш аз авлоди Заҳҳоки бутпараст будани Меҳроби Кобулӣ аст.

Мӯбадон ниёи Меҳроб будани Заҳҳокро медонистанд ва ба ин сабаб бар лаб муҳри хомӯшӣ гузоштанд. Чунин муносибат ҷуфт овардани «нӯш бо заҳр» аст. Зол аз мӯбадон хомӯш намондан ва раҳнамоӣ карданро талаб кард. Мӯбадон дар тадбири кор бечора монда, ба Сом нома навиштанро маслиҳат диданд. Сом низ, дар навбати худ, дар тадбири кори ба ҳам омадани ду гавҳари чу обу чу оташ ба мӯбадон мароҷиат кард. Ба тадбири кор ситорашиносон машғул шуданд ва розро ёфтанд:

Ситорашиносон ба рӯзи дароз,
Ҳаме з-осмон бозҷустанд роз.
Бидиданду бо ханда пеш омаданд,
Ки ду душман аз бахти хеш омаданд.
Ба Соми Наримон ситорашумар,
Чунин гуфт, к-«Эй гурди зарринкамар,
Туро мужда аз духти Меҳробу Зол,
Ки бошанд ҳар ду ба шодӣ ҳамол.
Аз ин ду ҳунарманд пиле жиён
Биёяд, бибандад ба мардӣ миён.
Ҷаҳоне зи пой андар орад ба теғ,
Ниҳад тахти шоҳ аз бари пушти меғ...
Аз ӯ бештар бад ба Тӯрон расад,
Ҳама некӯӣ з-ӯ ба Эрон расад...
Бад-ӯ бошад эрониёнро умед,
Аз ӯ паҳлавонро хирому навид...

Шоҳ Манучеҳр ҳам дар тадбири кори Зол ба ситорашиносон мурочиат кард ва онҳо се рӯз ба кори худ машгул шуданд ва дар охир хабари нек доданд.

**Муносибати падар ва писар**. Дар оғози достон Сом аз шарми бузургон ва таънаю маломат писари бо мӯйи сари сафед ба дунё омадаи худро ба кӯҳи Албурз андохт ва меҳраш аз дил берун кард. Падар меҳри пайванди худро афганд ва ба кӯдаки ширхор ҷафо кард. Ҳанғоме Симург Золро овард ва

дар назди падар гузошт, падар аз писар дилгармӣ таманно карда, ваъда кард, ки аз йн пас ҳар чӣ хоҳад, ҳамон месазад. Тарбияи фарзанд бар дӯши падар аст. Чун Сом ин корро накарда буд, шояд баҳри ҷуброни он ба писар ваъдаи ба ҷой овардани ҳар хостаашро дод. Мувофиқи вазифаи падарӣ ӯро Золи Зар хонд ва Симург вайро Дастон ном ниҳода буд.

Бо фармони Манучеҳр Сом бояд ба сӯйи Гургсорону Мозандарон лашкар мекашид. Хирадмандону ҷаҳондидагонро ҷамъ карда аз фармони шоҳ онҳоро огоҳ кард. Баъдан, писарро – «ҳамтои ҷону хуни ҷигарро», ки ёдгори ӯст, барои тарбия ва гиромӣ доштан супурд. Ба писар «доду деҳиш гирифтану оромӣ ҷустан», калиди дари ганчҳоро дод ва гуфт, ки дилаш ҳар чӣ хоҳад, бикунад. Зол боз танҳо мондан намехост, вале Сом истиқлолу шоҳӣ барои Зол мехосту гуфт:

Кунун гирди хеш андар овар гурӯҳ,
Саворону мардони донишпажӯҳ.
Биёмӯзу бишнав зи ҳар донише,
Ки ёбӣ зи ҳар донише ромише.
Зи хӯрду зи бахшиш маёсой ҳеч,
Ҳама донишу дод додан бисеч.

Падар мехоҳад, ки писар ҳамсафони худашро аз ҷумлаи мардони боҳунару донишпажӯҳ биёбад, дониш биёмӯзад, боҳиммату бахшандаю додрас бошад.

Баъди бозгаштан аз Гургсорону Мозандарон, пазирой ва огоҳӣ аз корномаи ҷангӣ Сом мехост, ки аз кори Золу Рудоба сухан кушояд. Аммо шоҳ ба Сом маҷоли гуфтан надода, якбора ба ӯ хитоб кард:

Чунин гуфт бо Сом шоҳи ҷаҳон,
К-«Аз эдар бирав бо гузида меҳон.
Ба Ҳиндустон оташ андар фурӯз,
Ҳама кохи Меҳробу Кобул бисӯз.
Набояд, ки ӯ ёбад аз ту раҳо,
Ки ӯ монда аз тухмаи аждаҳо...

Ин фармони шоҳ падарро дар муқобили писар мегузошт. Моҷарое, ки бо хабари ситорашиносону мӯбадон пас афтода буд, аз нав ба хурӯшу аланга меомад. Ин сухани Манучеҳр ба Дастон расид. Зол шитобон ба назди падар равон шуд, падарро дида, пиёда шуд ва заминро бибӯсиду аз бари тозиаспи саманд биншаст. Бузургон ба назди ӯ омаданду

гуфтанд:

Ки «Озурда гаштаст бар ту падар,
Яке пӯзиш овар, макаш ҳеч сар».

Зол, мутобиқи одати ҷавонон, бо ситезу бетоқатӣ сухан гуфт:

Падар гар ба магз андар орад хирад,
Ҳамоно сухан бар сухан нагзарад.
Вагар баркушояд забонро ба хашм,
Пас, аз шармаш об андар орам ба чашм.

Зол дар назди падар оби чашм рехт ва дар ҳаққи ӯ дуои хайр карду суханҳои нек гуфт, ки ба ҳама доду некӣ мекунад, ба ман на! Ин суханон аз дили як ҷавони аз рӯзгор ва падар озордида бурун меоянд.

Суханони Зол, ки аз мағзи дилу ҷони ҷавони озурда ва ба ситезомада бурун рафта буданд, бар ҷони падар асар карданд, аммо марди паҳлавони набарду ҷангдида ва таҷрибаи рӯзгорандӯхта оромию тамкини хоси тинати мардонаро аз даст надод. Паҳлавон ба ӯ гуфт, ки ҳамаи ин рост аст. Ҳама кори ман бар ту бедод буд. Ту ба дилтангӣ аз ҷой бархостӣ, тез машав, то чораи кори ту бисозам. Номае ба номи шоҳ мефармоям ва ба дасти ту мефиристам ва равону дилашро ба сӯйи дод меоварам.

Дар сари нома офарини Худой кард, пас, подшоҳро ситуд ва хидматҳои худро дар назди шоҳ арз кард. Дар ин набардҳо маро Соми якзахм хонданд. Гургсорону Мозандаронро ба итоати шоҳ овардам. Акнун он бузургӣ, чунонки буд, намондааст. Аз шаст гузаштем ва навбатро ба Зол супурдем. Ӯ як орзу дорад, ки дар назди Худованд некӯст. Шояд шоҳ паймони маро бо Зол шунидааст.

Падар дар дил меҳру дарди писарро ба ҳам омехта, ба шоҳ Манучеҳр менависад, ки бо дили мустаманд ӯро гусел кардам ва бо ӯ ба дархури меҳтарӣ муносибат кун.

Зол аз назди шоҳ бо шодкомӣ баргашт. Сом ин хабарро ба Меҳроб расонд ва ӯ аз пайванд бо хуршеди Зобул шод шуд. Сом писарро як замон дар боргоҳ нигаҳ дошт. Сом аз Кобул омадани Синдухтро ва ба ӯ паймон доданашро дар мавриди ҷуфт шудани Зол бо моҳи Кобул хабар дода, чӣ хабар додан ба Кобулро аз Зол пурсид. Зол хоҳиши ба Кобул ронданро изҳор кард. Дар Кобул миёни Сому Синдухт гуфтугӯй пайваст. Дар хонаи зарнигор Сом духтарро дид ва аз камоли

ачаб надонист ӯро чӣ гуна ситояд. Сом Меҳробро фармуд, ки бар як тахт Золу Синдухтро шинонданд. Он гоҳ дафтари хостаро биёвард ва аз он ганҷҳои мавҷударо хонданд, ки аз имкони бардошти шунидани гӯш афзунтар буд. Сом дар сари моҳ ба Систон рафт ва Зол ҳам баъди як ҳафта бо Синдухту Меҳроб роҳи Систонро пеш гирифтанд. Дар Нимрӯз Сом се рӯз базм барпо кард ва баъд аз он шоҳӣ ба Зол дод ва замоне Рудоба бо Золи Зар нишаст, ба сараш тоҷи зар ниҳод.

**Ғоя, образ ва хусусиятҳои ҳунарии достон**. Ба монанди дигар достонҳои «Шоҳнома» дар мулоқоти аввали Зол ва Рудоба заминаҳои иҷтимоӣ, тасвирҳои мардумӣ, афсонаӣ ва ҳамосии паҳлавонӣ тавъам омадаанд. Омадани хидматгорони Рудоба ба баҳонаи гулчинӣ, кинояҳои лутфомези онҳо, даъвати Зол ба дидорбинӣ, баргаштан ва пурсуҷӯи дарбонон аз онҳо ҳамагӣ ба ривояти мардумие мемонанд, ки бунёди воқеии онҳо аз иҷтимоъи мардуми он рӯзгорон маъхаз ёфтааст. Фирдавсӣ ё худ онҳоро бо такя ба одатҳои мардумӣ сохтаю бофтааст ва ё аз ҳамон гуфтори деҳқон бозгӯ намудааст. Аммо як чиз мусаллам аст, ки нигаҳ доштани эътидоли гуфтору амал ва назокати сухану гуфтор ва авсофи қаҳрамонон, бегумон, зодаи табъи Фирдавсист. Шикори мург ва ба сифати далели шоеъи ҳунар ва воситаи пайванди воқеа, бешубҳа, аз афсонаҳои мардум маъхаз мегирад.

Ба қаср рафтан ва бо Рудоба мулоқот кардани Зол тасвире муносиб ва зодаи достонии ҳамосист. Каманди мӯйро ба поён ҷиҳати боло баромадани Зол андохтан ва бо каманди худ боло рафтани ӯ як тасвири басо шоирона ва нодир аст. Намоз бурдани Рудоба бо Зол аз урфи мусулмонист. Аммо дасти ҳамдигар гирифтану ба монанди маст рафтани ҳар ду аз қоидаи мусулмонӣ нест. Ба якдигар нигаристану бо бӯсу канору набид машгул шудан ва то рӯз як ҷо будани ҷавонзану ҷавонмарди ба якдигар номаҳрам аз қавоиди мусулмонӣ нест. Фирдавсӣ аз маъхази қадим ин воқеиятро бозгӯ намуда, ба русуми қадим буданаш ва ё гуноҳ донистани чунин рафтор ишорае намекунад ва чизе ҳам намегӯяд. Ба ҳар ҳол, Фирдавсӣ се унсури ҳамосасозро дар моҷарои мулоқоти Зол ва Рудоба истифода кардааст: асосҳои иҷтимоии пайванду алоқаи инсон, тасвири афсонаӣ ва севум, нақли воқеияти достонии қадимӣ. Агар фард дар мақоми иҷтимоии замон симои инсонӣ наёбад, воқеияти достонӣ ба бофтаи номатлуб

ва афсонаи ноҳинҷору дурушт табдил меёбад. Фирдавсӣ аз чунин қубҳи хоси достонпардозӣ barӣ аст.

Андешаи Фирдавсӣ дар бораи мақсади ҳамсар доштан ба вуҷуд овардани фарзанд аст, ки аз русуми башарӣ ва минҷумла мардумони эронист. Тасаввури мардумӣ чунин аст, ки умри одамӣ вобастаи шабу рӯз ва гузашти замон аст. Табдили шабу рӯз ва солу моҳ ба гардиши чархи фалак вобаста мебошад. Нишондоди тақдири одамӣ ба мавқеи ситораҳои фалак ва бо низоми офариниши азалӣ пайвастагӣ дорад. Пас, умри одамӣ азалист ва тақдири минбаъдааш маълум мебошад. Тақдири Золу Рудоба низ маълум ваояндаашон равшану нек аст. Сухани мӯбадону ситорашиносон ҳаминро тасдиқ мекунад, ки кори издивоҷи марду зан фармудаи азалист ва пешбинии пайванди инсонҳо аз осмон меояд. Во хӯрдан ва издивоҷ кардани зану мард аксаран ба ҳукми иттифоқ ва тасодуф аст, вале вай фармуда ва навиштаи азалист ва ба ин нишондоди осмонӣ итоат бояд кард. Ҳамин тарзи андеша ва назар дар миёни мардум эътимоди ахлоқ ва гузаштан аз сари кӯтоҳиҳои муносибатро нигоҳ медорад. Эътиқоду бовар дар ин маврид аз русуми муҳимми замони Фирдавсӣ низ ҳаст. Ҳанӯз дар огози достон Сом савори ҳиндиро ба хоб дид, ки мужда аз фарзандаш дод ва дар зинда мондани ӯ аз сармо шубҳа кард. Мӯбадон ба ӯ гуфтанд, ки ба Худованд носипос набояд буд, ҳамаи ҷонварон дар сангу дар дарё бачаро мепарваронанд. Назари Фирдавсӣ ин аст, ки ҳама кори ҷаҳон аз Худованд аст ва набояд ба он носипосӣ кард. Вақте Сом ба пояи Албурз омада, ҷавонеро ба кирдори худ дид, ба Офаринанда офарин кард ва бидонист, ки Худованд довари додгар аст. Он гоҳ ба пӯзиш бари ӯ сар афганд. Чунин ба назар меояд, ки тасвири Золу тарбияи Симург барои Фирдавсӣ масалест баҳри талқини қудрати Худованд бар инсон, ки бо ҳама бузургию солорӣ дар дастбурди Худованд будани ҳама буданиҳо эътимод дошта бошад.

Фирдавсӣ аз забони Зол ҷуфт ҷустанро сӯи дину ойин рӯй ниҳодан хондааст. Аммо замоне Зол аз ром шудани дилаш бо духтари Меҳроб сухан кушод, хирадмандону мӯбадон лаб аз сухан гуфтан бибастанд. Хомӯширо ниёи Меҳроб будани Заҳҳок сабаб шуд. Онҳо ба Зол гуфтанд, ки Меҳроб аз гавҳари аждаҳост. Ба андешаи ин мӯбадон бо касе, ки ниёи

бад дорад, ба ҳеҷ ваҷҳ наздикӣ ҷустан мумкин нест. Барои маслиҳат дар ҳалли ин мушкил Зол ба падари хеш Соми Наримон муроҷиат кард. Замоне хабар ба Манучеҳр расид, ӯ бисёр барошуфт ва сабаби қаҳруситези ӯ аз нажоди Заҳҳок бурун омадани Меҳроб буд. Манучеҳр хавф азояндаи кишвар дошт, на аз ин ки чунин издивоҷ хилофи қоидаи замон ва ойину мазҳаб аст.

Подшоҳ аз он ҳушдор медиҳад, ки Эронро бо раъйу ҷанг бурун овардем, Фаридун аз ифлосиҳои Заҳҳок ҷаҳонро бишуст, тарси аз он тухми бад ва пушти Зол бурун омадани теги тез, ки мулки Эрон ошуфтаю ранҷур гардонад, ва тоҷу ганҷ боз ба ӯ баргардад, дар ин издивоҷ мавҷуд аст. Бо ҳамин андешаҳо Манучеҳр ба Сом фармон медиҳад, ки бо бузургони Эрон биравад ва кохи Меҳробу Кобулро бисӯзад. Бояд Меҳроби аз тухми аждаҳо монда ва ҳамаи пайвандону бузургон ва касони аз тухми ӯ ва Заҳҳок мондаро сар аз тан ҷудо кард. Сом ваъдаи чунин карданро доду бирафт. Аммо ин фармони шоҳ падарро дар муқобили писар мегузошт.

Дар ин ҷо чанд мавзӯи муҳим ва гуфтанӣ ҳаст: аввал, таълимоти зардуштӣ ва маданияти Эрон дар бораи тухми бад ва нек дар авлоди башар, ки решаи ин ба асотири эронӣ ва қувваҳои некию бадии Ҳурмузу Аҳриман мерасад. Сониян, дар ёд нигаҳ доштани таҷрибаи гузаштагон, ки чӣ корҳо карданд, онҳоро набояд фаромӯш кард. Муҳимтар аз ҳама ин, ки ба эҳёи ошӯбу ранҷ роҳ додан мумкин нест. Солисан, худи Фирдавсӣ аз нажоди деҳқон буд ва рӯҳияи нигаҳ доштани нажоди озодагони эрониро дар сар мепарварид. Дар замони ӯ ва ҳатто то рӯзгори мо ҳангоми интихоби арӯс ҳатман аз нажоду аҷдоди ӯ пурсон мешаванд, гузашта ваояндаро ба ёд меоранд. Дар ин мавзӯъ ҳам Фирадвсӣ аз муносибатҳои иҷтимоии замонаш нашъае дар димог доштааст.

Аз мавқеи нақши Сом достони «Зол ва Рудоба» дар мақоми иҷтимоӣ ба ҷой овардани вазифаи падар аст дар назди писар, ки, ба гумони мо, таассуроти аз муносибатҳои иҷтимоии замони худ бардоштаи Фирдавсӣ дар мувофиқат ва ҳамовозӣ аст. Марди соҳиби писари дар айёми туфулият ва наврасӣ азобу азияткашида бояд чунин рафтор кунад. Ҳатто писар, агар азиятҳо надида бошад ҳам, падар мувазҳаф аст, ки писарро ба таълиму тарбият фаро гирад, тундию худхоҳиашро таҳаммул кунад, ӯро дар паҳлӯи арӯси нозанин

нишонад ва дар мақоми шоистаи иҷтимоӣ гузорад. Ҳамин чизро хостааст Фирдавсӣ, ки мо дар достони ӯ бубинем.

Дар кори духтар, албатта, модар пешдастӣ дорад. Дар тасвири падару писар-Сому Зол модар иштирок надорад. Фирдавсӣ ҳама кори писарро бар дӯши накши падар гузоштааст. Накши падар дар муносибат ба духтар нисбат ба накши модар-Синдухт дар ҷойи дуюм карор дорад. Аз кори духтар, тибқи муносибати оммаи мардуми эронӣ ва дар урфи дигар мардумони олам ҳам, бештар ва пештар модар огоҳӣ меёбад. Дар иҷтимоъи мардум модар маъмулан сулҳҷӯй ва осоишдеҳи падару духтар аст ба ҳангоми амали ихтиёрии ба низоми хонавода ва суннатҳои он номуносиб. Падар нигаҳбони шарафи хонавода ва суннатҳои нажодию авлодист. Ҷаҳли беандозаи Меҳроб аз ҳамин ҷо бархостааст. Ин гуна будани роҳи падар, ки онро Меҳроб асолати хонаводагии худ медонад, аз сухани Фирдавсӣ ба ҷуз нажоди ӯ ба мо маълум нест. Заҳҳоки бегонаи аз араб бархоста кушандаи падар ва ҷавонмардон буд ва нияти Меҳроб магар ба ин далолат медода бошад? Ба ҳар ҳол, Меҳроб худро нигаҳдори шарафу номуси хонадони худ медонад ва ин дар хонадонҳои эронӣ ва тоҷикӣ, бо мардсолории онҳо, мухолифи қоида нест.

Воҳиди асосии иҷтимоии ҷомиа, бахусус ҷомиаи асрҳои миёна ё замони феодалӣ, хонавода аст, ки гоҳе маҷмӯаи хонаводаҳо хонадонҳои бузургро ба вуҷуд меоваранд. Хонадони Бармакиён дар аҳди хилофати Аббосӣ, Балъамиён ва Симҷуриён дар замони Сомониён, хонадони Ҷувайнӣ дар замони Мугул ва ба онҳо монанд аз ҳамон гуна хонадонҳоянд. Ин хонадонҳо асос ва пояи устувории давлатдорӣ ва нигаҳ доштани низоми иҷтимоӣ ва ахлоқӣ буданд. Дар достони «Зол ва Рудоба» сухан аз хонадони Соми Наримон ва Меҳроби Кобулӣ аст, ки ба воситаи фарзандон моҷарое миёни онон сар задааст. Хонадони Манучеҳр дар мақоми подшоҳӣ сарварӣ ва тасаллут бар онҳо дорад, вале, гузашта аз мақоми сиёсӣ, вай ҳам як хонадон аз дудмони қадимӣ аст. Моҳиятан асли моҷаро ишқи Золу Рудоба нест. Агар Рудоба аз хонаводаи нажодан ҳамгуни Зол мебуд, барои сар задани моҷаро сабабе вуҷуд намедошт. Пас, асли моҷаро ихтилофи нажодӣ ва дар ниҳоди худ масъалаи иҷтимоӣ аст, ки инкишофи он дар пай моҷарои сиёсиро меорад.

Замоне Меҳроб Золро ба меҳмонию хони худ даъват

кард, вале ӯ ба сӯи хонаи бутпарастон шуданро ба худ раво надид. Дар ҳамин ҳол Меҳроб Золро дар дил «нопокдин» хонд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки бунёди хонавода бар дину ойин аст ва номуносибии чунин пайванд аз бегонагии мазҳабӣ падид меояд. Ин сабаби якум аст. Дувумин маншаи номумкин будани пайванди ин ду хонадон бегонагии нажоди онҳост. Ба ақидаи мӯбадон, гарчи Меҳроб бузургу гурд асту сабукмоя нест, «аз гавҳари аждаҳост». Бинобар ин, хонадони бузурги Сом наметавонад бо хонадоне аз ойину нажоди дигар бипайвандад.

Замоне хабар ба шоҳ расид, мавзӯъ маънии сиёсӣ гирифт: Фаридун ҷаҳонро аз як нажоди паст пок кард. Агар аз духтари Меҳробу писари Сом теғи тезе барояд ва сӯи модараш тоб гирад, шаҳри Эронро пурошӯбу ранҷ кунад ва тоҷу ганҷ ба ӯ баргардад. Маъно ва асоси сиёсӣ доштани моҷарои хонаводагӣ, ба назари мо, комилан аз авзои замона дар рӯҳияи Фирдавсии покбин нишастааст: замони офаридани «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ замони омадани мардумони дину ойин ва нажоди бегона буд. Туркони қарохитоӣ хонадони Сомониёнро барҳам зада, ба ҷойи онҳо биншастанд, султон Маҳмуд давлати дигари туркӣ дар Хуросон, Эрони марказӣ ва гарби Ҳиндустон барпо кард, ақвоми дигари турк бо номи ғузҳо шимоли Хуросонро бошишгоҳ ва чарогоҳи чорпоёни худ намуда, пойгоҳи ояндаи салтанати Салҷуқиёнро мегузоштанд. Фирдавсӣ ҳамаи ин воқеоти барои кишвар харобиовар ва сарнавиштсозро медид ва аз вазъи ҳозираюояндаи онҳо бо асари бузурги худ ва бо ин достони «Золу Рудоба» низ ҳушдор медод. Султон Маҳмуд аз модари эронӣ (тоҷик) ва падари турк зода буд, гарчи шоирон ӯро шоҳи Эрон хондаанд, бо эрониёни бузурге чун Фирдавсӣ мухолифат дошт. Хонадонҳои омехтаи эронию турк дар замони ӯ зиёд ба вуҷуд омада буданд, ки ба ҳар навъе хонадонҳои эрониро иваз карданд. Аз ҷумлаи онҳо ҳамин хонадони Ғазнавиён, Симҷуриён ва дигарон буданд.

Дар чунин вазъияти ба бунбасти ҷода расидаи Эрон ва хонадонҳои эронӣ умеди ягона ба тақдири Кирдгор ва омадани ҷаҳонпаҳлавони раҳодеҳи кишвар, гави пурманиш, бо зӯру фарру ақл ва паноҳи саворони Эрон умед бастан мумкин буду бас. Омадани ҳамин гуна касро мӯбадону ситорашиносон пешгӯӣ карданд ва ӯ дар симои Рустам

биёмад. Ин хоҳиш ва таманнои Фирдавсӣ дар достони «Зол ва Рудоба» ва идеяи асари ӯст, ки маънои муносиби замони шоирро дорад.

Инро ҳам бояд бигӯем, ки ҷомиаи дар достони «Зол ва Рудоба» сохта ва пардохтаи Фирдавсӣ ҷомиаи мутамаддин аст. Ин ҷомиа аз инсонҳои бошараф, падарон, модар ва фарзандони иззатманд, ботадбиру шуҷоъ, подшоҳони шоиста ва донандагони асрори вуҷуд ва мӯбадон пайванд гирифта ва охири ҳама кори ҷаҳонро бо камоли покӣ аз Кирдгор ва хости Худованд медонанд. Меҳру кин сириштаи табиати онҳост ва саранҷоми ҳамаи озмоишҳо бузургию галабаи меҳру инсонигарӣ бар кин аст. Аз ин ҷост, ки ҷомиаи офаридаи Фирдавсӣ ҷомиаи инсонгаро ва гуманистӣ аст. Инсон дар чунин ҷомиа кӯшиш дорад истиқлоли фардии худро дар ҳамбастагӣ бо ҳамгинон нигаҳ дорад. Ин назари Фирдавсӣ аз диди достонсароён ва сарояндагони ашъори гиноии нимаи дувуми асри Х1 ва баъд, ки фардро дар тобеияти комил мешиносанд, фарқ дорад.

## ДОСТОНИ СУҲРОБ

**Мазмуни достон.** Дар фасли "Оғози достони Суҳроб" Фирдавсӣ хонандаро ба сухан аз разми Рустаму Суҳроб даъват мекунад. Ин як достони "пуроби чашм" аст ва агар боди сахтӣ вазад, аввал меваи норасидаро ба замин меафганад. Дар ин кор додгар – Худовандро ситамкора бихонем ё ҳунарманд ва ё беҳунар ва ин дод аст ё бедод?

Агар марғ дод аст, бедод чист?
Зи марг ин ҳама бонгу фарёд чист?

Аммо дари ин роз ба касе боз нест. Марг шояд вақти ба дигар сарой (он дунё) оромӣ гирифтан хуб бошад. Чун оташе афрӯхта шуд, дар ӯ тару хушк хоҳад сӯхт ва оташ миёни ҷавону пир фарқ намегузорад. Сабаби марг танҳо пирӣ нест, вай аз қазост ва онро набояд бедод шинохт:

Чунон дон, ки дод аст, бедод нест,
Чу дод омадаст, ҷойи фарёд нест.
Ҷавонию пирӣ ба назди аҷал
Яке дон, чу динро нахоҳӣ халал.

Рустам нияти шикор карда ба сарзамини Тӯрон рафт, зеро дар он ҷой гӯрхо зиёд буданд. Ҷонвареро шикор карду аз он кабоб пухт ва бихӯрду дар хоб шуд. Саворони тӯрониён ба

мушкилӣ Рахшро баста бурданд, Рустам дар ҷустуҷӯи асп ба Самангон омад. Шоҳи Самангон ӯро ба некӣ пазируфт, барояш маҷлиси шароб ороcт. Рустам баъди маст шудан дар ҷойи ороста бихобид.

Духтари шоҳи Самангон – Таҳмина ба Рустам ошиқ шуда буд, бинобар ин, бо истифода аз ин фурсат, ба назди ӯ омада, изҳори муҳаббат кард. Баъди пурсидани падари духтар ва ризоияти вай Рустам ба ӯ хонадор шуд ва дар рӯзи дигар аспро гирифта, ба Зобулистон – ватани худаш баргашт. Баъди нуҳ моҳу нуҳ рӯзу нуҳ соат Суҳроб аз модараш – Таҳмина таваллуд шуд. Кӯдак хеле зебо ва монанд ба Рустаму Сом буд. Дар даҳсолагӣ дигар касе набуд аз паҳлавонон, ки бо ӯ баробар меомада бошад. Аз модар аз кадом нажод будан ва нишони падарашро пурсид, модар чунин ҷавоб дод:

Бад-ӯ гуфт модар, ки бишнав сухун,
Бар ин шодмон бошу тундӣ макун.
Ту пури гави пилтан Рустамӣ,
Зи Дастони Сомиву аз Найрамӣ.

Баъд, модар таъкид кард, ки ҳаргиз Афросиёб аз падари ӯ будани Рустам огоҳӣ наёбад, зеро ӯ душмани Рустам аст. Суҳроб мегӯяд, ки ман тоҷу тахти Эронро ба Рустам хоҳам дод. Сипас рӯй ба Тӯрон оварда, тахти Афросиёбро бармеафканам. Суҳроб аз зоти Рахш асперо интихоб кард, шоҳи Самангон ба ӯ афзори лозимаи ҷангӣ дод. Афросиёб барои Суҳроб лашкаре ороcт ва ӯро ба сӯйи Эрон равона сохт ва таъкидҳо кард, ки падараш аз ӯ огоҳӣ наёбад.

Дар роҳи Эрон Суҳроб ба Дижи Сапед расид. Нигаҳбони диж – Ҳаҷир ба муқобили ӯ берун омад. Суҳроб ӯро бар замин зад ва баъди зорӣ карданаш ба вай амон дод. Дасту пояшро баста, ба лашкаргоҳи худ фиристод. Ба муқобили Суҳроб Гурдофарид баромад, ки зане далеру ҷанговар буд. Ӯ либоси ҷангии мардона ба бар кард ва мӯяшро дар зери кулоҳ ниҳода медошт. Дар ҷанг сари Гурдофарид бараҳна шуд, Суҳроб фаҳмид, ки ӯ духтар аст. Суҳроб Гурдофаридро бо каманд ба банд овард.

Вақте бо маслиҳати Гурдофарид, гӯё бо нияти оштӣ, ба дари қалъа омаданд, духтар дарро пӯшид ва нагузошт, ки Суҳроб ворид гардад. Аз болои қалъа ба Суҳроб мегӯяд, ки хуб мешуд агар ба Тӯрон бармегаштӣ, зеро шоҳу Рустам ба ту амон нахоҳанд дод.

Гаждаҳам – соҳиби Дижи Сапед ба подшоҳ – Кайковус нома фиристод, ки ин ҷо гурде камназир аз ҷониби Тӯрон омада, ки номаш Суҳроб аст. Ба зӯру тавоноӣ монанди Рустам ва авлоди Сом мебошад, тоби ҷанги ӯро мо надорем. Рӯзи дигар, вақте Суҳроб ба Дижи Сапед омад, дар он касе набуд, бошандагонаш аз роҳи махфӣ бадар рафта буданд.

Ковус ба Рустам нома мефиристад, ки аз Тӯрон яке бо лашкаре тохтан кардааст ва касе тоби ӯро надорад. Баъди чанде моҷаро миёни Рустам ва подшоҳ ӯ ба майдони корзор меояд.

Барои фаҳмидани навҷавони размандa Рустам ҷомаи туркона пӯшиду ба наздики қалъа омад. Дар диж ҳамроҳи Суҳроб писари шоҳи Самангон – Жандаразм нишаста буд. Мувофиқи хоҳиши Таҳмина вай бояд Суҳробро бо Рустам мешиносонд. Вақте Жандаразм барои коре берун рафт ва Рустамро дида пурсид, ки ту кистӣ? Рустам дар посух ба гарданаш муште зад ва равони ӯ аз тан берун шуд.

Рӯзи дигар лашкарҳо дар муқобили якдигар саф оростанд. Суҳроб аз Ҳаҷир номи паҳлавонони Эронро пурсид. Ҳаҷир дигар паҳлавононро шиносонид, вале дар навбати Рустам сирро ниҳон дошт ва гуфт, ки ин некхоҳи ба тозагӣ аз Чин омада мебошад. Ҳаҷир ин корро ба хотири ҳимояи Рустам карда буд. Вақте нишони Рустамро наёфт, Суҳроб гамгин гашт. Суҳроб ба лашкари Эрон тохт овард, вале касе ба муқобили ӯ бархостан ҷуръат накард. Ноилоҷ Рустамро ба майдон хостанд. Рустам дар чеҳраи Суҳроб чизи ошное ҳис кард, ки ба ӯ гуфт:

Ҳаме раҳмат омад ба ту бар дилам,
Нахоҳам, ки ҷонат зи тан бигсилам.
Намонӣ ба туркон бад-ин ёлу суфт,
Ба Эрон надонам туро низ ҷуфт.

Суҳроб низ ба Рустам эҳсоси меҳру нармӣ кард ва аз ӯ хоҳиш кард, то аз нажоди худаш сухан бигӯяд, вале Рустам посух додан нахост. Кор ба ҷанги Рустаму Суҳроб кашид. Суҳроб аз сухани модараш дар шигифт буд, ки чаро аз падар дараке наёфт. Ҷангро бо шамшери ҳиндӣ сар карданд. Фирдавсӣ дар рафти тасвири ҷанг аз носозгории ҷаҳон бо афсӯсу надомат шикоят мекунад:

Ҷаҳоно, шигифто, ки кирдори туст:
Шикаста ҳам аз ту, ҳам аз ту дуруст.

Аз ин дувумиро начунбид меҳр,
Хирад дур буд, меҳр нанмуд чеҳр.
Ҳаме баччаро боз донад сутур,
Чи моҳӣ ба дарё, чи дар дашт гӯр.

Баъди гуруби офтоб ҳар ду паҳлавон ба лашкаргоҳи худ баргаштанд. Суҳроб бо ҳамнишинони худ мегуфт, ки ба гумонам ин ҷанговар Рустам аст, зеро дар қаду боло ба ман монандӣ дорад. Вақте рӯзи дигар ба майдон омаданд, Суҳроб ба Рустам гуфт, ки аз ҷанг даст бикашад, зеро:

Дили ман ҳаме бар ту меҳр оварад,
Ҳаме оби шармам ба чеҳр оварад.
Ҳамоно, ки дорӣ зи гурдон нажод,
Кунӣ пеши ман гавҳари хеш ёд.
Зи ман ном пинҳон набояд-т кард,
Чу гаштӣ ту бо ман кунун дар набард.

Рустам дағалона сухани ӯро бурид ва Суҳробро ба гӯштӣ, ки рӯзи пеш аҳд шуда буд, даъват кард. Суҳроб аз камарбанди Рустам гирифта ӯро ба замин зад ва барои куштанаш ханҷар аз миён баркашид. Лекин Рустам ӯро фирефта гуфт, ки мувофиқи расми мо танҳо дар навбати дувуми афтодан сари мағлубро мегиранд. Суҳроб аз қудрату тавоноии худ боварӣ дошт, Рустамро раҳо кард. Паҳлавонон анҷоми ҷангро ба рӯзи севум гузоштанд. Дар рӯзи севум Рустам Суҳробро ба зер овард ва бо теғи обдор бари ӯро бардарид. Суҳроб бо афсӯсу хорӣ мегуфт:

Нишон дод модар маро аз падар,
Зи меҳр андар омад равонам ба сар.
Ҳаме ҷустамаш то бубинам-ш рӯй,
Чунин ҷон бидодам бад-ин орзӯй.
Дареғо, ки ранҷам наёмад ба бар,
Надидам дар ин ҳеҷ рӯйи падар.
Кунун гар ту дар об моҳӣ шавӣ
Ва ё чун шаб андар сиёҳӣ шавӣ
Вагар чун ситора шавӣ бар сипеҳр,
Бибуррӣ зи рӯйи замин пок меҳр,
Бихоҳад ҳам аз ту падар кини ман,
Чу бинад, ки хишт аст болини ман.
Аз ин номдорону гарданкашон
Касе ҳам барад назди Рустам нишон,
Ки Суҳроб куштасту афганда хор,

Ҳаме хост кардан туро хостор.

Бо шунидани ин суханон Рустам беҳуш шуд ва баъди ба худ омадан пурсид:

Бигӯ, то чӣ дорӣ зи Рустам нишон,
Ки гум бод номаш зи гарданкашон,
Ки Рустам манам, к-ам мамонод ном,
Нишинод бар мотамам Золи Сом.

Суҳроб Рустамро дар он ҳол дида бархурӯшид:

Бад-ӯ гуфт: Гар з-он, ки Рустам туӣ,
Бикуштӣ маро хира бар бадхӯӣ.
Зи ҳар гуна будам туро раҳнамой,
Наҷунбид якбора меҳрат зи ҷой.

Рустам банди ҷавшани Суҳробро кушода, муҳраи додаи модарашро бидид. Ҷомаҳои худро дарид, мӯю рӯяшро ҳамеканд. Бист нафар аз лашкари ӯ барои фаҳмидани вазъ омаданд. Аввал гумон бурданд, ки Рустам кушта шудааст. Рустам бо хурӯш ба назди лашкар омад ва сурати ҳолро гуфт. Рустам қасди куштани худро кард, вале бузургон ӯро нигоҳ доштанд.

Рустам Гударзро ба назди подшоҳ – Ковус фиристод. Аммо Ковус аз бадгумоние, ки Рустаму Суҳроб ӯро барҷой нахоҳанд монд, нӯшдору додан нахост. Гударз хабарро ба Рустам расонид. Рустам писарро ба ҷомаи зартор ниҳода, худ назди подшоҳ равона гашт, вале касе омада аз марги Суҳроб хабар дод. Рустам пиёда шуд, кулоҳро дур афканд, хок бар сар ниҳод. Бузургони лашкар бо ҳамин ҳол аз пушти ӯ мерафтанд. Рустам мегуфт, ки чун ту Хуршеду Моҳ, тахту кулоҳ нахоҳад дид. Ҳамин тавр Рустам дар ҳаққи фарзанди номуроди худ мӯя мекарду мегуфт:

Кадомин падар ҳаргиз ин кор кард,
Сазовор акнун ба гуфтори сард.
Ба гетӣ кӣ куштаст фарзандро?
Далеру ҷавону хирадмандро...

Рустам тобути Сухробро ба ватани худ – Зобулистон бурд. Дастони Сом, яъне Зол гирёну хурӯшон ба пеши онҳо баромад. Тани Суҳробро ба дебои зард пӯшонданд, тобуташро аз уди хом тарошиданд ва дахмаи бошукӯҳе барояш сохтанду ин достон дар ҷаҳон паҳн гашт:

Ба гетӣ ҳама пур шуд ин достон,
Ки чун кушт фарзандро паҳлавон.

“Огоҳӣ ёфтани модар аз кушта шудани Суҳроб” фасли анҷоми достон мебошад. Вақте модар аз марги писар огоҳӣ ёфт, пироҳан бар тан пора кард, мӯйи хешро биканд, аз рӯяш ҷӯйи хун равон гашт, мӯйи худро бисӯхт, аз шуюну нолааш ҳама ба гиря омаданд. Модар ёлу думи аспи Суҳробро бурид, ҳама дороии ӯро ба дарвешон дод, тахти кохро барканд, дарашро пӯшид ва дари хонаро сияҳ кард. Пас, ҷомаи нилгун пӯшид, шабу рӯз нолишу гиря кард ва саранҷом дар гами писар бимурд.

**Ғоя ва хусусиятҳои ҳунарии достон**. “Достони Суҳроб” аз гамангезтарин қисмҳои “Шоҳнома” аст. Ин достони фоҷиавӣ аст, ки бо марги фаҷеъи шахсияти асосии достон анҷом меёбад. Шукӯҳу азамати қаҳрамон дар муқобили бахти баргашта хеле ғамангез аст. Барои анҷоми фоҷеъӣ гирифтани ҷараёни вокеот чанд чиз сабабгор шудаанд.

Суҳроб, агарчи дар Тӯрон таваллуд шуду ба бузургӣ расид, аз нажоди паҳлавонони Систон буд. Душмании оштинопазири Эрону Тӯрон, ҷангҳои доимии онҳо Суҳробро ба майдони мубoризаҳо кашид ва сабаби анҷоми талхи зиндагии ӯ шуд. Аз ин рӯ, **ҷанг ва хусумати доимии ин ду кишвар** сабаби асосии марги Суҳроб буд. Фирдавсӣ ҷангу нифоқро миёни кишварҳо мавриди нохушӣ мебинад ва маҳкум мекунад. Душмании бардавом ҳатто падару писарро дар сангарҳои муқобил қарор медиҳад ва оқибат ба куштори гӯшношуниди писар бо дасти падар меоварад.

Сабаби дуюми рӯй додани ин фоҷиа, ки бо сабаби аввал алоқаманд аст, бадкирдории подшоҳон – Афросиёбу Кайковус аст, ки намехоҳанд падару писар якдигарро бишносанд. Барои Афросиёб сабаб маълум аст, аммо Кайковус аз рашку ҳасад якдигарро шинохтани Рустаму Суҳробро намехоҳад. Рустам, агарчи се дафъа ӯро аз балоҳо раҳо карда буд, Ковус қадри ҳамаи онҳоро надониста, ба шинос шудани падару писар роҳ намедиҳад. Зиёда аз он рашку бадбинӣ ва тинати номардумии Ковус то ҷоест, ки барои наҷоти Суҳроб нӯшдору намедиҳад ва бо ҳамин қасдан марги Суҳробро мехоҳад. Ба ин тариқ, **тинати бад ва мавқеи сиёсӣ** чунин корҳои гамангез ба бор хоҳад овард. Бузургони кишвардор аз пайи нигаҳ доштани ҷоҳу мақоми худ буда, гами дигаронро, агарчи ба монанди Рустам ҳимоятгар ва раҳокунандаи онҳоянд, намехоҳанд.

Касоне ҳам ҳастанд, ки аз **содагӣ ва фаросати кам** сабаби ин гуна ҳаводис мешаванд. Яке аз чунин касон Ҳаҷир буд. Ӯ ба нияти ҳимояти Рустам кӣ буданашро фош намекунад. Касони дигар ҳам ба ин ният аз рӯйи ихлос Рустамро ба писараш намешиносонанд, вале дар охири кор рафтори онҳо ба фоҷиаи падару писар меанҷомад.

Ба ин тариқ, **шароити ҷангу носозгории миёни кишварҳо ва давлатҳо, кибру ғурур, худхоҳию бадхоҳии касон, бахусус подшоҳони замон** ба фоҷиаи ҷавонмарди паҳлавоне дар айёми наврасӣ сабаб мешавад. Мақсади Фирдавсӣ маҳкум кардани ҷангу ҷидол, хусумату ғараз, бухлу бадкирдорӣ дар миёни банӣ башар мебошад.

**Образи қаҳрамонон**. Достони "Суҳроб" асари комил аст, ки дар раванди умумии воқеоти "Шоҳнома" гузориш ёфта, аз ҷиҳати сужа, оғози раванди воқеот ва анҷом, инчунин, мустақилият як достони пурраро нигоҳ доштааст. Дар достон қаҳрамонони зиёд амал мекунанд, ки бо исми онҳо аз мазмуни достон шинос шудем. Аммо шахсиятҳои асосии асар Суҳробу Рустам мебошанд. Бинобар ин, онро достони "Рустам ва Суҳроб" ҳам гуфтаанд, лекин дар ҳақиқат достони "Суҳроб" мебошад.

Нақши Суҳроб банду баст ва ягонагии асарро ба вуҷуд овардааст. Барои ҳамин асарро достони "Суҳроб" мегӯянд ва дар "Шоҳнома" низ ба ҳамин унвон омадааст. Суҳроб аз кӯдакӣ соҳиби ҷисму тани паҳлавонона мебошад. Вақте кӣ будани падарашро мефаҳмад, ягона орзуяш ба дидори ӯ расидан мебошад. Суҳроб паҳлавони бузург аст ва ба ҳамин бузургию паҳлавонии ӯ замона мухолифат дорад. Афросиёб пайвастани ӯро бо Рустам барои он намехоҳад, ки падару писар якҷоя қудрати Эронро афзун мегардонанд. Ковус аз он метарсад, ки падару писар бо ҳам омада тахти подшоҳиро аз ӯ нарабоянд.

Суҳроб бо вуҷуди шаҳомат ва ҷавонӣ ниҳоят озманд аст, ӯро ба осонӣ фирефтан мумкин аст. Бинобар ин, вақте Рустамро дар гуштӣ ба зер меорад ва теғ аз ниём мекашад, Рустам ӯро мефиребад, ки дар расми мо кас фақат дар дафъаи дувум голиб омадан душманро мекушад. Суҳроб ба ин ҳилаи ҳарбии Рустам бовар мекунад, зеро ӯ хеле ҷавон аст ва ҳанӯз таҷрибаи ҷангӣ надорад. Аммо бо ҳиссиёт ва фаросати

ҷавонӣ дар қалбаш меҳре нисбат ба Рустам бедор мешавад ва ӯро даъват мекунад, ки аз ҷанг даст бикашад ва ба майгусориву суҳбат машгул бишаванд. Рустам сухани ӯро намешунавад.

Марги Суҳроб мотами мардум аст. Ба ғаму мотами ӯ тамоми аҳли лашкари Рустам, падару модараш мотам мегиранд, вале Ковус лашкарро ҷамъ карда, ба Эрон меравад ва дар ин мӯяи паҳлавонону ҳамватанон ширкат намекунад. Паҳлавонон барои ӯ дар шукӯҳу бузургӣ лозиманд, на дар мотаму бечорагӣ.

Рустам нақши марказии достони “Шоҳнома” мебошад. Ӯ ҷаҳонпаҳлавон аст, яъне ӯ паҳлавони кишваре, вилояте ё шаҳре нест, балки паҳлавони рӯйи дунёст. Дар достони “Суҳроб” ин сифатҳои паҳлавонии ӯ пайдост, вале дар ин достон Фирдавсӣ эҳтимол бештар тасвири сифатҳои одамии ӯро дар назар доштааст, зеро қувват ва қудрати Суҳроби ҷавонро надорад. Дар аввалин дидор Рустам монандие миёни Суҳроб ва бобояш – Сом мебинад, вале ғайрати ҷанговарӣ дар қалби ӯ ин эҳсосро фурӯ менишонад. Рустам ба ғайр аз зӯри бозу иёре ҳам дорад, ки ба ин восита Суҳробро фиреб медиҳад. Дар шахсияти ӯ ҷасорату бераҳмии ҷанговар ҳам ҳаст. Ҳамаи ин сифатҳо барои паҳлавони размовар лозим мебошанд. Агар Рустам танҳо ҳамин сифатҳоро медошт, ӯ аз инсон дида ба як дастгоҳе разманда бисёр монанд мешуд.

Вақте Суҳроб ҷароҳат мегирад ва Рустам кӣ будани ӯро мефаҳмад, ба чӣ ҳоле мерасад? Рустами бузургу паҳлавон хок бар сар мекунад, худро хуншор месозад ва ҳатто худро куштанӣ мешавад. Суҳробро дар кафани дебо мероояд, тобуташро аз чӯби уд мекунад, барояш дахмаи нотакроре месозад. Дар ҳамаи ин рафтори Рустам андӯҳи бузурги як инсон, меҳри беандозаи як падари аз кардаи нодонистаи худ музтар, як падари зору ночору гирифтор, як падари дар кори худ дармонда ва писари номуроду пурармонрафта тасвир шудааст. Рустами бузург ва Рустами музтару бечора дар як ҷой тасвир шудаанд. Фирдавсӣ дар ин достон ба мо таълим медиҳад, ки чунин аст кори ин ҷаҳон: бузургию нотавонӣ дар он баробар мебошанд ва дар ин маънӣ андеша бояд кард.

## ДОСТОНИ “БЕЖАН БО МАНИЖА”

**Мазмуни достон.** Достони “Бежан бо Манижа” ба монанди дигар достонҳои мустақили “Шоҳнома” бо фасли “Огози достон” шурӯъ мешавад. Огози достон дар тасвири шаб буда, ба фикри донандагони таърихи адабиёт, дар ин мавзӯъ аз беҳтарин ва шевотарин тасвирҳои табиӣ дар назми форсӣ мебошад:

Шабе чун шабаҳ рӯй шуста ба қир,
На Баҳром пайдо, на Кайвон, на Тир.
Дигаргуна ороише карда моҳ,
Басиҷе гузар карда бар пешгоҳ.
Шуда тира андар сарои диранг,
Миён карда борику дил карда танг.
Зи тоҷаш се баҳра шуда лоҷвард,
Сипарда ҳаворо ба зангору гард.
Сипоҳи шаби тира бар дашту рог
Яке фарш густарда аз парри зог...

Дар ин шаб шоир изҳори тангдилӣ мекунад ва аз ҳамсараш шамъ мехоҳад. Ӯ барои гӯянда, яъне шоир шамъу шароб меорад ва худ чанг менавозад. Баъд аз он ки тирагӣ аз дили шоир берун шуд, ёри меҳрубонаш гуфт:

Маро гуфт: Аз ман сухан бишнавӣ,
Ба шеър ор аз ин дафтари паҳлавӣ.

Ба ин тариқ, ҳамсари шоир аз дафтари паҳлавӣ достонро мехонад ва онро шоир ба назм меоварад.

Достон чунин пайванди воқеот меёбад, ки подшоҳ нишаста буд ва дар атроф паҳлавонон, аз ҷумла Бежан, ҷамъ омада буданд. Дар ин вақт намояндагон аз мардуми Арман, ки миёни Эрону Тӯрон аст, омаданд ва ба шоҳ шикоят карданд, ки дар сари марзи Эрон як беша аст. Аз он беша гурози бешумор омада ва ҳама дарахту чарогоҳро хароб карда. Подшоҳ ба гурдон мурочиат кард, ки кӣ метавонад ба ёрии арманиён биравад. Паҳлавони ҷавон Бежани писари Гев ягона каси омода буд. Падараш нохушнудӣ изҳор кард, ки ҷавону нокорозмуда ҳастӣ ва роҳи ҳаргиз норафтаро набояд пӯйид. Бежан аз роҳи тадбир сухан гуфт ва даъвии худро исрор кард. Подшоҳ ба ӯ Гургини Милодро ҳамроҳ кард, зеро Бежан ҷавон буду роҳро намедонист.

Вақте ба ҷангал наздик омаданд, Бежан аз Гургин хоҳиш кард, ки дар гӯшае бошад ва ҳар юзи аз дасти ӯ раҳоёфтаро бо

гурз саркӯб кунад. Аммо Гургин аз ин рӯй гардонид, зеро, ба андешаи ӯ. вазифааш танҳо роҳнамоӣ буду бас.

Бежан сари хукон аз тан ҷудо мекард, Гургини бадандеш ба як гӯшаи бешаи хомӯш даромад. Аммо аз бадномии худ битарсиду дар ҳаққи Бежан ба андешаи бад рафт. Ба ӯ гуфт, ки дар ин наздикӣ ҷашнгоҳ аст ва дар он ҷой туркдухтарони зеборӯй ва духтари Афросиёб – Манижа мебошанд. Хуб мебуд агар ба назди он ҷашнгоҳ битозем ва чанде аз паричеҳрагонро гирифта ба назди хусрав равем. Бежани ҷавон ин таклифро қабул кард.

Дар роҳ Гургин аз он ҷашн пайваста ёд мекард, то ки Бежан зиёдтар моил шавад. Пас, Бежан ба Гургин гуфт, ки ман пештар меравам, то бубинам, ки тӯрониён чӣ гуна базм мекунанд. Бежан дар либоси ороста аспро ронд ва дар зери сарви наздикии хайма қарор гирифт. Ҳама дашт пур аз суруд шуда буд. Духтар аз хайма ҷавонеро дид бо кулоҳи ҷаҳонпаҳлавон ва дебои румии фурӯзон, меҳраш ба ӯ биҷунбид.

Духтар дояро фиристод, то бифаҳмад, ки он моҳдидор кист ва кӣ ӯро овардааст? Ман солиён дар ин маргзор ҷашн мегирам дар баҳор ва касеро надидаам. Доя паёми Манижа ба Бежан оварД ва “ду рухсори Бежан чу гул баршукуфт”. Он гоҳ гуфт, ки ман Бежани Гев аз Эронзаминам, ба ҷанги гурозон омадаам ва аз ин базмгоҳ огаҳӣ ёфта, ба ин ҷой шитофтам. Агар маро сӯйи он хубчеҳр оварӣ, шод мешавам. Манижа чунин посух фиристод:

> Фиристод посух ҳам андар замон,
> К-ат омад ба даст он чи бурдӣ гумон.
> Гиройи хиромон ба наздики ман,
> Барафрӯз ин ҷони торики ман.

Бежан бошитоб аз зери дарахти сарв ба хаймаи духтари Афросиёб рафт. Манижа ӯро ба хушӣ истиқбол карда, аз роҳу кор ва бо кӣ ба ҷанги гуроз омаданашро пурсид. Се шабонарӯз вақтро бо хушӣ гузарониданд. Ҳангоми рафтан бо фармоиши Манижа ба Бежан доруи ҳуш бардоданд ва ӯро дар ин ҳол ба кохи Манижа бурданд. Дар он ҷой Манижа доруи ҳуш дар гӯшаш кард, Бежан ҳушёр шуд ва худро дар кохи Афросиёб, дар назди ёри худ дид. Бежан фиреби Гургинро фаҳмид ва бар ӯ нафрин хонд, ки ба ин роҳ раҳнамунаш сохтааст. Манижа ба ӯ гуфт:

Манижа бад-ӯ гуфт: Дил шод дор,
Ҳама кори нобударо бод дор.
Ба мардон зи ҳар гуна кор оядо,
Гаҳе базму гаҳ корзор оядо.

Як муддат онҳо ба хушӣ мегузаронданд, то вақте дарбон аз розҳо огоҳ шуд ва аз ҷони худ битарсиду ба назди шоҳи Тӯрон рафт. Гуфт, ки духтарат аз Эрон ҳамсар ёфтааст. Афросиёб Гарсевазро барои гирифтани Бежан фиристод. Бежан гуфт, ки агар бо ҷанг омадай, ман ҷанг хоҳам кард вагарна маро пеши Афросиёб бар, то ки сабаби омаданамро бигӯям. Гарсеваз ба нармӣ ханҷарашро гирифта ӯро ба банд кашид. Бежан хост, ки дар назди Афросиёб Манижаро бегуноҳ нишон диҳад. Афросиёб ба Гарсеваз фармуд, то дори баланде бизанад ва ин нагунбахтро бар дор кунад.

Вақте Бежанро бо тани урён ба сӯйи дор мебурданд, Пирон пайдо шуд. Вазъро фаҳмида ба назди Афросиёб рафт ва ба ӯ гуфт, ки агар хуни Бежанро бирезӣ, кини эрониён ба тӯрониён зиёд хоҳад шуд. Афросиёб рафтори Бежан ва духтарашро барои худ бадномӣ раниста буд ва мегуфт:

К- аз ин нанг то ҷовидон бар дарам
Бихандад ҳама кишвару лашкарам.

Бо маслиҳати Пирон Бежанро ба зиндон меандозанд. Бежанро ба чоҳи торик дар банди гарон сарнагун андохтанд. Гарсеваз ҳамаи мол ва дороии Манижаро ба тороҷ дод ва ӯро бо пойи бараҳнаву сари кушода то сари чоҳ давдавон бурд:

Бад-ӯ гуфт: “Инак туро хону мон,
Заворӣ бар ин баста то ҷовидон”.

Манижа аз ҳар дар пораи ноне ҷамъ меоварду онҳоро оварда ба Бежан медод ва аз шӯрбахтии худ менолид.

Гургин аз кори кардаи худ пушаймон шуд. Дар суроғи Бежан чанде мегашт, вале ӯро наёфт. Аспашро дид, ки аз беша меомад ва аз ҳоли табоҳи ӯ пай бурд. Аспи Бежанро гирифту ба сӯйи Эрон шитофт. Аз гум будани Бежан хабар ба падараш – Гев расид. Ӯ аспи бесоҳибро дида беҳуш шуд, аз Гургин кайфияти корро пурсид. Гургин гуфт, ки вақте ба ҷанги гуроз дарафтодем, гурозон гурӯҳ-гурӯҳ меомаданд, баъди куштори хукон рӯй ба Эрон овардем. Ногоҳ гӯре аз он маргзор баромад. Бежан ба сӯйи он каманд андохт ва аз пасаш мерафт, то нопадид гаштанд. Ҳарчанд дар дашту кӯҳ тохтам, аз онҳо нишоне наёфтам. Фикр мекунам, ин гӯр деви

сафед буд. Гев аз дурӯғи Гургин пай бурда хост, то ӯро бикушад, вале дар ин кор суде надид. Гев Гургинро ба назди шоҳ овард. Подшоҳ аз қавли мӯбадон аз зинда будани Бежан хабар дод.

Кайхусрав Гургинро ба зиндон андохт. Дар ҷоми гетинамой хусрав Бежанро дид, ки дар кишвари гургсорон дар чоҳ аст ва духтаре баҳри ёрӣ миён бастааст. Аз ин вазъ падари Бежанро огоҳ сохт. Барои ёрӣ хусрав ба Рустам нома навишт. Гев номаи Кайхусравро ба назди Рустам бурд ва ҳолро якояк ба ӯ бигуфт. Рустам барои Гев базм биёрост ва баъд ба назди шоҳ равона шуданд.

Гургин ба назди Рустам паём фиристод, ки агар ӯ аз банд раҳоӣ ёбад, барои шустани доги бадномӣ дар роҳи наҷоти Бежан саъй хоҳад кард. Рустам бо хоҳиш ба шоҳ муроҷиат кард ва шоҳ ба ӯ Гургинро бубахшид. Рустам лашкари худро барои ҷанги Тӯрон ороста кард, вале ба шоҳ гуфт, ки тадбири ӯ дар озод кардани Бежан ба кирдори бозаргонон ба Тӯрон рафтан аст. Рустам лашкарро дар сарҳади Тӯрон дар ҳолати омодабош қарор дод ва худ бо либоси бозаргон ба Хутан равона шуд. Корвон ҳашт аспу даҳ уштури пурбор дошт. Дар роҳ онҳо Пиронро, ки кишвардори Хутан буд, диданд ва ба ӯ инъомҳо доданд. Пирон ба фуруд омадани корвон ба шаҳри худ иҷозат дод. Дар шаҳр хабар паҳн шуд, ки аз Эрон корвоне омадааст бо моли фаровон, ҳама харидорон меомаданд. Манижа низ аз ин корвон хабар ёфта ба назди Рустам омад. Аз ӯ пурсид, ки хабари Бежан ба Эрон расидааст ё на ва аз чораю тадбир чизе дар кори ӯ магар бозаргон нашнидааст? Рустам аз ин ҳол битарсид ва бонг зада ӯро аз назди худ биронд. Манижа ба Рустам гуфт, ки агар сухан гуфтан нахоҳӣ, ман дили реш дорам ва ту маро бо ин сардӣ марон. Рустам пас аз ҳоли Манижа пурсон шуд. Ӯ гуфт:

Манижа манам, духти Афросиёб,
Бараҳна надида маро офтоб.
Кунун дида пурхуну дил пур зи дард,
Аз ин дар ба он дар ду рухсора зард.
Ҳаме нони кашкин фароз оварам,
Чунин ронд Яздон қазо бар сарам...
Ки бечора Бежан бад-он жарфчоҳ
Набинад шабу рӯзу Хуршеду Моҳ.

Баъд аз он Манижа хоҳиш кард, ки хабарро ба хусрави

Эрон, Геву Рустам бирасонанд, зеро агар таъхир шавад, кор ба пастӣ меравад. Рустам пурсид, ки барои чӣ барои раҳонидани Бежан аз падари худ хоҳиш намекунӣ? Рустам барои ӯ як мурги бирёнро дар нон печонда дод ва дар дарунаш ангуштар ниҳон карда ба Манижа дод ва гуфт, ки инро ба он бечора бубар. Бежан дар ангуштарӣ номи Рустамро бихонду шод шуд. Баъди қасам ёд кардани Манижа дар нигоҳ доштани роз ба ӯ гуфт, ки ин мард аз Эрон барои раҳо кардани ман омадааст. Чоҳи Бежан дар ҷангал буд ва Рустам аз Манижа дар шаб дар сари чоҳ афрӯхтани оташро хоҳиш кард. Рустам бо ёронаш шаб аз рӯшании оташ ба сари чоҳ омаданд. Рустам домани худро барзад ва санги сари чоҳро бо зӯри паҳлавониаш бардошт.

Паҳлавон Бежанро аз чоҳ берун кард ва ҳама ба сӯйи хона равона шуданд. Сару тани Бежанро шустанду ба ӯ либоси наву тоза пӯшонданд. Рустам фармуд, ки Бежан бо Манижа баъди кашидани чунин ранҷҳо ба Эрон бираванд. Вале Бежан қабул накард ва дар ҷанги муқобили Афросиёб иштирок кардан хост. Бо ҳамин моҷарои асосӣ дар достони “Бежан бо Манижа” ба поён мерасад.

Давоми достон ба вазифаи анҷоми воқеот омадааст. Рустам бо ҳафт гурди ҳамроҳаш ба дарбори Афросиёб шабехун мекунад. Дар айвони Афросиёб Рустам аз кини Сиёвуш ва раҳо шудани Бежан аз чоҳ бо нидои баланд ёд мекунад. Ҳамин гуна нидои таҳдидомез аз ҷониби Бежан низ баланд мешавад. Оқибат Афросиёб аз он хона бигрехт, ҳамроҳони Рустам аз он ҷо гуҳарҳои фаровон гирифтанд ва ба таъҷил рӯй ба Эрон ниҳоданд. Вақте Рустам ба лашкаргоҳи худ расид, ҳамаро барои омода будан ба ҷанг даъват кард. Зеро Афросиёб баъди он чи рӯй дод, ором нахоҳад монд. Афросиёб бо лашкаре гарон омад ва Рустаму Бежан дар қалбгоҳи лашкари Эрон қарор доштанд. Ҷанг бо пирӯзии лашкари Рустам анҷом ёфт.

Ба Кайхусрав огоҳӣ омад, ки Бежан аз банду зиндон раҳо ёфт, сипоҳи Тӯрон шикаста шуд. Рустамро дар назди боргоҳи шоҳ бо шукӯҳу азамати зиёде истиқбол карданд. Рустам дасти Бежанро гирифту оварда ба шоҳ супурд. Хусрав бар Рустам миннатдорӣ кард, ки ту парастандаи тахти ман ҳастӣ ва тоҷи ҳақиқии Эрон туӣ. Ба муносибати ин зафар хусрав ҷашн орост ва дар он ҷо Рустам аз ранҷи худ сухан гуфт. Бежан бо

Манижа ҷаҳонро бо шодӣ гузаронид.

**Хусусиятҳои бадеии достони “Бежан бо Манижа”. Мақсад ва ғояи достон.** Метавон гуфт, ки достони “Бежан бо Манижа” аз қадимтарин асарҳои ишқӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ мебошад. Онро фақат аз ҳамин ҷиҳат пешрави достонҳои ишқӣ-романтикии хаёлӣ, ба монанди “Хусраву Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомӣ хондан мумкин аст. Тасвири воқеоти алоқаманд бо Бежану Манижа заминаи паҳлавонию афсонавӣ доранд. Масалан, ҷанг бо гурозон, дар чоҳ мондани Бежан, омадани Рустам ва вохӯрдани ӯ бо Манижа, раҳо кардани Бежан аз чоҳ ва ғайра. Қисми дигари воқеот, бегумон, хусусияти паҳлавонӣ доранд, ба монанди шуҷоати Бежан ва корномаи Рустам. Лаҳзаҳои романтикии достон зиёд нестанд. Дар хайма вохӯрдани Бежан бо Манижа тасвири романтикӣ аст.

Дар тасвири муносибати Бежан бо Манижа мақсади асосӣ ва ғояи достон ишқ ва садоқати навъи инсон ба инсон мебошад. Ин воқеа дар маркази достон омада бошад ҳам, қисми зиёди воқеаҳо дар атрофи он гузориш ёфтаанд. Вақте Бежан гирифтор мешавад, ҳама дар ташвиш мемонанд: Рустам тадбир меҷӯяд, дар сурати бозаргон ба Тӯрон меравад, Бежанро раҳо карда, ба назди лашкари худ фирор мекунад. Дар ниҳоят, ҷанг бо Афросиёб барои Рустам ба некӣ анҷом меёбад. Дар охир ҷашн мероянд ва ба Манижа инъомҳои шоҳона медиҳанд. Ҳамаи ин корҳо барои раҳо кардани ҷавонпаҳлавон ва дилдодааш, ки дар нокомӣ афтодаанд, карда мешавад. Пас, ғояи асосии достон ин аст, ки ҳама бояд барои некӣ дар ҳаққи ғирифторони бегуноҳ ва наҷот аз бадбахтиҳо бикӯшанд. Аз подшоҳи кишвар то ҷаҳонпаҳлавоне ба монанди Рустам, аҳли лашкар ва дигарон барои некӣ ва саодати як ҳамватани ба нокомӣ дучоромадаи худ бикӯшанд. Аз ин ҷиҳат достони “Бежан бо Манижа” арзиши олии инсонӣ ва гуманистӣ дорад.

Достони “Бежан бо Манижа” далолат бар он менамояд, ки дар ҷомеа ҳанӯз хоҳишҳои романтикӣ устувор нашудаанд ва чунин аносир ҳанӯз қолаби устувори ҳунарӣ ва бадеӣ нагирифтаанд. Фирдавсӣ дар ин достон унсурҳои паҳлавонӣ ва афсонавиро ба ҳам омехтааст, ки ба сарчашмаҳои достон, ки Фирдавсӣ дар даст дошт, низ вобаста мебошанд.

**Нақши қаҳрамонони достон**. Дар достон ба ғайр аз

Бежану Манижа образҳои зиёде амал мекунанд. Дар ин достон нақши Рустам мавқеи намоён дорад. Бежан чун ҷаҳонпаҳлавон, вале корнодида тасвир шудааст. Ба ин сабаб ӯ ба осонӣ ба ҷанги гурозон розӣ мешавад. Рафтори ӯ аз шунидани сухани Гургин ва ба назди Манижа рафтан низ аз рӯйи ҳаво ва ҳаваси ҷавонӣ мебошад. Муносибати Манижа низ дар аввал ноандешида ва аз ҳавои ҷавонӣ сар задааст. Агар чунин намебуд, ӯ як ҷавони бегонаро пинҳонӣ ба дарбори падараш намебурд. Гирифтории онҳо низ аз ҳамин кирдори ноандешида ба амал омадааст. Аммо вақте онҳо ба нокомӣ дучор омаданд, рафторашон аз рӯйи сидқу вафо ва бардошти мушкилиҳои пешомада буд.

Манижа, духтари нозпарвардаи подшоҳ тамоми бадномиҳои нон пурсидан ва гадоиро бардошт мекунад, то буридаи ноне барои Бежан бибарад. Онҳо роҳи раҳо ёфтанро намедонанд, ғамхории дигарон сабаби халосиашон мешавад. Фирдавсӣ бо ин достон ба мо мегӯяд, ки камбудии ҷавонон коре бахшиданӣ аст, ҳамчунон ки мардумон аз подшоҳ то дигар афроди ҷамъият бояд ба онҳо ёрӣ расонанд.

Достони “Бежан бо Манижа” ва нақши ин ду қаҳрамон дар асари Фирдавсӣ ба табиати ҷавонӣ наздик ва фаромӯшнашуданӣ мебошанд.

## ВАЗЪИ АДАБӢ ДАР НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XI

Баъди суқути давлати Сомониён шаҳри Бухоро ҳамчун маркази илму фарҳанги форсӣ эътиборашро аз даст дод. Ҳаёти адабӣ дар шаҳрҳои Самарқанд, Балх, Заранҷи Систон, Гургон, Нишопур ва Рай идома меёфт, аммо маркази асосии адабӣ дар ин вақт шаҳри Ғазнин шуда буд.

Дар нимаи аввали асри XI адабиёт асосан дар дарбори Ғазнавиён нашъунамо ёфт. Шоирони бузурги дарбори Ғазнавиён, ба монанди Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ асосан ба қасидасароӣ машғул шуда, мадҳи Султон Маҳмуд ва писарони ӯ, махсусан, Султон Масъудро гуфтаанд. Шоирони дигари доираи адабии Ғазнин Муҳаммади Ғазоирӣ, Абдулазиз ибни Мансури Асҷадӣ, Маншурии Самарқандӣ, Уторидӣ, Лабибӣ, Зинатӣ, Масъуди Розӣ ва дигарон буданд.

Султон Маҳмуди Ғазнавӣ барои ташвиқ ва тарғиби давлати худ шоирону донишмандонро аз ҳар тараф ҷамъ

мекард. Аз ҷумла, донишманди маъруфи он замон Абӯрайҳони Беруниро аз Хоразм овард. Маҳмуд хоҳиши овардани Абӯалӣ ибни Синоро ҳам дошт, вале ӯ ба дарбори Маҳмуд рафтан намехост ва ба Эрон фирор кард. Шоир Унсурӣ аз Балх ва Фаррухии Систонӣ аз мулки Чағониён ба дарбори Султон Маҳмуд ба шаҳри Ғазнин омаданд. Ба монанди онҳо даҳҳо шоирону донишмандони дигар низ ба дарбор ҷалб шуданд.

Султон Маҳмуд ба шоирон ба ивази шеъри мадҳиашон инъомҳои зиёде медод ва ин саховати ӯ дар забонҳо афсона шуда буд. Ҳатто мегӯянд, ки яке аз бузургтарин шоирони дарбори Маҳмуд – Унсурӣ дегдони хонаи хешро аз нукра сохта буд. Шоирони дарбори Маҳмуд асосан қасидаҳои мадҳӣ мегуфтанд. Дар қасида онҳо Маҳмудро сояи Худованд дар рӯйи замин мехонданд ва шукӯҳу салтанаташро бо подшоҳони қадим муқоиса карда, ӯро дар бузургӣ аз Дорову Искандар боло мегузоштанд.

Дар замони ҳукмронии Султон Маҳмуд ва писари ӯ Султон Масъуд шоирони дарбор ба мавзӯи ҳамосаи миллӣ – “Шоҳнома” муроҷиат накардаанд. Онҳо аз қаҳрамонони қадима кам ёд мекунанд ва онҳоро дар назди Маҳмуд ва паҳлавонони лашкараш бо таънаву кам задан мешиносанд. Яке аз сабабҳои дар дарбори Маҳмуд қабул нашудани “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар он аст, ки ӯ аз авлоди турк ва гуломзода буд, шукӯҳу бузургии таъриху фарҳанги қадима ба авлоду насаби ӯ иснод меовард.

Дар вилоятҳои дигар ҳам шоирону адибон буданд, ки Абӯсаъиди Абулхайр ва Боботоҳири Урёни Ҳамадонӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Ин шоирон аз ҷумлаи сӯфиёни бузурги замон буда, дар шумори нахустин шоироне қарор доранд, ки рубоӣ ва дубайтиҳои тасаввуфӣ сурудаанд. Бобо Тоҳир таронаҳои худро ба лаҳҷаи ҳамадонӣ навиштааст.

Асри X ва нимаи аввали асри XI замони ташаккули навъҳои асосии шеъри тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Дар нимаи аввали асри XI навъҳои асосии шеърӣ маснавӣ, қасида, ғазал, дубайтӣ, рубоӣ, мусаммат ва тарҷеъбанд ба ҳисоб мерав족. Дар ин давра ҳам маъмултарин навъҳои шеърии асри гузашта идома ёфтанд ва ҳам навъҳои ҷадиди шеърӣ, ба мисли мусаммат ва тарҷеъбанд ихтироъ шуданд. Дар маҷмӯъ, навъҳои адабӣ дар ин давра ташаккул ёфта, барои иикишофи

минбаъда замина гузоштанд.

Муҳимтарин навъи адабии адабиёти асри X ва нимаи аввали асри XI маснавӣ буд. Шоирони ҳар ду давраи таърихӣ дар жанри маснавӣ достонҳо офаридаанд. Аммо дар давраи мавриди назар достоне офарида нашудааст, ки бо “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ ҳамсанг бошад. Дар нимаи дуюми асри XI Унсурӣ достонҳои “Хингбут ва Сурхбут”, “Вомиқ ва Узро”, “Шодбаҳр ва Айнулҳаёт”-ро навишт, ки аз онҳо танҳо порчаҳои ҷудогона боқӣ мондаанд. Муҳимтарин мухтассоти достонсароӣ дар давраҳои баъдӣ дар асоси сужет ва асарҳои гузаштагон навиштани достон буда, заминаи онҳо дар навбати аввал ҳамосаи “Шоҳнома”, қиссаю достонҳои қадимии эронӣ ва дигар халқҳо, инчунин, китобҳои замони Сосониён мебошад. Дар достонҳои панду ахлоқӣ майл ба андарзномаҳои тоисломӣ ба мушоҳида мерасад.

Навъи асосии шеъри ғиноӣ дар ин давра қасида буд, ки омили асосии ривоҷи он аз муҳиммияти шеъри дарборӣ будани он бармеояд. Шоирони қасидасаро, ки қасоиди мадҳӣ мегуфтанд, асосан дар дарборҳо ҷамъ омада буданд. Шоирони бузурги қасидасарои дарбори Ғазнавиён инҳоянд: Унсурии Балхӣ, Манучеҳрии Домғонӣ, Фаррухии Систонӣ. Қасида аз нигоҳи муҳтаво назди шоирони дарбори Ғазнавиён ба тағйирот дучор мешавад. Дар қасидаҳои шоирони дарбори Сомониён образи мамдуҳ аз заминаи воқеӣ ҷудо нест. Аммо дар тасвири шоирони дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ мамдуҳ ба шахси хориқулодае мубаддал мегардад ва ба вай сифатҳое нисбат дода мешавад, ки аз доираи авсофи як шахси воқеӣ тамоман хориҷ аст. Ба воситаи қасида мазмунҳои дигар низ ифода мешуданд, ба мисли мазмунҳои шикоятӣ, ҳасби ҳол, марсия, ҳаҷв ва ғайра. Тағаззулоти қасида аз тасвирҳои табиат, манзараҳои баҳор, наврӯз, бодағусорӣ, ишқ ва ғайра иборат буданд. Чунин хусусиятҳои тагаззул ба сурати ғӯё дар шеърҳои Фаррухии Систонӣ ва Манучеҳрии Домғонӣ намунаҳои барҷаста дорад.

Навъи шеърии ғазал низ, агарчи андак, дар ашъори шоирони нимаи аввали асри XI, ба монанди Унсурӣ ва Фаррухӣ дида мешавад. Ғазал дар ин давра ҳам ба монанди ин навъи шеърӣ дар аҳди Сомониён дар ҷодаи ташаккул қарор дошт. Дар он замон тағаззулоти қасидаҳоро ҳам ғазал мегуфтанд. Аз ин ҷиҳат порчаҳои ғазалмонанд дар эҷодиёти

шоирон бисёр ба назар мерасад.

Навъҳои дигари адабӣ дар адабиёти ин давра рубоӣ ва дубайтӣ мебошанд, ки дар заминаи таронаҳои халқӣ пайдо шудаанд. Дар рубоиёти шоирони аҳди мавриди назар андешаҳои гуногуни қаҳрамони лирикӣ, ба монанди андешаҳои ҳикамию фалсафӣ, тасаввуфу ирфон, ишқ, панду ахлоқ ва монанди инҳо тасвир шудааст. Дар девони Унсурӣ 76-рубоӣ ва Фаррухӣ 35-рубоӣ дида мешавад. Дар сарчашмаҳои гуногун ба Абӯсаъиди Абулхайр беш аз 700-рубоӣ нисбат дода мешавад. Боботоҳири Урёни Ҳамадонӣ асосан дубайтӣ сароидааст. Ин ду шоир аз ҷумлаи нахустин нафароне ҳастанд, ки ба шеър мазмуни ирфониро ворид сохтаанд. Дар ашъори онҳо мазмунҳои иҷтимоӣ ҳам матраҳ шудаанд.

Дар нимаи аввали асри XI навъи адабии мусаммат аз тарафи Манучеҳрии Домғонӣ ихтироъ шуд ва минбаъд дар адабиёт роиҷ гашт. Дар таркиби "Девон"-и Манучеҳрӣ 11 мусаммат ҳаст, ки миқдори бандҳои онҳо аз 10 то 35-тоанд. Ҳар банд аз 6 мисроъ иборат аст. Ин навъи мусамматро мусаммати мусаддас меноманд. Бандҳои мусаммат вобаста ба миқдори мисроъҳои банд тағйир ёфта, номҳои мусаллас, мураббаъ, мухаммас, мусаддас, мусаббаъ, мусамман ва ғайраро мегиранд. Мусамматҳои Манучеҳрӣ мазмуни мадҳӣ доранд.

Навъи дигари шеърии ҷадид дар ин давра тарҷеъбанд мебошад. Дар "Девон"-и Фаррухии Систонӣ се тарҷеъбанд дида мешавад, ки намунаи қадимтарини ин навъи шеър мебошанд. Онҳо ҳам мазмуни мадҳӣ доранд. Ба назар чунин менамояд, ки мусаммат ва тарҷеъбанд барои тағйири шакли якрангу якнавохти қасида ихтироъ шудаанд.

Ҳамин тавр, диққат дар чигунагии вазъи адабӣ дар нимаи аввали асри XI асосан идомаи ибтикоротеро ба намоиш мегузорад, ки дар адабиёти асри X оғоз гардида буданд. Шоирони доираи адабии Ғазнин дар доираи сабки умумии давраи Сомонӣ шеър гуфтаанд. Падидаҳои услубӣ ва навҷӯиҳое, ки дар шеъри шоирони ин давра мушоҳида мешаванд, пеш аз ҳама, дар диққат ба мафоҳиму истилоҳоти донишҳои гуногун, аҷроми самовӣ, образу таъбироти сухан зоҳир мегардад. Насри порсӣ низ дар ин давра дар марҳалаи оғозин қарор дорад.

## ШОИРОНИ МАЪРУФИ НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XI

Нимаи аввали асри XI ҳам ба монанди давраи қабл аз он аз нигоҳи теъдоди шоирон аз ҷумлаи муҳимтарин давраҳои таърихи адабиёт ба ҳисоб меравад. Чунонки дар боло зикр шуд, маркази асосии адабӣ шаҳри Ғазнин буд ва ба дарбор шоирони зиёде ҷамъ омада буданд. Тибқи ахбори сарчашмаҳо, танҳо дар замони Султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар дарбори вай беш аз чаҳорсад адиб ҷамъ омада буданд. Аз ин теъдод мо танҳо ба зиндагиномаи се шоири машҳури замон: маликушшуаро Унсурии Балхӣ, Фаррухии Систонӣ ва Манучеҳрии Домғонӣ муроҷиат мекунем.

1. **Унсурии Балхӣ**. Баъд аз устод Рӯдакӣ шоире, ки ба сифати саромади суханварони порсигӯй эътироф шудааст, Абулқосим Ҳасан ибни Аҳмад Унсурии Балхӣ (таваллудаш тақрибан 968-вафоташ 1040, дар Балх) мебошад. Қудрати ин шоири тавоно дар мадҳ ва гуфтани қасидаву ғазал мавриди таҳсини муаллифони сарчашмаҳо ва муҳаққиқон қарор гирифтааст. Ӯ дар дарбори султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва писараш Султон Масъуд хидмат карда ва нахустин маликушшуаро дар таърихи адабиёти тоҷик мебошад. Аз ному насаб ва тахаллуси шоир Манучеҳрии Домғонӣ чунин хабар додааст:

Ту ҳаметобию ман бар ту ҳамехонам ба меҳр,  
Ҳар шабе то рӯз “Девон”-и Абулқосим Ҳасан.  
Устоди устодони замона Унсурӣ,  
Унсураш беайбу дил бегашшу динаш бе фитан.

Дар бораи тафсилоти зиндагии Унсурӣ иттилои дақиқе то ба мо нарасидааст. Ҳамин қадар маълум аст, ки шоир дар Балх зода шуда, таҳсили ибтидоӣ ва мадрасагиро дар зодгоҳаш гирифтааст. Бино ба қавле, дар оғози ҷавонӣ, баъд аз марги падару модар, мехоҳад, ки бо моли меросӣ тиҷорат кунад, вале ҳангоми сафар ба дасти роҳзанон меафтад ва ҳамаи амволашро аз даст медиҳад. Баъд аз ин ҳодиса ба таҳсили илм мепардозад. Дар шоирӣ устоди Унсуриро шоири охири асри X Абулфараҷи Сагзӣ донистаанд. Ба дарбор пайвастани шоир ба оғози салтанати Маҳмуди Ғазнавӣ рост меояд ва дар муддати кӯтоҳ чунон ба подшоҳ қарин мегардад, ки аз ҷумлаи надимони хос қарор мегирад. Дар дарбори

Султон Масъуд ҳам мақоми Унсурӣ воло будааст. Инчунин, вай бо сипаҳсолори Хуросон Амир Наср, ки бародари Маҳмуд буд, низ пайвастагӣ дошта ва ӯро дар қасидаҳояш мадҳ гуфтааст. Бино бар наздикӣ ба подшоҳон Унсурӣ ҳамвора мавриди инояти онҳо қарор мегирифта ва аз ин ҷост, ки дар миёни шоирони баъд аз худ бо доштани молу неъмати фаровон машҳур будааст. Ба ин маънӣ Хоқонӣ дар бораи ӯ чунин сурудааст:

Ба даври карам бахшише нек дид
Зи Маҳмуди кишварситон Унсурӣ.
Ба даҳ байт сад бадраву барда ёфт
Зи як фатҳи Ҳиндустон Унсурӣ.
Шунидам, ки аз нуқра зад дегдон,
Зи зар сохт олоти хон Унсурӣ.

Унсурӣ дар охири умр аз хизмати дарбор даст кашида ва дар соли 1040 вафот ёфтааст.

**Мероси адабӣ.** Унсурӣ шоири тавоно ва соҳибдевон аст. Девонаш дар Теҳрон (дар соли 1342 ҳиҷрии шамсӣ) ба чоп расидааст. Девони Унсурӣ мукаммал ва дорои 30 ҳазор байт будааст, вале аз ин “Девон”-и мукаммали ӯ ҳоло танҳо 3 ҳазор байт дастрас аст. Таркиби “Девон”-и шоир аз қасоид, рубоиёт, қитъаот ва абёти парокандаи қасидаву маснавиҳо иборат мебошад.

Аз нигоҳи теъдод дар таркиби Девони Унсурӣ қасида мақоми аввалро ишғол мекунад. Қасоиди шоир чун намунаи беҳтарини шеъри рӯзгори шоир маъруф будаанд. Аз нигоҳи мавзӯъ қасидаҳои шоир мадҳӣ буда, аҳаммияти зиёди адабию таърихӣ доранд. Бахусус, қисмати ташбиби қасидаҳо ҷолиб мебошад. Шоир дар ташбибҳо ба мавзӯъҳои васфи табиат, манзараҳои дилнишин, баҳори дилоро, гулу лола, чаҳ-чаҳи булбулон, навои мургони хушхон, мавзӯъҳои ишқӣ, тасвири ҳусну ҷамоли маъшуқа, аҳволи ошиқ... даст задааст. Дар ташбибҳои қасоид, инчунин, васфи ҷашнҳои қадимаи Наврӯз, Меҳргон ва Сада ҳар яке мавқеи муносиб дорад. Ин равия махсусан дар ашъори даврони охири ҳаёти шоир ривоҷ гирифтааст. Унсурӣ устоди беҳамтои суханварист ва ҳунари ӯро дар санъат ва сухан донишмандон эътироф кардаанд.

Аҳаммияти таърихии қасоиди Унсурӣ аз нигаҳдошту сабти воқеоти таърихӣ ва иҷтимоию сиёсии замонааш иборат мебошад. Шоир дар бештари сафарҳои ҷангии Маҳмуди

Ғазнавӣ бо ӯ ҳамроҳӣ мекарда ва аз ин ҷиҳат муҳтавои баъзе қасидаҳои ӯро васфи корномаҳои ҷангӣ ташкил медиҳад. Дар қасидаҳои шоир мазмунҳои панду ахлоқ ва тарғиби андешаи солим низ ба назар мерасад.

Унсурӣ дар гуфтани ғазал ба сабки шеъри асри даҳ, махсусан ба ашъори устод Рӯдакӣ такя ва тақлид кардааст. Назари шоир ба ғазали Рӯдакӣ чунин аст:

Ғазал рӯдакивор некӯ бувад,
Ғазалҳои ман рӯдакивор нест.
Агарчи бикӯшам ба борик ваҳм,
Дар ин парда андар маро бор нест.

Дар рубоиёти шоир низ таъсири сабки шеъри асри X ба мушоҳида мерасад, инчунин, дар онҳо оҳанги эҷодиёти халқӣ ва равонию содабаёнӣ дида мешавад. Як мисол:

Рӯ поктар аз замири содиқ дорӣ,
Зулфайни сияҳ чун дили фосиқ дорӣ.
Бар хештанам бад-ин ду ошиқ дорӣ,
Муъмин сухану вафо мунофиқ дорӣ.

Мувофиқи маълумоти Муҳаммад Авфии Бухороӣ, се достони зерин ба қалами Унсурӣ тааллуқ дорад: “Шодбаҳру Айнулҳаёт”, “Вомиқ ва Узро”, “Хингбут ва Сурхбут”. Аммо аз ин достонҳо то ба мо танҳо байтҳои пароканда боқӣ мондаанд. “Вомиқ ва Узро” дар баҳри мутақориб ва ду достони дигар дар баҳри хафиф навишта шудаанд. Мавзӯи маснавии “Шодбаҳру Айнулҳаёт” маъхуз аз достоне будааст, ки онро Абӯрайҳони Берунӣ аз порсӣ ба арабӣ тарҷума кардааст. Сарчашмаи сужети “Вомиқ ва Узро” юнонист. Унсурӣ нахустин ва беҳтарин назмкунандаи ин достон ба ҳисоб меравад. Маснавии “Хингбут ва Сурхбут” дар мавзӯи маҳаллӣ навишта шуда ва дар бораи ду бути бузурге бо номҳои Хингбут ва Сурхбут мебошад, ки то чанд сол қабл дар Бомиёни Балх боқӣ буданд. Мутаассифона, ин ёдгории муҳимми таърихӣ аз тарафи гурӯҳи бехирадон нобуд карда шуд.

Унсурӣ ғайр аз мадҳ дар сурудани ашъори ғиноӣ ҳам аз зумраи шоирони тавоно ба ҳисоб меравад, чунонки дар намунаи зер мушоҳида мешавад:

Дар ишқи ту кас пой надорад чун ман,
Бар шӯра касе тухм накорад ҷуз ман.

Бо душману бо дӯст бадат мегӯям,
То ҳеҷ касат дӯст надорад ҷуз ман.

Ҳунари шоирии Унсуриро дар тағаззулоташ ҳам мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷумла, дар ташбиби зерин ҷашни сада бо тамоми муҳассаноти марбут ба он ба тасвир омадааст:

Сада ҷашни мулуки номдор аст,
Зи Афредуну аз Ҷам ёдгор аст.
Замин имшаб ту гӯӣ кӯҳи Тур аст,
К-аз ӯ нури таҷаллӣ ошкор аст.
Гар ин рӯз аст, шаб хондан набояд
В-агар шаб рӯз шуд, хуш рӯзгор аст.
Ҳамоно, к-ин диёр андар биҳишт аст,
Ки бас пурнуру рӯҳонӣ диёр аст.
Фалакро бо Замин анбозие ҳаст,
Ки вахми ҳар ду тан дар як шумор аст.
Ҳама аҷроми он аркони нур аст,
Ҳама аҷсоми ин аҷзои нор аст.
Агар на кони беҷода-ст гардун,
Чаро боди ҳаво беҷодабор аст.
Чи чиз аст он дарахти рӯшной,
Ки баргаш аслу шохаш сад ҳазор аст.
Гаҳе сарви баланд асту гаҳе боз,
Ақиқин гунбади зарриннигор аст.
В-ар эдун, к-ӯ ба сурат равшан омад,
Чаро тиравашу ҳамранги қор аст?
Гар аз фасли зимистон аст бахман,
Чаро имшаб ҷаҳон чун лолазор аст?
Ба лола монад ин, лекин на лола-ст,
Шарори оташи Намруду нор аст...

Унсурӣ шоири мазмунсоз аст, дар ашъори вай қолабҳои гуногуни мазмунсозӣ ҳамроҳ бо маъниҳои дақиқу халлоқияти борик шинохта шудааст. Чунонки Забеҳуллоҳи Сафо ба мушоҳида гирифтааст, Унсурӣ шоири тавонову ҳунарманд буда, "дар баёни маонии дақиқ ва халлоқияти борик маҳорат дорад ва камтар байти ӯст, ки мазмуне тоза, ки аз завқи халлоқи ӯ сарчашма гирифта бошад, дар он дида нашавад". Дигар аз хусусияти шеъри Унсурӣ дар ҷанбаи қавии мантиқӣ ва овардани далел дар андеша мушаххас мешавад.

2. **Фаррухӣ**. Абулҳасан ибни Ҷулуғ Фаррухии Систонӣ (таваллудаш тақрибан миёни солҳои 977-981 – вафоташ 1038) шоири бузурги охири асри X ва аввали асри XI мебошад. Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ҳамчун устод ва аз ҷумлаи саромадони сухан ҳам дар замони худ ва ҳам дар тамоми давраҳои таърихи адабиёт эътироф шудааст. Зодгоҳаш Систон буд, чунонки худаш мегӯяд:

Ман қиёс аз Систон дорам, ки ӯ шаҳри ман аст
В-аз пайи хешон зи шаҳри хештан дорам хабар.
Шаҳри ман шаҳри бузург асту заминаш номдор,
Мардумони шаҳри ман дар шермардӣ номдор.

Дар бораи оғози зиндагии Фаррухӣ иттилои хеле кам дар даст аст. Падараш, ки номи вай дар китобҳои тазкира ба шакли Ҷулуғ, Ҷулуғ ва Қулуъ зикр шудааст, аз ходимон ва мулозимони охирин подшоҳи Саффории Систон - Халаф ибни Аҳмад будааст. Ҳукумати ин подшоҳ дар соли 1003 аз ҷониби Маҳмуди Ғазнавӣ аз байн бурда мешавад.

Фаррухӣ дар синни хурдӣ тамоми улуми роиҷ дар замонаашро аз бар ва ба ғуфтани шеър оғоз кард. Пас аз таҳсили илм санъати мусиқӣ ва муғаннигиро низ аз худ мекунад. Дар ин бора дар шеъраш ишораҳо дорад:

Гоҳ гуфтӣ: Биёву руд бизан,
Гоҳ ғуфтӣ: Биёву шеър бихон.

Яъне, Фаррухӣ ҳам хонанда, ҳам навозанда ва ҳам шоир будааст.

Муддате аз зиндагониро дар хидмати яке аз деҳгонони Систон мегузаронад. Ин шахс ба шоир хидматонаи ночизе медодааст – ҳар сол 200 дирам ва 250 пуд галла. Аз ин ҷиҳат, зиндагониаш ба сахтӣ мегузаштааст. Дар ҳамон ҳол суроғи дарбореро мегирифт, ки харидори шеъри ӯ бошад. Саранҷом, аз Систон ба дарбори амири Балх Абулмузаффари Чағонӣ роҳ меёбад. Ин амир аз машоҳири умарои Оли Муҳтоҷ буд. Дар қасидаҳои худ он подшоҳро бо баландтарин авсоф ситоиш кардааст. Ҳамчун дастовез ба Чағониён қасидаеро бурдааст, ки байти матлаи он чунин аст:

Бо корвони ҳулла бирафтам зи Систон,
Бо ҳуллаи танида зи дил, бофта зи ҷон.

Фаррухӣ бо кӯмаки коргузори адабдӯсти амири Чағонӣ – Амид Асъад ба дарбор роҳ меёбад. Амид Асъад, ки шеърдӯст буд, шеъри Фаррухиро баланду устодона дарёфт ва қасидаи

мазкурро писандид. Бо вуҷуди ин, дар оғоз ба ҳунари шоирии Фаррухӣ шубҳа кард, ӯро ба гуфтани шеъре дар сифати доғгоҳ озмуд ва баъд ба подшоҳ муаррифӣ кард. Шоир ба тариқи озмун, дар посух ба хоҳиши Амид Асъад, дар васфи доғгоҳ қасидае суруд, ки байти аввали он чунин аст:

Чун паранди нилгун бар рӯй пӯшад маргзор,
Парниёни ҳафтранг андар сар орад кӯҳсор.

Маҳорати шоирӣ ва шахсияти аҷиби шоир ба амири Чағонӣ ҳам писанд афтод. Вай дар ин дарбор соҳиби иззату икроми фаровон гардид.

Таърихи ба дарбори амирони Чағонӣ роҳ ёфтани Фаррухӣ тақрибан ба миёнаи солҳои 1005-1007 рост меояд. Шоир баъд аз он ки дар Балх машҳур гардид, тақрибан солҳои 1010-1011, ба хидмати Маҳмуди Ғазнавӣ даромад ва то охири ҳаёт дар Ғазнин монд. Маҳмуд ва писарони ӯ – Муҳаммаду Масъуд, бародарони Маҳмуд Наср ибни Сабуктегин, Амир Юсуф ибни Сабуктегин ва дигар шахсиятҳои машҳури дарбори Ғазнавиро мадҳ гуфтааст.

Фаррухӣ, агарчи дар дарбори Ғазнавиён ҳам зуд соҳибшуҳрат ва машҳур мегардад, ҳаёташ дар ин дарбор пур аз шебу фароз будааст. Ба сабаби ҳамнишинӣ бо Аёз ва шаробнӯшӣ бо вай Султон Маҳмуд ба ӯ хашм мегирад. Пас аз ин воқеа шоир ба боргоҳи бародари Султон Маҳмуд – Амир Юсуф меравад, вале дар он ҷо низ хушҳолияш дер давом намекунад ва мавриди хашми Амир Юсуф қарор мегирад. Баъди ин ҳодиса ба хидмати писари Султон Маҳмуд – Амир Муҳаммад медарояд. Дар охир, вақте ки миёни бародарон барои соҳиб шудан ба тахти подшоҳӣ ҷанг ба амал меояду Амир Муҳаммад ҳабс мешавад, шоир хидматашро дар дарбори Султон Масъуд идома медиҳад ва ба ҳамин минвол то охири умр шоири дарбор буд.

Фаррухӣ соли 1038 дар Ғазнин фавтидааст.

**Мероси адабӣ**. Аз Фаррухӣ то ба мо як “Девон”-и ашъор боқӣ мондааст, ки дар ҳудуди 9 ҳазор байт буда, борҳо ба чоп расидааст. Ин девон соли 1894 дар Теҳрон чоп шудааст. Девони Фаррухӣ аз лиҳози анвои шеърӣ шомили қасида, ғазал, рубоӣ ва тарҷеъбанд мебошад. Миқдори шеърҳояш аз 230 қасида, 28 ғазал, 3 тарҷеъбанд ва 4 рубоӣ иборат аст. Нашри саҳеҳ ва нисбатан мукаммали девони шоир соли 1971 бо кӯшиши Муҳаммад Дабири Сиёқӣ дар Теҳрон чоп

шудааст. Ашъори боқимондаи Фаррухӣ дар якҷоягӣ бо байтҳои тозаёфтшуда аз нусахи хаттӣ то ба имрӯз аз 214 қасида, 3 тарҷеъбанд, 35 қитъа ва шеърҳои газалмонанд ва 36 рубоӣ иборат аст.

Ҳамин тавр, агарчи дар қиёс ба дигар шоирони доираи адабии Ғазнавиёни аҳди Султон Маҳмуд аз Фаррухӣ ашъори бештар то ба мо расидааст, "Девон"-и ӯ ҳанӯз кулли ашъори шоирро фарогир нест. Бахше аз ашъори шоир гум шуда ва баъзе аз онҳо то ҳанӯз шинохта нашудаанд. Аз нигоҳи дигар, дар миёни ашъори Фаррухӣ ҳам ашъори машкук ба назар мерасад.

Дар миёни анвои шеърӣ дар Девони Фаррухӣ қасида ҷойи асосиро ишгол мекунад, ки ин бесабаб нест. Фаррухӣ ба сифати яке аз беҳтарин шоирони қасидасаро шинохта шудааст. Каломаш аз нигоҳи содагиву равонӣ, истеҳкому матонат ва дар истифода аз афкору эҳсосоти одӣ дар миёни дигар қасидасароён мумтоз аст. Забеҳуллоҳи Сафо ҳамин ҷиҳати ашъори Фаррухро ба назар гирифта, ӯро ба Саъдӣ монанд медонад: "Ҳамон содагӣ ва лутфи завқ ва риққати эҳсосоту ширинии баёнро, ки Саъдӣ дар миёни ғазалсароён дорад, Фаррухӣ дар миёни қасидагӯён дорост. Чунонки гуфтаанд, сухани саҳли мумтанеъ дар арабӣ хоси Абӯфирос ал-Ҳамадонӣ (вафоташ 968 м.) ва дар форсӣ вижаи Фаррухӣ буд".

Қисмати огозини қасоиди Фаррухӣ аз нигоҳи ҳунар ва бадеиёт ҷалби таваҷҷӯҳ мекунад. Дар онҳо манзараҳои табиат, саргузаштҳои ошиқона, базмҳои дарборӣ ва боғу бӯстонҳои шоҳӣ моҳирона тасвир ёфтаанд. Як намуна аз шеъри Фаррухӣ:

Имсол тозарӯйтар омад ҳаме баҳор,
Ҳангоми омадан на бад-ин гуна буд пор.
Пор аз раҳ андар омад чун муфлиси ғариб,
Бе фаршу бе таҷаммулу бе рангу бе нигор.
В-ин сол, пеш аз он ки ба даҳманзиле расад,
Андар кашид ҳулла ба дашту ба кӯҳсор.
Бар дасти бед баст зи пирӯза дастбанд,
Дар гӯши гул фиканд зи беҷода гӯшвор.
Аз кӯҳ то ба кӯҳ бунафша-сту шанбалид,
Аз пушта то ба пушта суманзору лолазор.

Қасоиди Фаррухӣ аҳаммияти таърихӣ ҳам доранд, чунки

Фаррухӣ бо Султон Маҳмуд дар бисёре аз сафарҳои ҳарбии ӯ ҳамроҳ буда, ба онҳо қасоиди мадҳӣ бахшидааст. Масалан, қасоиди “Фатҳи Хоразм”, “Пул бастани Султон Маҳмуд ба Ҷайҳун”, “Лашкаркашии Маҳмуд ба Ҳинд”, “Сафари Суманот”, “Афрӯхтани оташи Сада”, “Ҷашни Наврӯз” ва ғайра.

Дар ашъори Фаррухӣ, гузашта аз мадҳу ғазал, шеърҳои пандуахлоқӣ низ мавҷуданд. Аз ҷумла, дар шеъри зерин фазилати шахси ҳунарманд тараннум ёфтааст:

Шарафу қимату қадри ту ба фазлу ҳунар аст,
На ба дидору ба динору ба суду ба зиён.
Ҳар бузурге, ки ба фазлу ба ҳунар гашт бузург,
Нашавад хурд ба бад гуфтани беҳмону фалон.
Гарчи бисёр бимонад ба ниём андар тег,
Нашавад кунду нагардад ҳунари тег ниҳон.
В-арчи аз чашм ниҳон гардад моҳ андар мег,
Нашавад тираву афрӯхта бошад ба миён.
Шер ҳам шер бувад, гарчи ба занҷир бувад,
Набарад банду қалода шарафи шери жаён.
Боз ҳам боз бувад, гарчи, ки ӯ баста бувад,
Шарафи бозӣ аз боз фикандан натавон.

Фаррухӣ ба гайр аз шоҳону шоҳзодагони Ғазнавӣ баъзе шахсиятҳои машҳури дарбори онҳоро низ мадҳ гуфтааст. Вай қасидаҳое дорад, ки дар мадҳи хоҷагони бузург Ҳасани Маймандӣ ва Ҳасанаки Нишобурӣ, ки ҳар ду соҳиби вазорати Маҳмуд ва Масъуд буданд, надими Маҳмуд – Юсуфи Систонӣ, ки донишманду шеърдӯст будааст, Абӯсаҳли Зувзанӣ, Аҳмади Исфаройинӣ ва дигарон суруда шудаанд. Яке аз омилҳои маҳбубияти Фаррухӣ дар миёни подшоҳон, шоҳзодагон ва риҷоли машҳури дарбори Ғазнавӣ ба маҳорати мусиқидониаш вобаста буд.

3. **Манучеҳрӣ**. Абӯнаҷм Аҳмад ибни Қавс ибни Аҳмад Манучеҳрии Домғонӣ (вафоташ 1041) аз ҷумлаи машҳуртарин шоирони нимаи аввали асри XI аст. Ному насаби ӯро Холиқ Мирзозода ба таври Абулнаҷм Аҳмад ибни Яъқуб зикр кардааст. Худи шоир дар байти зерин ному насаби худро чунин овардааст:

Бар ҳар касе лутф кунаду бештар лутф,
Бар Аҳмад ибни Қавс бин Аҳмад кунад ҳаме.

Манучеҳрии Домгонӣ дар Домғон таваллуд шудааст, ки яке аз деҳоти Хуросон буд. Санаи таваллудаш ба охири асри X ва аввали асри XI рост меояд. Вафоташ соли 1041 дар ҷавонӣ иттифоқ афтодааст.

Дар овони ҷавонӣ аз Абулфараҷи Саҷзӣ таълими илму адаб гирифтааст. Забони арабиро медониста ва бо адабиёти араб низ ба хубӣ ошно будааст. Шоири донишманд аст. Дар ҷавонӣ ба омӯхтани адаби арабӣ, ҳифзи ашъори арабию порсӣ, мутолиаи аҳволу осори шоирони порсию тозӣ, улуми адабӣ, динӣ ва донишҳои дигар машгул гардида, дар соҳаҳои мазкур машҳур гардида буд. Дар бораи донишмандии худ дар ашъораш ишораҳо ҳам дорад. Аз ҷумла, ба тариқи фахрия чунин гуфтааст:

Ман бидонам илми тиббу илми дину илми наҳв,
Ту надонӣ долу золу рову зову сину шин.

Баъди таҳсили илм ва ҳамчун шоир шуҳрат пайдо кардан ба хидмати дарбор роҳ меёбад. Тахаллусаш ҳам ба амире мансуб аст. Забеҳуллоҳи Сафо овардааст, ки "тахаллуси Манучеҳрӣ ба сабаби интисоби шоир аст ба Фалак-ул-маъолӣ Манучеҳр ибни Шамс-ул-маъолӣ Қобус ибни Вушмагир ибни Зиёри Дайламӣ", ки амири Гургону Табаристон буд ва шоир авоили даврони сухансароиро дар хидмати ӯ гузаронидааст.

Манучеҳрӣ аз Гургон ба Рай меравад. Ин шаҳр ба тозагӣ ба тасарруфи Ғазнавиён даромада буд. Ҳокими Рай аз ҷониби Султон Масъуд Тоҳири дабир буд, Манучеҳрӣ ӯро мадҳ гуфтааст.

Манучеҳрӣ то соли 1035 дар Рай мемонад. Султон Масъуд ба қасди Табаристону Гургон аз Нишопур ба он ҷо лашкар мекашад ва Манучеҳрии Домгониро ба хидмати худ мехонад. Манучеҳрӣ аз Рай ба Сарахс меравад ва дар он ҷой ба урдуи султони Ғазнавӣ мепайвандад ва ба зудӣ соҳиби дастгоҳу мартаба мешавад. Боқии умри кӯтоҳи шоир дар дарбори Ғазна сипарӣ шудааст, то соли 1041, ки соли даргузашти ӯст. Дар ин муддат шоир дар қасидаву мусамматҳои худ ғайр аз Султон Масъуд чанд тан аз риҷоли маъруфи дарбори вай – Унсурӣ, Али ибни Убайдуллоҳи маъруф ба Алии Доя – сипаҳсолори Султон Масъуд, Хоҷа Аҳмад ибни Абдуссамад – вазири султон ва иддае дигарро дар қасоиду мусамматоти худ мадҳ гуфтааст.

**Мероси адабӣ**. Аз Манучеҳрӣ як "Девон"-и ашъор боқӣ

мондааст, ки шомили қасида, ғазал, рубоӣ, мусаммат ва қитъа мебошад. Дар ташбиби қасидаҳояш бештар тавсифи баҳор, тирамоҳ ва саргузаштҳои ошиқонаро акс кунонидааст.

Дар шеърҳои Манучеҳрӣ санъати луғз (чистон) мавқеи намоён дорад. Дигар аз хусусиёти ашъори Манучеҳрӣ дар тавсифи манзараҳои табиат зоҳир мегардад. Дигар ин ки аз ашъори Манучеҳрӣ огоҳии вай аз адаби арабӣ, хосса аз шуарои араб ва осорашон ба хубӣ ошкор аст.

Манучеҳрӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ҳамчун мухтареъи навъи шеърии ҷадиде бо номи "Мусаммат" шинохта шудааст. Мавзӯи асосие, ки дар мусамматоти ӯ мулоҳиза мешавад, васфи шароб аст. Манучеҳрӣ аз ин роҳ хостааст, қасоиди хамрияи шоирони арабро ҷавоб бигӯяд. Намунае аз мусаммати Манучеҳрӣ, ки дар васфи хазон ва мадҳи Султон Масъуди Ғазнавӣ аст:

Хезеду хаз оред, ки ҳангоми хазон аст,
Боди хунук аз ҷониби Хоразм вазон аст.
Он барги разон бин, ки бар он шохи разон аст,
Гӯйӣ ба масал пираҳани рангразон аст.
Деҳқон ба таажҷуб сари ангушт газон аст,
К-андар чаману боғ на гул монду на гулнор.

Товуси баҳориро дунбол бикананд,
Парраш бибуриданду ба кунче бификананд.
Хаста ба миёнбоғ ба зориш писананд,
Бо ӯ нанишинанду нагӯянду нахананд.
В-ин парри нигорин-ш бад-ӯ боз набананд,
То озармаҳ бигзараду ояд озор.

Шабгир набинӣ, ки хуҷаста ба чӣ дард аст?
Карда ду рухон зарду барӯ пурчин кардаст.
Дил голияфом асту рухаш чун гули зард аст,
Гӯйӣ, ки шаби дӯш маю голия хӯрдаст.
Бӯяш ҳама бӯйи суману мушк бибурдаст,
Рангаш ҳама ранги ду рухи ошиқи бемор.

Баъд аз Манучеҳрӣ ибтикори ӯро дар сурудани ашъори мусаммат Ломеии Гурғонӣ идома додааст.

Манучеҳрӣ аз кӯдакӣ соҳиби табъи равон ва дар гуфтани шеър ба бадеҳа машҳур буд. Дар шеъри вай донишмандиаш ҳам намудор аст. Истифода аз истилоҳоти донишҳои гуногун

дар шеър, ба мисли нуҷум, тиб, олами ҳайвоноту наботот, зикри номҳои парандагон, тасвири манзараҳои табиат, истиқболу тазмини ашъори шоирони арабизабон, зикри номҳои шоирони машҳури пеш аз худ, истифодаи зиёди ибораву таркиботи арабӣ, оҳангу мусиқии махсус, содагии фикр, сароҳат дар сухан, рӯҳи озод, хушҳолӣ, ташбеҳоти бадеъ, тавсифоти нотакрор, такрори мазомин (дар хамриёт) аз ҷумлаи муҳимтарин мухтассоти сабкии ашъори Манучеҳрӣ ба ҳисоб меоянд.

Манучеҳрӣ ба шеъру шоирӣ назари хосси худро дорад. Вай зарурати гуфтани шеърро, пеш аз ҳама, аз мусоид шудани бахту баҳорӣ шудани рӯз (Умеди он ки рӯзе хонад малик ду байтам, / Бахтам шавад мусоъид, рӯзам шавад баҳорӣ) ва умеди раҳо гардидан "аз меҳнати ин ҷаҳон" ва таъмини ҷанбаи моддии рӯзгор иборат медонад. Ин маънӣ дар қасидае, ки дар мадҳи Алӣ ибни Умрон суруда, бармало мегардад:

...Расидам ба наздики ту шеъргӯён
Чу наздики Ҳорун Сареъулгавонӣ.
Ба уммеди он, то кунам хидмати ту,
Раҳо гардам аз меҳнати инҷаҳонӣ.
Шунидам, ки Аъшӣ ба шаҳри Яман шуд,
Суйи Ҳавзат ибни Алӣ ал-Ямонӣ.
Бар ӯ хонд шеъре ба алфози тозӣ,
Ба ширинмаонию ширинзабонӣ.
Яке корвони уштур гашан додаш,
Ҳар уштур ба сони куҳе аз калонӣ...
Суйи тоҷи Умрониён ҳам бад-ин сон
Биёмад Манучеҳрии Домгонӣ.

Дар бахши охири ҳамин қасида назари шоир ба шеъри худ ин тавр баён гардидааст:

На ман низ камтар аз он шоиронам
Ба боби мадеҳу ба боби маонӣ.
В-агар камтарам ман аз эшон ба маънӣ,
Аз онон фузунам ба ширинзабонӣ.

Агар Манучеҳрӣ дар ин абёт "ширинзабонӣ"-и хешро нисбат ба дигар шоирон таъкид ва бо мақсади муайян ба мамдуҳ талқин намуда бошад, дар мавриди дигар шикояткунон аз ҳасудону душманон ба шеъри худ сифоти "моъи муъин" ва "шеъри самин"-ро нисбат додааст:

Ҳосидам гӯяд: "Чаро хонанд камтар шеъри ман,
З-они ту хонанд ҳар кас, ҳам баноту ҳам банин".
Шеъри ман моъи маъину шеъри ту моъи ҳамим,
Кас хӯрад моъи ҳамиме, чун бувад моъи маъин?
Ҳосидо, ту шоирию низ ман ҳам шоирам,
Чун туро шеъри заиф асту маро шеъри самин...

Гузашта аз ин, Манучеҳрӣ ба шеъраш мухтассоти сеҳри некӯ, вазни ширин, лафзи ҷорӣ (Шеъре, ки ту шунидӣ, он аст сеҳри некӯ, / Он аст вазни ширин, он аст лафзи ҷорӣ), алфози некӯ, абёти ҷорӣ (Ман шеър беш гӯям, к-он шоҳро хуш ояд, / Алфозҳои некӯ абётҳои ҷорӣ)-ро баён доштааст, ки чунин услуби ибрози назар перомуни ашъори худ аз ифтихороти шоирӣ маҳсуб шуда, ҳодисаи маъмули адабӣ мебошад. Вале аз байти зерин маълум мешавад, ки шоир нисбат ба эҷоди бадеӣ эътиқоди хоссае дошта, гуфтани шеъри нодурустро бузургтарин нуқс меҳисобад:

Шеър ногуфтан беҳ аз шеъре, ки бошад нодуруст,
Бачча нозодан беҳ аз шашмоҳа бифкандан ҷанин.

Манучеҳрӣ яке аз сабабҳои "ҳам баноту ҳам банин" хондани ашъорашро аз бархурдор будан аз донишҳои гуногун ва аз бар донистани "басе девони шеъри тозиён" медонад:

Ман басо девони шеъри тозиён дорам зи бар,
Ту надонӣ хонд: "Ало ҳуббӣ бисаҳник фасбаҳин".

Ҳамин маънӣ дар мавриди зикри маҳосини шеъри Унсурӣ низ аз ҷониби Манучеҳрӣ таъкид шудааст:

З-ин фурӯтар шоирон даъвию з-ӯ маънӣ падид
В-ин ҳакимони дигар якфанну ӯ бисёрфан.

Манучеҳрӣ ба ҳунари шоирӣ ва шеъри хуб дар ҳар вазъе, ки перомуни ин мавзӯъ сухан мегӯяд, арҷ ниҳода, аз шеър толиби аҳкоме мешавад, ки боиси саодати дорайн гардад. Намуни ин навъи ашъор шеъри "устоди шоирони замона Унсурӣ"-ро медонад.

## НАСРИ АСРИ X ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XI

Маъмулан муҳаққиқони таърихи адабиёти тоҷик дар омӯзиши насри даврони классикии адабиёти форсу тоҷик таснифоти Маликушшуаро Баҳорро ба эътибор мегиранд. Тибқи таснифоти Баҳор, даврабандии наср дар се марҳалаи

зерин мушаххас мешавад: 1. Асри X то оғози асри XIII; 2. Асри XIII то замони бозгашти адабӣ (нимаи асри XIX); 3. Аз нимаи асри XIX то давраи нав. Дар навбати худ, давраи аввал аз нигоҳи мавзӯъ ва услуб ба се давра тақсим мешавад: 1. Насри асри X ва нимаи аввали асри XI; 2. Насри нимаи дуюми асри XI ва нимаи аввали асри XII; 3. Насри нимаи дувуми асри XII то оғози асри XIII.

Аз ин нигоҳ, асри X ва нимаи аввали асри XI давраи аввали инкишофи наср ба забони порсии дарӣ ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, қисми зиёди осори насрии ин давра аз миён рафтааст. Ба баъзе аз асарҳои мансури ин давра танҳо аз рӯйи номашон огоҳӣ дорем, ба монанди осори адабиётшиносии давраи аввал, ки аз инҳо иборатанд: рисолаҳои арӯзи Абӯюсуф ва Абулаълои Шуштарӣ, ки Родуёнӣ аз онҳо ёд кардааст, таълифоти адабиётшиносии Хоҷа Имом Ҳасани Қаттон, Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ ва Абӯабдуллоҳи Курайшӣ, ки аз инҳо ба воситаи Шамси Қайси Розӣ огоҳӣ дорем. Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар “Чаҳор мақола”-и худ аз Баҳромии Сарахсӣ се асарро бо номҳои “Ғоят-ул-арӯзайн”, “Канз-ул-қофия” ва “Хуҷастанома” зикр кардааст, ки дар илми шеър, маърифати он ва илми арӯзанд. Асарҳои боқимондаро аз нигоҳи мавзӯъ чунин табақабандӣ кардан мумкин аст:

1. Насри илмӣ: “Аҷойиб-ул-балдон”-и мансуб ба Абулмуайяди Балхӣ, “Ҳудуд-ул-олам мин ал-Машриқ ила-л-Мағриб”-и муаллифаш номаълум (982/983), “Китоб-ул-бориъ”-и Аӯбнаср Ҳасан ибни Алӣ Мунаҷҷими Қумӣ (978), “Ҳидоят-ул-мутааллимин фӣ-т-тиб”-и Абӯбакр (ё Абӯҳаким) Рабеъ ибни Аҳмади Ахавайнии Бухорӣ (миёнаҳои асри X), “Китоб-ул-абния ан-ҳақоиқ-ул-адвия”-и Абӯмансур Муваффақ ибни Алии Ҳиравӣ (оғози асри XI), тарҷумаи китоби “Савод-ул-аъзам”-и Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ, китобҳои форсии Ибни Сино: “Донишнома”, “Меъроҷнома” ва дигар рисолаҳо, “Осор-ул-боқия” ва “ат-Тафҳим ли авоили саноат-ут-танҷим”-и Абӯрайҳони Берунӣ, “Шарҳи қасидаи Абулҳайсам”-и Абӯсаъд Муҳаммад ибни Сурхи Нишопурӣ (оғози асри XI), асарҳои нуҷумии “Шаш фасл” ва “Рисолаи истихроҷ”-и Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Аюб Ҳосиби Табарӣ. Берунӣ “ат-Тафҳим ли авоили саноат-ут-танҷим”-и худро аввал ба забони порсии дарӣ менависад ва сипас, худ ба

забони арабӣ тарҷума мекунад, ки ҳар ду нусха то имрӯз маҳфуз аст.

Нусхае аз "Китоб-ул-абния ан-ҳақоиқ-ул-адвия", ки дар соли 1084 ба хатти Асадии Тӯсӣ китобат шуда ва имрӯз дар китобхонаи Вена маҳфуз аст, аз ҷумлаи қадимтарин нусахи хаттӣ ба забони порсии дарӣ ба шумор меояд.

2. Китобҳои динию мазҳабӣ ва тасаввуфӣ: "Рисола дар аҳкоми фиқҳи ҳанафӣ"-и Ҳаким Абулқосим ибни Муҳаммади Самарқандӣ, тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" (962-966), "Нур-ул-улум"-и мансуб ба Шайх Абулҳасани Хароқонӣ, "Тафсири Қуръони маҷид"-и маҳфуз дар донишгоҳи Кембриҷи Англия (асри X), "Тафсири Қуръони пок"-и муаллифаш номаълум (охири асри X-нимаи аввали асри XI), "Бахше аз тафсире куҳан", "Тафсире бар ушре аз Қуръони маҷид", "Шарҳи таъарруф"-и Абӯиброҳим ал-Мустамиллӣ ал-Бухорӣ.

Китоби "Шарҳи таъарруф"-и Абӯиброҳим ал-Мустамиллӣ ал-Бухорӣ тарҷума ва тафсирест, ки ба рисолаи "ат-Таъарруф ли мазҳаби-т-тасаввуф"-и Абӯбакр ибни Абӯисҳоқ Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Яъқуби Бухороии Калободӣ навишта шудааст.

3. Насри таърихӣ: тарҷумаи "Таърихи Табарӣ" аз ҷониби Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Балъамӣ, ки ҳамчун асари ҷудогона таҳти унвони "Таърихи Балъамӣ"-и Абӯалии Балъамӣ ҳам машҳур аст (ҳудуди солҳои 60-уми асри X), китобҳои "Таърихи Байҳақӣ" ё "Таърихи масъудӣ"-и Абулфазли Байҳақӣ, "Таърихи Систон".

4. Асарҳои адабии бадеӣ: Муқаддимаи "Шоҳнома"-и Абӯмансурӣ (958), "Панднома"-и Абӯмансур Мотурудии Самарқандӣ ва дигар рисолаҳои мансуб ба ӯ, тарҷумаю шарҳи "Ҳай ибни яқзон"-и Ибни Сино, тарҷумаи "Пирӯзинома" ё "Зафарнома" ба қалами Ибни Сино ё Абӯалии Балъамӣ (997).

Аз ҷумлаи куҳантарин китобҳои адабии бадеӣ ба насри порсии дарӣ шоҳномаҳо ва достонҳои қаҳрамонии мансуре ба ҳисоб меоянд, ки дар асри X навишта шудаанд. Дар миёни ин навъи наср аз нигоҳи қидмати замонӣ китоби "Шоҳнома"-и Абулмуайяди Балхӣ куҳантарин ёдгории адабӣ аст. Ин асар бо номҳои "Шоҳномаи бузург" ва "Шоҳномаи муайядӣ" ҳам хонда мешуда ва порае аз он дар китоби "Таърихи Систон" нақл шудааст. Шоҳномаи мансури дигар ба қалами Абӯалӣ

Муҳаммад ибни Аҳмади Балхӣ (аш-шоир) нигошта шудааст, ки номи он ба воситаи "Осор-ул-боқия" маълум аст. Севумин шоҳномаи мансури ин давр "Шоҳнома"-и Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ аст, ки муқаддимаи он то ба замони мо боқӣ мондааст. Ин муқаддима ба қалами Абӯмансур ал-Муаммарӣ нигошта шудааст.

Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ сипаҳсолори Хуросон ва аз ҷумлаи посдорони таъриху фарҳанги қадима ва шахсияти адабдӯст буд. Вай барои гирд овардани "Шоҳнома"-и худ бо сарварии дастури хеш – Абӯмансур ал-Муаммарӣ ҳайати нависандагонеро ҷалб карда, ки онҳо аз ҷумлаи худовандони китоб ва аз табақаи деҳқонону фарзонагону ҷаҳондидагон буданд аз шаҳрҳои гуногун, ба монанди Мохи Пири Хуросон аз Ҳарӣ, Яздондоди писари Шопур аз Систон, Моҳуи Хуршеди писари Баҳром аз Нишопур, Шозони писари Барзин аз Тӯс ва дигарон.

Достонҳои мансури қаҳрамонии ин давра "Ахбори Рустам"-и Озодсарв, "Ахбори Фаромурз" (дар дувоздаҳ муҷаллад), "Ахбори Баҳман", "Китоби Гаршосп", "Ахбори Наримон", "Ахбори Кайқубод" мебошанд, ки баъзеи онҳоро шоирони давраҳои баъдӣ ба назм даровардаанд. Аз "Ахбори Рустам" дар гуфтори қатли Рустам ва аз "Ахбори Кайқубод", ки достоне муфассал будааст, ба сурати мухтасар Фирдавсӣ истифода кардааст. Дар заминаи "Ахбори Фаромурз" "Фаромурзнома"-и манзум ба миён омадааст. Эроншоҳ ибни Абилхайр "Ахбори Баҳман"-ро ба назм даровардааст. "Китоби Гаршосп"-ро Асадии Тӯсӣ бо номи "Гаршоспнома" ба риштаи назм кашид.

Насри порсӣ дар марҳалаи аввали инкишофи худ бо такя ба осори мансури қаблазисломӣ, бахусус насри паҳлавӣ, ба миён омада, дар муҳити ҷадид бо фарогирии мазомине, ки парвардаи ниёзи иҷтимоии маъхуз аз сиёсати фарҳангии Сомониён буд, инкишоф ёфт. Академик Носирҷон Салимов дуруст ба мушоҳида гирифтааст, ки "асри Х ба ҳайси сарогози марҳалаи нави тамаддуни исломӣ маъруфият пайдо кард ва насри форсии дарӣ ҳамин гуна мақоми шоистаеро дар вусъати ин тамаддуни пуршукӯҳ ба даст оварда, заминаҳои аслии рушду нумӯъ ва танаввӯъи хешро дар даврони оянда пайрезӣ намуд".

Дар ҳамин давра пояи аслии офаридани асарҳои мансури

илмӣ ба забони порсии дарӣ гузошта шуд, ки чунин ибтикор ба номи Ибни Сино гиреҳ мехурад. Таълифоти Ибни Сино, аз ҷумла "Донишнома" ("Донишномаи алоӣ", "Донишномаи алоия", "Ҳикмати алоӣ")-и ӯ нахустин асари илмӣ-фалсафӣ ба забони порсии дарӣ маҳсуб мешавад. "Меъроҷнома" низ ба ҳамин шумор ворид аст. Ибни Синоро дар мисоли рисолаи фалсафии "Саломон ва Абсол"-и ӯ донишмандон ба сифати банёнгузори насри адабии фалсафӣ ҳам шинохтаанд, ки тарҷумаи "Рисолат-ут-тайр" ва "Ҳай ибни Яқзон" ҳам дар ҳамин шуморанд.

Муқаддимаи "Шоҳнома"-и Абӯмансуриро муҳаққиқон ҳамчун қадимтарин намунаи наср ба забони порсии дарӣ ва аз ҷумлаи нахустин насри мактуби порсӣ шинохтаанд. Ин "Шоҳнома", ки дар қолаби наср тадвин шуда ва то ба мо танҳо муқаддимаи мансури он боқӣ мондааст, чунонки зикр шуд, бо фармони сипаҳсолори Хуросон дар рӯзгори Абдулмалик ибни Нуҳи Сомонӣ (954-961) – Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ ва вазири вай – Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Муаммарӣ аз ҷониби гурӯҳе аз донишмандони замон (мӯбадони зардуштӣ) тадвин шудааст. Кори тадвини асари мазкур таҳти сарпарастии Абӯмансури Муаммарӣ соли 957 ба охир расида буд.

Намунаи насри ахлоқӣ дар асри X "Панднома"-и Абӯмансур Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Мотрудии Самарқандӣ (вафоташ 944/945) ба ҳисоб меравад, ки аз нигоҳи муҳтаво ва қолаб аз идомаи анъанаи андарзнависии қаблазисломӣ ба забони порсии миёна дар давраи нав ва забони порсии дарӣ намояндагӣ мекунад. Ин рисола ҳаҷман бузург набуда, аз даҳ боби хурд фароҳам омадааст. Ин пандномаро донишманди тоҷик Носирҷон Салимов ба хатти имрӯзаи тоҷикӣ баргардон ва дар таркиби маҷмӯаи "Мероси Оли Сомон" чоп кардааст. Намунаҳои зерин аз ҳамин нашр нақл мешаванд, ки аз бобҳои гуногун гирифта шудаанд:

"Ба Худои таъоло бояд сохт, ҳама биситонанд ва ӯ бидиҳад.

Чун ӯ бидиҳад, кас наситонад.

Биёмӯз ва биёмӯзон.

Касро ба ифрот менакӯҳ ва маситой.

Росте, ки ба дурӯғ монад, магӯй.

Сухан ба андоза гӯй.

Нони ҳар кас махӯр, валекин нон ба ҳама кас бихӯрон.

Аз дарвешӣ матарс.

Аҷалро дар ҳеҷ ҳол фаромӯш макун.

Аз омӯхтан маёсой.

Иззату ҷоҳ аз дониш талаб.

Афв аз ҳеҷ кас дареғ мадор.

Бо ношинохта сафар макун.

Мардумро дар паси пушт ҳамон гӯй, ки дар рӯй тавонӣ гуфт.

Нопазирандаи падарро панд мадеҳ.

Танро дар дарёи орзуҳо ғарқ макун.

Суди дуҷаҳонӣ дар суҳбати доно шинос".

Муҳимтарин мухтассоти сабкии насри асри X ва нимаи аввали асри XI аз корбурди калимаву мафоҳими куҳан, содаву бетакаллуф будани сухан, истифодаи бисёр андак аз алфози арабӣ, кӯтоҳии баён, некӯтарин бароати истеҳлол мушаххас мешавад.

## АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР НИМАИ ДУВУМИ АСРИ XI ВА ОҒОЗИ АСРИ XIII

1. **Вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва илмию фарҳангӣ.** Пас аз қатли Султон Масъуд дар соли 1041 замони нуфузи Ғазнавиён ба Хуросону Эрон ба поён расид. Давраи дуюми ҳукумати Ғазнавиён то соли 1188 дар ҳудуди Афғонистони имрӯзӣ ва қисми Шимолу Ғарбии Ҳиндустон идома ёфт. Давлати Ғазнавиён дар нимаи дуюми асри XI нуфузи худро дар хоки Хуросон тамоман аз даст дода, қувваташро ба Ҳинд равона мекунад. Ҳукумати тобеъи Ғазнавиён дар кӯҳистони Ғур тадриҷан қудрат ёфта, дар соли 1188 ҷараёни инқирози онҳоро ба поён расонд.

Силсилаи дигари подшоҳони турк ба номи Оли Афросиёб ё Эликхониён дар арсаи таърих зуҳур карданд. Дар Мовароуннаҳр асосан Қарохониён (солҳои 90 асри X-1212) ҳокимият доштанд ва баъдтар Қарахитоиҳо ҷойнишини онҳо шуданд. Онҳо аз тоифаи туркони чигилӣ буданд, дар соли 1000 шаҳри Бухороро ишғол карданд ва ҳукумати Сомониёнро аз байн бурданд ва шаҳри Самарқандро маркази давлати худ қарор доданд. Дар аввал тобеъи Салҷуқиён ва баъд дар итоати Хоразмшоҳиён буданд. Дар соли 1207 давлати онҳоро Муҳаммади Хоразмшоҳ барҳам зад.

Давлати Ғазнавиён ва ҳам Қарахониён, бо вуҷуди он ки аз нажоди турк буданд, барои ривоҷи илму фарҳанги форсӣ мусоидат менамуданд. Ғазнавиён барои интишори забони порсии дарӣ дар Ҳиндустон саҳми намоёне доштанд. Онҳо дар шаҳри Лоҳур маркази адабии порсӣ таъсис доданд. Шаҳрҳои Ғазна ва Лоҳур аз марказҳои адабии маъруфи ин давра буданд. Дар дарбори Элхониён ҳам илм ва забону адабиёти порсӣ ривоҷу равнақе дошт, таълифи асарҳои манзуму мансур ба забони форсӣ идома меёфт.

Давлати азими дигар, ки қабоили Ғуз бо туркманон ташкил доданд, салтанати Салҷуқиҳо буд, ки онҳо ҳокимияти худро дар Хуросон мустаҳкам карданд. Дар оғоз гурӯҳе аз қабоили Ғуз бо иҷозаи Султон Маҳмуд ва сипас Султон Масъуд дар Хуросон маскун шуданд. Баъдтар сар аз итоат бардоштанд. Онҳо батадриҷ қисми зиёди ҳудуди Хуросонро ба тасарруфи худ дароварданд. Салҷуқиҳо ҳокимияти худро дар саросари Эрон ҷорӣ карда, дар соли 1056 пойтахти

хилофати Аббосӣ - шаҳри Бағдодро тасхир карданд ва то ба сарҳадоти давлати Рум пеш рафтанд. Дар нимаи дуюми аср, ки замони ҳукумати Алп Арслон ва Маликшоҳ буд, давлати Салҷуқиҳо ҳудуди паҳновареро аз Осиёи Миёна то Эрон ва қисми Ироқро дар дасти худ нигаҳ медошт. То миёнаи асри XII Салҷуқиҳо иқтидор ва марказияти давлати азими худро нигаҳ доштанд. Пас аз шикасти Султон Санҷар давлати онҳо тадриҷан рӯй ба инқироз овард ва бо фишори Хоразмшоҳиён дар аввали нимаи дуюми ҳамин аср пароканда шуд.

Ҳамин тавр, Салҷуқиён давлати худро дар Хуросон пойдор карда, оҳиста-оҳиста Хоразм, Эрони Ғарбӣ ва Озорбойҷонро ҳам тасхир карданд ва ниҳоят дар Осиёи Хурд низ давлате бо номи Салҷуқиёни Рум ба вуҷуд омад. Тадриҷан, баъди марги Санҷар (дар соли 1153), Хоразмшоҳиён истиқлолият ёфтанд ва дар аввали асри XIII ҳокимияти худро то Эрони Ғарбӣ паҳн карданд. Ба ғайр аз инҳо дар асри XII дар маркази Афғонистони имрӯза давлати Ғуриён сар бардошт.

Хонадони Хоразмшоҳиён, ки ҷонишини давлати Салҷуқиён шуд, дар аввал тобеъи онҳо буданд. Охирин намояндаи онҳо Муҳаммади Хоразмшоҳ аз ҳамлаи мугул фирор карда, дар ҷазираи дарёи Хазар ҷон ба ҷонофарин супурд.

Дар ин давра тохту този қабоили гуногуни турк ва ғуломону лашкариёни онҳо мудом давом доштааст. Онҳо кишварҳои Мовароуннаҳру хуросону Эронро майдони ҳарбу мамлакатдории худ қарор додаанд. Баъзе аз ин давлатҳои турк дар заминаи қабоил бо иҷозаи салотин ба ҳудуди мамолики осоишта роҳ ёфта ва бо исёну саркашӣ соҳиби давлат ва кишвар мешуданд. Аз ҳамин гурӯҳанд Салҷуқиён, ки бо ризояти Ғазнивиён дар Хуросон муқимӣ шуданд ва оқибат сар бардошта як давлати азимро ба вуҷуд оварданд. Дар мавриди дигар гуломони турк дар дарбори подшоҳон ба мақоми болои лашкарӣ мерасиданд ва баъд исён карда соҳиби мулку вилоят мешуданд. Бо ҳамин роҳи хиёнат давлати Ғазнавиён ба вуҷуд омад, ки бунёнгузораш собиқ ғуломи турки Сомониён Сабуктегин буд.

Дар ҳамаи ин давлатҳо забони давлатию муросилот арабӣ ва форсӣ буд. Қисми зиёди хизматгорону маъмурони дарборҳо аз мардуми маҳаллӣ буданд ва онҳо, бо вуҷуди

табдили сулолаҳо, русуму забону маданияти аҷдодиро нигоҳ медоштанд. Доираи тасарруфи сулолаҳои мазкур васеътар гардида, забону адабиёт ва маданият ҳам ба форсӣ дар сарзаминҳои дигар доман паҳн мекард

Муҳимтарин падидаи иҷтимоии замон он буд, ки давлатҳои турки навташкил забон ва фарҳанги форсиро қабул мекарданд ва ба фарҳангу тамаддуни маҳаллӣ ворид мешуданд. Дар навбати худ, онҳо як навъ таргибгари забон ва адабиёти форсӣ буданд. Дар дарборҳо дар мансабҳои вазир, девондор, дабир ва дигар касбҳои ба донишу савод вобаста намояндагони мардуми маҳаллӣ хидмат мекарданд. Яке аз чунин ашхоси муътабар вазири доно ва арҷманд Низомулмулки Тӯсӣ буд, ки дар дарбори Маликшоҳи Салҷуқӣ ин вазифаро ба уҳда дошт.

Дар давраи Сомониён як навъ озодии эътиқоди динию мазҳабӣ мавҷуд буд, вале дар ин давра сахтгирии дину мазҳаб ба назар мерасад. Аз замони Ғазнавиён сар карда намояндагони мазҳабҳои муътазилӣ, файласуфон, қарматиён, ботиниён ва гайраро таъқиб мекарданд ва мекуштанд. Ҳамин гуна сиёсатро Салҷуқиён низ давом доданд.

Дар ин давра миқдори мактаб ва мадрасаҳо хеле афзуд. Бузургони замон аз подшоҳон то вазирону ҳокимону дигар давлатмандон ба сохтани китобхона, мадраса ва масҷидҳо машғул шуданд. Аз он ҷумлаанд мадрасаҳои Низомия, ки вазири машҳур Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ дар шаҳрҳои Балх, Нишопур, Тӯс, Ҳирот, Исфаҳон, Марв, Басра, Омул, Табаристон, Мавсил ва Багдод бино карда буд. Хоҷа Низомулмулк барои бинои бошукӯҳи мадрасаи Багдод аз пули худ ду миллион динор сарф кард. Ин мадраса шаш ҳазор нафар шогирд дошт. Мударрисони ин мадраса бузургтарин олимон ва донишмандони он замон буданд.

Аз нимаи дуюми асри XI то огози қарни XIII бештар улуми динӣ тараққӣ кард, ки онҳоро улуми шаръӣ ҳам мегӯянд. Ба омӯзиши шуъбаҳои гуногуни ин илмҳо донишмандони бузург машғул буданд, ки кутуби зиёде таълиф кардаанд. Аз он ҷумла аст дар илми тафсир китоби “Тафсири кабир”-и Имом Фахриддини Розӣ.

Илмҳои ақлӣ ва фалсафа дар ин давра ба муқовимати шадиди аҳли дин ва шариат дучор шуданд. Озодии баҳсҳои илмӣ аз миён рафт, фикрҳои илмӣ дар дохили андешаҳои

мазҳабӣ баён мешуданд. Донишманди бузург Муҳаммади Ғаззолӣ, ки тариқи хоси фикру андеша дошт, дар китобҳои зиёдаш ба радди андешаҳои фалсафӣ машгул шуд. Китоби пурарзиши ӯ ба забони форсӣ “Кимиёи саодат” мебошад.

Аз донишмандони ҳикмат, ки онҳоро ҳаким мегӯянд, баъзе бо Ибни Сино нисбаи шогирдӣ доштанд. Аз ҷумла, Абулаббоси Лӯкарӣ шогирди Баҳманёр ибни Марзбон ва Баҳманёр шогирди Ибни Сино буд. Абулфатҳ Умар ибни Иброҳим Хайёми Нишопурӣ файласуф, олими риёзӣ ва шоир буда, аз пайравони Ибни Сино шинохта мешуд. Дигар аз файласуфони ин давра Шаҳобуддини Суҳравардӣ буд, ки дар синни сию ҳашт солагӣ, соли 1191 дар Ҳалаб кушта шуд. Номбурда дар фалсафа тарафдори равиши хосе буд, ки “ҳикмати ишроқ” хонда мешуд. Ӯ ба забони форсӣ ва арабӣ асару рисолаҳои зиёде дорад. Файласуф ва олими бузурги ин давра Фахриддини Розӣ буд, ки дар баҳсу ҷадали илмӣ ва фалсафӣ шуҳрати зиёде дошт.

Дар илми тиб аз ҳама бештар Сайид Исмоили Ҷурҷонӣ шуҳрат дорад. Ӯ ҳамаи таълифоташро ба забони форсӣ анҷом додааст. Китоби “Захираи хоразмшоҳӣ”-и ӯ баъд аз “ал-Қонун”-и Ибни Сино дар илми тиб асари мукамалтарин ва муътабартарин мебошад.

Дар авзои фикрии замон баҳси чаҳор равиши илмию фалсафӣ ҳукмфармо буд, ки адибони ин давр ба ин ё он равияҳо пайвастагӣ доштанд:

1. Яке аз ин равияҳо, ки дар асри X ва нимаи аввали асри XI қудрати бисёр дошт ва дар ин давра ҳам баҳсҳо дар атрофи он идома пайдо кардааст, ҷараёни фалсафии машшоъ мебошад. Вай фалсафаи ратсионалиро ташвиқ мекард ва шоироне ба монанди Хайёму Анварӣ пайравӣ он буданд.

2. Ҷараёни дигар равиши исмоилиён буд, ки равиши хосе дошт. Носири Хусрав фалсафаи таълимоти онро пайравӣ кардааст.

3. Ҷараёни сеюм баҳси ислом буда, донишмандоне, монанди Муҳаммади Ғаззолӣ ба он ҷомаи фалсафӣ пӯшониданд. Ин донишҳои фалсафии динӣ илми калом хонда мешуд. Ин илм Фахруддини Розӣ барин намояндаи бузург дошт. Таъсири ин ҷараён ба адабиёти мо ҳодисаи маълум аст.

4. Равиши чорум тариқаи тасаввуф ва ирфон буд, ки намояндагони ин давраинаи он Ансорӣ ва Саноию Аттор

буданд.

2. **Вазъи умумии забону адабиёт, ҳавзаҳои адабӣ**. Нимаи дуюми асри XI то огози қарни XIII замони вусъати забон ва адабиёти форсӣ буд. Дар ин давра адабиёт ба забони форсӣ дар қиёс ба давраҳои қаблӣ таҳаввул пайдо мекунад. Давлати Ғазнавиён дар нимаи дувуми асри XI нуфузи худро дар Хуросон тамоман аз даст дода, барои вусъати ҳукумат ба хоки Ҳинд кӯшиш кард. Футуҳоти давлатҳои Ғазнавӣ ба Ҳинд ва Салчуқиён ба Ғарб сабаби тавсиаи забони форсӣ дар ҳудуди бузурге гардид. Марказҳои адабии форсӣ дар Ҳинду Мовароуннаҳр, Хоразму Хуросон, Исфаҳону Озарбойҷон ба вуҷуд омаданд. Дар ин марказҳои нави адабӣ шоирону нависандагони бузурге ба камол расиданд, таълифи китобҳо ба забони форсии тоҷикӣ хеле зиёд шуд.

Забони форсӣ дар замони мавриди назар хусусиятҳои хоссе ба худ гирифт, ки аз забони давраи пешина фарқ дошт. Дар навбати аввал ин забон аз муҳити маҳдуди Осиёи Миёна берун рафт ва дар охирҳои асри XI ва аввали қарни XII дар Ироқ, Озарбойҷон ва Лоҳури Ҳиндустон ривоҷ ёфта, лугату таркиботи зиёди навро ба худ қабул кард. Дар баробари ин баъзе луғату таркиботи қадимаи забон кам-кам аз истифода монда ва фаромӯш шуданд. Ба илова луғат ва таркиботи арабӣ беш аз пеш ба забони форсӣ омезиш ёфта, дар таркиби он мушкилот ва мураккабиҳои лафзӣ ворид сохт. Сабаби асосӣ ин аст, ки адибону нависандагон дар мактабу мадрасаҳо ба забони арабӣ дарс мехонданд ва корбасту истифодаи он барои онҳо душворӣ надошт. Шоирон ва диғар аҳли адаб бо забону адабиёти арабӣ ошно буданд ва дар бисёр мавридҳо ба истиқболи сухан ва ҳунари онҳо мерафтанд. Сабаби дигари мураккабии забон ин буд, ки забони шеъру насри ҳунармандона истифодаи луғат ва таркиботи зиёдро тақозо мекунад. Ба иловаи ҳамаи ин майли адибон ба ҳунару санъат дар лафзу сухани онҳо печидагӣ ва мушкилиҳо ворид месохт. Дар ниҳоят адибон аз маънӣ ва мафҳумҳои илмӣ дар шеъри худ истифода мекарданд ва ин сабаби мушкилии сухани онҳо мешуд.

Аз нимаи дуюми асри XI шеъру адаб дар хонақоҳҳои сӯфиён мавриди истифода қарор ёфт. Адабиёти тасаввуфӣ чун як ҷараёни мустақил устувор гашта то давраи нав идома ёфт. Ин адабиёт забону сухани ба фаҳму дарёфти мардум наздикро

дар эҷоди шеър ба кор мебурд.

Адабиёти асри X ва нимаи аввали қарни XI бештар ба дарбори шоҳону умаро вобаста буд. Дар давраҳои баъдӣ низ адабиёт асосан дар дарборҳо ривоҷ дошт, аммо дар ин давра гурӯҳи муайяни шоироне буданд, ба монанди шоирони бузург Саноӣ, Носири Хусрав, Шайх Аттор, Низомии Ганҷавӣ, ки ба дарбор кам муносибат доштанд, аз он канораҷӯӣ мекарданд ва ё қатъи муносибат карда буданд. Замони ҳамосаи миллии "Шоҳнома" дар ин давра ба поён расид. Асадии Тӯсӣ ва баъзе адибони дигар аз охирин гӯяндагони он буданд. Ба ҷойи он достонҳои ишқии романтикӣ ва ахлоқии иҷтимоӣ ривоҷ ёфтанд, ки намунаи онҳоро дар эҷодиёти Низомии Ганҷавӣ мебинем.

Дар асри XII ҳавзаҳои адабии Ғазна ва Ҳинд, Мовароуннаҳр, Хуросону Хоразм, Эрони Ғарбӣ (доираи Исфаҳон, Табаристон, Куҳистон, Озарбойҷон) ба вуҷуд омаданд, ки шоирону адибони зиёдеро муттаҳид мекарданд. Номҳои баъзе шоирони дар ин дарборҳо алоқамандро Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар китоби машҳури хеш "Чаҳор мақола" ёд кардааст. Аз ҷумла, шоирони машҳур дар дарбори Оли Носируддин – Амъақи Бухороӣ, Рашидии Самарқандӣ, Алии Шатранҷӣ, дар дарбори Оли Бӯя – Мантиқӣ, Киё, Ғазоирӣ, Бундор, дар дарбори Оли Салҷуқ – Фахруддини Гургонӣ, Ломеии Деҳистонӣ, Бурҳонӣ, Амир Муиззӣ, дар дарбори мулуки Ғур (Оли Шансаб) – Абулқосими Рафеъӣ, Абӯбакри Ҷаъфарӣ, Низомии Арӯзӣ буданд. Рӯйхати мазкур асомии ҳамаи шуароро дар бар нагирифтааст.

Шеъру адаб дар чандин марказҳои адабии дигар ҳам ҷунбиш ва вусъат дошт. Аз ҷумла, дар Ғазна ва Лоҳур шоирон Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъди Салмон, Усмон Мухтории Ғазнавӣ, Ҳасани Ғазнавӣ ва дигарон зиндагӣ ва эҷод мекарданд.

Шоирони машҳури Мовароуннаҳр Сӯзании Самарқандӣ, Рашидии Самарқандӣ, Амъақи Бухороӣ ва монанди онҳо буданд.

Дар Хуросон ва қаламрави Салҷуқиёну Хоразмшоҳиён шоирон Адиб Собири Тирмизӣ, Амир Муиззӣ, Рашиди Ватвот, Заҳири Форёбӣ ва Анварӣ аз ҷумлаи адибони номӣ ва муътабар буданд.

Дар қисмати Эрони Ғарбӣ, Исфаҳон ва Озорбойҷон шоирон Мантиқии Розӣ, Ғазоирии Розӣ, Ҷамолиддини Абдурраззоқ, Камолуддин Исмоил, Фахриддини Гургонӣ, Асадии Тӯсӣ, Қатрони Табрезӣ, Абулъалои Ганҷавӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Низомии Ганҷавӣ ба эҷоди адабӣ машғул будаанд.

То асри XI дар Озарбойҷон забонҳои маҳаллии форсӣ мавҷуд буданд. Аз асри XI дар он ҷо адабиёт ба забони порсӣ ба вуҷуд омад. Шоирони Озорбойҷон ду гурӯҳ буданд: а) ба гурӯҳи аввал шоироне дохил мешаванд, ки аз дигар шаҳрҳо ба ин сарзамин омада буданд, ба монанди Асадии Тӯсӣ, Заҳирии Форёбӣ, Асириддини Ахсикатии Тӯронӣ, Қатрон ибни Мансури Табрезӣ.

Қатрони Табрезӣ дар байни солҳои 1010-1013 дар деҳаи Шодиободи Табрез таваллуд шудааст. Аз ҷавониаш шеър мегуфта ва дар синни 30 солагӣ аллакай шоири машҳур будааст. Қатрон шеъри такаллуфӣ ва санъатгароёна мегуфт. Якчанд муддат дар шаҳрҳои Ганҷа ва Нахҷувон ба қасидасароӣ машғул будааст. Баъд ба ватанаш – Табрез бармеғардад. Дар байни солҳои 1042-1043 дар Табрез зилзилаи калоне шудааст. Шоир даҳшати онро дар як қасидааш тасвир кардааст. Ӯ миёни солҳои 1072 -73 вафот кардааст. Намунае аз шеъри Қатрон:

Ҳамеша ранҷ марову ду зулфи ӯ печон,
Ҳамеша дард марову ду чашми ӯ бемор.
Нишоти ман бирабуду ба хасм дод нишот,
Қарори ман бирабуду ба ҳаҷр дод қарор.

Дар асри XIX дар Ҳиндустон девоне бо номи “Девони Рӯдакӣ” пайдо шуд ва баъд маълум шуд, ки аз Қатрон будааст.

б) Шоироне, ки парвардаи марзу буми Озарбойҷонанд, ба монанди: Низомиддин Абулаълои Ганҷавӣ, ки маликушшуарои дарбори Шарвоншоҳон буд. Аз вай порчаҳои шеър боқӣ мондааст. Абулаъло ду шоири бузург – Фалакии Шарвонӣ ва Хоқонии Шарвониро тарбия кардааст.

Фалакӣ (1108-1146) Абӯнизом Муҳаммад ном дорад. Бо ёрии Абулаъло ба дарбор роҳ ёфта, шоириро касб кардааст. Бар асари туҳмате ба ҳабс меафтад ва дар он ҷо ба касалии сил гирифтор шудаву мефавтад. Девонаш соли 1929 дар Англия чоп шудааст, ки бисёр хурд, аммо намоёнгари шоире

қавӣ будани соҳиби он аст.

Шоирони ин давр шахсиятҳои барҷастаи адабӣ буда, услуби ба худ хосе доштанд ва дар таърихи адабиёт ба эътибори мавзӯъ, тозагии масоили эҷодӣ, сабки сухан, гоя ва идеали иҷтимоӣ нақши муҳиме гузоштаанд. Фахриддини Гургонӣ, Асадии Тӯсӣ, Низомии Ганҷавӣ дар достонсароӣ, Носири Хусрав дар қасидаи фалсафӣ, Умари Хайём дар рубоисароӣ, Саноӣ ва Аттор дар шеъри ирфонӣ, Сӯзанӣ дар шеъри ҳаҷвӣ, Масъуди Саъди Салмон, Амир Муиззӣ, Анварӣ ва Хоқонӣ дар қасида маҳорати устодӣ доштанд.

Доираи мавзӯъ ва баҳси адабӣ дар ин давра вусъат ёфт. Мундариҷаи адабиёт монанди давраҳои собиқа аз мадҳ, ҳиҷо, тасвиру тавсиф, ишқ, панду насиҳат иборат буд. Мавзӯъҳои зуҳду ирфон, танқиду шикоят, ҳабсия, панду ахлоқи мазҳабию фалсафӣ ва гайра илова шуд. Махсусан, тасаввуф дар адабиёт баҳсҳои зиёди ахлоқию фалсафиро ба миён овард. Нуфузи муҳокимаҳои илмӣ, аз қабили рубоиёти Хайём ё қасоиди Анварӣ дар шеъру адаб афзуд.

Навъҳои шеър асосан ҳамонҳоянд, ки дар асри X ва нимаи аввали асри XI буданд, вале аз нигоҳи миқдору сифат дар онҳо дигаргуниҳои зиёде рух додааст. Пеш аз ҳама, маснавӣ ва достонсароӣ таҳаввули азимеро аз сар гузаронд, ки яке аз онҳо сипарӣ шудани замони ҳамосаи миллӣ, яъне “Шоҳнома” буд. Баъзе шоирон, ба монанди Асадии Тӯсӣ ва Ато ибни Яъқуб аз силсилаи ҳамосаи миллӣ ва ба равиши он достонҳо навиштаанд, вале мазмун дар онҳо аз ҷиҳати майлу рағбати иҷтимоӣ моҳиятан ба мазмуни қасида ва аз рӯйи шакл ба афсона табдил ёфт. Дар достонсароӣ аз ҷиҳати сохт ҳам дигаргуниҳо ба вуҷуд омад: тадриҷан ҷойи достонҳои паҳлавонию қаҳрамониро асарҳои аз ҷиҳати шакл лирикӣ-эпикӣ ва аз назари мазмуну тарзи тасвири воқеият ишқӣ-романтикӣ ишгол карданд. Дар саргаҳи чунин дигаргунии азим достони “Вис ва Ромин”-и Фахриддини Гургонӣ қарор дорад. Достони лирикии эпикӣ асосан дар эҷодиёти Низомӣ ба зинаи камолот расид.

Таълифи маснавиҳои бузурги ирфонӣ низ аз ҳамин давра шурӯъ шуд. Аввалин маснавиҳои ирфонӣ асарҳои Саноӣ буданд: “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат”, “Сайр-ул-ибод ила-л-маод”, “Ақлнома”. Маснавии “Сайр-ул-ибод ила-л-маод” аввалин асари манзум дар сайри ақл аст, ки ба рисолаҳои фалсафии

Ибни Сино шабоҳат дорад. Ақидаҳои ахлоқию ирфонии Саноӣ бештар дар “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат” баён шудаанд. Ин китоб аз ҷиҳати мазмун ва шакл барои ривоҷи минбаъдаи маснавиҳои ирфонӣ ба масобаи “Қуръони тасаввуф” (Саъид Нафисӣ) аст. Ин тарзро Шайх Аттори Нишопурӣ дар маснавиҳои “Ишқнома”, “Мусибатнома”, “Хусравнома” ва “Мантиқ-ут-тайр”, Ҷалолуддини Румӣ дар “Маснавии маънавӣ” идома додаанд. Дар достонҳои ирфонӣ ба хотири шарҳи матлабҳои ирфонӣ иқтибоси ниҳоят фаровони достон, масал, латифа, ҳикоя ва нақлу ривоятҳо оварда шудаанд, ки маънои рамзию тамсилӣ доранд.

Қасида низ дар ин давра эътибори зиёде дошт ва навъи асосии шеъри дарборӣ маҳсуб мешуд. Дар дарбори Ғазнавиён, Қарохониён, Салҷуқиён ва дар Озорбойҷон шоирони бузурги қасидасаро, ба монанди Ҳасани Ғазнавӣ, Масъуди Саъди Салмон, Амъақи Бухороӣ, Амир Муиззӣ, Анварӣ, Ҷамолиддуни Абдурраззоқу Камолуддини Исмоил ва Хоқонӣ машғул ба мадҳу ситоиш буданд.

Носири Хусрав ва шоирони мутасаввиф, ба монанди Саноию Аттор қасидаро воситаи ифодаи мазмуну маъниҳои мазҳабӣ ва панду ахлоқ сохтаанд. Аввалин касоне, ки арзиши қасидаҳои мадҳиро ҳеҷ донистанд, аз ҷумлаи сӯфиён буданд ва Носири Хусрав ҳам қасидасароёнро шеърфурӯш ва маддоҳиро кори ботил мешуморид. Танқиди қасидаю қасидасароӣ дар ин давра авҷ гирифт ва бисёр шоирон, аз қабили Масъуди Саъди Салмон, Саноӣ, Анварӣ, Хоқонӣ аз он даст кашиданд.

Ғазал, агарчи дар гузашта собиқае дошт, ҳамчун навъи мустақили шеърӣ дар асрҳои XI-XII тахассус пайдо карда, дар девони шоирон мавқеи намоёнеро ишғол намуд: Девони Саноӣ - 376 ғазал, Муиззӣ - 66, Адиб Собир - 66, Анварӣ - бештар аз 300, Хоқонӣ - 330, Аттор - 758 ғазал доранд. Девони Шайх Аттор ҳам бештар аз ғазал фароҳам омадааст. Афзудани ғазал ба мазмуну мундариҷаи он ҳам бетаъсир намонд. Мавзӯи баҳси ғазал масъалаҳои зуҳду тақво, ирфон ва ишқ буд. Дар девони баъзе шоирон навъҳои ғазал ба ҳам омезиш ёфтаанд. Масалан, девони Аттор аз 346 ғазали ишқӣ, 417 ғазали ирфонӣ ва 81 ғазали зоҳидона ё қаландариёт иборат аст.

Қитъа ҳам дар ин давра инкишоф ёфт. Девони Анварӣ

бештар аз 500 қитъа дорад. Авзои рӯҳию андешаи шоирон, панду ахлоқ, рози ишқ ва дигар розҳои зиндагӣ, афкори фалсафию иҷтимоӣ ба воситаи рубоӣ баён шудааст. Асрҳои XI-XII замони авҷи инкишофи рубоӣ буда, он ҳам аз ҷиҳати мавзӯъ ва муҳтаво вусъат ёфт. Шоирон бештар рубоиҳои ишқӣ, тасаввуфӣ ва панду ҳикматӣ мегуфтанд. Аттор маҷмӯае бо номи "Мухторнома" аз 3500 рубоӣ тартиб дод, баъд 500-тои онро нест кард ва бақияро аз рӯйи мавзӯъ ба 50 боб тақсим кард. Умари Хайём дар рубоиёташ ба андешаҳои фалсафӣ майл кардааст.

Дар ин давра илми адабиётшиносии тоҷик ҳам тараққӣ карда, ба дараҷаи камолот расид ва асарҳои зиёде таълиф шудаанд. Дар охири асри XI китоби "Тарҷумон-ул-балоға"-и Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ таълиф шудааст, ки дар илми шеър ва санъатҳои бадеӣ баҳс мекунад. Рашидуддини Ватвот дар ҷавоби асари Родуёнӣ китоби "Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър"-ро навишт. Дар асри баъдӣ улуми адабӣ ба дараҷаи авҷи пешрафти худ ноил мегардад ва дар ҳамаи улуми роиҷ дар замона асарҳои мондагор таълиф мешаванд.

## АСАДИИ ТӮСӢ ВА АНЪАНАИ ҲАМОСАСАРОӢ

1. **Асадии Тӯсӣ**. Ҳаким Абӯмансур Алӣ ибни Аҳмад Асадии Тӯсӣ (1005/1010-1073) аз ҷумлаи шоирони бузурги достонсаро ва донишманди маъруфи асри XI ба ҳисоб меояд. Холиқ Мирзозода Асадиро ҳамчун "Ҳаким" ёд карда, ин унвони ифтихориро дар оғози аслу насаби шоир овардааст. Асадӣ дар аввалҳои асри XI дар Тӯс ба дунё омадааст. Баъди касби камолот дар илму дониш ба Эрони Ғарбӣ рафта, дар дарбори амирони он ҷо хидмат мекард.

Аз тафсили шарҳи ҳоли Асадӣ огоҳии комил надорем. Он чӣ маълум аст, хеле мухтасар ва ноқис мебошад: тахминан байни солҳои 1005-1010 таваллуд шуда, соли 1073 вафот кардааст. Ватанаш шаҳри Тӯс аст. Айёми таҳсилро дар зодгоҳаш гузаронда, гайр аз илмҳои расмӣ таъриху адабиёти арабро низ омӯхтааст. Аз ҷонибдорони ақидаи шуубия будааст, ки чунин ҷаҳонбиниаш дар мунозараҳояш бармало намудор мегардад.

Асадӣ ба хидмати дарбори Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (ҳукмрониаш 998-1030) нарафтааст, зеро бо султон ҳамақида

набуд ва бо ӯ ихтилофи мазҳабӣ дошт. Мазҳаби ташайюъ ва ақидаи шуубияаш бо андешаҳои мазҳабии султон мухолифати том дошт. Тангии рӯзгор Асадиро маҷбур кард, ки тарки ватан намояд. Вай саравал ба ғарби Эрон – Озорбойҷон рафт. Дар он ҷо ба доираҳое рафт, ки аглаби ҳокимони он ақидаи шуубия доштанд. Асадӣ бештар дар дарбори ҳокими Нахҷувон Абӯдулафи Дайронӣ зиндагӣ кардааст. "Гаршоспнома"-ро дар ҳамон ҷо эҷод карда ва шоҳи мазкурро тавсиф кардааст:

Шаҳи Арману пушти эрониён,
Маҳи тозиён, тоҷи Шайбониён,
Малик Бӯдулаф, шаҳрёри замин,
Ҷаҳондори арронии покдин.

"Гаршоспнома"-ро бо маслиҳати Муҳаммад ибни Исмоили Ҳиссӣ ва бародари ӯ Иброҳим бо дастури Абӯдулаф менависад.

Дар Нахҷувон зиндагии Асадии Тӯсӣ беҳтар мешавад, аммо зиндагиаш дар он ҷо низ тӯл намекашад. Аз он ҷо баъд аз санаи 1072 ба кишвари Оно меравад, ки қисме аз Арманистон буд. Дар он вақт подшоҳи он мулк Шуҷоъуддавла Манучеҳр ибни Шовур буд. Асадӣ қасидаи "Мунозараи тиру камон"-ро дар ҳамон ҷо ба номи ин амир навиштааст.

**Мероси адабӣ**. Асадии Тӯсӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик нахустин шоирест, ки дар жанри мунозара қасидаҳо навиштааст. Аз ӯ то ба мо панҷ қасидаи мунозаравӣ боқӣ мондааст, ки дар онҳо ду тарафи мунозаракунанда худро меситоянд ва тарафи муқобилро паст мезананд. Инҳо мунозараҳои "Осмону замин", "Муғу мусулмон", "Найзаву камон", "Шабу рӯз","Арабу Аҷам" мебошанд.

Мунозараҳои мазкур қасидаҳои мадҳия буда, ташбиб, ё худ насиби онҳо аз мубориза и ду қувваи муборизи ба ҳам муқобил иборат аст: шабу рӯз, Арабу Аҷам, муғу мусулмон, тиру камон, осмону замин ва ғайра.

Мунозараҳои Асадӣ аз ҷиҳати сохт ба ҳам монанд буда, дар давоми баҳс яке аз тарафҳо ғолиб меояд. Тахминан дар охири қасида ситоиши мамдуҳ ҷой мегирад.

Дар пайравии мунозараҳои Асадии Тӯсӣ бисёр шуарои асрҳои баъдина шеърҳои мунозаравӣ навиштаанд.

Асадии Тӯсӣ яке аз нахустин фарҳангнависони форсӣ аст.

Китоби “Лугати фурс”-и Асадии Тӯсӣ, ки авоили солҳои 70 асри XI таълиф шудааст, қадимтарин фарҳанги забони форсӣ мебошад, ки то ба замони мо расидааст.

Асадии Тӯсӣ хушнависи хуб низ будааст. Рисолаи тиббии Абӯмансур Муваффақи Ҳиравӣ “Китоб-ул-анбия”-ро дар соли 1056 китобат кардааст, ки ҳоло дар Вена нигоҳдорӣ ва яке аз қадимтарин нусхаҳои хаттии форсӣ маҳсуб мешавад.

Китоби маъруфи Асадӣ достони “Гаршоспнома” мебошад, ки дар эҷодиёти шоир мавқеи асосӣ дорад. Ин достон ба равиши “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва дар пайравӣ ба он дар мавзӯи ҳамосаи миллӣ суруда шудааст. Асадӣ бар он назар аст, ки дар достони худ дар атрофи афсонаву ривоёти мавҷуд оид ба Гаршосб, ки аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ берун мондаанд, қувваозмоӣ кардааст:

Ба “Шаҳнома” Фирдавсии нағзгӯй,
Ки аз пеши гӯяндагон бурд ғӯй,
Басе ёди разми ялон карда буд,
Аз ин достон ёд н-оварда буд.

Ҳаҷми умумии “Гаршоспнома” аз ҳафт то даҳ ҳазор байт тахмин шудааст. Вазни достон тибқи анъана мутақориб аст. “Гаршосбнома” аз 145 боби гуногунҳаҷм иборат буда, 20 боби аввал муқаддима, боби охир хотима ва 124 боби боқимонда мундариҷаи асосии достон аст. Дар муқаддима шоир тасвири аҷиби осмонро додааст, ки мубориза шабу рӯзро дар бар мегирад. Сабаби назми достон дар боби нуҳум нақл шудааст. Дар достон сухан дар бораи Ҷамшед, Заҳҳок, Куранг – шоҳи Зобулистон, писари Ҷамшед – Тур ва авлодони вай: Шедасп, Туварг, Шам, Асрат, Каршанг ва Наримону Сому Фаридун меравад. “Гаршоспнома” бо кӯшиши Алии Муҳаммадии Хуросонӣ таҳия ва ба хатти имрӯзаи тоҷикӣ ба чоп расидааст.

Омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Асадии Тӯсӣ қабл аз ҳама дар Аврупо, аз нимаи дуюми асри XIX огоз гардидааст. Ҳикоятҳое, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ дар “Тазкират-уш-шуаро” овардааст, муҳаққиони аврупоиро ба иштибоҳ дучор кардааст, зеро ҳикояҳое, ки дар тазкираи мазкур омадаанд, фосилаи беш аз 150 сола дошта, ба ҳақиқат рост намеоянд. Бино бар навиштаи Давлатшоҳ, Султон Маҳмуд назми “Шоҳнома”-ро ба Асадӣ фармуд, аммо шоир ба баҳонаи пирӣ онро ба уҳда нагирифт ва анҷоми ин корро ба шогирди худ

Фирдавсӣ вогузор кард.

Ҳикояти диғар ин аст, ки Фирдавсӣ дар арафаи хатми “Шоҳнома” бемор шуд ва аз устоди худ Асадии Тӯсӣ хоҳиш кард, ки онро ба итмом расонад. Асадӣ дар як шаб чаҳор ҳазор байт суруда, “Шоҳнома”-ро ба охир расонид.

Аз ин ҷост, ки донишманди немис Ҳ. Эте тахмин кардааст, ки бояд дар таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик ду Асадӣ гузашта бошад: яке падар – Аҳмад ибни Мансур, ки муаллифи мунозараҳост ва дигаре писар – Алӣ ибни Аҳмад, ки муаллифи “Гаршосбнома”, “Лугати фурс” ва хушнависи “Китоб-ул-абния” мебошад. Ин ақида аз соли 1882 то 1934 ривоҷ дошт. Баъд донишманди рус К.И. Чайкин ин масъаларо махсус омӯхта, ба ақидае омад, ки ҳикоятҳои Давлатшоҳ мухолифи якдигар буда, асоси воқеӣ надоранд ва Асадии Тӯсӣ як фард аст. Ин ақида аз ҷониби кулли донишмандони Шарқу Ғарб пазируфта шуд.

**Мазмун ва мундариҷаи “Гаршоспнома”**. Гаршосп қаҳрамони маглубнашудании китобҳои қадим ва фарди комил буд, ки дар ҷангҳо, ҳатто ба муқобили ҷонварон, ҳеч гоҳ мағлуб намешавад. Китоби Абулмуайяди Балхӣ «Китоби Гаршосп» унвон доштааст. Фирдавсӣ Гаршоспро ниёи (бобои) Наримон ва аз ниёкони Рустам медонад.

Достони «Гаршоспнома»-и Асадӣ бо муқаддимае оғоз меёбад, ки равиши чунин муқаддима яқинан аз сурудани «Шоҳнома»-ҳо огоз ёфта ва муқаддимаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ намунаи шоистаи муқаддимаи чунин достонҳо мебошад. Баъди Фирдавсӣ дигар достонсароён, аз ҷумла Низомии бузург, ба ҳамин равия достонҳояшонро оғоз намуданд. Достонҳо ва, аз ҷумла «Гаршоспнома», бо тавҳид (муноҷот), наъти набӣ, ҳоли ҷаҳон, мардум, сабаби сароидани достон ва ситоиши шоҳ оғоз меёбанд. Дар поёни муқаддима Асадӣ сухан аз мардонагии Гаршосп мегӯяд. Дар ҷаҳон номае аз кирдори Гаршосп ёдгор буд, пур аз донишу панду рози чарху рӯзгор, аз фарҳангу найрангу доду ситам, аз фарҳангу хубию зиштию гам, ки аз ҳар дар андаке басе дониш афзояд. Пас Гаршоспро бо Рустам муқоиса мекунад ва мегӯяд:

Зи Рустам сухан чанд хоҳӣ шунуд,
Гумоне, ки чун ӯ ба мардӣ набуд.
Агар разми Гаршосп ёд оварӣ,
Ҳама разми Рустам ба бод оварӣ.

Ҳамон буд Рустам, ки деви нажанд,
Бибурдаш ба абру ба дарё фиканд.
Сутуҳ шуд зи Ҳумон ба гурзи гарон,
Задаш даштбоне ба Мозандарон.
Забун кардаш Испандиёри далер,
Ба кушти-ш овард Суҳроб зер.
Сипаҳдор Гаршосп то зинда буд,
Накардаш забун кас, на афканда буд.
Ба Ҳинду ба Руму ба Чин аз набард
Бикард, он чи Дастону Рустам накард.

Поёни сухан ин аст, ки аз тамоми ҷонварон низ Гаршосп рӯй нагардонд ва савору пиёда бар онҳо пирӯз шуд. Донишмандон, аз ҷумла Е.Э. Бертелс, бар он ақидаанд, ки дар замони Асадии Тӯсӣ қаҳрамони ормонӣ дигар шуда буд. Қаҳрамонони Фирдавсӣ, аз ҷумла Рустам ва шоҳони замони вай, кӯшиши нигоҳ доштани давлатро доштанд ва бо қаҳрамонию кому нокомӣ мувоҷеҳ буданд. Подшоҳону бузургони аҳди Асадии Тӯсӣ ҳокимияти мутлақ доштанд ва шикасту нокомиро намехостанд. Фирдавсӣ ва Асадӣ, аз ин рӯ, мувофиқи идеали замони худ асар офаридаанд.

Пас аз маломати Рустам ва бузургии бешикасти Гаршосп Асадӣ боз ба баҳси асари Фирдавсӣ бармегардад ва мегӯяд, ки Фирдавсии нагзгӯй ёди ялон карда, вале аз ин достон ёд наоварда буд. Ин ниҳоле аз он дарахт руста ва хушку бебару бор шуда буд, ман ба табъам онро ба бор овардам.

Дар «Оғози достон» Асадӣ мегӯяд, ки баъди баргаштани бахти Ҷамшед шоҳӣ ба Заҳҳок расид. Ба шоҳони Руму Ҳиндустону Чин ва Эрону ҳафт кишвари замин огаҳӣ фиристод, то бо ройи мо Ҷамшедро биҷӯянд. Ҳар ҷо биёбанд, ба даргоҳи мо оранд, аз ӯ арҷмандтар ба назди мо набошад. Ҷамшед дар ҷаҳон монанди парӣ мегурехт, дар кӯҳ мехуфт, ба шаҳре зиёд намемонд, то даҳ сол бигузашт. Пас ба Зобулистон омад, шаҳре чун биҳишт дид, бо мардони мард. Шоҳи он ҷо Гуранг буд. Духтаре аз парӣ беҳтар дошт. Соли он сарв ба ҷое расид, ки яле мардона ва шерзан, саворе сипардору шерзан шуд. Донишмандон мегӯянд, ки нахустин тиру камон ӯ ниҳод. Аз ҳар ҷо хоҳишгарон хостанд. Паймони падар бо вай чунин буд, ки ҷуфти писандидаи ӯ гузинад.

Дояи ӯ зане кобулӣ буд, бо афсуну найранг аждаҳоро аз дур ба дам мебаст, аз оташу аз хора ном меовард. Ба ӯ гуфта

буд, ки ҷуфти ту шоҳе гаронмоя бошад. Аз ӯ писари хубчеҳре бошадат. Канизак хоҳишмандонро пас мегардонд. Ҷамшед дар Зобулистон ба шаҳр андарун имкони рафтан надид. Замони расидани мева ва меҳргон буд. Дар ин ҷо тасвири тирамоҳ хеле зебо омадааст. Ҷамшед дар сояе лахте баросуд. Духтари шоҳ бо маю руду мева мерафт. Парастанда дар боғ чеҳраи Ҷам бидид:

Ҷавоне ҳама пайкараш некӯӣ,
Фирӯзон аз ӯ фарраи хусравӣ.

Ҷам ногаҳон паричеҳраро бидид. Ба ӯ гуфт, чӣ бинӣ? – Яке гумроҳи бахтбаргашта ва саргаштаам. Аз Худованди раз се ҷом бихоҳ ва ба ман деҳ. Канизак ба назди бону омаду гуфт, ҷавоне дижаму рахзада бар дар аст, ки ба чеҳра аз ту беҳтар аст, се ҷоми май мехоҳад. Он моҳ гуфт:

Ки барно агар чиз ҷуз май нах(в)ост,
Бад-он пас, ки меҳмоние хост рост.
Маю нуқлу хон хосту овои руд,
Рухи хубу шодию бонги суруд.

Бо канизак ба дар биёмад, дидори Ҷам бидид: «Ҷавоне ба ойини эрониён, / Гушодакашу танг баста миён». Меҳр дар дилаш ҷойи хирадро гирифт. Аз Ҷам сабаби дар ин соя истоданашро бипурсид, ки киро ҷӯёӣ? Ҷам аз ӯ пурсид:

Зи шоҳонӣ, ар пешавар гавҳарӣ,
Падар варзгар дорӣ, ар лашкарӣ...
Ту з-ин чор гавҳар кадомӣ, бигӯ?
Диламро раҳи шодмонӣ биҷӯ.

Духтар чунин посух дод:

Бути зобулӣ гуфт аз ин ҳар чаҳор
Наям ман ҷуз аз тухмаи шаҳрёр.

Бо дили пурумед Ҷам ба боғ омад. Пеши Ҷам он моҳ чу сарв мерафт, ҷое каёнӣ нишастанд, канизон ба Ҷам намоз бурданд. Ҷам се ҷоми май нӯш кард. Духтар фарру бузургиаш медид, вале кӣ буданашро намедонист. Чеҳраи Ҷам бо ҳар гуна ранг нақш шуда буд, ромишгари кобулӣ бо руд месуруд. Ҷуфте кабӯтар ба девори боғ омада, бо карашма минқори якдигар гирифтанд. Паричеҳра аз нози он ду кабӯтар пеши Ҷам ба шарм омад. Камони чинӣ хост ва ба Ҷам гуфт, аз ин кабӯтарони ҷуфтгир кадомро ба тир дӯзам. Ҷамшед гуфт, ин сухан ба ту назебад. Ту занию ман мард, аз ман андарзи фарҳанг ҷустан лозим аст. Беҳтарин ҳунари занон порсоист.

Сазо он аст, ки дар ҳунар маро озмоӣ. Дилором камонро пеш монду пӯзиш намуд. Ҷам ҳар ду болаш бар дарахт бубаст. Мода афтоду нар парид. Донист, ки пури Таҳмураси девбанд аст, шоҳро ҷуфт хост. Доя бирафту парниёни кабудро бо нақши Ҷам биёвард. Дар парниён гӯё Ҷам буд. Шоҳ ҳайрон шуд, тоҷу тахти шоҳӣ ба ёдаш омад, дилаш дарёи дарду дарег шуд. Аз ӯ сабаб пурсиданд, гуфт касе наандешад, мардум нест. Ду касро бояд бахшид:

Яке некдон бихраде, к-аз ҷаҳон
Забун афтад андар кафи аблаҳон.
Дигар подшоҳе, ки аз тоҷу тахт
Ба дарвешӣ афтад, шавад шӯрбахт.

Аз дидани чеҳраи Ҷам дилаш гамгин шуд. Бузургии ӯ ба ёдаш омад. Чарх яке зиштро, ки аз китфи мор асту чеҳраи дев. Аз рух ашкаш ҷорӣ шуд. Духтар Ҷамшедро бишинохт ва гуфт, меҳри ту дерест дорам ва комам рӯзе дидани ту буд. Туроам, ба ойин агар маро пазирӣ. Шоҳ гуфт ба Ҷам монандам, вале Ҷам нестам, ман Моҳони Кӯҳӣ ном дорам. Духтар гуфт, ки хуршедро ба гил пӯшидан хоҳӣ, гувоҳи ҳамин парниён. Ин зани пир рози туро ба ман гуфта, ки аз ту маро писар бошад. Ҷамшедро ба рӯй натофтан ташвиқ карду бигирист, Ҷам нарм шуд. Гуфт, ки аз бими ҷон роз берун наёрам ва розро ба зан набояд гуфт. Дилором гуфташ:

Ҳама кас ба як хӯю як хост нест,
Даҳ ангушти мардум ба ҳам рост нест.
Чунон дорам ин рози ту рӯзу шаб,
Ки бо ҷон бувад, гар барояд зи лаб.

Ягона дӯсти ту ба гетӣ манам, бо ман шодком бизӣ. Аз лобаву меҳру пайванду панд ба ӯ боварӣ ёфт ва ба ойини Ҳуди пайғамбар бо ӯ бибаст. Духтар ҷуфти хешаш гирифт ва яке базм карданд, пас ниҳонӣ ӯро ба кохи шоҳ бурданд. Духтар ба назди падар кам мерафт, падар бадгумон шуд. Канизаки қандаҳориро ба ӯ бахшид, то розашро нигоҳ дорад ва ба шоҳ расонад. Канизак ҳама роз бидонисту ба шоҳ гуфт. Шоҳ духтарашро сахт маломат кард, ки шармро гум кардаӣ. Ранги чеҳраат гӯяндаи рози туст, ки фурӯғи чароге надорӣ. Оне, ки будӣ, нестӣ. Намегӯӣ, ки дар паси парда ин марди бегона кист? Парирух дар пеши шоҳ бигалтид ва гуфт, ту медонӣ, ки аз ман бераҳмӣ наёяд. Фармон дода будӣ, ки онро, ки хоҳам ҷуфти хеш, кунун ҷуфт он шоҳи некахтар аст.

Он чи аз кори Ҷам буд, ёд кард. Ба ӯ гуфт, бар ҳаюн ӯро баста, ба даргоҳи шоҳ Заҳҳок фиристам, ки гуфтааст, ҳар кӣ ӯро ба банд орад, арҷманди кишвараш кунам. Духтар ба пеши падар зорӣ мекард, ки ба бадномии хуни шоҳе нашавад:

Бадӣ гарчи кардан тавон бо касе,
Чу некӣ кунӣ, беҳтар ояд басе.

Агар ӯро ҷудо кардан аз ман хоҳӣ, аввал сари ман аз тан ҷудо кун. Падар гуфт, он ки ҳавои туст, кунам. Шоҳ ба назди Ҷам рафт, Ҷам ӯро бисутуду бинавохт ва гуфт, метарсам, ки рӯзе Аҳриман битобадат ва маро ба он аждаҳои пайкори девзод бидиҳӣ. Шоҳ гуфт, ки аз ман бадгумон мабош ва савганд ёд кард, ки то зиндаам, коми ту ҷӯям ва розатро нагӯям. Пас бирафту ҳар чӣ ба Ҷам лозим буд, бифиристод.

Баъди нуҳ моҳ гулрух писаре зод ба чеҳраи падар ва ӯро Тур ном ниҳод, шоҳи Бобул пураш хондӣ. Дар понздаҳсолагӣ хеле ба аврангу зеб шуд. Акси (нигори) Ҷам он ки дида буд, ба Тур назар мекард, мегуфт, ки ин Тур фарзанди ӯст. Сухан пароканда шуд аз забон ба забон, аҳволи шоҳ фош шуд. Инро шоҳи Зобул шунида, ба Ҷам гуфт, ки чораи худ биҷӯй. Агар он морчеҳра бишнавад, чангу гард барорад. Шаби торике Ҷам ба касе нагуфта, ба Ҳиндустон рафт, аз он ҷо сӯйи марзи Чин баркашид. Ба Чин ногаҳ Заҳҳок гирифташ, ба кин ба арра дуним кардаш. Аз куштанаш ҷуфташ огаҳӣ ёфт, як моҳ чизе намехӯрд ва намехуфт:

Саранҷом мар хештанро ба заҳр
Бикушт, аз пайи ҷуфту бедоди даҳр.

Тур марде тавоно шуд, шоҳ маншури шоҳӣ ва аз тухми хеш зане дод. Аз он зан писаре дошт Шедасп ном. Баъди чанде гардиши ҷаҳон Тур бимурду Шедасп монд. Ҳунарманд шуду номдор шуд, тахти шоҳӣ шоҳ ба ӯ дод.

Шедасп шоҳи додгару бахшанда буд. Аз тухми бузург соҳиби писар шуд, номаш Тувург. Дар даҳсолагӣ аз падару ниё даргузашт, хеле ҷасуру нерӯманд буд. Падараш рӯзе аз пайи кина ба Кобул рафт. Вай ҳамроҳ будан хост, падар гуфт, ки ту хурдӣ, ҳангоми разми ту нест. Ба падар посух дод, ки кори мардон метавонад кардан. Падар ба ӯ зиреҳу заррин камар, тегу кӯполу гурзи гарон ва дигар асбоби ҷанг доду сипаҳдораш кард. Аз он сӯ писаре номаш Саранд буд, падар дирафшу пил додашу фиристод. Ҷанги азиме барпо шуд. Тувург даъвои ҷанги Саранд кард. Дирафши сапед ва

дигар нишонаҳои Сарандро падар бигуфт. Ҳамла кард, хайле фиканд, ин лашкар рамида шуд. Аз карон Саранд ӯро бидид, ба ҳарб омад, Тувург аз камарбандаш гирифта, аз зин даррабуду ба пеши падар андохташ. Вай гуфт, ки аз ин пас маро на кӯдак, яке пурҳунар дон. Сипоҳи душман дирафшу буна бигзошта, гурезон шуданд, то Кобул онҳоро дунбола карданд. Дар он ҷанг пирӯз гаштанд ва шоҳи Кобул додани божи гарон бипазируфт.

Баъди чанде Шедасп бимурд, Тувург подшоҳӣ гирифт, писаре аз ӯ омад, номаш Шам гузошт. Аз ӯ Асрат омад. Бар тахти шоҳӣ нишаст, ба некӣ подшоҳӣ мекард. Писарашро Гаршосп ном кард. Дар якмоҳагӣ ба монанди яксола буд. Аз гаҳвора ба сӯйи шабранги бӯр шуд. Зиреҳ мепӯшид, бо гурзу камон бозӣ мекард, кину ҷанг меҷуст. Дар даҳсолагӣ ба як мушт мардеро мефиганд.

Ҳамаи сифатҳои паҳлавон монанди дигар лаҳзаҳои достон хеле муболигаи маҳзанд:

Чу з-ин обгун чархи гавҳарнигор
Гузар кард солаш ду панҷу чаҳор,
Яле шуд, ки ҷустӣ зи тегаш гуреғ,
Ба дарё дарун мавҷу бар бод мег.
Задӣ дасту пили давонро ду пой,
Гирифтӣ, фурӯ доштӣ ҳам ба ҷой.
Будаш сирати найза з-оҳан ба разм,
Май аз даҳтанӣ ҷом хӯрдӣ ба базм.
Ба захм аз синон оташ афрӯхтӣ,
Ба як тир даҳ диръ бардӯхтӣ.
Агар хӯд, агар гурзу хафтон-ш пил
Кашидӣ, набурдӣ фузун аз ду мил...

Аз бими ӯ касе бар Асрат кинаҷӯй намешуд. Аз Тур то Гаршосп ҳафтсад сол гузашт. Бузургони ин тухма аз Ҷам ва саросар ниёкони Рустам буданд.

Ҳамон сол Заҳҳок, ки гоҳ-гоҳе ба Ҳиндустон мерафт, ба Зобул омад. Асрат ӯро ба айвони хеш фуруд овард, ҷашне каёнӣ сохт ва Асадӣ онро хеле бошукӯҳ тасвир мекунад. Чашми Заҳҳок дар он базм ба Гаршосп буд, ки ба чеҳраву шукӯҳ касе ба ӯ монанд набуд. Ба Асрат сифатҳои бузургии Гаршоспро, ки шунида буд, бигуфт. Асрат Заҳҳокро сутуд. Заҳҳҳок гуфт, ки Гаршосп ба Ҷамшед монад. Заҳҳок гуфт, аждаҳое падид омадаст, ки гетиро ба ранҷ сутуҳ медорад.

Гаршосп гуфт, ки роҳро бар он аҳриман бибандам. Падар ӯро маломат кард, ки аз шоҳ ин ҷанг чаро пазируфтӣ. Ҷанги аждаҳоро саҳл мадон. Аз мардию зӯри тан гарра машав. Гаршосп ба ӯ гуфт, ки ҳеч маяндеш, шуморо маю шодию маро аждаҳову кӯҳу гурзу тир. Гӯянда пас сифатҳои аждаҳоро як-як мегӯяд. Гаршосп бо асбоби бузург ба ҷанги аждаҳо рафт.

Ба дашт лашкар омад, пилони ҷангӣ ба бозӣ сарон бибастанд, мардӣ нишон доданд. Гаршосп бурун тохт, сад гуна бозӣ гирифт. Даҳ тир бияндохт, ҳар як чу занҷир бар якдигар бипайваст. Гаршосп ҳунарҳои зиёд нишон дод, аз шоҳ офарин гирифт. Ҳама пароканда шуданд, сипаҳбад раҳро пеш гирифт, падар бо ӯ даҳ мард аз хешонро ҳамроҳ кард:

Чӣ чиз омад ин меҳри фарзанду дард,
Ки дар неку бад ҳаст бо ҷон набард.
Чу набвад, дил аз бас гамаш хун бувад,
Чу бошад, гам он гоҳ афзун бувад.

Аз ҳирбад мӯбадони каҳун чунин аз Заҳҳок хабар медиҳанд, ки рӯзро аз ҷодуӣ мегузаронад ва аз Бобул ҷодувони зиёд дошт. Ба ҷодуён фармуд, ки ба Гаршосп ҳар кас шигифтие бинамояд: аз торикӣ, оташ, бод, абр, аз гӯлу деву шеру бабр. Аз миёни он ҳама чу шери нар бигзашт. Дар як мил то аждаҳо дар роҳ дидгоҳе диданд, хонае аз гаҷу хору санг, дараш оҳанин, роҳ танг. Аз бом яке хурӯшид, ки ҷонатон даркор нест, аз ин сӯ нишемангоҳи аждаҳост. Ман шаб оташ мезанам ва рӯз дуд, то ҳар кӣ бинад, гурезад. Сипаҳбад ҷояш ва болояш бипурсид. Дидбон гуфт, ки бар ӯ ханҷар кор намекунад, ту маргро маҷӯю баргард. Бар он дара даромад ва васфи аждаҳоро гӯянда батафсил баён мекунад. Пиёда бари аждаҳо рафт, бо ханданге бар гулӯяш бизаду магзаш бибаст. Бо заданҳои зиёду шиддати разм замоне аз ҳуш бирафт, ба ҳуш омаду ба пеши додфармой ниёиш кард. Самандаш назди саворон омад, танаш пурхун, зину баргустувон кашон. Гумон бурданд, кори гурд бишуд, беҳуш афтоданд. Ин замон Гаршосп аз дара наъра зад. Бирафтанду диданд ва ба он дасту тег офарин хонданд.

Фиристодаи Гаршосп ба шоҳ муждаи чира шудани ӯро расонид. Ба шодӣ даҳони фиристода ба ёқут пур карданд. Наъли Шабрангро заррин карданд. Бо бист гардуну панҷ пил онро оварданд, хурӯше баромад, ҳама шаҳр паҳлавонро

пазмон шуданд. Шоҳ замини Зобулу Буст ба ӯ дод ва ҷаҳонпаҳлавонӣ супурд, аз он ҷо лашкар ба Ҳинд бурд.

Дар Ҳинд Меҳроҷ ном шоҳе буд. Баҳу ном хешаш дар сипоҳ буд, аз дасти ӯ шоҳи Сарандеб буд. Ҳама вақт ба Меҳроҷ мегуфт, ки тоҷу бузургӣ дорӣ, аз Ҳиндустон то дарёи Чин шоҳ ҳастӣ, чаро ба Заҳҳок боҷ медиҳӣ? Дар ҷанг ман аз Заҳҳок натарсам, агарчи туро аз ӯ нанг нест. Миёни онҳо пархош хест, ними сипоҳ бар Баҳу гашт, лашкари Меҳроҷро чанд бор шикастанд. Заҳҳок аз ин огаҳӣ ёфт. Вай ба Асрат нома навишт, ки тахти суннатӣ дорад ва дар поёни он аз коре табоҳ дар Ҳинд хостан, ки Гаршоспро он ҷо бояд бурд, огаҳӣ дод. Аз мо лашкару ёрию ганҷ, аз вай мардию ранҷ, то ними номаро хондан роҳ пеш гирад. Аз Гаршосп ҷӣ гуфтан ва ташвиши худро бигуфт. Гаршосп гуфт, ки ба ҷуз ҷангу кин ман чизе дигар намехоҳам, ки маро Эзад аз баҳри ҷанг офарид ва аз сухани подшоҳ баргаштан мумкин нест. Асрат ба писар панди зиёд дод. Сипаҳбад пандашро шунуд ва ҳазор найзазани зобулиро гузин кард. Лашкар сӯйи шоҳ бурд. Ба Байтулмуқаддас омад. Заҳҳок айвону гоҳро биёрост, сипоҳ бар чанд мил барои пазироӣ фиристод. Як ҳафта шод буданд, сари ҳафта гӯйи Ҳинд ба ёрии Меҳроҷ ӯро фиристод, ки ба Сарандеб кин соз кун, Баҳуро баста, нигоҳ дор. Агар Чин ёри Ҳиндсутон шавад, аз ҳар ду кин ситон. Ба дарёканор бифармудам, ду ҳазор киштӣ биёранд. Сесад ҳазор аз ялон лашкаре бузург гузидам. Гуштосп гуфт, ки чунин лашкари гарон лозим нест, ҳамин ки аз Зобул овардаам, бас аст. Шоҳ гуфт, ки Баҳу ду бор ҳазор дар ҳазор сипоҳ дорад. Сипаҳбад дувоздаҳ ҳазор аз ялон пазируфт. Низоми хос аз сипоҳ биёрост, ки дар достон тасвире батафсил дорад. Ба шаш моҳ ба киштӣ роҳи яксола бирафтанд ва ба хушкӣ баромаданд. Меҳроҷ шаҳре ба дарозию паҳнӣ шаш фарсанг дошт. Омадани Гаршоспро шунида, ба беруни шаҳр хайма орост ва бо тамоми сипоҳ ӯро пазируфт, бар тахти пирӯза нишондаш, пилу товус дар атроф буд. Ҳама зебоии табиати Ҳиндустон дар он ҷо тасвир шудааст. Паҳлавон бо бабр ҷанг орост ва бо гурз се бабрро бикушт ва ба размгоҳ омаданд.

Сипаҳбад ба Баҳу нома фиристод, ҳам ба кину ҳам ба нанг. Бузургӣ ба ту шоҳ Меҳроҷ дод, аз хоҷаи худ бурун омадӣ. Савганди сари ӯро аз Сарандеб дар поёни нома хонд.

Гаршосп ду ҷанги бузург бо Баҳу ва солорони вай кард.

Дар ҷанги аввал аз сӯйи рост Озаршан, сӯйи чап дигарон. Паси сипоҳ ба Маҳёру Санбон буд. Баҳу сад ҳазор сипоҳу силоҳу ҳазор пил дошт. Далерони Эрон бар ӯ тохтанд. Сипаҳбад чарху тири ҷанг бо аждаҳо бихост. Бо ҳар тир пиле аз пай мефиканд, бо ханҷару тегу гурзу каманд меҷангид. Он бишикаст, ба Баҳу хабар расид, баромаду ҳар ҷо гуроз дид. Гуфт, ки фардо роҳи разм дигаргун кунем. Ҳар ду гурӯҳ аз ҷанг орамиданд. Меҳроҷ ба барониён бахшишҳо кард ва сипоҳи гарон овард. Сипаҳбад панҷоҳ ҳазор савору ду солору ҳазор пил гузид. Аз он сӯ Баҳу бародарашро бо писар ба Сарандеб фиристод. Чил ҳазор сипоҳ ба солор Баҳу доду ҳазору дувист пил ба Тӯпол супурд.

Сипаҳбад барои ҷанги дуюм сипоҳ ба ҳомун кашид ва биёрост, се гурзи бузург нигаҳбони лашкар, дар қалби лашкар ҳама зобулӣ буданд. Далерон ба ҷанг андар овехтанд. Ҷанги анбӯҳе барпо шуд. Ҷанги эрониён ба ҷодуӣ монанд буд, шикаст бар мо аз як савор аст:

Зи ханҷар ба захм оташ орад ҳаме,
Зи гурзи гарон кӯҳ борад ҳаме.

Ҳиндувон дилшикаста шуданд. Далерони онҳо як ба як бо эрониён ҷангида шикаст хӯрданд. Ҳамон шаб аз шодӣ Меҳроҷ боғи заррини пеши тахт бо ганҷи зиёд ба сипаҳбад дод ва ҳазорҳо чизи дигар ва ба эрониён ҳар касе динору гавҳар бахшид.

Фиристодаи Баҳу ба назди сипаҳбад омад ва ӯро ситоиш кард. Сипаҳбад аз мардум ҷойро холӣ кард. Фиристода гуфт, ки дабири шоҳам, номам Маликво. Баҳу дурудат фиристод, ки фарру фарҳанги ту ба ҷанги ман назебад. Ҳаргиз ба ту бадӣ накарда, шоҳи ҷаҳонро наёзурдаам. Ин шӯриш баҳри касон бо ман барои чист? Агар аз пайи божи шоҳ омада бошӣ, аз ҳадяю божи ҳарсолаи Меҳроҷ се чандон диҳам. Агар шоҳию ганҷ хоҳӣ, аз ман онро бе ранҷ меёбӣ. Агар бо сипоҳ барам ой, бо паймону савганд, ба ту ганҷу духтарам супорам. Меҳроҷро гираму сараш бурам, ҳамаи ганҷу афсараш ба ту супорам. Пас силоҳ ба Эрон барам, ҷойи Заҳҳоки ҷоду тиҳӣ кунам. Дигар ҳама туро бошад. Ин сухан гуфту он хатту паймон супурд.

Гаршосп ба нома посух навишт ва миёни ӯ ва Баҳу, шоҳи ҳиндувон се ҷанги дигар анҷом ёфт. Баҳу зангие ҳамчу дев дошт, ба зӯр кӯҳро аз замин мебардошт, дар ним рӯз шаст

фарсангро тай мекард. Ба болой ба Баҳуи савор рост меомад. Гуфт, ки бо номае ва дашнаи заҳрдор ба наздаш равам ва ногаҳон бар бараш занам ва бигрезам. Зангӣ ба назди Гаршосп омад, то бо дашна ӯро бизанад. Сипаҳбад чу шери замон дасти зангӣ бияфшурд ва ба як мушт аз пой бияфкандаш. Сиёҳ бо хурӯше аз ҳуш рафт. Аз берун давида деве нагун диданд. Ба ҳуш омада, аз Гаршосп зинҳор хост. Гаршосп бо сиёҳ ба мунодии роҳравии вай ба назди Баҳу рафт. Сипоҳи Баҳу ба гурез рафта буд, пардасарой тиҳӣ ва Баҳу хоб буд. Дасти ӯро Гаршосп бибаст, бар дӯши зангӣ ниҳода бар роҳ баромад ва Баҳуро ба назди Меҳроҷшоҳ овард. Меҳроҷ он шаб базм орост ва Баҳуро ба хорӣ назди ӯ овarданд. Аз вай сабаби носипосиаш бипурсид. Сиёҳро ба чоҳ андохтанд. Гаршосп ҳамроҳи Меҳроҷ ба Сарандеб рафт.

Писари Баҳу дар Сарандеб ба тахти шоҳӣ нишаст. Аз марги падар огаҳӣ ёфта, лашкар ба киштиҳо нишаст ва ба кин рафт. Гаршосп киштӣ пеш ронд, аз киштӣ ба киштӣ мегузашт, чиҳил киштӣ гарқ ва дигарон дар гурез шуданд. Писари Баҳу ба зинҳор назди шоҳи Зангбор омад. Лашкари Меҳроҷ аз он сипоҳу ганҷи Баҳу чизи бисёре ёфт. Пас Меҳроҷ бо Гаршосп роҳи кӯҳи Даҳуро пеш гирифтанд. Мегӯянд, Одам бар он кӯҳ аз биҳишт афтода буд:

Нишони кафи пояш он ҷо тамом
Бидиданд, ҳар пай чу ҳафтод гом.

Дар он кӯҳ аз испаргаму гули гуногун аз сад ҳазор зиёд буд. Тасвири зебои анвои гулҳо дар достон омадааст. Дар он ҷо як гоҳи саҳмгин буд, сад шаҳраш роҳи жарфиаш буд. Ҳар чиро дар он меандохтанд, чу тир аз фарозаш берун меомад, конҳои ёқуту булӯру алмосу дигар чиз диданд. Басе чашмаву мурғони сароянда, анвои дарахту говону оҳу диданд.

Дар он кӯҳ як бараҳмани пир буд, болош камонвор, сару пой бараҳна. Гаршосп аз ӯ сабаби хуррамии кӯҳ пурсид. Ба баъзе суолҳои Гаршосп бараҳман посух дод. Гаршосп бо Меҳроҷ ба ҷазираҳои гуногуни Ҳинд рафтанд ва аҷоиботи бешуморе диданд. Дар ҷазирае ба ҷуз аждаҳо чизи дигар надиданд. Аждаҳои бузург пилро дам мекашид, аз заҳраш кӯҳу ҳомун сиёҳ буд. Сипаҳбадро ба ҷанг рафтан гурдон намемонанд, ки бар ҷон супурдан макӯш. Маллоҳи фарзона сифати морон бигуфт. Сипаҳбад бо таркаши пур аз тир ба шамшер танашон реза кард. Ҳама гуфтанд, ки аз диловари

гурду далер пилу карку дигар ҷонварон эмин набошанд. Ҳамон рӯз ба ҷазирае расиданд, ки аз бешаи зиёд марзаш намудор набуд. Гурӯҳе гулу мош мекиштанд. Мавҷ шохи мурдае афканда буд, ки болояш ҳафтсад арш буд. Даҳ ҳазор марду зан расан ба най баста, мекашиданд, ҳамгурӯҳ онро ба дарун кашиданд. Ӯ аз гавҳару зарру анбар буд. Каси шоҳ онҳоро бардошт, дандонаш бурун кард. Аз магзи ӯ басе равған бардоштанд, ҳар чӣ боқӣ монд, хурду бузург бахри хӯрдан бардоштанд. Меҳроҷ ба сипаҳбади аз шигифтӣ ба ҷой монда тавзеҳ дод, ки ин моҳиро вол хонанд ва сифати дигар моҳиёни хурду бузург низ бигуфт. Ин моҳии вол (наҳанг) метавонад киштиро балъад.

Дар ҷазирае паштаҳои ба андозаи уқоб парвоз мекунанд, нешашон хафтонҳои ҷангиро медаранд. Онҳо беш аз сӣ тан сипоҳиро ҳалок карданд. Мӯрчагони он ҷазира аз гӯспанд бузургтар буданд. Дарахти Вақ дар ҷазираи дигар мерӯяд, ки меваҳои монанди сари одамизодро дорад, онҳо бо вазидани бод фарёд мекашиданд. Одамони ин ҷазира як чашм, як гуна, як дасту як по доранд ва чобуктар аз гизол буданд. Пилгӯшонро дар ҷазираи дигар диданд. Онҳо одамхоронанд, бар танашон мӯй мерӯяд ва гӯшҳояшон монанди гӯши пил аст. Ҷаҳонгардон дар кӯҳсор ҳисоре диданд. Ба Гаршосп Маллоҳ гуфт, ки ин ҷой накӯст ва дахмаи Сиёмак дар ӯст. Бунаш аз пӯлод арзизпӯш, девораш баланд аз ҳафт ҷӯш (пораи филиз). Гирдаш гаштанд, дарашро наёфтанд. Маллоҳ гуфт, ки ҷома ҳама парастандавор бипӯшеду бар Кирдгор нолед. Он гоҳ марде аз бора падид омад, ки аз ӯ хубтар одамӣ надид. Се чашм дошт, ҳар се боз буд, ду аз зери абрӯ, яке аз фароз. Ба овоз фусуне хонд, дафи ғам зи дилҳо нишонд. Ҳисор аз хурӯши ӯ пуровоз шуд, аз девори ҳар тараф даре боз шуд. Боге хуш, пур аз гулҳои урдибиҳишт диданд. Дарахте дар ӯ сар ба моҳ кашида, танаш сабзу шохаш сиёҳ, баргҳояш заррин, дар ҳар яке падидор чеҳраи мард. Меваҳои монанди каду сарнагун, чу қанд хушу чу хун сурх. Ин аввалин дарахти рӯйи замин буд. Сипаҳбад аз марди сечашма кори дарахтро бипурсид. Гуфт, ки аз оғози гетӣ дарахте, ки руст, ин буд. Ҳамасола ин меваи ширину анбар бар ӯст. Аз бун баргу бари ӯ кам нагардад, чу кам шуд, яке дигар рӯяд. Аз як замон беш бибӯӣ, аз бинӣ хун меояд. Аз он хӯрду ҳар касро бидод, пас аз он дари кохе кушода шуд, айвоне поку зебо падид омад.

Кохе дар боғ буду дар толори он тобуте овезон, ки дар рӯяш суханоне навишта буданд. Яке аз навиштаҳо чунин буд, ки Сиёмак ҳазору саду шасту шаш бизист. Касе аз ин бог чизе бурдан наметавонад. Аз ин чанд панд ёдгор аст:

Ки, эй он ки ой дар ин хубҷой,
Бубинӣ сутудони ман в-ин сарой.
Сиёмак манам, шоҳи вологуҳар,
Ки фаррух Каюмарс будам падар...

Баъди як моҳ рафтан кӯҳе диданд Бандоб ном ва ҳисоре баландиаш то ба моҳ. Ба зери дараш аз санг нардбоне ба сӣ поя дарозӣ, лаҳнаш танг. Тандиси саворе дар болояш. Маллоҳ ба паҳлавон гуфт, ки ин аз дарун тилисми ниҳоне дорад. Ҳар кас ва ҳар кӣ пой бинҳод, ба санг ӯро савор мерабояд. Якеро фиристод, савор аз бари асп ҷунбиш гирифт, наъра заду санге андохт, мард беҳуш шуду ба зер афтод. Дигар касро санге омад, ки нагун афтод. Ҳар санг аз дигарон даҳ ман гаронтар буд. Ду тан кушта ду афгор шуд. Паҳлавон буни нардбонро кандан фармуд. Чоҳе жарф ва чархе гарданда диданд. Аз чоҳ занҷири бо зарру гавҳар омехта диданд. Сари ҳалқа дар хами чарх устувор, дигар сар бар камари савор. Чархро шикаста, ба чоҳ фиканд, занҷирҳо гирифтанд.

Савор сарнагун шуд, дари баста боз шуд. Сипаҳдор ва вежагон дарун рафтанд. Сарое чу баҳор, ба гирдаш чаҳор айвони булӯрин, дар онҳо пайкари ҷонварон, аз деву мардум ҳама аз он тоқҳо сарнагун. Ҳайкал афтиду айвоне намудор шуд. Дар дигар хона ба зери замин роҳе дароз диданд. Хона аз санги нилиранг буд, ду мил чашмаи оби заррин дошт. Бари чашма марде ба тахте бимурда, рӯйяш ба чодар ниҳонбандӣ шуда. Дар лавҳе ложвардӣ сӣ хат навишта шуда буд. Маллоҳ онро бихонд:

Навишта чунин буд, ки ҳар к-аз хирад
Бад-ин ҷойи ороми ман бигзарад,
Сазад, гар зи меҳри саройи сипанҷ
Битобад дилу тан надорад ба ранҷ.
Манам пури Ҳушанг, шоҳи баланд,
Ҷаҳондор Таҳмураси девбанд...
Агар бингарӣ камтарин гавҳаре,
Баҳо бештар дорад аз кишваре.

Баъди дидани аҷоиботи чанд ҷазираи дигар аз об берун шуданд. Дар давоми сафар чанде бутҳои аҷоиб, дарахтҳо ва

гайраро бидид ва аз Ҳинд ба Эрон бозгашт. Падараш Асрат ба шодӣ пешвоз гирифт, ҳар чӣ Меҳрочшоҳ фиристода буд, ба падар дод. Сари моҳ ба назди Заҳҳокшоҳ равон шуд ва ба Заҳҳок чизҳои зиёди аз Ҳинд оварда фиристод. Пеши шоҳ омад, аз он чи дар се сол дид, ёд кард. Шоҳ ба ӯ издивоҷ кардан фармуд. Асрат духтарони зиёде пешниҳод кард, вай онҳоро написандид ва роҳи ҷаҳонгардиро пеш гирифт. Падар ба вай андарзҳо гуфт.

Гаршосп роҳи Шомро пеш гирифт. Танҳо, бо аспи саманд, бо чизҳои зарурӣ мерафт, бо як гуломи турк. Бе сипоҳу буна рафтанаш барои он буд, ки кас чуну чарои ӯро надонад. Дар роҳ шереро, ки ба гӯре дар камин буд, дид. Захми шамшери Гаршосп ҳар дуро чаҳор пора кард. Он гӯрро кабоб карду бо ду нафари дигар, ки омада буданд, бихӯрд. Он румӣ гуфт, ки шоҳи Румро духтаре дилбар аст. Падараш барои озмун камоне ба даргоҳ овехта, ки ҳар касе ин камон кашид, духтар ба ӯ диҳам. Дар роҳ бозоргонони мисриро аз банди раҳзанон раҳо кард ва бо бозоргонон равон шуд. Бо яке аз онҳо дӯст шуд, вай ба хона ба меҳмонӣ бурдаш. Зане дояи духтари шоҳ ва бо бозоргон шинос буд, духтари шоҳ Гаршоспро бидид, ки шоир дар васфи ӯ суханҳои хубе гуфтааст. Зани бозаргон бо доя вохӯрии Гаршоспу духтари шоҳро дуруст карданд. Рӯзи дигар Гаршосп ба даргоҳ омад ва гуфт, ки пеши шоҳ камон кашам, бар ӯ хандиданд, ки аз шоҳони замон инро басе хоҳанд. Шоҳ омад, даҳ тан камон оварданд. Камон дуниму зеҳ лахт-лахт шуд. Шоҳ гуфт, ки аз ҷаҳон духтарам ҷуфти туст. Гаршосп духтарро ба занӣ мегирад, ба хонааш мебарад ва ҷашни арӯсӣ барпо мекунад. Пас аз он ба сохтмони шаҳри Заранҷ оғоз мекунад. Ин замон шоҳи Кобул мемирад ва писараш аз пардохти боҷу хироҷ даст мекашад. Дар ҷанг Асрат тоби кобулиён надорад ва писарашро ба ёрӣ мехонад.

Баъди гирифтани номаи Асрат Гаршосп бо дусад нафар ҷангиёнаш ба ёрии падар мешитобад. Гаршосп душманони падарашро шикаст дод. Пас ба бутхонаи Навбаҳор омад. Дар он ҷо пайкарон (бутҳо) дид ва тасвири ин пайкарон ба бутхонаи Ҳинд монанд ва тасвири пайкарон батафсил аст. Буте зи ёқуту дурр ба сурати моҳ бо кафи пуроб рӯю тан мешуст, канизон ба назди мардон ба музди кори зишт мешуданд. Ба он бут аз музд чиз медоданд. Ин расми

танфурӯшӣ, - мегӯяд нависанда,- имрӯз ҳам дар Ҳинд ҳаст. Дар он хона шаст мард буд, аз пири миёни онҳо аз кӣ будани канизон бипурсид. Гуфт, ки вай Худой асту ин канизон магас меронанд. Ӯро сарзаниш кард, ки бутро Худой нагӯяд, ки Худои ҷаҳон тавоною донои ҷаҳон аст. Он хонаю занро сипоҳ бисӯхт.

Гаршосп бар тахти шоҳии Кобул нишаст. Ганҷи фаровоне ёфт ва ба Асрат фиристод. Духтари шоҳи Кобул ба Гаршосп ҷоми май медиҳад, вале ба вай мегӯяд, худат бинӯш. Духтар мехӯрад ва ҳамон дам мемирад. Ҳамаи хонаводаи шоҳи Кобулро Гаршосп бикушт. Падар дар ин ҷо ҳам панде тӯлонӣ ба писар дод. Чаҳор чиз барои шоҳ бад аст: хирароӣ, баддилӣ, зуфтӣ ва коҳилӣ. Хирад афсари бартарини шоҳ, ганҷи беҳтарини марди дônанда доду бахшиш аст.

Сипаҳбад ба сӯйи Систон рафт. Асирони аз Кобул овардаашро хун бирехт ва аз эшон гили бора сохта, бора ангехт. Як нимаи девори шаҳр аз он карданд. Шаҳри Систонро Гаршосп сохт ва гирдашро барои нигоҳ доштани рег девор кард. Дар он замон паҳлавон чунон вазнин шуда буд, ки ӯро пил то ба ду мил бурдан метавонист. Заҳҳок ин ҳолашро дида, паҳлавонро бо душмани зӯрманде ба ҷанг оварад, то вайро куштан битавонад.

Шоҳи Лоқита Қатрӣ ном дошт ва аз омадани Гаршосп ба ҷазира огаҳӣ ёфт ва се манзил бо сипоҳ ба ҷанг омад. Сипоҳи Лоқита бо фалохун ва эрониён бо тир меҷангиданд. Қатрӣ шоҳи Лоқитаро бикушт. Далерони Эрон шаҳр бигрифтанд, ду духтару сесад канизаки қатриро бибурданд. Дар он ҷо аҷоиботи зиёде бидиданд.

Дар ҷазираи дигар мардеро танҳо аз Андалус дид, ки деве он ҷо аз дусад марди киштии онҳо ҳамаро хӯрда, танҳо ӯ мондааст. Дар ҷустуҷӯйи дев шуданд. Деврo Гаршосп дар горе жарф дид, сифати он даҳшатангез аст. Тире аз қафо бар вай зад, ки аз чашм берун омад, бо теғу санг Манҳаросро бикушт.

Аз он ҷо Гаршосп ба ҷазираи Қоқара расид, бо лашкари он ҷо ҷанг оростанд. Осмон абре (меге) баст, ки дурахшаш аз тегу борон зи хун буд. Шоҳи Қоқара бо устухони гарони моҳӣ бар сари як паҳлавон зад, бари сипар шикаст. Паҳлавон бо тег бар гарданаш бизад, ки сараш ба абр шуд. Лашкари Коқара гурезон шуд, далерони Эрон шаҳр бигрифтанд ва

ҳама симу ганҷи шоҳӣ ба тороҷ бурданд, аз он ҷо бо чиҳил киштӣ роҳи Танҷаро пеш гирифтанд. Тани Манҳаросро бо худ мебурданд, ҳар кас аз диданаш ҳарос дошт, ӯро бо ганҷу хушӣ пазируфтанд.

Аз он ҷо сипоҳро сӯйи Қирвон бурд, хабари омадани вай бо сипоҳ ба шоҳи Қирвон расид, ки сипаҳдорашон савор бар ду пил аст ва деви Манҳарос бибаст. Шоҳи Қирвон ба яке аз се солораш сипоҳи садҳазора супурд. Бар дари шаҳри Фос ин ду лашкар ба ҳам расиданд. Фиристодае аз солори африқоӣ бо паёме дурушт дар мушт биёмад. Гуфт, ки гумон дорӣ монанди Баҳу пирӯз шавӣ ва сипоҳи худро бисутуд. Сипоҳдор фиристодаро дашном дод:

Ба ханҷар забонаш зи бун паст кард,
Зи мӯяш занах чун кафи даст кард.

Лашкари душман дар деҳи Ардия буд. Ҳангоми шом (хуршедзард) кӯси набард зад. Ҷанги гароне баровард ва шаби тира ҳам давом дод. Аз маҳтоб шаб рӯшан буд, нуру торикӣ ба ҳам омехта. Саворе аз душман ба эрониён растахез фиканд. Сипаҳбад думи аспи ӯ бидошт ва чун фалохун ба сад гом бешаш биандохт, лашкари душманро пароканда кард. Баъди баромадани офтоб ҷанг идома дошт. Сипоҳи душманро аз беша ба ҳомун кашид, дар миён гирифтандашон, аз эшон каси бисёре намонд. Солор гирифтор гашт, сипаҳдор ду гӯшу биниаш бибурид ва ба даҳ ҷойи пешониаш доғ кард ва гуфт: Бирав, ҳар чӣ аз ман дидӣ, ба шоҳат бигӯй. Ин бадиҳои кардаам мукофоти он суханҳои бади туст. Ӯро дида шоҳ аз нав кина соз кард. Гаршосп ба вай нома фиристод ва дар нома гуфт, ки кирдори туро Заҳҳок шунидааст, ки ба ҷангу бадӣ хӯ кардааст. Варо бад гуфтӣ ва саркаш шудӣ. Агар бари шоҳ ба меҳтарӣ наоӣ, боргоҳи ту барандозам. Фиристода қирвонро бар тахти бузургӣ дид. Шоҳ фармуд дасти фиристода силӣ ва қароргоҳаш нилӣ кунанд, ба хорию дашном бирондаш.

Кор ба ҷанг кашид. Дар ҷанги рӯбарӯ Гаршосп бар сари шоҳ гурзе бизад, ки замин дар зераш биларзид, мағзаш ба хуну хок баромехт ва сипоҳ рӯй аз ҷанг бардошту гурезон шуд.

Ҳангоми бозгаштан Гаршосп аҷоиботи зиёде дид. Дар бешае нахли зиёди хурмо дид. Аз реге гузашт, аз он рег басе зар бардоштанд. Аз рег бигзашт, бар марғзоре омад, пур аз

мурги рангин буд, аз он мурғон баҳри куштан басе гирифтанд. Кӯҳе бартар аз абр пеш омад. Мурги паранда дар он кӯҳ тавони паридан надошт, ба пой медавид. Дар он ҷо чангҳои ҷавзранг бо нигори (нақши) паланг буд. Аз он касе ба миён мебаст, паланг зиёнаш намекард. Чор бути аз ёқуту зарру дурру ҷомаш даст ба даст дода буд. Ҳар як бо якдигар сухангӯй, бо ангушти намоянда ва сари печонда, бе дилу ҷону будашон сухан, гуфти эшон кас надонист. Дар шаҳре кӯчак мардуми зиёд, ба наздашон чашма, ки паҳниаш аз як тир беш, то шом ҳар кас моҳӣ ба дом овард, ба хуршед хушк мекарданд. Аз ӯ ришта метофтанду аз ӯ ҷома мебофтанд. Чашмаҳои кӯҳ оби чу қанд дошт. Бутхона аз зари хом дид, миёнаш тахте симин, бар он тахт буте хуфта. Сари сол он бут сар меафрошт ва ҷаста наъра мебардошт. Дар давоми дидани Гаршосп шигифтиҳо, ба монанди ҳамин чизҳои ғайричашмдошт омадаанд.

Заҳҳок аз омадани Гаршосп огаҳӣ ёфта, айвону тахт биёрост ва ба чанд мил пазира фиристод. Ба тахт Гаршоспро аз он сӯй шинонд. Хироҷи Ховару Рум, ҳадяҳо пеши шоҳ ниҳод. Он devро баста пеши шоҳ овард, ҳамаи кишвар ба наззора омаданд. Шоҳ ҷом ба ёди паҳлавон бардошт, бар вай ҳадяҳо дод. Паҳлавон ба Систон, ба назди падар омад.

Ҳамон рӯзгор Асрат ба беморӣ афтод, солаш дусаду ҳаштоду панҷ буд, ки нози гетиву ганҷ бар вай сар омад. Ҷаҳонпаҳлавон ба ҷояш шоҳ шуд. Ҳамон сол Заҳҳок ҳазорсола шуд. Фаридун биёмаду ҷаҳон аз он морфаш тиҳӣ кард. Сарашро ба гурзи кайӣ кӯфту танашро ба Дамованд бурд. Бар ороиши Меҳргон ҷашн сохт, ойини ин ҷашн аз ӯ хостаст. Омулро нишастгоҳ сохт. Коваро барои нигаҳбонии марз ба Ховарзамин фиристод. Нома ба Систон, ба Гаршосп фиристод, ки ҳамасола пушти гавон бошад. Хабар аз барҳам задани ҷодуӣ ва Заҳҳок дод ва ба расидани меҳмони нав – Наримон ӯро табрик гуфт ва хоҳиши дидани ӯро кард. Ӯро даъват дод, ки бо Наримони ҷавон биёяд ва сипоҳро зӯру тавоною обурӯ диҳад.

Гаршосп бо ҳамроҳии Наримон аз Омул ба Балх рафт, дар Келиф аз Ҷайҳун гузашт. Асадӣ ин ҷо мегӯяд, ки Мовароуннаҳрро он замон то марзи Чин Тӯронзамин мегуфтанд. Шаҳон то Чочу Хутан ба ӯ алаф бурданд, он вақт замини Самарқанд хоки канда буд. Сипаҳбад то шаҳри Чоч

биронд. Дар деҳе онҳо истоданд, дижи куҳане буд, ними шаб садое баромад, як гӯшаи диж нагунсор ва чиҳил деги рӯйин падидор шуд. Ҳамаи онҳо пурзӯр буданд. Аз он ҷо ба шаҳри Сипанҷоб рафт, бузургону кордору деҳқон буданд. Ӯро ба шодӣ пазируфтанд. Сифати рӯди Айлакрӯд зиёд аст.

Гаршосп ба номи хоқони Чин нома навишт ва аз ӯ фармонбари ба шоҳи Эрон фиристодаро аз тухмаи шоҳаш ва динаш бипурсид. Посух дод, ки шоҳро нахуст хирад бояду ройи дуруст. Дини Фаридун Яздони каюмарсӣ аст. Нажодаш аз Таҳмурас ва ба дил душмани кеши Заҳҳок аст. Шахси яздонпараст ва додгар мебошад. Хоқон писандиду фиристодаро ба як ҳафта мондан хост.

Хоқон бародаре дошт, падарашон аз ҷаҳон бишуд, он ду ҷӯяндаи тоҷу тахт шуданд. Саранҷом хоқон Ючир галаба кард. Бародар кушта шуд. Аз ӯ писаре саркашу кинаҷӯй монд. Ҳамасола бо амакаш пархош мекард, метохту тороҷ мекард. Ҳамин ҳафта боз сӯйи ҷанг омадан мехост. Хоқон дар андеша буд, ки бо ин паҳлавону писари бародар чӣ мекунад. Аз меҳон чӣ кор кардан бипурсид. Маслиҳат доданд, ки ҳама божи Заҳҳокро додаанд. Фаридун ба фарҳангу фар ва доду нажод беҳтар аст. Ин паҳлавонро бихон ва ҳадя бидеҳаш. Фиристодаро бо асп баргардонд. Паҳлавон биёмад, бо шукӯҳу бузургӣ ӯро пазира шуд, як ҳафта базм идома дошт.

Баногоҳ хурӯше баромад, базм вайрон шуд. Сипаҳбад аз шоҳ Ючир пурсид, ки чист? Чӣ лашкар расиду Такантош кист? Шоҳ ҳама қисса бигуфт. Ба Такантош гуфтанд, ки аз Эрон паҳлавоне бузург омада, ба хоқон Ючир ҷанги ту хостааст. Аз теғи кӯҳ ба поён омад ва сари кин зад. Наримон эрониву зовулӣ ҳамаро ба ҷанг бурд. Ҷанги азиме барпо шуд. Такинтошро Наримон бо каманд бигрифт ва кашон пеши хоқон бурд. Чу сар намонд, туркон гурезон шуданд. Такинтошро ҷое ниҳон бурд ва ҷаҳон бар вай сар овард. Ба Наримон ҳар гуна ҳадяҳо бахшид. Аз он ҷо Гаршосп сӯйи Фагфур шуд ва ба марзи биёбоне расид: заминаш ҳама доги пойи парӣ, дарозию паҳнои ӯ номаълум, ба ҳар сӯ деве, ба ҳар гӯша сари гӯле, мори парранда, бисёр бикуштанд ва ба даҳ рӯз аз он ҷо бигзаштанд ва шигифтиҳои зиёде диданд. Ба наздашон намояндаи шоҳи Соҷ омад ва гуфт, ки аз Эрон пайкори фагфури Чин омадӣ. Ман бандаи ӯям, семоҳа то ӯ роҳ аст, ҳар чӣ мехоҳӣ, аз ман бихоҳ. Аз ҳар шаҳре бож ба

онҳо доданд, Гаршосп Наримонро фиристод ва ба ӯ панд дод. Наримон дар Тӯрон шигифтиҳо дид.

Гаршосп номае бо хашму кин ба фағфури Чин навишт ва божу сову омаданашро ба назди худ талаб кард. Фиристода баргашту омодагии Фағфурро ба ҷанг хабар дод, бо як писараш. Ба разми вай Гаршосп боз Наримонро фиристод. Ба ҳам бархӯрданду разме бархост, ки зеру забари заминро рост кард. Разм то расидани шаб идома ёфт ва баъди фурӯ рафтани офтоб орамиданд. Чу рӯз шуд, аз чиниён касеро надиданд. Дар пояшон рафтанд, рӯзи дигар ба онҳо расиданд. Ҷанги сахте бо талоя шуд. Хоқон камин гирифта буд, Наримон тани ӯ дуним кард. Сарашро пеши сипоҳ бурданд, ин сари писари фағфури Чин буд. Наримон сипоҳро аз он харобӣ дур бурд ва ҷаҳонпаҳлавон даррасид.

Фағфури Чин аз кушта шудани писар огаҳӣ ёфт, як ҳафта ба сӯги писар буд. Пас кори набард биёрост. Қало ном савори беҳамторо саду сӣ ҳазор бидод ва назди Ҷармос – пури бародараш фиристод. Сипоҳе аз дусад ҳазор дар ҳам кашиданд ва ба шаҳри Куҷо пеш рафтанд. Гаршосп Наримону зовулгурӯҳро ба ҷанг фиристод, худ он ҷо бимонд. Ба марзи Куҷо ҳар ду лашкар ба ҳам расиданд. Ҷангу ҷӯш аз дарё ба дарё расид. Ҳама сипоҳ, замину кӯҳ ба ҷунбиш омад. Се рӯз пайкори сахт буд. Сарон аз ҷанг сер шуданд. Наримон дар миёни ду саф зад, чапу рост мезад. Қало заъфи пешкорро аз он ҳамла дида, бо теғе ба даст хурӯшид, ки биист, ки замонат сар омад. Наримон бо тире бар сари турк бизад, Қало аз зин ба хок шуд, туркон рӯй ба гурез оварданд. Эрониён гурӯҳогурӯҳ аз туркон куштанд ва шонздаҳ ҳазор гирифтор омад. Ҷармос танҳо сӯйи беша тунд мерафт. Дарахте бар гулӯяш банд шуд, асп бирафту Ҷармос бар дарахт кушта шуд. Наримон ба гирди Куҷо хайма зад. Меҳтари он шаҳр бузургонро ҷамъ овард ва гуфт, ки зинҳор хоҳем, то кинаҷӯйи мо набошанд. Меҳтар ба Наримон сазои ӯ ҳадя дод. Сипаҳдор қабул кард ва он шаҳр ба дод биёрост.

Баъди фасли кӯтоҳе бо номи «Достони Қубод» бахши «Рафтани Наримон ба шаҳри Фағфур» омадааст. Наримон ҳама ганҷи ҷамъомадаро ба солори Куҷо дод, то ба Гаршосп биспорад. Худ ба Фағфур шуд, сипоҳи шоҳи Фағаншӯр Фирустӯҳ буд. Дар майдон говмеше мардумеро пеш андохта метохт. Наримон суруҳояш (шохҳояш) ба даст гирифт,

сарашро канда дур андохт. Чашми шоҳ аз бим тира шуд. Сад тахти зебо сохт, панҷоҳу панҷ бадра аз динори Чин ва дигар ганҷҳои фаровон, ҳазор уштур, аспу уштуру ридакон ҳангоми баромадани офтоб ба пеши Наримон бибурд ва фиристода изҳори бандагӣ кард. Замоне ба базму шодӣ машгул буданд. Фирустӯҳ шоҳсифат аз нахчиргоҳи худ гуфт ва Наримонро ба он ҷо хонд. Вакти хазон буд, ба дашт шуданд. Наримон аз дизи аҷибе бипурсид. Шоҳ гуфт, дузде бо шаст мард дар он аст, аз говону гӯспандонам чандин рама бурдааст, ба тороҷ машгул аст, сипоҳ ҳамаи дуздонро бикушт ва дизро ба Фирустӯҳ дод.

Хабари куштани Ҷармос ва Қало ба Фағфур расид. Такинтошро хонду чорсад ҳазор гурдон гузин кард, ду кас аз хешон солор кард, ҳама пеши Гаршосп рафтанд. Дигар лашкаре бекарон назди Наримон ба ҷанг омад. Ба Наримон хабари омадани лашкари беандоза расид, дарозии лашкар ба дарозии паридани уқоб ду моҳ. Лашкарҳо ба ҳам расиданд, ҳама шаб дар ороиши сипоҳ буданд, дами субҳ ҷанг огоз шуд. Гаршосп бо пил метохт, то охири рӯз аз куштаи чиниён рӯди Нил сохт. Шаб ду лашкар аз пайкор баргаштанд ва рӯзи дигар ҷанг давом дошт. Як ҳафта чунин буд, ҷаҳон бар чиниён танг гашт. Ҷосусони онҳо морҳои паррандаро аз сари кӯҳ аз пушти эрониён паррон карданд. Аз даруни абр аждаҳо намуданд, бо боди сард тагарг оварданд, пас сармои барф шуд. Паҳлавон кас фиристод, сари ҷодувон бигрифтанд ва ҷаҳон аз сармо пок шуд. Паҳлавон бузургонро ба ҷанг даъват дод ва солорашонро ба хишт бар замин зад. Туркон ноком шуданд ва роҳи фирор пеш гирифтанд. Ҳама чиз бимонданд ва онҳоро эрониён ба хок як моҳ ҷамъ оварданд.

Фағфур ба ҷанги Наримон омодагӣ дошт, сипоҳе ҷамъ омад, ки аз гетӣ ва марг боке надошт. Бар чор пил аз пирӯза тахте ниҳоданд. Фагфуршоҳ бар он тахт бо чатру ба сар кулоҳ аз фирӯза нишаст ва бо худ буте барои бахти пирӯз бибурд. Аз он сӯ Наримон ба якрӯза роҳ лашкар биёрост. Турке бо сӣ ҳазор сипоҳ, бе огоҳии шоҳи Чин, биёмад. Арфаши кобулӣ, аз рост Озаршани Зобулӣ бадхоҳро дар миён гирифтанд. Дар он шаб ҷуз андаке нарастанд, гурезандагон дами субҳ назди Фагфур расиданд. Ситорашумор бигрехт. Ду лашкар ба ҷанг омаданд. Эрониён бути тахти Фағфуру пилон ҳама бигрифтанд. Наримон чирадаст ва ба базму шодӣ

нишаст. Фағфури Чин ба бутхонае паноҳ бурда буд, боло шуду дасти Наримон ба шарм гирифт. Ӯро ба назди ҷаҳонпаҳлавон овард. Ӯро пешвоз гирифту аз бари тахт нишонд ва аз ӯ пӯзиш хост. Ганҷи Фағфуру тороҷ сӣ ҳазор дирам, ними он динор ва ганҷи зиёди дигар бор кард, ки дар навишти Асадӣ бешумор аст. Ҳамаи ин молро гузида, Гаршосп ба Фаридун нома фиристод ва шоҳи Чинро бо он ҳама ганҷ ба ҳамроҳии Наримон фиристод. Мардуми Омул ба дидани Фағфуршоҳ ҳама берун баромаданд:

Тирозида бар пил авранги ӯй,
Зи гавҳар гирифта ҷаҳон ранги ӯй.
Яке чатри товусранг аз бараш,
Абар сар зи ёқуту дур(р) афсараш.

Поёни «Гаршоспнома» аз зан хостани Наримон, зодани Соми Наримон, достони Қубоди Кова, корнамоии Гаршосп бо шоҳи Танҷа ва размҳои ӯ гуфтугӯ мекунад. Дар бозгашт аз Танҷа сипаҳбад дар он марз чанде бигашт, то он ҷоро бубинад. Аз ҷумла, мурғе дид хубранг ва ба ниҳоди куланг. Мурге дигар рангин ба сони тазарв асту кӯр. Мурғаки кӯчаке омада, ба вай обу чина (дона) диҳад. Аз зиёдии чина жоғараш пур шавад, ӯро бидарад. Деҳе дид ва дар он бутхонае дараш сапеду сиёҳ, заминаш ба як пора аз ложвард, буму дар ҳама минои зард. Ба тахте бар ӯ шере аз симу зар. Бар пушти шер буте аз зар, ба даст оина, ба оина чеҳра медид. Ҳар дардманде ба оина нигоҳ мекард, агар чеҳрааш намедид, мерафт, агар дидӣ, боз ба ҷой шудӣ. Гаршосп аҷоиботи дигар бидид ва ба Эрон бозгашт.

Ҷаҳонпаҳлавон шод мезист, солаш ба ҳафтсад шуд. Рӯзе ба нахчир буд, ба дашт омад, аз пой афтоду бемор гашт. Ба ахтаршинос фармуд, ки бинад, аз рӯзгор баҳра чӣ мондааст. Ситорашумор гуфт, ки агар даҳ рӯз безиён бигзарад, солиён бо коми дил зияд. Хешу пайвандро ба гирди хеш шинонду гуфт, ки маро аз Эзад паём омад, бар асп шудан акнун лагом кардам. Наримон барои ман ба ҷойи писар аст, чу ман рафтам ӯ шуморо сар аст. Хешон ҳама зор гуфтанд, ки мо бе ту як рӯз шод набошем, ту аз Худой ҷовид хушнуд бош. Пас ба Наримон панд дод, дар рӯзи даҳум Соому Наримонро бихонду ёд аз Яздон кард ва омӯрзиши гуноҳонро хост ва ҷон ба Яздон дод.

**Хусусиятҳои ғоявӣ ва ҳунарии достон.** Достони

«Гаршоспнома»-ро Асадӣ ба соли 458 ҳиҷрӣ (1065-66 мелодӣ) ба поён расондааст. Ин достони бузург моҷарои ягона ва равиши пайдарҳами сужет надорад. Ба ин достон гоя ва мақсади ягона, монанди «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, хос нест. Аз ин рӯ, банду басти дохилии достон дар бахшу ҳиссаҳо, достонҳо ва фаслҳои достонию ахлоқӣ сахт устувор нест. Бо вуҷуди ин, ба назари мо, достонро баъди огози расмии он, ба чор бахш ҷудо кардан мумкин аст: бахши муқаддимотии достон, ки аз тазвиҷи духтари шоҳи Зобул бо Ҷамшед то таваллуди паҳлавон Гаршосп идома меёбад. Ин бахш кушта шудани Ҷамшедро дар марзи Чин низ дар бар мегирад. Бахши дуюми достон аз омадани подшоҳ Заҳҳок ба Зобул, огози корнамоии Гаршосп, корномаи ӯ дар Ҳинд то баргаштани вай аз Ҳинд ба Эрон. Бахши сеюми достон корномаи Гаршосп дар Руму Шом, то пазиро шудани шоҳи Рум Гаршоспро ва баргаштан ба Эрон. Бахши чаҳорум сипарӣ шудани рӯзгори падари Гаршосп – Асрат, кушта шудани Заҳҳок ва ба подшоҳӣ расидани Фаридун то анҷоми рӯзгори Гаршосп аст.

Достони «Гаршоспнома» асари бисёр мураккаб аст. Дар бахши якум омадани Ҷамшеди гуреза аз Заҳҳок ва бо духтари шоҳи Зобул издивоҷ кардан ва силсилаи подшоҳон аз насли Ҷамшед тасвир шудаанд, ки охирини онҳо Асрат – падари Гаршосп мебошад. Дар бахши дуюм ҳама корномаҳои Гаршосп дар Ҳиндустон рӯй медиҳанд. Вай бо лашкари шоҳи Ҳинд – Баҳу ҷанг мекунад, баъд бо подшоҳи Сарандеб ва ӯро ҳам шикаст медиҳад. Ин бахши достон то ҷое ба корномаи Искандар дар Ҳинд монанд аст. Ҳамаи ҳодисаҳо дар Ҳинду Сарандеб ва дигар ҷазираҳо рӯй медиҳанд. Аз разму ҷанг дида дар ин бахш тасвири аҷоиботи дидаи Гаршосп бештар аст. Дар Сарандеб вай қадамгоҳи ҳазарти Одамро дид ва доманаи аҷоиботи тасвиркардаи шоир ниҳоят фаровон аст. Дар бахши сеюм ҳодисоти Руму Шом ва дигар кишварҳои афсонавӣ ва воқеӣ, достони Гаршосп ва духтари қайсари Рум, моҷарои шоҳи Кобул бо Асрат ва ба тахти шоҳии Кобул нишастани Гаршосп, сохтани Систон аз ҷониби Гаршосп ва боз чандин шоҳи дигар тасвир шудааст. Бахши чорум корномаи Гаршосп бо ҳамроҳии Наримон дар Тӯрон аст. Тасвири аҷоиботи замину обу дарахту ҳайвоноти он сарзамин, подшоҳон ва давлатдории онҳо, панди Гаршосп ба

Наримон ва ғайра дар ин бахш омадаанд. Достон бо вафоти Гаршосп анҷом меёбад.

Хусусияти аз ҳама муҳимми ин достон дар тасвири размҳо, муносибат миёни шоҳон, воқеаю рӯйдодҳо зоҳир мегардад, ки бештар хусусияти афсонаӣ доранд. Дар достон тасвирҳои афсонаӣ, манзараҳо, замону макон, зоҳири қаҳрамонон, урфу одатҳои бутпарастон бо ривоятҳои фаровони ҳиндӣ ва чинӣ дар ҳамбастагӣ омадаанд. Аҷоиботи табиат, дарахтон, ҷонварон аз моҳии дарё то парандагон, дижу бутхонаҳои буддоӣ ниҳоят фаровонанд ва ба тафсил баён шудаанд. Тасвири табиат, тасвири шаб дар қиёс бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо назари хос баён шудаанд. Масалан, дар тасвири шаб шоир мегӯяд:

Шабе буд зи маҳтоб чун рӯз пок,
Зи сад мил пайдо баланд аз мағок.
Ба ҳам нуру торикӣ омехта,
Чу дину гунаҳ дар ҳам омехта.
Замин яксар аз соя в-аз нури моҳ
Ба кирдори аблақ сапеду сиёҳ.

Дар достон панду андарз зиёд аст. Онҳо гоҳо ба шахсон ба шакли тӯлонӣ муроҷиат шуда, дар мавридҳои дигар дар раванди муносибати қаҳрамонон, дар мавридҳои дигар вобаста ба мавқеи қаҳрамонон ва раванди ҳодисаҳо гуфта шудаанд. Образи қаҳрамонон муҳташам ва барҷаста тасвир шудаанд. Заҳҳокро нависанда морчеҳр мегӯяд. Ҷамшед намунаи зебоии инсон мебошад, Фаридун некихоҳу адолатпарвар аст. Гаршосп ба як муҷассамаи ҷанг монанд аст, ки аз чизе намеҳаросад ва тану тӯши захим дорад. Ба ҳангоми бузургсолӣ ӯро ду фил мебардорад. Шахсияти қаҳрамонон ба идеали шоҳи бебоку нотарсу дар ҳама ҳолат ғолиб мувофиқат дорад.

«Гаршоспнома» достони бузург аст, вале онро дар баробари «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ гузоштан мумкин нест. Ба монанди «Шоҳнома» идеяи эронгароии маҳз ин достон надорад, балки манзумаи размию ахлоқӣ аст. Аз ин рӯ, онро як бахш аз ҳамосаи паҳлавонии миллӣ донистан имкони тасдиқ надорад.

## ҶАРАЁНИ ТАСАВВУФ ВА ТАЪСИРИ ОН БА АДАБИЁТ

1. **Тасаввуф ҳамчун ҷараёни иҷтимоӣ ва фалсафӣ**. Калимаи тасаввуф баромади арабӣ дорад ва маънояш пашминапӯш, гирифта аз вожаи суф ба маънои пашм аст. Тоифае аз ходимони Каъба дар замони ҷоҳилият одоби тарки дунё ва руҷӯъ ба ботин доштанд ва онҳоро аҳли суфа мегуфтанд. Баромади тасаввуфро аз ин ҷо ҳам донистаанд. Гоҳе баромади ин истилоҳро бо мафҳуми фалсафии юнонӣ – теософия низ пайванд додаанд. Вожаи "сӯфӣ" бо "sophosu"-и юнонӣ, ки маънои оқилу зирак ва ҳушманд дорад, низ мавриди эътибори донишмандон қарор ёфтааст. Номҳои "сӯфия", "мутасаввифа" дар нисбати тариқату рафтор (пашминапӯш) маъмул шудаанд.

Падидаҳои тасаввуф дар асри VIII дар ҷомиа мушоҳида шудаанд. Тасаввуф як падидаи бисёр мураккаби иҷтимоӣ ва дар тӯли замоне дароз рушду такомулу тағйир ёфта ва парваридаи замони худ аст. Дар асри ҳаштум тафовути табақотӣ дар ҷомиа инкишоф ёфта, муборизаи гурӯҳҳо ва мухолифат бо ҳокимияти хилофати Умавия ба вуҷуд омад. Дар ҳамон замон нишонаҳои порсоии ошкоро, тақводорӣ ва тарки дунё (аскетизм) ба вуҷуд омаданд. Аввалин намояндагони ҳаракати сӯфия, ба ақидаи Е. Э. Бертелс, равияи махсуси муҳаддисон буданд, ки дар оғоз онҳоро зоҳид ё обид мегуфтанд. Онҳо ба шиддат ба омӯзиши Қуръон ва зикри қудрати Илоҳӣ машғул буданд ва мегуфтанд: "фазкурунӣ азкурукум – пас маро ёд кунед, то [ман низ] шуморо ёд кунам" (Бақара, ояти 152).

Дар рафтори зоҳидон нишонаи асосии тасаввуф – дунёбезорӣ (мистика) мушоҳида намешавад. Аввалин нишонаҳои дунёбезорӣ дар рафтори Робиаи Адавия (713/718-801) мушоҳида мешавад. Вай муддате дар биёбон зиндагии гӯшанишинӣ дошт, ба Басра омад ва ҳамфикронаш дар гирди ӯ ҷамъ омаданд. Ишқи илоҳӣ, ба маънои пайвастан ба Худованд, дар гуфтору рафтори Робиъа мушоҳида мешавад. Ҳаракати дарвешӣ ва гӯшанишинӣ замина барои тасаввуфи асрҳои X-XII гузоштанд. Тасаввуф дар ибтидо як навъ эътирози табақаҳои миёна ва поёнии ҷамъият ба муқобили сарватмандии давлатдорон ва табақаи ҳукмрон буд. Чунонки дар боло гуфтем, тасаввуф ҳеч гоҳ ҷараёни ягона набуд ва ин

ҳақиқатро Е. Э. Бертелс тасдиқ менамояд. Бо вуҷуди ин тасаввуф дар таълимоти худ аз се зина иборат аст: шариат, тариқат, ҳақиқат. Шахси ба роҳи тасаввуф иқдом ниҳода, пеш аз ҳама, бояд мусулмон бошад. Гузашта аз таъсири аносири зиёди таълимоти мазҳабӣ, фалсафӣ, русуму одатҳо, ки ба тасаввуф ворид гардид, аз огоз то ба охир ҷанбаи исломӣ дошт. Баъди фаро гирифтани асосҳои шариат марҳалаи тариқат огоз мегардад. Барои ба роҳи тариқат рафтан таълимоти муайяни ахлоқӣ, равонӣ ва русуму одоби сӯфияро бо роҳбарии шахсе, ки "пир" хонда мешавад, бояд ҳосил намояд. Тариқатро сулук ва шахси ба ин роҳ равандаро солик мегӯянд. Ин солик бояд роҳҳои камолотро тай кунад ва зинаҳои камолотро мақом мегӯянд. Зинаҳои камолот дар равияҳои гуногуни тасаввуф фарқ доранд. Онҳо назди орифони форсӣ аз ҳафт мақом иборатанд, масалан, дар таълимоти Шайх Аттор. Бо таълимоти Қуръон ин зинаҳо асоснок карда мешаванд: "Ва мо минно илло лаҳу мақомун маълум – [Фариштагон гуфтанд:] ва касе аз мо нест, магар он ки ҷойгоҳе муайян дорад" (Соффот, ояти 164). Мақомҳои тасаввуф аз тавба, вараъ, зуҳд, фақр, сабр, таваккул, ризо (гоҳе фано) иборатанд. Шайх ё пир хонақоҳ дошт ва шогирдони онҳоро мурид мегуфтанд. Тасаввуф ба равияҳои дунёбезории ойинҳои дигар, масалан, аскетизми масеҳӣ кам монандӣ дорад.

Қавли муаллифи китоби «Табсират-ул-авом» Саид Муртазо ибни Доъӣ Ҳасании Розиро Забеҳулло Сафо хулосаи хубе дар аҳволи сӯфияи асрҳои XI-аввали асри XIII медонад. Вай гуфтааст: «Сӯфиён дар замони мо шаш фирқаанд: 1. Онон, ки даъвии иттиҳод мекунанд, яъне муътақид ба ваҳдати вуҷуданд ва маншаи қавли эшон суханони Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ аст. 2. Фирқае, ки худро ушшоқ хонанд ва мегӯянд, бояд тарки алоиқи дунё кард ва ба тафаккуру риёзат машгул шуд ва ба шавқу муҳаббат ва ишқ ба Маъбуд дар кор истод, то мустаъиди қабули улуми ғайбия гардид. 3. Нурия, ки гӯянд ҳиҷоб ду аст: яке нурӣ ва дувум норӣ. Он чи нурӣ бувад, машғул бувад ба иктисоби сифоти хуб, чун таваккул ва шавқ ва таслим ва муроқибат ва унс ва ваҷду ҳолат. Аммо он чи норӣ бувад, машгул бувад ба афъоли шайтон, чун фисқу фуҷур ва ҳирсу шаҳват ва амсоли он. 4. Фирқаи восилия, ки гӯянд мо восилем ба Ҳақ(қ), намозу рӯза ва закоту ҳаҷ ва

аҳкоми дигар аз баҳри он ниҳодаанд, то шахс аввал бад-он машгул шавад ва таҳзиби ахлоқ ҳосил кунад ва ӯро маърифати Ҳақ(қ) ҳосил шавад ва чун маърифат ҳосил шуд, восил бувад, яъне ба Ҳақ расида бошад ва чун восил шуд, таклиф аз вай бархост ва ҳеч чиз аз шароеъи динӣ бар вай воҷиб набувад ва ин мазҳаби ҷумлаи орифон бошад, ки дар замони моанд. 5. Панҷумин фирқа аз сӯфиён мегӯянд, эътибор ба назар ва истидлол набошад ва муморисати улум ва дарсу назар ва касби илм кардан ҳаром бувад. Ва маърифати Ҳақ(қ) ба муҷоҳида ва талқини шайх ҳосил шавад. Ва гӯянд имон на махлуқ аст аз баҳри он, ки феъли Худост ва афъоли Худои таъоло номахлуқ аст. Ва гӯянд саодати ухравӣ ба муҷоҳида ва риёзат ҳосил тавон кард ва эътибор ба улум набошад. 6. Фирқаи шашум мардуми шикамхораанд, ки на илм доранд ва на дин, ба атрофи олам мегарданд аз баҳри луқмае ва ҳамеша толиби таом ва рақс бошанд».

Дар ин суханон равишҳои асосии ҷомиа ва таълимоти сӯфия ифода шудаанд. Фирқаи шашум яқинан ҳамон равияи дарвешон аст, ки дар ҳар минтақа ва замонҳо русум ва таомули ба худ хос доштаанд. Аз ҷумла, дар Ҳинд ва манотиқи наздик ба он ин тариқа ривоҷи бештар дошт. Фирқаи якум таълимоти ваҳдати вуҷудро ба равиши Мансури Ҳаллоҷ пайравӣ мекунанд, ки вижагии хоси ӯ даъвои «ана-л-Ҳақ(қ)» (Ҳақ манам) буд ва бо ҳамон кушта шуд. Шавқу муҳаббат, тарки алоиқи дунё, аз роҳи ишқ ба Ҳақ расидан аз вижагиҳои фирқаи ушшоқ аст. Дар фирқаи сеюм асос таълимоти ахлоқии неку бад мебошад. Фирқаи чорум таълимоти ахлоқ ва пайвастагӣ ва васл ба Ҳақ(қ) аст, ки орифон ба ин равия рафтаанд ва таълимоти фалсафии ирфон ба ҳамин фирқа такя дорад. Аммо нукоте аз фирқаи ваҳдати вуҷуд ва ушшоқ низ ба он пайванд меёбад. Дар ҳамаи фирқаҳо рафтан ва расидан ба Ҳақ(қ) аз мавқеи ойини мусулмонӣ, илм (ҳам исломӣ ва ҳам ақлӣ) ва шавқу ҳиссиёти дарёфти ҳақиқат (тасаввуф ва ирфон) асоси таълимӣ, амалӣ ва русуму одоби тасаввуф мебошад.

Тасаввуф се тариқати асосӣ дорад: 1. Пайвастагӣ бо шариат ва эҳтиёт аз тарк кардани заруриёти шаръӣ. Аз ҷумлаи бузургони ин тариқат Абулқосими Қушайрӣ (986-1072), Абдулқодири Гелонӣ (981-1165) ва Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро донистаанд. 2. Камтар гирифтори банди қоидаҳои

шариат будан ва пайвастагӣ бо завқу шуҳуди қалбӣ. Бузургони ин равия Боязиди Бастомӣ (аввали асри IX-877), Мансури Ҳаллоҷ (вафоташ 921) ва Муҳйиддин ибни Арабӣ (1165-1240) дониста шудаанд. 3. Гурӯҳи ҳамоҳанги миёни ин ду равияи шариат ва ҷустуҷӯйи ҳақиқат, ки Абӯсаъид Абулхайр (967-1049), Шайх Аттор (1146-1222) ва Мавлавӣ Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ (1007-1072) мебошанд. Маломатия ва каромия низ дар баробари шуъбаҳои хурдтари сӯфия мавҷуд буданд.

Таълимоти ваҳдати вуҷуд, ки ягонагии ҳастӣ, пайванди мавҷудот ва инсонро бо Холиқи ягона мешиносад, таълимоти меҳварии тасаввуф мебошад. Ориф бо роҳи даст кашидан аз пайвастагӣ ба олами зоҳир ё маҳсус ба покию сафо расида, ба Офаридгор мерасад ва ваҳдату ягонагӣ меёбад. Ин таълимот бо роҳи ишқ ба Офаридгор расидан аст ва ишқ болотар аз роҳи донишу ақл дар маърифат аст. Нуқтаи охири ишқ расидани толиб ба матлуб мебошад.

Тасаввуф, таълимоти амалӣ ва назарии он, бегумон, дар асоси таълимоти ислом, дар ҷомиаи мусулмонӣ ба вуҷуд омад ва таълимоти аскетикӣ (дунёбезорӣ), ё худ зоҳидонаи он як равияи дини ислом аст. Чунонки маълум аст, ҳамаи динҳои бузурги ҷаҳонӣ як шохаи мистикии худро доранд ва пайдоиши тасаввуф дар ислом зуҳуроти як қонунмандии умумӣ дар маънавият ва рӯҳонияти башар аст. Таълимоти ойини буддоӣ, миститсизми масеҳӣ, баъзе андешаҳои тоисломии Эрони қадим, чун таълимоти зардуштӣ, маздакия ва таълимоти фалсафии мавҷуд дар олами исломи асрҳои IX-XI, ба монанди фалсафаи пайравони ҳикмати Юнон ва пайдоиши илми калом ба равишҳои тасаввуф таъсири муайяни таълимотӣ, замонӣ ва макони доштанд.

Китобҳои зиёде дар заминаи таълимоти тасаввуф ба вуҷуд омадаанд, ки дар ибтидо ба забони арабӣ иншо шуда ва баъдан китобҳо дар бораи таълимоти сӯфия, табақоти он, рӯзгори машоихи бузург ба забони форсӣ ба вуҷуд омаданд, ки "Кашф-ул-маҳҷуб"-и Ҷуллобии Ҳуҷвирии Ғазнавӣ, "Тазкират-ул-авлиё"-и Шайх Аттор ва "Нафаҳот-ал-унс"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ намунаи онҳо мебошанд.

Асри X ва огози қарни XI дар таърихи тасаввуф аз давраҳои муҳим ба ҳисоб меояд. Маҳз дар ҳамин давра бунёди назарии тасаввуф ба забони порсии дарӣ ба китобат

даромада, заминаи вуруди тасаввуф ба адабиёт фароҳам омад. Пардохтан ба тарғиби таълимоти тасаввуф ба воситаи шеър низ дар ҳамин давра огоз шуд. Машоихи тасаввуфи ин аҳд таълимоти сӯфиёни пешинро идома дода, онро аз ҳар ҷиҳат такмил кардаанд. Дар ин давра теъдоди шайхони бузурги тасаввуф меафзояд. Бино ба ахбори Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ, дар замони вай сесад нафар шайхони бузурги тасаввуф танҳо дар Хуросон будаанд, ки ҳар кадом дорои машраби хоссе будаанд. Аз ҷумлаи намояндагони машҳури тасаввуф дар асри X ва оғози қарни XI нафарони зеринро метавон ном бурд: Абӯяъқуб Юсуф ибни Ҳусайни Розӣ, Абӯбакр Варроқи Тирмизӣ, Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ, Ҳусайн ибни Мансури Байзовӣ, Мӯсо ал-Ансорӣ, Шайх Абулфазл ибни Ҳасани Сарахсӣ, Шайх Абулаббос Қассоби Омулӣ, Шайх Абӯалӣ Даққоқи Нишопурӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Ҷаъфари Хараќонӣ, Абӯсаъид Фазлуллоҳ ибни Абулхайри Меҳанӣ, Шайх Абӯалӣ Абдурраҳмон Сулламии Нишопурӣ, Шайх Абулқосим Абдулкарими Қушайрӣ ва дигарон.

Андак-андак аҳли тасаввуф дар ҷомиа бо ба миён омадани хонақоҳҳо, ташкили доираи васеи пешвоён ба номи шайху пир ба як табақаи иҷтимоии ҷамъият табдил ёфтанд.

2. **Таъсири тасаввуф ба адабиёт**. Асрҳои XI-XII замони ташаккули адабиёти тасаввуфӣ буд. Дар ибтидо сӯфиён дар маҷлисҳои худ таронаҳои халқиро истифода мебурданд. Тадриҷан худи онҳо ҳам шеър мегуфтагӣ шуданд. Аввалин нафаре, ки дар маҷлиси сӯфиён ва самоъ хондани шеъри форсиро ба расмият даровард, Абӯсаъиди Абулхайр буд. Шеъри сӯфиёни давраи аввал аз рубоию дубайтиҳои шаклу мазмунан ба эҷодиёти халқ наздик ва ғазалҳои ба хитоба монанд иборат буд. Тадриҷан адабиёти сӯфиёнаи комил ба вуҷуд омад. Дар ривоҷи адабиёти тасаввуфӣ саҳми Бобо Кӯҳӣ, Бобо Афзал, Бобо Тоҳири Урёни Ҳамадонӣ, Абӯсаъиди Абулхайр, Абдуллоҳи Ансорӣ, Саноӣ, Шайх Аттор ва дигарон хеле бузург аст. Ба сифати аввалин шоири сӯфӣ Саноии Ғазнавӣ шинохта шудааст. Ба тасаввуф майл кардани Саноӣ ба давраи дуюми фаъолияти эҷодиаш рост омада, ашъори дар ин давра сурудааш ҳамроҳ бо маснавии машҳураш «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариат-ут-тариқат» вайро ҳамчун сарҳалқаи шоирони сӯфӣ муаррифӣ кард. Таъсири

афкори тасаввуфӣ ва шеъри ирфонии Саноӣ ба шоирони баъдина, аз ҷумла Фаридуддини Аттор ва Ҷалолиддини Балхӣ, қобили қайд аст.

Чеҳраи шоирии баъзе шахсиятҳои машҳури тасаввуфу ирфон, ба монанди Абӯсаъиди Абулхайр (968-1049) ва Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (1005-1088), агарчи аз қавли онҳо шеър нақл шуда, дар гуфторашон аз шеър суд ҷуста ва бо шеър ҳамеша қарин будаанд, то имрӯз машкук боқӣ мемонад. Ба ҳар сурат, ба номи Абӯсаъиди Абулхайр то имрӯз беш аз шашсад байт ашъор мунташир шуда ва аз Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар сарчашмаҳои гуногун ба забонҳои арабию форсӣ ашъори зиёде нақл шудаанд. Худи Ансорӣ ба шеър гуфтани хеш ва беш аз шаст ҳазор байтро ташкил додани ашъори арабиаш ишора кардааст. Саъид Нафисӣ, ки дар ҷамъоварии ашъори мансуб ба Абӯсаъиди Абӯлхайр саҳм гузоштааст, чеҳраи шоирии Абӯсаъидро инкор накарда ва миқдори қобили таваҷҷуҳи ашъори мавҷудро ба ӯ нисбат додааст.

Навъҳои асосии шеъри тасаввуфӣ маснавӣ, ғазал, қасида, рубоӣ ва дубайтӣ буданд. Аз ин миён дар саргаҳи аввал навъҳои шеърии рубоӣ ва дубайтӣ ҷой доранд. Нахустин шоирони мутасаввиф ақида, афкор ва авотифи хешро дар қолабҳои мазкур пешниҳод кардаанд. Агар чеҳраи шоирии Абӯсаъиди Абулхайрро тасдиқ бикунем, пас нахустин шоири аҳли тасаввуф, ки ба жанри рубоӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст, ӯ мебошад. Дар навъи дубайтӣ ашъори комили тасаввуфиро Бобо Тоҳири Урёни Ҳамадонӣ сурудааст, ки орифи баном ва ҳамаҳди Абдуллоҳи Ансорӣ буд. Ривоҷи минбаъдаи ин навъҳои адабӣ бо ирфону тасаввуф сахт вобаста мебошад, ки дар сохту шакли ин навъҳои адабӣ тағйиру дигаргуниҳои зиёде даровардааст.

Шоирони мутасаввиф барои нашри афкор ва ироаи таълимоташон аз қолаби маснавӣ ба хубӣ истифода кардаанд. Нахустин шоире, ки ба воситаи маснавӣ ақидаҳои сӯфиёнаро матраҳ кард, Ҳаким Саноии Ғазнавӣ буд. Маснавиҳои «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» ва “Сайр-ул-ибод ила-л-маод”-и ӯ нахустин маснавиҳои тасаввуфӣ буда, дар онҳо луготу истилоҳоти зиёди аҳли тасаввуф ва мафоҳими орифона тавзеҳ ёфтаанд. Дар маснавиҳои Шайх Аттори Нишопурӣ масъалаҳои назарию амалии тасаввуф ба сурати омехта матраҳ шудаанд. Аттор нахустин шоирест, ки ба воситаи

маснавии “Мантиқ-ут-тайр” роҳҳои расидан ба ҳақиқатро ба сурати махсус матраҳ карда, зинаҳоеро баршумурд, ки дар тасвири рамзии зинаҳои камолоти солик беназиранд.

Ғазал ва қасида анвои шеърие мебошанд, ки дар адабиёти тасаввуфӣ ба сурати фаровон истифода мешаванд. Эҷодиёти баъзе шоирони ориф ва орифони шоирро асосан ғазал ташкил медиҳад. Шайх Аттор ва Ҷалолиддини Балхӣ авотифи нозук ва мазмунҳои орифонаро, қабл аз ҳама, дар қолаби газал рехтаанд. Инчунин, афкори тасаввуфии онҳо дар қолаби маснавӣ ҳам ироа шуда, ки аз нигоҳи тамсилҳои орифона мумтоз ҳастанд. Донишмандон бар ин назаранд, ки дар ашъори Аттор шеъри сӯфия қолаби тамсилии ҷадид пайдо кард. Ба ҳамин равиш дар шеъри сӯфиёнаву орифона уфуқҳои нав ба нав ба миён омаданд.

Тасаввуф бо мавзӯю мазмуни худ набзи тозаю бошиддате ба рагҳои шеъру адаб даровард. Вай ба адабиёт шӯру шавқи беинтиҳое ворид сохт, ки боиси вусъати эҳсосоти шоирӣ ва ривоҷи фитрати маъниофаринии шоирон гардид. Ин шӯру шавқ инсонро ба такмилу пешрафт ба мақому манзилати зеботару болотаре даъват менамояд. Таҳаввули мавзӯъ ва густариши мазмун дар мисоли мавзӯи ишқ бармало мегардад. Ишқи тасаввуфӣ ба ин мавзӯъ чунон густардагӣ бахшид, ки дар натиҷаи ба миён омадани тасвирҳои бадеии ҷадид, ривоҷи забони links мармуз, калима, ибора ва мусталеҳоти махсуси адабиёти тасаввуфӣ, тамсил ва маъниҳои чандваҷҳа аз нигоҳи мазмунофаринӣ қабатҳои маъноии зиёде падид омаданд. Аз ин ҷиҳат барои маърифати комили каломи аҳли мутасаввифа, бахусус шоирони ориф ва орифони шоир назарияҳои ҷадиди шинохти шеър ва табақабандиҳои зиёд ба вуҷуд омаданд. Хусусиятҳои мазкур бештар дар жанри газал ва дигар навъҳои хурди адаби ғиноӣ ба ҳам омадаанд. Гузашта аз ин дар мавриди жанри маснавӣ фарохии мавзӯъ фарогиртару ҷомеътар ба назар мерасад. Шоирони сӯфӣ дар ин навъи адабӣ мавзӯъро аз нигоҳи назарӣ ҳам матраҳ кардаанд, ки дар саргаҳи онҳо Ҳаким Саноӣ бо маснавии “Ишқнома”-и худ қарор дорад. Тасаввуф маслаки иҷтимоию фалсафие буд, ки таълимоти муайяни ахлоқиро ташвиқ мекард. Бинобар ин, дар адабиёти тасаввуфӣ тарғиби ахлоқ ва панду насиҳат ҳам ривоҷ ёфт.

Тасаввуф дар адабиёти форсӣ ба ҳадде густариш пайдо

кард, ки вобаста ба ҷаҳонбинӣ, дараҷаи дарк ва маърифати мабонии тасаввуф навъҳои гуногуни он ба миён омаданд. Бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи амалии тасаввуф ва ривоҷи он дар адабиёт навъҳои зерини тасаввуф шинохта шудаанд: обидона, ошиқона, шоирона, орифона. Намояндаи навъи аввали тасаввуф Ҳасани Басрӣ, навъи дувум Мансури Ҳаллоҷу Абӯсаъиди Абулхайр, навъи севум Саноию Аттор ва навъи чаҳорум Ҷалолиддини Балхӣ мебошад. Аз миёни анвои мазкур навъи беш аз ҳама роиҷ ёфта дар адабиёт тасаввуфи шоирона мебошад, ки доманаи фарох дорад ва аз нигоҳи имтидоди таърихӣ то ба рӯзгори мо ҳам тӯл мекашад. Муҳимтарин хосияти ин навъи тасаввуф аз он иборат аст, ки дар он шахсияти ғиноӣ (лирикӣ) худи шоир буда, имкон дорад дар баробари маъшуқ бо роҳу воситаҳои мухталиф ибрози андеша намояд. Аз ин ҷиҳат аст, ки дар адабиёти тасаввуфӣ шеваҳои зиёди шоирӣ падидор гардида, образҳои гуногуни бадеӣ ба миён омадаанд. Қуллаи баланди образҳои тасаввуфӣ, ба назари мо, зуҳури шахсияти ринд мебошад, ки парваридаи ҷаҳонбинии хоссаи Ҳофизи Шерозӣ мебошад.

Муҳимтарин хусусияти дигари адабиёти тасаввуфӣ ба шеъру адабиёт дохил шудани рамзу тамсил мебошад. Шоирони сӯфӣ дар аввал образу воситаҳои тасвирро дар шакли киноя ва маҷоз истифода мебурданд. Тадриҷан инҳо ба маъниҳои ирфонӣ истифода шуда, шакли рамзиро гирифтанд. Ба ҳамин монанд қиссаю латифа, масал ва дигар навъҳои хурди адабӣ, ки дар осори сӯфиён хеле зиёд истифода мешаванд, низ маънои тамсилӣ пайдо карданд.

Таълимоти тасаввуф низ, баробари шеър, ба воситаи рисолаҳо, китобҳои мақомот ва дигар осори илмию таълимӣ, ки фарогири шарҳи мабонии тасаввуф ҳам буданд, такмил ёфт. Ибни Сино дар китоби "Ишорот ва танбеҳот" таълимоти тасаввуфро баён кардааст. Бино ба таъкиди Забеҳуллоҳи Сафо, Ибни Сино дар китоби мазкур перомуни "усули ақоиди урафо, таърифи зоҳиду ориф, кайфияти иттисоли нуфус ба ақли фаъъол ва иттилоъ ба ҳақоиқ аз ин тариқ" баҳси дақиқ анҷом дода, "мароҳили камол, сайри рӯҳии урафо, мавзӯи кашфу шуҳуд ва кароmоти авлиё"-ро оварда, бо такя бар мабонии фалсафии худ умури мазкурро исбот кардааст. Масоили дигари марбут ба тасаввуф дар таълифоти дигари Ибни Сино ҳам матраҳ гардидаанд. Китобҳои "Кашф-ул-

маҳҷуб"-и Ҳуҷвирии Ғазнавӣ, "Табақот-ус-сӯфия"-и Ансории Ҳиравӣ, "Тазкират-ул-авлиё"-и Шайх Аттор, асарҳои Муҳаммади Ғаззолӣ, Суҳравардӣ барои такмили назарияю амалияи тасаввуф саҳми бузурге гузоштаанд. Махсусан, Ғаззолӣ таълимоти тасаввуфро бо ислом омезиш дода, барои равиши тоза гирифтани он заминаи илмӣ гузошт.

Дар оғоз асарҳои назарии тасаввуф ба забони арабӣ навишта мешуданд. Бори нахуст дар таърихи тасаввуф Абулҳасан Алӣ ибни Усмон Ҳуҷвирии Ғазнавӣ дар соли 442 ҳиҷрӣ (1051 мелодӣ) китоби "Кашф-ул-маҳҷуб"-ро ба забони порсӣ тасниф кард. Саҳми Ҳуҷвирӣ дар масъалаи ба миён овардани истилоҳоти тасаввуф ба забони порсӣ бузург аст, зеро кӯшиши оғозин дар амри интихоби муодили истилоҳт ба забони модарӣ ба ӯ бармегардад. Баъдтар бо навиштаҳои форсии дигар намояндагони адабиёти мутасаввифа ва орифон навиштани асарҳои тасаввуфӣ ба забони порсӣ ба ҳукми анъана медарояд. Аз ҷумла, орифи номдор Абӯисмоил Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Ансорӣ (1005-1088), ки бештари осори худро ба забони арабӣ навиштааст, бо таълифи асари мондагори хеш таҳти унвони "Табақот-ус-сӯфия" навиштани асарҳоро дар маноқиби сӯфиёну орифони номдор ба забони порсӣ асос гузошт. Ин китоб ҳам бар мабнои сарчашмаҳои арабӣ, аз ҷумла китоби ҳамноми Абӯадурраҳмон Муҳаммад ибни Ҳусайни Суламии Нишобурӣ (936-1021) бо лаҳҷаи қадими ҳиравӣ таълиф шудааст. Китоби машҳури дигари Ансорӣ "Муноҷотнома" мебошад, ки ҳаҷман хурд буда, фарогири муноҷотҳое мебошад, ки бо насри мавзуну муқаффо тасниф шудаанд.

Китоби "Тазкират-ул-авлиё"-и Шайх Фаридаддун Аттори Нишопурӣ тазкираест дар навъи худ беназир, ки дар он ба мутолиаи ҳоли авлиёҳо пардохта шудааст. Аз муқаддимаи ин китоб бармеояд, ки Аттор дар кори худ ҳамчун сарчашма аз китобҳои мутақаддимону мутааххирон, аз ҷумла китобҳои "Шарҳ-ул-қулуб", "Кашф-ул-асрор", "Маърифат-ун-нафс ва-р-Раб" суд ҷуста ва бар он назар аст, ки китобҳое, ки фароғири ҳолот ва суханони авлиёҳо ҳастанд, хеле зиёданд. Дар ин гуна китобҳо зикри аҳволу азкори сӯфиён, шайхони бузург ва авлиёҳо ба таври муфассал омада, аммо Аттор роҳи ихтисорро пеш гирифтааст. Маълум мешавад, ки то замони таълифи "Тазкират-ул-авлиё" илми

шинохти ҳолот ва суханони аҳли тасаввуфу урафо низ тараққӣ карда будааст. Намунаи дигари чунин китобҳо “Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти Шайх Абӯсаъид” ва “Ҳолот ва суханони Шайх Абӯсаъид” мебошанд, ки аввалӣ аз ҷониби Муҳаммад ибни Мунаввар ва дувумӣ ба қаламӣ Ҷамолуддин Абӯрӯҳ Лутфуллоҳ ибни Абӯсаъид ибни Абӯтоҳир ибни Абӯсаъиди Меҳанӣ тасниф шудаанд. Ҳар ду нависанда аз ҷумлаи бастагони Абӯсаъиди Абулхайр ҳастанд. Имрӯзҳо дастарсӣ ба ҳамаи китобҳои дар боло номбаршуда барои хонандаи огоҳ имконпазир аст.

## НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ ТАСАВВУФӢ

1. **Абӯсаъиди Абулхайр**. Абӯсаъид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Иброҳим (967-1049) дар таърихи тасаввуфу ирфон аз ҷумлаи симоҳои машҳур маҳсуб гардида, ҳамчун орифи шоир ҳам ёд мешавад. Китобҳои «Ҳолот ва суханони Абӯсаъиди Абулхайр»-и Ҷамолуддин Абӯрӯҳ Лутфуллоҳ ибни Абӯсаъд ибни Абӯтоҳир ибни Абӯсаъид ибни Абулхайр (асри XII) ва «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абӯсаъид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар Меҳанаӣ (асри XII) муҳимтарин манбаъҳое ҳастанд, ки дар шакли муфассал дар бораи Абӯсаъиди Абулхайр маълумот медиҳанд. Шарҳи ҳоли Абӯсаъиди Абулхайрро дар китобҳои дигар ҳам пайдо кардан мумкин аст.

Абӯсаъиди Абулхайр соли 967 дар Меҳана таваллуд шудааст. Меҳана дар асрҳои X-XI аз ободиҳои муҳимми миёни Сарахс ва Абеварди Хуросон ва деҳае аз Дашти Ховарон ба шумор меомад. Бинобар сабаби дар он макон ҷойгир шудани турбати ин орифи бузург мавзеи мазкур дар осори таърихӣ бо номи “Машҳади Абӯсаъид” низ ёд шудааст. Дар китоби «Ҳолот ва суханони Абӯсаъиди Абулхайр» омадааст, ки Хоразмшоҳ Отсиз соли 1142 бо мақсади горати Ховарон ба Хуросон меояд ва вақте огоҳ мешавад, ки он ҷо «машҳади шайх Абӯсаъиди Абулхайр» аст, аз нияти худ даст мекашад, дастур медиҳад, то «ҳеч зиёне бад-он ноҳият нарасад...» Зодгоҳи Абӯсаъид дар тӯли қарнҳо ҳамвора зиёратгоҳи “аҳли таҷоруби рӯҳонӣ ва завқу сулуки ирфонӣ” будааст.

Падари Абӯсаъиди Абулхайр – Бобу Булхайр ба касби атторӣ (доруфурӯшӣ) машғул ва дӯстдори аҳли тасаввуф буд, ба суҳбати дарвешону сӯфиён алоқаи зиёд дошт. Вай худ маҷлисҳои сӯфиёна тартиб медод ва дар маҷлиси самоъ ҳам иштирок мекард. Дар чунин маҷлисҳо, ки аксар бо ибтикори дарвешон дар хонақоҳ барпо мешуд, падар Абӯсаъиди хурдсолро низ ҳамроҳи худ мебурд ва ӯ оҳиста-оҳиста бо асосҳои тасаввуф ошно мешуд. Таъсири ҳолату ваҷди ҳақиқӣ дар рӯҳияи Абӯсаъид ҳамин тавр аз синни хурдсолӣ пайдо мешавад. Мувофиқи қавли машҳуре, дар маҷлисе сӯфиён «чун ба самоъ машғул шуданд, қаввол ин байт бигуфт:

Ин ишқ, бале, атои дарвешон аст,
Худ куштанашон вилояти эшон аст.
Динору дирам на рутбати мардон аст,
Ҷон карда фидо кори ҷавонмардон аст.

Чун қаввол ин байт бигуфт, дарвешонро ҳолате падид омад ва он шаб то рӯз бар ин байт рақс мекарданд ва дар он ҳолат буданд ва аз бисёре, ки қаввол ин байт бигуфт, шайх ёд гирифт. Чун ба хона бозомаданд, шайх падарро гуфт, ки «ин байт, ки қаввол мегуфт ва дарвешонро аз он вақт хуш гашта буд, чӣ маънӣ дорад?» Падар гуфт: «Хомӯш! Ки ту маънии он дарнаёбӣ ва надонӣ, туро бад-он чӣ кор?!» Баъдтар дар натиҷаи риёзату таҷрибаҳои рӯҳонӣ ҳолати худи Шайх Абӯсаъид ба дараҷае мерасад, ки парвози андешааш аз маърифати ҳолати мазкур ҳам баландтар мешавад.

Абӯсаъиди Абулхайр таҳсилоти ибтидоиро дар улуми қироати Қуръон ва адабиёти араб дар зодгоҳаш касб намуда, баъд аз он дар шаҳрҳои Марв, Сарахс ва Нишопур донишҳои фиқҳ, ҳадис ва тафсири Қуръонро назди устодони машҳуру шинохтаи он замон омӯхтааст. Баъд аз таҳсили улуми зоҳир дар Сарахс ба хидмати Шайх Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳасани Сарахсӣ медарояд ва ба тасаввуф рӯй меоварад. Пас аз чанде ба Нишопур меравад ва дар хидмати Абӯалӣ Абдурраҳмони Суламӣ қарор мегирад. Дар ниҳоят дар Омули Хуросон назди Шайх Абулаббос Қассоби Омулӣ ба риёзат ва сулук пардохта, то ба дараҷаи орифи комил мерасад. Шайхони мазкур, ки дар тарбияти рӯҳонии Абӯсаъиди Абулхайр саҳим ҳастанд, пирони ҳақиқии ӯ мебошанд. Баъд аз он ки Абӯсаъиди Абулхайр ба дараҷаи шайхӣ мерасад, дар хонақоҳи худ дар Меҳана ва чанде дар Нишопур ба иршод ва

тарбияти муридон машғул мешавад. Вай аз тарғибкунандагони ақидаи ваҳдати вуҷуд дар Хуросон буда, миёни табақаҳои мухталифи ҷомеа маҳбубияти хоссе дошт.

Аз улуми расмӣ рӯй тофтан ва ба сулуки ирфонӣ таваҷҷуҳ кардан дар зиндагии Абӯсаъид гардиши муҳимме мешавад. Ин гардиши ҳаёт ва тағйири рӯҳияро Шафеии Кадканӣ хеле дақиқ тавзеҳ додааст: «бо ин ки вай дар хонадоне мутамоил ба тасаввуф ва хонақоҳ мутаваллид шуда буд ва падараш худ аз асҳоби суффа буд ва дар кӯдакӣ Абӯсаъидро бо хеш дар маҷолиси самои онон мебурд ва бо ин ки Бӯсаид дар айёме, ки ба мактаб мерафт, дар хидмати пир Абулқосими Бишри Ёсин осоре аз тарбияти ирфониро дида буд, аммо пайвастани ӯ ба ин маънӣ ва даст шустани ӯ аз улуми зоҳир дар охирин солҳои умри Зоҳир ибни Аҳмади Фақеҳ (мутаваффои 389 ҳ.) ва эҳтимолан, пас аз 380 ҳ. (ки соли вафоти Абулқосими Бишри Ёсин аст) рӯй дод ва ӯ бо пайвастан ба хонақоҳи Абулфазли Ҳасани Сарахсӣ дар Сарахс … расман улуми расмиро ба як сӯй ниҳод».

Абӯсаъиди Абулхайр дар нимаи аввали умр муддати ҳафт сол аз халқ дурӣ меҷӯяд ва дар саҳрои атрофи Меҳана узлат мегузинад. Дар рубоиёташ аз дашт ё замини Ховарон зиёд ёд кардааст, аз ҷумла дар ин рубоӣ:

Ҷоно, ба замини Ховарон хоре нест,
К-аш бо ману рӯзгори ман коре нест.
Бо лутфу навозиши ҷамоли ту маро
Дар додани сад ҳазор ҷон оре нест!

Баъди баргаштан аз узлатгузинӣ ва пайвастан ба мардум марҳалаи дигари зиндагии Абӯсаъид шурӯъ мешавад, ки бо хирқа пӯшидани вай ва иршоди соликони тариқат огоз ёфтааст. Аҳли хонаводаи худи шайх ҳам аз фазои машраби ӯ бархурдор будаанд. Аз ҷумла, яке аз ҳамсаронаш низ аҳли тариқат буд ва занонро хирқа мепӯшонд, инчунин, фарзанди бузургаш – Абӯтоҳир аз ҷумлаи муридони падар ва пас аз вафоти ӯ ҷонишинаш буд.

Абӯсаъиди Абулхайр дар тариқати тасаввуф пайрави Боязиди Бастомӣ буда, ба Мансури Ҳаллоҷ эҳтироми вижа дошт. Дараҷаи дидгоҳи маърифатии Абӯсаъид намунаи боризе аз ирфони Хуросон аст, ки бо нигоҳи хушбинона ва озодии андеша имтиёз дошт. Шайх дар мулоқот ва диду боздидҳояш аз сафар ва ё меҳмононаш байни ҳеч тоифаеву

мазҳабе фарқ намегузошт. Аз ин ҷост, ки вай мухолифон ҳам дошт ва агар мухолифон ӯро ба куфру зандақа муттаҳам менамуданд, муҳибон дар мартабаи «султони тариқат» арҷ мегузоштанд. Аз мухолифони тундрави Абӯсаъиди Абулхайр дар тариқат яке Абулқосими Қушайрӣ ва дигаре Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ буданд. Абулқосими Қушайрӣ дар ниҳоят, пас аз солҳо мухолифат варзидан бо шайх, эҳтиром ва иззати мақоми ӯро эътироф кардааст.

Абулҳасани Харақонӣ ва Абӯалӣ ибни Сино ба Абӯсаъид эҳтироме хоссе доштанд. Абӯсаъиди Абулхайр бо донишмандони машҳури ҳамзамони худ суҳбату мулоқотҳо анҷом додааст. Аз ҷумла, бо Абӯалӣ ибни Сино бевосита шиносоӣ дошта ва онҳо борҳо бо ҳам мулоқот кардаанд. Тибқи ахбори китоби “Манокиби Шайх-ул-ислом”, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ бо Абӯсаъиди Абӯлхайр ду бор ба ҳам будаанд. Дар ин бора аз қавли Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ чунин овардаанд: “Шайх-ул-ислом гуфт, ки: ман ду бор ба Бӯсаид Булхайр будаам ва вай дастори худ аз сар фурӯ гирифту гилеми мисрии худ фаро ман дода ва шалгами ҷӯшида дар даҳони ман ниҳода. Чун ба наздики вай шудам, барои ман бар пой хост тамом ва дер маро таъзим дошт, ки андак касеро доштӣ, лекин маро бо вай наккорӣ аз бахри эътиқод аст ва дигар дар тариқат, на тариқати машоих варзидӣ, баъзе аз машойихи вақт бо вай на ба нек буданд”. Аз ин ҷо бармеояд, ки миёни онҳо дар эътиқод ва тариқат ҳамгунӣ будааст. Дигар ин ки ба назари хос доштани Абӯсаъид таъкид шудааст. Вай аз нигоҳи ҷаҳонбинӣ аз кулли шайхони ҳамзамони худ фарқ мекардааст ва ин тафовути нуқтаи назар, ба назри мо, аз муносибати Абӯсаъид дар баробари дунё ва тааллуқоти он мушаххас мешавад, ки ба рӯҳияи озод ва дурӣ ҷустан аз ҳама гуна тааллуқот мушаххас мешавад.

Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурӣ низ дар осораш аз Абӯсаъиди Абулхайр ба сифати пири тариқат ёд карда, ӯро пири маънавии худ медонад. Саҳми Абӯсаъиди Абулхайр дар ташаккули рубоии ирфонӣ бузург аст. Вай аз ҷумлаи нахустин касоне ба ҳисоб меравад, ки дар қолаби рӯбоӣ андешаҳои тасаввуфиву ирфониро ҷой дода, ба таъвили маъниҳои қуръонӣ ва ҳикмати ирфонӣ пардохта, ба ин восита шеърро дар хидмати тариқат гузошт.

Абӯсаъиди Абулхайр соли 1049, дар синни 84 солагӣ вафот ёфтааст. Бинобар васияти худаш дар пеши ҷанозааш муқриён байти зеринро хонда, ҷасади ӯро ба хок супоридаанд:

Хубтар андар ҷаҳон аз ин чӣ бувад кор?
Дӯст бари дӯст рафту ёр бари ёр.
Он ҳама андӯҳ буду ин ҳама шодӣ,
Он ҳама гуфтор буду ин ҳама кирдор.

Дар ин абёт ба роҳи васл ва расидан ба маъшуқи аслӣ ишора шудааст.

**Перомуни ҳунари шоирии** Абӯсаъиди Абулхайр ва ашъори бозмонда ва мансуб ба ӯ бояд гуфт, ки ин масъала бисёр печида буда ва то ҳанӯз ҳалли худро пайдо накардааст. Муҳаммад ибни Мунаввар шоирии Шайх Абӯсаъиди Абулхайрро қабул надорад. Муҳаққиқони муосири аҳволу осори Абӯсаъиди Абулхайр шеър гуфтани ӯро инкор намекунанд, вале на ҳамаи рубоиҳои ба номи вай нашр шударо аз они худаш медонанд. Муайян кардани теъдоди мушаххаси рубоиҳои худи орифи бузург ва ё мансуб ба ӯ кори номумкин менамояд. Ба ҳар сурат дар қолаби рубоӣ шеър сароидани Абӯсаъиди Абулхайр инкор намешавад. То кунун ба теъдоди аз ҳафтсад то ҳазору панҷсад қитъаву рубоии мансуб ба Абӯсаъиди Абулхайр таъйид мешавад, ки бештари онҳо аз худаш набуда, балки аз шоирони дигар аст, ки Шайх онҳоро зимни суханрониҳояш истифода кардааст.

Шоирии Абӯсаъиди Абулхайрро муҳити тарбиятӣ ва равиши махсуси худи ӯ низ таъйид мекунад. Вай аз хурдӣ дорои ҳофизае қавӣ буда, дар синни дувоздаҳсолагӣ ҳудуди 30 ҳазор байт аз шеъри давраи ҷоҳилӣ ҳифз кардааст. Гузашта аз ин дар синни хурдсолӣ андешаҳои манзуми сӯфиён, пирону устодони ирфон дар замираш ҷойгир шуда, унси ӯро бо шеър афзудаанд. Истифодаи самоъ, ки аз вижагиҳои тариқати Абӯсаъиди Абулхайр маҳсуб мешавад, барои ривоҷи шеъру мусиқӣ дар муҳити хонақоҳ омиле муҳимме гардида буд. Суханони Абӯсаъиди Абулхайр, бинобар сабаби огоҳиаш аз улуми адабӣ ва донишҳои дигар, ҳамеша ҳамроҳ бо шеър будааст. Дар маҷлисҳои самоъ, ки худаш тартиб медод, беҳтарин намунаҳои қитъа, рубоӣ ва газал аз ашъори устодони бузург хонда мешуд. Дар ин миён худи Абӯсаъиди Абулхайр ҳам дар қолаби қитъаву рубоӣ ба забони форсию

арабӣ ашъоре аз худ мехонда ва ҳамин тавр ӯ аз машоихи сӯфия нахустин касе буда, ки "андешаи худро ҷомаи шеър мепӯшида" ва дар ин шева қабл аз Саноию Аттор қарор доштааст.

2. **Боботоҳири Ҳамадонӣ**. Боботоҳири Урёни Ҳамадонӣ аз орифони номдори нимаи аввали асри XI буд. Номаш Боботоҳир, лақабаш Урён ва тахаллусаш Тоҳир будааст. Худи шоир ба номаш чунин ишора дорад:

Му аз рӯзи азал тоҳир бизодам,
Аз он рӯ, ном Боботоҳир астам.

Боботоҳир дар соли ҳазоруми мелодӣ ба дунё омадааст. Ин санаро донишмандон аз дубайтии машҳури зерини шоир дарёфтаанд:

Му он баҳрам, ки дар зарф омадастам,
Чу нуқта бар сари ҳарф омадастам.
Ба ҳар алфе алифқадде бароял,
Алифқаддам, ки дар алф омадастам.

Дар ин тарона дар мисраи "Алифқаддам, ки дар алф омадастам" калимаи "алифқад" ба маънои ягона ва "алф" маънои ҳазорро дорад. Ба ин маънӣ вай мегӯяд, ки ягонаи дар соли ҳазорум ба дунё омада мебошам.

Боботоҳир дар ҳудуди соли 1056 дар Ҳамадон бо шоҳи аввалини Салҷуқӣ - Туғрул мулоқот дошт. Ин замони шуҳрати ӯ буд.

Боботоҳир гӯяндаи дубайтиҳои равону обдор дар сабки таронаҳои мардумӣ аст. Шоир дар Ҳамадон дори фаноро тарк гуфта ва мадфани ӯ дар ҳамон ҷост. Чанд намуна аз дубайтиҳои Боботоҳир:

Диле дорам харидори муҳаббат,
К-аз ӯ гарм аст бозори муҳаббат.
Либосе бофтам бар қомати дил
Зи пуди меҳнату тори муҳаббат.

***

Худовандо, ба фарёди дилам рас,
Каси бекас туӣ, ман монда бе кас.
Ҳама гӯянд, Тоҳир кас надора,
Худо ёри мана, чӣ ҳоҷати кас.

***

Макун коре, ки бар по сангат ою,
Ҷаҳон бо ин фарохӣ тангат ою.

Чу фардо номахонон нома хонанд,
Туро аз нома хондан нангат ою.

***

Ба саҳро бинғарум, саҳро та бинум,
Ба дарё бингарум, дарё та бинум.
Ба ҳар ҷо бингарум, кӯҳу дару дашт,
Нишон аз қомати раъно та бинум.

***

Дилум бе васли ту шодӣ мабинод,
Ба ғайр аз меҳнат ободӣ мабинод.
Харобободи дил бе макдами та,
Илоҳӣ ҳаргиз ободӣ мабинод.

***

Яке дарду яке дармун писандад,
Яке васлу яке ҳиҷрун писандад.
Му аз дармуну дарду васлу ҳиҷрун
Писандам он чиро ҷонун писандад.

Дубайтиҳои Боботоҳир саросар маънии фалсафии ирфонӣ доранд. Дар зоҳир онҳо моил ба гуфтори мардумӣ мебошанд, вале дар умқи маънӣ ба ирфон мепайванданд. Масалан, ин дубайтӣ маънои амиқи ирфонӣ бо гуфтори зоҳирии зебо дорад:

Зи дасти дидаву дил ҳар ду фарёд,
Ки ҳар чӣ дида бинад, дил кунад ёд.
Бисозам ханҷаре нешаш зи фӯлод,
Занам бар дида, то дил гардад озод.

Шоир аз дидаву дил барои он норизост, ки дида олами маҳсусро мебинад ва дил ҳар чӣ он мебинад, ба он моил мегардад. Дидаро барои он бояд ханҷар зад, то дил, ки олами пазироии ҳиссиёти ботинист, ба роҳи дарёфти ҳақиқати куллӣ биравад.

3. **Саноии Ғазнавӣ** (1075-1135). Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ шоири бузург ва устоди адабиёти форсӣ аст. Соли таваллуд ва вафоти шоир мувофиқи нишондоди Шафеии Кадканӣ оварда шуд. Вай, ба қавли Забеҳуллоҳи Сафо, ё дар аввалҳо ва ё дар миёнаҳои асри XI таваллуд шудааст. Дар Ғазнин зода шуда ва дар ҳамон ҷо вафот ёфтааст. Даврони кӯдакӣ ва ҷавонияш дар Ғазнин гузашта ва дар ҳамин шаҳр ба таҳсили улуми роиҷ дар

замонааш пардохтааст.

Хонадони Саноӣ аз нигоҳи баромади иҷтимоӣ аз хонадонҳои асил ва соҳибэҳтироми Ғазна маҳсуб мешудаанд. Падараш шояд ба дарбори подшоҳони Ғазнавӣ алоқаманд ҳам будааст.

Саноӣ дар оғоз шоири дарбори подшоҳони Ғазнавӣ буд ва умри хешро ба сурудани қасидаҳои мадҳӣ сипарӣ мекард, Вале пас аз чанде аз дарбор ва шеъри дарбор дурӣ меҷӯяд. Дар бораи тағйири рӯҳия ва ба таълиму иршод рӯй овардани шоир як нақли аҷиб мавҷуд аст. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар "Нафаҳот-ал-унс" дар ин бора чунин овардааст: "Ва сабаби тавбаи вай он буд, ки султон Маҳмуди Сабуктегин дар фасли зимистон ба азимати гирифтани баъзе аз диёри куффор аз Ғазнин берун омада буд ва Саноӣ дар мадҳи вай қасидае гуфта буд, мерафт, то ба арз расонад. Ба дари гулхани ҳаммоме расид, ки яке аз маҷзубону маҳбубон, ки аз ҳадди таклиф берун рафта ва машҳур буд ба Лойхор, зеро ки пайваста лойи шароб хӯрдӣ, дар он ҷо буд. Овозе шунид, ки ба соқии худ мегуфт, ки пур кун қадаҳе ба кӯрии Маҳмудаки Сабуктегин (дар ҷойи дигар: Иброҳимаки Ғазнавӣ – Х.Ш., М.Н.), то бихӯрам! Соқи гуфт:

– Маҳмуд марде гозӣ асту подшоҳи ислом.

Ғуфт:

– Бас мардаке нохушнуд аст. Он чи дар тахти ҳукми вай даромадааст, дар ҳаййизи забт надораварда, меравад, то мамлакати дигар бигирад.

Як қадаҳ бигрифту бихӯрд. Боз гуфт:

– Пур кун қадаҳе дигар ба кӯрии Саноияки шоир!

– Соқӣ гуфт:

– Саноӣ марде фозилу латифтабъ аст.

Гуфт:

– Агар вай латифтабъ будӣ, ба коре машғул будӣ, ки вайро ба кор омадӣ. Ғазофе чанд дар коғазе навишта, ки ба ҳеч кори вай намеояд ва намедонад, ки вайро барои чӣ кор офаридаанд?!

Саноӣ чун он бишнид, ҳол бар вай мутағаййир гашт ва ба танбеҳи он Лойхор аз мастии гафлат ҳушёр шуд ва пой дар роҳ ниҳод ва ба сулук машгул шуд".

Дар бораи ҳақиқати рухдод ва тавзеҳи ин қисса андешаҳои гуногун мавҷуданд, вале, ба назари мо, он холӣ аз

ҳақиқате нест. Дар эҷодиёти Саноӣ ҳам ба ашъоре дучор мешавем, ки ба рӯҳияи шеъри дарборӣ монананд ва ҳам ашъоре, ки хориҷ аз мавзӯи мадҳу ҳиҷо ҳастанд. Дастабандии замонии сурудаҳо дар мавриди ашъори Саноӣ кори сангин аст. Бинобар ин, ба ақидаи дар тӯли ҳаёт дар алоқамандӣ ба ҳам арзи ҳастӣ кардани ҳар ду паҳлуи ашъори шоир розӣ шудан ба ҳаққиқат дуруст менамояд.

Саноӣ, баъд аз он ки аз Ғазнин хориҷ мешавад, дар Хуросон бо шахсиятҳои машҳури илму ирфон ҳамсуҳбат ва ба тариқати тасаввуф ҳамроҳ шуд. Муддате дар шаҳрҳои Балх, Сарахс, Ҳирот, Нишопур зиндагӣ кард ва замоне, ки дар Балх буд, бо мақсади сафари Каъба ба роҳ баромад. Аз муҳтавои як қасидаи шоир маълум мешавад, ки ҳангоми сафар Саноӣ бо падару модараш дар Хуросон зиндагӣ мекард. Дигар иттилое дар бораи хонаводаи шоир ва дар куҷо зиндагонӣ кардани онҳо дар даст нест. Аз ин таърих ба баъд дигар Саноӣ танҳо ба сар мебарад. Баъд аз баргаштан аз сафари Макка шоир муддате дар Балх зиндагӣ мекунад, аз он ҷо ба Сарахс, Марв, Нишопур меравад ва дар он ҷойҳо муддате бо хушӣ, некӯдошт ва марҳамати бузургони илму адаб ва сарварон ҳаёт мегузаронад. Тақрибан дар ҳудуди соли 1124 ба Ғазнин бармегардад. Пас аз бозгашт ба Ғазнин Саноӣ ҷойи истиқомати муайян надошт. Хоҷа Амид Аҳмад ибни Масъуди Теша ном бузурги замон хонае ба шоир мебахшад ва дар он ҷо ба танҳоӣ ба сар мебарад. Ҳамин тавр, Саноӣ то охири ҳаёт боқимондаи умри худро дар ҳамин хона дар гӯшанишинӣ мегузаронад, то ин ки дар соли 1150 вафот ёфт. Мақбараи шоир дар Ғазнин зиёратгоҳи мардум аст.

Абдурраҳмони Ҷомӣ Саноиро аз муридони Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ медонад. Бино ба ахбори Давлатшоҳи Самарқандӣ, Саноӣ вақте ки аз Ғазнин ба Хуросон меояд, “дасти иродат дар домани тарбияти Шайх-ул-машоих Абӯюсуфи Ҳамадонӣ, қуддиса сирруҳу, зад ва дар хилват нишасту узлат ихтиёр кард”. Абӯюсуфи Ҳамадонӣ аз ҷумлаи бузургтарин машоихи тасаввуф дар Хуросон буд, ки бештар дар Марву Ҳирот зиндагӣ мекард.

**Мероси адабии Саноӣ**. Аз Саноӣ то ба мо “Девони ашъор”, маснавиҳо ва баъзе асарҳои дигар боқӣ мондаанд, ки ба мансубияти баъзеашон ба қалами шоир тардид мавҷуд аст. Осори мусаллами Саноӣ иборатанд аз: “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат”

(ё “Илоҳинома”, ё “Фахринома”), Сайр-ул-ъибод ила-л-маъод”, “Корномаи Балх”, “Таҳримат-ул-қалам” (маснавии кӯтоҳе дар ҳудуди сад байт) ва “Мактубот”. Осори мансуб ба Саноӣ аз “Тариқ-ут-таҳқиқ”, “Ақлнома”, “Ишқнома”, “Саноиобод” барин асарҳо иборат мебошанд. Асарҳои Саноӣ дар баҳси тасаввуф, зуҳд, ҳикмату фалсафа ва панду андарз навишта шудаанд.

Аз муқаддимаи “Девон”-и Саноӣ бармеояд, ки шоирро ба ҷамъоварии девони ашъораш Хоҷа Амид Аҳмад ибни Масъуди Теша ташвиқ кардааст. Девони Саноӣ иборат аз қасида, ғазал, қитъа ва рубоӣ дар ҳудуди 13500 байт аст.

Саноӣ шоире қавитабъу амиқандеш буд ва дар мадҳу замм маҳорати баланд дошт. Дидгоҳҳои зоҳидона ва тасаввуфии шоир, ки дар қолаби қасидаву ғазал баён шудаанд, симои ӯро ба сифати гӯяндаи ашъори ҳакимона ва таълимӣ ҷилвағар месозад. Таъбири “ишқи ҳақиқӣ ва маҷозӣ” бори аввал дар ашъори Саноӣ истифода шудааст.

Саноӣ дар гуфтани қасида, агарчи дар давраи аввали фаъолияти эҷодии худ ба шоирони қасидасарои пеш аз худ назар доштааст, баъд аз таҳаввули фикрӣ ва зуҳури ҳувияти бениёзӣ дар шахсияти ӯ таҳаввуле пайдо мешавад, ки ба сабки сухани шоир бетаъсир намемонад. Дар давраи дувуми фаъолияти эҷодии шоир ба сабке дучор мешавем, ки махсуси худи Саноӣ буда, дорои вижагиҳое, ба мисли пурмагзӣ, сиҳҳат ва расоии маънӣ, забони таълимӣ, ироаи роҳи тарбияту сулук, нигоҳи таҳқиқӣ ба ашёву падидаҳо ва ғайра мебошад. Барои намуна ҷиҳати шиносоӣ ба сабки сухани Саноӣ дар қасидасароӣ порае аз шеъри дар ин қолаб сурудаи шоирро меоварем:

Мусулмонон, мусулмонон, мусулмонӣ, мусулмонӣ,
Аз ин ойини бединон пушаймонӣ, пушаймонӣ.
Мусулмонӣ кунун исмест бар урфеву одоте,
Дареғо, ку мусулмонӣ, дареғо, ку мусулмонӣ.
Фурӯ шуд офтоби дин, баромад рӯзи бединон,
Куҷо шуд дарди Будардову он исломи Салмонӣ.
Ҷаҳон яксар ҳама пурдеву пургуланду умматро
Кӣ ёрад кард ҷуз исломи ҷуз суннат нигаҳбонӣ.
Бимиред аз чунин ҷоне, к-аз ӯ куфру ҳаво хезад,
Азеро дар чунон ҷонҳо фурӯ н-ояд мусулмонӣ.
Шароби ҳикмати шаръӣ хӯред андар ҳарими дин,

Ки маҳруманд аз ин ишрат ҳавасгӯёни юнонӣ.
Масозед аз барои ному дому ком чун гулон,
Ҷамоли нақши одамро ниқоби нафси шайтонӣ.
Шавад равшан дилу ҷонтон зи шаръу суннати Аҳмад,
Чунон, к-аз иллати уло қавӣ шуд ҷавҳари сонӣ.
Зи шаръ аст ин, на аз тантон, даруни ҷонатон равшан,
Зи Хуршед аст, н-аз чарх аст ҷурми моҳи нуронӣ.
Ки гар таъйиди ақли Кул(л) набудӣ нафси куллиро,
Нагаштӣ қобили нақши дувум нафси ҳаюлонӣ.
Ҳар он, к-ӯ гашт парварда ба зери домани хазлон,
Гиребонгири ӯ н-ояд даме тавфиқи Раббонӣ.
Нагардад гирди диндорон гурури деви нафс, эро
Сабукдил кай кашад ҳаргиз даме бори гаронҷонӣ.
Ту, эй марди суханпеша, ки баҳри доми муште дун
Зи дини Ҳақ бимондастӣ ба нерӯи сухандонӣ.
Чӣ сустӣ дидӣ аз суннат, ки рафтӣ сӯйи бединон,
Чӣ тақсир омад аз Қуръон, ки гаштӣ гирди ломонӣ?
Набинӣ ғайби он олам дар ин пурайб олам, з-он
Ки кас нақши нубувватро надид аз чашми ҷисмонӣ.
Бурун кун тавқи ақлонӣ, ба сӯйи завқи имон шав,
Чӣ бошад ҳикмати Юнон ба пеши завқи имонӣ?!
Кай ойӣ ҳамчу мори чарх аз ин олам бурун, то ту
Ба сони каждуми бедум дар ин пирӯза пангонӣ.
Дари куфру ҷуҳудиро аз аввал чун Алӣ баркан,
Ки то охир чун ӯ ёбӣ зи дин ташрифи Раббонӣ.
Биҷӯ хушнудии Ҳақ(қ)ро зи ҷону ақлу молу тан,
Пас он гаҳ аз забони шукр мегӯ, к-ин-т арзонӣ.
Дар ин куҳпоя чун гардӣ бар охур чун хари Исо,
Ба сӯйи олами ҷон шав, ки чун Исо ҳама ҷонӣ.
Зи дунию зи нодонӣ чунин муздури девон шуд,
Вагарна Арслон хос аст динро нафси инсонӣ.
Ту, эй султон, ки султон аст хашму орзу бар ту,
Сӯйи Султони Султонон надорӣ исми султонӣ.
Чӣ хезад з-аввали мулке, ки дар пеши дами охир
Бувад сосиву бесомон чи Сосонӣ, чи Сомонӣ?!
Бад-ин даҳрӯза деҳқонӣ машав гарра, ки ногоҳон
Чу ин паймона пур гардад, на деҳ монад, на деҳқонӣ.
Ту монию баду некат, чу з-ин олам бурун рафтӣ,
Наёяд бо ту дар хокат на фағфуре, на хоқоне.
Фасона хуб шав охир, чу медонӣ, ки пеш аз ту

Фасонай неку бад ғаштанд Сомониву Сосонӣ…

Саноӣ дар гуфтани ғазал равиши умумии эҷодии худро боз ҳам такмил дода, ба сифати нахустин ғазалсарои бузурги тасаввуф шинохта шудааст. Вай бунёди ғазали ирфониро тарҳрезӣ карда, барои баёни ин гуна тафаккур қолаби ғазалро писандида, чунин равиши эҷодиро барои шоирони баъдӣ бунён гузошт. Дар ғазалҳои Саноӣ ишқи маҷозӣ ҳам тавсиф мешавад, ки намунае аз онҳо ғазали зерин аст:

Туро дил додам, эй дилбар, шабат хуш бод, ман рафтам,
Ту донӣ бо дили ғамх(в)ар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Агар васлат бигашт аз ман, раво дорам, раво дорам,
Гирифтам ҳаҷрат андар бар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Бибурдӣ нури рӯзу шаб бад-он зулфу рухи зебо,
Зиҳӣ ҷоду, зиҳӣ дилбар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Ба чеҳра асли имонӣ, ба зулфайн мояи куфрӣ,
Зи ҷаври ҳар ду офатгар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Миёни оташу обам, аз ин маънӣ маро бинӣ,
Лабони хушку чашми тар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Бад-он розӣ шудам, ҷоно, ки аз ҳолам хабар пурсӣ,
Аз ин охир бувад камтар, шабат хуш бод, ман рафтам.

Муҳимтарин чопи "Девон"-и Саноӣ аз ҷониби Муҳаммадтақӣ Мударриси Разавӣ (13346 байт) анҷом дода шудааст. Чопи дигари муътабари девон ба тасҳеҳи Мазоҳир Мусаффо мунташир шудааст.

**Маснавиҳои Саноӣ**. Маснавии бузурги Саноӣ «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариат-ут-тариқат» ном дорад. Ин маснавиро «Илоҳинома» низ гуфтаанд. Маснавӣ дар баҳри хафифи махбуни мақсур навишта шуда, даҳ ҳазор байтро дар даҳ боб дар бар мегирад. Саноӣ дар моҳи озари соли 524 ҳиҷрӣ (декабри соли 1129) навиштани маснавиро оғоз намуда, дар моҳи дайи соли 525 ҳиҷрӣ (ноябр-декабри соли 1130 мелодӣ) ба анҷом расонидааст. Дар боби аввали маснавӣ сухан аз тавҳид ва наъти Худованд аст, ки мавзӯъҳои маърифат ва ваҳдатро фаро гирифта, бо тамсилот, ахлоқиёт ва ҳикмат шарҳу тавзеҳ меёбанд. Ин тамсилҳо унвони ҳикоят низ доранд. Бобҳои дигар низ ба ҳамин монанд аз бахши назарӣ, тамсилоту амсолу ҳикам, ғуфтугӯйи ишқ ва монанди он иборатанд. Баъд аз тавҳид сухан аз Қуръон аст, боби сеюм дар наъти набӣ, боби чорум дар сифати ақл, боби панҷум дар фазилати илм, маънии ишқ ва ҳолатҳост. Боби шашум дар

нафси кулл ва маротиби камоли ақл, боби ҳафтум дар сифати ахлоқ ва буруҷ, дараҷоти қалб, боби ҳаштум дар мадҳи султон Баҳромшоҳ, нуҳум дар ҳикмату амсол ва боби охирин дар сабаби тасниფи китоб гуфтугӯ мекунанд. Аз назари тасниფи бобҳо маснавӣ аз такмили мавзӯъҳои муқаддимаи достонҳои бузург, чун «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва дигарон барҳам омадааст. Маснавӣ як навъ муқаддимаи бузург дар маърифати мазҳабӣ, офариниши ҷаҳон, илму дониш ва ақлу маърифат, тасаввуф ва ишқ, ахлоқ ва муносибатҳои одамист. Ҳамин мазмуни ҷомеъи маснавӣ бо такя ба таълимоти динӣ, илмию ҳикамӣ, назари иҷтимоӣ, диди тозаи тасаввуфӣ ва шинохти ақлу қалбу ишқ имконият додааст, ки Саъид Нафисӣ онро «Қуръони тасаввуф» хонда бошад.

Маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариат-ут-тариқат» ба тасниფи дигар маснавиҳо ба ин равиш бунёд гузошт, ки намунаи онҳо «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ, «Мантиқ-ут-тайр» ва «Илоҳинома»-и Шайх Аттор, «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва соири таълифоти ба ин сабку равия ба вуҷуд омада мебошанд. Муҳимтарин сифати «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариат-ут-тариқат» пайвастани масъалаҳои илмию динӣ бо тамсилоту ҳикоёт мебошад. Дар натиҷа, ҳикоёти фаровон бо мазмуни хаёлӣ, динию илмӣ, ҳикамӣ ва тасаввуфии манзум дар адабиёт ба вуҷуд омадаанд.

Огози ҳар боб як гузориши илмӣ ва назарӣ дар мавзӯи он аст. Аз ҷумла, боби чорум дар сифати ақл, аҳволу ақвол, гояти иноят ва сабаби вуҷуд аст ва, ба назари гӯянда, «аввалу мо халақа-л-Лоҳу Таъоло ал-ақл» – аввалин офаридаи Худованд ақл аст. Саноӣ ин бобро бо фасли «Андар ситоиши ақлу оқил ва маъқул» огоз менамояд. Абёти зайл намуна аз ин фасл аст:

Ҳар чӣ дар зери чарх неку баданд,
Хӯшачинони хирмани хираданд.
Чун дар омад зи боргоҳи азал,
Шуд бад-ӯ рост кори илму амал.
Ҳам калиди умур дар дасташ,
Ҳам раҳи амр баста дар ҳасташ.
Мояи неку сояи бад Ӯст,
Сабаби буду ҳасту бошад Ӯст.
Дар ҳуруфе, ки пардаи нақл аст,
Охираш шаръ, аввалаш ақл аст.

Аз барои салоҳи давлату дин,
Чашми ақл аввалист охирбин.
Мар туро ақл ҷумла бинмояд,
Он-ч рафт, он-ч ҳаст в-он-ч ояд...
Хонда аз қадри соибони араб,
Зоти ӯро мудаббир ул-ақраб.
Ақли фаъъол номи ӯ карда,
Панҷ ҳисро ғуломи ӯ карда.
Ҳиссу атбоъ хонда ӯро мир,
Нафси куллӣ варо ба сони вазир...

Маснавии «Сайр-ул-ибод ила-л-маод»-ро Саноӣ дар Сарахс навишта ба мадҳи қозии он ҷо Сайфуддин Муҳаммад ибни Мансур анҷом додааст. Маснавӣ бар вазни «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариат-ут-тариқат» навишта шуда, микдори абёташ аз ҳафтсад бештар аст. Ба назари Е.Э. Бертелс, ин маснавии Саноӣ аз ҷиҳати сохт айнан ба мазмуни «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте Алиғери (1265-1321), ки сайри равони одамӣ дар олами охират аст, монандӣ дорад.

Маснавии дигари Саноӣ «Тариқ-ут-таҳқиқ» низ бар вазни «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» навишта шудааст ва, ба назари Забеҳуллоҳи Сафо, ба ин равиш сохта шуда, се сол баъди «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» таълиф ёфтааст.

Нахустин маснавии Саноӣ «Корномаи Балх» панҷсад байт аст ва онро дар шаҳри Балх анҷом додааст. Маснавӣ мазмуни мазоҳу шӯхӣ дорад ва онро «Мутоибанома» ҳам мегӯянд. Мазмуни маснавӣ аз мадҳи подшоҳон, бузургону лашкариён, шоирони Ғазнин, ҳаҷву мутоиба бо шоирони дигар ва мавзӯъҳои иҷтимоӣ иборат мебошад. Се маснавии дигари вай «Ишқнома», «Ақлнома» ва «Таҷрибот-ул-илм» низ ба равияи диғар маснавиҳо навишта шуда, аз онҳо «Ишқнома» ҳаҷми бузургтар дорад ва ҳазор байт аст.

4. **Шайх Аттори Нишопурӣ** (1144-1222). Фаридаддин Абӯҳомид Муҳаммад ибни Абӯбакр Иброҳим ибни Исҳоқ Аттори Кадкании Нишопурӣ аз шоирони машҳури равияи тасаввуф ва аз ҷумлаи орифони номдор аст. Аттор соли 1144 дар Нишопур таваллуд ёфта, соли 1222 ба дасти муғуле кушта шудааст. Дар бораи оғози ҷавонӣ ва ибтидои кори шоирии Аттор то ба мо маълумоти дақиқе боқӣ намондааст. Падари Аттор ба кори атторӣ ва доруфурӯшӣ машғул буд ва ӯ касби

падарро давом додааст. Тахаллуси шоирии "Аттор" низ аз ҳамин касби ӯст.

Аз ишораҳои Аттор дар "Хусравнома" бармеояд, ки вай то замони вуруд ба олами тасаввуф ва таҳқиқ дар мақомоти ирфонӣ ба кори дукондорӣ, доруфурӯшӣ ва табобат машғул будааст:

Ба ман гуфт: Эй ба маънӣ оламафрӯз,
Чунин машғули тиб ғаштӣ шабу рӯз.

Аттор дар "Мусибатнома" ишорае дорад, ки баъзе асарҳояшро дар дорухона оғоз карда, дар ҳолате, ки ҳар рӯз одамони зиёдеро муоина мекардааст:

"Мусибатнома", к-андӯҳи ҷаҳон аст,
"Илоҳинома", к-асрори аён аст,
Ба дорухона кардам ҳар ду оғоз,
Чи гуна зуд растам з-ину он боз.
Ба дорухона понсад шахс буданд,
Ки дар ҳар рӯз набзам менамуданд.

Давлатшоҳи Самарқандӣ Шайх Атторро дар тиб шогирди Маҷдуддини Бағдодӣ дониста ва дувумиро, ки аз бузургони машоихи тасаввуф маҳсуб мешавад, ҳакими хоссаи Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ медонад. Агарчи Маҷдуддини Бағдодӣ низ дар оғоз табиб будааст, муносибати устодию шогирдии ӯ бо Аттор ҳанӯз машкук боқӣ мемонад.

Аз ишораи боло дар мавриди дар дорухона навишта шудани баъзе асарҳои шоир маълум мешавад, ки тағйири ҳол дар ӯ дар замони пизишкию доругарӣ падидор шудааст. Вай то замони бархурд ва мусоҳиба бо дарвеше дар назди дорухонааш ҳам ба воситаи машғулӣ ба кори доруфурӯшиву табобат дар хидмати халқ буд ва ҳам ҳамзамон андешаҳои ирфонии худро ба назм медаровард. Дар мавриди сабаби тавбаи Аттор, ки дар натиҷаи бархурд ва мусоҳибаи мазкур рӯй додааст, Абдурраҳмони Ҷомӣ дар "Нафаҳот-ул-унс" нақли аҷибе овардааст:

"Гӯянд, сабаби тавбаи вай он буд, ки рӯзе дар дуккони атторӣ машғул ва машъуф ба муомила буд. Дарвеше ба он ҷо расид ва чанд бор "шайун ли-л-Лоҳ" гуфт. Вай ба дарвеш напардохт. Дарвеш гуфт:

– Эй Хоҷа, ту чӣ гуна хоҳӣ мурд?

Аттор гуфт:

– Чунонки ту хоҳӣ мурд!

Дарвеш гуфт:

– Ту ҳамчун ман метавонӣ мурд?

Аттор гуфт:

– Бале.

Дарвеш косаи чӯбин дошт, зери сар ниҳод ва гуфт: "ал-Лоҳ" ва ҷон бидод. Атторро ҳол мутағаййир шуд ва дуккон барҳам зад ва ба ин тариқ даромад".

Абдурраҳмони Ҷомӣ Шайх Атторро аз муридони Маҷдуддини Бағдодӣ медонад. Маҷдуддини Багдодӣ аз тарбиятёфтагони мактаби Шайх Наҷмиддини Кубро мебошад. Аттор баъд аз тағйири ҳол ба расми соликони тариқат бахше аз умри хешро дар сафарҳо мегузаронад, аз Макка то ба шаҳрҳои Мовароуннаҳр бо бузургони тасаввуф ҳамсуҳбат мешавад, ки яке аз онҳо Маҷдуддини Бағдодӣ буд.

Охири умри Шайх Аттор дар зодгоҳи хеш ва дар гӯшанишинӣ, иршод ва таснифи асарҳои мондагор сипарӣ гардид. Нақле мавҷуд аст, ки дар пирии Шайх Аттор, ҳангоме ки падари Ҷалолиддини Балхӣ – Баҳоуддин Муҳаммад бо мақсади рафтан ба Ироқ аз Нишопур мегузашт, ба хидмати Шайх расид. Шайх Аттор нусхае аз "Асрорнома"-ро ба Ҷалолиддин медиҳад, ки дар он замон кӯдаке хурдсол буд.

**Мероси адабӣ**. Шайх Аттор осори бисёри адабӣ аз худ боқӣ гузоштааст. Муаллифони тазкираҳо то 190 китобро ба қалами ӯ нисбат додаанд. Худи Аттор низ ба зиёдии навиштаҳояш ишора карда ва худро "бисёргӯй" гуфтааст:

Бо дилам гуфтам, ки, эй бисёргӯй,
Чанд гӯӣ, тан зану асрор гӯй.

Аттор ба шеъру шоирӣ ба дараҷае алоқа дошта, ки шеърро ба дараҷаи "бут" пиндошта ва худро ҳамчун "бутпараст" муаррифӣ кардааст:

Чу ту умри азизи худ ба якбор
Ҳама дар гуфт кардӣ, кай кунӣ кор?
Бути ту шеър мебинам ҳамеша,
Туро ҷуз бутпарастӣ нест пеша.
Ҳиҷоби ту зи шеър афтод огоз,
Ки монӣ ту бад-ин бут аз Худо боз.
Басе бут буд гуногун, шикастам,
Кунун дар пеши шеърам бутпарастам.

Аммо дар мавриди осори мусалламии шоир баҳс ҷой

дорад. Бадеуззамони Фурӯзонфар ҳамон асарҳоеро маҳсули қалами Аттор медонад, ки дар муқаддимаи "Хусравнома" ва "Мухторнома" зикр шудаанд. Аз муқаддимаи ин асарҳо бармеояд, ки Аттор муаллифи маснавиҳои ирфонии "Асрорнома", "Илоҳинома", "Мусибатнома", "Ҷавоҳирнома", ё худ "Ҷавоҳир-уз-зот", "Шарҳ-ул-қулуб", "Мантиқ-ут-тайр" ва "Хусравнома" мебошад. "Ҷавоҳирнома" ва "Шарҳ-ул-қулуб" то ба мо нарасидаанд. Тавре пештар ҳам зикр шуда буд, Аттор маҷмӯаи рубоиёти худро бо номи "Мухторнома" мураттаб кардааст ва девони комили ғазалиёту қасоид ҳам дорад, ки бештар мавзӯъ ва мазмуни ирфонӣ доранд. Дар бораи зиндагии бузургони тасаввуф китоби "Тазкират-ул-авлиё"-ро бо насри зебо ва шевое наздик ба мавзун иншо кардааст.

Дар маснавии «Хусравнома» номи маснавиҳои Аттор ба ин тартиб зикр шудааст:

«Мусибатнома» зоди раҳравон аст,
«Илоҳинома» ганҷи хусравон аст.
Ҷаҳони маърифат «Асрорнома»-ст,
Биҳишти аҳли дил «Мухторнома»-ст.
«Мақомоти туюр»-и мо чунон аст,
Ки мурғи ишқро меъроҷи ҷон аст.
Чу «Хусравнома»-ро тарзе аҷиб аст,
Зи тарзи ӯ кеҳу меҳ бонасиб аст.
Зи шеърам ёд дошт он ёри доӣ,
Ҳама «Мухторнома» аз рубоӣ.
Зи ғуфти ман, ки табъи оби зар дошт,
Фузун аз сад қасоид ҳам зи бар дошт.
Ғазал қурби ҳазору қитъа ҳам низ,
Зи ҳар навъе муфассал бешу кам низ.
«Ҷавоҳирнома»-и ман бар забон дошт,
Зи «Шарҳ-ул-қалб»-и ман ҷон дар миён дошт.

Ба ғайр аз маснавиҳои зикршуда дар манбаъҳои адабӣ аз достонҳои дигари шоир низ ёд кардаанд, ки дар мансубияти онҳо ба Шайх Аттор шубҳа ҷой дорад. Мувофиқи шумори Фурӯзонфар, ҷамъи маснавиёти Аттор беш аз 29647 байт мебошад.

Аз Шайх Аттор "Девон"-и комили қасоид ва ғазалиёт боқӣ мондааст, ки онро худаш мураттаб кардааст. Чунонки дар муқаддимаи "Хусравнома" омадааст, Аттор дар девони

худ беш аз сад қасида ва қариб ҳазор газалу қитъаро навиштааст:

Зи гуфти ман, ки табъи оби зар дошт,
Фузун аз сад қасоид ҳам зи бар дошт.
Ғазал қурби ҳазору қитъа ҳам низ,
Зи ҳар навъс муфассал бешу кам низ.

Аммо миқдори зикршуда то замони мо ба пуррагӣ маҳфуз намондааст. Тақрибан ҳафтоду панҷ қасида ва дусаду чиҳилу ду ғазал ҳанӯз дастрас нашудаанд. Ғазалиёти Атторро Бадеуззамони Фурӯзонфар ба таври куллӣ ба се навъ тақсим кардааст: а) одӣ ва маъмулӣ, б) ирфонӣ, в) қаландарӣ. Ба навъи аввал 346 газал шомил аст, ки дар онҳо шоир ба тавсифи зебоиҳои зоҳирии маъшуқа: зулф, хат, хол ва дигар аъзои маъшуқ пардохта, ишқу маъшуқи ҳаётиро васф мекунад. Навъи дувум фарогири 418 газал мебошад, ки дар онҳо ишқи ҳақиқӣ ва иртибот ба шоҳиди ғайбӣ васф шуда, мазмунҳои ирфонӣ матраҳ шудаанд. Навъи севум аз 71 газал иборат буда, онҳо бар асоси фикри қаландария: тахриби зоҳир, таҳсили бадномӣ, амал кардан бар зидди расму русуми маъмул суруда шудаанд. Ашъоре, ки дар онҳо мазмунҳои аз масҷид ба майхонаю калисо рафтан, ишқ варзидан бо тарсоёни маҳрӯ, тарҷеҳ додани расвоӣ бар некномӣ дарҷ шудаанд, низ ба ҳамин навъ вориданд.

Чеҳраи Шайх Аттор дар қасоиди хеш аксар ба сифати шоири мавъиза ва насиҳатгӯй намудор мегардад. Қасидаҳои шоир аз навъи зуҳдиёт буда, фарогири мазмунҳои талқини тарки дунё, таваҷҷуҳ ба умури охират, беэътибории олам, нопойдории умр ва монанди инҳо ҳастанд. Шоир дар қасидасароӣ ба сабки Саноӣ ва Хоқонӣ назар доштааст.

Аз “Девон”-и Шайх Аттор нусхаҳои зиёде мавҷуд аст, ки аз нигоҳи ҳаҷм ҳамгун нестанд. Дар он миён комилтарин нусха фарогири 9943 байт мебошад.

**Сохт ва муҳтавои «Мантиқ-ут-тайр»**. Забеҳуллоҳи Сафо «Мантиқ-ут-тайр»-ро «тоҷи маснавиҳои Аттор» хондааст. Ҳаҷми ин манзума аз 4600 байт бештар аст. Ин маснавӣ асари рамзии тамсилист, ки сухан аз роҳи тасаввуф ва маърифати ирфон мегӯяд. Қабл аз Шайх Аттор Ибни Сино (980-1073) ва Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ (1058-1111) дар мавзӯи парандагон асарҳои тамсилӣ навиштаанд, вале асоси диди маърифатии инҳо равише дигар дорад. Ибни Сино дар

«Рисолат-ут-тайр» сайри тамсилии парандагонро баён мекунад, ки ба ақидаи донишмандон як навъ саргузашти тамсилии нависанда мебошад. Ба назари Ибни Сино, шуғли илмию ақлӣ асоси камолоти инсон аст. Ҳадафи Аттор раҳоӣ аз гирифтории ҳастӣ ва хоҳишҳои ҷисмонӣ ба хотири расидан ба ваҳдати кул мебошад.

Ба назари Забеҳулло Сафо, «ин манзумаи олии камназир... аз ҷумлаи шоҳкориҳои ҷовидонаи забони форсӣ аст». Дар воқеъ, маснавии «Мантиқ-ут-тайр» аз ҷумлаи асарҳои беназири адабиёти ирфонии форсӣ мебошад. Маснавӣ бо тавҳиди Борӣ ва офариниши инсон оғоз меёбад. Худованд ба мушти хок ҷон бахшид, бунёди аршу об, нигаҳдори осмон, ҷунбишу ороми мавҷудоти ҳастӣ, осмонро дар гирди замин чун хаймае сохт, дар шаш рӯз ҳафт андомро падид овард. Ҷону тан ба ҳам пайваст, вуҷуди хоку об, кӯҳу камар, пашшае душмании чорсадсола бар саре шуд. Дигар ишораҳо ба ҳикмати анкабут, мӯр ва Сулаймон, хилъати Аббос, сӯзани Исо, ҳастии Хуршеду Моҳ, шабу рӯз, асои Сулаймону мӯри сухандон. Хулоса, ҳама гардиши ҳастӣ аз ӯст ва дар пайи маърифату донистани ӯ бояд шуд. Иштиёқи ӯ беохир ва доимо дар ҷӯстанаш бояд буд:

Бо диле пурдарду ҷоне пурдареғ,
З-иштиёқат ашк меборам чу мeғ.
Чун зи дарди хеш баргӯям туро,
Умри ман шуд, то ба кай ҷӯям туро?
Раҳбарам шав, з-он ки гумроҳ омадам,
Давлатам деҳ, гарчи бегоҳ омадам.
Ҳар кӣ дар кӯйи ту давлатёр шуд,
Дар ту ғум гашту зи худ бедор шуд.

Дар ҳамин бахши муноҷот мисрае аз «Ҳудҳуди пайки раҳбар» хабар медиҳад. Ин бахши муноҷоти муқаддима бо ҳикояте анҷом меёбад: Айёре хост дилхастаеро теғ занад, занаш порае нон дод. Аз ӯ пурсид, ки ба ту кӣ дод? Гуфт: Нонамат аёлат дод. Гуфт: Бар мо куштани ту ҳаром шуд. Ҷон аз нонхона нест, нон аз даргоҳи Холиқ аст ва фарёдрас Илоҳӣ аст.

Фасли наъти Расул ба хоҷаи дунёву дин Мустафо бахшида шудааст ва ин ҳам бо ҳикояте анҷом меёбад: Модареро тифл дар об ва ҷонаш дар табу тоб афтод. Тифл дасту по мезад, об то нови осиё бурдаш, модараш барҷасту

ӯро бигирифт, шираш доду дар бар гирифт. Ин ғарқоби ҳастӣ дорои нове гарон аст, ки гирдоби ҳайрат мебошад:

Монда саргардон чу он тифлам дар об,
Дасту пойе мезанам аз изтироб.
Як нафас, ай мушфиқи тифлони роҳ,
Аз карам дар ғарқаи худ кун нигоҳ.
Ҳон, бубин ин заҳмати ғарқоби мо,
Раҳмате кун бар дили пуртоби мо.

Фаслҳои баъдии муқаддима дар маноқиби хулафои Рошиддин – Абӯбакри Сиддиқ, Умар, Усмон ва Алӣ ибни Абитолиб суруда шудаанд. Ин бахш фасле «Дар замми таассуб» дорад, ки дар он Шайх Аттор дур аз таассуб будани худро таъкид мекунад. Ба назари вай, дар хилофат таассуб нест, агар чунин будӣ, ҳар ду писарро пешво мекарданд. Такзиби ин чаҳор асҳоби Расул хилофи қавли Расул аст:

В-ар кунӣ такзиби асҳоби Расул,
Қавли пайғамбар накардастӣ қабул.
Гуфт: Ҳар ёрем начме равшан аст,
Беҳтарини қарнҳо қарни ман аст..

Баъди фаслҳои мансуб ба ситоиши чор ёр «Оғози достон» сар мешавад. Мақолаи аввали «Оғози достон» «Дар хитоб бо Ҳудҳуд» унвон дорад. Ҳудҳуд парандаест, ки ба форсӣ ба номи пӯпак ва ба форсии тоҷикӣ муллояк (муллобӯтбӯтак) машҳур аст. Ин Ҳудҳуд «пайки роҳбар асту ҳодӣ». Вай роҳбари сайри парандагон ба сарҳади Сабо – шаҳри рафоҳият ва озодагӣ мебошад. Сухани – нутқи парандагон аз сӯйи ҳамин Ҳудҳуд аст. Ҳудҳуд парандагонро барои ин сайр ҷамъ овард ва бо ҳар яке суҳбат ва тарғиби роҳ мекард.

Аввал мусичаро даъват ба оҳанги маърифат кард, то аз Фиръавн дур шавад ва каломи бехурӯшро бе ақлу гӯш шунидан хост. Ба Тӯтӣ мурочиат кард, то пок бошад. Кабки хушхиромро қаҳқаҳе дар ин роҳ задан хост, бозро ба номаи ишқ пазируфтан хост, то ақлро ба дил бадал кунад ва тавҳиди абаду азалро бубинад. Дурочро ба безорӣ аз нафс хонд, Андалебро номаи дарди ишқ хондан хост, Товуси аз суҳбати мор аз боғи биҳишт рондаро ба ҳилаки он мор даъват дод. Хитоб бо Тазарв, Қумрӣ, Фохта, бо Боз ва бо Ҳумой ба монанди ҳамин ба сӯйи ваҳдату маърифат аст.

Дар мақолаи сония «Дар сухани Ҳудҳуд бо мургон барои талаби Симург» даъват ба сӯйи Симурғ аст. Мургони ҷаҳон

маҷмае карданд ва гуфтанд, ин замон касе аз шаҳриёр холӣ нест. Иқлими моро шоҳ нест ва беш аз ин бе шоҳ набояд буд. Бо ёрии якдигар подшоҳеро талабгорӣ кунем, назму тартиби кишвар бо шоҳ аст. Ҳама ба ҷойгоҳе ҷӯёи шоҳе омаданд. Дар миёни ҷамъ Ҳудҳуд омад, дар бар ҳуллае аз тариқат ва бар сараш афсари ҳақиқат. Гуфт: Ман беайбаму пайки ғайб, аз халқам озод ва халқ низ озод аз ман. Сухани Ҳудҳуд баёни як сайри рӯҳонӣ дар таърихи мардумӣ аст, подшоҳи хешро дониста, вале танҳо наметавонам биравам, шумо бояд ҳамроҳ шавед:

Пас шумо бо ман агар ҳамраҳ шавед,
Маҳрами он шоҳу он даргаҳ шавед...
Ҷон фишонеду қадам дар раҳ ниҳед,
Пойкӯбон сар бад-он даргаҳ диҳед.
Ҳаст моро подшоҳе бехилоф,
Дар паси кӯҳе, ки ҳаст он кӯҳи Қоф.
Номи ӯ Симурғу султони туюр,
Ӯ ба мо наздику мо з-ӯ дури дур.

Дар раҳ хушкию дарё аст, барои ин роҳ пирмарде бояд, зеро роҳ дуру жарф аст. Ҳайрон, дар раҳаш гирёну хандон меравем. Ҷон бе ҷонон лозим нест, бар ин даргоҳ ҷон бояд фишонд. Дар ибтидои кор Симург аз Чин гузашт, аз ӯ паре фитод ва ҳар кишваре пуршӯр шуд, ҳар касе нақше аз он пар гирифт. Ҷумлаи мурғон аз иззати он подшоҳ беқарор шуданд, лекин аз рафтани роҳи дароз ҳар касе ранҷур буд ва ҳар як узри дигар гуфтанд.

Мақолаи солиса «Узри Булбул» унвон дорад. Булбул аз камоли ишқ маст дар ҳоли нестию ҳастӣ омад. Ҳазор овози ӯ маъниею розе дошт. Мегуфт асрори ишқ бар ман хатм шуд. Рози ишқ ва бехудӣ мегуфт, рози булбулро фақат гул медонад ва Булбул тоқати Симург надонад, барои вай ишқи гуле бас бувад ва як шаба аз ишқи гуле холӣ будан наметавонад. Ҳудҳуд ба вай гуфт, ки ба сурат мондаӣ ва аз ишқ дигар маноз. Ҳусни гул дар ҳафтае завол ёбад ва ту ба он намехандӣ. Ба ин маънӣ ҳикояти шаҳриёре нақл мешавад: Шаҳриёре духтари чун моҳ дошт, оламе бар вай ошиқ, ки дар сухани Аттор тасвири ниҳоят зебое дорад. Гадое аз дидори ӯ ними нону ними ҷоняшро бидод. Доимо аз хандаи ӯ дар гиря буд. Ҳафт сол бо сагон дар кӯйи духтар мехуфт. Хидматгорон ӯро куштан хостанд, вай ба ҷон додан розӣ буд.

Дар мақолаи чорум «Узри Тӯтӣ» омадааст, ки дар орзуи оби Хизр монда буд ва тоби бори Симурғро надошт. Ҳудҳуд ба ӯ гуфт, ки мард бояд ҷонфишон бошад бар ҷонон. Ба тақвияти ин мақола ҳам ҳикоят зам шудааст. Мақолаи панҷум дар узри Товус, ҷавоби Ҳудҳуд ва ҳикоят, мақолаи шашум дар узри Бат, бо замми ҳикоят, мақолаи ҳафтум бо узри Кабк, ҷавоби Ҳудҳуд ва ҳикоят, ҳамчунин мақолаи ҳаштум узри Ҳумой, ҷавоб додани Ҳудҳуд ва ҳикоят, мақолаи нуҳум узри Боз, ҷавоб додани Ҳудҳуд ва ҳикоят, мақолаи даҳум бо узри Бутимор, ҷавоб додани Ҳудҳуд ва замми ҳикоят омадаанд. Дар мақолаи ёздаҳум, ба ҳамин тартиб, узри Куф бо ҷавобу ҳикоят, дувоздаҳум Саъва, сездаҳум узри тамоми мурғон ҷавоби Ҳудҳуд ва ду ҳикоя омадаанд. Мақолаи чаҳордаҳум дар маънии ба роҳи рафтан ҷумлаи мурғони дигар рағбат ёфтанд ва дар роҳ чун рафтанро бипурсиданд ва чунин ҷавоб шуниданд:

Ҳудҳуди раҳбар чунин ғуфт он замон,
К-он ки ошиқ шуд, маяндешад зи ҷон…
Чун дили ту душмани ҷон оядат,
Ҷон ба рафтан, раҳ ба поён оядат.

Баъди ин «Ҳикояти Шайхи Санъон» омадааст, ки як достони комилест дар ҳаҷми 108 байт ва баъдҳо дар адабиёт аз он истиқбол шудааст. Дар мақолаи понздаҳум мурғон барои рафтан ба сӯйи Симурғ иттифоқ карданд. Сад ҳазорон мурғ ба роҳ омаданд. Даст аз ҷон шуста, бо бори ғарону роҳи дароз. Мақолаи шонздаҳум «Дар мушовараи мурғон бо роҳбари худ» аст. Мурғон роҳро бепоён медиданд ва пеши Ҳудҳуд омаданд ва гуфтанд, ту пеши Сулаймон будаӣ, фарозу шеби роҳ дидаӣ, бояд қавми худро сози роҳ бисозӣ. Мушкили дилҳои мо нахуст бишнав, то азм дуруст кунем. Ҳудҳуд суханро боз кард, бар тахт шуд, пеши мурғ сад ҳазорон омаданд. Булбулу Қумрӣ ба ҳам пеш омаданд.

Дар мақолаи ҳафдаҳум баёни мушкилоти мурғест. Соиле аз тафовути миёни мурғон хостан пурсид, ки софӣ аз дурдӣ аз мост. Ба вай ғуфт соате тоат раҳо макун ва умр ба тоат ба сар мебар. Дар таъйиди ин маънӣ се ҳикоят накл шудааст, ки Маҳмуди аз лашкар ҷудо мондаро кӯдаке дар лаби дарё бидид, ки дар дарё шаст фиканда буд. Маҳмуд аз ғамзадагии ӯ бипурсид. Кӯдак ғуфт: Ҳафт тифли бепадарем, модаре барҷомонда дорем. Барои рӯзӣ ман ҳар рӯз дом андозам, то

моҳие бигирам, қути мо аз ин аст. Бо кӯдак шоҳ ба анбоз (мусобиқа) шуд, он рӯз сад моҳӣ гирифт. Шоҳ ба ӯ гуфт, ин ҳама моҳӣ зи толеъ ба доматуфтод ва моҳигири ту подшоҳ шуд. Кӯдак гуфт, қисми худро бигир, шоҳ гуфт, қисми имрӯзӣ туро аз сайди фардо маро. Рӯзи дигар шоҳ боз бо ӯ анбоз шудан хост, аз ӯ сабаби ҳусну зебоиро пурсид. Гуфт: Соҳибдавлатӣ шодӣ оварду шеван гузашт.

Мақолаи ҳаждаҳум дар маънии ба ишколи мурге дигар ҷавоб додани Ҳудҳуд буда, дар тақвият ҳикояҳо ҳамроҳ дорад. Ба монанди ҳамин дар мақолаҳои нуздаҳум, бистум, бисту якум, мақолаи бисту дуюм, мақолаи бисту сеюм, бисту чорум, бисту панҷум, бисту шашум, бисту ҳафтум, бисту ҳаштум, бисту нуҳум, сиюм, сиву якум, сиву дуюм, сиву сеюм, сиву чорум, сиву панҷум, сиву шашум, сиву ҳафтум, сиву ҳаштум, сиву нуҳум, чилум, чилу якум ва чилу дувум сухан аз шаш водӣ аст, ки мургон аз онҳо мегузаранд. Дар ҳамаи он мақолаҳо мургон узре ва суоле ба Ҳудҳуд меоранд, аз ӯ посуху раҳнамоӣ мехоҳанд. Қисме аз мургон аз роҳ мемонанд ва боқӣ ба водии дигар мегузаранд. Ҷамъи водиҳо ҳафт водии сулук аст. Оғози кор водии Талаб аст, пас Ишқ, сеюм – Маърифат, чорум – Истиғно, панҷум водии Тавҳид, шашум водии Ҳайрат ва ҳафтум Фақру Фано.

Дар водии Талаб солҳо бояд ҷидду ҷаҳд кард. Чун матлаб ба даст наёмада, дилро пок кардан лозим аст. Дил, ки пок шуд, нури поки ҳазрат тофтан мегирад ва дари ҳақиқат боз мегардад. Водии Ишқ ҷойи сӯхтан аст:

Ошиқ он бошад, ки чун оташ бувад,
Гармрӯз сӯзандаву саркаш бувад...
Лаҳзае на кофирӣ донад, на дин,
Заррае на шак шиносад, на яқин.
Неку бад дар роҳи ӯ яксон бувад,
Худ чу ишқ омад, на ин, на он бувад.

Дар водии Маърифат роҳҳо мухталиф ва беохир аст, ягон роҳ ба дигаре монанд нест. Сайри ҳар кас дар ин роҳ то камоли ӯст. Чун офтоби Маърифат битобад, ҳар тане бар қадри хеш бино шавад. Ҳар комиле магзро аз дарун бинад, на пӯстро. Комиле бояд дар ин роҳи шигарф, то ғаввосии ин баҳри шигарф намояд.

Дар водии Истиғно даъвое нест. Ҷон ҳафт дарё ва ҳафт ахгар шарари ҷон аст. Дӯзахею ҷаннате ин ҷо нест, ҷузву кул

дар он табоҳ монанди як барги коҳе гардад.

Водии панҷум Тавҳид аст, адади бисёр дар ин роҳ якест, азал ва абад ҷовидон гум шуда, ҳама ҳече ва ҳеч ин ҳама. Дар ҳикоят омада, ки марде аз девонае пурсид, ки ин олам ва ин хона чист? Гуфт, ки олам ҷойи пурному нанге бо ҳар гуна рангест. Ҳама як умуми молида гардад ва дар набудани ҳама дигар чиз нест. Дар ин ягонагӣ дуӣ ва манию туӣ намонад.

Водии шашум – Ҳайрат ҷойи дареғ аст, оҳу дарду сӯз. Мард оташе афсурда бошад ё яке сӯхта ва ҳайрону дар таҳайюр ва раҳ ғумкарда, дар роҳи ҳайрат маҳву мот гардад. Аз мастию нестии худ, ҳастии худ бехабар монад, фаною бақояшро ва ҳеч чизро надонад:

Гӯяд: Аслан менадонам чиз ман
В-ин надонам, он надонам низ ман.
Ошиқам, аммо надонам бар киям,
Не мусулмонам, на кофир, пас чиям?!

Водии Фақру Фано (мақолаи 44) ҷойи сухан гуфтан нест. Ин водӣ айни фаромӯшӣ, гунгию каррию беҳушӣ бувад. Ҷунбиши баҳри куллӣ нақшҳоро бар ҷой намемонад:

Ҳар ду олам нақши ин дарёст бас,
Ҳар кӣ гӯяд нест, ин савдост бас…
Дил дар ин дарё бад-ин осудагӣ
Менаёбад ҳеч, ҷуз гумбудагӣ.

Мақолаи охирин (чилу панҷум) «Дар роҳ фитодани мургон ба сӯйи Симурғ» аст. Ҷони мургон аз иқтидори каму нотавонӣ беқарор шуд, басе аз онҳо бимурданд. Дигарҳо аз сари ҳайрат сар ба роҳ ниҳоданд. Солҳо дар шебу фароз рафтанд, умрашон сарф шуд. Он чи ба онҳо рух намуд, шарҳи посухаш мушкил аст. Агар ба раҳоӣ чун хун хӯрдани онҳо маълумат гардад. Кам касе аз онҳо то он пешгоҳ рӯ бурд. Аз он мургон андаке он ҷо расид, боз баъзе ғарқи дарё, маҳву нопайдо шуданд. Баъзе дар кӯҳи баланд ташна ҷон доданд, парҳои баъзе аз офтоб сӯхт, баъзеро палангу шер табоҳ кард, баъзе дар биёбон хушклаб бимурданд. Баъзе дар ғами донае мурданд, баъзе пас мондаву маҳҷур монданд. Аз сад ҳазорон андаке он ҷо расиданд:

Оламе пурмург мебурданд роҳ,
Беш нарасиданд сӣ он ҷойгоҳ…
Ҳазрате диданд бе васфу сифат,
Бартар аз идроки ақлу маърифат.

Ҳотифе аз киву чиву мақсади он нотавонон бипурсид, посух доданд:

Ҷумла ғуфтанд: Омадем ин ҷойгоҳ,
То бувад Симурғ моро подшоҳ...
Муддате шуд то дар ин роҳ омадем,
Аз ҳазорон сӣ ба даргоҳ омадем.

Он човуш гуфт, ки агар шумо дар ҷаҳон бошад ё на, ӯ подшоҳи мутлақи ҷовидон аст. Ба ин мушти ҳақир боз пас гаштан фармуд. Он сӣ мурғ диданд, ки ҳар чӣ эшон карда буданд, нақши бепоён буд. Аз кулли кул онҳо пок шуда, аз нури ҳазрат ҷон ёфтанд ва аз нав ҳайрон шуданд:

Ҳам зи рӯйи акси Симурғи ҷаҳон,
Чеҳраи сӣ мурғ диданд он замон.
Чун нигаҳ карданд он сӣ мурғ зуд,
Бешак, ин сӣ мурғ он Симурғ буд...
Хешро диданд Симурғи тамом,
Буд худ Симурғ сӣ мурғи мудом.
Чун сӯйи Симурғ карданди нигоҳ,
Буд худ сӣ мурғ дар он ҷойгоҳ.
В-ар ба сӯйи хеш карданди назар,
Буд ин сӣ мурғ эшон, он дигар.
В-ар назар бар ҳар ду карданди ба ҳам,
Ҳар ду як симурғ будӣ бешу кам.

Поёни маснавӣ боз бо ҳикоёт ва хитоби Аттор ба худ аст. Чунонки дидем, маснавӣ таълимоти сӯфиёнаи ҳафт мароҳили тариқат ва роҳи расидан ба асли ҳақиқати таълимоти орифонаи пантеистӣ мебошад. Ҳудҳуд таҷассуми пири роҳнамои солик аст ва парандагон рамзи равандагони роҳи тариқат мебошанд. Асли ҳақиқат ва роҳнамои ягонаро аз ҳастӣ меҷӯянд, вале он дар қалби ҷӯянда аст. Бозии калимаҳои Симурғ ва сӣ мурғ маънои як будани асли ҳақиқатро дорад. Ҷаҳони андеша ва маънавии Аттор дар олами тасаввуф ва ирфон ниёз ба тасдиқҳои воқеӣ дорад ва нақли ҳикоёти фаровон аз дунёи орифон, воқеиятҳои таърихию ривоятӣ ва достонӣ ҳусни маснавиро афзуда ва олами андешаро бо воқеяити завқӣ пайвастааст.

## НАМОЯНДАГОНИ БУЗУРГИ АДАБИЁТИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XI – ОҒОЗИ АСРИ XIII

1. **Носири Хусрав** (1004-1088). **Рӯзгори шоир**. Ҳаким Абӯмуъиниддин Носир ибни Хусрав ибни Ҳориси Қубодиёнӣ (Марвазӣ) аз шоирон ва донишмандони бузургу тавонои тоҷик, олими мутабаҳҳир, мутафаккир ва шахсияти маъруфи диниву мазҳабӣ дар асри XI мебошад. Вай дар соли 1004 дар Қубодиёни Тоҷикистон, ки дар он давра аз тобеоти Балх буд, таваллуд шудааст. Таваллудаш ба инқирози давлати Сомониён ва ҷавониаш ба давраи Ғазнавиён рост меояд.

Соли 1059 дар аҳди Хусравшоҳ ибни Баҳромшоҳ Ғазнин ба тасарруфи Салҷуқиён медарояд ва пойтахти Ғазнавиён ба Лоҳур интиқол дода мешавад. Ҳамин тавр, аз соли 1059 ба баъд ҳокимияти Ғазнавиён дар Хуросон хотима меёбад ва замони салтанати хонадони Салҷуқӣ огоз мегардад. Дар давраи Салҷуқӣ авҷ гирифтани низоъҳои мазҳабӣ, таассубу ҷаҳолати уламову фақеҳон вазъиятро боз ҳам тезутунд мегардонад.

Пас аз таъсиси давлати Фотимиёни Миср муборизаи гоявии миёни мазҳабҳо вусъати зиёд пайдо мекунад. Аз нимаи дувуми асри XI наҳзати исмоилия таҳти унвони “даъвати ҷадида” ривоҷи тамом пайдо мекунад. Наҳзати исмоилиён ва интишори даъвати онҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр давлати Салҷуқиёнро ба ҳарос оварда, муборизаи миёни сунниёну шиъиёнро дар қаламрави онҳо вусъат дод.

Носири Хусрав дар чунин замонаи зиддиятнок умр ба сар бурда ва зиндагиаш ҳам пур аз шебу фарозу фирор будааст. Баъд аз баргаштан аз сафари ҳафтсола маҳз ба таъқиби Салҷуқиён дучор гардид ва тарки ватан кард. Ашъори шарҳиҳолиро дар эҷодиёти адиб ҳам метавон пайдо кард.

Номи шоир Носир аст, чунонки дар огози “Сафарнома” гуфтааст: “Чунин гӯяд Абӯмуъиниддин Носири Хусрав ал-Қубодиёнӣ ал-Марвазӣ..., ки ман марди дабирпеша будам ва аз ҷумлаи мутасаррифон дар амвол ва аъмоли султонӣ. Ва ба корҳои девонӣ машгул будам ва муддате дар он шугл мубошират намуда, дар миёни ақрон шуҳрате ёфта будам”.

Дар бораи Хусрав ном доштани падари шоир, Ҳорис ном доштани ҷадди ӯ, Абӯмуъин ё Абӯмуъиниддин будани кунияташ низ шубҳа наметавон кард, зеро ҳам дар

“Сафарнома”, ҳам дар “Зод-ул-мусофирин” ва ҳам дар ашъораш борҳо ба ин маънӣ таъкид шудааст.

“Ҳуҷҷат” ё “Ҳуҷҷати замини Хуросон” лақаби ӯст, ки ҳамчун дараҷаи мазҳабӣ аз ҷониби халифаи фотимӣ ба ӯ дода шудааст. Аз ин ҷо лақаби асосии шоирии Носири Хусрав “Ҳуҷҷат” аст, ки ин лақабро борҳо дар шеъраш истифода карда ва тахаллуси аглаби ашъори ӯро ташкил медиҳад. Маншаъ ва маъхази ин лақаб маъмур шудани шоир ба ҳайси ҳуҷҷат, яъне доъии халифаи ҳаштуми фотимии Миср – ал-Мустансир Биллоҳ аст, ки солҳои 1039-1094 дар маснади халифаи давлати Фотимии Миср буд. Носири Хусрав барои он ин лақаби ифтихориро соҳиб гардида буд, ки дар Хуросон мардумро даъват ба мазҳаби хеш ва таълиму таргиб намояд.

Носири Хусравро ҳамчун “Ҳаким” ҳам ёд кардаанд. Чунин ишораҳоро дар китобҳои таърихиву тазкира ва ашъори худи шоир ҳам дучор мешавем, ки бесабаб нест: бино ба маълумоти худи шоир дар “Зод-ул-мусофирин” ва “Сафарнома” аз осори фалсафии Арасту, Афлотун, Форобӣ, Ибни Сино огоҳии комил доштааст. Дар осораш аз фалсафаи Юнони Қадим бисёр баҳс менамояд.

Носири Хусрав дар огози китоби “Сафарнома” худро Қубодиёнии Марвазӣ мехонад ва ба ин маънӣ дар шеърҳояш ҳам ёд мекунад, чунончи дар ин байт:

Пайваста шудам насаб ба Юмгон,<br>К-аз насли Қубодиён гусастам.

Насаби Марвазии ӯ ба сабаби як муддат дар Марв иқомат доштанаш аст.

Носири Хусрав, ба гуфтаи худаш, аз хонадони муҳташами соҳибсарват буд ва аз кӯдакӣ ба касби илм машгул шудааст. Таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш гузаронида, сипас барои идомаи таҳсил ба Балх меравад. Ӯ сарфу наҳви забони арабӣ ва Қуръонро аз худ мекунад. Забону ҳикмати ҳиндиву юнониро некӯ медонист ва аз илмҳои замонаи худ – ҷабру муқобала, ҳандаса, арӯз, фалсафа, нуҷум, тиб, табиийёт, ҳайат, фиқҳ, таърих, калом, мусиқӣ, милалу ниҳал бохабар буд. Қариб дар тамоми илмҳои роиҷи ақлӣ ва нақлии замонааш дониши комил касб карда буд. Забони форсиву арабиро ба ҳадди аъло медониста ва бо ҳар ду забон ҳанӯз аз ҷавонӣ тасниф мекардааст. Дар ин хусус дар ашъораш низ ишораҳо ҷой дорад:

Ин фахр бас маро, ки ба ҳар ду забон
Ҳикмат ҳаме мураттабу девон кунам.
Ҷонро зи баҳри мидҳати Оли Расул
Гаҳ Рӯдакиву гоҳе Ҳассон кунам.

Носири Хусрав ҳанӯз дар ҷавонӣ дар улуми адабиву китобат ва дабириву шоирӣ маҳорат дошта, дар ин ҳунарҳо мақом ва шуҳрати волоеро соҳиб гардида, аз синни 28-солагӣ ба шоириву нависандагӣ ва дабирӣ шугл варзидааст. Ба сабаби соҳибмаълумот будан аз ҷавонӣ ба дарбори Султон роҳ ёфта, боргоҳи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва писараш Султон Масъудро дидааст. Дар дарбори ӯ ба мартабаи дабирӣ ва корҳои девонӣ расида, эътибор пайдо карда унвони “адиб” ва “дабири фозил” доштааст. Хизмати Носири Хусрав дар мақомоти давлатии Ғазнавиён дар шаҳри Балх буда ва баъди ба дасти Салҷуқиён гузаштани ин шаҳр хидмати онҳоро қабул фармудааст. Бародараш Абулфазли Абдуҷалил низ дар хидмати дарбор буда ва унвони “Хоҷа” доштааст.

Пойтахти давлати Салҷуқӣ шаҳри Марв буд. Носири Хусрав баъди ба хидмати онҳо ворид шудан ба он ҷо рафт. Кам-кам дар рӯҳия ва андешаи Носири Хусрав дигаргунӣ ба вуҷуд омад ва дар пайи дарёфти ҳақиқатҳои зиндагии сиёсӣ, иҷтимоӣ, фикрӣ ва мазҳабӣ шуд. Ҳамин ковишҳои фикрӣ ва андешаи дарёфти ҳақоиқ ӯро маҷбур сохт, ки муддате ба Туркистон, Синд ва Ҳинд сафар кунад ва бо донишмандони динҳои дигар суҳбат ва баҳсҳо бикунад.

Дар моҳи ҷимодиюлохири соли 437 ҳиҷрӣ (баробар ба 1046 мелодӣ) Носири Хусрав хобе дид, ки зиндагии ӯро дигаргун сохт: “Шабе дар хоб дидам, ки яке маро гуфт: “Чанд хоҳӣ хӯрдан аз ин шароб, ки хирад аз мардум зоил кунад? Агар баҳуш бошӣ беҳтар”. Ман ҷавоб гуфтам, ки ҳукамо ҷуз ин чизе натавонистанд сохт, ки андуҳи дунё кам кунад. Ҷавоб дод, ки бехудӣ ва беҳушӣ роҳате набошад. Ҳаким натавон гуфт касеро, ки мардумро ба беҳушӣ раҳнамун бошад, балки чизе бояд талабид, ки хираду ҳуш бияфзояд. Гуфтам, ки ман аз куҷо орам? Ғуфт: “Ҷӯянда ёбанда бувад” ва пас сӯйи қибла ишорат кард ва дигар сухан нагуфт”.

Баъди ҳамин рӯъё Носири Хусрав ба сафари ҳафтсола рафт, ки дар соли 1053 анҷом ёфт. Носири Хусрав бо бародараш аз роҳи Табрез ва Димишқу Шом ба Миср омад ва чаҳор дафъа ба ҳаҷ рафт. Сипас бо роҳи Ямани Ироқу

Исфаҳон ба Хуросон баргашт. Дар вақти бозгашт Носири Хусрав панҷоҳсола буд.

Ӯ дар ҳама ҷой шогирдоне дошта, дар Миср аз илми ҳисобу ҳандаса ва ҷабру муқобала дарс ҳам гуфтааст. Муддате ба касби наққошӣ низ машғул шудааст. Дар ҳама ҳолату вазъияти зиндагӣ китобро азизу муқаддас дониста, ҳангоми мусофиратҳо аз паси корвон китобхонон мерафтааст. Ӯ дар Миср се сол зиндагӣ карда, маслаки исмоилия ва тариқаи фотимиҳоро қабул кард ва баъдтар ба мартабаи "Ҳуҷҷат" расид. Аз тарафи имоми фотимиён дар Қоҳира ба мақоми "Ҳуҷҷати ҷазираи Хуросон", ки яке аз ҷазоири дувоздаҳгонаи даъвати исмоилия буд, интихоб гардид ва маъмури нашру тарғиби мазҳаби исмоилӣ таъйин шуд.

Дар Хуросон Носири Хусрав ба тарғиби ақоиди худ пардохт. Душманонаш аз ҷумлаи мутаассибон зиёд шуданд ва ба туҳмати баддинӣ тарки ватан кард. Аввал ӯ аз Балх ба Нишопуру Мозандарон рафт, дар охир Юмгони Бадахшонро, ки дар миёни кӯҳҳо буд, ҷойи иқомати доимии худ қарор дод. Амири исмоилимазҳаби Бадахшон – Алӣ ибни Асад шоирро дар сарзамини худ ба хушӣ қабул мекунад. Носири Хусрав ҳамроҳи бародараш Абӯсаъид соли 1063 вориди Бадахшон гардида, дар деҳаи Юмгон маконеро ҷойи зисту эҷод интихоб намуда, 25 соли охири умрашро ба таълифу таҳсилу таблиғ бахшид. Тақрибан ғайр аз "Сафарнома" сойири осорашро дар ҳамон ҷо иншо кардааст. Носири Хусрав дар ҳамон ҷо, дар деҳаи Ҳазрати Сайид соли 1088 вафот ёфт ва қабраш ҳоло ҳам зиёратгоҳи исмоилиён ва аҳли илму адаб аст. Шоир дар қисмати Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар байни исмоилиён, бо номи "Шоҳ Носири Хусрав" маъруф аст.

**Мероси адабӣ**. Носири Хусрав ҳарчанд рӯзгори ноороми пур аз саргардониву мусофиратҳо ва маҳрумияту нобасомониҳо гузаронидааст, тавонистааст, ки осори ғанӣ ва гаронбаҳое аз худ ба ёдгор гузорад. Осори фикрии ӯро ба ҷуз аз осори фалсафию мазҳабӣ ва адабии "Зод-ул-мусофирин", "Хон-ул-ихвон", "Ваҷҳи дин", "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн", "Кушоишу раҳоиш", "Сафарнома", девони ашъор, маснавиҳои "Саодатнома" ва "Рӯшноинома" ташкил медиҳанд. Илова бар ин китобҳо асарҳои зерин ба қалами Носири Хусрав мутааллиқанд, ки дар онҳо муҳимтарин

андешаву афкори адабиву зебоишиносӣ, ахлоқиву танқидӣ, фалсафию динӣ ва иҷтимоию сиёсии адиб ифода ёфтаанд: "Бӯстон-ул-уқул", "Далел-ул-мутаҳаййирин", "Рисола"-е ба наср дар ҷавоби 91 суоли фалсафӣ, мантиқӣ, табиӣ, наҳвӣ, динӣ ва таъвилӣ.

Носири Хусрав дар синни 28-солагӣ ба шеъргӯӣ пардохта, дар огоз дар базми шоҳони Ғазнавию Салҷуқӣ шеъру қасидаҳо месуруд. Ба қавли худи шоир, то синни 42-солагӣ, яъне то замони рух додани таҳаввулоти фикрӣ дар ӯ, муддате дар дарбори шоҳон ба монанди шоирони дигар машгули бодахӯриву ишқварзӣ, сурудани мадҳу газал ва ҳазлу мутоиба будааст. Баъдтар аз ин амал ва бодагусориҳои худ дар дарбор пушаймон мешавад:

Он кардӣ аз фасод, ки гар ёдат ояд он,
Рӯят сиёҳ гардаду тира шавад замир.

Носири Хусрав дар тамоми улуми роиҷ дар замонааш роҳ ёфта ва дониш андӯхта буд. Чунонки зикр шуд, Қуръони маҷидро аз бар карда, аз илмҳои юнонӣ ва динии исломӣ огоҳии кофӣ дошт. Китобҳои ӯ "Зод-ул-мусофирин", "Хон-ул-ихвон", "Ваҷҳи дин", "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн", "Кушоишу раҳоиш" дар фалсафа ва масоили ислому илми калом ба равиши мазҳаби исмоилия баҳс мекунанд. "Сафарнома" ёддошти сафари ҳафтсолаи ӯст. Ҳамаи китобҳои Носири Хусрав ба насри содаи форсӣ ва наздик ба фаҳми ҳар хонанда навишта шудаанд.

Дар миёни осори мансури Носири Хусрав аз нигоҳи ҳаҷм ва арзиши илмӣ "Зод-ул-мусофирин" бузургтарин асари фалсафии ӯ буда, соли 1061 бо забони содаю фасеҳи форсӣ таълиф гардидааст. Мавзӯъ ва мундариҷаи китоб хеле фарох буда, дар 27 фасли он, ки "қавл" номида шудаанд, масъалаҳои гуногуни фалсафиву мазҳабӣ, аз қабили ҷавҳару араз, замону макон, ҳаракат, нафс, вуҷуди Худованд, баҳси ҳадасу қидами олам, савобу иқоб, таъвили Қуръон ва гайра мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дувумин китоби насрии арзишманди Носири Хусрав "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн" аст, ки, ба қавли муаллиф, дар соли 462 ҳиҷрӣ / 1070 мелодӣ навишта шудааст. Ин китоб бо илтимоси амири Бадахшон – Алӣ ибни Асад ал-Ҳорис барои ҳал кардани мушкилоти мавҷуд дар қасидаи Абулҳайсами Ҷурҷонӣ таълиф шудааст. Дар он масоили фалсафӣ ва

ҳикмати исмоилӣ бо далелу бурҳонҳои ақлӣ ва таъвили оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ матраҳ шудааст. Китоб дар шакли суолу ҷавоб миёни ҳакими донишманд ва шогирди ҷӯяндаи ҳақиқати мазҳаби исмоилия танзим гардида, дар он бештар аз роҳи таъвил андешаронӣ шудааст.

Асари дигари Носири Хусрав "Хон-ул-ихвон" аст, ки асари фалсафӣ буда, барои оммаи васеи мардум, ки пояи баланди маълумоти фалсафӣ ва илмӣ надоранд, навишта шудааст. Ин китоб як навъ дастури ахлоқи ҳамида барои оммаи мардум маҳсуб мегардад. Дар сад фасли асар, ки "саф" номида шудаанд, масъалаҳои гуногуни фалсафию ақлонӣ, аз қабили офариниши олам, аҷрому наботот, ҳайвонот, росту дурӯғ, долу мадлул, нафс, душмани Худо будани шахси бадкирдор, фарқи инсон аз ҳайвон, савобу иқоб, фанопазир будани ақл ва ғайра мавриди баҳс қарор гирифтаанд.

Дигар аз асарҳои Носири Хусрав "Кушоиш ва раҳоиш" мебошад, ки он шомили маҷмӯи ҷавобҳоест, ки ба 30 саволи яке аз шогирдон ва пайравони мазҳаби исмоилия таълиф гардидааст. Сохтори асар ба сурати пурсишу посух танзим шудааст.

Асари дигари мансури Носири Хусрав "Ваҷҳи дин" мебошад, ки аз нигоҳи таърихи таълиф пас аз "Зод-ул-мусофирин" навишта шудааст. Дар 51 боби асар, ки "гуфтор" номида шудаанд, масъалаҳои марбут ба Қуръону ислом, намозу рӯза, суннатҳои исломӣ ва қуръонӣ таъвил гардидаанд.

Носири Хусрав дар радифи бузургтарин шоирони форсигӯй ҳам мақом дорад. Вай соҳиби ду девони ашъор будааст, ки яке аз онҳо форсӣ ва дигараш арабист. Ҳар ду девон дар замони шоир иштиҳору эътибори тамоме доштаанд. Девони арабии ӯ то ҳол дастрас нест, вале девони дигараш то ба мо боқӣ мондааст, ки борҳо ба табъ расидааст. Аз ҷумла, яке аз чопҳои нисбатан мукаммали "Девон"-и Носири Хусрав, ки соли 1339 ҳиҷрӣ / 1961 м. бо саъйи Саййид Насруллоҳи Тақво дар Теҳрон ба табъ расидааст, маснавиҳои "Саодатнома" ва "Рӯшноинома"-ро низ дар бар мегирад. Ин "Девон" шомили 11047 байт шеър аст, ки таркиби он аз нигоҳи анвои шеърӣ асосан аз қасоиди ахлоқӣ ва динию мазҳабӣ иборат аст. Дар таркиби он муқаттаоту рубоӣ ва абёти дигари мутафарриқа низ мавҷуд аст.

Таърихи дақиқи танзими девони Носири Хусрав маълум нест. Ашъоре, ки дар таркиби "Девон"-и дастрас мавҷуданд, танҳо фарогири маҳсули давраи дуюми фаъолияти эҷодии шоир ҳастанд. Ашъори дар ҷавонӣ сурудаи Носири Хусрав, ки шомили мадҳу газалу ҳазл будаанд, ба девон ворид нагардидаанд, ё аз миён рафтаанд, ё худи шоир он ҳамаро ҳазф кардааст. Ба ҳар сурат, то имрӯз на ҳамаи ашъори Носири Хусрав ба даст омада, "Девон"-и дастраси шоир фарогири ҳамаи ашъори бозмонда аз ӯ нест. Ҳам муаллифони сарчашмаҳо ва ҳам худи шоир ба бисёр будани ашъораш ишора кардаанд. Ба қавли Давлатшоҳи Самарқандӣ, "Девон"-и Носири Хусрав шомили сӣ ҳазор байт "маҷмӯи ҳикмату мавъизат" будааст.

Маснавиҳои "Рӯшноинома" ва "Саодатнома" ҳаҷман хурд буда, дар вазъу ҳикмат ва мавзӯъҳои илмии динӣ ва фалсафӣ суруда шудаанд. Маснавии "Рӯшноинома" дар вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур таълиф гардида, теъдоди абёти он аз рӯйи чопи Теҳрон 559 байт ва мувофиқи чопҳои дигар 592 байт аст. Ба қавли шоир, ин маснавӣ дар як ҳафта таълиф шуда, таърихи анҷоми он соли 1049 аст. Мувофиқи фаслҳо, мавзӯъ ва мундариҷа "Рӯшноинома"-ро ба чунин мавзӯъҳо табақабандӣ кардан мумкин аст: муқаддима, тавҳиди Худованд, ақли кулл, офариниши олам, чигунагии аносир ва маволид, мувофиқати шаклу мазмун, инсон ва чигунагии моҳияти он, рӯҳиёт, ахлоқ, масоили нуҷум, тарки дунё, маъод, муносибат ба шеъру шоирон ва хотима. Аз ин табақабандӣ бармеояд, ки ин маснавӣ фарогири мухтасаре аз таълимоти Носири Хусрав аст, ки дар осори мансури ӯ, ба мисли "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн", "Зод-ул-мусофирин", "Хон-ул-ихвон", "Кушоишу раҳоиш" ва дигар таълифот ба миён гузошта шудаанд.

"Рӯшноинома" бо номи "Шаш фасл" низ маъруф буда, яке аз манзумаҳои муҳимми фалсафию ахлоқии Носири Хусрав маҳсуб мешавад.

Маснавии дигари Носири Хусрав "Саодатнома" мебошад, ки дар ҳамаи нусхаҳо теъдоди абёти он ба 300 баробар буда, низ дар вазни маснавии аввал суруда шудааст. Таърихи эҷоди ин маснавӣ маълум нест. Баъзе масъалаҳои дар маснавии "Рӯшноинома" матраҳ гардида дар ин асар низ такрор шудаанд.

"Саодатнома" то ҳадде ба "Рӯшноинома" монанд бошад ҳам, дар он масъалаҳои фалсафӣ ва илоҳиёти исмоилия ба миён гузошта нашуда, дар 30 боби он масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ, аз қабили таслиму некӣ, камозориву бурдборӣ, ноҷинсиву ҷоҳилӣ, дӯстию душманӣ, тамаъ ва хорӣ, эҳсону роҳатрасонӣ ва ғайра мавриди андеша ва мулоҳизоти шоир қарор гирифтаанд.

Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Муҷтабо Минавӣ, бар онанд, ки "Рӯшноинома" шакли манзуми "Шаш фасл" аст. Андешаи баҳсноки дигар ин, ки гӯё "Саодатнома" ба қалами шоири асри XIV Шарифи Исфаҳонӣ мутааллиқ будааст. Аммо ҳақиқати воқеӣ ин аст, ки мазмуну мундариҷаи абёти ҳар ду маснавӣ "аз лиҳози мазмун ва баъзан саноати бадеӣ ба "Девон"-и Носири Хусрав монанданд. Пораҳо ва байтҳое ҳам дучор мешаванд, ки онҳо бо каме тағйирот дар дигар осори назмии мутафаккир дида мешаванд...". Яъне, ба ҳақиқати ба қалами Носири Хусрав тааллуқ доштани маснавиҳои мазкур ҷойи тардид боқӣ намемонад.

Носири Хусрав дар шеър дорои услуби хоси худ аст. Сухани ӯ сода, бе ороиши санъат ва дар заминаи муҳокимаи мантиқию пояи илмӣ ҷараён дорад, ба ороишу пероиши маҳз ва суханпардозиҳои зиёд майл намекунад.

Яке аз нахустин чопҳои осори шоир дар давраи собиқ Шӯравӣ "Сафарнома"-и ӯ мебошад, ки соли 1933 бо тарҷума ва муқаддимаи Е. Э. Бертелс чоп шуда буд. Аз нахустин маҷмӯаҳои ашъори Носири Хусрав, ки дар Тоҷикистон ба нашр расидааст, "Гулчине аз "Девон"-и ашъор" мебошад, ки бо интихоб ва муқаддимаи Камол Айнӣ ба табъ расидааст. Минбаъд дар Тоҷикистон "Сафарнома" (1970), "Рӯшноинома" (1992) ва "Куллиёт"-и шоир бо кӯшиши А. Девонақулов ва дигарон соли 1991 ба табъ расидааст. Вобаста ба бузургдошти 1000-солагии Носири Хусрав осори ӯ ба сурати нисбатан мукаммал зевари табъ ба бар карданд.

2. **Умари Хайём** (1048-1131). **Ҳаёт ва фаъолияти илмию адабӣ.** Ҳуҷҷатулҳақ Ҳаким Ғиёсиддин Абулфатҳ Умар ибни Иброҳим Хайёми Нишопурӣ аз ҳакимон ва донишмандони бузурги асрҳои XI-XII мебошад. Хайём дар шаҳри Нишопури Хуросон дар оилаи хаймадӯз ба дунё омадааст. Тӯли умрашро дар баъзе маъхазҳо миёни солҳои 1040-1123 ва вафоташро соли 1127 ҳам зикр кардаанд.

Дар масъалаи ҳувияти Хайём ва чеҳраи шоирии ӯ баҳсҳо зиёданд. Хайёмро муҳаққиқон аксар ҳамчун шоир, файласуф, риёзидон, ҳайатшинос ва мунаҷҷим шинохтаву муаррифӣ кардаанд. Таҳсили ибтидоӣ ва мадрасагиаш дар зодгоҳаш гузаштааст. Дар назди Шайх Муҳаммади Мансур ном сардори донишмандон таҳсил намуда, то 17-солагӣ кулли илмҳои роиҷ дар замонаашро аз бар кардааст.

Солҳои ҷавонии Хайём ба аҳди аввали забткориҳои Салҷуқиён рост меояд. Вай Хуросонро тарк карда, соли 1070 бо даъвати ҳокими Самарқанд – Абӯтоҳири Абдурраҳмон ба Самарқанд меравад ва се сол дар ҳамон ҷо мемонад. Як соли дигар дар Бухоро, дар дарбори Шамсулмулуки Қарохонӣ ба кору эҷод мепардозад. Соли 1075, дар синни 26-солагӣ бо дархости Ҷалолуддин Маликшоҳи Салҷуқӣ ва вазири донишманди ӯ – Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ маъруф ба Низомулмулк ба Исфаҳон меравад. Султон Хайёмро надим, яъне ҳамсуҳбати худ намуда буд. Хайём дар дарбори ӯ ба вазифаи мунаҷҷим хидмат ва ба ташкили расадхона оғоз мекунад. Мурод аз ин иқдом ислоҳ ва такмили солшумории шамсии зардуштӣ буд, ки ин солшуморӣ дар аҳди Яздгирди сеюм (16-уми июли 632) ҷорӣ шуда буд.

Дар муддати панҷ сол донишмандони ҳайатшиноси Исфаҳон: Абӯҳотам Музаффари Исфизорӣ, Абулаббоси Лӯкарӣ, Абдурраҳмони Хозинӣ ва Маймун ибни Наҷиби Воситӣ бо сарварии Хайём ислоҳу такмили солшумории шамсиро анҷом доданд, ки дар ин тақвим миқдори рӯзҳои сол, моҳҳо, ҳафтаҳо бо тамоми нозукӣ ба сурати дақиқ муайян шуда буд. Ин тақвим аз солшумории пешинаи яздгирдӣ дақиқтар буда, сазовори эътибори умум гардид ва дар асрҳои баъдӣ ҳамчун яке аз беҳтарин тақвимҳо бо номи “Тақвими ҷалолӣ” истифода бурда мешуд. Дар соли 1092, баъд аз кушта шудани Низомулмулк ва вафоти Маликшоҳи Салҷуқӣ расадхонаи Исфаҳон баста мешавад ва доираи илмию адабии Исфаҳон ҳам пароканда мегардад.

Хайём дар охири умр ба Нишопур бармегардад ва дар ҳамон ҷо вафот меёбад ва хок мешавад. Ба қавле, шоир дар соли 1097 сафари ҳаҷ ҳам кардааст. Муаллифони сарчашмаҳо мегӯянд Хайём чунон заковатманд буд, ки дар Исфаҳон ҳафт бор китоберо хонда, ҳифз кард ва дар Нишопур онро навишт. Вақте имлои ӯро бо нусхаи асл муқоиса карданд, байни онҳо

тафовут зиёд набуд.

**Мероси адабӣ**. Дар таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик ва ҷаҳон Умари Хайёмро, қабл аз ҳама, ҳамчун шоири рубоисаро мешиносанд. Вай муаллифи як силсила рубоиҳои иҷтимоию фалсафӣ мебошад. Дар бораи шахсияти Хайёми шоир ва рубоиҳои мутааллиқ ба вай ҳанӯз ҳам баҳсҳо идома доранд. Муҳаққиқон миқдори рубоиҳои Хайёмро ба таври гуногун аз 76 то 1200 адад ҳисоб кардаанд. Баъзе муҳаққиқон ва алоқамандони рубоиҳои шоир кӯшиш ҳам кардаанд, ки рубоиҳои сараи Хайёмро аз миёни теъдоди зиёди рубоиҳои мансуб ба ӯ ҷудо бикунанд. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон чунин корро Гулрухсор анҷом додааст, вале кори вай бунёди манбаъшиносӣ надорад.

Тахаллуси шоирӣ ва илмии Хайёмро ба касби падараш – хаймадӯзӣ нисбат медиҳанд.

Рубоиёти Хайём дар тамоми ҷаҳон машҳур мебошанд. Эдвард Фитсҷеролд ном донишманди англис рубоиҳои шоирро дар нимаи дуюми асри XIX ба забони инглисӣ тарҷума кард ва дар саросари Аврупову Амрико онҳо паҳн гардиданд. Рубоиҳои Хайём ба забонҳои дигари дунё ҳам борҳо тарҷума ва чоп шудаанд. Китобе ҳам ба чоп расидааст, ки рубоиҳои шоирро ба сӣ забони дунё дар бар мегирад. Дар Россия низ Хайём аз охирҳои асри XIX маъруф аст. Нахустин тарҷумаи русии 18 рубоии шоир мансуб ба қалами В. Л. Величко соли 1894 нашр шуда буд. Аввалин тадқиқот оид ба эҷодиёти бадеии Хайём дар адабиёти рус соли 1897 чоп шудааст, ки ба қалами ховаршиноси номӣ В. А. Жуковский тааллуқ дошт.

Умари Хайём ба забони арабӣ ҳам шеър гуфтааст. Аз сурудаҳои арабии ӯ панҷ қитъа боқӣ мондааст, ки сетои онҳо дар тарҷумаи Суҳайлӣ Ҷавҳаризода соли 1955 ба забони тоҷикӣ чоп шудааст.

Агар қисми аввали мероси адабии Умари Хайёмро рубоӣ ташкил диҳад, ҳиссаи дувуми он аз осори илмию фалсафӣ иборат аст. Хайём ҳакими донишманд, файласуф ва мунаҷҷим буд. Ин китобҳо намунае аз осори ӯ мебошанд: “Мушкилоти ҳисоб”, “Рисолаи ҷабру муқобала”, “Рисола фӣ шарҳ мо ашкала мин мусодароти китоби Уқлидус” (1077), “Шарҳ-ул-мушкил мин китоб-ул-мусиқӣ”, ки аз назарияи математикии мусиқӣ баҳс мекунад, “Рисолат-ул-кавӣ ва-т-таклиф” – дар

мавзӯи фалсафӣ (1080), “Рисола фӣ-л-вуҷуд”, “Рисолае дар меъроҷ”, рисолаи форсии “Равзат-ул-қулуб” ва ғайра.

Аввалин асари Хайём дар соҳаи математика “Мушкилоти ҳисоб” аст, ки дар он қоидаи умумии ба даст овардани решаҳои бутуни мусбати ададҳоро барои аввалин бор дар таърихи илми математика кашф кардааст. Ин асар то ба мо нарисадааст, вале худи Хайём дар асари дигараш “Рисола дар исботи масоили ҷабру муқобала”, ки дар Самарқанд таълиф шудааст, аз он хабар медиҳад. Асари дигари илмии Хайём “Зичи маликшоҳӣ” аст, ки дар он мушоҳидаҳои дар расадхонаи Исфаҳон ба даст омада ҷамъбаст гардидааст.

Хайём дар соли 1097 бо илтимоси вазир Фахрулмулк асари фалсафии “Рисола фӣ куллиёти вуҷуд”-ро ба забони порсии дарӣ навиштааст, ки “Дархостнома” ҳам номида мешавад.

Чунонки зикр шуд, Умари Хайём соҳиби рубоиҳои нафис ва зебое мебошад, ки бо мазмуни фалсафӣ ва рӯшанию тозагии фикр имрӯз дар тамоми ҷаҳон машҳур мебошанд.

Рубоиёти Хайём бо тозагии мавзӯъ ва мазмун, пайвастагӣ ва бунёд бар андешаҳои фалсафӣ ва маърифати ҳастию мобаъдуттабиӣ сухане дар адабиёт наву нотакроранд. Онҳо, гузашта аз умқи маънии фалсафибунёд, содаю равон бе такаллуф ва тасаннуъ мебошанд. Бо вуҷуди ин, андешаи озод онҳоро бар сурати бадеӣ ва фасоҳати хос овардааст. Масалан, дар ин рубоиҳо равонию содагии сухани Хайём онҳоро хеле дилпазир гардонидааст:

Ин қофилаи умр аҷаб мегузарад,
Дарёб даме, ки бо тараб мегузарад.
Соқӣ, гами фардои қиёмат чӣ хӯрӣ?
Пеш ор пиёларо, ки шаб мегузарад.

***

Ҳарчанд ки рангу рӯйи зебост маро,
Чун лола руху чу сарв болост маро.
Маълум нашуд, ки дар тарабхонаи хок
Наққоши азал баҳри чӣ орост маро?

Дар миёни хонандагони кишварҳои гуногуни дунё рубоиёти дар мавзӯи май сурудаи вай бисёр шуҳрат ёфта ва гӯё Хайёмро ба ситоиши майхорагӣ ва гедонизм (ишратпарастӣ) мешиносонад.

Воқеият ин аст, ки дар рубоиёти асили Хайём, на иддае аз рубоиёти воқеан илҳоқӣ, ҳатто ҳамин мавзӯи май навъе андеша ва гуфтугӯ аз фалсафаи ҳастӣ ва мақсади вуҷуди инсон мебошад. Намунае аз рубоиёти дар мавзӯи май сурудаи шоир:

Абр омаду боз бар сари сабза гирист,
Бе бодаи гулранг намебояд зист.
Ин сабза, ки имрӯз тамошогаҳи мост,
То сабзаи хоки мо тамошогаҳи кист?

***

Гӯянд касон, биҳишт бо ҳур хуш аст,
Ман мегӯям, ки оби ангур хуш аст.
Ин нақд бигиру даст аз он насия бидор,
К-овози дуҳул шунидан аз дур хуш аст.

***

Чун умр ба сар расад, чи ширину чи талх,
Паймона чу пур шавад, чи Бағдоду чи Балх.
Май нӯш, ки баъд аз ману ту моҳ басе
Аз салх ба ғурра ояд, аз гурра ба салх.

Мавзӯи асосии рубоиёти Хайём андеша ва тафаккури як донишманд аз мавқеи таълимоти ҷабру ихтиёр мебошад, ки худ ҷонибдори равиши якум аст, дар баробари сарнавишти одамиён дар хилқат, ки умри инсон нопойдор аст. Барои одам фоҷиаи азим аст, ки бо ин ҳама шукӯҳу бузургии худ, қодири растохез нест ва мубталои роҳе беанҷом баъд аз марг аст. Шоир гирифтории фоҷиаи ҳастиро бо навъе шодии бебақои ҷаҳон ҳамсон медонад. Ба ин равиш Хайём рубоиҳо сурудааст:

Онон, ки муҳити фазлу одоб шуданд,
Дар ҷамъи камол шамъи асҳоб шуданд.
Раҳ з-ин шаби торик набурданд бурун,
Гуфтанд фасонаеву дар хоб шуданд.-

***

Асрори азалро на ту донию на ман
В-ин ҳарфи муаммо на ту хонию на ман.
Ҳаст аз паси парда гуфтугӯйи ману ту,
Чун парда барафтад, на ту монию на ман.

***

Дар доирае, к-омадану рафтани мост,
Онро на бидоят, на ниҳоят пайдост.

Кас меназанад даме дар ин олами рост,
К-ин омадан аз куҷову рафтан ба куҷост.

Китоби "Наврӯзнома"-и Хайём дар мавзӯи пайдоиши ҷашни Наврӯз, расму ойини ин ҷашн ва одоби подшоҳон навишта шудааст. Мансубияти онро ба Хайём бархе аз донишмандон зери шубҳа гузоштаанд.

3. **Фахриддини Гургонӣ** (соли таваллуд ва вафоташ номаълум). **Ҳаёт ва фаъолият.** Фахриддин Асъади Гургонӣ аз ҷумлаи шоирони достонсарои асри XI ба ҳисоб меравад. Шоир дар огози асри XI таваллуд шуда, тақрибан то соли 1063 дар қайди ҳаёт будааст. "Гургонӣ", ё ки "Ҷурҷонӣ" дар таркиби исми шоир ишора ба ватанаш аст. Ҷузъиёти шарҳи ҳол, таҳсили илм, воқеоти давраи ҷавонӣ ва камолоташ дар сарчашмаҳо зикр нагардидааст. Аз ашъораш бармеояд, ки ӯ илмҳои замонаашро хуб омӯхта ва аз адабиёти форсиву арабӣ вуқуфи комил дошта, забони паҳлавиро низ медонистааст.

Фаъолияти эҷодии Фахриддини Гургонӣ дар дарбори ҳукмрони зодгоҳаш шурӯъ мешавад, аммо кораш бинобар душманиии ҳасудон ва бемеҳрии ҳоким барор намегирад. Ба ҷустуҷӯи мамдуҳи нав роҳи дарбори Салҷуқиёнро пеш мегирад. Дар шаҳри Марв ба силки шуарои Туғрулбек ибни Мекоили Салҷуқӣ (замони ҳукмрониаш: 1040-1063) дохил мешавад ва давраи авҷи шуҳраташ низ ба ҳамин замон рост меояд. Дар базмҳо ва сафарҳои ҳарбии Туғрулбек ширкат мекардааст. Дар достони "Вис ва Ромин" номи ин подшоҳро зикр карда ва аз лашкаркашиҳояш ҳам хабар додааст.

Дар лашкаркашиҳои султони мазкур ба Исфаҳон ва тасхири он шаҳр шоир ҳамроҳи султон чанде дар он шаҳр таваққуф мекунад. Баъд аз чанде султон ба қасди тасхири Ҳамадон аз Исфаҳон хориҷ мешавад, вале Фахриддини Гургонӣ дар ҳамон шаҳр боз чанде маскун мешавад. Зимистонро дар ҳамон шаҳр назди ҳокими Исфаҳон аз ҷониби Туғрулбеки Салҷуқӣ - Абулфатҳи Музаффари Нишопурӣ мегузаронад. Дар мулоқотҳое, ки миёни ин ҳоким ва шоир доир мегардид, рӯзе сухан аз достони "Вис ва Ромин" меравад. Дар натиҷаи ҳамин мулоқот шоир ба назми достони "Вис ва Ромин" мепардозад ва онро аз асли паҳлавии маъмул дар миёни мардуми Исфаҳон ба назми порсӣ медарорад. Чунонки худи шоир мегӯяд:

Надидам з-он накӯтар достоне,
Намонад ҷуз ба хуррум бӯстоне.
Валекин паҳлавӣ бошад забонаш,
Надонад ҳар кӣ бархонад баёнаш.
На ҳар кас он забон некӯ бихонад
В-агар хонад, ҳаме маънӣ надонад...
Дар ин иқлим он дафтар бихонанд,
Бад-он, то паҳлавӣ аз вай бидонанд.
Куҷо мардум дар ин иқлим ҳамвор
Буванд он лафзи ширинро харидор.

Кори Фахриддини Гургонӣ рӯйи достони мазкур дар асоси нусхаи паҳлавии достон ва бо хоҳиши Абулфатҳи Музаффар сурат гирифтааст.

**Мероси адабӣ**. Аз осори Фахриддини Гургонӣ ба гайр аз достони "Вис ва Ромин" тавассути тазкираҳо порчаҳои қасоид ва абёти пароканда низ боқӣ мондаанд.

"Вис ва Ромин" яке аз достонҳои қадимаи адабиёти пешазисломӣ буда, бо таҳрири манзуми Фахриддини Гургонӣ то ба мо расидааст. Муҳаққиқон асли "Вис ва Ромин"-ро аз таълифоти давраи Ашкониён тахмин кардаанд. Дар ин бора дар мавриди адабиёти аҳди қадим сухан рафта буд. Дар хусуси мабдаи достон ду ақида мавҷуд аст: якум, шоир ривояти мансури паҳлавии қиссаро назм кардааст; дуюм, пеш аз Фахриддини Гургонӣ ҳам ривоят ё ривоёти манзуми "Вис ва Ромин" дар адабиёти форсӣ мавҷуд будааст ва шоир достони худро дар ҳамин заминаҳо ба вуҷуд овардааст.

"Вис ва Ромин" дар байни солҳои 1042-1054 дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф назм шуда, тақрибан даҳ ҳазор байтро дар бар мегирад. Аз ин достон нусхаҳои дастнависи зиёд боқӣ намондааст. Матни достонро аввалин бор шарқшинос Нассау-Лис солҳои 1864-1865 дар Калката чоп карда буд. Баъдтар матни интиқодии онро адабиётшиноси эронӣ Муҷтабо Минавӣ соли 1937 дар Теҳрон ба табъ расонид. Матни интиқодии нави "Вис ва Ромин"-ро адабиётшиносони гурҷӣ А. Гваҳариа ва М. Тодуа таҳия карданд, ки бо дебочаи Камол Айнӣ дар ҳамкории Академияи фанҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Гурҷистон ва Бунёди фарҳанги Эрон соли 1970 дар Теҳрон чоп шудааст.

"Вис ва Ромин"-и Фахриддини Гургонӣ ба забонҳои дигар ҳам тарҷума ва чоп шудааст. Тарҷумаи достон ба

забони гурҷӣ аз ҷониби Саргис Тумогвелӣ дар асри XVII ба миён омадааст, ки бо унвони "Висрамиани" машҳур аст. Ҳамин матни гурҷӣ соли 1914 ба забони инглисӣ ва соли 1938 ба забони русӣ тарҷума ва нашр шудааст. Достони "Вис ва Ромин"-и Фахриддини Гургонӣ ба хатти кириллии тоҷикӣ низ баргардон ва чоп шудааст.

Достони "Вис ва Ромин"-и Фахриддини Гургонӣ аз ҷиҳати мазмун, хабари сарчашмаҳо баромади таърихии қадимӣ дорад ва дар замони Сосониён қиссаи маъруфе будааст. Достон дар ҳудуди солҳои 1042-43 таълиф шудааст. Муқаддимаи маснавӣ ба ситоиши Яздон, халқи олам, васфи махлуқот бахшида шудааст. Достон ороиши зиёди лафзию маънавӣ надорад ва дар мавридҳои муносибати қаҳрамонон ва лаҳзаҳои ҷудогонаи он аз русуму ахлоқи исломӣ дур мебошанд. Бо ин сабаб дар миёни хонандагон интишори зиёде надошт ва нусхаҳояш ҳам камёб буданд.

Ба гуфтаи шоир дар оғози достон, дар самарҳо ва гуфтаи ровиён аз шоҳи ҷавоне хабар ёфтааст. Дар ҷашни хуррами баҳорон аз ҳар шаҳре сипаҳдору шоҳе, бузургони Эрон, Райю Гурганҷ ва ғайра, Виру ва Ромин ва Зард, ки ҳам бородару вазири вай буд, ҷамъ омаданд. Мӯбад, шоҳи гетӣ дар миён нишаста буд, ба пеш ҷангҷӯён, зи боло моҳрӯён, қадаҳ дар миёнашон гардон, мутрибон зи як сӯ ноланда, базми шоҳ хурраму обод. Дар боғу роғ ҳамин гуна базмҳо номдорон барпо карда буданд. Аспбозӣ, пойбозӣ, ҳар гурӯҳ дар ҷое. Шаҳаншоҳ бар пиле нишаста, бо молу бутон маҷлис орост, ҳама хӯрдаю бахшида ва доди ком ронда, як ҳафта шоҳ чунин буд. Шаҳрбону аз ҳама накӯтару зеботар буд.

Рӯзе шоҳ Мӯбад Шаҳрӯро бидид, ба назди худ хонд, як даста гул дод ва гуфт, ба гетӣ ком рондан бо ту некӯст, ту дар барам ё ҷуфт, ё дӯст бошӣ, ки онро бо ҷон баробар дӯст дорам. Туро шоҳӣ диҳам ва дар фармонат бошам, ҳама чиз ба ту бубахшоям. Ба шоҳ ба ноз ҷавоб дод, ки ман ёру шӯй наҷӯям, сазовор нестам, зеро аз касе чун Виру ва дигарон чанд фарзанд дорам, дил кандан наметавонам. Виру беҳтарин ва озодатарин кас аст. Кунун умри ман ба пойизон расида, мушкам кофур шудааст. Мӯбад суханашро шунида, ба ӯ шодкомӣ хост ва гуфт, ки ба пирӣ ту дилситонӣ ва сазовори офарин. Агар ёрам будан нахоҳӣ, аз тухмат ба ман як духтар деҳ. Посух дод, ки ман духтар надорам, агар аз ин пас духтар

зоям, домодам туӣ. Ба ин паймон бастанд.

Бар ин паймон солҳо бигзашт, Шаҳрбону духтаре бизод чун модар зебо. Ӯро Вис ном ниҳоданд. Бо ҳама нозу мушку анбар доя ӯро мепарварид, хеле зебо буд. Дар Хӯзон Ромин – бародари Мӯбад ҳам ба дасти доя буд. Вису Ромин рӯзу шаб ба бозӣ ба ҳам буданд. Дар даҳсолагӣ Роминро бурданд, лекин қазо тақдири онҳоро пардохта буд. Вис бузург мешуд, дар шаҳр зебоияш овоза шуд, ба назди модараш нома навишт ва ба бемеҳрӣ нисбат ба фарзанд сарзаниш кард ва ба маломати чизе надодан низ. Духтар акнун либос ҳам дигар мехоҳад. Ба нома Шаҳрӯ аз духтар огаҳӣ ёфт, ба мужда пайкро тоҷи зар дод. Ӯро оварданд, рухаш аз моҳи тобон зеботар буд. Он моҳро ба сурат чунон орост, ки Монӣ «Аржанг»-и Чинро.

Зард ба нома бари шоҳ омад, дуруд аз домод расонд ва нома бидод. Дар нома паймони куҳан нав карда буд, пас аз паймон ёд мекард. Шаҳрӯ дилшикаста буд. Вис аз ӯ чи расиданашро бипурсид. Аз хирад дур афтодӣ, ки духтар нозода бидодӣ ва раво ба шир, ҳар кас ба ту хандад. Шаҳрӯ мехост, ки барои Вис ҳам ягона бародари таниаш – Виру ҳамсари шоиста бошад. Рӯзи маросими тӯйро таъйин карданд ва маросим ба поён нарасида, бародари дуюми Мӯбад расида омад, ба Шаҳрӯ номаи шоҳро бидод. Аз Зард кӣ буданашро Вис бипурсид, дар ҷавоб аз номдорони даргоҳи шоҳ ва корозмудагон буданашро бигуфт. Ба ӯ шитобан ба ватанаш баргаштан ва дигар ба умед ин ҷо наёмаданашро пешниҳод кард. Виру мегуфт, ки ҳозир аз шикор меояд, паёми ман ба Мӯбад бар, ки пир асту магзаш вайронӣ гирифтаст. Шоҳ аз Зард аз Моҳобод чун омаданашро пурсид. Ҷавоби рад додани Шаҳрӯро бигуфт. Он ҷо шоҳӣ ба дасти Виру аст ва каси дигарро шоҳ махонанд ва туро аз шаҳриёрон надонанд. Бузургон назди Виру ҷамъ омада буданд, лашкар ҷамъ оварданд. Ҳама дар дашти Дамованд ҷамъ шуданд. Аз ин сӯ шоҳ Мӯбад лашкар биёрост, монанди селе аз Хуросон.

Ҷанги Мӯбад бо Виру барпо шуд. Тасвири ҷанг хеле устодона, бо забони зебо, вале бе ороиши маҳзи санъат аст:

Чу омад ҳар ду лашкар танг дар ҳам,
Зи кин бурданд гурдон ҳамла бар ҳам.
Ту гуфтӣ, ногаҳон ду кӯҳи пӯлод
Дар он саҳро ба якдигар дарафтод.

Дар чанг замоне торикӣ расид, шоҳ аз роҳи Хуросон сӯйи Сипоҳон тофт. Виру аз пасаш наомад. Вай ҳазимат кард ва доми нангу расвоӣ омехт. Ин замон аз кӯҳи Дайлақ лашкаре омад, сипаҳдори он ҷо бигрехт. Қоруни пир ва гурдонаш ҳалок шуданд. Мӯбад ба Сипоҳон ақибнишинӣ кард. Шоҳ дубора ба Вис нома менависад, аммо ӯ аз ин пирамард сухане шунидан намехоҳад ва дилдори асосии худ будани Вируро ба вай хабар дод.

Мӯбад бо бародаронаш маслиҳат мекунад. Ромин аз кӯдакӣ Висро дӯст медошт ва мехост бародарро аз ин роҳ бигардонад. Ӯ мегӯяд, ки Мӯбад падари духтарро кушта, дигар набояд ба вай шавҳар шавад. Зард мегӯяд, ки ба Шаҳрӯ ваъдаи пул додан ва ӯро тарсондан лозим бошад, худи Виру сипаҳсолор ва он бонуро бонуи кӯҳсор таъйин кунад. Висро ба Марв мебаранд, бод пардаи тахти равони ӯро мебардорад ва Ромин ӯро мебинад. Аз зебоии Вис аз ҳуш меравад ва монанди мурдае ба замин меафтад. Атрофиён гумон мекунанд, ки ӯ бемор шудааст. Дар Марв шоҳ ба дидори Вис мерасад ва ҷашну шукӯҳи азиме барпо мегардад. Бо вуҷуди ин Вис бо дидани Мӯбад тану ҷомаро медарад. Висро Мӯбад аз роҳ рабуда буд ва дояи ӯ пайваста гиря мекард. Пас дояи Вис барои ёрӣ додан ба вай бо шутури тезрав ба Марв меояд. Доя ба Вис мегӯяд, ки ту набояд Мӯбадро биранҷонӣ. Вируи зебо ба ин наздикӣ ба подшоҳӣ намерасад. Вис сухани ӯро шунидан намехоҳад, лекин ба гуфти доя, вай бояд занони дарборро бо зебоӣ паст бизанад. Виси оромшударо ороиш медиҳанд. Доя тилисме омода мекунад, дар каронаи рӯд онро ба зери хок мекунанд, то бо намию сардӣ нерӯи мардии Мӯбадро нигоҳ дорад. Шамъи мардии Мӯбад вақте дубора фурӯзон мешавад, ки гиреҳҳои оҳанини тилисмро бар рӯйи оташ бигдозанд. Борони зиёд селе дар рӯдхона хезонд ва тилисмро шуста бурд. Тилисмро пайдо кардан имкон надошт, нерӯи Мӯбад баста ва Вис дӯшиза монд.

Ромин дар ишқи Вис гамгин буд, дар боғи шоҳӣ мегашт ва розашро бо булбулон мегуфт. Ҷойи танҳоӣ мекофт ва мегирист:

Ба гуна ашки хун чандон бирондӣ,
Ки аз хун пойи ӯ дар гил бимондӣ.
Ба чашмаш рӯзи равшан тор будӣ,
Ба зераш хаззу дебо хор будӣ.

Бад-он зориву бемории ҳамезист,
Нагуфта кас, ки беморият аз чист?

Ромин дар бог тасодуфан дояро дид. Доя аз ӯ сабаби ғамгин буданашро мепурсад ва ошиқию сабаби дилгириашро дида, ӯро таскину дилдорӣ медиҳад ва номумкин будани ин корро мегӯяд:

Ба роҳе рав, ки бар пойи ту бошад,
Ба ҷойе рав, ки маъвои ту бошад.
Ту з-ин гулзор ҳаргиз гул начинӣ,
Зи нахли комронӣ бар набинӣ…
Наёрад бар ту ин маҳ меҳрубонӣ,
Агар сад роҳ ҷонро барфишонӣ.

Доя мегӯяд, ки Вис боҳушу хирадманд аст ва бо вай найранг дар кораш набояд кард. Дубора аз доя ба кори худ хоҳиш мекунад, саранҷом доя ваъда медиҳад, ки назди Вис дар бораи ӯ сухан бигӯяд. Қарор бар ин мешавад, ки дар ҳамин боғ вохӯрии Вис бо Ромин баргузор гардад ва доя барои ин кӯшиш кунад. Дар вохӯрӣ Вис сухан аз Виру мегӯяд, доя сухан аз мардони зебои Марв мекунад ва аз зебоии Ромин сухан мекушояд. Вис гамгин асту хашмгин, ба вай мегӯяд, ки ту маро розӣ кардан наметавонӣ:

Маро шӯхиву бешармӣ маёмӯз,
Ки бешармӣ занонро бад кунад рӯз.
Диламро чӣ шитобу чӣ ниҳеб аст,
Ки дар вай мар-туро ҷойи фиреб аст.

Доя ӯро бовар мекунонад, ки танҳо дар фикри хушбахтии ӯст. Доя ба бог омада, аз ноком мондан ба ӯ хабар мерасонад, лекин ваъдаи ром кардани Висро ҳам медиҳад. Доя дубора омада, ба духтари зеборӯй сухан аз Ромин мегӯяд. Вис дар хашм шуда ба доя ва ҷодугарони Хузон нафрин мехонад. Дояро ба нияти аз хушбахтии абадӣ маҳрум кардани худ муттаҳам месозад. Доя мегӯяд, монанди дигар ҳайвонҳо бояд бешавҳар намонанд. Ҳамаи занони бузургзода шавҳарҳояшонро мефиребанд. Ромин ба ростӣ ба ту дил додааст, ту мехоҳӣ, ки мазаи ишқро надониста, пир шавӣ. Вис андеша мекунад, ки доя аз бисёр ҷиҳат ҳақ аст, лекин Вис ба гуноҳ олуда шудан намехоҳад. Доя бори дигар ба назди Ромин рафта, аз сарсахтии Вис ӯро ноумед мекунад. Вай аз доя хоҳиш мекунад, ба Вис бигӯяд, ки агар Вис ӯро қабул накунад, ӯ аз зиндагӣ даст мекашад ва хунаш ба гардани Вис

хоҳад буд. Ин сухан ба Вис таъсир кард. Дар базми бузургон Вис ба рӯйи Ромин назар кард ва ба ӯ дил баст, вале ин ҳолатро пинҳон нигоҳ дошт. Доя пай бурд ва шитоб мекард, ки Роминро хурсанд кунад. Ромин пеши доя дурҷи заррин ва дигар чизҳо гузошт. Доя напазируфт. Фақат як ангуштарини симин ба ёдгор барои Вис гирифт.

Доя ба Вис мегӯяд, ки ба ватанаш – Маҳобод бармегардад. Вис аз ӯ хоҳиш мекунад, ки вайро танҳо нагузорад, доя бо шарти вохӯрии вай бо Ромин розӣ мешавад. Вис ночор розӣ мешавад. Ин вохӯрӣ бояд чунон рӯй диҳад, ки Мӯбад огоҳӣ наёбад. Дар ин замон подшоҳи пир ба сафари Гургон, Рай, Сова ва Кӯҳистон мебарояд. Доя ба назди Виси дар хонаи хилвати боғи хеш танҳо медарояд ва Роминро назди ӯ меоварад. Вис Роминро фиребгар ва худро олудаи нанг медонад. Ромин ба вай савганди вафодорӣ мехӯрад. Дар он ҳафта ба якдигар расиданд. Шоҳ сафар карда буд. Вису Ромин осуда дар Хуросон монданд. Аз қасри Вис се дар ба гулистон ва сеи дигар ба айвону шабистон кушода буд. Чун гунбад аз бегона тиҳӣ шуд, Вис Роминро аз роҳи бом ба гунбади шоҳ даровард. Баъди ба коми дил расидан меҳрубонии онҳо ба якдигар фузун шуд.

Шоҳаншоҳ аз Ромин огаҳӣ ёфт, ба вай нома навишт ва аз вай талаб кард, ки ба Маҳобод биёяд ва Висро ҳам бо худ биёрад. Ромин бо дилором ба роҳ афтод. Онҳоро пешвоз гирифтанд. Вис назди модар рафт, аз бародар шарм медошт. Ромин аз дидори Вис ҷудо монд, гоҳ-гоҳ дар назди шоҳ ё роҳ рӯйи ӯро медид. Доя омаду ба Вис хабар дод, ки Ромин ба сӯйи Арман меравад, ба шикор ва ҷанги душман. Вис дар паҳлӯи шоҳ мехобид, вале шоҳ аз ӯ ком намеёфт. Доя ӯро ба бом, барои дидани Ромин фармуд. Шоҳ Мӯбад бедор буд, суханҳои ӯро шунид, барҷасту забон ба дашноми доя кушод ва ба Вис рӯй овард:

> … «Висо, хушкомо,
> Зи баҳри дев гашта зиштномо!
> На ҷонатро хирад, на дидани шарм,
> На роят ростӣ, на корат озарм!...
> Зи ту напсандад ин ойин бародар,
> На наздикону хешону на модар…

Пас ба назди Виру кас фиристод, ки хоҳарро адабу фарҳанг бояд омӯхт. Агар ман фарҳангаш кунам, ду чашмаш

бисӯзам, дояро бар дор сӯзам, Роминро аз шаҳри худ биронам. Вис ба тундӣ шоҳро гуфт, маро ба подифроҳ чӣ тарсонӣ? Ҳар чӣ хоҳӣ, бикун, Ромин гузини ҳар ду ҷаҳонам аст, вафову меҳр аз ӯ то зиндаам, набурам. Маро Ромин гиромитар зи Шаҳрӯ ва Вируст. Ту ва Виру ҳар ду шоҳед, ҳар чӣ хоҳед, бикунед. Виру ӯро ба хонае бурду гуфт, ту ин набояд мекардӣ, обурӯи ману худат бибурдӣ. Аз Ромин, ки чизе ба ҷуз руду суруд надорад, чӣ дидӣ? Бори дигар савганди вафодорӣ ба Ромин кард.

Мӯбад ва Вис ба Хуросон баргаштанд. Шоҳ бо Вис ба боми кӯшк шуд, зебоии Марвро бисутуд. Вис гуфт, ки шоҳо, Марви обод туро бод, ман ин ҷо гӯрвор дар дом ҳастам ва орзуи рӯйи Ромин дорам ва туро аз бахри Ромин мепарастам. Мӯбад аз хашм мехост, ӯро бикушад, хирад бар кин боло гирифт. Бар ӯ ва аҷдодаш суханҳои бад гуфт, ки Шаҳрӯ сиву чанд фарзанд, вале дуто аз як шавҳар дошт. Се роҳ дорӣ: Гургон, Дамованд ва Ҳамадону Наҳованд, ба ҳар сӯ хоҳӣ, бурун рав.

Суханҳои Мӯбадро шунида, Вис шод шуд, ба доя мужда ба Виру, Шаҳрӯ ва модараш бурдан фармуд. Шоҳро дуои неку зане сазовор хост, бардагонро озод кард, калиди ганҷро ба шоҳ дод. Вис аз Марви Шоҳҷон ба Кӯҳистон рафт. Дар он ҷо ёди Ромин мекард. Рӯзе бар лаби бом буд, ки ду хуршеде баромад. Дасти Ромин гирифту ба хона рафт ва ба вай хушнудиҳо хост, пас коми дил биронданд.

Хабари рафтани Ромин назди Вис ба Мӯбад расид. Мегуфт, ки Ромин бо занам табоҳӣ ва ба ман бадномӣ хоҳад. Ин роз ба модар гуфт ва ваъдаи бо хуни Ромин рӯй шустан кард. Модар гуфт, ӯ бародарат аст ва ӯро макуш, ту бе Ромин бекас мемонӣ ва зиндагӣ бароят хуш набошад. Модар гуфт, Ромин назди Вис аз меҳр аст. Табоҳӣ ба ту аз Виру ояд. Бо ин сухан дилаш бо бародар лахте хуш гашт. Назди Виру нома кард, ки бар ман бешиву бедодӣ ҷӯӣ. Паноҳат киву пуштат кист? Аз ман бонувонро ситонӣ. Вис зани ман, агар хоҳарат аст, чун дар барат нишинад? Як занро дар куҷо ҷуфти ду шӯй дидӣ? Ҳунарҳои туро надидам, бар ӯ таънаҳо зад, вайро рӯбоҳ хонд. Гуфтӣ, агар ман дар Гӯроб мебудам, шоҳ Висамро намебурд. Акнун сипоҳ омода кун, то ман оям. Кишварат аз кушта ҳомун кунам, Висро бекафшу чодар биёрам.

Лашкари азими Мӯбад аз Хуросон меомад. Хабар ба шоҳ

Виру омад. Ҳайрон буд, ки ин ҳама хашму пархош бо кист? Андешид, ки Мӯбад ба сад хорӣ хоҳарамро аз пеши худ биронд, аз ин ҷиҳат гуноҳ ӯ карду бар мо кинавар шуд. Як бор сипоҳ овардаю натиҷаашро дида буд:

Зи пеши ман ба бадрӯзӣ чунон шуд,
Ки аз хорӣ ба гетӣ достон шуд.

Виру ба Мӯбад посухи дар аввал ширину ба поён талх фиристод. Виру гумон надошт, ки аз баҳри Вис бо вай нерӯ кунад. Мӯбад медонад, ки дар бораи қудрати худ Виру рост мегӯяд ва ба оштӣ шудан розӣ мешавад. Мӯбад ба меҳмонӣ меравад ва бо Вис якҷоя ба Марв бармегардад. Рӯзе Мӯбад ба кинояи талх ба Вис гуфт, ки агар Ромин намебуд, Вис як рӯз дар хонаи модараш мондан наметавонист.

Вис ба Мӯбад мегӯяд, ки кори ягонаи Виру ва Ромин ҳам шикору базм аст. Мӯбад хоҳиш мекунад, ки Висро бар бегуноҳӣ озмоиш кунанд. Оташе бузург бармефурӯзад ва дар ҳузури мӯбадон бояд бар бегуноҳӣ савганд ёд кунад ва аз оташ бигзарад. Вис ва Ромин аз болои боми кох ба оташ мегузаранд. Вис бо доя аз роҳи гармоба ба даруни боғ меравад. Ромин бо дастораш аз бом мефарояд ва ҷомаи занон мепӯшад. Дар хонаи богбон пинҳон шуда, онҳо шаб мегурезанд, ба шаҳри Рай мераванд ва дар хонаи Беҳрӯзи Ширин пинҳон мешаванд. Рӯзу шабро онҳо дар базму шодӣ мегузаронанд. Мӯбад давлатро ба Зард супорида, худаш ба ҷустуҷӯйи Вис меравад, аз сарнавишти бади худ гирён аст. Аз тарси дар ғарибӣ мурдан ба Марв бармегардад. Мӯбаду Ромин аз як модар, Зард аз модари дигар буд.

Ромин ҳангоми аз пойтахт бурун рафтани Мӯбад аз шаҳри Рай ба модараш нома кард, ки гетӣ маро аз бародар бибуронд. Ӯ бар ҷони ман ситез дорад. Аз пайванди худ бо Вис суханҳо гуфт ва шодиҳо, ба модар аз ӯ дуруд гуфт. Рӯзи дигар шаҳаншоҳ биёмад. Модар ба ӯ гуфт, ки агар қавл ба бахшидани онон бидиҳӣ, ман метавонам онҳоро ба Марв баргардонам. Мӯбад савганд мехӯрад, модар ба Ромин хабар медиҳад. Онҳо баргаштанд, базме бузург барпо шуд. Дар вақти мастии Мӯбад Вис аз ӯ мехоҳад, то ҳамаро ва, аз ҷумла, дояро ҳам бубахшад. Пеш аз хоб Мӯбад ба Вис мегӯяд, ки бурдбории маро озмоиш накун. Дили Вис месӯзад ва мегӯяд, ки ӯро аз Ромини аблаҳ бештар дӯст медорад. Вис дар он ҳангоми сардии даймоҳ бар бом нишаста буд, Вис нолаи

вайро мешунавад. Вис аз доя хоҳиш мекунад, ки ба ҷойи вай дар бистари Мӯбад бихобад, худ ба бом рафта, Роминро хушком мекунад. Мӯбад аз хоб бедор шуда, найрангро мефаҳмад ва фарёд мезанад. Вис ба поён омада, дар торикӣ ҷойи дояро мегирад. Ба Мӯбад суханҳои сахт мегӯяд, ки ту доим дар пайи озори ман ҳастӣ. Мӯбад гумон мекунад, ҳамаро дар мастӣ дидааст ва бахшиш мехоҳад...

Мӯбад аз омадани қайсари Рум огаҳӣ ёфт. Онҳо басе ободиҳо хароб карда буданд. Дар Марв бо даъвати Мӯбад чандон сипоҳ ҷамъ омад, ки дашти Марв тангӣ мекард. Шоҳ бо сипоҳ берун омад. Чу лашкар берун бурд, кори Вису Ромин ба ёдаш омад. Барои он ки кори дафъаи гузашта такрор нашавад ва аз ӯ нагурезанд, Роминро бо худ бурд ва Висро дар дижи Ашкафти Девон бо нигоҳубини Зард бигузорид. Мӯбад аз афтодан ба пирӣ ба балои бародару зан ба Зард шикоят мекунад. Зард ваъдаи ба сахтӣ нигоҳ доштани Висро медиҳад.

Дижи Ашкафт дар кӯҳе баланд буд, Вис бо доя дар он ⍰о менишаст ва созу ганҷи садсола дошт. Ромин дар сипоҳи бародар гамгин буд, ишқаш кам намегашт, орзуи марг мекард. Ромин аз ҳоли Вис огоҳ гашт, ғамаш афзун шуд. Ромин бемор ва хастаю нотавон шуд ва то Гургон омада, аз ҷаҳон умед барканд. Бузургон ҳоли ӯро дида, аз шоҳ бахшиданашро хостанд, то сафар накунад ва як моҳ биёсояд. Чу беҳтар шуд, ба дастураш ба Хуросон шавад, магар он обу он шаҳр беҳтараш созад.

Роминро Мӯбад ба Гургон монд, осуда шуд ва дардаш намонд. Аз Гургон ба шодӣ бирафт, бо суруду ёди ҷонаш. Вис аз рафтани Ромин огоҳ гашт, рухаш аз фироқ дигаргун гашт ва аз танҳоӣ менолид. Доя ба ӯ мегуфт, сабр бояд кард, собир рӯзе ба коми дил мерасад. Ромин дар Марв ҷойи дӯстро бе дӯст дид. Аз дарвоза берун омад, сӯйи Ашкафти Девон рӯй ниҳод. Ба назди диж шаб омад, ба торикии шаб худро бинамуд. Тире бар панҷараи Вис зад. Он тирро доя бидид ва Ромин буданашро бишнохт, аз чиҳил дебои чинӣ расан сохтанд ва Роминро ба боло баровsecurities:

Ба як ҷом андар омад шир бо мул,
Зи як бог андар омад савсану гул.
Ба ҳам омехта шуд зарру гавҳар,
Чу андар ҳам сиришта мушку анбар.

Нуҳ моҳ Вис бо Ромин якҷо буданд, касе рози онҳоро надонист. Дар Марв духтари хоқон Заррингес ҷодуӣ медонист, ҳамроҳи Ромин ба Марв омад ва ба ҷоду ҷойи ӯро пайдо кард. Зард сухани зани ҷодуро рад кард. Шоҳ аз сафар пирӯз баргашт, Армани Аррон боз аз қайсар гирифт. Аз шодӣ маст гашта буд, шоҳони ҷаҳонро дар банд дошт. Мӯбад ба шитоби куштани Ромин ба самти диж рафт. Сипоҳ ба нокомӣ роҳи Ашкафти Девонро пеш гирифт. Аз омадани сипоҳ Зард огаҳӣ ёфт, шоҳ Мӯбад ба даргоҳаш шитобон даромад. Ба Зард гуфт, ки барои ман аз шумо ду бародар саг вафодортар аст:

Яке дар ҷодуӣ бо дев ҳамбар,
Яке аз аблаҳӣ бо хар баробар.
Ту бо говон ба каҳпоӣ садоӣ,
Чӣ гуна Висро аз Ром поӣ?!

Ту дар берун, Ромин дар дарун ба коми дил нишастааст. Зард гуфт, ки ту Роминро аз пеши ман бурдӣ, надонам чӣ кардию ӯ чӣ кард. Доя овози кушодани дарро шунид, аз омадани шоҳ Висро огоҳ кард. Доя ва Вис Роминро аз девор фуроварданд, Ромин ба кӯҳ гурехт, вай табоҳии корашро медонист. Ба сари кӯҳе нишаст ва замоне гирист ва аз надонистани ҳоли Вис менолид. Вис аз Ромин ҷудо шуд ва гӯё дар даҳони аждаҳо монд. Мегиристу мушт бар сина мезад, ҷомаи сиёҳи азодорӣ пӯшид. Мӯбад дар шабистон бо рӯйи канда дид, аз ӯ доя ниҳон шуда буд. Вис бо ҷомаи дарида ба хок нишаста, гесувон канда буд:

Шаҳаншоҳ гуфт: Висо, девзодо!
Ки нафрини ду гетӣ бар ту бодо!...
Нагӯӣ, то чӣ бояд кард бо ту,
Ба ҷуз куштан, чӣ шояд кард? Баргӯ!
Зи бас, к-ат ҳаст дар сар рангу афсун,
Чӣ кӯҳу диз туро, чӣ дашту ҳомун.

Баъди гуфтани ҳама суханҳои баду носазо ба назди Висбону рафт, ҳар ду гесӯяшро гирифт, пас баст, пас чандон тозиёна задаш, ки монанди нордона аз ӯ хун мечакид. Пас дояро аз он бештар зад, то бимирад ё панд гирад. Ҳар ду беҳуш афтоданд, кас намедонист, ки онҳо зинда мемонанд ё мемиранд. Дари хона бар онҳо сахт баст. Ба ҷойи Зард каси дигарро гузошт, як ҳафта дар Марв ғамгин буд, аз кори бо Вис карда пушаймон буд:

Чаро бо дилбаре тундӣ намудам,
Ки дар ишқаш чунин девона будам?

Модари Вис – Шаҳрӯ вақте хабар ёфт, ки Мӯбад Висро куштааст, ба пеши ӯ рафт. Аз Мӯбад чӣ сахтӣ диданаш ва сабаби Висро наоварданро бипурсид. Шоҳаншоҳ бо ҳамроҳии Шаҳрӯ бигрист. Мӯбад гуфт, коре пеш накарда будам, бикардам. Миёни хоку хун дар хоб аст. Шаҳрӯ сухани ӯро шунида, худро ба замин зад ва гуфт, ту ганҷи гул бар хок задӣ, сарви биҳиштӣ баркандӣ:

Ки ёрад бурдан огоҳӣ ба Виру,
Ки гирён шуд ба марги Виса Шаҳру.
Бишуд Вис офтоби моҳрӯён,
Бимондам "Висгӯён", "Висгӯён".
Бимурд Вису бибурд оби Хуру Моҳ,
Ки тобон буд чун Моҳу Хур аз гоҳ.

Ба хуни Вис ҳама камар бастанд, ҷаҳон ба дасти Мӯбад вайрон гашт. Ба пирӣ набоистам моҳ зодану ба дасти дев додан. Ин нолаю зории Шаҳрӯ хеле тӯлонӣ аст. Мӯбад нолаҳои ӯро шунида, аз вай ва Виру бимаш омад ва аз меҳрубонии худ ба Вису Виру сухан гуфт. Ман он касро чӣ гуна мекушам, ки аз ҷон дӯсттар дорам, меҳоҳам дар пешаш бимирам. Кас фиристам, Висро биёрам. Зардро фармуд, ки бо дусад диловар бирав, Висро аз диз биёвар. Ба як моҳ Висро пеши шоҳ овард. Дар он як маҳ Ромин дар хонаи Зард пинҳон буд. Зард пеши шоҳ аз Ромин сухан гуфт ва шоҳ ӯро афв кард. Шоҳ ба ромиш айш ширин медошт, дигарбора ҳама шод шуданд.

Шоҳ аз Гургону Сорӣ омада, сарои хешро аз ҳисори оҳанину банди рӯйин кард, бо калиди румию қуфли алонӣ ва пӯлоди ҳиндустонӣ, панҷара бар даричаву равзан аз оҳан фармуд. Калиди бандҳоро ба доя дод ва гуфт, фусуни бедоди ту бисёр дидам, ин сароям то омадан нигоҳ дор, ки бандаш бастам, ман кушоям. Ин бор туро озмудан мехоҳам, зеро зиракон гуфтаанд, аз дуздон чу чизи худ супорӣ, устуворӣ беш ёбӣ. Ромин шом ниҳонӣ аз лашкаргоҳ ба шаҳр омад. Ба боғи шоҳ омад, хобаш бурд, ба хоб хоб дид. Вис мефаҳмад, ки Ромин дар боғ аз доя раҳо карданашро хоҳиш мекунад. Доя мегӯяд, пас аз ин касе аз ман ноҷавонмардӣ набинад. Вис бар дар мезад, роҳе наёфт. Чора ин ёфт, ки саропардаи пеши айвонро, ки аз боло то замин гирифта буд, гирифту бо пойи

бараҳна чу паранда ба лаби бом ҷаст. Бо чодари қасабаш дар гӯшае баст, шалвору зару зевараш дарид. Бо ин ҳол Роминй хобидаро ёфт, ӯро бедор кард ва боз хушбахт шуданд.

Мӯбад аз кори Ромин огоҳ шуд, аз он ки ба доя бовар карда буд, пушаймон шуд. Шитобон ба Марв омад, ҳама даргоҳ бо банду муҳр буд. Аз доя Висро бипурсид, ки бо ин дарҳои баста ӯро чун бибурдӣ? Вақте мебинад, ки Вис дар кох нест, дояро то ба беҳуш шудан мезанад. Ромин аз канори Вис ба рӯйи девор барҷасту бирафт. Вис дар ҷой бигнуд. Шоҳ ӯро ба боғ дида, ба пой ҷунбонд, аз хоб бедор нашуд. Шоҳ ба ҳар сӯ суворон фиристод, дар бог ҷонваре надиданд. Роминро меҷустанд. Шоҳ аз Вис корҳои шударо пурсид, ки чун аз бому девор чу мурге барпарид. Аз ту бар ман сад бадӣ расид. Каманди гесувонаш гирифт, хост сараш аз тан бибурад. Зард гуфт, макуш, ки ба дарди худ дору мерезӣ ва пушаймон гардӣ. Агар рӯзе аз ӯ гуноҳ дидӣ, имрӯз гуноҳаш нест, ба ин боғ касе даромадан наметавонад. Кирдгор маро ҳар дафъа аз ту ва теги ту мераҳонад, ту бо Яздон мекӯшӣ, на бо ман, – гуфт Вис. Шоҳ нарм шуд, чанд даста аз мӯйи Вис бурид. Вис чӣ гуна ба бог афтиданашро чунин шарҳ дод, ки бо ниёиш ба даргоҳи Яздон хобам бурд, фариштае некӯ маро ба бог овард ва зери ин дарахт бигузошт.

Моҳи урдубиҳишт аст, ҷаҳон ҳама хуррам, ба як сӯ Виру, ба дасти чап Шаҳрӯ. Кӯсон навоин суруде гуфт пӯшида аз ҳоли Вису Ромин. Шоҳ маънии масалро фаҳмид, барҷасту ҳалқи Роминро ба як даст гирифту ба дасти дигар ханҷар. Ба ӯ гуфт, ки, эй бадандеш, ба ман савганд бихӯр, ки бо Вис пайвандат набошад, вагарна саратро аз тан бардорам. Ромин савганд хӯрд, ки то зинда бошам, аз ҷонон баргаштан намехоҳам. Шоҳаншоҳ забон ба дашном кушод, бияфкандаш, то сарашро бибурад. Ромин ду дасти шоҳ бигрифт, ба хок задаш ва ханҷар аз дасташ бигрифт. Шоҳ маст буд, дар дилаш озор дошт. Мӯбад ранҷи ишқу мастӣ дошт.

Дар Хуросон доное бо номи Беҳгӯй буд. Бо Ромин гоҳе нишаста ва ба ӯ панд мегуфт. Роминро субҳгоҳон гамгин ёфт, аз ӯ сабаб пурсид. Аз зуфтии чарх, гуфт ӯ, дили мардум гамгин шавад, зишткории ҷаҳон зиёд аст. Ҷаҳон рӯзе бар ман нек бошад, дигар рӯз бад аст. Бо ӯ гуфт, ҳаво аз дил бурун кун, раҳе барои худ озмун кун. Ҷаҳонеро аз Ҳинду Чин то Руму Барбар ту бо бародар дорӣ. Гирди доя ва Вис чӣ гардӣ,

аз эшон обрӯи худ бибурдӣ. Панди ӯро қабул кард, ки дигар озод мегардад.

Шаҳаншоҳ бо Вис суханҳои некӯ гуфт, ки бо ҳам ёру некӯкор бошем. Ман дар меҳри ту аз ҷон сер гаштам. Вис гуфт, ки туро Яздон ҳар чӣ бояд, додааст. Маро аз баҳри сахтӣ ва хорӣ офаридаанд. Гӯё бахтамро чарх ва гӯл рабудааст. Кунун аз ҷони хеш сер гаштам, ки пардаи дил, риштаи ҷонро бибурдам. Дигар аз ман табоҳӣ набинӣ. Ромин аз ин пас бар ман чира намегардад. Аз ту пазируфтам, ки дигар аз аҳду паймон нагардам, аз ин пас ту маро ва ман туроям. Шаҳаншоҳ чашму рӯяшро бибӯсид, ки аз ӯ сухани ҳаргиз нашнида бишнид.

Ромин аз ранҷ сер гашт, ба шоҳаншоҳ пайғом фиристод, ки мехоҳам ба Моҳобод биравам ва ранҷу дард аз тан берун кунам, дар он шаҳр сипаҳбад бошам. Ба нахчир бошам ва гоҳе шоҳ хоҳад, ба даргоҳ оям. Шоҳ Гургону Кӯҳистон ба ӯ дод ва фармуд ба мардум дод кунад. Ромин ба пеши Вис омад, ки ӯро бибинад. Бар тахт нишаст, Вис ба ӯ гуфт, ки бар тахти шоҳаншоҳ нишастан монанди гоҳи ӯ ҷустан аст ва туро ин ҷоҳ ҷустан зуд аст, магар дев ба ту ин роҳи бад намудааст. Ромин дижам бархост, ки аз сухани Вис ранҷида буд. Бар зиндагии барбодрафта дареғ мегуфт. Вис аз сухани гуфтааш пушаймон шуд. Ба ӯ ҷомаҳои зебо фиристод. Пас дасти якдигар гирифта, ба боғ рафтанд. Ишқи дерин ёд карданд. Ромин аз кини бадхоҳону душманон ёд кард. Пас якдигарро бӯса дода, падруд карданд.

Ромин назму тартиби кишварро барқарор кард ва ба Тӯроб рафт. Ромин, иттифоқан, Гули зеборо ҳамроҳ бо ҳаштод дӯшиза мебинад. Бо ӯ ба шодӣ огӯш мекушояд. Ромин кӣ буданаш ва баҳои заношӯияшро мепурсад. Духтар мегӯяд, модараш Гуҳар ва падараш Рафида мебошанд ва зеботарин духтари Тӯроб аст. Як бӯсаи вай ба шаҳрҳои Рай ва Гургон меарзад ва баҳои ӯ ҳамаи мулки Хуросон аст. Гул Роминро ба назди худ ва духтарон даъват кард. Гул бо ӯ гуфт, ту бародари шоҳ – Роминӣ ва меҳри Вис ба ҷон баробар дорӣ. Дилатро бар вай дояи пир бастааст. Ту аз вай бозгаштан натавонӣ. Ба Ромин гуфт, ёди гузаштаи ман макун, аз Вис ба ду гетӣ безор гаштам. Гул гуфт, ки ман аз ҷодуӣ дар доми ту намеоям. Маро аз ту чизе набояд:

Агар меҳрам бипарвардан тавонӣ,
Вафои ман ба сар бурдан тавонӣ.

Наёбӣ дар ҷаҳон чун ман яке ёр,
Вафоварзу вафоҷӯву вафодор.

Ромин дасти Гул гирифту ба айвони Рафида бурд. Ҷашне бошукӯҳ ба арӯсии онҳо барпо шуд. Аз Гургону Раю Қуму Сифоҳон, Хуҷистону Кӯҳистону Ҳамадон шаҳриёре биёмад. Чиҳил фарсанг зебу зинат бастанд. Ҳама дашту кӯҳистон зебову ороста буд, як моҳ андӯҳ дар кишвар набуд. Таманнои бар дасти Ромин мондани Гулро карданд.

Баъди моҳе ба Тӯроб рафтанд, Ромин ҳусни Гулро бисутуд ва гуфт, ту барои монандӣ ба Вис дармони ҷон ҳастӣ. Гул аз сухани ӯ ошуфта шуд ва гуфт, ки сухани озодагон бояд чунин набошад. Дар ҷаҳон чун Вис бадоғозу бадандешу бадахтар ва чун доя ҷоду набошад. Онҳо ба худкомӣ туро бадном карданд.

Ромини дилозурда теғи ҷафо пеш гирифт ва пайванди вафоро бибрид. Нома ба Вис навишт, ки дар ҷаҳон маро аз ту ҳама кас сарзаниш кард. Дар ҷудоӣ бо ту ҳар муродро дорам. Бо Гул – ҷуфти нек ҳамеша дар биҳиштам, маро ӯ то рӯзи ҷовид зан бувад ва сароям бӯстон. Савганди вафодорӣ бо Гул карду рӯй ба Марв наовардан. Иморидор номаро ба Марв бурд. Шоҳ нома хонду ба Вис дод ва ӯро ба зан кардани Ромин табрик гуфт. Ҷон бар тани Вис биҷӯшид, вале аз дигарон пинҳод карду ба зоҳир аз бегам мондан шодӣ кард. Вис бемор шуд ва аз бахти худ бинолид. Доя ба хотири ёрӣ ба Вис ба назди Ромин ба Тӯроб рафт.

Дояро Ромин дида, ба вай суханҳои носазо мегӯяд, ки маро сад бор баргирифтӣ ва чун ғӯл дигар бор омадӣ. Ӯро меронад ва мегӯяд, то шоҳ нашавам, бо Вис коре надорам. Вис аз ғам бемор мешавад. Ба дабираш номае барои Ромин навиштан мефармояд. Ба Ромин мегӯяд, ту савганди вафодорӣ хонда будӣ, акнун савганд хӯрдӣ, ки бо ман набошӣ. Дар нома аз Ромин дидор мехоҳад. Вис даҳ нома ба Ромин мефиристад ва охиринаш дар дуъо ва дидор хостан аст. Ромин боз сӯйи Вис ба роҳ мебарояд.

Номаро хонда, Вис Озинро дар бари худ шинонд ва гуфт, туро ба Ромин мефиристам. Ту монанди фарзанди ман астӣ, дар роҳ диранг макун, паёму номаи ман ба Ромин бар ва бигӯ, савганд фаромӯш кардӣ. Озин ба ду ҳафта аз Марв ба Тӯроб омад. Баъди гусӣ кардани Озин Вис ба мӯя биншаст. Баъди чанд гоҳи пайвастан бо Гул Ромин пушаймон шуд. Ёди Вис

дар дилаш нав шуд ва аз гузашта ёд мекард. Рафидо дар пасаш мешуд, суханҳояшро бишнид. Ба ӯ гуфт, чаро андӯҳ ба ёдат меояд. Паҳлавонӣ, номи некӯ дорӣ, кирдори беҳуда чаро сиголӣ, бар бахт нописандӣ макун. Ромин ҷавобаш дод, ки ту дарди ман надонӣ. Тӯроб шаҳри ту, дӯстону фарзандонат аст ва чун ман дар шаҳри касон нестӣ:

Ғариб арчанд бошад подшое,
Бинолад чун набинад ошное.

Рафида аз нахчир омада, якояк суханони Роминро ба Гул гуфт. Ромин кина киштy меҳр бидарид. Агар Ромин ба кас шоиста мебуд, бо Вис вафо мекард. Чу Ромин ба Вису Мӯбад нашоист, туро ҷуфти ӯ будан набоист. Ромин ҳам аз нахчир бозомад, дар базми шодӣ монанди шахсе беравон буд. Гули гулрӯй назди ӯ нишаста буд. Мегуфт, Ромин аз меҳрам биёсудаст. Ромин дар базм тангдил шуд, аз тахт фуруд омад, бар Рахш нишаст, роҳи Хуросонро пеш гирифт.

Бӯйи Вис ба Ромин омад. Дар ин андеша буд, ки Озин пеш омад. Ромин ӯро бишнохт. Озин замин бибӯсид, ҳар ду шод буданд. Ҳар ду дар дашти сабз ба мазрае нишастанд. Пироҳан ва номаи Вис бидод. Аз шодӣ дасту пояш суст шуду биларзид, номаро мехонду мегирист. Ба Вис Ромин ҷавоби нома навишт ва изҳори меҳру вафо кард, узри гуноҳи худ хост. Озин бо нома бирафт ва Ромин аз паси ӯ ба сӯйи Хуросон. Дар Марв аз боми кӯшк ӯро бидид ва дояро огоҳӣ дод. Доя ба пеши Вис равон шуд ва гуфт, ки нӯшдоруи дардат омад. Умеди шодкомӣ ва навиди хуррамӣ омад. Дарҳо баста буд, Ромин хост дарро кушояд. Вис гуфт, шоҳ хуфтааст, агар бедор гардад, корамон душвор хоҳад шуд. Доя бар шоҳ фусуне хонд, шоҳ ба сони мурда гашт. Вис аз сӯрохии равзан рӯйи Роминро бидид. Сухан бо Рахши Ромин мегуфт:

Киро охур насозад, хор созад,
Киро минбар насозад, дор созад.

Дар чордаҳ фасл ҷавоби Ромин ба Вис ва аз Вис ба Ромин омадааст, ки ҳама аз озору гила ва меҳру номеҳрубонӣ ба якдигар аст. Вис посух ба Ромин доду дар хашм шуд, ба дарбонон гуфт, имшаб ҷаҳонро растохезе ҳаст. Онҳо баъд оштӣ карданд ва як моҳ бо ҳам буданд. Пас Ромин назди бародараш рафт, ки гӯё нав омадааст. Ӯ дар Марв мемонад. Мӯбад ба нахчир меравад ва Роминро бо худ мебарад. Доя ба Вис мегӯяд, ки хазинаро бигирад ва Роминро пас бихонад ва

Мӯбадро сарнагун кунад ва бо ин роҳ танҳо метавонад аз хатари ҳамешагӣ раҳо ёбад. Ромин аз роҳ ба Марв пинҳонӣ баргашт. Вис ганҷҳои шоҳро дар дизе ором гузошта буд, соҳиби қалъа сипаҳбад Зард буд, ки аз моли Мӯбад моли бештар дошт. Фиристодаи Ромин бо чодари занон дар Марв ба пеши Вис омад, пинҳон пайгоми Ромин ба ӯ гуфт. Фиристода Роминро даровард. Ҳама бирафтанд, Вис чиҳил ҷангиро даровард, бо Ромин онҳо пинҳонӣ ба диз рафтанд. Ромин ба болини Зард рафт, ӯ теғ бардошт. Ромин ба ӯ гуфт, теғ набардорад. Зард забон ба дашноми Ромин кушод, бар сараш ханҷар зад, Ромин бо сипар ханҷар бияфканд. Теғе бар сари Зард зад, ӯ кушта шуд, дигарон дар диз дар набард шуданд. Бомдодон Ромин бо Вис шодон нишаста буд.

Ромин ганҷи шоҳро бардошту ба Дайлам гурехт. Замоне шоҳ аз кори Ромин огоҳ шуд, Ромин ба Қазвин расида буд, аз он ҷо ба Дайлам шуд. Ба гирди Ромин бузургон: Озину Виру, Баҳрому Руҳҳому Сому Килӯ ҷамъ омаданд. Мӯбад аз кори Ромин огоҳӣ ёфт, лашкар орост дар дашти Омул, ҳама шаб май мехӯрд. Бонге баромад, гурозе аз гӯшае берун ҷаст, гурӯҳе дар пояш фитоданд. Шаҳаншоҳ бо хиште сияҳ бар он хук тохт, хишт бияндохт, хато шуд, хук ба дасту пойи хинги шоҳ дарафтод, ашк бар шиками хинг зад, аспу шоҳ бияфтоданд. Хук ашке бизад, аз ноф то зери синаи шоҳ бидарид, рӯзгори шоҳи шоҳон сар омад.

Ромин огоҳ шуд, ба лашкаргоҳи Мӯбад омад. Бузургон ӯро шоҳаншоҳ хонданд. Табаристон ба Руҳҳом дод, Рай ба Беҳрӯз, Гургонро ба Озин дод, сипаҳбадон Виру буд. Дар Марв, ки солиён аз Мӯбад сахтӣ кашиданд, ба доди Ромин шод гаштанд.

Вис ҳаштоду як сол бо Ромин буд ва аз пирӣ бимурд. Ромин писари худро ба шоҳӣ нишонд ва худ то рӯзи марг дар оташгоҳ буд. Дар тан тавоноӣ намондаш, ҷони покро ба Яздон дод. Пури ӯ бо меҳтарону некхоҳон биёмад ва танашро ба пеши Вис бурданд.

**Хусусиятҳои ғоявӣ ва ҳунарии достон**. Достони «Вис ва Ромин» аз достонҳои ғиноӣ-ҳамосии таърихи адабиёти форсӣ мебошад. Ақидаи ба равияи достонҳои паҳлавонии ҳамосаи миллӣ навишта шудани «Вис ва Ромин» аз ҷиҳати тасвири ҳодисаҳо ва достонсозии размӣ рост намеояд. Дар достон хабар аз размӣ шоҳон бо бегонагон ҳаст, вале тасвири саҳнаи

ҷанг нест. Тасвири вазъи табиӣ, ҳусну зебоии қаҳрамонон, муносибати ошиқона ва ғаму ҳасрати ҷудоӣ бисёр ба тафсил ва зебою табиӣ дар достон омадааст. Масалан, тасвири шаб огози достони «Бежан ва Манижа»-и Фирдавсиро ба хотир меорад, вале ин чизи дигар аст:

Шабе торику олуда ба қатрон,
Сиёҳу саҳмгин чун рӯзи ҳиҷрон.
Ба рӯйи чарх-бар чун тӯдаи нил,
Ба рӯйи хок-бар чун рой бар пил.
Сияҳ чун андуҳу тозон чу уммед,
Фурӯ ҳишта чу парда пеши хуршед.
Ту гуфтӣ, шаб ба магриб канда буд чоҳ,
Ба чоҳ афтода меҳр аз чарх ногоҳ...

Асоси моҷароҳо муносибатҳои ошиқонаи миёни қаҳрамонон аст. Қаҳрамони асосӣ подшоҳи пиру фартути ба ҷоду қудрати мардӣ аз даст дода мебошад. Бо ин сабаб, ишқи беҷои ӯ ва зан хостан духтари зебою ҷавон – Висро боиси рашку ҳасад ва моҷароҳои асосӣ мегардад. Тасвири достон пасту баландиҳои ҳамин муносибатҳои ошиқона аст. Лекин паҳлавонон ҳама аз хонадонҳои бузург мебошанд ва ба таърихи афсонаӣ доштани достон ишорат медиҳанд. Баъзе лаҳзаҳои рози ошиқона, пайванди воқеаҳо ба воситаи доя ва дигар миёнаравҳо ба моҷароҳои дарбори шоҳони замони зиндагии шоир ишорат медиҳанд. Аз сӯйи дигар, моҷароҳо бештар дар Марв ва шаҳрҳои Эрони гарбӣ рӯй медиҳанд ва далолат ба таъсири рӯҳияи гӯянда доштани вазъи замони салтанати Салҷуқиён мекунад.

4. **Масъуди Саъди Салмон** (1046/49-1121)). **Ҳаёт ва фаъолиятҳо**. Масъуди Саъди Салмон яке аз поягузорони адабиёти форсизабони Ҳиндустон ва бузургтарин шоири ин ҳавзаи адабӣ дар нимаи дувуми асри XI маҳсуб мешавад. Гузаштагони шоир аз Ҳамадон буданд, чунонки худ ишора мекунад:

Гар дил ба тамаъ бастам, шеър аст бизоъат
В-ар аҳмақие кардам, асл аз Ҳамадон аст.

Ниёгони шоир аз ҷумлаи фозилону хирадмандон будаанд. Падараш – Саъди Салмон дар дарбори Султон Масъуди Газнавӣ мақоме дошта ва ҳам шоир будааст. Намунаи ашъори ӯ дар сарчашмаҳо зикр шудааст.

Гузаштагони Масъуд дар оғози давлати Ғазнавиён аз Ҳамадон ба Ғазнин омада, дар хидмати ин давлат роҳ ёфтаанд. Шоир дар шеъре хабар медиҳад, ки падараш расо 60 сол дар хидмати Ғазнавиён будааст:

Шаст соли тамом хидмат кард
Падари банда Саъд бин Салмон.
Ғаҳ ба атроф будӣ аз аъмол,
Ғаҳ ба даргоҳ будӣ аз аъён.

Султон Масъуди Ғазнавӣ фарзандаш – Маҷдудро ба фармонравоии Ҳиндустон таъйин карда, ӯро ба Лоҳур мефиристад ва дар қатори ҳоҷибони дигар Саъди Салмонро ҳам ба сифати муставфии девон ба ӯ ҳамроҳ менамояд. Масъуд дар шаҳри Лоҳур таваллуд мешавад. Соли валодаташ ба дурустӣ аниқ нест ва дар ин бора андешаҳои мухталиф ҷой доранд, ки ба байни солҳои 1046-1049 рост меояд.

Масъуди Саъди Салмон дар Лоҳур нашъунамо ёфта, ба Ғазнин ҳам рафтуомад доштааст. Шоир дар ин ду шаҳр таҳсили илм карда, илова бар улуми роиҷ дар замонааш, дар фанни аспарварӣ, тирандозӣ ва чавгонбозӣ ба дараҷаи устодӣ расида будааст. Ба ғайр аз забони модариаш, ки форсӣ буд, забонҳои арабӣ ва ҳиндиро низ медониста ва аз адабиёти ин забонҳо ба хубӣ огоҳ будааст.

Монанди падараш Масъуди Саъди Салмон ба хидмати дарбор оғоз мекунад. Дар ибтидо зиндагии ороме доштааст, аммо ин ҳол дер давом намекунад. Султон Иброҳим солҳои 1076-1077 ҳукумати Ҳиндустонро ба писари худ – Сайфуддавла Маҳмуд супурд. Масъуди Саъди Салмон дар хидмати дарбори ӯ буд ва дар сафарҳои ҳарбии шоҳзода ҳамроҳӣ мекард ва аз ҷумлаи ҳамсуҳбатони доимии ӯ буд. Ҳасудон шикоят ба султон бурданд, ки гӯё Масъуди Саъди Салмон ҳамроҳи Сайфуддавла Маҳмуд нияти ба тобеияти Маликшоҳи Салҷуқӣ гузаштан доранд. Султон ин корро хиёнат пиндошта ба ҳабси шоир фармон дод. Ӯ дар қалъаҳои Даҳак, Су ва Ной даҳ сол маҳбус буд ва тақрибан солҳои 1096-1097 бо далолати Абулқосими Хос ном шахс, ки аз муқаррабони дарбори Султон Иброҳим буд, озод гардид.

Баъд аз вафоти Султон Иброҳим писари дигари ӯ – Алоуддавлаи Масъуд ба тахти Ғазнин нишаст ва фарзанди худ – Иззуддавлаи Шерзодро ҳокими Ҳиндустон ва Абӯнасри Порсиро сипаҳсолори ӯ таъин намуд. Азбаски Абӯнасри

Порсӣ марди шеърдӯсте буд, Масъуди Саъди Салмон ба мақоми баландатре расид. Шоир чанд гоҳ ҳокими Ҷоландари Ҳиндустон ҳам буд. Дере нағузашта Абӯнасри Порсӣ бо бадгӯии ҳасудон аз мансаб маъзул мегардад ва кори шоир боз душвор мешавад. Молу мулкашро мусодира мекунад ва бо фармони Масъуд ибни Иброҳим ҳашт сол дар қалъаи Маранҷ зиндонӣ мегардад. Ҳамин тавр, 18-19 соли умри шоир дар зиндонҳо гузаштааст. Баъд аз раҳоӣ аз зиндон дар соли 1106 то охири умраш китобдори китобхонаи дарбор буд.

**Мероси адабӣ**. Масъуди Саъди Салмон шоири соҳибдевон буда, шеъри вай бо ҳусни маонӣ ва лутфи алфоз машҳур аст. "Девон"-и шоир бори аввал дар Эрон чопи сангӣ шуда, баъдтар нашри нисбатан беҳтари он соли 1921 ба тасҳеҳи Рашид Ёсимӣ сурат гирифтааст. Бори охир девони шоир бо эҳтимоми Парвиз Бобоӣ ва мухтасари муқаддимаи Рашид Ёсимӣ дар соли 2005 зевари табъ ба бар кард. Ҳаҷми "Девон"-и шоир бузург буда, 315-қасида, таркиббанду тарҷеъбандҳо, мусамматот, муқаттаот, газалиёт, рубоиёт ва ашъори дигари шоирро фаро гирифтааст.

Ба қавли Муҳаммад Авфии Бухороӣ, Масъуди Саъди Салмон боз ду девони дигар ҳам доштааст, ки яке арабӣ ва дигаре ҳиндӣ будааст: "...ва ӯро се девон ҳаст: яке ба тозӣ ва яке ба порсӣ ва яке ба ҳиндӣ". Аммо ин ду девон то ҳол пайдо нашудаанд.

Дар "Девон"-и Масъуди Саъд, қабл аз ҳама, қасида мавқеи асосӣ дорад. Тақрибан тамоми қасоиди шоир унвон дошта, ба амалдорону ҳукуматдорони муосираш бахшида шудаанд. Баъзан қасидаҳояш ба маҷмӯи асарҳои ҳасбиҳолию танқидӣ ва эътирозӣ табдил ёфтаанд.

Пас аз қасида дар девони Масъуди Саъд тарҷеъбанду таркиббанд ва мусамматоти ӯ ҷой гирифтаанд, ки низ дар равияи мадҳ буда, ба амалдорон унвон шудаанд. Яке аз мусамматҳои шоир, ки дорои 24 банди шашмисраӣ аст, дар равияи мусамматҳои Манучеҳрии Домғонӣ суруда шудааст.

Ғазалиёти Масъуди Саъд дар девон 23 ададанд, ки мавзӯи ишқӣ ва тавсиф дар онҳо мақоми асосӣ дорад. Шоир дар қитъаҳояш аз ҳасби ҳол ва масъалаҳои танқидию ахлоқӣ бисёр сухан рондааст. Дар таркиби "Девон"-и шоир 400 рубоӣ ҷой дорад, ки ҳама табиӣ, сода ва ҳаётӣ ҳастанд.

Ба гайр аз анвои мазкури шеърӣ дар "Девон"-и Масъуди

Саъди Салмон ашъори махсуси “Шаҳрошӯб” вомехурад, ки ин навъи адабӣ, асосан, пас аз ҳамин шоир мустаъмал гаштааст. Масъуди Саъди Салмон дар ашъори “Шоҳрошӯб”-и худ, ки аксар аз пораҳои хурд-хурд иборатанд, сифати як зумра пешаварон, аз қабили анбарфурӯш, рангрез, раққос, гӯштигир ва амсоли инҳоро кардааст. Шоир дар бархе аз чунин шеърҳояш баъзе ашхос ва падидаҳои дигарро низ мавриди тасвир қарор додааст. Аз ҷумла, дар ҳаққи дилбари шоир чунин гуфтааст:

Шоирӣ ту, мадор рӯй гарон,
Шоирон рӯйиро гарон накунанд.
Накунӣ он чӣ гӯиву на шигифт,
К-он чӣ гӯянд шоирон, накунанд.

Пораи нисбатан муфассал дар миёни ашъори шаҳрошӯби шоир шеъри зерин аст, ки дар ҳаққи ёри мусофир гуфта:

Ёрам ба сафар шуд, эй мусулмонон,
Дил ҳамраҳи ӯву ҳамраҳи дил ҷон.
Эй рафтаву бурда ҷону дил, боз ой,
Аз баҳри Худой, то кай ин ҳиҷрон?
Бо васли раҳӣ яке замон биншин
В-ин оташи ҳаҷри хешро биншон.
Донам, ки зи ҳол гашта бошӣ ту,
Мушку гули ту шуда ба дигар сон.
Мушки ту зи гарди анбари ашҳаб
В-аз меҳри гули ту лолаи нуъмон.
Ҳар ҳол, ки бошадат ба роҳандар,
Зинҳор, ба сӯйи банда бинвис он.
То гар-т ба роҳ равад, пеш ояд,
Хушкаш кунам аз тафи дили сӯзон.
В-ар хушкии даштсорат ояд пеш,
Аз дидаи худ фиристамат борон.
На, на, нафиристамат, ки тарсам ман,
К-ин соъиқа гардад, он шавад тӯфон.

Дар эҷодиёти Масъуди Саъд ҳасбиҳолҳои зиндонии ки силсилаи “Ҳабсиёт”-ашро ташкил додаанд, маъруфанд. Ба иллати он ки бахши муҳимме аз умри ч шоир дар маҳбас сипарӣ шудааст, дар яке аз шеърҳое, ҷо сурудааст, дар ҳасрати ҷавонӣ мегӯяд:

Эй ҷавонӣ, туро куҷо ҷӯям?
Бо кӣ гӯям ғами ту, гар гӯям?

Ёсамини ту то саман гаштаст,
Саману ёсамин намебӯям.
Назди хубон сиёҳрӯй шавам,
То зи пирӣ сапед шуд мӯям.
Мӯю рӯям сапед гашту сиёҳ,
Рӯй шуд мӯю мӯй шуд рӯям.
Нашавад пок ранги ҳар ду ҳаме,
Гарчи ҳар ду ба хун ҳамешӯям.
Гар маро шаҳриёри шаҳргушой
Банд кардаст, бандаи ӯям.
Маҷлиси ӯ чаро намесипарам,
Гар зи боги ҳунар ҳамерӯям?!
Гоҳ тоза чу лола бар чаманам,
Гоҳ ёзон чу сарв бар ҷӯям.
Ё Рабам, афви ӯ ту рӯзӣ кун,
К-аз ҷаҳон афви ӯ ҳамеҷӯям.

Дар шеъри ҳабсияи зерин шоир арзи бечорагӣ ва орзуи гармоба кардааст, ки аз ранҷи дили шоири озурда танҳо андакест:

Гармоба се доштам ба Лавҳур
В-ин назди ҳама касе аён аст.
Имрӯз се сол шуд, ки мӯям
Монандаи мӯйи кофарон аст.
Бар тораку гӯшу гардани ман
Гӯйӣ, намади тари гарон аст.
Аз ранҷи дил андаке бигуфтам,
Боқӣ ҳама дар дилам ниҳон аст.
Подошии ман дар ин ғаму ранҷ
Бар Эзади поки гайбдон аст.

Шеърҳои дигари силсилаи “Ҳабсиёт” ҳам монанди пораҳои мазбур таъсирбахшу риққатоваранд.

Масъуди Саъд, инчунин, бо номи “Моҳҳои форсӣ”, “Рӯзҳои фурс”, “Рӯзҳои ҳафта” силсилашеърҳо эҷод кардааст, ки дар охири девони шоир ҷой дода шудаанд.

5. **Хоқонии Шарвонӣ** (1126-1199). **Рӯзгори шоир**. Хоқонии Шарвонӣ аз шоирони дараҷаи аввали адабиёти форсӣ мебошад. Ному насабаш Афзалуддин Бадил ибни Алии Наҷҷор Хоқонии Шарвонӣ мебошад. Номаш Бадил, лақабаш Афзалиддин, тахаллусаш Хоқонӣ аст:

Бадал ман омадам андар ҷаҳон Саноиро,
Бад-ин далел падар номи ман Бадил ниҳод.

Ҷойи таваллуд ва ватани ӯ - шаҳри Шарвон дар ҳудуди Озарбойҷон ҷойгир буд. Хоқонӣ дар соли 1126 дида ба дунё гушуд. Падараш Алӣ ибни Усмон ном дошт ва дуредгар буд. Модараш аз насрониёне буд, ки баъд исломро пазируфтааст. Падар мехост, ки писар касби ӯро пеша кунад. Бадил амаке дошт бо номи Умар ибни Усмон, ки донишманд буд, илми тиб ва фалсафаро медонист. Ӯ тарбияи Хоқониро ба уҳдаи худ мегирад:

Мискин падарам зи ҷаври айём,
Афканд маро, чу Золро Сом.
Ӯ симургӣ намуд дарҳол,
Дар зери параш гирифт чун Зол.
Дар ҷойи дигар мегӯяд:
Даъвии нисбат зи ам кун, на-з падар, зеро туро
Ам падид овард агар не, худ падар гум карда буд.

Дар ашъораш ба чи тавр таълим гирифтанаш ҳам ёд мекунад. Дар хитоб ба амакаш гуфтааст:

Чун дид, ки дар сухан тамомам,
Ҳассонулаҷам ниҳод номам.

Амакаш дар соли 1141 вафот мекунад. Хоқонӣ ба омӯзиши мустақилона шурӯъ карда, ба назди Абулъалои Ганҷавӣ роҳ мeёбад ва аз ӯ машқи шоириро меомӯзад. Абулаъло мегӯяд:

Камарро ба таълиму шафқат бубастам,
Забони ту бар шоирӣ бар кушодам.
Чу шоир шудӣ, бурдамат пеши Хоқон,
Ба “Хоқонӣ”-ят ман лақаб барниҳодам.

Хоқонӣ дар дарбор шуҳрати зиёд пайдо мекунад. Ҳамаи ин ӯро ба мағрурӣ меоварад, дигаронро писанд намекунад:

Шоири мубдеъ манам, хони маонӣ марост,
Резахӯри хони ман Рӯдакию Унсурист.

Дар байни ӯву дарбориён, ҳатто Абулаъло, ки падарарӯсаш буд, низоъ сар мезанад, ки натиҷаи ғурур ва худписандиаш буд:

Нест иқлими суханро бартар аз ман подшо,
Дар ҷаҳон мулки суханронӣ мусаллам шуд маро.

Бо Рашидуддини Ватвот мукотиба дошт ва мехост ба Хуросон биравад, аммо ин муяссар нашудааст. Аз шоирон бо

Низомӣ ҳам дӯстӣ доштааст. Соли 1156 азми сафари Ироқ ва Ҳиҷоз мекунад ва ба сафари ҳаҷ меравад. Дар ин сафар дар Бағдод ва Маккаю Мадина бо бисёр шахсони бузург ҳамсуҳбат мешавад. Дар Ироқ бо султони он ҷо Муҳаммади Салҷуқӣ вомехурад. Андешаҳои ӯ аз ин сафар дар ашъораш акс ёфтаанд. Ба харобаҳои Мадоин – пойтахти Сосониён меравад ва дар ин сафар маснавии ягонааш "Туҳфат-ул-Ироқайн"-ро менависад. Пас аз сафар ба дарбор баргаштан намехоҳад. Боз як бор азми сафари Ҳиҷоз мекунад, аммо ба ӯ иҷозат намедиҳанд. Ӯро бо сабабе ҳафт моҳ дар зиндони Шоварон ҳабс кардаанд. Бо мудохилаи Қайсари Рум аз ҳабс раҳо меёбад, бо сабаби он ки модараш аз насрониҳо буд. Худи шоир аз нигоҳи мазҳаб аз аҳли суннат ва пайрави ақоиди шофеъӣ буд.

Дар айёми пирӣ аз дарбор меравад ва тахаллуси Хоқониро ба Халқонӣ табдил медиҳад. Аз мадҳгӯӣ пушаймон мешавад. Дар ҳаққи фарзандони фавтидааш марсияҳо мегӯяд ва қашшоқ ҳам будааст. Дар ин давра майл ба тасаввуф ва ирфон кард. Дар охири умр Хоқонӣ майл ба гӯшанишинӣ кард ва ба Табрез рафта, дар ҳамон шаҳр соли 1199 вафот ёфт. Ӯро дар "Мақбарат-уш-шуаро"-и Табрез ба хок супурданд.

**Эҷодиёти Хоқонӣ**. Хоқонӣ шоири дорои эҳсоси саршори латиф, соҳиби назари баланд ва ҳассосе буд. Дар шеъру шоирӣ сабки тоза ва хоссае дошт, ки дар маонии тоза, интихоби мавзӯъ, пардози лафз, ҳунару санъат, вусъати андешаву тафаккур намудор мегардад. Осори Хоқонӣ аз "Девони ашъор", маснавии "Туҳфат-ул-ироқайн" ва муншаот иборат аст.

Девонаш 17 ҳазор байтро дар бар мегирад: 216 қасида дорад, ки аз ин шумор 106 қасидаи комил ва 110 қасидаи муқтазаб аст, 290 қитъа, 330 ғазал, 300 рубоӣ, 540 байти арабӣ. Қасидаи "Ҳабсия" ҳам дорад. Маҷмӯаи муншаоти Хоқонӣ ҳам то ба мо боқӣ мондааст, ки дар Теҳрон ба чоп расидааст.

Маснавии "Туҳфат-ул-ироқайн" аз 3200 байт иборат буда, аз сафари шоир ба Ироқи Арабу Ироқи Аҷам ҳикоят мекунад. Ин маснавӣ аз шаш мақола ва хотима иборат аст. Ҳар як мақола бо тасвири офтоб ва хитоб ба он оғоз ёфтааст. Шоир донишмандону бузургони дидаашро ситуда ва одобу

русуми баъзе кишварҳоро шарҳ додааст.

Хоқонӣ, қабл аз ҳама, бо қасидаҳояш машҳур аст. Намунаи сухани олии Хоқонӣ қасидаи “Харобаҳои Мадоин” аст, ки бо абёти зерин огоз мешавад:

Ҳон, эй дили ибратбин, аз дида назар кун, ҳон,
Айвони Мадоинро оинаи ибрат дон.
Як раҳ зи раҳи Даҷла манзил ба Мадоин кун
В-аз дида дувум Даҷла бар хоки Мадоин рон.
Худ Даҷла чунон гиряд, сад даҷлаи хун гӯӣ,
К-аз гармии хунобаш оташ чакад аз мижгон.

Хоқонӣ дар ташбеҳу тавсиф ҳунари комил дорад, парвози хаёлаш ба баландтарин нуқтаи тафаккур мерасад. Як мисол аз марсияи шоир:

Субҳгоҳе сари хуноби ҷигар бикшоед,
Жолае субҳдам аз наргиси тар бикшоед.
Дона-дона гуҳари ашк бирезед чунон,
Гуҳари риштаи тасбеҳ зи сар бикшоед...

Намунае аз газалиёти шоир:

Кори ишқ аз васлу ҳиҷрон даргузашт,
Дарди мо аз дасти дармон даргузашт.
Кор саъб омад, ба ҳиммат барфузуд,
Гӯй тез омад, зи чавгон даргузашт.
Дар замона кор кори ишқи туст,
Аз сари ин кор натвон даргузашт.
Кай расам дар ту, ки Рахши васли ту
Аз замона бист майдон даргузашт.
Фитнаи ишқи ту пардозад ҷаҳон,
Хоса медонад, ки султон даргузашт.
Ҷӯйи хун домони Хоқонӣ гирифт,
Доманаш чӣ, к-аз гиребон даргузашт?!

6. **Муиззии Нишопурӣ** (таваллудаш тақрибан соли 1049-вафоташ 1126/27). **Ҳаёт ва фаъолияти шоир**. Амирушшуаро Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ тақрибан миёни солҳои 1049-1052 дар Нишопур ба дунё омадааст. Зодгоҳашро муаллифони баъзе маъхазҳо Самарқанд ва Нисо ҳам гуфтаанд, ки нодуруст аст.

Муиззӣ дар хонаводаи шоир ба дунё омадааст. Падараш – Абдулмалики Бурҳонӣ шоири дарбори Алп Арслон ва писари вай – Маликшоҳ будааст. Аз ин ҷост, ки Муиззӣ дар

муҳити дарбор тарбият ёфта, пас аз таҳсили илм ва хатми мадраса дар хидмати сипоҳии Салҷуқиён буд. Дар шеъраш рӯҳияи дарборӣ дорад. Падараш қабл аз вафот аз Маликшоҳ хоҳиш кардааст, ки фарзанди ӯро тарбия намояд:

Ман рафтаму фарзанди ман омад халафи сидқ,
Ӯро ба Худову ба худованд супурдам.

Бо амри Маликшоҳ баъд аз марги падар маошашро ба Муиззӣ медиҳанд. Шояд ин кифоят намекардааст, ки хоҳиши аз дарбор рафтан пайдо мекунад. Барои рухсат хостан ин хоҳишашро ба домоди Маликшоҳ – Алоуддавла Амир Алӣ Фаромурз мегӯяд. Ин шахс, ки шеърдӯст ҳам будааст, ба Муиззӣ каме ёрии моддӣ расонида, ӯро ба сабру таҳаммул даъват мекунад, то ки фурсати муносибе пеш ояду ӯро ба Султон Маликшоҳ шиносонад.

Чунин фурсат фаро мерасад. Ҳангоми шаби рамазон ба пешвози моҳи нав ба боми қаср баромадани Маликшоҳ Алоуддавла Муиззиро ҳам даъват мекунад. Султон аввалин шуда моҳи навро мебинад. Алоуддавла аз Муиззӣ хоҳиш мекунад, ки дар ин маънӣ шеъре бигӯяд. Муиззӣ бадоҳатан мегӯяд:

Эй моҳ, камони шаҳриёрӣ гӯӣ
Ё абрӯи он турфа нигорӣ гӯӣ.
Наъле зада аз зарри иёрӣ гӯӣ,
Дар гӯши сипеҳр гӯшворӣ гӯӣ.

Ин рубоӣ, ки дар он моҳирона моҳи нав ба чаҳор чиз ташбеҳ шудааст, ба Маликшоҳ писанд меафтад. Султон ҳамчун сила амр мекунад, ки яке аз аспҳои хоссаашро ба Муиззӣ бидиҳанд ва ӯро ба меҳмонии имшаба даъват кунанд. Алоуддавла ин фармонро иҷро карда, дар сари дастархон аз шоир хоҳиш кард, ки дар ҳаққи инъоми султон шеъри шукронае бигӯяд. Ӯ гуфт:

Чун оташи хотири маро шоҳ бидид,
Аз хок маро бар забари моҳ кашид.
Чун об яке тарона аз ман бишунид,
Чун бод яке маркаби хосам бахшид.

Ин рубоӣ низ устодона гуфта шудааст. Дар он чаҳор унсур: оташ, хок, об, бод ба ҳам омадаанд. Шоир шоҳро ситудаву худро дар назди ӯ ҳақир шуморидааст. Ин рубоӣ низ ба Султон писанд меояд. Амр мекунад, ки ба шоир ҳазор дирам диҳанд ва баҳраш маоше таъин кунанд. Шоир то ин

дам тахаллус надоштааст. Маликшоҳ лақаби ифтихории “Муизз-уд-дунё ва-д-дин” дошт, амр мекунад, ки шоирро бо ҳамин ном хонанд. Яъне, Муиззӣ. Ин ном аз ҳамин ҷо пайдо мешавад. Он гоҳ Султон мегӯяд: “Бигзор Муиззӣ мартабаи амирӣ ҳам дошта бошад”. Ба ин тариқ, тахаллус ва мартабаи дарбории ӯ Амир Муиззӣ мешавад.

Муиззӣ ба ҷойгоҳи надимии шоҳ ва амирушшуарой мерасад ва аз ҳар ҷиҳат осуда мешавад. Ҳатто аз зиндагӣ ва мақоми ӯ дигарон ҳасад мебаранд:

Эй ёр, чу рӯзгор ёри ману туст,
Бас кас, ки бувад, ҳасуди ёри ману туст.
Ин бода, ки андуҳгусори ману туст,
Баргиру биё, ки кор кори ману туст.

Чунин ҳолати фараҳу шодӣ дар қасоиди шоир ҳам акс шудааст.

Ҳамин тавр, Муиззӣ дар ин дарбор шуҳрати зиёд пайдо мекунад. Авфӣ ба ҳамин маънӣ чунин ишорае дорад: “Се кас аз шуаро аз се давлат иззат ва қабул ёфтаанд, чунонки касеро он мартаба муяссар набуд: яке Рӯдакӣ дар аҳди Сомониён ва Унсурӣ дар давлати Маҳмудиён ва Муиззӣ дар давлати Маликшоҳ”.

Дар аҳди Маликшоҳ Муиззӣ аз пуштибонии вазири машҳур Низомулмулк низ бархурдор буд. Вазъи зиндагии шоир пас аз вафоти Маликшоҳ ва Низомулмулк дар соли 1092 тағйир меёбад. Ҳокимияти Салҷуқиён низ рӯ ба таназзул меорад. Муиззӣ бе ҳомӣ монда, гоҳе дар Исфаҳон, гоҳе дар Нишопур ва гоҳе дар Ҳирот дар вазъи на чандон мусоид зиндагӣ мекунад ва ба гуфтани қасоиди мадҳӣ машғул мешавад. Шоир баъди оворагардиҳо дар соли 1115 ба дарбори Султон Санҷар, ки ҳокими Хуросон буд, роҳ меёбад. Санҷари ҷавон бо ӯ эҳтиромона “падар”-гӯён муроҷиат мекунад.

Дар давраи ҳукумати Султон Санҷар (1118-1153) дар Марв, дар дарбор доираи адабӣ ташкил мешавад ва Муиззӣ ҳамчун амирушшуаро эътибор пайдо мекунад. Аммо ин вазъ ҳам дер намепояд, шоир аз тири шоҳ маҷруҳ мегардад. Ба ин тафсил, ки Амир Муиззӣ ба сафарҳои ҳарбӣ ва шикори Санҷар иштирок мекард. Рӯзе ҳангоми шикор Муиззӣ гӯё тасодуфан аз тири Санҷар маҷрӯҳ ҳам мешавад, ки оқибат ин захм боиси марги ӯ мегардад. То ба ҳангоми вафот як сол

бистарӣ будааст:

Тири шаҳро ба назм бистудам,
Шукр карду ба фахр-барбифрошт.
Омаду бӯса дод синаи ман,
Рафту пайкон ба сина-дар бигзошт.
Ман надонам, ки ин вадиатро
Сина то кай нигаҳ хоҳам дошт.

Ин ҳама фоҷиаи худро шоир аз тақдир медонад:

Миннат Худойро, ки ба ҷонам накард қасд,
Тире, ки шаҳ ба қасд наяндохт аз камон...
Якчанд агар зи ранҷ дилам буд дардманд,
Як сол агар зи дард танам буд нотавон,
Фарҷоми кору оқибати хешро сабаб
Фазли Худой донаму фарри худойгон.

Муиззӣ пурра сиҳҳат наёфта, бо ҳамин захм соли 1127 вафот меёбад. Ин тахмин аз он ҷост, ки дигар пас аз ин таърих шеър нагуфтааст.

**Мероси адабӣ**. Мероси адабии Муиззӣ аз як “Девон”-и мукаммал иборат аст. Девонашро Аббос Иқбол дар Теҳрон соли 1939 чоп кардааст, ки аз 18500 байт иборат аст. Ин “Девон” шомили 466-қасида, 60-ғазал, 172-рубоӣ, 30-қитъа, 51-тарҷеъбанд ва 1-мусаммат мебошад. Аз теъдоди умумии қасоиди шоир 268-то комил ва боқӣ 198-муқтазаб аст, яъне насиб надорад.

Муиззӣ, асосан, шоири қасидасаро буда, аксари қасидаҳояшро ба подшоҳоне, ки дар дарборашон будааст – Маликшоҳу Санҷар, корзору футӯҳот ва мадҳи онҳо бахшидааст. Шоир дар гуфтани қасида бештар ба Унсурию Фаррухӣ пайравӣ кардааст.

Муиззӣ давомдиҳандаи сабки хуросонӣ аст. Ба андешаи Холиқ Мирзозода, агарчи Муиззӣ дар қасоидаш забон, воситаҳои тасвир ва саноати шеъриро моҳирона ба кор бурдааст, пойбанди ақидаи “феодалии подшоҳпарастӣ” будааст. Ян Рипка бар он назар аст, ки қасидаҳои Муиззӣ аз рӯйи зарурат ва маош гуфта нашудаанд, балки аз рӯйи сидқ эҷод шудаанд. Хусусияти асосии шеъри шоир содагию равонӣ дар сабки сухан аст, ки ин ҷиҳатро қариб ҳамаи муҳаққиқони эҷодиёти ӯ қайд кардаанд. Намунае аз тариқи сухани шоир чунин аст:

Эй рӯйи ту рахшандатар аз қиблаи Зардушт,
Бе рӯйи ту чун зулфи ту кӯж аст маро пушт.
Ишқи ту маро кушту ҳавои ту маро сӯхт,
Ҷаври ту маро ҳасту ҷафои ту маро кушт.
Ҳарчанд ҳама ҷавру ҷафои ту кашидам,
Ҳаргиз накунам меҳру вафои ту фаромушт.
Бархезу биё, то зи руху зулфи ту имшаб
Пурнола кунам домону пурмушк кунам мушт.

То ҳол дар бораи Муиззӣ тадқиқоти мукаммале ба миён наомадааст.

7. **Анварии Абевардӣ** (1105-1187). Ҳуҷҷатулҳақ Авҳадуддин Алӣ ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ Анварии Абевардӣ соли 1105 дар деҳаи Баднаи Ховарони вилояти Абевард ба дунё омадааст. Вай аз шоирони бузурги асри XII буда, тағйир ва такмилдиҳандаи услуби шеъри форсӣ мебошад. Анварӣ тахаллуси ӯст ва ба гуфтаи Давлатшоҳи Самарқандӣ, дар оғози фаъолияти эҷодӣ «Ховарӣ», мансуб ба дашти Ховарон, тахаллуси шоир будааст. Айёми ҷавониаш сарфи омӯзиши улум шуда, адабиёт, фалсафа ва риёзиётро фаро гирифт ва дар ҷамеъи улум шуҳрат ёфт. Дар илм аз пайравони Ибни Сино ва фалсафаи ратсионалии машшоъ буд, ба дифои вай ва таънаи мухолифонаш сухан гуфтааст:

Дидаи ҷони Бӯалӣ Сино
Буд аз нури маърифат бино.
Сояи офтоби ҳикмат ӯ,
Ёфт аз машриқу лушиъино.
Ҷони Мусисифоти ӯ равшан
Ба таҷаллию шахси ӯ Сино.

Анварӣ дар мадрасаи шаҳри Тӯс таҳсил кард ва аз улуми замони худ, махсусан илмҳои табиӣ, ба хубӣ огоҳӣ ёфт. Вай ба такмили дониш ва пажӯҳиши илмӣ сарғарм буд, дар касби шоирӣ ҳам ба камоли ҳунару санъат расида буд ва дарҳол ба дарбори Султон Санҷар роҳ ёфт. Дар бораи ба дарбори Санҷар омадани Анварӣ Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин ривояте нақл кардааст: «Султон Санҷар бо шукӯҳу азамат ба навоҳии Подикон нузул кард ва Анварӣ бар дари мадраса нишаста буд, дид, ки марде муҳташам бо ғуломи асп ва сози тамом мегузарад. Пурсид, ки ин кист? Гуфтанд: «Марде шоир аст». Анварӣ гуфт: «Субҳон-ал-Лоҳ, пояи илм бад-ин

баландию ман чунин мафлук ва шеваи шоирӣ бад-ин пастию ӯ чунин муҳташам. Ба иззат ва ҷалоли зулҷалол, ки ман баъдалявми шоирӣ, ки дуни маротиби ман аст, машгул хоҳам шуд». Дар он шаб ба номи Санҷар қасидае гуфт, ки матлаъи он ин аст:

Ғар дилу даст баҳру кон бошад,
Дилу дасти худойгон бошад.

Ва алассабоҳ қасди даргоҳи султон кард ва қасидаро гузаронид. Султон багоят суханшинос буд, тарзи каломи ӯро донист, ки донишмандона ва матин аст».

Албатта, ин ривоят наметавонад, асоси воқеӣ дошта бошад, зеро ба қавли Забеҳуллоҳи Сафо, «бисёр баъид ба назар меояд чунин қасидаи ороста ва камназире нахустин шеъри шоире бошад. Ба ҳар ҳол, Анварӣ муддати зиёда аз сӣ сол шоири дарбори Санҷар буд. Анварӣ бо муаллифи китоби машҳури «Мақомоти Ҳамидӣ» ва дигар аҳли фазлу адаб шинос буд. Баъди вафоти Султон Санҷар солҳо мадҳи дигар бузургон ва амиронро мегуфт. Соли 1156 асири Ғузҳо шуда, пас аз се сол раҳо ёфт.

Ҳодисаи дигари рӯзгори Анварӣ муносибати ӯ бо султони Фирӯзкӯҳ Алоуддини Маликулҷибол (545-556 ҳиҷрӣ) буд, ки бино ба нақли Авфӣ, «вақте ба Алоуддини Маликулҷибол хабар доданд, ки Анварӣ туро ҳиҷо гуфтааст, ба назди малик Тӯтӣ набишт, то ӯро ба хидмат фиристад». Лекин Холид ибни Рабеъ дар яке аз номаҳои худ Анвариро аз ин ҳол огоҳ кард ва ӯ шафеъан ангехт, то малик Тӯтиро аз он андеша дур карданд. Чун малик Алоуддинро он ҳол маълум шуд, расуле дигар фиристод ва гуфт: «Ҳазор сар гӯспанд медиҳам, агар ӯро ба наздики ман фиристӣ. Малик Тӯтӣ Анвариро муваккал кард, ки ночор сохта бояд шуд ва ба Ғур рафт, чил ҳазор сар гӯспанд ба муқобалаи ту медиҳад». Анварӣ гуфт: «Эй малики ислом, чун ман марде ӯро ба ҳазор сар гӯспанд меарзад ва подшоҳро бар ягон намеарзад? Бигзор, то боқии умр дар силки хидами ту бошам».

Баъди асирии Санҷар ва вафоти ӯ Анварӣ ҳамчунон дар хидмати умарои замон буд, вале иззату мақоми замони Санҷарро надошт. Ривояти зикршуда ба пастии ҷойгоҳи шоир ва ба туҳмат гирифтор шуданаш шаҳодат медиҳад. Анварӣ аз гирифтории Санҷар ба дасти Ғузҳо мутаассир шуд ва ба умеди ёрӣ қасидаи машҳури «Ашкҳои Хуросон»-ро

навишт ва ба хоқони Самарқанд фиристод, ки ин абёт аз насиби он қасида мебошанд:

Ба Самарқанд, агар бигзарӣ, эй боди саҳар,
Номаи аҳли Хуросон ба бари Хоқон бар!
Номае матлаъи он ранҷи тану офати ҷон,
Номае мақтаъи он дарди дилу сӯзи ҷигар.
Номае бар рақамаш оҳи азизон пайдо,
Номае дар шиканаш хуни шаҳидон музмар.
Нақши таҳрираш аз синаи мазлумон хушк,
Сатри унвонаш аз дидаи маҳрумон тар.
Реш гардад мамари савт аз ӯ гоҳи самоъ,
Хун шавад мардумаки дида аз ӯ вақти назар.
То кунун ҳоли Хуросону раъоё будаст
Бар Худованди ҷаҳон Хоқон пӯшида магар?
Не, набудаст, ки пӯшида набошад бар вай
Заррае неку бади нуҳ фалаку ҳафт ахтар.
Корҳо баста бувад, бешак, дар вақту кунун
Вақти он аст, ки ронад сӯйи Эрон лашкар.
Хусрави одил Хоқони муаззам, гарчанд
Подшоҳ асту ҷаҳондор ба ҳафтод падар,
Доимаш фахр ба он аст, ки дар пеши мулук
Писараш хондӣ султони салотин Санҷар.
Боз хоҳад зи Ғузон кина, ки воҷиб бошад
Хостани кини падар бар писари хубсияр...

Ба ривояти дигар, гӯё Анварӣ дар шаҳри Балх муддате зиндагӣ мекард ва гӯё пешгӯие дар бораи табдили ҳаво аз рӯйи ситораҳо кард, вале дар он рӯзи гуфтаи вай қатраи бороне наборид. Мардуми Балх аз ӯ норозӣ шуданд ва бар ӯ миъҷар карданд. Қозиюлқуззоти шаҳр – Ҳамидуддин ӯро ҳимоя кард. Ин ҳодисаи пешгӯии мунаҷҷимони Балх дар бораи қирони кавокиб дар нуҷуми ҷамодиюлохири соли 582 ҳиҷрӣ (бисту дуюми августи 1186) буд ва гуфта буданд, тӯфони азиме аз аҳволи олам рӯй медиҳад, ки монанди Тӯфони Нӯҳ хоҳад буд. Анварӣ низ дар миёни ин пешгӯикунандагон буд. Рӯзи пешгӯишуда чизе аз нишонаи бад надошт. Шоирон бо ин сабаб боиси таъна шуданд. Охири умрашро Анварӣ дар шаҳри Балх гузаронд ва дар ҳамон шаҳр соли 1187 вафот ёфт.

Анварӣ аз ҷумлаи бузургтарин шоирони марҳилаи классикии адабиёти мо мебошад. Дар шеър сабки хоси худро

дошт. Қудрату маҳораташ дар шеър чунон аст, ки ӯро донишмандон пайғамбари қасидасароён хондаанд. Мақом ва бузургии ин шоир дар замони зиндагии вай ва дар тӯли таърихи адабиёт аз ҷониби шоирон, донишмандон ва муҳаққиқон эътироф шудааст. Шоири машҳур Маҷди Ҳамгар ба сифати шеъри Заҳири Форёбӣ ва Анварӣ, тибқи дархости ноқидони сухан, изҳори назар намуда ва гуфтааст:

Шеъри Заҳир, агарчи сар омад зи ҷинси шеър,
Бо тарзи Анварӣ назанад лофи ҳамсарӣ.
Бар авҷи Муштарӣ бирасад тири назми ӯ,
Хоса гаҳи саногарию мадҳгустарӣ.

Анварӣ дар навбати аввал аз шоирони бузурги мадеҳасаро мебошад. Қасидаҳои шоир дар қудрати сухан, санъат, табъи матин устуворанд. Ба назари Авфӣ, «тамомати қасоиди ӯ маснӯъ аст ва матбӯъ ва ҳеч кас ангушт бар яке аз он натвонад ниҳод».

Анварӣ дар қасидасароӣ татаббӯъ аз шеъри Абулфараҷи Рунӣ мекард ва ба шеъри Унсурӣ ва Фаррухӣ, инчунин баъзе шоирони дигар низ пайравӣ намуда, мазомине аз онҳо бардоштааст. Шоир тамоми умр дар мадҳи ҳокимону бузургони замон қасидаҳои нотакроре мегуфт. Аммо дар охирҳои умр аз сарфи умр ба мадеҳасароӣ пушаймон шуда буд ва аз сарфи илм накардани худ изҳори пушаймонӣ мекунад ва мегӯяд:

Гарчи дарбастам дари мадҳу ғазал якборагӣ,
Зан(н) мабар, к-аз назми алфозу маонӣ қосирам.
Балки аз ҳар илм, к-аз ақрони ман донад касе,
Хоҳ ҷузвӣ гир онро, хоҳ куллӣ, қодирам.
Мантиқу мусиқию ҳайат шиносам андаке,
Ростӣ бояд бигӯям бонасибе вофирам.
Дар илоҳӣ, он чи тасдиқаш кунад ақли салим,
Гар ту тасдиқаш кунӣ, дар шарҳу басташ моҳирам.
Нестам бегона аз аъмолу аҳкоми нуҷум
В-ар ҳаме бовар надорӣ, ранҷа шав, ман ҳозирам.

***

Дӣ маро ошиқаке гуфт: Ғазал мегӯӣ?
Гуфтам: Аз мадҳу ҳиҷо даст бияфшондам ҳам.
Гуфт: Чун? Гуфтамаш: Он ҳолати гумроҳӣ буд,
Ҳолати рафта дигар боз наояд зи адам.
Ғазалу мадҳу ҳиҷо ҳар се аз ин мегуфтам,

Ки маро шаҳвату ҳирсу ғазабе буд ба ҳам…
Ғазалу мадҳу ҳиҷо гӯям, ё Раб, зинҳор!
Баски бо нафс ҷафо кардаму бар ақл ситам…

Ҳамин огоҳию майл ба анвои улум, огоҳӣ аз аркони онҳо сабаби сабки моил ба андешаҳои илмӣ доштани қасидаҳои Анварӣ шудааст. Як ҷиҳати диғари муҳимми қасидаҳои Анварӣ дар забону сухани шоир зиёд истифода шудани луғату таъбироти илмӣ мебошад. Озодандешии Анварӣ дар ашъораш ба ҳамин огоҳӣ аз таълимоти илмии замон мебошад. Дар девони Анварӣ 250 қасида мавҷуд аст ва ӯро пайғамбари қасидасароён гуфтаанд:

Дар шеър се тан паямбаронанд,
Қавлест, ки ҷумлагӣ бар онанд:
Фирдавсиву Анвариву Саъдӣ,
Ҳарчанд, ки ло набия баъдӣ.

Мавзӯъҳои сиёсию иҷтимоӣ ва назари фалсафии замон низ дар ашъор шоир инъикос ёфтааст. Анварӣ шоири тавоно дар ғазалсароӣ ҳам буд. Дар девони ӯ 337 ғазал мавҷуд аст ва ғазалиёти ӯ мазмуни ишқи воқеии заминӣ доранд ва бар хилофи дигар ҳамзамононаш дар онҳо таъсири ақидаҳои сӯфиёна ба мушоҳида намерасад. Ғазалҳои Анварӣ, баръакси қасоид, бо сухане равон ва лафзе ширин суруда шудаанд. Намуна аз ғазалиёти Анварӣ:

Дар ҳама олам вафодоре куҷост?
Ғам ба хирвор аст, гамх(в)оре куҷост?
Дарди дил чандон, ки ғунҷад дар замир,
Ҳосил аст аз ишқ, дилдоре куҷост?
Ғар ба гетӣ нест дилдоре маро,
Мумкин аст аз бахт, дил боре куҷост?
Андар ин айём дар боғи вафо,
Гар намерӯяд гуле, хоре куҷост?!
Ҷон фидои ёр кардан ҳаст сахл,
Кошкӣ ёри басе, ёре куҷост?
Дар ҷаҳони ошиқӣ бинам ҳаме,
Як ҷаҳон бекор, бокоре куҷост?

Анварӣ 472 рубоӣ ҳам дорад, вале қитъаҳои шоир ҳам аз ҷиҳати микдор ва ҳам аз ҷиҳати фаровонии мавзӯъҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, панду андарз дар таърихи адабиёт мақоми шоистае доранд. То замони Анварӣ, аз асри X ба баъд, шоирон қасидаҳо гуфтаанд, вале Анвариро ҳам аз ҷиҳати

миқдору мавзӯъ ва фарогирии масъалаҳои иҷтимоӣ ҳамчун бузургтарин шоири қитъасаро шинохтан лозим аст. Анварӣ дар ҳаҷву ҳиҷо ҳам маҳорати комил дошт ва ҳаҷвияҳои вай низ дар навъи қитъа суруда шудаанд. Арзиши асосии эҷодиёти Анвариро В. Жуковский дар қитъаҳои ӯ донистааст. Чанд намуна аз муқаттаоти шоир:

Боғбоне бунафша мебӯйид,
Гуфт: Эй кӯжпушти ҷомакабуд,
Ин чӣ ҳол аст аз замона туро,
Пир ноғашта, даршикастӣ зуд?
Гуфт: Пирон шикастаи даҳранд,
Дар ҷавонӣ шикаста бояд буд.

***

Шодмонӣ гузину некӣ ҷӯй,
Зиндагонӣ вафо нахоҳад кард.
Аз сари рӯзгор гард барор,
Пеш аз он, к- аз сарат барорад гард.

***

Нест як тан дар ҳама рӯйи замин,
К-ӯ ба навъе аз ҷаҳон фарсуда нест.
Нест бе гусса ба гетӣ ҳеч кор,
Дар замона ҳеч шахс осуда нест.
Зинда мебояд, чунон к-ояд зи пеш,
Кори гетӣ бар касе паймуда нест.

8. **Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ** (1170-1237). **Ҳаёт ва фаъолияти шоир**. Халлоқулмаъонӣ Камолиддин Абулфазл Исмоил ибни Ҷамолиддин Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ аз ҷумлаи шоирони машҳури ҳавзаи адабии Исфаҳон буда, дар ҳамин шаҳр зода шуда, ба камол расида ва фавтидааст. Дар хонадони шоир таваллуд шудааст. Падараш – Ҷамолиддин Абдурраззоқи Исфаҳонӣ (1137-1192) аз шоирони машҳури замонаш ва қасидасарои маъруф буд. Забеҳуллоҳи Сафо Камолиддин Исмоилро охирин қасидасарои бузург дар давраи оғози ҳамлаи муғулон медонад.

Халлоқулмаъонӣ лақаби ифтихории Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ буда, бинобар таваҷҷуҳаш ба маонии дақиқ аз ҷониби муосиронаш ба ӯ дода шудааст. Сабаби бо ин лақаб шуҳрат пайдо кардани шоир дар он аст, ки, бино ба

қавли Давлатшоҳи Самарқандӣ, “дар шеъри ӯ маонии дақиқ музмар аст, ки баъд аз чанд навбат, ки мутолиа кунанд, зоҳир мешавад”. Яъне, барои дарёфти маонии дақиқи пинҳон дар каломи шоир мутолиаи зиёд ва камоли диққат лозим аст.

Камолиддин дар ҷавонӣ ба касби илму дониш пардохта ва дар муддати кӯтоҳ донишҳои асосии маъмул дар замонаашро фаро гирифтааст. Дар синни 20-солагӣ, илова бар ҳунари шоирӣ, соҳиби фазилату дониш будааст. Инчунин, забон ва адабиёти арабро ба хубӣ медонистааст. Вай бо чанд тан аз бузургон ва шоирони ҳамзамони худ, ба монанди Музаффариддин Муҳаммад ибн Мубориз, ки марди фозилу шоир ҳам будааст, Асириддини Уммонӣ, Рукниддини Даъвидор, Амир Иззуддин Алӣ Шерони Бобуя мушоираҳо доштааст.

Камолиддин ҳунари заргарӣ ҳам доштааст, ки эҳтимол ин шугли авлодиаш бошад, чунки падараш низ дар ибтидо соҳиби дӯкон буда, баъдан ба мадраса омадаву шоирӣ пеша кардааст. Вай баъд аз машҳур шудан дар шоирӣ ба ҷодаи падар рафта, зиндагиашро сарфи мадҳи бузургони Исфаҳон ва шоҳони замони худ кардааст. Мамдуҳони шоир Рукниддини Масъуд аз Оли Соъиди Исфаҳон, Ҷалолиддини писари Муҳаммади Хоразмшоҳ, подшоҳи Бовандии Мозандарон – Ҳисомиддин Ардашер, Атобак Саъд ибни Зангӣ ва дигарон мебошанд. Махсусан, саҳми бузургони Оли Соъид дар тарбияи Камолиддини Исмоил бузург аст.

Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ дар охири умр хилват гузида, гӯшанишинӣ ихтиёр мекунад ва ба дасти лашкариёни муғул кушта мешавад. Бино ба хабари Давлатшоҳи Самарқандӣ, шоир дар вақти мурдан ба хуни худ рубоии зеринро навиштааст:

Дил хун шуду шарти ҷонгудозӣ ин аст,
Дар ҳазрати Ӯ камина, бозӣ ин аст.
Бо ин ҳама ҳеч намеёрам гуфт,
Шояд, ки магар банданавозӣ ин аст.

Мақбараи шоири бузург дар маҳаллаи Ҷӯбора (Ҷаҳонбора)-и Исфаҳон ҷойгир аст ва намуди хоксорона дорад.

**Мероси адабӣ**. Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ фаъолияти шоириро аз ҷавонӣ оғоз карда, дар 20-солагӣ ҳамчун шоири қасидасаро шинохта шуда ва дар ҳамин овон

шуҳрати шоириаш берун аз хоки Исфаҳон ҳам рафтааст. Табъи шоирии ӯро борҳо озмудаанд ва дар озмунҳо голиб омада ва аз ин ҷиҳат фахр ҳам мекардаст. Аз ҷумла, ба ин тартиб:

Ин яке ҳаст, ки андар ҳама офоқ имрӯз
Дувуме нест маро дар намати санъати ман.

Инчунин, шоир худро мафхари Ироқ медонад. Аммо маҳорат ва устодии ӯро донишмандон, чунонки дар боло ҳам зикр шуд, дар халқи маонии дақиқ ва борик медонанд. Аз ҷумла, баъзе донишмандон бар ин назаранд, ки дар ашъори Камол Исмоил камтар байте дучор мешавад, ки маънии борик дар он ба мушоҳида нарасад. Масалан, дар як қасидае, ки аз 40 байт таркиб ёфтааст, корбасти 40 мазмун ва аз он ҳам бештар ба мушоҳида расидааст, ки аксари онҳо ҷадид ва офаридаи табъи худи шоир ҳастанд.

Аз Камолиддин Исмоили то ба мо "Девон"-е боқӣ мондааст, ки беш аз 10100 байтро шомил мебошад. Шоир бештар ҳамчун қасидасаро машҳур буда, нисфи зиёди ашъорашро ҳамин навъи шеърӣ (5950 байт) ташкил медиҳад. Аксари қасидаҳои шоир тагаззул надоранд, матлаб дар онҳо бевосита аз мадҳи мамдуҳ оғоз мешавад. Мамдуҳони шоир шайхони бузург, Атобакони Форс, аз ҷумла, Атобак Саъд ибни Зангӣ, Музафариддин Муҳаммад ибни Мубориз, Ҳисомуддавла Ардашер ибни Ҳасан, ҳокимони Табаристон, Алоуддини Такаши Хоразмшоҳ, намояндагони ду хонадони машҳури Исфаҳон дар он замон – Оли Соъид (Соъидиён), Оли Хуҷанд, баъзе намояндагони барҷастаи илму адабиёт ва дигарон мебошанд.

Пас аз қасида дар "Девон"-и шоир навъи шеърии газал, қитъа, рубоӣ ва таркиббанд мавқеъ доранд, ки аксарияти онҳо намунаи салосат ва равониву содагӣ ҳастанд. Камол Исмоил дар васф низ маҳорати хуб доштааст. Абёте, ки дар васфи аҷроми самовӣ, қасру кӯшкҳо, махлуқот, пирӣ ва дигар ашёҳо сурудааст, намоёнгари қудрати шоир дар васф мебошанд.

Чунонки зикр шуд, Камолиддин шоири донишманд буда, дар ашъораш аз истилоҳоти донишҳои гуногун, аз ҷумла, риёзӣ, тиб, нуҷум, фалсафа ба таври фаровон истифода кардааст. Дар ашъораш аз номи баъзе шоирони араб, ба монанди Аъшо, Ахтал ва шоирони ҳамзабони худ, ба

монанди Шаҳоби Муид, Анварӣ, Саноӣ, Масъуди Саъд, Ашраф, Биндори Розӣ, Мухторӣ, Имодӣ ва Заҳир ёдовар шуда, ашъори онҳоро тазмин кардааст. Беҳуда нест, ки шоирро дар Аҷам ба сифати Имрулқайси араб шинохтаанд.

9. **Низомии Ганҷавӣ** (1141-1209). **Рӯзгори шоир**. Ҳаким Низомиддин Абӯмуҳаммад Илёс ибни Юсуф ибни Закӣ (Муайяд) Низомии Ганҷавӣ аз устодони бузурги дараҷаи аввали шеъри форсӣ ва яке аз шоирони соҳибмактаб буда, соли 1141 дар шаҳри Ганҷа таваллуд шудааст. Соли 1209 дар ҳамон ҷо фавтидааст. Номаш Илёс, падараш Юсуф, лақабаш Низомиддин (тахаллуси Низомӣ аз ҳамин лақабаш гирифта шудааст), кунияташ Абӯмуҳаммад аст. Кулли тазкиранависон ӯро аз мардуми Ганҷа донистаанд ва худаш ҳам ин маъниро дар шеърҳояш тасдиқ мекунад.

Зиндагии Низомӣ аз огоз то ба охир дар шаҳри Ганҷа гузаштааст. Боре бо даъвати султони Ироқ Тугрулшоҳ ба Табрез сафар мекунад, вале дар он ҷо аз се рӯз зиёдтар истода наметавонад. Ӯ умрашро берун аз дарбор, дар озодиву сарбаландӣ ва гӯшанишинӣ мегузаронд. Ҳокимони давр барояш ҳадяҳо мефиристоданд.

Аҷдоди падарии шоир аз аҳли Қуми Эрон буданд. Модараш аз деҳоти атрофи Ганҷа ва ба қавли худаш “Раисаи курд” будааст. Яъне, исми модари Низомӣ Раиса ва худаш аз қавми курд буд. Дар маснавии “Лайлӣ ва Маҷнун” ба ин маънӣ чунин ишорат дорад:

Гар модари ман Раисаи курд
Модарсифатона пеши ман мурд,
Аз лобагарӣ киро кунам ёд,
То пеши ман орадаш ба фарёд.

Исми падари Низомӣ, чунонки зикр шуд, Юсуф ва номи бобояш Закӣ буда, дар ҳамон маснавии “Лайлӣ ва Маҷнун” аз онҳо чунин ёд мекунад:

Гар шуд падарам ба суннати ҷад
Юсуф писари Закӣ Муайяд,
Бо давр ба доварӣ чӣ кӯшам?
Давр аст, на ҷавр, чун хурӯшам?

Дар ҳамон асар Низомӣ аз бародари модараш ҳам, ки Хоҷа Умар ном дошт, ёд мекунад:

Гар Хоҷа Умар, ки холи ман буд,
Холӣ шуданаш вуболи ман буд.

Низомӣ аз шоирони муосири хеш бо Хоқонӣ робитаи дӯстиву эҷодӣ дошта ва дар марги ӯ гуфтааст:

Ҳамегуфтам, ки Хоқонӣ дарегогӯи ман бошад,
Дарего, ман шудам охир дарегогӯи Хоқонӣ.

Падару модар ва аҷдоди Низомӣ аз аҳли илму адаб буданд. Ӯ аз хурдӣ аз падар марҳум мондааст. Тарбият ва сарпарастии ӯро тагояш Хоҷа Умар ба ухда гирифта, ба ӯ имкон фароҳам оварда, ки илму дониш андӯзад. Таҳсили шоир пурра дар зодгоҳаш гузаштааст: Қуръонро аз ёд мекунад, аз фиқҳ, таърих, ҷугрофия, фалсафа, мантиқ ва адаб таълим мегирад ва дар ин соҳаҳо устод мешавад; илмҳои табиӣ, бахусус тиб ва нуҷумро аз худ мекунад; аз мероси фалсафӣ ва адабии Юнони Қадим огоҳӣ доштааст.

Исми завҷаи аввали Низомӣ Офоқи Қипчоқӣ буда ва ҳокими Дарбанд – Байбарс ибни Малик Музаффар дар соли 1169 ӯро ба шоир, дар қатори ҳадяҳои дигар, ба сифати канизак тuҳфа карда буд, вале Низомӣ ӯро ҳамсари меҳрубони худ гирифт. Фарзанди нахустини ӯ аз ин издивоҷ дар синни ҳашт-даҳ солагӣ фавт кард, писари дувуми шоир бо исми Муҳаммад дар замони таълифи маснавии "Лайлӣ ва Маҷнун" чаҳордаҳсола буд ва, аз ин рӯ, дар соли 570 ҳиҷрӣ (1175 мелодӣ) таваллуд ёфтааст. Аз ин писари худ Низомӣ дар дигар маснавиҳо низ ёд мекунад ва дар муқаддимаи баъзе достонҳояш дар хитоб ба Муҳаммад пандномаҳо низ дорад.

Офоқ соли 1180 вафот мекунад. Шоир аз марги ӯ сахт аламзада шуда, аҳволи рӯҳиашро дар достони "Хусрав ва Ширин" тасвир кардааст. Маснавии "Хусрав ва Ширин" дар соли 576 ҳиҷрӣ (1181 мелодӣ) ба анҷом мерасад ва, ба қавли шоир, қиссаи мазкур нақши ҳоли худи ӯст:

Ту, к-аз ибрат бад-ин афсона монӣ,
Чӣ пиндорӣ, магар афсона монӣ?
Дар ин афсона шарт аст ашк рондан,
Гулобе талх бар Ширин фишондан.
Ба ҳукми он ки он камзиндагонӣ
Чу гул бар бод шуд рӯзи ҷавонӣ.
Сабукрав чун бути қипчоқи ман буд,
Гумон афтод худ, к-Офоқи ман буд.
Ҳумоюнпайкаре нағзу хирадманд
Фиристода ба ман дорои Дарбанд.

Баъд аз марги Офоқ шоир ду бори дигар оила барпо

мекунад, вале ҳар ду завҷааш ҳам вафот мекунанд. Завҷаи дуюми Низомӣ дар замоне, ки маснавии "Лайлӣ ва Маҷнун"-ро ба поён расонид, аз олам чашм пӯшид. Пас аз он Низомӣ зани сеюм ихтиёр кард ва ӯ низ ба зудӣ вафот ёфт. Низомӣ аз толеъи бади худ шикоят карда, дар "Иқболнома" мегӯяд, ки ҳар гоҳ достоне куҳанро нав кунам, арӯси шакархандаи худро қурбон менамоям:

Маро толеъе турфа ҳаст аз сухан,
Ки чун нав кунам достони куҳан,
Дар он ид, к-он шаккарафшон кунам,
Арӯсе шакарханда қурбон кунам.
Чу ҳалвои Ширин ҳаме сохтам,
Зи ҳалвогарӣ хона пардохтам,
Чу бар ганҷи Лайлӣ кашидам ҳисор,
Дигар гавҳаре кардам он ҷо нисор.
Кунун низ чун шуд арӯсӣ ба сар,
Ба ризвон супурдам арӯси дигар.

Низомӣ дар "Искандарнома" хоҳишу таманниёти худро ба хонанда барои ёдоварии баъди маргаш чунин ба риштаи таҳрир овардааст:

Ба ёд ор, эй тоза кабки дарӣ,
Ки чун бар сари хоки ман бигзарӣ,
Гиё бинӣ аз хокам ангехта,
Сурин суда, болин фурӯ рехта.
Ҳама хоки фарши маро бурда бод,
Накарда зи ман ҳеч ҳамаҳд ёд.
Ниҳӣ даст бар шӯшаи хоки ман,
Ба ёд орӣ аз гавҳари поки ман.
Фишонӣ ту бар ман сиришке зи дур,
Фишонам ман аз осмон бар ту нур...
Маро зинда пиндор чун хештан,
Ман оям ба ҷон, гар ту оӣ ба тан.

Мақбараи Низомӣ дар шаҳри Ганҷа имрӯз ҳам зиёратгоҳи муҳиббону дӯстдорони шеъру сухан ва ҳикмати ӯст.

**Мероси адабии Низомӣ**. Аз осори Низомӣ то ба мо достонҳои таркиби "Хамса", қасоиду ғазалҳо, рубоиёту қитъаот ва абёти пароканда расидаанд. Дар охири умр ӯ аз шеърҳои лирикии худ девоне тартиб дод, ки қасидаю газалҳо ва қитъаю рубоиҳои ӯро фаро мегирифт. Давлатшоҳи

Самарқандӣ соли 1487 ҳаҷми девони Низомиро 20 ҳазор байт гуфтааст. Ин девон, агарчи дар замонаи шоир машҳур будааст, дар асрҳои баъдӣ аз байн рафтааст. Ашъори то имрӯз дастраси шоирро аз сарчашмаҳои гуногун гун оварда, ба шакли девон даровардаанд. Нашри дуюми ин девон 16 қасида, 192 газал, 5 қитъа, 68 рубоӣ ва 17 байти парокандаро дар бар мегирад. Муҳаққиқи тоҷик Ҷобулқо Додалишоев дар асоси нашрҳои Эрон девони шоирро ба хатти кунунии тоҷикӣ тахия ва дар соли 1984 чоп кардааст. Дар маҷмӯъ, аз “Девон”-и Низомӣ наздики ду ҳазор байт боқӣ монда, маҷмӯае аз анвои гуногуни шеър мебошад.

“Хамса”-и Низомӣ аз достонҳои зерин иборат аст: “Махзан-ул-асрор” (соли 1176, 2264 байт), “Хусрав ва Ширин” (1180/81, 6219 байт), “Лайлӣ ва Маҷнун” (1188, 4022 байт), “Ҳафт пайкар” (1197, 5095 байт), “Искандарнома”, ки аз ду қисм иборат аст – “Шарафнома” ва “Иқболнома” (1199-1203, 10471 байт).

Низомӣ, пеш аз ҳама, бо асари панҷгонаи “Хамса”, ки “Панҷ ганҷ” ҳам хонда мешавад, шуҳрату овозаи ҷаҳонӣ дорад. Шоир аз онҳо ба исми ганҷ дар “Шарафнома” чунин ёд кардааст:

Ҳанӯзам забон аз сухан сер нест,
Чу бозу бувад, боки шамшер нест.
Басе ганҷҳои куҳан сохтам,
Дар ӯ нуктаҳои нав андохтам.

Нахустин маснавии Низомӣ “Махзан-ул-асрор” унвон дошта, аз 2288 байт мураттаб шудааст. Низомӣ таълифи ин маснавиро дар соли 570 ҳиҷрӣ (1175 мелодӣ) анҷом дода ва, ба қавли худи ӯ, дар ин вақт наздик ба чиҳил сол доштааст:

Табъ, ки бо ақл ба даллолагист,
Мунтазири накди чиҳилсолагист.

“Махзан-ул-асрор”-ро Низомӣ дар мавзӯъҳои мазҳабӣ, ахлоқӣ ва қисман ирфонӣ сурудааст. “Махзан-ул-асрор” аз нигоҳи муҳтаво асари ахлоқию фалсафӣ бо обуранги сӯфиёна мебошад. Он назираест бар “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат”-и Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, аммо вазни “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат” риоя нашудааст: ба ҷойи баҳри хафиф баҳри сареъ кор фармуда шудааст. Асар сужети ягона надорад. Он аз бист боб, ки мақола номида шудааст, иборат мебошад. Мақолаҳо фарогири мазомини зеринанд: офариниши олам, ситоиши

сухан, ҳақиқати ҳастӣ, ишқ, адолат, усули мамлакатдорӣ, муносибати фард ва ҷомеа, раиятпарварӣ, некӣ, саховат, сабр, одамият, меҳнат ва аҳаммияти он, тараннуми дӯстӣ, ғамхорӣ кардан нисбат ба мардум, раҳм кардан ба ҷонварон, таҳқиқи муносибати инсон ба табиат ва ғайра. Шоир барои тасдиқи фикру андешаҳо ҳикояҳои тамсилӣ овардааст.

Маснавии дувуми Низомӣ "Хусрав ва Ширин" бештар аз 6500 байт дорад ва назми онро дар соли 567 ҳиҷрӣ (1181 мелодӣ) ба поён расонидааст. "Хусрав ва Ширин" асари ишқӣ-романтикӣ буда, мавзӯи он қиссаи ишқии Хусрави Парвизи Сосонӣ бо Ширин мебошад. Ҳадиси Фарҳоди кӯҳкан ҳам дар ин моҳияти меҳварӣ дорад. Ин асар достони мураккабсужет аст. Дар он воқеаву ҳодисаҳои зиёди афсонаӣ ва воқеӣ тасвир ёфтаанд.

Севумин маснавии Низомӣ "Лайлӣ ва Маҷнун" аст, ки қиссаи он аз фолклори араб дар адабиёти форсӣ интишор ёфта, Низомӣ бори нахуст онро ба шакли як достони мукаммал даровард. "Лайлӣ ва Маҷнун" чаҳор ҳазор байт дорад ва ба соли 584 (1186 мелодӣ) таълиф шудааст. "Лайлӣ ва Маҷнун" достони ишқии фоҷиавӣ ва ҳузнангез мебошад. Пас аз бобҳои анъанавӣ лавҳаҳои достон тарзе ба тасвир омадаанд, ки хатти тақдири инсонро ба таври фоҷиавӣ рақам мезананд. Бо таснифи ин достон дар таърихи достонсароӣ саҳифаи ҷадиде боз мешавад: мақоми достонҳои ишқӣ-романтикӣ меафзояд, дар чунин достонҳо мавзӯи ҷанг ва ҳамоса дида намешавад.

Маснавии "Ҳафт пайкар" достони чоруми "Хамса" буда, аз қиссаҳои қадимии эронӣ дар бораи подшоҳии Баҳроми Гӯр фароҳам омада, зиёда аз панҷ ҳазор байт дорад ва дар соли 593 ҳиҷрӣ (1195 мелодӣ) таълифаш анҷом ёфтааст. Азбаски шахсияти асосии достон Баҳром асту воқеаҳои он бештар дар ҳафт гунбаде, ки барои ӯ сохтаанд, мегузарад, ин достон бо номи "Баҳромнома" ва "Ҳафт гунбад" низ маълум аст. Достон аз ду асл сиришта шудааст: асли аввал аз саргузашти воқеӣ ва моҷароҳои афсонавии Баҳром ва асли дигар аз ҳафт ҳикояти хаёлие иборат аст, ки онҳоро шоҳдухтарони ҳафт иқлим ба Баҳром нақл мекунанд.

Охирин ва бузургтарин маснавии Низомӣ "Искандарнома" буда, аз бахшҳои "Шарафнома" (6800 байт) ва "Иқболнома" (3700 байт) иборат аст. "Искандарнома" аз

саргузашти Искандари Макдунӣ (356-323 то мелод) ҳикоят мекунад. Дар қисми аввал саргузашти замони кӯдакӣ, ҷавонӣ, лашкаркашиҳо ва ҷаҳонкушоиҳои Искандар тасвир шудааст. Қисми дуюм аз лақаби "Зулқарнайн"-ро гирифтани Искандар шурӯъ шуда, аз суҳбатҳои илмӣ, таҷрибаандӯзиҳо, маҷлисҳои баҳси донишмандон дар ҳузури ӯ, ҳикояти шубон бо вай, баҳси ҳакими Ҳинд бо Искандар, расидани Искандар ба мулки Шимол, афсонаи нонвои бенаво, мубоҳисаҳо ва маҷлисҳои ҳакимони замон, мактубҳои Искандар, вафоти ӯ ва ғайра иборат аст.

Искандар дар ин достон шоҳи идеалӣ ва пиндори иҷтимоии Низомӣ аст, ки бо прототипи таърихии худ, ки истилогари ғосибе буд, ҳеҷ монандие надорад.

### Достони "Хусраву Ширин"

**Сужаи достон**. Ин маснавии Низомӣ ба монанди дигар достонҳои ӯ ва кулли достонҳои адабиёти классикии форсу тоҷик муқаддимаи тӯлоние дорад. Дар ин муқаддима шоир нахуст аз Худованд дар кори худ мадад мехоҳад, сонӣ, дар тавҳиди Борӣ сухан мегӯяд, масъалаи шинохтро ба миён мегузорад, омурзиш мехоҳад, баъдан ба наъти Расул (с) мегузарад, подшоҳи замонро меситояд, сабаби ба назми китоб даст заданашро шарҳ медиҳад. Баъди ин муқаддима қисмҳои асар дар қолаби сужаи ягона тарҳрезӣ шудаанд.

Сухангӯи куҳанзод аз достонҳои куҳан чунин ёд мекунад, ки вақте подшоҳӣ ба Ҳурмуз расид, адлу дод пеша кард. Пас аз назру қурбонӣ Худованд ба ӯ писаре дод ба монанди дурре аз дарёи шоҳӣ. Писаррро Хусрави Парвиз ном ниҳоданд. Ӯ зебо буд ва бо ҳунару дониш тарбият меёфт. Рӯзе маликзода ба саҳро рафт, дар он ҷо хонае сохт ва дар он маҷлисе биёросту бо ёрон ба айшу нӯш машғул шуд. Рӯзи дигар хабаргӯён ба подшоҳ хабар бурданд, ки Хусрав берасмӣ карда, самандаш киштзорро хӯрда, ғуломаш ғӯраи ангури деҳқонро табаҳ карда, шаб аз дарвеш ҷойро шоҳзода гирифтааст.

Малик дар қаҳр шуд ва фармуд пайи аспи Хусравро буриданд, ғуломашро ба соҳиби ғӯра ва тахташро ба соҳибхона доданд, пайи нохуни чангии базмро шикастанд. Хусрав аз падар узр хост, шоҳ ба сабаби ҷавонӣ ӯро бахшид.

Хусрав дар хоб бобояш Анӯшервонро дид. Анӯшервон

дар хоб ба ӯ мегуфт, ки бар чор чиз ба ту башорат медиҳам: Яке ин, ки дилороме дар бари ту хоҳад нишаст, ки аз ӯ беҳтар дар замона набошад. Дувум, аспе Шабдиз номро соҳиб хоҳӣ шуд. Севум, чаҳор гавҳар хоҳӣ ёфт. Чаҳорум, навосозе Борбад ном ба ту хоҳанд дод.

Хусрав надиме хос дошт ба исми Шопур, ки ҷаҳондидаю наққош буд. Ӯ ба Хусрав гуфт, ки дар он сӯйи Дарбанд зане фармондеҳ аст, ки ӯро Маҳинбону хонанд. Ин зани подшоҳ бародарзодае дораду бас. Ӯ Ширин ном дорад ва хеле зебост:

Шабафрӯзе чу маҳтоби ҷавонӣ,
Сияҳчашме чу оби зиндагонӣ.
Кашидақомате чун нахли симин,
Ду зангӣ бар сари нахлаш рутабчин.

Дар охури ин зани нозанин аспи беназирест бо номи Шабдиз, ки шабранг мебошад. Баъди шунидани васфи Ширин ишқ дар қалби Хусрав бедор шуд ва ҳама рӯз ҳикояти Ширинро мегуфту мешунид. Ниҳоят, Хусрав Шопурро барои фаҳмидани вазъ ба назди Ширин фиристод. Шопур ба назди Ширин рафт ва сурати Хусравро ба ӯ нишон доду ишқи онҳо риштаи пайванди дуҷониба ёфт.

Ширин аз назди аммааш гурехта, ба сӯйи Мадоин – пойтахти Эрон раҳсипор гашт. Аз ин воқеа Маҳинбону огоҳӣ ёфта, хеле ғамгин шуд. Дар роҳ Ширин барои шустани андом дар чашмае таваққуф кард. Хусрави беқарор ҳам роҳи мулки Арманро пеш гирифта буд. Дар манзили мӯй шустани Ширин ғуломонро Хусрав истодан фармуд ва худ танҳо сӯйи он маргзор омад. Вай Ширинро бо Шабдиз дида онҳоро нашинохт, вале чунин орзу мекард:

Гар ин бут ҷони ман будӣ, чӣ будӣ?
В-ар ин асп они ман будӣ, чӣ будӣ?

Хусраву Ширин дар ин вохӯрӣ якдигарро нашинохтанд. Ширин ба Мадоин, ба ҳарамсарои Хусрав омад. Ҳама аз хубию зебоии Ширин дар ҳайрат монданд ва ба расми подшоҳӣ ӯро навозиш карданд. Ширин огоҳӣ ёфт, ки Хусрав ба сӯйи Арман рафтааст. Ширин ба дарбориён гуфт, ки барои бемор нашудан дар маргзори кӯҳсор барояш қасре бисозанд:

Маро қасре ба хуррам маргзоре
Бибояд сохтан дар кӯҳсоре,
Ки кӯҳистониям гулзорпарвард,
Шуд аз гармӣ гули сурхам гули зард.

Канизон ба рашк омада, созандаи биноро ташвиқ карданд ба бадӣ ва биноро дар даҳ фарсангии Кирмоншаҳон, дар ҷойи гарму дилгир сохтанд. Ширин дар он саройи нобоб буд, ки Хусрав ба Арман расид ва бо Маҳинбону вохӯрда, бо ишрат зиндагӣ мекард. Дар ин вақт ба ӯ хабар аз марги падараш оварданд. Шоҳи ҷавонбахт бар тахти подшоҳӣ нишаст ва ба адлу дод шуҳрат ёфт. Ширинро Шопур ба назди аммааш Маҳинбону овард.

Дар ин вақт Баҳроми Чӯбин дар мамлакат игво барангехт ва тахти подшоҳиро соҳиб шуд. Хусрав рӯй ба гурез овард. Хусрав бо Ширин дар шикоргоҳ вохӯрданд. Маҳинбону Ширинро даъват кард ва ӯро қасам дод, ки ба ҷуз заношӯӣ роҳи дигари муносибат бо Хусравро қабул накунад. Дар ҷавоб Ширин:

Ба ҳафт авранги равшан хӯрд савганд,
Ба равшанномаи гетӣ – Худованд,
Ки гар хун гирам аз ишқи ҷамолаш,
Нахоҳам шуд магар ҷуфти ҳалолаш.

Хусраву Ширин бо ҳам чавгонбозӣ карданд ва дар вақти баҳор ба айш машғул шуданд. Онҳо ба якдигар афсонаю масалҳои некӯ ва ширин мегуфтанд. Хусрав Ширинро барои ҳамсар шудан даъват кард. Ширин дар пеши ӯ шарт гузошт, ки бояд кишвару тахти подшоҳии худро баргардонад. Хусрав ба муқобили Баҳром лашкар кашиду зафар ёфт ва бори дувум бар тахт нишаст.

Маҳинбонуи пир Ширинро назди худ шиионду васият кард ва ҷонро ба ҷонофарин супурд. Ширин ба тахти подшоҳӣ нишаст:

Чу бар Ширин муқаррар гашт шоҳӣ,
Фурӯғи мулк бар маҳ шуд зи моҳӣ.
Ба инсофаш раият шод гаштанд,
Ҳама зиндониён озод ғаштанд.
Зи мазлумони олам ҷавр бардошт,
Ҳама ойини ҷавр аз давр бардошт.

Дар базме, ки Хусрав орост, Борбад дар сӣ лаҳн таронаҳо хонд. Қабл аз ин Хусрав, ки ба мулки Рум рафта ва бо ёрии Қайсар дубора ба тахт соҳиб шуда буд, духтари Қайсар – Марямро ҳамсари худ карда буд, вале ёди Ширин аз дилаш намерафт. Бинобар ин, ба тундӣ ба Шопур фармуд, ки биравад ва Ширинро биёварад.

Ширин дар он қасри худ, ки дар ҷойи ноободбуд, шутур мехост, вале дар он водӣ алафи заҳрдоре мерӯид ва чорворо аз он ҷо дур нигаҳ медоштанд. Шопур ба Ширин гуфт, ки дар ин ҷо марди муҳандисе ҳаст, номаш Фарҳод, ки аз уҳдаи ҳар коре баромадан метавонад. Шопур Фарҳодро ба назди Ширин овард ва ӯ бо як дидан ошиқи Ширин шуд. Ширин гапро ба сари матлаб овард, ки аз мо то гӯсфандон як-ду фарсанг аст, барои овардани шир ҷӯй кофтан лозим аст. Фарҳод дар як моҳ корро анҷом дод, аз ҷойи гӯсфандон то дари кох шир меомад. Ширин ба назди Фарҳод рафт ва гӯшворҳои худро, ки ҳар як дурре монанди тоҷ дошт, ба ӯ музди кор дод. Фарҳод онҳоро гирифта ба пеши пойи Ширин андохт ва худ аз сӯзи ишқ рӯй ба саҳро ниҳод. Рӯзгори Фарҳод дар ишқи Ширин ба сахтӣ мегузашт. Яке аз наздикони шоҳ хабар ба ӯ бурд, ки Фарҳод аз гами Ширин чунин шуд. Хусрав дар кори Фарҳод бо наздикон машварат кард. Онҳо маслиҳат доданд, ки ӯро ба дарбор хонда, зари бисёр додан лозим, зеро зар ҳар касро аз роҳ мебарорад. Агар бо ин роҳ нашавад, ӯро бо санге машгул доштан даркор аст. Фарҳодро ба дарбор хонданд ва дар пояш зари фаровон рехтанд, вале ба онҳо назаре накард. Дар миёни Хусраву Фарҳод мунозирае шуд, ки назираш дар адабиёти классикии мо кам ба назар мерасад. Ин байтҳо намунае аз он мунозарааанд:

Нахустин бор гуфташ: К-аз куҷоӣ?
Бигуфт: Аз дори мулки ошноӣ.
Бигуфт: Он ҷо ба санъат дар чӣ кӯшанд?
Бигуфт: Андӯҳ харанду ҷон фурӯшанд.
Бигуфто: Ҷонфурӯшӣ дар адаб нест,
Бигуфт: Аз ишқбозон ин аҷаб нест.
Бигуфт: Аз дил шудӣ ошиқ бад-ин сон?
Бигуфт: Аз дил ту мегӯӣ, ман аз ҷон.
Бигуфто: Ишқи Ширин бар ту чун аст?
Бигуфт: Аз ҷони ширинам фузун аст...
Бигуфто: Дил зи меҳраш кай кунӣ пок?
Бигуфт: Он гаҳ, ки бошам хуфта дар хок...

Хусрав гуфт, ки кӯҳе дар миёна аст ва миёни он роҳе кандан лозим аст. Фарҳод ин корро вақте ваъдаи анҷом додан кард, ки Хусрав тарки Ширин намояд. Хусрав дар хашм шуд, вале гуфт, ки шартро қабул кардам ва агар аз он баргардам,

номардам.

Ин роҳро Фарҳод дар кӯҳи Бесутун бояд мекушод. Фарҳод аз субҳ то шом ба ёди дилором кӯҳ мекaнд. Ширин барои дидани Фарҳод ба Бесутун рафт ва Хусрав аз он огоҳӣ ёфт. Бо донандагон дар тадбири кори Фарҳоду Ширин машварат кард. Гуфтанд, ки бояд қосиде фиристода шавад, то ба Фарҳод гӯяд, ки Ширин баногоҳ мурд, магар дасташ чанде аз кор афтад. Каси баду бадандомеро ёфта, бо зару зӯр ба назди Фарҳод фиристоданд. Он марди бадкор аз сари ҳасрат нидо баровард:

Баровард аз сари ҳасрат яке бод,<br>Ки Ширин мурду огаҳ нест Фарҳод.

Вақте ин суханро Фарҳод шунид, аз тоқи кӯҳ бар замин афтод ва ба ёди Ширин заминро бӯсиду ҷон дод. Ширин аз андуҳи Фарҳод басе гиря кард, ба расми меҳтарон ӯро ба хок супурд ва дар бари хокаш зиёратхонае бино кард. Хусрав ба Ширин таъзияи киноямезе ба муносибати вафоти Фарҳод фиристод. Ширин дар хӯроки Марям заҳр андохт, ӯ вафот кард. Низомӣ марги Марямро подоши амали Хусрав медонад ва мегӯяд:

Дарандеш, эй ҳаким, аз кори айём,<br>Ки подоши амал бошад саранҷом.

Таъзияномаи Ширин ба Хусрав аз раҳи бодафраҳ, яъне кайфар ё мукофоти амали бад буд. Вақте нома ба Хусрав расид, донист, ки ин ҷавоб ба кирдори ӯст:

Ба худ гуфто, ҷавоб аст ин, на ҷанг аст,<br>Кулӯхандозро подош санг аст.

Баъд аз ин Хусрав хабар аз нозанини Исфаҳонӣ – Шакар мешунавад ва ба ӯ хостгорӣ менамояд. Ширин танҳо монда аз дилтангӣ шикояту зорӣ мекунад. Хусрав ба баҳонаи шикор ба сӯйи қасри Ширин меравад ва дар миёни онҳо гуфтугузори зиёде рӯй медиҳад. Хусрав аз қасри Ширин бармегардад ва дар дарбори худ аз Накисо ва Борбад ғазалҳо мешунавад.

Баъди шунидани ғазалҳо Хусрав майли хиргаҳи Ширин кард. Аммо Ширин баъди шодии дидор изҳори гирифтагӣ намуд. Хусрав фаҳмид, ки Ширин ба ҷуз пайванди заношӯӣ дигар муносибатро бо ӯ қабул надорад. Хусрав қасам хӯрду аҳд кард. Вай Ширинро аз қаср ба Мадоин овард ва ӯро ҷуфту ҳамсари худ кард.

Ширин баъди ҳамсари Хусрав шудан ба ӯ панд медиҳад, ки аз ромишу вақтхушӣ ба сӯйи донишу доду бахшандагӣ биёяд, зеро бо ҳамин роҳ мулкро обод нигоҳ доштан имкон дорад. Вақте Хусрав дид, ки Ширин некномии ӯро мебинад, ба назди худ Бузургумеди донишмандро даъват кард ва бо ӯ дар боби ҳикмату дониш суҳбат орост. Мавзӯи ин суҳбатҳо дар чигунагии фалак, аҷроми кавокиб, гузаштан аз ҷаҳон, чигунагии замину ҳаво, дар боби тандурустӣ ва монанди он буд. Дар поёни ин ҳикматгӯиҳо фасли "Ҳикмату андарзсароии Ҳаким Низомӣ" омадааст, ки бо ин мисроъҳо анҷом меёбад:

Бидон худро, ки аз роҳи маонӣ
Худоро донӣ, ар худро бидонӣ.
Бад-ин наздикият оина дар пеш
Фалак чӣ б-вад бад-он дурӣ, маяндеш.
Ту он нурӣ, ки чархат ташти шамъ аст,
Намудори ду олам дар ту ҷамъ аст.

Хусрав дар зиндагии худ, тавре пештар зикр шуд, ду дафъа ба Ширин бевафоӣ мекунад ва ба Маряму Шакар хонадор мешавад. Бадтарин амале, ки аз ӯ ба вуқӯъ пайваст, бо роҳи фиреб куштани Фарҳод буд. Ин амали зишташро Ширин бе подош нагузошт. Ширин баъди издивоҷ бо Хусрав ӯро ба сӯйи донишу ҳикмат хонд. Ӯро дар суҳбати донишмандону ҳакимон гузошт ва дар охир гӯшанишиниро пеша гирифт. То ин вақт Хусрав ба ҷуз ишрат ба корҳои дигар кам шугл меварзид.

Хусрав ба Ширин рӯзе сухан аз доду дониш мегуфт ва Ширин ба ӯ аз ромиш сӯйи дониш кӯшидан даъват дод. Ту хирадмандию шоҳӣ дорӣ, андешаи охират бикун, шоҳони гузашта аз молу мулк чизе набурдаанд. Қиссаи Дорову Ҷамшедро бихон, ки бо онҳо хуршед чӣ бозӣ кард. То ин даъват Хусрав бо Бузургумед суолу ҷавоб кард. Мавзӯи ин суолу ҷавобҳо аввалин ҷунбиш, чигунагии фалак, аҷроми кавокиб, мабдаъ ва маод, гузаштан аз ҷаҳон, бақои ҷон, зиндагии пас аз марг, замину ҳаво ва монанди он буд. Пас мӯбадон тамсилҳо гуфтанд дар чигунагии рафтани ҷон аз ҷисм. Баъди гуфтор аз нубуввати пайғамбар чиҳил нукта аз «Калила ва Димна» гуфтанд ва дар охир аз забони Ҳаким Низомӣ қиссаву андарз омадааст. Сухани Низомӣ дар поёни ин ҳикмат аз шахсияти инсон аст:

Ту он нурӣ, ки чархат ташти шамъ аст,
Намудори ду олам дар ту ҷамъ аст.
Низомӣ, беш аз ин рози ниҳонӣ
Магӯ, то аз ҳикоят во намонӣ.

Хусрав писари хоме аз Марям дошт, номаш Шируя буд. Он писар дар нуҳсолагӣ Ширинро арӯс ва ҷуфти худ мепиндошт. Сарои шоҳ аз ӯ нохушнуд буд. Ба Бузургумед гуфт, ки дилам аз ин фарзанди воруна бигрифт. Аз ӯ ҳарос дорам, фасод будани толеашро медонам. Аз бадфеълӣ ба модари хеш чу гург эмин нашуд. Чизи дилкаш нагӯяд, аз ман мегурезад ва бас нохалаф аст. Бар ману Ширин меҳрубон ва бо ҳамширагон ширинзабон нест. Бузургумед гуфт, ин писар аз гавҳари ту ва дарди сари туст, хасм ба фарзанд набояд. Замона ромаш мекунад, ба пирӣ тавсанӣ фаромӯш мекунад.

Хусрав бо ҳамсолон будан нахост ва ба оташхона нишаст. Шируя бар тахт нишаст ва ба нӯшонӯш машгул буд. Охир ӯро банд кард ва касеро ба ҷуз Ширин ба наздаш намегузошт. Хусрав бо Ширин дар банд шод буд. Ширин аз ӯ фориг набуд, дилдориаш мекарду хидмат менамуд.

Шабе Хусрав пойи бо банди зарринро бар соқи Ширин ниҳода буд. Ширин ҳикояҳои меҳрангез мегуфт, то бо он хуш хуфта тавонад. Хусрав хуфт ва хоб ба Ширин сироят кард. Девчеҳре зи равзан фуруд омад, бо теғ дар даст ба болини шоҳ омад, ҷигаргоҳаш дариду шамъро кушт ва аз равзан бурун ҷаст. Малик хост Ширинро аз хоб бедор кунад, лекин нахост ӯро бедор кунад, ки шабҳо намехуфт. Ба талхӣ ҷон дод ва Ширинро бедор накард. Ширин аз хуни зиёди гарм бедор шуд. Соате бигристу ба гулобу кофур шусташ.

Шируя ниҳонӣ ба Ширин кас фиристод, ки як ҳафта бори ин гам бикаш, пас дар боғи ман бош. Ширин тунду тез шуд, фиребаш дод ва ҳар чӣ асбоби Хусрав буд, ба муҳтоҷону маҳрумон фидо кард. Хусравро бар ойини мулуки аҳди порсӣ дар маҳд (гаҳвора, тобут) бихобонид. Маҳдро бар дӯши шоҳон монд, вақти субҳ ба Машҳад бурд. Борбад ангушти худро бурида буд. Бузургумед хурдумед гашта, ба овози заиф афгон баровард, ки «моро марги шоҳ аз ҷон баровард». Ширин дар поёни маҳдаш мерақсид. Ҳама ва Шируя гумон доштанд, ки Ширин аз марги Хусрав шод аст. Маҳди шоҳ дар гунбад ниҳоданд. Ширин пеши Мӯбад миён барбаст, ба даруни гунбад омад, дари гунбад бибаст, дашна дар даст сӯйи

маҳди малик шуд, ҷойи захми ҷигари малик бибӯсид ва ба ҳамон ҷойи тани хеш дашна зад. Ин хобгаҳро ба хуни гарм бишуст, лаб бар лаби шаҳ ниҳоду овоз бардошт:

Ки ҷон бо ҷону тан бо тан бипайваст,
Тан аз дурию ҷон аз доварӣ раст.
Зиҳӣ Ширину ширин мурдани ӯ,
Зиҳӣ ҷон додану ҷон бурдани ӯ...

Шоир афсонаи «Хусраву Ширин»-ро бо афсӯсу дарег аз марги Ширини ҷавон анҷом медиҳад ва мегӯяд, ки ин ибрат аз зиндагонист:

Дар ин афсона шарт аст ашк рондан,
Гулоби талх бар Ширин фишондан.
Ба ҳукми он, ки он камзиндагонӣ,
Чу гул бар бод шуд рӯзи ҷавонӣ...

Достони «Хусрав ва Ширин» аввалин достони ишқии романтикии Низомист. Ин достон дар таърихи адабиёти форсӣ равиши тозаи эҷодиро ривоҷ дода, ба таърихи адабиёти баъди Низомӣ таъсири бузурге гузоштааст. Ба пайравӣ аз Низомӣ дар ин мавзӯъ даҳҳо достон навиштаанд, вале ба эътирофи донишмандон ба мақоми бузургии Низомӣ нарасидаанд. Достон дар баробари мазмуни ибратомӯзи ишқи фоҷиавӣ саршор аз суханҳои пандуахлоқӣ мебошад. Ҳунари суханварии Низомӣ беҳамтост, ба илова, достон ҳикоёти фаровон, суханҳои некӯ дар ишқ, хобу рӯъё, маҷлиси базм, бозии чавгон, ҷасорату бузургӣ ва беморию ноҷавонмардӣ дорад.

Ба назар менамояд, ки Низомӣ достонро ба хотири ба вуҷуд овардани нақши Ширин навиштааст. Ширин зебо, бохирад ва соҳибтадбир аст. Дар мулкдорӣ роҳи адолату додро пеша мекунад. Низомӣ беҳтарин сифати Ширин ширинзабонии ӯро медонад ва ҳатто, ба ақидаи ӯ, номи Ширин ҳам аз ширинзабонии ӯ будааст:

Шунидам номи Ширин ҳам аз он буд,
Ки дар гуфтан аҷаб ширинзабон буд.
Зи ширинӣ чӣ гӯям, ҳар чӣ хоҳӣ,
Ба овозаш бихуфтӣ мургу моҳӣ...
Дар он маҷлис, ки ӯ лаб баркушодӣ,
Набудӣ тан, ки ҳоле ҷон надодӣ.
Касеро, к-он сухан дар гӯш рафтӣ,
Гар Афлотун бувад, аз ҳуш рафтӣ.

Ширин дар ишқ содиқу вафодор аст. Ӯ ба Фарҳод муносибати неку хуб дораду бас. Ӯро эҳтиром мекунад, вале ба ӯ ошиқ намешавад. Аз рафтори ношоистаи Хусрав ғамгин мегардад ва қасоси Фарҳодро аз ӯ мегирад. Ширин дар болои ҷисми беҷони Хусрав худро мекушад ва бо ӯ дар як дахма хуфта ишқро ҷовидонӣ мегардонад.

### Достони "Лайлӣ ва Маҷнун"

**Мазмуни достон.** Ин достон аз машҳуртарин таълифоти Низомӣ ва ҷозибу пуртаъсиртарин асари ӯст. Низомӣ дар таълифи достони "Хусраву Ширин" ба ривояти таърихии эронӣ аз аҳди Сосониён муроҷиат кардааст. Қиссаи "Лайлӣ ва Маҷнун" аз ривоятҳои достонии арабӣ буд. То Низомӣ аз ин қисса дар шеъри шоирони форсӣ ёд кардаанд. Дар миёни арабҳо вай дар шакли шифоҳӣ шуҳрат доштааст. Аммо шакли достони комилро ин қисса фақат баъди достони Низомӣ гирифт ва то ҷое шуҳрат ёфт, ки дар пайравии ӯ ба забони форсӣ ё бо истифода аз сужаи қисса бештар аз панҷоҳ достон навиштаанд.

Достони "Лайлӣ ва Маҷнун" ба монанди "Хусраву Ширин" муқаддимае дорад, ки тарҳи умумиаш ба асари аввала шабоҳат мекард. Фасли "Оғози достон" низ ба оғози "Хусраву Ширин" монанд аст. Бузурги қабилаи Омир – Соҳиб каси боном ва дорое аст. Ҳама иқболи ҷаҳонро дошт, вале ба фарзанд муҳтоҷ монда, дар ин роҳ караму саховат мекард, зеро номи кас дар диёраш ба воситаи фарзанд боқӣ хоҳад монд:

Зинда-ст касе, ки дар диёраш
Монад халафе ба ёдгораш.

Эзад таъоло зорию тазарруъи ӯро шуниду писаре додаш чун нори хандон зебо. Вақте рухи фарзандро дид, дари хазинаро бикшоду бахшишҳо кард. Кӯдакро ба доя доданд ва бо ноз мепарвариданд. Кӯдак ниҳоят зебо буд. Ҳар кас ӯро медид, дуъо мекард, то чашми бад нарасад. Ӯро ба мактаб доданд. Дар мактаб ҳамроҳи писарон чанд духтар ҳам мехонданд. Дар миёни ин духтарон аз қабилаи дигар духтари соҳибҷамоле буд.

Қайс ба илм хондан машғулӣ дошт. Ин духтар Лайлӣ ном дошт. Кам-кам онҳо ба якдигар моил шуданд ва ба ҳам дил додаю ишқ пайдо карданд. Онҳо кӯшиданд, ки роз ошкоро

нагардад, вале оҳиста-оҳиста сиррашон кушода шуд. Мардуми нофаҳм Қайсро бо таъна “Маҷнун”, яъне девона гуфта муроҷиат мекардагӣ шуданд. Падари Лайлӣ ӯро аз андешаи маломати мардум аз мактаб гирифт. Маҷнун барои дидани ёр ба кӯйи Лайлӣ мерафт. Низомӣ дар ҳамин ҷо дар васфи ишқ ва ҳоли Лайлию Маҷнун суханоне гуфтааст, ки ифодаи дар назокати муомилаи ошиқон ва дар камоли ҳунари гӯяндагии шоирон мебошанд:

Лайлӣ, чӣ сухан? – Париваше буд,
Маҷнун, чӣ ҳикоят? – Оташе буд.
Лайлӣ сумани хазоннадида,
Маҷнун чамани хазонрасида.
Лайлӣ дами субҳ пеш мебурд,
Маҷнун чу чароғ пеш мемурд.
Лайлӣ ба карашма зулф бар дӯш,
Маҷнун ба вафо-ш ҳалқа бар гӯш...
Лайлӣ сари зулф шона мекард,
Маҷнун дури ашк дона мекард.

Маҷнун дар фироқи ёр шабҳо ғазалсароӣ мекард. Падари Маҷнун ҳоли писарро дида, ба назди падари Лайлӣ ба хостгорӣ рафт. Падари Лайлӣ гуфт, ки ҳама чиз қабул аст, лекин фарзанди ту девонагӣ менамояд, девонаро мо қабул карда наметавонем. То ӯ дуруст нашавад, ин қисса ҷойи гуфтан надорад. Агар ман ин корро бикунам, арабҳо дар ҳаққи ман чӣ мегӯянд? Падари Маҷнун навмеду озурда ба хонаи худ баргашт.

Падару хешовандони Маҷнун ӯро барои насиҳат пеш шинонданд ва гуфтанд, ки дар ин ҷо аз Лайлӣ беҳтар арӯсе барояш меёбанд. Бегонапарастӣ набояд карду арӯсро аз қавми худ бояд гирифт. Маҷнун вақте ин суханон шунид, пероҳан бар тан пора кард ва рӯй ба дашту саҳро ниҳод. Ба ҷуз “Лайлӣ-Лайлӣ” дигар ҳарфе бар забон намеронд. Ҳама мегуфтанд, ки оқибат ӯ худро мекушад.

Падари бечора дигар намедонист чи кунад. Хешон ҷамъ омаданду гуфтанд, ки ягона чораи ӯ ба хонаи Каъба рафтан аст. Дар вақти мавсими ҳаҷ падар уштур талабиду писарро бо сад зӯриву зорӣ ба ҳаҷ бурд. Дар Каъба падар ба писар мегуфт, ки ин ҷойи бозӣ набуда, ҷойи чорасозӣ аст. Ту дуъо кун, то аз балои ишқ раҳо ёбӣ. Маҷнун аз Худованд зорӣ мекард, ки ишқашро афзунтар гардонад:

Ё Раб, ту маро ба рӯйи Лайлӣ
Ҳар лаҳза бидеҳ зиёда майле.
Аз умри ман он чи ҳаст барҷой,
Бистону ба умри Лайлӣ афзой!

Овозаи ишқи девонае ба Лайлӣ дар миёни мардуми қабилаи ӯ паҳн шуд. Бадгӯён ба шоҳи он қабила гуфтанд, ки як ҷавони ошуфта бадномкуни мо шудааст. Ӯ бо сари бараҳна меояд ва бо овози хуш ғазал мегӯяд. Ту бояд ба қаҳр ӯро гӯшмоле бидиҳӣ. Қасди ҷони Маҷнун карданд. Ин хабар ба Омириён расид. Падар ба зӯри дӯстони ҳамсин Маҷнунро бар пайи ӯ фиристод. Маҷнун дар ҳоли бехабарӣ дар гӯшае хобида буд. Аз хоҳишҳои дунё ҳеҷ дар дил надошт. Марде гузаранда аз қабилаи Банӣ Саъд ӯро бо шаклу шамоиле некӯ дид, аз ҳар боб пурсонаш шуд, вале чизе намегуфт. Ин мард ба қабилаи Маҷнун омад ва ҷою ҳолашро хабар дод:

К-инак ба фалон харобии танг
Мепечад ҳамчу мор бар санг.
Девонаву дардманду ранҷур,
Чун дев зи чашми одамӣ дур.

Падар ба назди Маҷнун шитофт. Маҷнун ӯро дида узр мехоҳад ва мегӯяд, ки маро ба қазо ҳавола бикун. Дили падар ба ҳоли фарзанд сӯхт. Ба зорӣ ба ӯ панд медод, то аз ин роҳ баргардад. Маҷнун дар посухи падар гуфт, ки ин панди ту азиз аст, вале ман дар банди ишқам. Қисматам ҳамин аст.

Лайлии зебо дар гӯшаи хона менишаст ва аз ҳар ҷониб талабгорон дошт. Лайлӣ ҳам ба монанди Маҷнун дар назм кардани сухан, яъне шеър гуфтан фасоҳате дошт ва ҳама байтҳои тозаю нав мегуфт. Дар ҳангоми баҳорон аз гули сурху зард дунё ба монанди байрақ дуранга шуд. Лайлӣ ба тамошо ба боғ рафт, ба умеде, ки дилаш кушода гардад. Дар боғ Лайлӣ аз қофила ҷудо шуд ва дар сабза нишаста дар ёди Маҷнун нолид. Дар раҳ ҷавоне аз қабилаи Банӣ Асад ӯро дид, ки номаш Ибни Салом буд. Ибни Салом Лайлиро хостгорӣ кард ва аз ҷониби хонадони Лайлӣ қабул афтод.

Маҷнуни бахтбаргашта дар дашт саргардон мегашт. Бо ваҳшиёни саҳро унс гирифта буд. Маҷнунро дар он ҳол ҷавони паҳлавоне дида, сабаб пурсид. Гуфтанд, ки аз меҳри зане девона шуда, шабу рӯз байтгӯён мегардад. Ин паҳлавони ҷанговар Навфал ном дошт. Ин дилшударо чунон дида, ваъда дод, ки барои ба коми дил расидани ӯ мекӯшад.

Дар охири кор Навфал бо қабилаи Лайлӣ ҷанг кард ва дар рӯзи дувум кор аз ҷанг ба маслиҳат кашид. Маҷнун бар Навфал барои ҷанг карданаш барошуфт. Барои кин хостан Навфал бори дувум лашкар ҷамъ овард. Бори дувум масоф карду набарди сахте барпо шуду Навфалиён пирӯз шуданд. Пирони қабила ба назди ӯ барои додхоҳӣ ва бас кардани ҷанг рафтанд. Падари Лайлӣ омада, аз пирию дилшикастагии худ шикоят кард. Гуфт, ки агар духтари маро дар оташ сӯзӣ ё дар чоҳ афканӣ ва бо теғ бикушӣ розиам, аммо ӯро ба девонае намедиҳам. Ӯ дар ҳаққи Маҷнун мегуфт:

Ин шефтаройи ноҷавонмард
Беоқибат асту ройгонгард.
Хӯ карда ба кӯҳу дашт гаштан,
Ҷавлон задану ҷаҳон наваштан,
Бо номи шикастагон нишастан,
Номи ману номи худ шикастан...
Дар хоки араб намонд боде,
К-аз дафтари ман накард ёде.
Ноёфта дар забонаш афганд,
Дар сарзаниши ҷаҳонаш афганд.

Падари Лайлӣ мегӯяд, ки агар аз ин бадномӣ маро раҳо кардан нахоҳӣ, баргардаму сари он арӯсро бибуррам ва дар пеши саг афканам, то аз ному нанг боз раҳам ва аз сулҳу ҷанг озод шавам. Навфал аз кори пеш гирифтааш даст мекашад ва ба Маҷнун духтари хубу созгор гирифтану доданро маслиҳат мебинад. Маҷнун аз назди онҳо дур шуд ва дар биёбон доме дид, ки дар он оҳуе фитода. Аз сайёд раҳо кардани оҳувонро хоҳиш кард. Сайёд гуфт, ки як хона иёл дораму сайдам ин аст. Маҷнун аспи худро ба сайёд дод ва оҳувонро озод кард. Маҷнун дар он биёбон мезист, гавазнонро озод кард, бо зоғ сухан мегуфт, дарвешро аз банд ҷудо карду худро дар банди ғуломии пиразане андохта кӯй ба кӯй мегашт.

Дар ин вақт Ибни Салом аз пайи арӯсхоҳӣ бо чизи бисёре ба хонаи Лайлӣ омад. Падар ба анҷоми ин кор розӣ шуд. Лайлиро арӯс карданд. Ибни Салом ӯро бо иззату бузургворӣ ба хонаи худ бурд, аммо Лайлӣ наздикии Ибни Саломро намехост ва бар ин қасам ҳам ёд кард. Касе ба дуруштӣ хабари ба шавҳар рафтани Лайлиро ба Маҷнун овард ва гуфт, ки ту беҳуда дар ишқи бевафое ҷон мекоҳонӣ. Он хабарбар бадгӯйиҳои зиёде кард. Маҷнун ҷома бар тан пора-пора кард.

Сари худро бар санг мекӯфту бо ҷони хаста дар миёни санги хора афтод. Он кас аз гуфтаи хеш пушаймон шуд ва бар дурӯғи худ иқрор карда гуфт, ки он парданишин ягон бор бо шӯяш набудааст. Маҷнун бо хаёли ёр шикоятҳо мекунад.

Падари Маҷнун ба дидани фарзанд омада, аз он парешонии ӯ боз ҳам гамгинтар мегардад ва ба ӯ панд медиҳад. Баъди он ки Маҷнун панди падарро нашунид ва падар ҳам ӯро дардманди олами ишқ ёфт, бо ӯ видоъ кард:

Гуфт: Эй ҷигару ҷигархури ман,
Ҳам ғилли ману ҳам афсари ман.
Навмедии ту самоъ кардам,
Худрову туро видоъ кардам.

Рӯзе наздики шом шикорие Маҷнунро дид ва бо маломат гуфт, ки ҷуз Лайлӣ туро касе ҳаст, ки аз падару модар ёд намекунӣ. Ту касе бешарм ҳастӣ, ки падар мурдаву узре аз равони мурдааш намехоҳӣ. Маҷнун аз ин хабар нолиду чу чанг хамидаву дуто шуд:

Худро зи дарег бар замин зад,
Бисёр тапонча бар ҷабин зад.
З-орому қарор гашт холӣ,
То гӯри падар давид ҳолӣ.
Чун шӯшаи турбати падар дид,
Алмоси шикаста дар ҷигар дид.
Бар турбаташ уфтод беҳуш,
Бигрифташ чун ҷигар дар оғӯш.

Дар марги падар Маҷнун чандон сиришки хун рехт, ки рӯйи замин пурхун шуд. Боз Маҷнун рӯй ба саҳро овард. Ҳар раҳгузару мусофир бар ӯ раҳм оварда, чизе аз барои хӯрдан ба ӯ медод. Маҷнун ин бахшишҳоро ба ҷонварон медод. Дар натиҷа, ҳамаи ҷонварони ваҳшӣ ба ӯ унс гирифтанду ҳамроҳаш мегаштанд.

Рӯзе саворе омаду ба Маҷнун гуфт, ки бо ту сухане нуҳуфта дорам. Он гоҳ номаи Лайлиро ба ӯ дод, ки саросар аз ёди меҳру вафо буд. Маҷнун ҳам дар ҷавоб ба Лайлӣ нома навишт. Тағои Маҷнун – Салими Омирӣ доим дар ғами ҷома ва таоми ӯ буд. Вақте бар наздаш омад, аз ҳоли модар пурсон шуд. Салим модарро назди Маҷнун овард. Модар аз ҳоли писар ҷигарпора шуд, ба оби дида рӯяшро мешуст, бо меҳр сар то қадамашро молид. Пас, мегуфт, ки падар гузашту ман низ ба марг наздикам. Модар баргашт ва баъди андаке ӯ ҳам

зиндагиро падруд гуфт.

Дар Багдод ҷавони ошиқе буд, ки ба хондани шеърҳо ҳавас дошт. Қиссаи Қайси овозашуда ба гӯши ӯ расид, ба бодия ба суроги Маҷнун рафт. Маҷнунро ёфта шеърҳояшро аз бар кард ва ҳар ҷо шеъри ӯро мехонд, ҳуши шунавандагон хира мемонд.

Шавҳари Лайлӣ – Ибни Салом аз гаму андуҳ бемор шуд. Баъди табобат парҳез накарду беморӣ аз нав хуруҷ ёфт. Баъди ду-се рӯз нафасаш танг гашту ҷонаш аз мушкили тан берун шуд. Лайлӣ аз ин кор боз ҳам дар гаму андуҳ шуду гирифтори дардмандӣ гардид. Тани нозукаш заифӣ гирифт ва савдои сар дар дил таъсир кард. Якбора афтоду бемор шуд, табларза пайкарашро шикаст. Бо модари худ роз гуфтан оғоз кард, ки ман хун мехӯрам, ин чӣ меҳрубонист? Аз модар хоҳиш кард, ки вақти мурдан ба монанди рӯзи ид маро ороста кун, ки ман бо ёди ёри худ ва дар ишқи ӯ мурдам. Инро гуфта Лайлӣ бо дидаи тар оҳанги сафари дунёи дигар кард ва аз ин ҷаҳон чашм пӯшид. Модар ҳамчунон кард, ки Лайлӣ фармуда буд:

Ороставш ончунон, ки фармуд,
Гулро ба гулобу анбар олуд.
Биспурд ба хоку н-омадаш бок,
К-осоиши хок ҳаст дар хок.

Хоки Лайлӣ аз некию покие, ки дошт, ҷойи зиёрати мардум шуд. Маҷнун дар болои қабри Лайлӣ ба гиряву зорӣ афтод, сиришки лолагун дар он ҷо мерехт. Дар кори худ Маҷнун дармонда гашт, рахти тарк гуфтани ҷаҳонро барбаст. Оқибат турбати ёри худро дар бар карду "ё дӯст" гӯён ҷон ба ҷонофарин супурд. То як моҳ дар ҳамон ҳол бимонд. Тани устухони ӯро ҷонварон нигаҳбонӣ мекарданд, касе ба он ҷо рафтан наметавонист. Ин ҳол то соле давом дошт. Хешони Маҷнун аз анҷоми рӯзгори ӯ хабар ёфтанд, колбади боқимондаро бо борони сиришк ба хок доданд. Онҳо гӯшаи дахмаро кушода, Маҷнунро дар паҳлӯи Лайлӣ ниҳоданд:

Хуфтанд ба ноз то қиёмат,
Бархост зи роҳашон маломат.

Бо ҳамин мазмуни достон ба поён мерасад. Баъди он фасле ба унвони "Хатми китоб ба номи Шарвоншоҳ" оварда мешавад.

Достони ишқи гамангези "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Низомӣ дар баробари бузургтарин асарҳои ишқии адабиёти халқҳои

олам ҷой гирифтааст. Аз мардуми тоҷик дар гузашта ва имрӯз қариб касе нест, ки аз мазмун ва фоҷиаи Лайлӣ ва Маҷнун огоҳӣ надошта бошад.

**Нақши қаҳрамонони марказии достон.** Чунонки аз мазмуни достон маълум шуд, тамоми воқеаҳои асар дар атрофи ду симои марказӣ нақл шудаанд. Лайлию Маҷнун ва фоҷиаи зиндагии онҳо тамоми воқеотро дар бар мегиранд. Қайс ҷавони хеле зебост, ӯ ба Лайлӣ ошиқ мешавад. Дар ишқ дили пок дошта, аз рӯйи ҳавову ҳавас рафтор намекунад. Ба ғайр аз ошиқӣ Маҷнун шоир ҳам ҳаст. Ӯ ғазалҳои ошиқона мегӯяд, аммо замона ба ӯ мувофиқ нест. Лайлӣ аз қабилаи дигар асту ба Маҷнун расидан наметавонад. Ба илова ишқи поки ӯ овоза мешавад ва ӯро мардум Маҷнун, яъне девона мехонанд. Сифати неки Маҷнун, яъне ишқи беолоиши ӯ сабаби бадномиаш мегардад.

Дунё ҷойи некон аст. Ба ҳимояти Маҷнун Навфал мехезад, лекин Маҷнун барои расидан ба ёри худ воситаи ҷангро намехоҳад. Баъди анҷоми кори Навфал Маҷнун бо ҷонварон унс мегирад. Дарвешро аз банд раҳо месозад. Маҷнун то ҷое сифати неки одамӣ дорад, ки ба ҳама хубӣ мекунад ва озори касеро намехоҳад. Фидокории беохир, ишқи пок, меҳру вафо, завқи шеър аз ҷумлаи сифатҳои Маҷнунанд, ки дар натиҷаи носозгории замона ӯро дучори марг мегардонад.

Лайлӣ ҳам ба монанди Маҷнун ошиқ аст. Ӯ дар навбати аввал беозор мебошад. Ба касе бадӣ намекунад ва бадхоҳе ҳам надорад. Лайлӣ аз гуфтаи падари худ берун намеравад. Вақте падар ӯро ба Маҷнун намедиҳад, чизе намегӯяд. Вақте ҳам, ки ӯро ба Ибни Салом медиҳанд, муқобил намебарояд. Лекин ҳамсари расмии Ибни Салом шуда бошад ҳам, ба ишқи худ содиқ мемонад. Ҳаваси арӯсии ҳақиқиро ӯ ба гӯр мебарад ва барои ҳамин аз модар хоҳиш мекунад, ки пеш аз марг ӯро дар либоси арӯсӣ орояд. Лайлӣ намунаи духтари мусулмони Шарқ аст, ки аз фармудаи падар пой берун намениҳад. Ӯ каси камдаъво ва фурӯтан аст.

Достони Лайлӣ ва Маҷнун асари ишқии ғамангез аст, лекин маънои шикастадилии маҳз надорад. Хонанда пай мебарад, ки ҳамин гуна ишқу садоқат дар вазъи дигар, дар шароити мувофиқтар ва рафтори оқилонаву бо ҷуръати зиёдтари кас метавонад, ба мурoду саодат бирасад.

# НАСРИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XI – ОҒОЗИ АСРИ XIII

Дар нимаи дуюми асри XI ва оғози асри XIII наср, аз ҷумла насри адабӣ ва бадеӣ, вусъат ёфт ва нависандагони бузург дар насри порсӣ ба камол расида, асарҳое эҷод кардаанд, ки то имрӯз арзиши адабии онҳо кам нашудааст. Ин давра дар таърихи ташаккули насри форсӣ яке аз муҳимтарин давраҳои инкишоф, таҳаввул ва тавсиа ба ҳисоб меояд. Агар асри X ва нимаи аввали қарни XI барои насри порсӣ давраи зуҳур бошад, нимаи дувуми асри XI замони инкишофу таҳаввул, асри XII ва оғози асри XIII давраи такомулу расоӣ маҳсуб мешавад. Дар ин давраҳо анвои гуногуни наср ба миён омаданд ва аз нигоҳи сабки баён таҳаввул пайдо карданд: насри мурсал ба дараҷаи камолот расид, насри маснӯъ ташаккул ёфт, насри номанигорӣ, ё худ тарассул равишҳои зиёд пайдо кард, насри таърихӣ ривоҷ ёфт ва арсаи нависандагӣ доманаи фарох пайдо кард. Ба забони порсӣ перомуни масоили гуногуни илмӣ китобҳо навишта шуданд. Китобҳои муътабари аҳли тасаввуф ба насри порсӣ мудавван ва таълиф шуданд. Умуман, дар мукотиботи расмӣ, расоили девонӣ, яъне султониёт ва таснифу таълиф миёни порсизабонон насри порсӣ бар насри арабӣ бартарият касб кард. Сабки наср ба тағйироти ҷиддӣ дучор гардид. Овардани шеър дар наср миёни нависандагон ривоҷ пайдо кард ва ғайра.

Мувофиқи даврабандии Малликушшуаро Баҳор, ки қаблан, дар мавриди ёдоварӣ аз марҳалаи аввали насри форсӣ аз он ёд шуда буд, насри ин давра ба ду марҳалаи асосии зерин тақсим мешавад: 1. насри нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII; 2. насри нимаи дувуми асри XII ва оғози асри XIII.

Китобҳои асосии насрии нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII инҳоянд:

1. Асарҳои илмӣ ва фалсафӣ: осори Носири Хусрав – “Зод-ул-мусофирин”, “Ҷомеъ-ул-ҳикматайн”, “Ваҷҳи дин”, “Кушоиш ва раҳоиш”; “Равзат-ул-мунаҷҷимин” ва “Нуҳзатномаи Улоӣ”-и Шаҳмардон ибни Абулхайр, “Рисола дар илми куллиёт” (номҳои дигараш: “Рисолаи вуҷудия”, “Рисола дар куллиёти вуҷуд”, “Равзат-ул-қулуб”)-и Умари

Хайём, “Кимиёи саодат” ва “Насиҳат-ул-мулук”-и Ғаззолӣ, “Захираи хоразмшоҳӣ”-и Сайид Исмоили Ҷурҷонӣ ва диғар рисолаҳои хурди тибби ӯ, “Кифоят-ут-таълим дар саноъати танҷим” ва “Ҷаҳони дониш”-и Абулмаҳомид Муҳаммад ибни Масъуд ибни Муҳаммад ибни Закӣ ал-Азизӣ ал-Ғазнавӣ, “Сиёсатнома”-и Низомулмулк, “Ғайҳоншинохт”-и Қаттони Марвазӣ, “Осори улвӣ” (ё “Коинотҷӯ”) ва “Рисолат-уш-шабакат”-и Абӯҳотами Исфизорӣ.

2. Китобҳои динию мазҳабӣ ва тасаввуфӣ: тарҷумаи “Рисолаи Қушайрия” аз ҷониби Абулфутӯҳ Абдурраҳмон ибни Муҳаммади Нишопурӣ, осори Ансорӣ – “Табақот-ус-сӯфия” (тарҷума ва имлои “Табақот-ус-сӯфия”-и Сулламӣ ба лаҳҷаи ҳиравӣ), “Тафсири Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, рисолаҳо, муноҷот, тафсирҳо ва ғайра; “Кашф-ул-маҳҷуб”-и Ҳуҷвирии Ғазнавӣ, “Баён-ул-адён”-и Абулмаолӣ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ, “Кимиёи Саодат” (хулосае аз “Эҳё-ал-улум”) ва “Насиҳат-ул-мулук”-и Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад Ғаззолии Тӯсӣ, “Кифоят фӣ-л-фиқҳ”-и Имом ал-Бағвӣ аш-Шофиъӣ, “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва дигар асарҳои Аҳмади Ғаззолӣ, кутубу расоили Айнулқуззоти Ҳамадонӣ – “Яздоншинохт”, “Рисолаи ҷамолӣ”, “Тамҳидот” (ё “Зубдат-ул-ҳақоиқ”); “Эътиқоди аҳли суннат ва ҷамоат”-и Наҷмиддин Абӯҳафс Умар ибни Ҳиҷрӣ, китоби “Қасас-ул-анбиё”, китобу рисолаҳои Аҳмади Ҷомӣ – “Анис-ут-толибин”, “Кунуз-ул-ҳикмат”, “Сироҷ-ус-соирин”, “Мифтоҳ-ун-наҷот” ва ғайра; “Кашф-ул-маҳҷуб”-и Яъқуби Сагзӣ, тафсирҳои Қуръон – “Тафсири Сурободӣ”-и Абӯбакр Атиқ ибни Муҳаммад Ҳиравии Сурободӣ, “Тоҷ-ут-тароҷим” (ё “Тарҷумаи Исфароинӣ”)-и Имом Имомуддин Абулмузаффари Шоҳпури Исфароинӣ, “Кашф-ул-асрор”-и Абулфазл Рашидуддини Майбудӣ.

Рисолаҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ки аз диғар асарҳояш бо насри мавзуну мусаҷҷаъ имтиёз доранд, инҳоянд: “Муноҷотнома”, “Насоеҳ”, “Зод-ул-орифин”, “Канз-ус-соликин”, “Қаландарнома”, “Муҳаббатнома”, “Ҳафт ҳисор”, “Рисолаи дилу ҷон”, “Рисолаи воридот”, “Илоҳинома”.

3. Луғатҳо: “Луғати фурс”-и Абӯмансур Алӣ ибни Аҳмад Асадии Тӯсӣ, “Китоб-ул-балоға”-и Яъқуби Курдии Нишопурӣ.

4. Насри таърихӣ: “Зайн-ул-ахбор”-и Абусаъид Абдулҳайи Гардезӣ (1050/1052), тарҷумаи “Таърихи Баромака” ба қалами Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Умари Ҳиравӣ, “Форснома”-и Ибни Балхӣ, “Муҷмал-ут-таворих ва-л-қасас”-и маҷҳулулмуаллиф, тарҷумаи “Таърихи Бухоро”-и Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ аз ҷониби Абӯнаср Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Насри Қубовӣ.

5. Асарҳои адабии илмӣ ва бадеӣ: “Тарҷумон-ул-балоға”-и Родуёнӣ, “Наврӯзнома”-и мансуб ба Умари Хайём, “Сафарнома”-и Носири Хусрав, “Искандарнома”-и насрӣ (аз нависандае наздик ба аҳди Султон Маҳмуд), “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус, “Калила ва димна”-и Абулмаолии Насруллоҳ. Маҷмӯаи макотиби бозмонда аз адибони давраҳои мазкур, ба монанди “Фазоил-ул-аном мин расоили Ҳуҷҷатулислом”-и Муҳаммади Ғаззолӣ, номаҳои Аҳмади Ғаззолӣ, мактуботи Айнулқуззоти Ҳамадонӣ ва дигарон ҳам шомили асарҳои мансури ҳамин бахшанд.

Хусусияти асосии насри ин давра: идомаи анъанаҳои насри гузашта, тадриҷан роҳ ёфтани луғату таркиботи арабӣ, кам шудани тарзи ҷумлабандии арабӣ, кам шудани такрорҳо, тӯлонитар шудани ҷумлаҳо. Саҷъ ҳам каму беш дар китобҳои динию тасаввуфӣ роҳ ёфт, таваҷҷуҳ ба лафзу ҷамоли услуб, дар баробари камоли маъно зиёд шуд.

Китобҳои муҳимми насрии нимаи дуюми асри XII ва оғози асри XIII инҳоянд:

1. Осори илмӣ-фалсафӣ: “Ҷомеъ-ул-улум” (ё “Ҳадоиқ-ул-анвор фӣ ҳақоиқ-ул-асрор”-и Фахриддини Розӣ ва диғар асарҳои ин донишманди мутабаҳҳир, рисолаҳои Шаҳобуддини Суҳравардӣ ва ғайра.

2. Китобҳои динию мазҳабӣ ва тасаввуфӣ: “Маҷлиси Шаҳристонӣ”-и Абулфатҳ Муҳаммад ибни Абулқосим ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ, “Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти Шайх Абӯсаъиди Абулхайр”-и Муҳаммад ибни Мунаввар, “Ҳолот ва суханони Шайх Абӯсаъиди Абӯлхайр” (таълифи яке аз пайравони Абӯсаъиди Абулхайр бо номи Ҷамолиддин Абӯрӯҳ Лутфуллоҳ ибни Абесаъд ибни Абетоҳир ибни Абесаъиди Меҳанӣ, ки писарамаки Муҳаммад ибни Мунаввар буд), “Тазкират-ул-авлиё”-и Шайх Аттор, “Ҷаҳони дониш”-и Шарафуддин Муҳаммад ибни Масъуд Масъудии Марвазӣ, таълифоти порсии Шаҳобиддини Суҳравардӣ –

“Овози пари Ҷабраил”, “Рисолат-ул-ишқ”, “Луғати мӯрон”, “Сафири симурғ”, тарҷумаи “Рисолат-ут-тайр”-и Ибни Сино, “Рисолат фӣ ҳолат-ут-туфайлият”, “Рӯзе ба ҷамоати сӯфиён”, “Рисолаи ақли сурх”; “Усули ақоид” ва “Рисолаи рӯҳия”-и Фахриддини Розӣ, “Одоб-ул-муридайн”, “Сакинат-ус-солиҳин” ва “Вусул ила-л-Лоҳ”-и Наҷмиддини Кубро, “Рисолаи сафар”-и Маҷдуддини Бағдодӣ, “Маориф”-и Баҳоуддин Валад; тафсирҳои Қуръон, ба монанди “Равз-ул-ҷинон ва рӯҳ-ул-ҷинон”-и Абӯлфутӯҳи Розӣ, “Қуръони қудс”, тафсири дувоздаҳҷилдаи Наҷмиддини Кубро.

3. Насри таърихӣ: “Таърихи Байҳақӣ”-и Абулҳасани Байҳақӣ, “Таърихи Табаристон”-и Ибни Исфандиёр, “Роҳат-ус-судур”-и Наҷмиддини Ровандӣ, тарҷумаи “Футӯҳ”-и Ибни Асам аз ҷониби Аҳмад ибни Муҳаммад Муставфии Ҳиравӣ, тарҷумаи “Таърихи яминӣ” ба қалами Абӯшараф Носеҳ ибни Зуфар ибни Саъи Муншии Ҷурфодиқонӣ.

Тарҷумаи “Таърихи яминӣ” ҳамон “Таърихи Утбӣ” аст, ки дар бораи Яминуддавла Маҳмуд, оғози давлати Ғазнавиён ва охири ҳукумати Сомониён мебошад.

4. Асарҳои адабии илмӣ ва бадеӣ: “Мақомоти Ҳамидӣ”-и Ҳамидуддини Балхӣ, “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър” ва “Абкор-ул-афкор фӣ-р-расоил ва-л-ашъор”-и Рашидуддини Ватвот, “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, “Ағроз-ус-сиёсат фӣ ағроз-ур-раёсат” ва “Синдбоднома”-и Заҳирии Самарқандӣ, “Марзбоннома”-и Марзбон ибни Рустам ибни Шарвин, “Лубоб-ул-албоб” ва “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухорой, “ал-Муъҷам фӣ маъойири-л-ашъор-ил-Аҷам”-и Шамси Қайси Розӣ, “Марзбоннома”-и Марзбон ибни Рустам, “Абӯмуслимнома”, “Самаки айёр”-и Фаромурз ибни Худодод, “ат-Тавассул ила-т-тарассул”-и Баҳоуддини Бағдодӣ ва маҷмӯаи муншаоти адибони дигар.

Китоби “Марзбоннома” дар охири асри XII ва оғози асри XIII ду бор аз лаҳҷаи табарӣ ба забони порсӣ ба сабки маснӯъ тарҷума шудааст. Аввал аз ҷониби Муҳаммад ибни Ғозии Малатявӣ таҳти унвони “Равзат-ул-уқул”, сонӣ, ба дасти Саъдуддини Варовинӣ бо номи аслиаш, яъне “Марзбоннома”. Тарҷумаи дувум бидуни огоҳӣ аз тарҷумаи нахуст сурат гирифтааст.

Дар ин давра бунёди насри маснӯъ ва мусаҷҷаъ гузошта

шуд. То нимаи асри XII наср, асосан, ба равиши тарассул буд. Китобҳои “Мақомоти Ҳамидӣ”, “Агроз-ус-сиёсат фӣ агроз-ур-раёсат”, “Синдбоднома”, “Роҳат-ус-судур” намунаҳои комили насри маснӯъ мебошанд. Дар ин давра навъҳои асосии насри адабӣ - афсона, достон, ҳикоят, қисса, масал, мақомот ва латифа ташаккул ёфт. Дар ин замон илми адабиётшиносӣ ҳам тараққӣ карда, пой ба арсаи камолот ниҳод. Инчунин, мақоми наср дар адабиёти ин давра дар қиёс ба давраҳои қабл ҳам аз нигоҳи теъдод ва ҳам вусъати мавзӯъ густариш пайдо мекунад. Нависандагони бузург дар ҷомеа мақоми сазовор ва шоиста ба даст меоваранд, ки аз ҷумлаи онҳо яке Амир **Унсурулмаолии Кайковус** ибни Искандар ибни Қобус ибни Вашмгир ибни Зиёр мебошад. Вай аз амирзодагони Табаристон буда, дар соли 1070 вафот ёфтааст.

Китоби “Қобуснома”-ро Кайковус барои писараш – Гелоншоҳ навиштааст. Чунин китобро, ки аз ҳар боби донишу таҷриба баҳс мекунад, Унсурулмаолӣ навишта наметавонист, агар дар аксар фунун огоҳӣ ва иттилои фаровон намедошт. Муаллиф китобро ба ин ният навиштааст, ки агар писараш мақому мартабаи давлатӣ дошта бошад, ин китоб роҳбар ва раҳнамои ӯ гардад. Ба қасди тарбияти фарзанд ҳамаи русуми маъмули замонаро, ба монанди мамлакатдорӣ, лашкаркашӣ, масоили иҷтимоӣ ва муқаддимоти улум баён кардааст. Китоби “Қобуснома” аз масоили одоб, урфу одат ва фарҳанги он замон маълумоти муфиде медиҳад.

Унсурулмаолии Кайковус асарро бо иншои содаи форсӣ навиштааст. Забон ва тарзи сухани китоб ба сабки насри аввали асри XI қаробат дорад. Китобро нависанда “Насиҳатнома” номида буд, исми “Қобуснома”-ро баъд гирифтааст.

Унсурулмаолӣ шеър ҳам мегуфт ва дар “Қобуснома” намунаи ашъораш омадааст. Ин рубоӣ аз ашъори ӯст:

Гар бар сари моҳ барниҳӣ сояи тахт
В-ар ҳамчу Сулаймон шавӣ аз давлату бахт,
Чун умри ту пухта гашт, барбандӣ рахт,
К-он мева, ки пухта шуд, бияфтад зи дарахт.

Нависандаи бузурги дигар **Абулмаолии Насруллоҳ** ибни Муҳаммад ибни Абдулҳамиди Муншӣ мебошад. Ин нависанда муаллифи китоби “Калила ва Димна” аст, ки дар

бораи сайри таърихии ин асари машҳур қаблан сухан рафта буд. Абулмаолии Насруллоҳ аз давраи ҷавонӣ ба доираи адабию фарҳангии подшоҳони Ғазнавӣ пайваста, сипас ба мақоми дабири дарбор ва муддате ба мансаби вазирӣ расида буд. Лекин ба ғазаби ҳосидон гирифтор омада, ба зиндон меафтад. Оқибат ӯро ба қатл расониданд ва мегӯянд дар вақти видоъ ин байтҳоро гуфтааст:

Аз маснади из(з), агарчи ногаҳ рафтем,
Ҳамди Аллоҳ, ки нек огаҳ рафтем.
Рафтанду шуданду низ оянду раванд,
Мо низ, таваккалту ала-л-Лаҳ, рафтем.

Соли қатли ӯ маълум нест, вале ин воқеаи мудҳиш, яқинан, баъди соли 1157 ба вуқӯъ пайвастааст.

Китоби “Калила ва Димна” аз машҳуртарин осори насрии адабиёти классикии форсу тоҷик ба ҳисоб меравад. Ин асар аз китоби “Панчатантара”-и ҳиндӣ, ки ба забони санскрит аст, дар замони Сосониён ба дасти Барзуяи табиб ба забони паҳлавӣ тарҷума ва такмил карда шуд. Ба забони ҳиндӣ китобе ба чунин унвон вуҷуд надошт ва онро мутарҷим аз номи ду шағол, ки ҳодисаҳои боби аввал ба амали онҳо вобастаанд, гирифтааст. “Калила ва Димна”-ро мунтахабе аз якчанд китоби ҳиндӣ донистан ҳам дуруст аст.

Чунонки қаблан ҳам таъкид гардида буд, дар охирҳои асри ҳафт Ибни Муқаффаъ, ки номи эрониаш Рӯзбеҳ пури Додбеҳ буд, ин китобро аз паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума кард. Рӯдакӣ дар замони Сомониён онро ба назми форсӣ даровард, ки пора ва байтҳои ҷудогонаи он боқӣ мондааст. Абулмаолии Насруллоҳи Муншӣ аз тарҷумаи Ибни Муқаффаъ баргардони озоду мустақиле ба забони форсӣ анҷом дод. Ӯ китобро бо сухани хеле ҳунармандона оро дода ва ба он пораҳои шеъри арабӣ ва форсиро афзудааст.

## Луғот ва тавзеҳот:

Абудият – бандагӣ, итоат.
авон – ҳар чизе, ки ба нимаи умри худ расида бошад, миёнасол.
адам – нестӣ, нобудӣ; зидди ҳастӣ ва вуҷуд.
Айвони Мадоин – машҳуртарин бинои пойтахти Сосониён дар шаҳри Мадоин. Онро Айвони Кисро ва Тоқи Кисро ҳам мегӯянд.
айёми мустарика – рӯзҳое, ки ба охирин моҳи шамсӣ барои ҷуброни касрии сол афзуда.
Айюқ – номи ситорае дар канори Каҳкашон.
азал – ҳамешагӣ, он чи аввал ва ибтидо надошта бошад, замоне, ки ибтидо надорад.
аздар – лойиқ.
аз қибали – аз ҷиҳати.
аз салх ба ғурра – аз шакли пурра (қамар) ба нопурра ва баръакс ҳаракат кардани моҳ.
акфор – масал, назир, ҳамто.
акҳал – чашми сурма кашида, марде, ки мижгони сиёҳ дошта бошад.
ақраб – каждум, номи бурҷи ҳаштум аз бурҷҳои дувоздаҳгонаи фалак.
Анэрон – ғайри ориёӣ, гайри эронӣ, беогоз, беанҷом, номи фариштае дар дини зардуштӣ.
анбон – халтаи чармини сафарӣ.
анбоштан – анбор кардан, пур кардан.
ангеза – боис, сабаб.
андарёфт – идрок.
андарёбанда – мудрак, касе, ки чизеро дарк мекунад, дарёбанда.
андар расидан – тамйиз додан, фарқ ва имтиёз.
андархӯр – шоиста, сазовор.
ано – ранҷ, машаққат.
ансор – ёрон, ёрикунандагон.
анӯша бошед – ҷовидон ва бемарг бошед.
арбада – ситеза, ҷанҷол, ғавғо.
асобат – дуруст гуфтан, расидани тир ба ҳадаф.
астар – хачир.
астигон – муборак, устувор.
асубор – аспсаворон.
атбоъ – пайравӣ кардан.
афсор – ҷома, тасма ва ресмоне, ки ба пушт ва сару гардани асп мебанданд.
ахтари хеш – ситораи хеш, ба маънии бахту толеъи худ.
ахтаршуморон – мунаҷҷимон.
аша – рост, пок, ростӣ.
ашҳаб – сиёҳу сапед, хокистариранг.
бадрақа – раҳнамой, гусел.
базаҳ – хато, гуноҳ, ҷурм.

байёъ – бойиъ, фурӯшанда, савдогар, далол.
ба падира омадан – бархӯрдан.
барӣ – пок, холис.
барноон – барноён, ҷавонон.
барру лутф – сахтӣ ва нармӣ.
барсӯ – ҷониби боло, олами улвӣ.
баршнум – оини зардуштӣ, ки маросими поксозист.
ба сӯйи ин – бад-ин ҷиҳат.
Баҳром – ситораи Миррих.
ба ҷаҳла – ба ҳар ҳол.
башк – шабнам, барфреза, ба маънии ишва ва ғамза ҳам меояд.
башнат – кокулат.
Беварасп – Заҳҳок, подшоҳи қадимии афсонавӣ.
бидоят – оғоз, аввали чизе.
бирр – некӯӣ, бахшиш.
бодия – дашти беобу алаф, биёбон.
боласт – болотарин.
бора – аспи саворӣ.
Борёб (Порёб ё Форёб) – шаҳре дар Хуросони қадим аз тавобеи Ҷузҷонон.
бору – девори қалъа, девори ҳисор.
Борӣ таборак ва таъоло – Худованди поки баландмартаба.
бука – гиристан, гиря.
бӯя – орзу, майл.
вақиат – осеб, садамаи ҷанг.
Валҳазм алмашварат – машварат мебояд.
вараҷ – бузургӣ ва шаъну шавкат, фарр, фарра, арҷ, мақсуд фарри эзадӣ аст.
васнод – анбӯҳ, фаровон, пур, бисёр.
ваҳомӯз – некиомӯз.
вилоят – фармонравоӣ, қаробат, хешӣ.
винам – бинам, мебинам.
вожа – лугат, калима.
воруна – вожгун, сарнагун.
вотам – гуфтам.
Воҷибалвуҷуд – он ки вуҷудаш ба зоти худи ӯст ва муҳтоҷи ғайр нест, яъне Худованди якто, боиста бувад ҳам гуфтаанд.
вусъ – фарохӣ, гушоиш, тавоноӣ.
габр – манзур пайравони дини Зардуштӣ.
гав (гавтол) – далер, паҳлавон.
газанд – осеб, озор, офат, ранҷ.
гаймон – ҷаҳон.
ганҷи шойгон – инро ганҷи бодовард ҳам мегӯянд. Мувофиқи ривоят Қайсари Рум хазинаи худро дар киштиҳо гузошт ва ба баҳр гурезонд. Тӯфон киштиҳоро ба лашкаргоҳи Парвиз овард.
гетӣ – ҷаҳон.

гирифтан – пиндоштан, тасаввур кардан, мӯътабар донистан.
говдум – нафир, бӯқ, карнайи дарози шабеҳи думи гов.
гом – қадам.
гоҳ – ба маънии замон.
гузиниш – баргузидагӣ, писандидагӣ.
гуна – чеҳра, рух, ранг.
гурд – далер, диловар, паҳлавон.
гушурвун – дорои гӯш будан, дорои гӯши бузург будан.
ғавомиз – ҷамъи ғомиз ба маънии мушкил, сухани дур аз фаҳм.
ғазорат – бисёр шудан, афзун шудан.
ғул(л) – гарданбанд, банди оҳании гардан ва дасти зиндониён.
дар – боб, унвони фасли китоб.
дастур – вазир.
дастур – қоида ва қонун, вазир, мушовир, соҳиби маснад.
даҳой – раҳнамой, бузургӣ.
даҳот – ҷамъи доҳӣ, зирак, ҳушёр, доно.
дебо – порчаи нафиси абрешимӣ, абрешим.
деҳиш – бахшиш, ато, карам.
диранг – таъхир, сустӣ дар коре.
диранг – садои занг, дер кардан.
дирафш – алам, байрақ.
Додор – дод диҳанда, бахшанда, одил, яке аз номҳои Худованд.
доллат – далолат кардан.
достон – суруд ва нағма.
дорбун – чӯби дор.
дуруҷ – дурӯғгӯй.
духул – табл, табли бузург, табли ду сара.
душорам – меҳр ва алоқа.
ёвон шуд – дилбохта шуд.
жанда – пора, кӯҳна, фарсуда.
жарф – чуқур, амиқ.
жиён – тунду хашмнок, қаҳролуд.
жож – гиёҳест бемаза, хордор ва худрӯ, ки дар саҳроҳо мерӯяд, шутур онро мехӯрад, вале фурӯ бурда наметавонад; киноя аз сухани беҳуда.
завор – хидматгор, ходим, парастор.
замон андохт – тақвим гирифт.
заъфаронӣ – мансуб ба гиёҳи заъфарон, ки ранги сурху торҳои зард дорад.
зимом – лаҷом, инон.
зӣ – тараф, ҷониб, сӯ, наздик.
зойил – аз байн раванда, нобудшаванда.
Зулқарнайн – соҳиби ду шох, лақаби Искандари румӣ.
Зуҳал – номи сайёра, Сатурн.
иқд – гарданбанд.
илло – магар, ҷуз.

илми тафсир – илми баён кардан ба тавзеҳ додани маънии оёти Қуръон ва ҳадиси пайғамбар.
имсок – боз истодан, худдорӣ аз гизо хӯрдан.
Иннамо такуну – ба дурустӣ, ки мешаванд.
имтисол – итоат кардан, пайравӣ кардан.
иншоаллоҳ – агар Худо бихоҳад.
ислом – ғардан ниҳодан, фармон бурдан, пазируфтани шариати ҳазрати Муҳаммад (с).
испанҷ – сипанҷ, орият, хонаи муваққатӣ, дунё.
испарғам – гулу сабза, гиёҳи муаттар.
истисол – аз беху бун баркандан, решакан сохтан.
истиъло – бартарӣ ҷустан, баланд гардидан.
ифрот – зиёдаравӣ кардан, аз ҳад даргузаштан.
Ихвон-ус-сафо – шакли мухтасари "Ихвон-ус-сафо ва хулон-ал-вафо", фирқаи донишмандони эронӣ, ки ҷамъияти хос доштанд ва аъзои фирқаро бародар – "ах" мегуфтанд. Китоби расоил аз аъзои ин ҷамъият ба унвони "Расоили ихвон-ус-сафо" боқӣ монда ва тарҷумаи форсии он дар Ҳинд чоп шудааст.
ихшид – лақаби подшоҳони Суғди қадим.
кабиса – соле, ки мувофиқи қоидаи нуҷумӣ як рӯз ба моҳи охори он изофа кунанд.
кавн – ҳастӣ ва олами вуҷуд; ду кавн-ин ҷаҳону охират.
Кайвон – ситораи Кайвон (Зуҳал), ки дар осмони ҳафтум ҳаракат мекунад ва наҳс дониста мешавад.
кастаи – сӯйи, ҷониби.
кашкин – нони ҷавин.
каъбатайн- ду то се, ки дар бозии нард истифода мешуд
Каюмарс – аввалин подшоҳи пешдодӣ ва нахустин одами рӯйи замин дар тасаввури эрониёни қадим.
кеҳтар – хурдтар, кӯчактар.
киёсат – зиракӣ, хушёрӣ.
Кирдгор – Худованд.
Курича (Куриҷ) – хонаи кӯчак, хонаи аз шохи дарахт сохтаи полизбонон, сабади бузург.
қазийят – хабар, ҳукм, фармон.
қаллош – бекора, кӯчагард, ҳилагар, ринд.
қалъ – кандан, аз бех баркандан.
қатрон – ранги сиёҳ, сиёҳӣ.
қидам – собиқа дар амре, деринагӣ.
қир – моддаи ғализи сиёҳи нафтӣ.
Қиргун – сиёҳ.
қор – қир.
қосир – кӯтоҳикунанда, кӯтоҳ, норасо.
қуддиса сирруҳу – Гӯри ӯ покиза бод!; Хоки ӯ муқаддас бод!
мабед – мабошед.
мабинод – орзуи надидан мекунам.

мабдаъ – оғоз, асл, сабаб.
мавқиф – маҳалли вақф, ҷойи истодан.
маёмин – ҷамъи маймун, ба маънии муборак ва хуҷаста.
Маздо – ба маънии донои беҳамто ва офаридгор аст ва дар дини зардуштӣ ба маънои Худои ягона, донои бузург.
Маздаясно – мураккаб аз "Мазда" – ба маънии доно ва Худои ягона дар дини зардуштӣ – ва "ясно", ба маънии ситоиш.
Маздаяснон – пайравони Маздаясно.
мазийят – афзунӣ ё бартарӣ аз ҷиҳати илм ё ақл.
мазмум – мазаммат кардашуда, накӯҳида.
Макидат – макр, фиреб.
Мақалмут (Малакулмавт, Азроил) – малоикае, ки маъмури гирифтани ҷон аз бадан аст.
манқасат – ҷудошуда.
мало – гурӯҳи мардум, гурӯҳе аз ашроф.
мана – ман аст.
манӣ – манманӣ, кибр, ғурур, худситоӣ.
манеъ – устувору баланд, дастнорас.
Марв – шаҳри маъруфи Хуросон, ки имрӯз дар Туркманистон ба исми Марӣ мавҷуд аст.
Марврӯд (ё Мурғоб) – номи рӯде, ки аз Афғонистон ба сӯйи Туркманистон меравад ва дар он ҷо хушк мешавад.
марзанд – наздикӣ кардан.
маунат – ёрӣ, ёрмандӣ.
маунат – воситаи таъминот, нафақа, озуқа.
мафқуд – гумшуда, гум кардашуда.
маҳд – дар матн ба маънии каҷова омадааст, чодари ҳамвор.
маҳоқ – охири моҳи қамарӣ, сари шаби охири моҳи қамарӣ.
маҷол – ношуданӣ, сухани номумкин.
маъоф хостан – истеъфо додан аз шуғле.
маъхуз – ахзшуда, гирифташуда.
меҳан – Ватан, хонумон.
меҳмонхудой – соҳиби меҳмон.
Меҳргон – номи моҳ, ҷашни қадимӣ, ки ба баробарии рӯзу шаб дар тирамоҳ рост меояд.
меҳтар – бузургтар, калонтар.
миғфар – зиреҳе, ки зери кулоҳи худ бар сар мегузоштанд, кулоҳхӯд.
мил – сихи фулузӣ, сихи оҳанӣ, олате, ки сурма ба чашм мекунанд.
мину – биҳишт, фирдавс.
минуӣ – рӯҳонӣ.
мисмор – мех.
миъҷар – порчае, ки занон бар сар афкананд; рӯсарӣ.
миъод – охир.
моддат – моя ва асли ҳар чиз.
мон – хона, сарой, асбоби хона.
мону меҳан – хона ва ватан.

муайяд – таъкидкунанда, таъкидшуда.
муарбад – арбадачӯ, бадхӯ, ҷангҷӯ, бадмаст.
мувосо – ёрӣ додан ба ҳам.
муғриз – касе, ки қасду ғаразе дорад, бадхоҳ.
музмар – пӯшидашуда, пинҳонгардида; дар замир ҳифзкарда, дар дил нигоҳдошта.
музмин – кӯҳна, дерина.
мукобара – изҳори кибр ва бузургӣ кардан.
мунҳиён – хабардиҳандагон, огоҳкунандагон.
мунҳиёт – корҳои баду нораво, ки дар шариат манъ аст.
муморасат – ба коре пардохтан, ба коре машғул будан.
мусаддиқ – тасдиқкунанда, боваркунанда.
мусаммат – ҷавоҳир ба ришта кашидан – яке аз шаклҳои шеъри лирикист, ки аз бандҳои ҷудогона иборат буда, дар мавзӯоти гуногун гуфта мешавад. Тарзи қофиябандии мусамматоти Манучеҳрӣ чунин аст, ки панҷ мисраи аввали ҳар банд ҳамқофия буда, мисроъҳои охири ҳар банд байни ҳам қофия баста шудаанд.
мусаммим – дорои азму ирода, касе, ки ба коре тасмим гирифта бошад.
мусиб – росту дурусткунанда.
муставӣ – баробар ва ҳамвора росту дуруст.
мустасно – истисношуда.
мустазъиф – заъифшаванда.
мутавотир – пай дар пай, пайи ҳам.
мутафарриқ – парокандашаванда, ҷудо, пароканда.
мутаҷаллӣ – ороста, зевардор, зинатёфта.
мутраф – ҷомае, ки аз хаз дӯхта бошанд.
муҷоҳалат – бо касе некӯӣ ва хушрафторӣ кардан.
мушир – ишоракунанда.
муъовадат – бозгаштан, баргаштан.
муъораза – муқобала кардан, муқобала кардани чизе бо чизе.
мӯбадон мӯбад (мӯбади мӯбадон) – раиси мӯбадон, дорандаи олитарин мақоми рӯҳонӣ дар дини зардуштӣ.
набард – ҷанг, разм, корзор, пайкор.
набид – набиз, шароб, шароби хурмо ва шароби ангур.
навид – хабари хуш, мужда, башорат.
наҳзат – ҳаракат.
ниём – ғилоф, ғилофи шамшер, ханҷар ва гайра.
нисфуннаҳор – нимрӯз, ҳангоми зуҳр, қар истилоҳи ҷуғрофиё ними доираеро, ки аз як қутб шурӯъ ва ба қутби дигар хатм мешавад, хатти нисфуннаҳор ва тамоми онро, ки аз ду қутб мегузарад, доираи нисфуннаҳор мегӯянд.
ниҳиштанд – нагузоштанд.
ноандархӯр – ношоиста.
ногарданда – гайри мутагайиир.
норинҷ – навъи меваи кишварҳои гарм, ки ба афлесун монанд аст.

носит – пешонӣ, мӯйи пеши сар.
ноф – васат ва миёни ҳар чиз.
нуқл – он чи маззаи шароб кунанд, газак.
Нӯшинравон (Нӯшервон ё Анӯшервон) – шоҳаншоҳи Сосонӣ, мулаққаб ба Додгар, Одил (ваф. соли 579).
нӯшхӯрд – шаҳд, асал, ҳар чизи гуворо ва ширин.
Обишхӯр – ҷойи аз рӯд ё наҳр ё ҳавзе, ки аз он об тавон бардошт ва хӯрд, зарфи обхурӣ.
оводӣ – фоли нек.
овор – дар ин ҷо ба маънии дур кардан.
огуфта – ранҷкашида, балорасида.
озарм – шарм, ҳаё.
озармӣ – арҷманд.
озманд – соҳиби оз, соҳиби даъво ва хоҳишҳои зиёд.
озу ниёз – хоҳишу ҳоҷат, бузургӣ ва ҳоҷатмандӣ.
ойин – шаръ, шариат, кеш, расм, равиш, одоб.
ойин – расм, қоида, зебу оройиш.
омазия – бозгаштӣ, мурочиат кардӣ.
осон – осоиш.
Офаредун – Фаридун, подшоҳи одилу шукӯҳманд дар “Шоҳнома”
оҳехта – баркашида, бароварда.
ою – ояд, биёяд.
парниёнӣ – ҳарир ва дебои чинии мунаққаш.
паҳлавӣ – хатту забони давраи Сосониён.
пизишк – касе, ки беморро муолиҷа мекунад, табиб.
подош – музд, сазо, ҷазо, сазои амал.
полудан – соф кардан, пок кардан.
полҳанг – афсор, ресмону банд, ки ба лагоми асп банданд.
Раббулъоламин – Парвардигори ҳар ду олам.
равон – ҷон, рӯҳ, ҷони суханвар.
радон – ҷамъи рад, ба маънии далер, доно, сарвар, бузург, пешво.
рафқ – нармӣ ва мадоро кардан.
рахт – ҷома, либос, ҳар чизи пӯшиданӣ, коло, асбоби хона.
раъм – бонӣ кардани чорво.
ринд – зирак, бебок, лоуболӣ.
роғ – маргзор, саҳро домани кӯҳ.
родӣ – саховатмандӣ, олиҳиматӣ.
родмард – марди олиҳимат, сахӣ.
роҳ – нағма, оҳанг, мақом ва пардаи мусиқӣ, раҳ ҳам мегӯянд.
роҷеҳ – афзун, чира.
рӯд – насл.
рӯйин – он чи аз фулузи рӯй сохта шавад.
Рӯйинтан- қавӣ ва пурзӯр; лақаби Исфандиёр дар “Шоҳнома”.
сабил – бурут, мӯйҳои пушти лаби мард.
сабуксор – сабуксар, фурӯмоя, бевиқор.
садмат – кӯфтагӣ, осеб, ранҷ.

садод – ростӣ, дурустӣ.
саёъ – фарёдкунанда.
сақат – бефойида, фурӯмоя.
салеҳ – олати чанг, афзори чанг.
Самангон – шаҳре дар Тахористон.
самоъ – сурур, овози хуш, ваҷду сурур.
санноъ – созандагон, санъатгарон, косибон.
сапузгор – корҳоро ба таъхир андозанда, мусоҳилакор.
Сарахс – шаҳре дар Хуросон дар шимолу ғарби Ҳирот.
саройи сипанҷ: сарой – замин, сипанҷ – хонаи орият; ғараз манзили муваққатӣ, яъне дунёи гузарон.
саро – хоки намнок, хоки замин.
саррофон – касони ба доду гирифти пул машғул.
сафт – сахт.
сеякӣ – мухаффафи се яке, шаробе, ки ҷӯшида сеяки он монда бошад.
силӣ – чапотӣ, зарбае, ки бо даст ба рӯйи касе зада шавад.
симизада – нуқрагун.
синон – сари найза, оҳани нӯктез, сари чӯбдаст.
сипанд – сифати муқаддас ва рӯзи панҷуми моҳ дар солшумории шамсӣ.
сиришк – қатраи борон ва қатраи ашк.
ситабр – дуруст, бардам.
солор – сардор, раис, пешрави қофила.
соҳат – ноҳия, фазои хона, майдон.
соъид – банди даст, миёни панҷа ва оринҷ.
сувар – ҷамъи сурат.
суд – баҳра, фойда.
сукун – орамида, қарор гирифтан.
Сулаймон – Сулаймон ибни Довуд, писар ва ҷойнишини ҳазрати Довуд (а), ки аз пайғамбарони банӣ Исроил маҳсуб меёбад.
сунан – ҷамъи суннат, тариқа, равиш, фармудаи пайғамбар.
сутудан – ситойиш ва таъриф кардан.
сутур – чорпойи саворӣ ва борбар, мисли асп, хар ва гайра.
сутургоҳ – истабл, тавила, саисхона.
суфт – шона, дӯш, сифт, сахт.
та – ту, туро.
тааруз – ба амре пардохтан, эътироз кардан.
тааҳҳуд – корҳоеро ба ӯҳда гирифтан, ӯҳдадор шудан.
табангу – сабад, табақ, зарфе, ки дар он нон бигзоранд ё махмала бирезанд.
таззур – душворӣ.
тақарруб – наздикӣ ҷустан, наздик шудан.
тақоз – фурӯ рафтан.
тақсир – кӯтоҳӣ кардан, дар кор кӯтоҳӣ ва сустӣ кардан.
талаттуф – нармӣ ва меҳрубонӣ кардан, изҳори лутф кардан.

талоя – муқаддимаи лашкар, қисми пешгарди лашкар.
тамом – комил.
тани тез – қомати рост.
тараб – шод шудан, шодмонӣ, ҷунбише аз шодию нишот.
таркиби табоеъ – таркиби табиат, сохтори табиӣ.
тасаввуф – сӯфӣ шудан, дарвешӣ. Номи маслаке, ки пайравонаш бо роҳи даст кашидан аз хоҳишҳои дунявӣ ба сӯйи Худо даъват мекунанд.
тафаҳҳус – ковиш ва ҷустуҷӯ кардан, таҳқиқ кардан.
тахашшуш – кӯшиш.
тахлид – ҷовид кардан, поянда сохтан.
таҳаввур – вайрон шудани бино, бепарвоӣ, далерӣ.
таҳарруз – парҳез кардан, худдорӣ.
таъарруф – шинохта шудан, ошно шудан.
таъбия – сохтану оростан.
таъвиз – дуъо, азоим.
тимор – парасторӣ ва навозиш, нигаҳбонии шахси бемор; ба маънии ғаму андӯҳ ҳам меояд.
тироз – нақшу нигор, номи шаҳре дар миёни Туркистону Чин, ки мардумаш соҳибҷамол буданд.
тозиён – ҷамъи тозӣ ба маънии араб, арабӣ.
Толиқон – шаҳре дар шимоли Афғонистон.
торӣ – торик.
тоҷи Искандарӣ – ишора ба ривояте аст, ки гӯё Искандар ду шохи табии тиллоӣ доштааст.
турунҷ – боланг, кайдар – меваи ин дарахт.
турфатулъайн – ба як чашм задан, ба як дам.
тухм – асл, насаб, нажод.
уддат – боз гаштан, баргаштан.
улуфа – ҷамъи алаф, хӯроки чаҳорпоён.
укда – гиреҳ.
унс – дӯстӣ, ошноӣ.
Унфанӣ – ба маънии Симурғ.
фалсафа – илме, ки дар ҳақиқати ашё ва сабаби мавҷудияти онҳо баҳс мекунад.
фараст – чӯби нигаҳдори бодбон.
фариш – офарин, аҳсант.
фаро – пешоянд, ба маънои ба.
фароз – боло, баландӣ, зидди нишебӣ.
фарр – шукӯҳ, барозандагӣ, зебоӣ, нури эзадӣ.
фарра – нури Худованд, ки бо подшоҳони Эрон будааст, рӯҳи муқаддас.
фарраманд – дорои фарр, дорои шукӯҳ, зебоӣ.
фарсанг – фарсах, ченаки масофа, ки тақрибан ба 6 километр баробар аст.
фарт – зиёдаравӣ, аз андоза гузаштан.

фарҳанг – дониш, адаб, маърифат, китоб, луғат, санъат.
фарҷом – оқибат, охири кор.
фасбаҳин – мисраи байти аввали муаллақаи (қасидаи) шоири асри VI араб Амр ибни Кулсум, ки шакли комили он "Ало, ҳуббӣ би саҳники ф-асбаҳино, / Ва ло тубқӣ хумура-л-Андарино" аст; тарҷумааш: Ҳон, бархез ва ба ман ҷоми сабӯҳӣ бидеҳ / Ва шароби Андаринро ба дигарон вогузор макун. Андарин – навъи шаробе буда, ки дар мавзеи Андарин дар Шом омода мешудааст. Қасидаи Амр ибни Кулсум, ки бо байти мазбур оғоз мешавад, назди адибони асримиёнагии араб дар шумори муаллақоти ҳафтгона (ҳафт қасидаи баргузидаи шеъри ҷоҳилӣ) маҳсуб гардида, аз нигоҳи мартаба дар ҷойи панҷум қарор доштааст.
фасона – афсона, саргузашт, қиссаи бебунёд.
фарсӯ – ҷониби пойин, олами сифлӣ.
фасх – барҳам задани муомила, ботил кардани паймон.
фатқ – кушудан, ҳал кардан.
фаҷеъ – ба дард оваранда, дарднок.
фихор – фахр кардан, болидан.
фиҳо ва ниъмат – ва ба он ва ба неъмат.
фосит – соя.
фузул – ҷамъи фазл, фузулӣ, бесабаб дар кори дигарон мудохила кардан, худдонӣ.
фурудҳиммат – пастҳиммат, касе, ки ҳиммати паст дорад.
фурӯғ – рӯшанӣ, партав, тобиши офтоб ё оташ, фирӯз.
фурӯмоя – нокас, паст, хасис.
фурӯмоягӣ – бадасл, разилӣ.
фурӯ ҳиштан – фурӯ гузоштан, пойин гузоштан.
хаданг – чӯби сихт, ки аз он тиру найза ва зини асп месохтанд.
хадир – узви бо хоб рафта ва сустшуда.
хало – ҷойи холӣ, маҳалли хилват.
хасис – пасту фурӯмоя
хафтон- ҷомаи ҷангӣ, навъе ҷома
хилофат – халифагӣ, ҷонишини пайгамбар, подшоҳӣ, салтанат
хиссат – хасис будан, фурӯмоягӣ
Хиюнон (ҷамъ: хиюн) – қабоили тарк, ки дар Осиёи Марказӣ ва шарқи Эрон мезистаанд.
хоста – хоҳиш карда шуда, зару молу сарват.
хозиъ – мутавозеъ, фурӯтаникунанда.
хубс – палид шудан, палидӣ.
худрой – каси дар корҳо якрав, худсар.
хулд – биҳишт.
хулқон – ҷамъи халақ, ба маънии кӯҳна, фарсуда.
хуну мун – хону мон, сармоядорӣ.
Хуталон – дар қадим ноҳияе дар қисми шарқии кишвари Балх, имрӯз дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.
ҳавл – хавф, ҳарос, тарс.

ҳамвор – аз пай.
ҳар ду сарой – ин дунё ва охират.
ҳазар – сустӣ ва бахобрафтагӣ.
ҳазм – устувор кардани коре, ҳушёрӣ дар коре.
Ҳайтуранг – ситораи банотуннаъш, хирси асғар.
ҳаййиз – ҷо, макон, маҳал.
ҳаққо – ба дурустӣ.
Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло – Худованди поку баландмартаба.
ҳараҷ – тангӣ ва фишор, ҷойи танг.
ҳарзагӯй – беҳудагӯй, ёвагӯй.
ҳарс – ҷамъи ҳорис ба маънии нигаҳбонӣ кардан.
ҳарфи муаммо – сухани сарбаста, сухани мубҳам.
ҳасаб – шумурдан, шумор, басе будан.
ҳасин – ҷойи устувор ва маҳкам.
ҳашр – рӯзи қиёмат.
ҳидат – тезӣ, тундӣ.
ҳикмат – адл, илм дар бораи ҳақиқатҳои ашё.
ҳикмати ишроқ – илме, ки идроки ҳақиқатро аз роҳи илҳом медонад. Пайравонашро ишроқиюн мегӯянд.
ҳиқд – лина, хашм ва душманӣ.
ҳилол – моҳи нав, аз шаби аввали падидор омадан то шаби сеюм.
ҳиял – ҷамъи ҳила ба маънии қудрати тадбир, чорагарӣ, макру фиреб.
ҳож – зишт, бад.
Ҳозо лиман ямуту касир – ин он ки мемирад ва зиёд аст.
ҳумлон – бор, чизҳо.
Ҳурмузд – ситораи муштарӣ.
ҳурнажод – ҳурзод, паризод, соҳибҷамол.
чанбар – доира, чанбарак.
чархи нилуфарӣ – киноя аз осмони кабуд.
чи – ба маънои пурсиш ва чӣ гуна, чӣ андоза.
чияш – дар боби.
чокар – нӯкар, фармонбардор.
чокарон – хидматгорон.
ҷавзан – пули нуқра.
ҷалбоб – парда.
Ҷамшед – подшоҳи афсонавии аҳди Пешдодиён.
ҷаҳи рӯсапӣ – зани бадрафтор.
Ҷашни Сада – дар рӯзи даҳуми баҳман ҷашни Сада баргузор мешуд, ки дарозтарин шабу кӯтоҳтарин рӯзи сол аст.
ҷаъдмӯй – мӯйи печида.
Ҷузҷон (ё Ҷузҷонон) – шаҳре буда миёни Марврӯд ва Балх.
ҷунун – девонагӣ, бемории димоғ.
ҷурра – ҷонвари нари парранда ё чарранда, ба маънии чобук.
шабаҳ – рӯйин, навъе дарахти хордор.
шабистон – хобгоҳ, ҳарамсаро.

шайун ли-л-Лоҳ – чизе аз барои Худо; аз барои Худо чизе садақа кун.

шамарёр – калонтару бузургшумар, подшоҳ.

шанбалид – гиёҳест, ки гули зардранги он бӯйи тезу ғализ дорад ва дар сари роҳҳо мерӯяд; **шанбалид гаштан**: киноя аз зардранг гардидан.

шақ – шикоф, чок.

Шерахтар – бурҷи асад.

Шибурғон – шаҳре дар шимоли Афғонистон.

шойист – аз масдари шоистан ба маънии сазовор будан, лоиқ будан.

шофӣ – шифодиҳанда, тандурустидиҳанда.

шуубиён – гурӯҳе, ки қавми арабро ҳақир шуморанд.

Эдар – ин ҷой.

эй – яъне.

эҳтирор – бечора шудан, дармондагӣ.

Юмн – хайру баракат.

Яздон – Худо, эзад.

Язид – номи касе; афзудан.

ял – паҳлавон, далер, диловар, мубориз.

ямонӣ – яманӣ, мансуб ба Яман.

# КИТОБНОМА


1. Абдолов Назарбек. Достонҳои ишқӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. – Душанбе: Сино, 2007.

2. Абдулғанӣ Мирзоев. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV. – Душанбе: Ирфон, 1977.

3. Абдуллоев А. Анварӣ // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе, 1988. – с. 153.

4. Абдуллоев Аҳмад. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI. – Душанбе: Дониш, 1979.

5. Абдуқодир Маниёзов, Худои Шарифов. Ҳакими суханвар. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 234 саҳ.

6. Абдулманнони Насриддин, Фахриддин Насриддинов. Рӯдакӣ – устоди суханварони Аҷам. – Хуҷанд, 2008. – 206 саҳ.

7. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 397 саҳ.

8. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Аз гузаштаи адабии Эрон. – Теҳрон: Алҳудо, 1375. – 588 саҳ.

9. Абдушукури Абдусаттор. Фарҳанги арабӣ ва адабиёти аҳди Ғазнавиён. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 430 саҳ.

10. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. – Душанбе, 1964 –1966.

11. Абулқосим Фирдавсӣ. Матни комили “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба насри порсии сара, бе корбурди вожагони бегона. Бознависӣ, пажӯҳиш ва гузориш: дуктур Митро Меҳрободӣ. Иборат аз 3 ҷилд. – Ҷилди якум. – Теҳрон: Рӯзгор, 1379. – 782 саҳ.; Ҷилди дувум. – Теҳрон: Рӯзгор, 1379. – 803 саҳ.; Ҷилди севум. – Теҳрон: Рӯзгор, 1379. – 752 саҳ.

12. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз нуҳ ҷилд. Таҳти назари Е. Э. Бертелс. – Москва, 1960.

13. Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ. Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариат-ут-тариқат. Тасҳеҳ ва таҳияи Мударриси Разавӣ. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1374.

14. Абусаъид Абдулҳайи Гардезӣ. Зайн-ул-ахбор. Ба хатти кириллӣ баргардони Қодири Рустам. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 416 саҳ.

15. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад Ибни Исммоил ал-Бухорӣ. Саҳеҳи ал-Бухорӣ. Дар 6 ҷилд. Аз арабӣ тарҷумаи Муҳаммадҷон Умаров ва Файзулло Бобоев. – Душанбе: ЭР-граф, 2004. – Ҷилди 1. – 560 саҳ.

16. Абӯалӣ ибни Сино. Пирӯзинома. – Душанбе: Маориф, 1983.

17. Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб. Иборат аз 10 ҷилд. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1980.

18. Абӯалӣ ибни Сино. Маҷмӯаи асарҳои адабӣ. – Душанбе, 2016.

19. Абӯалӣ Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Дар ду ҷилд. Таҳиягарони матн Муҳаммадҷон Умаров, Файзулло Бобоев, Далер Қаноатов. Зери назари Зоҳир Аҳрорӣ ва Ҷӯрабек Назрӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 1380/2001. – Ҷилди 1. – аз саҳ. 1 то саҳ. 817; – Ҷилди 2. – аз саҳ. 818 то саҳ. 1632.

20. Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро.

Мураттибон: Ғолиб Ғоибов, Кароматулло Олимов, Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 736 саҳ.

21. Абӯмансур Алӣ ибни Аҳмад Асадии Тӯсӣ. Гаршоспнома. – Теҳрон, 1317.

22. Абӯрайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Душанбе: Ирфон, 1990.

23. Авасто. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Таҳияи Муаззами Диловар. – Душанбе, 2001. – 792 саҳ.

24. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Қисми якум. Муҳаррири масъул Расул Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1976. – 347 саҳ.

25. Алии Даштӣ. Даме бо Хайём. – Теҳрон, 1344.

26. Анварӣ. Девон. Бо муқаддимаи Саъид Нафисӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1376.

27. Артур Ҷон Арберри. Адабиёти клоссики форсӣ. Тарҷумаи дуктур Асадуллоҳи Озод. – Теҳрон: Остони қудси разавӣ, 1371. – 480 саҳ.

28. Асадии Тӯсӣ. Гаршоспнома. Таҳияи Алии Муҳамадии Хуросонӣ. – Душанбе: Адиб, 2011.

29. Асадии Тӯсӣ. Гаршоспнома. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1386.

30. Аҳмад Абдуллоев, Садрӣ Саъдиев. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII. – Душанбе: Дониш, 1986. – 262 саҳ.

31. Аҳмад Гулчини Маонӣ. Таърихи тазкираҳои форсӣ. Ҷилди аввал. – Теҳрон: Саноӣ. – 765 саҳ.

32. Аҳмад Гулчини Маонӣ. Таърихи тазкираҳои форсӣ. Ҷилди дувум. – Теҳрон: Саноӣ. – 1006 саҳ.

33. Аҳмади Тафаззулӣ. Таърихи адабиёти Эрони пеш аз ислом. Ба кӯшиши Жола Омӯзгор. – Теҳрон, 1378. – 369 саҳ.

34. Аҳмадҷон Маҳмадхоҷаев. Андешаҳо пиромуни ирфон ва фалсафа. – Душанбе: Дониш, 2012. – 323 саҳ.

35. Аҳрор Мухторов. Рӯдакӣ ва мероси ӯ. – Душанбе: Дониш, 2008. – 126 саҳ.

36. Ашӯрова Нодира. Муқаддимаи Зуҳури Рустам (Ҷустор дар сохтор ва хусусиятҳои ғоявию бадеии достони "Зол ва Рудоба"-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ). Рисолаи илмию тадқиқотӣ. – Душанбе: Сино, 2014. – 140 саҳ.

37. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Дар тахти таҳрири Абдулғанӣ Мирзоев. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 405 саҳ.

38. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Худоӣ Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 саҳ.

39. Ашъори ҳакимон ва орифон. Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Худоӣ Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов. – Душанбе: Адиб, 2010. – 480 саҳ.

40. Аълохон Афсаҳзод. Одамушшуаро Рӯдакӣ. – Душанбе: Адиб, 2003. – 301 саҳ.

41. Бадеуззамон Фурӯзонфар. Сухан ва суханварон. – Теҳрон, 1334.

42. Бадеуззамон Фурӯзонфар. Шарҳи аҳвол ва накду таҳлили осори Шайх Фаридуддин Муҳаммад Аттори Нишобурӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1339-1340. – 540+134 саҳ.
43. Бертельс А. Э. Носир Хусрау и исмаилизм. – Москва: Наука, 1976.
44. Бертельс Е. Э. История персидско-таджикской литературы. – Москва: Издательство восточной литературы, 1960.
45. Бертельс Е. Э. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература. – Москва: Наука, 1965.
46. Бертелс Е. Э. Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ. Таҳияи Муҳаммадалии Аҷамӣ. – Душанбе, 2015.
47. Бобоев А. Мавзӯъ ва сабки ашъори Манучеҳрии Домғонӣ. – Душанбе: Дониш, 1990.
48. Бобо Тоҳир. Таронаҳо. Таҳияи Наима Қаҳҳорова. – Душанбе: Адиб, 1992. – 80 саҳ.
49. Брагинский И. С. Абӯабдуллоҳ Ҷаъфари Рӯдакӣ. Тарҷума аз рӯйи матни русии Москва: “Наука”, 1989. Муаллифи пешгуфтор ва мутарҷим Шодӣ Шокирзодаи Нуъмонпур. Чопи дуюмбо таҳриру иловаҳо. – Душанбе: Нодир, 2009. – 164 саҳ.
50. Гафуров Б. Г. Таджики. Книга I. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 384 с.
51. Гафуров Б. Г. Таджики. Книга II. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 480 с.
52. Готҳо. Сурудаҳои поки Зартушти Спинтамон. Баргардон ба порсӣ: Алиакбари Ҷаъфарӣ. Баргардон ба хатти кириллии тоҷикӣ: Муаззами Диловар. Чопи аввал. – Теҳрон: Асотир, 1382. – 137 саҳ.
53. Гулшани адаб. Намунаҳои назми форсу тоҷик. Иборат аз панҷ ҷилд. Тартибдиҳандагон: Аълохон Афсаҳзод, Баҳром Сирус, Камол Айнӣ, Ҷобулқо Додалишоев, Лола Сулаймонова ва дигарон. Ҷилди I. Намунаҳои назми форсу тоҷик. Асрҳои IX-XIII. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 432 саҳ.
54. Дар боғи рӯшноӣ. Баргузидаи “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат”. Интихоб ва тавзеҳи доктор Аҳмад Маҳдавии Домғонӣ. Бо саъй ва эҳтимоми Мирзо Солеҳов. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 228 саҳ.
55. Девони Рӯдакӣ. Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. Таҳти назари Сафар Абдуллоҳ. Чопи дувуми такмил ва тасҳеҳшуда. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 334 саҳ.
56. Девони Манучеҳрии Домғонӣ. Ба кӯшиши Дуктур Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. – Теҳрон: Заввор, 1385. – 418 саҳ.
57. Девони устод Унсурии Балхӣ. Ба кӯшиши Дуктур Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. – Теҳрон: Саноӣ, 1363. – 435 саҳ.
58. Девони Фаррухии Систонӣ. Ба кӯшиши Дуктур Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. – Теҳрон: Заввор, 1375. – 348 саҳ.
59. Девони Масъуди Саъди Салмон. Бо муқаддимаи Рашид Ёсимӣ, ба эҳтимоми Парвиз Бобоӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1384. – 624 саҳ.
60. Девони Ҳаким Саноии Ғазнавӣ. Муқаддима, шарҳи зиндагонӣ ва шеваи сухани Саноӣ. Ба қалами устод Бадеъуззамон Фурӯзонфар. Ба эҳтимоми Парвиз Бобоӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1375.

61. Девони ашъори Ҳаким Абӯмуъин Ҳамидаддин Носир ибни Хусрави Қубодиёнӣ. Ба кӯшиши Маҳдии Суҳайлӣ. – Теҳрон: Гелон, 1339.

62. Додихудо Саймиддинов. Адабиёти паҳлавӣ (Пажӯҳиш, тарҷума ва ташреҳ). – Душанбе, 2003. – 232 саҳ.

63. Додихудоев Х. Мазҳаби исмоилия ва моҳияти иҷтимоии он. – Душанбе: Дониш, 1967. – 48 саҳ.

64. Донишномаи Рӯдакӣ. Иборат аз 4 ҷилд. Ҷилди 1. А-К. – Душанбе, 2008. – 586 саҳ.

65. Донишномаи Рӯдакӣ. Иборат аз 4 ҷилд. Ҷилди 2. Қ-С. – Душанбе, 2008. – 540 саҳ.

66. Дурдонаҳои наср. Намунаҳои насри форсу тоҷик. Иборат аз чаҳор ҷилд. Тартибдиҳандагон ва муҳаррирони масъул: Аълохон Афсаҳзод, Амрияздон Алимардонов, Ҷобулқо Додалишоев. Ҷилди I. Намунаҳои насри форсу тоҷик. Асрҳои X-XIII. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 560 саҳ.

67. Евгений Эдуардович Бертелс. Таърихи адабиёти форсӣ. Аз даврони бостон то асри Фирдавсӣ. – Тарҷумаи Сирус Эзадӣ. – Теҳрон: Ҳирманд, 1374. – 400 саҳ.

68. Елина Н. Т. Данте Алигерьи // Краткая литературная энциклопедия. Т. 2. – Москва: Издательство «Советская энциклопедия», 1964. – С. 515-522.

69. Ёдбуди устод Рӯдакӣ I. Тартибдиҳанда Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе, 1978. – 117 саҳ.

70. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ. Аз оғози аҳди исломӣ то давраи Салчуқӣ. Ҷилди аввал. – Теҳрон: Фирдавс, 1371. – 716 саҳ.

71. Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ. Аз миёнаи қарни панҷум то оғози қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ. Ҷилди дувум. – Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1371 – 1128 саҳ.

72. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. Ҷилди аввал. Таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов ва Абдушукури Абдусаттор. – Душанбе: Алҳудо, 2001. – 160 саҳ.

73. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. Ҷилди дувум. Таҳия ва тавзеҳоти Саъдоншо Имронов, Бадриддин Мақсудов. Пешгуфтори профессор Худоӣ Шарифов. – Душанбе, 2003. – 318 саҳ.

74. Забеҳуллоҳи Сафо. Ҳамосасароӣ дар Эрон. Аз қадимтарин аҳди таърихӣ то қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ. – Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ, 1378.

75. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. Тарҷума ва таҳияи А. Девонақулов, М. Бақоева, С. Раҳимзода. – Душанбе: Адиб, 1989. – 160 саҳ.

76. Заҳирии Самарқандӣ. Синдбоднома. Тадқиқот, тасҳеҳи матн ва таълиқот ба қалами Ҷумъабой Азизқулов. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 717 саҳ.

77. Зоҳидов Низомиддин. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-

IX (давраи арабизабонӣ). – Душанбе: Бухоро, 2014. – 443 саҳ.
78. Зоҳидов Низомиддин. Насри арабизабони адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2004. – 402 саҳ.
79. Иржи Бечка. Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон. Аз Рӯдакӣ то Бедил ва аз Бедил то имрӯз. Мутарҷимон: Маҳмуди Ибодиён, Саъид Ибонажоди Ҳиҷрондӯст. – Теҳрон: Алҳудо, 1372. – 280 саҳ.
80. Корномаи Ардашери Бобакон. Аз матни паҳлавӣ. – Теҳрон: Нашри Марказ, 1369. – 84 саҳ.
81. Куллиёти «Хамса»-и Низомӣ. Ҷилди аввал. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Ваҳидиён. – Теҳрон, 1378.
82. Қадамалии Сарромӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор. Шаклшиносии дастонҳои «Шоҳнома». – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1367.
83. Литература Древнего Востока. – Москва: Изд-во Московского университета, 1962.
84. Мероси Оли Сомон. Фароҳамоварандаи матн, муаллифи муқаддима, таълиқот ва ҳавошӣ Носирҷон Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 554 саҳ.
85. Мирзо Муллоаҳмадов. Фаррухии Систонӣ. – Душанбе: Дониш, 1978. – 143 саҳ.
86. Мирзо Муллоаҳмадов. Суннатҳои пойдори даврони пурбори адабиёт. Китоби аввал. – Душанбе: Дониш, 2008. – 320 саҳ.
87. Мирзо Солеҳов. Дар ҳарими сухансанҷӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 150 саҳ.
88. Мирзозода Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик: аз давраи қадим то асри XIII. Китоби I (I). – Душанбе: Маориф, 1987. – 485 саҳ.
89. Мирзозода Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик: аз давраи қадим то асри XIII. Китоби I (II). – Душанбе: Маориф, 1989. – 421 саҳ.
90. Мисбоҳиддини Нарзиқул. Ҷойгоҳи сухан (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Адиб, 2006. – 224 саҳ.
91. Мусулмонқулов Р. Анъана ва навоварӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе, 1985. – 114 саҳ.
92. Мухаммадходжаев А. Мировоззрение Фаридаддина Аттара. – Душанбе: Дониш, 1974.
93. Мухаммадходжаев А. Гноселогия суфизма. – Душанбе: Дониш, 1990.
94. Муҳаммад Ризо Шафеъии Кадканӣ. Тозиёнаҳои сулук. Нақд ва таҳлили чанд қасида аз Ҳаким Саноӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1383. – 544 саҳ.
95. Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ. – Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1386.
96. Муҳаммад Муъин. Маздаясно ва адаби порсӣ. – Теҳрон: Чопхонаи донишгоҳ, 1326. – 623 саҳ.
97. Муҳаммад Шарифӣ. Фарҳанги адабиёти форсӣ. – Теҳрон: Муин, 1387.
98. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. Таҳия ва тавзеҳи Фахриддин Насриддинов. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 192 саҳ.
99. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. Тасҳеҳи аллома Муҳаммади Қазвинӣ. Бо тасҳеҳи муҷаддад ва шарҳи луғоту иборот ва

тавзеҳи нукоти адабӣ ба эҳтимоми дуктур Муҳаммади Муъин. – Теҳрон: Дунё, 1375. – 136 саҳ.

100. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди 1. Хусрав ва Ширин. Ба чоп тайёркунанда ва муаллифи сарсухан З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 464 саҳ.

101. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди 2. Лайлӣ ва Маҷнун. Ба чоп тайёркунанда, муаллифи сарсухан ва мураттиби лугату тавзеҳот Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 368 саҳ.

102. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди 3. Ҳафт пайкар. Ба чоп тайёркунанда, муаллифи сарсухан ва мураттиби луғату тавзеҳот Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 416 саҳ.

103. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди 4. Шарафнома. Бо сарсухан, тасҳеҳ ва муқобалаи Алиқул Девонақулов ва Асғар Ҷонфидо. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 496 саҳ.

104. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди 5. Иқболнома, Махзан-ул-асрор, “Девон”-и ашъор. Мураттибони матн Б. Сирус ва Ҷ. Додалишоев. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 480 саҳ.

105. Неъматзода Т. Н. Рӯзғор ва осори Масъуди Саъди Салмон. – Душанбе, 1997 . – 260 саҳ.

106. Носири Хусрав. Ваҷҳи дин. Таҳия ва тадвини Алиқул Девонақулов ва Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: Амри илм, 2002. – 384 саҳ.

107. Олимов К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ. – Душанбе: Дониш, 1988.

108. Олимов К. Мировоззрение Санои. – Душанбе: Дониш, 1973. – 136 саҳ.

109. Олимов К. Хорасанский суфизм. – Душанбе, 1994. – 292 саҳ.

110. Османов Магомед-Нури Османович. Фирдоуси. Жизн и творчество. – М., 1959.

111. Османов Магомед-Нури Османович. Частотный словарь Унсури. – Москва: Наука, 1970. – 326 с + 25 с.

112. Расул Ҳодизода. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик. – Душанбе: Адиб, 1999. – 188 саҳ.

113. Расул Ҳодизода. Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – 288 саҳ.

114. Рейснер, М. Л. Эволюция газели на фарси (X-XV вв). – Москва: Наука, 1989.

115. Ризозода Шафақ. Таърихи адабиёти Эрон. – Теҳрон: Оҳанг, 1369.

116. Рукниддини Ҳумоюнфаррух. Таърихи ҳаштҳазорсолаи шеъри форсӣ. Дар ду ҷилд. – Теҳрон, 1370-1371.

117. Рӯдакӣ. Девон. Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. – Олматӣ, 2007. – 256 саҳ.

118. Рӯдакӣ. Насими Мӯлиён. Маҷмӯаи ашъор. Дебоча ва танзиму тавзеҳи Асрори Раҳмонфар. – Душанбе: Адиб, 1999. – 192 саҳ.

119. Рӯдакӣ. Ашъор. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. –

Душанбе: Адиб, 2007. – 416 саҳ.
120. Рӯдакӣ. Девони Одамушшуаро Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2000. – 189 с. + 8 саҳ.
121. Сабақи Рӯдакӣ. Муқаддима, таҳияи матн ва луғату тавзеҳот ба қалам Аҳмад Абдуллоев. – Душанбе: Адиб, 1991. – Китоби 2. – 368 саҳ.
122. Садидуддин Муҳаммад Авфӣ. Гузидаи “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт”. Ба кӯшиши Ҷаъфари Шиъор. – Теҳрон: Илмӣ ва фарҳангӣ, 1384. – 497 саҳ.
123. Садриддин Айнӣ. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ. – Сталинобод, 1940.
124. Садриддин Айнӣ. Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино. – Сталинобод, 1941.
125. Садрӣ Саъдиев. Поэтикаи шоирони Мовароуннаҳр асри XII. – Душанбе: Дониш, 1980. – 138 саҳ.
126. Садрӣ Саъдиев. Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри XII. – Душанбе: Дониш, 1974.
127. Саъид Нафисӣ. Аҳвол ва ашъори Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. – Теҳрон, 1342.
128. Саъид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. Бо кӯшиш ва таҳияи Ҷаъфар Ранҷбар. – Душанбе: Нодир, 2008. – 934 саҳ.
129. Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 400 с.
130. Салимов Ю. Ёдгори умр. Ҷилди 1. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 564 саҳ.
131. Салимов Ю. Насри ривоятии форсу тоҷик. – Душанбе, 1971.
132. Самадов Т. Анварӣ ва ғазалиёти ӯ. – Душанбе: Дониш, 1988.
133. Самаки айёр. Дар ҳафт ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 1967-1985.
134. Саъдоншо Имронов. Ёдномаи устод Рӯдакӣ. – Душанбе: Сино, 2011. – 144 саҳ.
135. Субҳон Амирзода (Амирқулов). Падидаи нодир. – Душанбе: Адиб, 2008. – 104 саҳ.
136. Суханварони Ғазнин. Таҳиягар ва мураттиб Муҳаммадиқболи Садриддин. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 275 саҳ.
137. Тагирджанов, А. С. Рудаки. Жизн и творчество. – Ленинград: ЛГУ, 1968.
138. Таджиддин Мардони. Арабско-таджикские литературные связи. Сборник статей. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 400 с.
139. Таърихи адабиёти форсӣ / Ба қалами гурӯҳе аз эроншиносон; ба эҳтимоми “Бунёди мероси эронӣ” ва “Маркази мутолиоти эроншиносӣ”-и Донишгоҳи Колумбия; зери назари Эҳсони Ёршотир; пайвасти 1: веростаи Роналд Еммерик ва Мария Масух; тарҷумаи форсӣ зери назари Жола Омӯзгор. – Теҳрон: Сухан, 1389. – 564 саҳ.
140. Тоиров Урватулло, Дурманова Саврия. Рӯдакӣ офаридгори назми оламгир. – Душанбе, 2013. – 272 саҳ.
141. Умари Хайём. Рубоиёт. Тартибдиҳанда Мирзо Муллоаҳмадов. – Душанбе: Дониш, 1983. – 100 саҳ.
142. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. – Душанбе: Маориф,

1979.
143. Фаридуддини Аттор. Девон. Таҳияи матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Дониш, 2012. – 544 саҳ.
144. Фаридуддини Аттор. Хусравнома. Сомонгари ва муаллифи сарсухан Начми Сайфӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 368 саҳ.
145. Фаридуддини Аттор. Мантиқ-ут-тайр. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 356 саҳ.
146. Фахриддини Гургонӣ. Вис ва Ромин. Таҳияи А. Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1966.
147. Фахриддин Насриддинов. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ-тоҷикӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2012. – 576 саҳ.
148. Фирдоуси и развитие национального эпоса народов Ирана и Центральной Азии. Редактор-составитель Сафар Абдулло. – Алматы, 2016 . – 520 с. Маводи конфронси байналмилалӣ.
149. Хоқонии Шарвонӣ. Рубоиёт. Мураттиб ва муаллифони сарсухан: Абдувалӣ Давронов, Мирзо Солеҳов. – Душанбе, 1999. – 196 саҳ.
150. Холиқ Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик (Аз даврai қадим то асри XIII). Китоби I (I). – Душанбе: Маориф, 1987. – 486 саҳ.
151. Холиқ Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик (Аз даврai қадим то асри XIII). Китоби I (II). – Душанбе: Маориф, 1989. – 421 саҳ.
152. Холиқ Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик (Асрҳои XIII-XV. Китоби дарсӣ барои факултети филологияи тоҷики мактабҳои олии Тоҷикистон). – Душанбе: Маориф, 1977. – 400 саҳ.
153. Холиқ Мирзозода. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (Ба ёрии муаллимони адабиёт). – Душанбе: Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ-педагогии Тоҷикистон, 1962. – 138 саҳ.
154. Холиқ Мирзозода. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (Асрҳои XVI – XIX ва ибтидои асри XX). Барои омӯзишгоҳҳои педагогии ғоибона. – Сталинобод, 1950. – 307 саҳ.
155. Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ. Таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо Сайфуллоҳи Муллоҷон. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 774 саҳ.
156. Худоӣ Шарифзода. "Шоҳнома" ва шеъри замони Фирдавсӣ. – Душанбе, 2014. – 400 саҳ.
157. Ҳадисаи Раҳмон. Муҳаммад Авфӣ ва "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт"-и ӯ. – Душанбе: Нодир, 2004. – 162 саҳ.
158. Ҳазраткулов М. Тасаввуф. – Душанбе: Маориф, 1988.
159. Ҳермон Эте. Таърихи адабиёти форсӣ. Тарҷумаи форсӣ ба қалами Содиқ Ризозода Шафақ. – Теҳрон, 1337.
160. Ҳудуд-ул-олам. Таҳиякунандаи матн ва муаллифи пешгуфтор Абдуҷамол Ҳасанов. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 588 саҳ.
161. Ҳусейнзода Ш. Гуфтор аз ганҷи сухан. – Душанбе: Ирфон, 1985.
162. Ҳусейнзода Ш. Ҳабдаҳ мақола. – Душанбе: Ҳумо, 2007. – 348 саҳ.

163. Ҳусейнзода Ш., Шарифов Х. Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1985. – 116 саҳ.
164. Ҷалолиддини Ҳумоӣ. Таърихи адабиёти Эрон. – Теҳрон, 1341.
165. Ҷалол Холиқии Мутлақ. Гули ранҷҳои куҳан. Баргузидаи мақолот дар бораи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Ба кӯшиши Алии Деҳбошӣ. – Теҳрон: Нашри марказ, 1372.
166. Ҷамолуддин Абдурраззоқи Исфаҳонӣ. Рубоиёт. Мураттиб, муаллифи пешгуфтор, шарҳи луғот ва тавзеҳот Н. А. Ширинов. – Душанбе: Маориф, 2016. – 84 саҳ.
167. Ҷомӣ. Нафаҳот-ал-унс / Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Осор. Ҷилди 8. – С. 108-113.
168. Шарифов Худоӣ. Адаб // Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2011. – С. 162-163.
169. Шарифов Худоӣ. Адабиёт // Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2011. – С. 163-164.
170. Шарифов Худоӣ. Адабиёти асрҳои миёна // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Ҷилди 1. – Душанбе, 1988. – С. 73-86.
171. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақӣ Фахри Доъии Гелонӣ. Дар панҷ ҷилд ва ду муҷаллад. – Теҳрон, 1368.
172. Ширинов Н. А. Ҷамолуддин Муҳаммади Исфаҳонӣ ва ғазалиёти ӯ. – Душанбе, 2015. – 200 саҳ.
173. Шоирони аҳди Сомониён. Мураттибон ва омодағарони чоп: Худоӣ Шарифов, Абдушукури Абдусаттор. – Душанбе: Адиб, 1994. – 144 саҳ.
174. Эдвард Браун. Таърихи адабии Эрон. Иборат аз чаҳор ҷилд. Тарҷумаи Алипошо Солеҳ (ҷилди аввал, 1333 ҳ.), Фатҳуллоҳи Муҷтабоӣ (нимаи аввали ҷилди дувум, 1341), Ғуломҳусайн Садрӣ Афшор (нимаи дувуми ҷилди дувум, 1351), Алиасғари Ҳикмат (ҷилди савум, 1327, Рашид Ёсамӣ (ҷилди чаҳорум, 1316).
175. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 216 саҳ.
176. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 216 саҳ.
177. Ян Рипка. История таджикско-персидской литературы. – Москва, 1970.

## МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА ....................................................................................3
АДАБИЁТИ БАДЕӢ ВА ТАЪРИХИ АДАБИЁТ ............................9
Маънии луғавӣ ва истилоҳии адабиёт ..........................................9
Мафҳуми таърихи адабиёти тоҷик ..............................................10
Пайдоиш ва марҳалаҳои инкишофи забон ва адабиёти тоҷик .......10
Вазифаи фанни таърихи адабиёт ...............................................11
Давра ва марҳалаҳои инкишофи адабиёт ....................................13
Сарчашмаҳои омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик ........................14
Омӯзиши илмии таърихи адабиёти тоҷик ...................................18
АДАБИЁТИ АҲДИ ҚАДИМ ........................................................21
Оғози тамаддун ва падидаҳои фарҳангии халқҳои эронӣ ..............21
Адабиёти шифоҳии қадим ...........................................................22
Тамаддуни Ҳахоманишиҳо ва кеши Зардуштӣ ..............................24
Адабиёти авестоӣ .......................................................................27
1. Мазмун ва мундариҷаи "Авесто" ...............................................28
2. Маънии илмӣ ва адабии "Авесто" ..............................................35
ДАВРАИ ФОСИЛА ВА ТАНАЗЗУЛИ АДАБӢ ...........................36
АДАБИЁТ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН ............................................41
1. Катибаҳои даврони Сосониён ...................................................42
2. Танзим, тарҷума ва тафсири "Авесто" .......................................44
3. Мутуни "Занд-Авесто" ..............................................................46
ШЕЪРУ АДАБ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН .....................................52
1. Ташаккули анвои адабӣ ...........................................................52
2. Шеър дар аҳди Сосониён ..........................................................61
3. Таълифот ва осори насрии аҳди Сосониён .................................65
АНДАРЗНОМАҲО ......................................................................74
1. Андарзҳои Озарбоди Маҳраспандон ..........................................74
2. "Ёдгори Бузургмеҳр" ................................................................76
3. Андарзномаҳои дигар ..............................................................77
СУРУД ВА МУСИҚӢ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН ...........................80
АДАБИЁТИ МОНАВӢ ...............................................................81
ЗАМОНИ ХУРУҶИ АРАБ ВА ТАШАККУЛИ АДАБИЁТИ ПОРСИИ ДАРӢ ..........................................................................86
ВАЗЪИЯТИ СИЁСИЮ ИҶТИМОӢ, ФАРҲАНГӢ ВА АДАБӢ ..86
1. Вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ .......................................................86
2. Вазъияти фарҳангӣ ва дину оинҳо .............................................89
ВАЗЪИЯТИ АДАБӢ ....................................................................90
1. Вазъияти забон ва адабиёт ........................................................90
2. Шеър дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ .....................................................92
3. Нахустин шоирони порсигӯй .....................................................94
ДАВРАИ АРАБИЗАБОНИИ АДАБИЁТИ ТОҶИК .........................97
АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР АСРИ X ВА НИМАИ АВВАЛИ XI..106

1. Вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ........................................................106
2. Вазъияти забон ва адабиёт ..........................................................109
3. Вазъияти илму дониш .................................................................113
НАМОЯНДАГОНИ БУЗУРГИ ИЛМУ ДОНИШИ ЗАМОН ......121
1. Закариёи Розӣ ..............................................................................121
2. Абӯнасри Форобӣ .........................................................................122
3. Абӯрайҳони Берунӣ ......................................................................125
4. Ибни Сино ....................................................................................128
ВАЗЪИ АДАБӢ ................................................................................135
Анвои назми порсӣ ва мавзӯи онҳо .................................................137
ШОИРОНИ БУЗУРГИ АҲДИ СОМОНИЁН ..............................141
1. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ...................................................................141
2. Шаҳиди Балхӣ ..............................................................................169
3. Абӯшакури Балхӣ .........................................................................172
4. Дақиқӣ .........................................................................................174
5. Робиаи Балхӣ ...............................................................................176
6. Кисоии Марвазӣ ...........................................................................178
7. Мунҷики Тирмизӣ ........................................................................181
ФИРДАВСӢ ВА ҲАМОСАИ МИЛЛИИ "ШОҲНОМА" ..........183
1. Зиндагиномаи шоир: афсона ва ҳақиқати он .................................183
2. Маъхазҳои "Шоҳнома" ..................................................................190
3. Мухтасари мавзӯъ ва мазмуни "Шоҳнома" ....................................192
ВАЗЪИ АДАБӢ ДАР НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XI ....................229
ШОИРОНИ МАЪРУФИ НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XI ...............233
1. Унсурии Балхӣ .............................................................................233
2. Фаррухӣ .......................................................................................237
3. Манучеҳрӣ ...................................................................................240
НАСРИ АСРИ X ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XI .....................244
АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР НИМАИ ДУВУМИ АСРИ XI ВА ОҒОЗИ АСРИ XIII .............................................................................250
1. Вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва илмию фарҳангӣ ..............................250
2. Вазъи умумии забону адабиёт, ҳавзаҳои адабӣ ...............................254
АСАДИИ ТӮСӢ ВА АНЪАНАИ ҲАМОСАСАРОӢ .....................259
1. Асадии Тӯсӣ .................................................................................259
2. Мазмун ва мундариҷаи "Гаршоспнома" .........................................262
ҶАРАЁНИ ТАСАВВУФ ВА ТАЪСИРИ ОН БА АДАБИЁТ .......284
1. Тасаввуф ҳамчун ҷараёни иҷтимоӣ ва фалсафӣ ...............................284
2. Таъсири тасаввуф ба адабиёт .........................................................288
НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ ТАСАВВУФӢ .........................293
1. Абӯсаъиди Абулхайр .....................................................................293
2. Боботоҳири Ҳамадонӣ ...................................................................298
3. Саноии Ғазнавӣ ............................................................................299
4. Шайх Аттори Нишопурӣ ...............................................................306
НАМОЯНДАГОНИ БУЗУРҒИ АДАБИЁТИ НИМАИ ДУЮМИ

**АСРИ XI – ОҒОЗИ АСРИ XIII** ........ 318
1. Носири Хусрав ........ 318
2. Умари Хайём ........ 325
3. Фахриддини Гургонӣ ........ 330
4. Масъуди Саъди Салмон ........ 347
5. Хоқонии Шарвонӣ ........ 351
6. Муиззии Нишопурӣ ........ 354
7. Анварии Абевардӣ ........ 358
8. Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ ........ 363
9. Низомии Ганҷавӣ ........ 366
**НАСРИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XI – ОҒОЗИ АСРИ XIII** ........ 386
Луғот ва тавзеҳот ........ 392
Китобнома ........ 404

**ХУДОЙ ШАРИФЗОДА**
**МИСБОҲИДДИНИ НАРЗИҚУЛ**

# ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

**(аз аҳди қадим то оғози асри XIII)**

**Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

Муҳаррири техникӣ: Эргаш Қодиров

Тарроҳ: Фатҳҳилло Латифов

Мусаҳҳеҳ: Озода Бобоева

Ба матбаа 18.12. 2017 супорида шуд.
Ба чоп 03.01.2018 иҷозат дода шуд
Андозаи 60х90 1/16. Адади нашр 1000 нусха.

Бо фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар матбааи ҶДММ “ТоРус” чоп шудааст.
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 128/1

«ТоРус»
9 789997 580269